**Ҷадвали 3. Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаи НТМ**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|
| 1. Барқарор намудани фаъолияти ҶСК «Файзи Истиқлол 2011» оид ба истеҳсоли ришта дар шаҳри Ҳисор | Саноати сабук | 7020000 | 1313791,2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. Сохтмони анборҳо (яхдонҳо) барои нигоҳдории меваю сабзавот | Кишоварзӣ | 9260000 | 4956158,8 |
| 3. Истеҳсоли хамираи помидор | Кишоварзӣ | 11250000 | 992721,5 |
| 4. Сохтмон ва азнавсозии комплекси сайёҳии «Гулобод» | Сайёҳӣ | 5000000 | 1218277,8 |
| 5. Сохтмони маркази сайёҳи ва моҳиқапӣ дар замини «Ҳакимӣ» | Сайёҳӣ | 4000000 | 1448730,0 |

*Сарчашма:* Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Таҳлилҳои дар ҷадвал овардашуда нишон медиҳад, ки натиҷаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути ҳисоби усули арзиши ҷории соф NPV дар минтақаи НТМ мусбӣ мебошанд. Татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ характерӣ иҷтимоӣ доранд ва онҳо метавонанд дар саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат намоянд.

**Ҷадвали 4. Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаи Суғд**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|
| 1. Коркарди канданиҳоифоиданоки кони «Шоҳқадамбулоқ» | Саноати кӯҳӣ | 222000000 | 18645703,8 |
| 2. Ташкили комплекси технологии баландсифати истеҳсоли санги майдашудаи базалт ва нахи пайваста | Саноати кӯҳӣ | 42000000 | 17741043,5 |
| 3. Комплекси технологии баландсифат оид ба истеҳсоли санги базалт ва нахи пайвастаи базалти ҶСП «Тех-Про» дар шаҳри Хуҷанд | Саноати кӯҳӣ | 17000000 | 5383834,3 |
| 4. Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд» | Саноати кӯҳӣ | 5000000 | -599715,1 |
| 5. Сохтмони завод оид ба коркарди чарм дар қаламрави МОИ «Суғд» | Саноати сабук | 4000000 | 400284,9 |
| 6. Сохтмони корхонаи партовгоҳ дар ҳудуди МОИ «Суғд» | Саноати коркард | 20000000 | 3427212,9 |
| 7. Ташкили истеҳсоли шишаи ҷилодори ҶСШК «Лаъл» дар шаҳри Хуҷанд | Саноати коркард | 14000000 | 2877716,4 |
| 8. Сохтмони базаи сайёҳии «Вору маркет» ва «Рӯи об» | Сайёҳӣ | 1800000 | 1447789,3 |
| 9. Сохтмони маркази нақлиётӣ-логистикӣ | Хизматрасонӣ | 50000000 | 4641979,9 |
| 10. Сохтмони «Комплекси байналмилалии нигоришот» | Хизматрасонӣ | 30000000 | 717007,0 |

*Сарчашма:* Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Дар баробари баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар дигар минтақаҳо, метавон 10 лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, саноати кӯҳӣ, сайёҳӣ ва хизматрасонӣ дар минтақаи Суғдро истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV натиҷагирӣ намуд, ки дар ҷадвали 4. оварда шудааст.

Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузории минтақаи Суғд тавассути ҳисоби усули арзиши ҷории соф NPV нишон дод, ки аз 10 лоиҳаи сармоягузорӣ барои татбиқ дар минтақаи Суғд пешбинигардида, натиҷаи танҳо 1 лоиҳаи сармоягузорӣ «Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд»» бо маблағи 50 млн. доллари ИМА манфӣ мебошад. Натиҷаи боқимонда лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, онҳо метавонанд дар саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат намоянд (ниг. ба ҷадв. 4.).

Дар баробари ин лоиҳаҳои сармоягузории дар минтақаи НТМ-ро истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV метавон баҳодиҳӣ намуд. Дар минтақаи Хатлон 20 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, саноати сабук, саноати хӯрокворӣ ва сайёҳӣ барои татбиқ пешниҳод шудааст, ки дар ҷадвали зерин оварда шудааст (ниг. ба ҷадв. 5.).

Аз таҳлилҳои дар ҷадвали 5. овардашуда чунин қайд кардан ба маврид аст, ки аз 20 лоиҳаи сармоягузорӣ 17 адади он танҳо дар самти саноат равона карда шудааст. Аз ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории минтақа истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV муайян карда шуд, ки танҳо 1 лоиҳаи сармоягузорӣ дар самти сайёҳӣ натиҷаи манфӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ характерӣ иҷтимоӣ доранд ва дар саноатикунонии босуръати мамлакат метавонанд мусоидат намоянд.

**Ҷадвали 5. Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаи Хатлон**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|
| 1. Сохтмони корхонаи истеҳсоли доломит дар МОИ «Данғара» | Саноати кӯҳӣ | 10000000 | 1881467,5 |
| 2. Барқарорсозии фаъолияти ҶСШК «Азот» дар шаҳри Левакант | Саноати кӯҳӣ | 350000000 | 27191388,5 |
| 3. Истеҳсоли маҳсулоти ресандагӣ ва бофандагии ҶДММ «Ориё» дар ноҳияи Колхозобод | Саноати сабук | 59900000 | 10187472,8 |
| 4. Сохтмони корхона оид ба истеҳсоли шпритсҳои тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб | Саноати сабук | 30000000 | 9807959,4 |
| 5. Сохтмони комбинати абрешим дар шаҳри Кӯлоб | Саноати сабук | 80000000 | 13521160,0 |
| 6. Сохтмони корхонаи истеҳсоли матоъҳои бофтанашуда дар шаҳри Кӯлоб | Саноати сабук | 70000000 | 14626619,6 |
| 7. Ба истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи баланди ресандагӣ дар корхонаи ресандагии шаҳри Бохтар | Саноати сабук | 46000000 | 4392008,0 |
| 8. Сохтани фабрика оид ба истеҳсоли либосҳои мардона дар шаҳри Кӯлоб | Саноати сабук | 30000000 | 464378,4 |
| 9. Сохтмони корхонаи истеҳсоли аккумулятор дар шаҳри Кӯлоб | Саноати коркард | 40000000 | 7669753,0 |
| 10. Сохтмони корхонаи истеҳсоли светодиоди лампаҳои каммасраф дар шаҳри Кӯлоб | Саноати коркард | 30000000 | 15509980,6 |
| 11. Сохтмони заводи плитаҳои сафолӣ дар МОИ «Данғара» | Саноати коркард | 10000000 | 1717779,9 |
| 12. Сохтмони корхонаи истеҳсоли лифт дар шаҳри Кӯлоб | Саноати коркард | 10000000 | 875620,7 |
| 13. Сохтмони корхонаи нигоҳдорӣ ва хушккунии сабзавоту меваҷот ҶДММ «Файзи Истиқлол» дар ноҳияи Данғара | Саноати коркард | 5800000 | 638381,9 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14. Сохтмони заводи истеҳсоли шакар дар ноҳияи Восеъ | Саноати хӯрокворӣ | 100000000 | 9815060,3 |
| 15. Сохтмони заводи истеҳсоли шакар дар ноҳияи Темурмалик | Саноати хӯрокворӣ | 20000000 | 1293221,5 |
| 16. Сохтмони корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ дар шаҳри Кӯлоб | Саноати хӯрокворӣ | 20000000 | 406003,9 |
| 17. Сохтани комплекси мурғпарварӣ оид ба истеҳсоли гушти мурғ дар ноҳияи Данғара | Саноати хӯрокворӣ | 4600000 | 469930,7 |
| 18. Сохтмони комплекси сайёҳии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод | Сайёҳӣ | 2300000 | -133391,3 |
| 19. Сохтмони санаторияи «Истиқлол» | Сайёҳӣ | 11900000 | 257245,1 |
| 20. Сохтмони меҳмонхонаи «Дараи гургон» | Сайёҳӣ | 2600000 | 1602069,6 |

***Сарчашма:*** Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Ҳамзамон, ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузории дигар минтақаҳо, бояд қайд намуд, ки дар ВМКБ ҳамагӣ барои татбиқ 1 адад лоиҳаи сармоягузорӣ дар самти сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст ва натиҷаи он истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 6. Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ВМКБ**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|
| 1. Сохтмони базаи сайёҳӣ | Сайёҳӣ | 2500000 | 1540451,6 |

***Сарчашма:*** Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Бо таҳлили баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузории дар ҷадвали 6. овардашуда чунин қайд кардан мумкин аст, ки натиҷааш мусбӣ мебошад. Ҳангоми натиҷаи лоиҳаи сармоягузорӣ мусбӣ будан, сармоягузорон метавонанд сармояи худро гузоранд ва фоида ба даст оваранд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ характери иҷтимоӣ дорад.

Баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳои мамлакат, дар умум нишон дод, ки аз 50 лоиҳаи сармоягузорӣ танҳо 2 лоиҳаи сармоягузорӣ дорои натиҷаи NPV манфӣ мебошанд, ин ҳам бошад лоиҳаи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд»» дар соҳаи саноат бо маблағи 5 млн. доллари ИМА дар минтақаи Суғд ва лоиҳи сармоягузорӣ бо номи «Сохтмони комплекси сайёҳии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод» дар соҳаи сайёҳи бо маблаги 2,3 млн. доллари ИМА, аммо дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ин лоиҳаҳо бояд бо дастгирии давлатӣ ба воситаи уҳдадориҳои қарзи имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантӣ

татбиқ карда шаванд, чунки дар умум лоиҳаҳои сармоягузорӣ метавонанд ба саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намоянд.

Умуман, маълумотҳои ҷадвали 7. нишон медиҳад, ки ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии иқтисодӣ ва самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ таносуби ҳаҷми таъсири манфии бартарафшуда ба муҳити иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро ба инобат гирифтан зарур аст.

**Ҷадвали 7. Натиҷаи баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ тавассути усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV**

| Номгуи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | Минтақаи татбиқ | Соҳаи татбиқи лоиҳа | Арзиши лоиҳа, $ | Натиҷаи NPV, $ |
|---|---|---|---|---|
| 1. Сохтмони комплекси сайёҳии ҶДММ «Сафедоб Тур» дар ноҳияи Шуробод | Хатлон | Сайёҳӣ | 2300000 | -133391,3 |
| 2. Сохтмони завод оид ба коркарди сангҳои табиӣ дар қаламрави МОИ «Суғд» | Суғд | Саноати кӯҳӣ | 5000000 | -599715,1 |

***Сарчашма:*** Дар асоси маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с. бо истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф NPV ҳисоб карда шудааст.

Далели гуфтаҳои болоро таҳқиқотгарони дар ин самт кор карда Бақоев Ш.С. бо роҳбарии илмии Мирсаидов А.Б. дар таҳқиқотҳои худ ҳангоми баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода аз усули баҳодиҳии арзиши ҷории соф (NPV) чунин қайд менамоянд: «Лоиҳаҳои сармоягузоришаванда ба лоиҳаҳои самаранок набуда мансубанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳамаи онҳо хусусияти аҳамияти иҷтимоӣ доранд. Дар шароити норасоии захираҳои сармоягузорӣ ин масъалаҳои минтақавӣ бояд аз тарафи давлат ба воситаи уҳдадориҳои қарзии имтиёзнок ва ҷалби захираҳои грантии барои татбиқи ин қабил лоиҳаҳо пешбинишуда ҳал карда шавад» [1, С. 164].

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили таҳиоти мазкур чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст, ки лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ ба татбиқи чорабиниҳои комплексии бо ҳам алоқаманд ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Татбиқи он низоми иерархиявии чорабиниҳои идоракунӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мебошад.

## АДАБИЁТ

1. Бақоев, Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳа-ҳои сармоягузории минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн]. Дисс. ном. илм. иқт: 08.00.05/ Боқоев Шодмон Сулаймонҷонович. – Бохтар, - 2020. – С. 164.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе. – 27-уми марти соли 2018, - №161. – 4 с.
3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти мухтасари лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022. - 131с.
4. Пошиваленко, Г.П. Инвестиционная деятельность [Текст] / Г.П. Пошиваленко, Н.В. Киселева. - Москва: КноРус, 2006. - 132 с.
5. Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, №161 тасдиқ гардидааст. 22 с.

# ТАШКИЛИ БАРНОМАИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР САНОАТ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Зоирзода И.С. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Сафоев А.К. – д.и.и., профессори ДБССТ**

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат» мафҳуми саноат, ҳамчун: «Соҳаи иқтисодиёти миллӣ, ки ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда таъсири ҳалкунанда мерасонад» [3, С. 1] шарҳ дода шудааст.

Ба ақидаи Родионова И.А. «Саноати муосири ҷаҳон дорои сохтори мураккаб (бахшҳои истеҳсолӣ, илмӣ ва лоиҳакашӣ, соҳаи хизматрасонӣ, инфрасохтори инкишофёфта ва ғ.) мебошад, ки унсурҳои он бо муҳити табиӣ, соҳаи иҷтимоӣ, ташкилотҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва дар зери таъсири тақсимоти меҳнати қаламравӣ ва соҳавӣ ташкил карда мешаванд»[6, С. 12].

Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои гуногуни баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода мешаванд, ки дар байни онҳо усули баҳодиҳии фоидаи сармоягузорӣ ҷои муҳимро ишғол мекунад. Аммо, чунон ки Пошиваленко Г.П. ва Киселева Н.В. дар таҳқиқоти худ қайд намудаанд: «Тамоми усулҳои ҷорӣ оид ба баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, асосан ба баҳодиҳии дисконтиронӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ асос ёфтаанд, ки навъҳои гуногуни таваррум, тағйирёбии меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, меъёри даромадро ба назар гирифта, тағйиротро дар хароҷоти захираҳои гуногун вобаста ба тағйир ёфтани солҳо, дар давоми тамоми давраи пешбинишудаи амали лоиҳаи сармоягузорӣ, нархҳои ин захираҳо ба инобат намегиранд» *[5, С. 132]*.

Ноил шудан ба сатҳи баланди истеҳсолот бидуни бунёди инфрасохтори замонавӣ, ташаккули сиёсати ассортименти молҳои ба содирот нигарони-дашуда, инчунин ба таври васеъ ҷорӣ намудани инноватсия имконнопазир аст. Ҳамаи инро танҳо дар сурати таъмин намудани маблағгузории мувофиқ, ки проблемаи рушди соҳаи ҷалби сармоя, аз ҷумла хориҷиро актуалӣ мегардонад, ба амал баровардан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз нуктаи назари лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ барои дохил намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ вазорату идораҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, татбиқи чунин чорабиниҳоро дар назар мегиранд, ки дар Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

«- Ҳадафҳои рушди ҳазорсола;

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030;

- Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ;

- дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат;

- Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- афзалиятҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида, аз қабили истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ;

- қоидаҳои ҷалб, истифода, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги кумаки берунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7, С. 22]. Дар ин ҷо ба масъалаҳои мутобиқсозии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ба тағйирёбии конъюктураи бозор ва дараҷаи рақобат дар бозорҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Никаноров Д.Е. дар таҳқиқотҳои худ чунин қайд мекунад: «Таҷрибаи ҷаҳонии кишварҳои дорои иқтисоди бозоргонии пешрафта шаҳодат медиҳанд, ки дар шароитиислоҳоти иқтисодӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ нақши давлат боло меравад ва дар шароити устуворӣ ва эҳё кам мегардад, вале ҳеҷ вақт ба сифр баробар намегардад. Вазифаи давлат таъмини волоияти дурусти қонун дар кишвар ва кафолатҳои амнияти миллии он мебошад, ки дар навбати худ ин асос барои рушди фаъолияти сармоягузории ҳама гуна ташкилотҳо шуда метавонад» [4, С. 45]. Маҳз давлат барои рушди муътадили иқтисод ва равандҳои сармоягузорӣ шароит фароҳам меорад.

Танзими давлатии фаъолияти сармоягузорие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли сармоягузории асосӣ сурат мегирад, аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, ба монанди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои соҳавӣ ба роҳ монда мешавад.

Ғайр аз ин, дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти мушкилоти марбут ба сиёсати сармоягузории давлатӣ, аксаран хусусияти рӯякӣ ва ноамикро доранд ва истифодаи таҷрибаи ғании хориҷӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати сармоягузорӣ мутобиқ намудани онро ба шароити ватании Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ тақозо менамояд.

Ҳар як барномаи афзалиятноки тасдиқшуда дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ ин лоиҳаҳои сармоягузорие мебошанд, ки маблағгузории тасдиқшуда буда, дар он созишномаҳо бо донорҳо баста мешаванд ё лоиҳаҳои сармоягузорие мебошанд, ки бо қисман маблағгузори амалӣ мегарданд ё лоиҳаҳои сармоягузорие, ки бе ягон манбаъи маблағгузорианд, ки барои онҳо маблағ ҷустуҷӯ карда шуда истодааст ва баъзе аз ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳоли гуфтушунид бо донорҳои таъиншуда қарор доранд.

Ҳамин тариқ, дар назари аввал чунин ба назар мерасад, ки зарурати ташаккули меъёрҳои махсуси иқтисодӣ барои баҳодиҳӣ ва интихоби лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ вуҷуд надорад, аммо дар асл ду нуқтаи асосӣ принсипиалӣ вуҷуд дорад, ки ҷудо кардани онҳоро аз меъёрҳои умумии мутобиқати баҳодиҳии лоиҳаи сармоягузорӣ талаб мекунад:

- минтақаҳои дорои низоми махсуси истифодаи захираҳо метавонанд ба баҳодиҳии лоиҳаҳо таъсир расонанд, ки ин дар татбиқи он душвориҳо ба миён меорад;

- баҳодиҳии фоидаи софи иқтисодӣ, ки бо нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад, дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ метавонад самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузориро нишон диҳад.

Дар асоси таҳлилҳои боло зикр, дар диссертатсия пешниҳод гардидааст, ки монанд ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ташкил карда шавад. Мақсад аз ташкил намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ин ворид намудани танҳо лоиҳаҳои сармоягузории саноатӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки чун дар Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ, давлат ба сифати кафил дар кӯмак намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ баромад менамояд, ба хусус, ҳангоми ҷалби чӣ сармоягузориҳои хориҷӣ ва чӣ сармоягузориҳои маҳаллӣ, дар ин ҳолат низ ҳукумати мамлакат дар кӯмак ва самаранокии татбиқӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат кафолат медиҳад (ниг. ба расми 1.).

Раванди татбиқ ва назорати лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок дар соҳаи саноат бояд бевосита аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Намунаи раванди қабул ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат барои ворид намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ чунин тасвир намудан мумкин (ниг. ба расми 1.).

Бо вуҷуди ин, раванди кафолатдиҳии давлатӣ ва бевосита иштироки давлат дар шарикӣ оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат, боварии сармоягузоронро зиёд мегардонад, инчунин ҳолати «иждивении» мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз байн меравад.



**Расми 1. Механизми пешниҳодшудаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат**

***Сарчашма:*** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамзамон, барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат, вобаста аз усули идоракунии мақсаднок ҳангоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар мамлакат дар раванди саноатикунонии босуръат дар якчанд солҳои аввали татбиқи лоиҳаҳо бояд имтиёзҳои махсус дода шуда, дар бораи раванди татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ҳар сол ба ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур карда шавад.

Ин имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноат бо стратегияи умумии сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

ҳадафҳои миллии рушди мамлакат мувофиқа карда шуда, ба ин васила, нақши идоракунии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аниқ муайян карда шавад.

Ҳангоми пешниҳоди таҳия ва қабули Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат ба таҷрибаи ташкили чунин Барномаҳо дар мамлакатҳои ҳамҷавор диққат дода шуд. Масалан, дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо қарори Ҳукумати (утоқи вазирон) Ҷумҳурии Қирғизистон «Барнома оид ба ҷалби сармоягузорӣ ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 2022-2026» аз санаи 30-юми июни соли 2022, №352 таҳия, тасдиқ ва амал карда истодааст. Дар доираи ин барнома, як қатор лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок амалӣ мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2000-2002» аз санаи 30-юми декабри соли 2000, №1963 таҳия ва тасдиқ гардида буд, ки дар доираи он лоиҳаҳои сармоягузорӣ татбиқ мегардиданд.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Узбекистон «Барномаи сармоягузориҳои Ҷумҳурии Узбекистон дар солҳои 2022-2026 ва ҷори намудани усулҳо ва механизмҳои нав дар идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ» аз санаи 30-юми декабри соли 2021, №ПП-72 таҳия, тасдиқ ва амалӣ гардида истодааст. Дар доираи ин барнома, як қатор лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок татбиқ мегарданд.

Дар раванди таҳияи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат, аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотии пешбарӣ мамлакат, бо мақсади саноатикунонии босуръат ва баланд бардоштани иқтидори саноатии ҷумҳурӣ зарур аст, ки «Харитаи роҳнамо» бо тасдиқи нақшаи чорабиниҳои амалӣ ва нишон додани самтҳои ҷорӣ намудани технологияи нав, содироти саноатӣ, итихобӣ воридот, таъмини аҳолӣ бо кор дар бахши саноат ва тавсеаи фазоии саноатии мамлакат коркард карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358. – 41.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Душанбе. - 27-уми марти соли 2018, - №161. – саҳ. – 104.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат». Душанбе, 18 майи соли 2017, - №384 – С. 1.
4. Никаноров, Д.Е. Государственное регулирование инвестиций [Текст] / Д.Е. Никаноров // Государственное и муниципальное управление. - 2006. – №4. - С.42-45.

5. Пошиваленко, Г.П. Инвестиционная деятельность [Текст] / Г.П. Пошиваленко, Н.В. Киселева. - Москва: КноРус, 2006. - 132 с.
6. Родионова, И.А. Мировая промышленность: структурные сдвиги и тенденции развития (вторая половина XX – начало XXI вв.) [Текст]: монография / И.А. Родионова. - Москва: ГОУ ВПО МГУЛ, 2009. - С. 11-12.
7. Тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018, №161 тасдиқ гардидааст. 22 с.

## ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ САВДОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ТО ВА БАЪДИ УЗВИЯТ ДАР СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДО

**Ҷамшедов М. - д.и.и., и.в. профессори ДБССТ**

15 апрели соли 2024 ба имзо расонидани Созишномаи Марокаш оид ба таъсис додани Созмони Умумиҷаҳонии Савдо - 30 сол пур мешавад. Созмони мазкур соли 1995 ташкил ёфт. Созмон давомдиҳандаи бевоситаи фаъолияти Созишномаи кулл оид ба савдо ва тарифҳо мебошад. Ин низом оид ба танзими савдои ҷаҳонӣ тавассути механизмҳои таъсиррасонандаи амали яктарафаи худ қариб 50 сол фаъолият кард ва қобилияти худро ба сифати асосҳои ҳуқуқии бисёрҷонибаи мубодилаи молҳо исбот намуд. Солҳои баъди Ҷанги Дувуми Ҷаҳонӣ суръати баланди рушди тиҷорати байналмилалӣ бештар ба назар мерасид. Суръати афзоиши молҳои содиротӣ ба ҳисоби миёна 6 дарсадро ташкил намуд [7].

Бояд қайд намуд, ки сохтори гардиши моли савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити аъзогӣ ба СУС аз рӯйи нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаи мо дар солҳои 2000-2022, аз он ҷумла солҳои 2013-2022 чунин хулоса баровардан мумкин аст (ҷадв.2).

Таҳлили нишонидандаҳои ҷадвали 1 истоби онанд, ки ҳаҷми умумии гардиши моли савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои 2000-2022 - 4,4 маротиба афзуд, аз он ҷумла ҳаҷми молҳои содиротӣ ва хизматрасониҳо - 2,7 маротиба, молҳои воридотӣ бошад бо суръати баланд, яъне 5,9 маротиба зиёд гардиданд. Тавозуни савдои хориҷии кишвар дар ин давра манфӣ арзёбӣ гардид. Дар соли 2022 бақияи манфии тавозуни савдои хориҷӣ ба андозаи 3025,5 (с.2020. – 1744,1) млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки он аз натиҷаи бемасъулиятии мутасаддиёни соҳа оид ба чораҷӯӣ накардан ба масъалаҳои рушди истеҳсолоти ватанӣ ва дар ин радиф тараққӣ додани сиёсати содиротӣ ва татбиқи амалии сиёсати воридотивазкунии мамлакат ба саҳлангорӣ роҳ доданд. Агар вазни қиёсии молҳои содироти ҷумҳурӣ соли 2022 дар байни кишварҳои ИДМ - 35,5 дарсад (с.2020 - 20,8 дарсад)-ро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар воридот ба 64,5 дарсад (с.2020 – 79,2 дарсад) баробар аст. Ҳиссаи молҳои содиротӣ 14,7 дар сад (35,5-20,8) зиёд гардида ҳиссаи молҳои воридотӣ тӯли ин солҳо бо ҳамин натиҷаи фоизӣ кам шуд, ки натиҷаи нек арзёбӣ мешавад.

**Ҷадвали 1 Гардиши моли савдои хориҷӣ, аз он ҷумла молҳои содиротӣ ва воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2022, млн. доллари ИМА [1, с. 10; 4, с. 308-320; 5, с. 355, 359,363; 6, с.357]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2012 | 2013 | 2015 | 2020 | 2022 | Соли 2022 нисбат ба соли 2000 |
| Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ, Аз он ҷумла: | 1678,0 | 2238,8 | 3851,6 | 5138,1 | 4988,8 | 4326,2 | 4557,8 | 7309,5 | 4,4 |
| - мамлакатҳои ИДМ | 737,4 | 1042,2 | 1724,1 | 2311,4 | 2093,0 | 2045,4 | 2357,9 | 3870,4 | 5,2 |
| - мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 940,6 | 1196,6 | 2127,5 | 2826,7 | 2895,8 | 2280,8 | 2199,9 | 3439,1 | 3,7 |
| Содирот – ҳамагӣ | 797,2 | 908,7 | 1194,7 | 1359,7 | 943,4 | 890,6 | 1406,8 | 2142,0 | 2,7 |
| Аз он: - мамлакатҳои ИДМ | 138,5 | 177,9 | 161,2 | 239,6 | 177,4 | 226,7 | 289,4 | 761,4 | 5,5 |
| - мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 658,7 | 730,8 | 1033,5 | 1120,1 | 766,0 | 663,9 | 117,4 | 1380,6 | 2,1 |
| Воридот – ҳамагӣ | 880,8 | 1330,1 | 2656,9 | 3778,4 | 4045,4 | 3435,6 | 3150,9 | 5167,5 | 5,9 |
| Аз он: - мамлакатҳои ИДМ | 598,9 | 864,3 | 1562,9 | 2071,8 | 1915,6 | 1818,7 | 2068,4 | 3109,0 | 5,2 |
| - мамлакатҳои дигари ҷаҳон | 281,9 | 465,8 | 1094,0 | 1706,6 | 2129,8 | 1616,9 | 1082,5 | 2058,5 | 7,3 |

Ҳаҷми гардиши умумии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 8,3 млрд доллари ИМА-ро ташкил намуд, суръати афзоиш нисбат ба соли 2022 13,6 дарсадро дар бар гирифт. Дар ин давра кишвари мо дар савдои хориҷӣ бо 111 кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла бо 10 давлатҳои ИДМ муносибатҳои хуби тиҷоратӣ барпо кард. Шарикони асосӣ мисли солҳои қаблӣ Федератсияи Россия (беш аз 2,9 млрд. доллари ИМА), Ҷумҳурии Мардумии Хитой (1,5 млрд. доллари ИМА) ба ҳисоб меравindependent. Инчунин ҷойи сеюмро Швейтсария (беш аз 1,3 млрд. доллари ИМА) ишғол намуд, ки асосан аз ҳисоби афзун намудани воридоти флизоти қиматбаҳо фаъолияти тиҷоратиашро таҳким бахшид. Ҷойи чорум насиби Қазоқистон (бо зиёда аз 1,1 млрд. доллари ИМА) гардид.

Ҳолати воқеии савдои хориҷӣ (содирот ва воридот)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи наздик: Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон дар ҷадвали 3 овардашуда собит менамоянд, ки суръати афзоиши савдои хориҷӣ дар давраи таҳлил тамоюлҳои афзоиш дорад.

Аз натиҷаи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 маълум мешавад, ки дар давраи таҳлил содироти Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Қазоқистон 156,1 маротиба, Ӯзбекистон 2,0 баробар афзоиш ёфта, вале ҳаҷми содирот бо Қирғизистону Туркманистон бараъкс аз 40,0 то 100,0 дарсад коҳиш ёфтааст. Вазни қиёсӣ бошад тӯли ин солҳои таҳлил дар Қазоқистон 22,6 дарсад, Ӯзбекистон 8,3 дарсад зиёд гардид, ҳиссаи Қирғизистону Туркманистон коҳиш ёфтааст. Дар воридот бошад натиҷаҳо чунинанд: суръати афзоиши воридот бо Қазоқистон 10,7 маротиба, бо Ӯзбекистон 2,5 маротиба, бо Қирғизистон 2,4 маротиба афзоиш ёфта, бо Туркманистон баръакс ба андозаи 16,4 дарсад коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2 Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мамолики Осиёи Марказӣ дар солҳои 2000 – 2022, млн доллари ИМА [1, с.**

**14-21; 2, с. 15-17; 3, с. 15; 5, с. 341, 345]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2015 | 2020 | 2022 | Вазни қиёсӣ |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | | | | | | | | | |
| Воридот аз Қазоқистон | 89,1 | 72,2 | 95,8 | 152,6 | 168,3 | 555,6 | 757,5 | 957,7 | 18,5 |
| Содирот ба Қазоқистон | 3,1 | 3,5 | 4,6 | 3,5 | 19,7 | 146,5 | 152,2 | 483,9 | 22,6 |
| Ҷумҳурии Ӯзбекистон | | | | | | | | | |
| Воридот аз Ӯзбе-кистон | 150,7 | 132,4 | 132,7 | 168,8 | 152,9 | 5,9 | 250,3 | 377,0 | 7,3 |
| Содирот ба Ӯзбекистон | 87,2 | 72,9 | 67,1 | 65,9 | 66,5 | 6,1 | 83,6 | 178,3 | 8,3 |
| Ҷумҳурии Қирғизстон | | | | | | | | | |
| Воридот аз Қирғизстон | 5,7 | 5,2 | 27,5 | 17,6 | 20,6 | 24,4 | 27,2 | 13,8 | 0,3 |
| Содирот ба | 2,0 | 3,7 | 3,7 | 4,4 | 3,2 | 9,4 | 9,6 | 1,2 | 0,1 |
| Ҷумҳурии Туркманистон | | | | | | | | | |
| Воридот аз Туркманистон | 62,3 | 47,1 | 31,6 | 33,7 | 53,8 | 106,6 | 7,8 | 52,1 | 1,0 |
| Содирот ба Туркманистон | 9,7 | 10,0 | 2,2 | 7,6 | 0,0 | 2,5 | - | - | - |

Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон дод, ки гарчанде сатҳи инкишофи мавҷудаи бозори дохилии молҳои истеъмолӣ, дар шаҳру деҳот беҳтар шуда бошад ҳам, вале он ҳоло ҳам ба талаботи доимо афзояндаи шарти рушди савдои озод, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС), ки расман аз 2 марти соли 2013 ба ҳайси аъзои комилҳуқуқ шинохта шудааст, самараи ниҳоиаш бо гузашти вақт ҳоло ҳам дилхоҳ намебошад [7-9].

**Ҷадвали 3 Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2023 годы [1, с. 14; 2, с. 11; 4, с. 308-320]**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | А.Содирот | Б.Воридот |
| | млн. доллар ИМА | млн. доллари ИМА | млн. доллари ИМА |
| 2013 | 4988,8 | 943,4 | 4 045,4 |
| 2014 | 5 274,7 | 977,3 | 4 297,4 |
| 2015 | 4 326,2 | 890,6 | 3435,6 |
| 2016 | 3 929,9 | 898,7 | 3 031,2 |
| 2017 | 3972,9 | 1198,0 | 2774,9 |
| 2018 | 4224,3 | 1073,3 | 3151,0 |
| 2019 | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 |
| 2020 | 4557,8 | 1406,8 | 3150,9 |
| 2021 | 6359,1 | 2149,6 | 4209,5 |
| 2022 | 7309,5 | 2142,0 | 5167,5 |
| 2023 | 8328,9 | 2448,8 | 5888,0 |
| 2023 нисбат ба соли 2013 | 167,0 | 259,6 | 145,5 |

Баъди аъзогӣ ба СУС тӯли даҳ соли охир динамикаи гардиши моли савдои хориҷии мамлакат тадриҷан ба дигаргуниҳои дилхоҳ рӯ ба рӯ гардид. Ҳаҷми умумии гардиши моли савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла сохтори содироту воридот ва вазни қиёсии онҳо дар давраи таҳлил тағйир ёфтанд (ҷадв.3).

Маълумотҳои дар ҷадвали 3 овардашуда далели он андешанд, ки дар даҳ соли аъзогӣ ба СУС ҳаҷми савдои хориҷии кишвар ба андозаи 67,0 дарсад афзоиш ёфта нишондиҳандаи мутлақи он соли 2023 - 8328,9 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд. Тӯли ин солҳо суръати афзоиши содирот ба андозаи 159,6 дарсад расид ва дар тамоми фаъолияти савдои хориҷӣ маблағи ин нишондиҳанда бори аввал 2448,8 млрд. доллари ИМА баробар гардид. Воридот бошад 45,5 дарсад афзоиш намуд, гарчанде суръати содирот нисбат ба воридоти молҳо бештар бошад, ҳам маблағи молҳои воридоти ҳоло ҳам таҷдиди назарро мехоҳад.

Тамоюлзои зикршуда ва самти ҷуғрофии ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ ва вазни қиёсии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо мамлакатҳои - аъзои ИДМ ва боқимонда кишварҳои ҷаҳон солҳои 2013-2022 дар ҷадвалҳои 5-7 оварда шудаанд [10-11].

Тавре маълум аст, СУС - созмони савдои байналмилалӣ буда, бо мақсади таъмини савдои озоди ҷаҳонӣ, танзими тиҷоратию иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои мутақобилан судманд дар байни давлатҳои аъзо тавассути риояи принсипҳои поягии он, тасъсис дода шудааст [7, 11]. Дар ҳайати СУС дар шароити имрӯза 166 давлат аъзо мебошанд, ҳиссаи онҳо дар савдои ҷаҳонӣ 98,0 дарсадро ташкил менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 декабри соли 2012 аз тарафи Шӯрои кулли СУС, бо тасдиқи Парламенти мамлакат, баъд аз як моҳ узви комилҳуқуқи 159-мини Созмони зикршуда гардид.

**Ҷадвали 4**

**Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, млн. долл. ИМА ва % нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 12; 2, с. 13; 4, с. 308-320]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тафовути (+, -) соли 2022 нисбат ба соли 2013 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2020 | 2022 | млн. долл. ИМА | % нисбат ба ниш-и ҷамъ-тӣ |
| **Ҳамагӣ** | **4988,8** | **5274,7** | **4326,2** | **4557,8** | **7309,5** | **+ 2320,7** | **+ 46,5** |
| **аз он ҷумла:** **Мамлакатҳои ИДМ** | 2093,0 | 2405,7 | 2045,4 | 2357,9 | 3870,4 | + 1777,4 | + 84,9 |
| **Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон** | 2895,8 | 2869,0 | 2280,8 | 2199,9 | 3439,1 | + 543,3 | + 18,8 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | |
| **Мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо** | 526,1 | 436,6 | 567,7 | 286,1 | 490,2 | - 35,9 | - 6,8 |

Иттилооти омории дар ҷадвали 4 овардашуда гувоҳӣ медиҳад, ки дар давраи таҳлилшуда ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба андозаи 2320,7 млн. долл. ИМА ё худ 46,5 дарсад нисбат ба соли 2013 афзоиш ёфт. Умуман дар ин давра афзоиши нишондиҳандаи зикршуда аз тарафи мамлакатҳои ИДМ дар ҳаҷми - 1777,4 млн. долл. ИМА, мамлакатҳои хориҷи дур – 543,3 млн. доллари ИМА ба даст оварда шудааст. Ҳиссаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бараъкс дар ин давра - 35,9 млн. долл. ИМА ё худ 6,8 дарсад кам гардидааст.

**Ҷадвали 5**

**Содироти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, дарсад нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 13]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Соли 2022 дар қиёс бо соли 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2020 | 2022 | |
| **Ҳамагӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | |
| аз он ҷумла: **Мамлакатҳои ИДМ** | 18,8 | 25,2 | 25,5 | 20,6 | 35,5 | + 16,7 |
| **Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон** | 81,2 | 74,8 | 74,5 | 79,4 | 64,5 | - 16,7 |
| аз он ҷумла: **Мамлакатҳои Иттиходи Аврупо** | 3,0 | 2,9 | 26,3 | 4,7 | 6,4 | + 3,4 |

Иттилооти иқтисодии ҷадвали 6 ба таври ошкоро нишон медиҳад, ки вазни қиёсии гардиши савдои хориҷии кишварҳои - иштирокчии ИДМ дар давраи таҳлил ба андозаи 16,7 адади фоизӣ ва ҳамзамон камшавии ҳамин гуна нишондиҳадаи адади фоизии бо мамлакатҳои дигари ҷаҳон, аммо бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи таҳлил ба андозаи 3,4 адади фоизӣ зиёд гардидааст.

Қисмати дигари таҳқиқот масоили мубрами аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС пайомадҳои мусбат ва манфии онро дар солҳои 2013-2022 таҳлил намуда, дар асоси маводҳои оморӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст.

**Ҷадвали 6**

**Воридоти молу хизматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон дар солҳои 2013-2022, дарсад нисбат ба нишондиҳандаи ҷамъи умумӣ [1, с. 13]**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Соли 2022 дар қиёс бо соли 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2020 | 2022 | |
| **Ҳамагӣ** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | |
| аз он ҷумла: **Мамлакатҳои ИДМ** | 47,4 | 50,3 | 52,9 | 65,6 | 60,2 | **+**12,8 |
| **Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон** | 52,6 | 49,7 | 47,1 | 34,4 | 39,8 | **-** 12,8 |
| аз он ҷумла: **Мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо** | 12,1 | 9,5 | 9,7 | 7,0 | 6,8 | **-** 5,3 |

Ҳаҷми савдои берунӣ, аз ҷумла гардиши содироти молу хизматрасониҳо ва молҳои воридотӣ дар Тоҷикистон тӯли солҳои 2000-2022, аз ҷумла кишварҳои ИДМ ва дигар давлатҳои боқимондаи ҷаҳонро ба анҷом расонидем. Таҳлили инҷониб нишон ва исбот намуд, ки ҳаҷми умумии гардиши мол дар соли 2022 нисбат ба соли 2000 4,2 маротиба зиёд шуд, аз ҷумла содироти молу хизматҳо 2,7 маротиба, вале воридот бо суръати баланд - 5,7 маротиба зиёд шудааст. Бақияи савдои хориҷӣ дар ин солҳо асосан манфӣ боқӣ монд ва дар соли 2022 ин натиҷаи манфӣ 3025,5 млн.доллари ИМА-ро ташкил кард, ки он нишонаи нокифояи самаранокӣ дар савдои хориҷӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар иртибот бо ин суханҳо дар пажӯҳиш зарурати бо суръат пеш бурдани сиёсати ба содирот нигаронидашудаи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ ва ҳамзамон сиёсати воридот-ивазкунанда бояд дар солҳои минбаъда мавқеи устувори рушдкунанда пайдо

намояд ва ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки иқтисоди Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили пешрафта ва рақобаттавон арзёбӣ намояд.

**Адабиёт:**

1. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2023.
2. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018.
3. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2016.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//Агеентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023.
5. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Статистический сборник//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2018.
6. Таджикистан: 25 лет государственной независимости. Статистический сборник//Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе, 2016
7. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати Байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 447 саҳ.
8. Джамшедов М. Последствия членство Республики Таджикистан в ВТО и его влияние на состояние потребительского рынка // Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно-практический журнал). - Душанбе: ТГУК, 2019, №1(26). - С.116-125 и №2(27) . - С. 61-70.
9. Джамшедов М., Хабибов С. Всемирная торговая организация: ключевой институт развития и регулирования свободной торговли между странами в условиях политики глобализации// Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: ТНУ, 2016, № 2/7 (213). - С. 173-179.
10. Джамшедов М. Вступление Таджикистана в Всемирную Торговую Организацию: необходимость, преимущества, барьеры и перспективы// Вестник Таджикского государственного университета коммерции (научно- практический журнал). - Душанбе: ТГУК, 2011, №1. С.18-32.
11. Джамшедов М. Этапы вхождение Республики Таджикистан в ВТО: преимущества и барьеры// В кн.: Проблемы рыночной экономики. Выпуск 5.- Душанбе: ТГУК, 2003. - С.129-135.
12.

## НАУЧНЫЕ ПОДХОДЫ К ПРОБЛЕМЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРЕОБРАЗОВАНИЙ ЗА СЧЁТ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ СТРУКТУРЫ

**Садриддинов Манучехр Исломиддинович** – д.э.н., доцент МУТПТ

**Саидшозода Мухсиддин Саидшо** – соискатель Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни
**Неъматов Мурооджон Алиджонович** – докторант PhD МУТПТ

Анализ данных прошлых лет производственной структуры для Республики Таджикистан является актуальным, так как в последние годы экономика Таджикистана, в частности, производственная структура, претерпевает большие изменения. Также различные аспекты формирования и развития производственной структуры хозяйства раскроет основные проблемы данного сектора, и тем самым даст большие возможности для развития и прогнозирования всей экономики в целом.

Экономика Республики Таджикистан в составе СССР формировалось динамично и согласно пятилетним планам социально-экономического развития всей экономики в целом. Для понимания реального состояния экономики РТ в годы существования СССР и его производственной структуры необходимо отметить, что понятие производственная структура народного хозяйства столь же многообразно, как и понятие разделения труда к примеру. В связи с этим, в советское время различали производственную, воспроизводственную, территориальную, социальную, отраслевую структуры народного хозяйства. В настоящей работе речь пойдет о производственной структуре народного хозяйство РТ. Однако не следует забываться, что в понятие производственной структуры частично входят вышеназванные структуры.

Очень важно отметить, что производственная структура экономики на различных стадиях экономической системы не всегда идентична. На микроуровне, где основным локомотивом выступают предприятия производственная структура по многим показателям и конъюнктурой производственной деятельности отличается. По мнению некоторых российских учёных производственная структура предприятии во многом зависит от самого производства товаров и услуг и в себе имеет такие подразделения как заводы, фабрики, различные участки для изготовления готовой и полуфабрикатов, цеха, возглавляющих различными субъектами, в частности мастер, начальник, различные службы по выполнению производственной функции или техническое, экономическое и производственное обслуживание [8. с.123].

Производственная структура вытекает из общей теории производства, предложенная американскими учёными, в частности, экономиста Дугласа Пола и математика Кобба Чарльза [9. с. 904]. Предложенная функциональная связь между затратами на выполнения работ за счёт труда и необходимым объемом производственных фондов (в большей мере капитал) предполагает идею создания устойчивой и прочной производственной структуры, от которой в полной мере зависит общий объем выпускаемой продукции. В данном случае предложенные факторы производства не только взаимозаменяемы, а также взаимодополняемы в процессе изменения структуры производства. Из этого следует, что оптимизация структуры производства достигается или за счёт увеличения капиталовложения или за счёт расширения трудовых ресурсов. В этих отношени-

ях особую роль необходимо отводит технологическому коэффициенту, изменение которой непосредственно влияет на структуру производства, и изменение последней зависит от уровня развития таких факторов как, увеличение производительных сил, НИОКР, НТП, специфика производства, объем инвестиции и др.

В некоторых исследованиях отечественных ученых зависимость структуры (на нашем примере производственной) зависит от соотношения различных показателей и главным образом определяется в зависимости от трудовых ресурсов. В исследованиях Усмановой Т.Дж. в этой связи отмечается, что сами по себе показатели миграции не говорят о развитии единого рынка труда, так как по уровню демографического старения населения государства СНГ делятся на две полярные группы, что оказывает влияние и будет влиять на обмен рабочей силы. Одна из них является Республика Таджикистан, которая характеризуется высоким ростом численности населения, а также увеличение числа населения в трудоспособном возрасте, что налагает дополнительную нагрузку на внутренний рынок труда республики [7, с.178].

Лауреат нобелевской премии В.В. Леонтьев предложил идею о взаимодополнении одного фактора производства другим, и коэффициенты отражают пропорциональность факторов производства на различных, в частности, на национальном уровне [4,с.223]. Предложенная производственная функция показывала пропорциональность производства и экономическую структуру. Последняя, предполагала производственную структуру национальную экономику в зависимости от величины предельного продукта фактора производств пространство эффективного использования этих факторов. Основная задача в данном случае заключается в том, что каждый фактор производства создает некий продукт и в зависимости от определенной комбинации можно определить точку равновесия производителя. На наш взгляд, этот момент очень важен в процессе экономической интеграции, так как внутри страны каждый производитель заинтересован в том что бы именно за счёт какого фактора, и с какой эффективностью выпускать продукцию для максимизации прибыли. Такая же ситуация наблюдается в процессе интеграции между странами.

Академик Гранберг А.Г. изучая различные аспекты научной деятельности В.В. Леонтьева отмечает, что вклад производственной функции по Леонтьеву можно использовать в нахождении пропорции, между экономиками региона исходя из оптимизационных межрегиональных межотраслевых связей и взаимосвязей на различных уровнях, в частности, региональном [2, с.33]. Производственная структура экономики того или иного субъекта (предприятий, организаций, регион, национальная и мировая экономика) зависит от экономической пропорции между производством и распределением товаров и услуг в пространственном разрезе.

С точки зрения порядка теоретического анализа производственная структура выпускаемой продукции и связанные с ней экономической преобразования более детально рассматриваются в теории институциональной структуры национальной экономики [3, с.52]. В трудах Дегтярева С.В. отмечается, что самым

абстрактным уровнем исследования институциональной структуры национальной экономики является нахождение исходного начала ее функционирования и развития – исходного института. Следующим уровнем анализа институциональной структуры экономики является анализ ее институциональной основы – базовых и комплиментарных институтов. В действительности, на наш взгляд, институциональная структура национальной экономики представляется как совокупность экономических отношений, которые направлены на экономической развитие и создаются в основном менталитетом, традициям и обычаям жителей того или иного региона или страны в целом.

Академик Абалкин Л.И. изучая изменения (перестройки) в производственной структуре отмечает, что национальная экономика не всегда нуждается в увеличении темпов экономического роста, сколько в структурной перестройке, которая рассматривается как механизм развития и совершенствование новой формы экономической деятельности [1, с.4]. В действительности, в условиях национальной экономики стран ЦАР необходимо акцентировать внимание на изменения в структуре выпускаемой продукции. Этот момент очень важен, так как для получения экономической выгоды необходимо анализировать структуру производства и выделить долю каждого ресурса, то есть, на сколько выпуск данной продукции «ёмкий» в зависимости от используемого ресурса. Например, n-й продукт, на сколько водоёмкий или материалоёмкий и т.п.

Отечественный ученый Саидмуродов Л.Х. исследуя структурную трансформацию национальной экономики страны, приходит к выводу, что рост производительности труда и не смогла обеспечить перераспределение трудовых ресурсов из аграрного сектора в отрасли с более высоким уровнем добавленной стоимости [6, с. 75]. В данной работе предлагается решить задачу увеличения доли промышленности в структуре валового внутреннего продукта, обеспечить индустриально-аграрный характер дальнейшего развития и создать благоприятные условия для рабочих мест. Далее анализируя экономическую структуру можно выявить проблему улучшения производственной структуры, во-первых в снижении удельного веса промышленного производства в структуре валовой добавленной стоимости, во-вторых в нерациональной мобилизации финансовых ресурсов. Для структурной перестройки национальной экономики необходимо эффективно использовать имеющиеся экономические и финансовые возможности.

Таким образом, производственная структура являясь составной частью общей структуры национальной экономики показывает соотношение и пропорции между различными экономическими показателями и даёт полную иллюстрацию социально-экономического развития определённой территории (рис.1).




**Рисунок 1. Основные элементы производственной структуры в структуре национальной экономики**

*Источник: разработка автора.*

Производственная структура экономики Республики Таджикистан на протяжении длительного времени подвергалась неоднократным изменением в зависимости от экономической политики государства [5, с. 459]. Так, за все время существования Советского государства, то есть в структуре административно-командной экономики вплоть до окончания

Таким образом, производственная структура экономики Таджикистана на различных уровнях (микро, мезо, макро и мега экономики) за все время существования Советского Союза изменялась в зависимости от плановых установок и уровнем обеспечения природно-ресурсным потенциалом. В первую очередь, проводимая экономическая политика по оптимизации производственной структуры предполагала, что страна обладала большим потенциалом развития реального сектора, в частности сельского хозяйства в связи с природно-климатическими и геолого-географическими особенностями. Таким образом, принято решение, что в стране необходимо преобразовывать производственную структуру в пользу сельского хозяйства и частично развитие промышленного производства в части гидроресурсов.

Для оптимального функционирования национальной и региональной экономики страны, важное значение, приобретает целенаправленная политика структурных преобразований видов экономической деятельности с последующей экономической интеграции с соседними странами. Государственным

структурам важно создать и совершенствовать экономическую структуру по различным направлениям экономической деятельности для достижения устойчивых и высоких темпах роста всей национальной экономики.

**Список литературы**

1. Абалкин Л.И. От экономической теории до концепции долгосрочной стратегии / Л. Абалкин // Вопросы экономики. – 2010. – № 6. – С. 4-9.

2. Гранберг А. Г. Мир Василия Леонтьева //Экономическая наука современной России. – 1999. – №. 1. С. 28-39.

3. Дегтярева С. В. Теоретический анализ институциональной структуры национальной экономики: общие основания // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». – 2011. – №. 1. С. 49-56.

4. Леонтьев В. В. Внутреннее производство и внешняя торговля: новое исследование позиций американского капитала //Вехи экономической мысли. – 2006. – Т. 6. – С. 220-230.

5. Садриддинов М.И. Производственная структура хозяйства Республики Таджикистан в составе Советского Союза. // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов III Международной научно-практической конференции. Крымский инженерно-педагогический университет. 2017. С. 458-460.

6. Саидмурадов Л.Х. Теоретические вопросы развития малой открытой экономики в условиях переходного периода [Текст]: дис. … д-ра экон. наук: 08.00.01 / Саидмурадов Лютфилло Хабибуллоевич. – Душанбе, 2005. – С. 364.

7. Усманова Т. Д. Интернационализация рынка труда в условиях рыночной экономики Республики Таджикистан / Т. Д. Усманова, М. Т. Азимова // Социально-экономические явления и процессы. – 2017. – Т. 12. – № 3. – С. 177-182.

8. Шамилева Э. Э., Юнусова А. Н. Исследование производственной структуры предприятия //Апробация. – 2015. – №. 11. – С. 123-124.

Асосҳои консептуалӣ ва назариявии ташаккул додан ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ аз ҷанбаҳои ташаккули системаҳои саноатӣ ва зерсистемаҳои саноатии системаи саноатӣ иборат мебошанд, ки онҳоро мо ба гуруҳҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва истеъмолӣ чудо намудем (расми 1.1). Ба зерсистемаи аввал субъектони истеҳсолкунандаи система дохил мешаванд, ки ба онҳо корхонаҳои саноатӣ шомил мебошанд. Ба зерсистемаи ғайриистеҳсолӣ бошад тақсимкунандагон ва интиқолкуннадагони маҳсулот дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои ба фурӯш баровардани маҳсулотро мерасонанд. Маҳсулоти истеъмолмешудаи таъиноти техникиву истеъмолидошта низ зерсистемаи системаи саноатӣ мебошад.




**Расми 1.1. Модели консептуалии асосҳои ташаккулёбӣ ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ**

*Аз ҷониби муаллиф таҳия шуда аст*

Ташкили алоқаҳои системаи саноатии корхонаҳои алоҳидаи саноатӣ бо истеъмолкунандагони маҳсулоти онҳо хусусияти хоси ташаккулёбии пояи моддиву техникии саноат мебошад. Айни замон бошад корхонаҳо алоқаи худро бо истеъмолгарон гум кардаанд.

Тамойилҳои рушди системаи саноати кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ба системаи саноатӣ як қатор элементҳои инфрасохторӣ аз қабили озмоишгоҳҳои илмӣ, ки рушди корҳои илмӣ тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ, амалисозии натиҷаҳои онҳо дар амалияро таъмин менамоянд, ниҳодҳои махсуси илмӣ-тадқиқотӣ, макотибҳои олӣ ва ғ. дохил мешаванд. Бо ибораи дигар, комил будани системаи саноати миллӣ бо сатҳу дараҷаи алоқаҳои истеҳсолот бо дигар соҳаҳои саноат, иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои илму маориф муайян мегардад, ки дар маҷмӯъ дорои алоқаҳои васеъи байни мақомоти маҳаллии давлатӣ, корхонааҳои саноатӣ, таъминкунандагони захираҳо ва ашёи хом, инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоӣ, соҳаҳои таъминоти иттилоотии фаъолияти система, бахши истеъмолӣ, корхонаҳои тақсимкунанада ва ба фурӯш бароварандаи маҳсулоти истеҳсолшаванда, инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад.

Ҳамин тавр системаи саноати кишвар бо рушд додани ҳамкориҳои байни корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолот, бо дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар, бо соҳаҳои илму маърифат комил мегардад ва самаранокиву маҳсулнокии он бо сохтори он муайян мегардад, яъне бо ҷудо намудани соҳаҳои локомотивӣ, пешбаранда, ҳаракатдиҳанда ва фаъолкунанда муайян мегардад. Соҳаҳои ба фаъолиятоваранда рушди саноатро ҳавасманд месозунду соҳаҳои пешбаранда дар маҷмӯъ ба пешрафти тамоми системаи саноати миллӣ мусоидат мекунанд. Саноати пешраванда тараққиёти мутамаддинро таъмин намуда, маҳсулоти беҳтарини миллиро муайян мекунад. Соҳаҳои таъминоти захиравии саноатӣ истеҳсоли бунёдии хоҷагидориро таъмин менамоянду соҳаҳои умумии саноатӣ бошанд соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеъмоли ниҳоиро таъмин мекунанд. Зарур аст, ки схемаҳои мушаххаси рушди саноати миллӣ маҳз бо таҷаммӯъи ин сохторҳо ҳамчун элементҳои сохтори системаи саноати миллӣ коркард карда шаванд.

Ҷанбаҳои татбиқӣ ва консептулаии назарияи системаҳои саноати миллӣ дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус дорад. Зеро айни замон ҳукумати кишвар ба таври фаъол ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида истода аст, ки пеш аз ҳама самтҳои таъмини рушди устувори кишвар ва минтақаҳои он дар асоси гузаштан ба роҳҳои саноатикунонии рушдро дарбар мегирад. Дар алоқа ба ин ташкили шароитҳо барои ташаккул ва рушд додани системаҳои саноати миллӣ, ки табиати инноватсионӣ доранд яке аз масъалаҳои асосии сиёсати саноатии миллии муосир дар кишвар ба ҳисоб меравад. Ташаккул додан ва сохторӣ намудани соҳаҳову комплексҳои саноатӣ, ки ҳамкориҳои судманди субъектону соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин менамоянд, бояд ҳамчун самти асосии коркадҳои стратегии усулҳои рушди кишвар ва сохторҳои он баромад кунанд (расми 1.2).




**Расми 1.2. Ташаккулёбии соҳаи сиёсати саноатӣ**

***Аз ҷониби муаллиф таҳия шуда аст.***

Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳалли ин масъала бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Пеш аз ҳама мушкилоти асосӣ дар мавҷуд набудани инфрасохтори ташаккулёбии системаи саноатӣ ва рушди инноватсионии он инъикос гардида, баъдан коркарди механизмҳои сиёсати саноатӣ дар мартабаи асосӣ қарор гирифтааст.

Лозим ба таъкид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистони имрӯза дар бунёди иқтисодиёт бо ду консепсияи ғоявӣ бархӯрд мекунад. Консепсияи аввала бар он назар аст, ки гузаштани кишвар аз тоталитаризм ба демократия ва иқтисодиёти хусусӣ маҳдуд намудани фаъолияти давлатро талаб мекунад. Консепсияи дуюм бошад ба таҷрибаи дигар кишварҳо такя намуда, дар назар дорад, ки иқтисодиёти муосири нав бидуни иштирок ва ҳавасмандгардонии давлат рушд карда наметавонад ва ҳамзамон талаб мекунад, ки функсияҳои аҳамиятноки давлат ҳамчун қувваи ташкилдиҳандаи ҷомеа ва иқтисодиёт аз нав дида баромада шаванд. Консепсияи аввала инъикоси худро дар сиёсати иқтисодиёти рақобатӣ мебинаду, дуюм бошад дар сиёсати саноатӣ. Чунин ҳолат наметавонад дар равишҳои методологии сохтани механизмҳои идоракунии кишвар, махсусан ҳангоми коркарди сиёсати саноатӣ инъикос нагардад. Гузашта аз ин ба ин ҳолат сохтори муосири хоҷагидории халқ, сохтори соҳибмулкӣ ба воситаҳои истеҳсолӣ ва сохтори идоракунӣ мусоидат мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти соҳаҳо рад кардани парадигмаи маъмули «монополияҳои табииро» талаб мекунад, ки айни замон барои Тоҷикистон имконнопазир аст. Воқеъан алҳол дар кишвар бахши бозории моликияти

хусусие, ки дар кишварҳои рушдкарда ба назар мерасад, ташаккул дода нашуда аст.

Ҳамин тавр, айни замон мутахассисон ҳарчанд дар сохтани сиёсати саноатӣ гуногунандешӣ дошта бошанд ҳам, бар он нуқтаи назаранд, ки дар кишвар сиёсати саноатӣ ва таҷҳизоту воситаҳои амалисозии он зарур аст. Аммо новобаста аз ҷой доштани нуқтаҳои назари гуногуни истилоҳи «сиёсати саноатӣ» дар маҷмӯъ тавсифҳои умумии он дида мешаванд. Имрӯз бештари олимони иқтисодчӣ ба ақидаи ягонае омадаанд, ки сиёсати саноатӣ на танҳо зарур аст, балки дар маҷмӯъ элементи марказии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ мебошад ва пеш аз ҳама ҳамчун инъикоскунандаи тараққиёт ва пешрафт кардани давлат мебошад. Инчунин баъзе фикрҳоеро дидан мумкин аст, ки дар онҳо сиёсати саноатӣ ҳамчун қисми табиӣ, аммо ҳамчун қисми марказии сиёсати давлатӣ баромад мекунад. Вобаста ба ин се ҳолатро қайд намудан мувофиқи мақсад мебошад: дар ҳолати якум то ба ҳол ягон назарияи мувофиқи сиёсати саноатӣ коркард карда нашуда аст, ва дар ҳар ҳолати мушаххас ва ҳар як давлат коркарди мутобиқ ба худи ҳамон давлат дида мешавад ва ё нусхабардории моделҳои дигарон дида мешавад. Дар ҳоллати дуюм ҳангоми коркард кардани сиёсати саноатии мушаххаси як қатор омилҳои тахассусияти ин ё он кишварро инъикос кунанда, таърих ва рушди иқтисодиву саноатии он бояд ба назар гирифта шаванд. Маълум аст, ки дар ин ҷо проблемаи то чи андоза назария ва методология ин тахассусиятро қабул мекунад, ба миён меояд. Ҳолати сеюми то ҳол пурра ҳалношуда ин набудани ягонагии ақидаҳо дар байни назария ва амалия дар бораи он, ки оё принсипи чунин сиёсати саноатиро таҳия кардан зарур аст ва ё ин танҳо як оқибати табиии сиёсати иқтисодии ҳар давлат дар маҷмӯъ аст?

Ин мушкилот сабаби мавҷуд набудани ақидаи ягона оид ба объекти сиёсати саноатӣ гардида, ҳамчунин ба самти сохтани пояи назариявию методологии сиёсати саноатӣ низ таъсир хоҳанд расонид.

Ҳамин тавр мубоҳисаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи сиёсати саноатӣ, пеш аз ҳама, ҳангоми ташаккулёбии сиёсати саноатӣ бояд ба назар гиранд, ки барои дуруст ташаккул ёфтани он, омилҳо ва шароитҳои бунёдӣ мавҷуд ҳастанд ё не? Аз нигоҳи мо дар маҷмӯъ системаи онҳо ва дар алоҳидагӣ элементҳои ҷудогонаи алоқамандиҳои онҳо яке аз масъалаҳои муҳими назарияи ташаккулёбии сиёсати саноатӣ мебошад.

Ҳамин тавр шароитҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ ва оқибатҳои манфии бо он алоқаманд, инчунин зарурати гузаштани иқтисодиёт ва ҷомеа ба тартиби нави ҷаҳонӣ муайян кард, ки маҳз давлат бояд як қатор функсияҳои рушд кардани бахши воқеъии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истеҳсолоти саноатиро бояд ба зимма гирад. Дар алоқа ба ин яке аз проблемаҳои муҳими назариявӣ, методологӣ ва амалӣ ин ташаккулёбӣ ва амалишавии сиёсати саноатии давлатии ба воқеъиятҳои ҷорӣ ҷавобгӯбуда дар сатҳи умумимиллӣ ба ҳисоб мерасад.

Дар маҷмӯъ таҳлили тахассусияти Тоҷикистони муосир нишон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсати саноати давлатӣ бояд пеш аз ҳама дар

доираи васеъи иштирокчиёни чорабиниҳои асосии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне давлат, ниҳодҳои он, сохтори тиҷорат, намояндагони ҷамъиятҳо ва дигарон мавриди муҳокимаи кушод қарор гирад. Баъдан сиёсати саноатӣ манфиатҳои қонунии ҳамаи иштирокдорони фаъолияти саноатиро, новобаста аз иқтидори молиявӣ, шакли моликият, мақомашон дар ҷомеъа бояд баробар ба инобат гирад ва дар ниҳоят сиёсати саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таври афзалиятнок сарчашмаҳои маблағгузориҳои давлатии чорабиниҳои худро доошта бошад. Ин имконият медиҳад, ки сиёсати саноатӣ аз ғаразҳои субъективӣ, вобастагиҳои равандӣ ва манфиатҳои муғризона орӣ бошад. Ҳамин тавр махсусгардонии сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки барои гузаронидани он танҳо як механизми бозорӣ нокофист. Идоракунии бомаҳоратонаи давлатӣ, алоқамандиҳои тағйирпазири идорракунӣ ва танзими бозор зарурати хоса доранд. Сухан оид ба системаи нави самтҳои иқтисодие меравад, ки субъектони хоҷагидориро бахри рушди тавсеаи тартиби нави технологӣ ҳавасманд месозад.

**Пайнавишт:**


1. Вайкок М.А., Водождокова З.А. Понятие производственной системы промышленного предприятия и этапы ее развития // Инновации и инвестиции / М.А. Вайкок, З.А. Водождокова. – М., 2016. - № 11. – С.48-52.
2. Вдовенко З.В. Индустриальная система в условиях экономической нестабильности // Транспортное дело России / З.В. Вдовенко, Д.Н. Клепиков, А.В. Лукьянова– М, 2014. - № 6. - С. 48-51.
3. Верещагина Е.В. Сущность промышленной политики государства // Academy / Е. В. Верещагина. - Иваново, 2016. - № 8(11). – С. 40-45.
4. Воробьева, Н.А. Роль промышленной политики в территориальной организации национальной экономики // Вестник Иркутского государственного технического университета / Н.А. Воробьева. – Иркутск, 2012. - № 7 (66). - С. 177-181.
5. Идрисов, Г.И. Промышленная политика России в современных условиях / Г.И. Идрисов. – М., 2016. - 160 с. – С. 9. ISBN 978-5-93255-443-2.
6. Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития. - Душанбе, ИЭ и Д АН РТ, 2013. - 661с.
7. Комилов, С.Д. Теоретические аспекты инновационно-инвестиционного развития промышленных предприятий в Республике Таджикистан // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет) / С.Д. Комилов, Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе, 2019. - № 1 (65). - С.12-21
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 272). ш. Душанбе, 18 майи соли 2017, № 384


## НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ

**Ризоев Кишвар – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Мирзомуродов Ҳ. – ассистенти ДБССТ**

***Фишурда:*** Дар мақолаи мазкур масоили рушди иқтисоди «сабз» дар Тоҷикистон ва самаранок истифода намудани энергетикаи «сабз» ва таъмини сарфаҷӯӣ ва самаранокии истифодаи энергия таҳлил шудааст .

Зарурият ва аҳамияти «иқтисоди сабз» дар сатҳи байналхалкӣ аз он ҷумла дар сатҳи миллӣ баррасӣ шудааст. Бо татбиқи иқтисоди«сабз» Тоҷикистон метавонад мавқеи пешсафро дар истифодабарии иқтидорҳои тавлиди нерӯи барқ аз сарчашмаҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ишғол намояд, ҳамчунин ба содироткунандаи азими қувваи барқ дар минтақа ва берун аз он бошад.

***Калидвожаҳо:*** иқтисоди «сабз», об, истеҳсол, энергетика, тараққиёт, гидроэнергетика, самаранокии истифодаи энергия.

***Аннотация:*** В данной статье рассматривается развитие «зелёной» экономики в Таджикистане, а также эффективное использование «зеленой» энергетики и обеспечение энергосбережения и энергоэффективности. Раскрываются актуальность и значение «зелёной экономики» в международном плане и на национальном уровне в частности. С внедрением «зелёной» экономики Таджикистан может стать мировым лидером по использованию возобновляемых источников энергии, а также крупным экспортёром электроэнергии в регионе и за её пределами. Раскрываются актуальность и значение «зелёной экономики» в международном плане и на национальном уровне в частности.

***Ключевые слова:*** «зелёная» экономика, вода, производство, энергетика, развитие, гидроэнергетика, энергоэффективность.

***The summary:*** This article discusses the development of a green economy in Tajikistan, as well as the effective use of green energy and ensuring energy saving and energy efficiency. The relevance and importance of the “green economy” are revealed internationally and at the national level in particular. With the introduction of a green economy, Tajikistan can become a world leader in the use of renewable energy sources, as well as a major exporter of electricity in the region and beyond. The relevance and importance of the “green economy” are revealed internationally and at the national level in particular.

***Keywords:*** «green» economy, water, production, energetic, progress.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 2023 дар бораи ташаккули «иқтисоди сабз» ироа гардид ва чунин самтҳо дар Паёми Пешвои миллат зикр гардид: «Ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати

хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем».(1) Президенти кишвар самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, доир ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон, бо мақсади расидан ба истиқлолияти энергетикӣ таваҷҷуҳи худро бештар ба масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ равона намуд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки айни замон яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Созишномаи Париж, ташаккули «иқтисоди сабз» ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба ҳисоб меравад. Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва ниҳоят солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон карда шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сарчашмаҳои бузурги оби ошомиданӣ буда, захираҳои обӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар нақши муҳим доранд. Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар кишвари мо рушди соҳа беҳбуд бахшида шуда, иқтисоди сабз ба унсури аслии инкишофи иқтисодёти миллӣ табдил ёбад. Аз руи нишондихандаҳои мушаххаси иқтидори гидроэнеогетикӣ ба як километри мураббаъ ва ба ҳар сари аҳолӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон мувофиқан ҷойҳои якум ва дуввумро ишғол мекунад. Дар ин замина, истеҳсоли энергияи тоза ба таври воқеӣ ба раванди иқтисоди «сабз» дар кишвар мувофиқат мекунад.

Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози фоизи истеҳсоли энергияи «сабз» дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ дар Тоҷикистон тайи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 99,56% неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия истеҳсол шудааст. Дар соли 2021 дар Тоҷикистон 96 фоизи неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне асосан бо истифода аз неруи об истеҳсол гардида, яке аз кишварҳои пешбарандаи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар энергетика эътироф шудааст.(2)

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди бомароми соҳаи энергетика ба раванди саноатикунонии босуръати мамлакат заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба навсозӣ, яъне таъмиру таҷдиди низоми энергетикии ҷумҳурӣ 85,7 миллиард

сомонӣ равона шудааст. Низоме, ки дар 75 соли замони гузашта муҳлати истифодаи аксари таҷҳизоти он қариб, ки ба анҷом расида буд, таҷдиду навсозӣ шуд.

Хукумати мамлакат, бо дарназардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли «энергияи сабз» ва содироти он дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ расидан ба истиқлолли энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст. Соли 2023 иқтидори энергетикии Тоҷикистон зиёда аз 6 ҳазор мегаватт ва истеҳсоли неруи барқ 22 миллиард киловатт – соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2017-ум 4,8 миллиард киловатт – соат ё 28 фоиз зиёд мебошад. Соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба истифода дода мешавад. Бо ин мақсад соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳоло дар ин иншооти муҳимми аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3,5 ҳазор техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд. Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи иқтисоди «сабз» соли 2037 воқеан ба ҷумҳурии «сабз» табдил меёбад.(3)

Бо амалисозии лоиҳаҳои бузурги бунеду таҷдиди иншооти энергетикии мамлакат, аз ҷумла бунеди нерӯгоҳи «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», Сарбанд» ва «Кайроққум» дар 7 соли оянда иқтидори энергетикии мамлакат иловатан ба 4 000 МВт афзоиш дода шуда, ба 10 000 МВт расонида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 2022 *«Стратегияи рушди «иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037»–ро қабул кард,* ки мақсади Стратегияи мазкур- гузарониданиислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти "иқтисоди сабз" мебошад.

Бояд зикр кард, ки амалӣ намудани Стратегияи мазкур ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо мақсади рушди «иқтисоди сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармояю технологияҳои каммасраф «Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои солҳои 2023-2037» қабул гардида, дар 15 соли минбаъда мавриди татбиқ қарор мегирад. Яке аз самтҳои Стратегияи мазкур бахшида шудааст ба истифодаи самараноки энергияи «сабз» ва таъмини сарфаҷӯии энергия. Бинобар ин, мутобиқи Стратегия, ҳадафҳои асосии соҳа чунинанд:

-тақвияти раванди рушди тавлид ва истифодаи энергияи «сабз» дар Тоҷикистон;

-баланд бардоштани самаранокии инфрасохтори энергетикии кишвар тавассути ҷорӣ намудани технологияи аз ҷиҳати экологӣ муосир;

- содироти қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ба бозори Осиёи Марказиву Чанубӣ ва дигар кишварҳо;

-таъмини сарфаҷӯӣ ва самаранокии истифодаи энергия.(4)

Татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ҷиҳати истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда , бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии гуногуниқтидор, ҳамзамон барои рушди иқтисоди мамлакат равона шудааст.

**АДАБИЁТҲО:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023.,Минбари халқ, 30 декабри соли 2023,№ 52. С.5-6.

2. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С.19-20.

3. Иқтисоди сабз, 2023 // https://www. khovar.tj.

4. Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Душанбе-2022. С.12-13.

## МУАММОҲОИ БАРОБАРКУНИИ ТАВОЗУНИ САВДОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Набиҷонова М.Р. - директори "Коллеҷи сайёҳӣ ва хазматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд"-и ДБССТ,**

**Сафаров Х.А. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

**Аннотатсия.** Яке аз масъалаҳои ҳалталаби марҳилаи кунунии иқтисодиёти кишвар ҷой доштани тавозуни манфии савдои хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки сол аз сол тамоюли афзоиш дорад. Дар мақола сабабҳои пайдоиши чунин пайомад, вазъияти савдои хориҷии Тоҷикистон ва роҳҳои имконпазири ҳалли ин масъала мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамчун роҳи асосии ин васила пешниҳод шудааст.

**Калидвожаҳо:** тавозун, савдо, содирот, воридот, Тоҷикистон, сармоягузорӣ, иқтисодиёт, мол, хизматрасонӣ.

Масъалаи савдои хориҷии кишварро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам зимни суханрониҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, баҳри рушди минбаъдаи он ба вазорату идораҳои дахлдор оид ба баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва гуногунсамтии он аз кишварҳои ҷаҳон ва ширкатҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ, такмили методологияи омор ва низоми қабули сармояи мустақими хориҷӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, ташаккули низоми таҳия ва татбиқи

лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва рақамикунонии он андешидани тадбирҳои таъхирнопазиру судманд дастур дода шуд.

Дар солҳои охир тавозуни манфии савдои хориҷии молҳо ва хидматҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста афзоиш ёфта, дар соли 2023 минуси 3431 миллион долларро ташкил дод [1]. Маблағгузории он барои кишвар торафт мушкилтар мешавад. Бо сабаби норасоии маблағҳои асъорӣ барои маблағгузории он, мушкилоти хариди асъор ҳам дар шахсони воқеӣ ва ҳам дар шахсони ҳуқуқӣ ба миён меояд, ки метавонад ба коҳиши ҳаҷми фаъолияти хоҷагии аксари воридкунандагон оварда расонад.

Нуқтаҳои манфии ин вазъ инҳоянд: коҳиши шумораи кормандон, коҳиши сатҳи музди меҳнат ва баромадан ба рухсатии маҷбурии бемузди кормандони ширкатҳои воридкунанда; пайдоиши бозори ғайрирасмии асъор дар кишвар; коҳиши даромади буҷет аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои воридотӣ, ки ба омори савдои хориҷӣ таъсири таҳрифкунанда мерасонад ва ба сукунати даромади асъор дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт оварда мерасонад.

Сабаби асосии ташаккули тавозуни манфӣ дар Тоҷикистон талаботи афзояндаи воридоти молҳо мебошад, ки дар навбати худ аз суръати баланди афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ва сатҳи баланди воридоти он ба вуҷуд меояд. Ин намунаи ҳар як иқтисоди рӯ ба тараққӣ аст. Пешгирии ин раванд боиси паст шудани суръати афзоиши ММД мегардад. Дар ин ҳолат суръати афзоиши содирот бояд дар сатҳи пештара нигоҳ дошта шавад ва истеъмоли дохилӣ коҳиш ёбад. Ҳамин тариқ, агар вазифаи асосӣ ба даст овардани тавозуни мусбати савдои хориҷӣ бошад, пас ин боиси коҳиши суръати афзоиши ММД мегардад.

Бояд як қатор мушкилоти калидиро қайд кард, ки ҳалли худро барои таъмини мувозинати савдои хориҷӣ ва кам кардани қимати манфии тавозун талаб мекунанд. Ба онҳо номутаносибии сохтории иқтисодиёт, бартарияти истеҳсолоти моддӣ, рушди нокифояи соҳаи хизматрасонӣ ва бахши баландтехнологӣ ва дар натиҷа вобастагии баланди рушди иқтисодӣ аз коркарди захираҳои воридотии сӯзишворӣ ва ашёи хом дохил мешаванд. Самаранокии нокифояи низоми миллии инноватсионӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ, инфрасохтори интиқоли технология аз илм ба истеҳсолот, низоми маблағгузории инноватсия, илми соҳавӣ бояд қайд карда шавад. Вазъиятро инчунин самаранокии пасти сармоягузорӣ ва ҳаҷми нокифояи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёт дар натиҷаи фазои номусоиди сармоягузорӣ; қафомонии назарраси Тоҷикистон аз сатҳи ҳосилнокии меҳнати миёнаи ҷаҳонӣ; рушди нокифояи механизмҳои ҳавасмандгардонии коргарон ба меҳнати сермаҳсул, аз ҷумла ҳавасмандгардонии менеҷмент барои қабули қарорҳои стратегӣ дар бораи баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии корхонаҳо бадтар мекунад.

Тағйири тавозуни савдои хориҷии молҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 3085,6 миллион долларро ташкил дод [2].

Саҳми калонтарин дар бад шудани тавозуни тиҷоратӣ воридоти маводи сӯхт (гази моеъ ва маҳсулоти нафтӣ) буд, ки барои истеҳсолот ва эҳтиёҷоти рӯзгори аҳолӣ, болоравии пайвастаи нархҳо боиси афзоиши ҳаҷми арзиши он гардид. Дар панҷ соли охир ҳаҷми воридоти маҳсулоти нафтӣ 2,2 маротиба афзоиш ёфта, аз 310 то 680 миллион доллар расид, ки ин 12 %-и афзоиши манфигии тавозунро таъмин кард [3].

Мавқеи навбатии молӣ, ки ба натиҷаҳои савдои хориҷӣ таъсири манфӣ расонд, воридоти хӯшагиҳо буд, ки дар он ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати арзиш афзоиш ёфт. Агар соли 2018 ба кишвар ба маблағи 172,6 миллион доллар хӯшагиҳо ворид карда шуда бошанд, пас дар соли 2022 онҳо ба маблағи 329,1 миллион доллар афзоиш ёфтааст. Саҳми афзоиши воридоти хӯшагиҳо дар бад шудани тавозуни умумии савдои хориҷии молҳо дар панҷ сол 5,1% - ро ташкил дод [4].

Саҳмҳо дар бад шудани тавозуни савдои хориҷӣ аз рӯи мавқеъҳои молӣ, аз қабили мошинҳо ва таҷҳизот тамоюли тағйироти талаботи истеъмолкунандагонро ба молҳои воридотӣ, ки бо афзоиши даромади воқеии пулии аҳолӣ ва афзоиши мувофиқи дастрасии нархҳои маҳсулоти ширкатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст, инъикос мекунанд.

Дар рӯйхати гурӯҳҳои молӣ, ки дар беҳтар кардани тавозуни савдо саҳми назаррас гузоштаанд, ҷои пешрафта ба металлҳои қиматбаҳо, қувваи барқ ва меваю сабзавот тааллуқ дорад. Боиси қайд аст, ки содироти металлҳои қиматбаҳо яке аз манбаъҳои муҳимтарин ва устувори воридоти асъор ба кишвари мо (47 %-и ҳаҷми содирот дар соли 2023) мебошад. Ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо маҳсулоти саноатӣ шароити иқлимӣ-табиӣ таъсири манфӣ расонидааст [5].

Натиҷаи нисбатан беҳтарини (таносуби воридот ва содироти камтарин дар назар аст) савдои хориҷӣ аз нуқтаи назари мувозинати он соли 2021 ба даст омада буд, вақте ки тавозуни савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи молҳо ва хидматҳо дар ҳаҷми 2059 миллион доллар (33 %-и гардиши савдои хориҷӣ) манфӣ буд. Дар оянда коҳиши ин нишондиҳанда ба амал омад. Якчанд сабабҳои муҳимтарини тамоюли манфии ба вуҷуд омадаро ҷудо кардан мумкин аст. Якум ин аст, ки афзоиши ҳаҷми содироти мол ба таври васеъ - асосан аз ҳисоби омили нарх, ки бо конъюнктураи мусоид бо тағйироти ночизи ҳаҷми воқеии таҳвил вобаста аст, ба амал омадааст.

Илова бар ин, бо сабаби он ки суръати афзоиши ҳаҷми воқеии содирот, дар муқоиса бо истеъмоли дохилӣ, дар сатҳи паст буд, афзоиши пеш аз воридоти миёна дар муқоиса бо ҳаҷми арзиши содироти мол ба амал омад. Дар натиҷа, таносуби воридот ва содироти миёна аз 100 % дар соли 2021 то 140 % дар соли 2023 афзоиш ёфт.

Сабаби сеюм ин аст, ки сохтори молии содирот тағйироти мусбат надидааст. Он то ҳол ба сохтори содироти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мувофиқат намекунад.

Чорум, бесамарии сохтори молии содирот бо дараҷаи баланди консентратсияи он аз рӯи намудҳои мол муайян карда мешавад. Аксари

содирот бо мавқеи ками молӣ таъмин карда мешуд, ки ин аз вобастагии шадиди тиҷорати хориҷии кишвар аз конъюнктураи бозорҳои ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Сабаби дигар, диверсификатсияи пасти савдои хориҷӣ буд, ки бо сатҳи баланди хатарҳо, ки дар сурати коҳиши садамавӣ дар ҳаҷми содирот ба кишварҳои анъанавии шарик ва аз бозорҳои онҳо берун кардани истеҳсолкунандагони тоҷик ба вуҷуд меоянд, алоқаманд аст.

Сабаби шашумро бояд рушди хеле суст дар инфрасохтори содиротии ватанӣ номид. Аз ҷумла, аз рӯи индекси логистика (Бонки ҷаҳонӣ) Тоҷикистон дар соли 2023 дар мавқеи 97 қарор дорад [6].

Ниҳоят, дар кишвар шароити маҷмуӣ ба вуҷуд наомадааст, ки ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишударо дар баланд бардоштани самаранокии савдои хориҷӣ ва тавсеаи иштироки Тоҷикистон дар иқтисоди ҷаҳонӣ таъмин кунад: либерализатсияи сусти фаъолияти иқтисодӣ; инфрасохтори инноватсионӣ ташаккулёбанда; иқлими сармоягузории номусоид мушоҳида мешавад, муҳити тиҷоратӣ то ҳол бо мураккабии низоми андоз, монеаҳои баланди бюрократӣ фарқ мекунад. Барои рушди содирот заминаи ҳуқуқии амалкунанда бояд муосир бошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад: аз се ду ҳиссаи кишварҳо тавозуни устувори тиҷорати манфӣ доранд. Маблағгузории чунин каср аз ҳисоби сармоягузории хориҷӣ сурат мегирад. Сабаби асосии ташаккули тавозуни манфӣ дар ин ҳолат манфиатҳои кишварҳо дар гирифтани ҳаҷми максималии имконпазири захираҳо аз берун барои рушди иқтисодиёти худ мебошанд. Зимнан ҳамин дар асоси ташкили тавозуни тиҷоратии манфии Тоҷикистон аст.

Тавре ки таҳқиқот нишон медиҳанд, мушкилоти номутавозунӣ дар савдо на он қадар дар ташаккули каср, балки дар имконияти маблағгузории бефосилаи он аст. Сармоягузории хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда дар ҳаҷм хеле маҳдуд аст. Сармоягузории мустақим асосан ба фондҳои оинномавии корхонаҳои муштарак ташаккул меёбад ва шакли моликияти давлатӣ ба корхонаҳои калонҳаҷм, ки дар кишвар бартарӣ доранд, бо иштироки соҳибони хусусӣ дар сармояи асосии онҳо номувофиқ аст.

Яке аз роҳҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ қарзҳо мебошанд. Ҳангоми арзёбии амнияти иқтисодӣ дар робита ба афзоиши талабот, бояд ба назар гирифт, ки ҷамъоварии қарзи беруна ҳатман омили манфӣ нест. Ин маънои онро дорад, ки лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, ки аз манбаъҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мешаванд, амалӣ карда мешаванд. Дар оянда, ин қарз аз ҳисоби як қисми фоида аз фаъолияти онҳо пӯшонида мешавад.

Қарзи умумии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб ба ММД камтар аз 50 % - ро ташкил медиҳад. Афзоиши минбаъдаи қарзи хориҷӣ барои иқтисоди ватанӣ хатарнок мегардад. Аз ин рӯ, маблағгузории тавозуни манфӣ аз ҳисоби амалиёти ҷорӣ тавсия дода мешавад, ки дар айни

замон асосан аз ҳисоби сармоягузории мустақими хориҷӣ, даромад аз сайёҳӣ ва интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ карда мешавад.

Кишвари мо дорои потенсиали назарраси ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёт мебошад. Ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузориҳои хориҷӣ бо мақсади рушди содирот афзалияти аввалиндараҷаи сиёсати давлатии сармоягузории мамлакати мо мебошад.

Соҳаҳои ояндадори ҷалби сармояи хориҷӣ аз нуқтаи назари динамикаи содиротӣ ва коҳиши захираҳои истеҳсолот барои Тоҷикистон инҳоянд: саноати дорусозӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ-металлургӣ, саноати хӯрокворӣ ва сабук, сайёҳӣ.

Барои кам кардани тавозуни манфии савдои хориҷӣ маҷмӯи чораҳо оид ба табдили сохтории иқтисодиёт зарур аст, ки ба афзоиши тадриҷии содироти маҳсулоти баландтехнологӣ ва илмӣ бо ҳиссаи баланди арзиши иловашуда ва ҳамзамон коҳиш додани воридоти молҳо ва захираҳои барои иқтисодиёт муҳим равона карда шудаанд.

Усулҳои асосии ҳавасмандгардонии содирот додани имтиёзҳои молиявии аз ҷониби ҳукумат ё ниҳодҳои хусусӣ ба ширкатҳои содиркунанда барои содироти молҳои муайян ба хориҷа ва қарзҳои содиротӣ меошанд, ки ба маҳсулоти тайёр, асосан ба маҳсулоти ояндадори дар бозори ҷаҳонӣ рақобатнок дахл доранд. Дар ин ҷо инчунин суғуртаи содирот тавассути пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ оид ба қарзҳои содиротӣ, ки на танҳо хатарҳои анъанавии тиҷоратӣ, балки хатарҳои сиёсӣ ва имтиёзҳои андоз ва гумрукиро, ки озод кардани содиркунандагонро аз пардохти андозҳои мустақим ё ғайримустақим пешбинӣ мекунанд, фаро мегирад, аҳамияти калон хоҳад дошт.

Самти афзалиятнок бояд афзоиши содироти хидматҳо бошад, ки дар муқоиса бо саноат сатҳи моддӣ ва иқтидори воридотӣ хеле камтар аст.

Ҳангоми маҳдуд кардани воридот бояд дарк кард, ки талабот ба он дар иқтисодиёти кишварро ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст. Якум, талабот ба бахши давлатӣ. Пеш аз ҳама, он бо хариди молҳои муҳимтарини энергетикӣ, аз қабили маводи сӯхт, инчунин навсозии истеҳсолоти асосии ба содирот нигаронидашуда ва маҷмааи энергетикӣ дар кишвар алоқаманд аст, зеро аксари таҷҳизоти нав аз хориҷа харидорӣ карда мешаванд. Сабаби муҳими талабот ба воридот расонидани нишондиҳандаҳои баланди рушд ба корхонаҳо мебошад. Корхонаҳои вобаста ба воридот ба захираҳои бештари молиявӣ ва моддӣ ниёз доранд. Барои захираҳои иловагӣ дар асъори хориҷӣ онҳо маҷбур мешаванд, ки ба Бонки миллӣ ё бозори молиявии хориҷӣ барои қарзҳо бо кафолатҳои давлатӣ муроҷиат кунанд.

Дуюм, талабот ба молҳои воридотии бахши хусусӣ мебошад. Агар сатҳи даромади шаҳрвандон дар кишвар афзоиш ёбад, пас бисёре аз онҳо ба молҳои гаронбаҳои воридотӣ афзалият медиҳанд. Аксари чунин молҳо тавассути дилерҳои расмӣ барои фурӯш интиқол дода мешаванд, ки пас аз он ҳисоббаробаркунӣ бо таъминкунанда анҷом дода мешавад, ки ба

афзоиши ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва афзоиши талабот ба асъори хориҷӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, савдои хориҷӣ ба пайдоиши омилҳои зикршуда ва танзими онҳо алоқамандии мустақим надорад. Аз ин рӯ, дар кишвар ба таври директивӣ муқаррар кардани тавозуни мусбати тавозуни савдо бидуни оқибатҳои манфӣ барои дигар соҳаҳои иқтисодиёт ғайриимкон аст. Таъсири омилҳои зикршуда танҳо дар савдои хориҷӣ зоҳир мешавад ва барои мақомоти идоракунии давлатӣ ҳамчун аломат хизмат мекунад, ки агар зарур бошад, андешидани чораҳои таъҷилиро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, яке аз манбаъҳои муҳими пӯшонидани норасоии назарраси маблағҳои асъорӣ ва маблағгузории бақияи манфии тавозуни савдои хориҷӣ бидуни таҳдид ба амнияти иқтисодӣ сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад. Барои самаранок ҷалб кардани онҳо, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, фароҳам овардани шароити кории фаҳмо ва кафолати бехатарии сармоягузорӣ талаб карда мешавад.

Имкониятҳое, ки амалиёти франчайзинг, лизинг ва ғайра дар ҷаҳон васеъ истифода мешаванд, бояд васеътар истифода шаванд. Занҷираи "франчайзинг - литсензия - лизинг" имкон медиҳад, ки сармоягузорӣ дар оғози ҳар як марҳила кам карда шавад ва мушкилоти азхудкунии техникаи пешрафта ва технологияи истеҳсоли молҳои нав ва хизматрасонӣ ҳал карда шавад. Дар ин ҳолат воридоти на танҳо технология, балки идоракунии касбӣ низ зарур аст.

Шубҳае нест, ки интихоби молҳои алоҳида ва гурӯҳҳои молӣ, ки воридоти онҳоро тавассути рушди истеҳсолоти дохилӣ иваз кардан мувофиқи мақсад аст, бояд дар асоси принсипҳо ва меъёрҳои зерин амалӣ карда шавад: ҳадди аксар расонидани арзиши иловашуда дар нархи фурӯши маҳсулот, афзалияти ивазкунии воридоти молҳое, ки барои истеҳсоли онҳо захираҳои ашёи хоми маҳаллӣ мавҷуданд. Аён аст, ки татбиқи чораҳои ивазкунандаи воридот бояд ҳамзамон афзоиши содиротро таъмин кунад.

Бинобар ин, тадбирҳо ва барномаҳои ивазкунандаи воридотро дар навбати аввал дар соҳаҳое (корхонаҳо), ки дар онҳо потенсиалҳои илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ, иқтидори кадрӣ ва низоми самараноки тайёр кардани кадрҳо мавҷуданд, татбиқ намудан зарур аст.

**Манбаъҳои истифодашуда:**


1. https://www.nbt.tj/tj/payments_balance/trade_turnover.php
2. http://data.stat.tj/Home/index2/4?lang=tj
3. https://halva.tj/tj/news/to_ikiston_voridoti_s_zishvorii_naftiro_dar_soli_2023_afzoish_dod/
4. https://khovar.tj/2024/01/soli-2023-a-mi-gardishi-savdoi-hori-ii-to-ikiston-besh-az-90-milliard-somoniro-tashkil-dod/
5. https://khovar.tj/2024/02/gardishi-savdoi-hori-ii-to-ikiston-soli-2023-besh-az-8-milliard-dollarro-tashkil-dod/

6. https://lpi.worldbank.org/international/global

## ПРОБЛЕМЫ ВЫРАВНИВАНИЯ ВНЕШНЕТОРГОВОГО БАЛАНСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация.** Одной из актуальных проблем на современном этапе развития экономики страны является отрицательное сальдо внешней торговли, которое имеет тенденцию к увеличению с каждым годом. В статье обсуждаются причины такого баланса, состояние внешней торговли Таджикистана и возможные пути решения этой проблемы. Предложено привлечение иностранного капитала в качестве основного способа ее решения.

**Ключевые слова:** баланс, торговля, экспорт, импорт, Таджикистан, инвестиции, экономика, товары, услуги.

## PROBLEMS OF EQUALIZING THE FOREIGN TRADE BALANCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Annotation.** One of the main problems at the present stage of development of the country's economy is the negative balance of foreign trade, which tends to increase every year. The article discusses the reasons for this balance, the state of Tajikistan's foreign trade and possible ways to solve this problem. The attraction of foreign capital is proposed as the main way to solve it.

**Keywords:** balance, trade, export, import, Tajikistan, investment, economy, goods, services.

## ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

**Тагаев Б.Ш. - н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Шарипов Ҳ.А. - омӯзгори калони ДБССТ**
**Назарова Н.Ҷ. - Докторанти курси 2-юми ихтисоси 6 D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, зиёд намудани иқтидори содиротии мамлакат, ки бояд бо дар назардошти мазмуни раванди гуфтушунидҳо пас аз воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ба максадҳои дар назди худ гузошта ноил гашт.[1]

Бо дарназардошти рушди иқтисодиёти мамлакат, идоракунии самараноки захираҳои молиявии давлатӣ ва ба эътидол овардани хароҷот ҷиҳати иҷрои тадбирҳои пешбининамудаи Ҳукумати мамалакат барои баланд бардоштани иқтидори саноати мамлакат

[1] Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Душанбе: Вазорати иқтисод ва савдо, 2004.

мусоидат мекунад.

Шароити имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаб менамояд, ки барои беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ доир ба истифодаи самараноки захираву иқтидорҳои молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиии кишвар, пешбурди сиёсати самараноки молия ва қарз, риояи қатъии низоми истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, дастгирӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ, бахусус, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шуда истодаанд. Беҳуда нест,ки Ҳукумати мамлакат ҳадафи чоруми худро саноаткунонии мамлакат эълон доштанд чунки мо дар даврае қарор дорем, ки муҳлати татбиқи як қатор барномаҳои давлативу соҳавӣ, аз ҷумла аввалин стратегияи миллии рушд ба анҷом мерасад.

Бо мақсади суръат бахшидани корҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои афзалиятнок ва муайян намудани дурнамои минбаъдаи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия гардида, ҳоло дар иҷроиш қарор дорад.

Ҳукумати мамлакат инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ карда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии кишвар дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳидаро амалӣ карда истодааст.

Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Бо мақсади иҷрои ин вазифаҳо ва ноил шудан ба пешрафти саноати кишвар то ба имрӯз як қатор барномаҳои соҳавӣ татбиқ гардиданд, ки ба тавсеаи коркарди аввалияи ашёи хоми саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуданд. Ҳоло барои истифодаи ҳарчи бештари иқтидорҳои саноатӣ ва афзоиш додани коркарди ашёи хоми ватанӣ, аз ҷумла коркарди пурраи нахи пахта як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд.

Аз ин лиҳоз, моро лозим аст, ки бо истифодаи васеъ аз технологияҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ивазкунандаи воридотро зиёд карда, талаботи бозорро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намоем ва ҷиҳати тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои зарурӣ андешем. Татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат дар соҳаи саноати истихроҷ ва коркард нишон дод, ки вобастагии иқтисоди кишварро аз воридоти ангишт, семент ва дигар навъҳои масолеҳи сохтмон бартараф кардан ва барои содироти минбаъдаи онҳо замина фароҳам овардан

мумкин аст.[2]

Барномаи рушди иқтисодии ҷумҳурӣ барои молхои ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда аз заруратҳои зерин бармеояд:

- бартараф намудани пастравии баъдибуҳронии истеҳсолот ва сатҳизиндагии аҳолӣ дар асоси вусъати суръати афзоиши иқтисодиёт;

- пешгирии деиндустриализатсияи кишвар дар заминаи рушди босуръати саноат:

- ҳалли масълаҳои вобаста ба таъминоти шуғли самараноки аҳолӣ ва дар як вақт боло бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатӣ;

- ба таври қобили мулоҳиза кам кардани миқёси камбизоатӣ;

- баланд бардоштани самаранокии иқтидорҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама бо роҳи таъмини афзоиши мунтаззами меҳнат.

Дар ояндаи дарозмуддат таъмин намудани суръати устувори афзоиши сатҳи муомилоти савдои хориҷӣ вазифаҳои сратегии сиёсати иқтисодии Ҳукумати ҶТ ба ҳисоб меравад. Стратегияи тараққиёти сохтори иқтисодии хориҷии Тоҷикистон ба мақсадҳои зерин равона карда шудааст:[3]

- рушди минбаъдаи ҳамгироии Тоҷикистон дар низоми ТБМ, ҳамчун шарти муҳими самаранокии фаъолияти иқтисодии миллӣ ва таъмини болоравии рушди устувори иқтисодӣ;

- дастгирии соҳаҳои анъанавии ба содирот равоншаванда ва соҳаҳои наве, ки воридоти устувори арзро барои ҳалли вазифаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва пардохти қарзҳо таъмин карда тавонанд;

- беҳтар кардани сохтори содирот, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти тайёррақобатпазир ва нимтайёр, кам кардани самти ашёии содироти Тоҷикистон;

- рушди соҳаҳои ивазкунандаи воридот барои қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилӣ, кам кардани вобастагии кишвар аз воридоти молҳое, ки истеҳсоли онҳоро дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба роҳ мондан мумкин аст;

- ташкили механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, бакӯмаки қарзҳои имтиёзнок, пешниҳоди грантҳо ва кафолатҳои имтиёзӣ, суғуртаи таваккалӣ, истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои судманди тарифӣ ва ғаёритарифӣ барои дастгирӣ ва ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобати оштинопазири мамолики хориҷӣ;

- таҳкими назорати давлатӣ ба содироти молҳои аз нигоҳи стратегӣ муҳим ва ба воридот нигаронида шуда пеш аз ҳама ба харидитехника ва технологияи пешқадам;

---

[2] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

[3] Раҳимов М.А. Самаранокии истеҳсолоти содиротӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт.- 2006.-№1.

- фоъол сохтани корҳои иттилоотӣ ва дипломатӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ барои Рушд ва таҳкими қудрати содиротиву иқтисодии миллӣ;

- ташкили мониторӣ дар мавриди тағйирот бо суботи вазъи бозорҷаҳонии нарх омӯзиши бозорҳои ҷаҳонии молҳои воридотӣ ва содиротӣ;

- ташкили асосҳои ҳуқуқии ба иқтисодиёти бозоргонӣ мутобиқ, ба рушди фаъолияти иқтисодии хориҷии мамлакат мусоидаткунанда, ҷалби сармоягузориҳои хориҷии ба соҳаҳои ба содирот нигаронадашудаи иқтисодиёт.

Дар охир бояд қайд намоем,ки ин раванд бояд дар оянда идома ёфта, сатҳу сифати касбу ҳунаромӯзӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ боз ҳам бояд баланд бардошта шавад. Барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имкониятҳо истифода карда, ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад.

**Адабиётҳо**


1.Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. ‶ Душанбе: Вазорати иқтисод ва савдо, 2004.

2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарчашмаи электронӣ: http://www.prezident.tj (Accessed 20 January. 2016).

3. Раҳимов М.А. Самаранокии истеҳсолоти содиротӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт.- 2006.-№1.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА

**Ҳамроев Б.А. - муаллими калони Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Марҳалаи кунунии рушди иқтисодӣ ба фаъолгардии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгирои хос, даъват ба амал меорад, ки ин тафсирро ба сифати яке аз меъёрҳои асосии баҳодиҳии вазъи иқтисодии кишварҳои алоҳида, минтақаҳои он, инчунин субъектони хоҷагидор истифода бурда шавад.

Ислоҳоти бозоргонӣ дар иқтисодиёти мамлакат барои рушди рақобат дар соҳаи савдои чакана, дигаргуншавии сохтор, намуди хизматрасониҳое,

ки ба аҳолӣ пешкаш карда мешаванд, баланд бардоштани нақши ин соҳа дар рушду нумӯи иқтисодиёти мамлакат ва қонеъгардонии талаботи шахсии одамон шароитҳо фароҳам меоваранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд идоракунии корхонаҳои савдои чакана барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ бо мақсади пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мукаммал гардонида шавад.

Дараҷаи рақобатпазирӣ имконияти баҳодиҳии ҷобаҷогузории қувваҳоро дар бозор медиҳад, аломати асосӣ барои ташаккули самтҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ хизмат мекунад. Ба андешаи мо, муносибатҳои рақобатӣ механизми иқтисодиро ифода мекунад, ки ба воситаи он истифодаи самараноки омилҳои таркибии афзоиши иқтисодиро ба амал баровардан мумкин аст.

Рақобат барои муайян кардани тарафҳои қавӣ ва суст, имконият ва хавфи субъектони бозор, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти хоса доранд, имконият медиҳад.

Ба андешаи Фақеров Ҳ.Н. дар шароити иқтисоди бозорӣ рақобат ва шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ барои афзоиши ҳаҷми пешниҳодоти моҳо ва хадамот дар бозори молӣ мусоидат мекунад, ки талаботи гурӯҳҳои гуногуни аҳолиро таъмин менамояд [3.С.36].

Категорияи иқтисодии «рақобатпазирӣ» бо мафҳуми «рақобат» алоқамандии зич дорад, ки рақобат аз калимаи лотинии «конкуро» буда, маънои «ба ҳамдигар бархӯрдан», «ба ҳам дакка хӯронида шудан» - ро дорад.

Рақобат байни субъектҳои бозор баҳри шароитҳои беҳтарини истеҳсолот ва тиҷорат, хариду фурӯши молҳо, ба тарафи худ ҷалб намудани харидорон, нисбат ба дигарон зиёдтар гирифтани фоида, меравад.

Ҳарифӣ, мубориза и иқтисодиро дар бозор чунин шароитҳои объективӣ ба вуҷуд меоваранд: мустақилии комили ҳар як истеҳсолкунанда дар асоси моликияти хусусӣ будани воситаҳои истеҳсолот, вобастагии манфиатҳо аз конъюнктураи бозор, дар мубориза барои харидорон нисбат ба дигар истеҳсолкунандагон афзалият доштан. Муборизаи рақобатӣ унсури муҳимтарини механизми танзимкунандаи бозор мебошад. Дар натиҷаи рақобат ба маҳсулоти якхела нархи умумӣ (бозорӣ) ба вуҷуд меояд.

Дар низоми бозорӣ рақобат истеҳсолкунанда ва фурӯшандаро маҷбур месозад, ки талаботро таъмин намоянд. Зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон ба мол нархи онро дар бозор нисбат ба арзишаш хело баланд мебардорад. Фоидаи дар натиҷаи он гирифта шуда, моҳиятан хабар ба истеҳсолкунанда мебошад, ки барои ҷамъият миқдори зиёди чунин маҳсулот зарур аст. Танҳо рақобат метавонад, ки дар як вақт истеҳсолотро васеъ намояд, нархи мол паст фарояд. Рақобат соҳибкорро маҷбур мекунад, ки технологияи самаранoктарини истеҳсолотро ҷорӣ намояд ва дар баробари ин шароитҳои ба пешрафти техникӣ мусоидат кунандаро муҳайё созад.

Рақобат манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро бо ҳам муттаҳид менамояд. Фирма ва соҳибкороне, ки хоҳиши қонеъ кунонидани манфиати худро до-

ранд ва дар доираи низоми рақобатбарии бозор амал мекунанд, дар як вақт гӯё «дастони ноайён» фаъолияти онҳоро ба таъмин кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ равона мекунад [1.С.81].

Маълум аст, ки самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуд, яъне бо хароҷоти камтарин ба вуҷуд овардани маҳсулоти бисёр ба манфиати ҷамъият мебошад. Манфиатҳои шахсӣ, ки ҳавасмандкунанда ва равонакунандаи он низоми рақобатии бозор мебошад, ба дигаргуншавии талаботи бозор бо тезӣ ҷавоб додани истеҳсолотро ҳавасманд мекунад. Пас, рақобат манфиатҳои шахсиро чунон амалӣ мегардонад, ки вай худ аз худ ба тариқи автоматӣ ба хубтар қонеъ гардидани манфиатҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунад. Назарияи «дасти ноайён» дар он ифода меёбад, вақте, ки фирма фоидаи худро бениҳоят зиёд мекунад, маҳсулоти ҷамъиятӣ низ зиёд мешавад.

Рақобатпазирӣ шарти асосии рушди субъекти хоҷагидор ба ҳисоб меравад. Асоси рақобатпазириро бошад, самаранокӣ ташкил медиҳад. Дараҷаи баланди самаранокиро ба даст овардани корхона сатҳи рақобатпазирии корхона муайян мекунад.

Иқтисоддони амрикоӣ М. Портер оид ба назарияи рақобатпазирӣ саҳми калон гузоштааст. М. Портер рақобатпазириро чунин таъриф додааст: «... ҳамчун ҳосилнокӣ, истифодаи самараноки қувваи корӣ ва сармоя...» [2.С.896]. Аз ин ҷо бар меояд, ки таъмини сатҳи устувори ҳосилнокии меҳнат, истифодаи технологияи инноватсионӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда гарави рушди устувори субъектони иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Рақобатпазирӣ – категорияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ, ки дар якчанд сатҳ дида баромадан мумкин аст: рақобатпазирии мол, молистеҳсолкунанда, соҳаҳо, мамлакат. Байни ҳамаи ин сатҳо вобастагии мутақобилаи дохилӣ ва беруна вуҷуд дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ рақобатпазирӣ бо маънои томаш ҳамчун омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии вобастаи мавқеи мамлакат ё молистеҳсолкунандадар бозорҳои дохиа ва беруна шарҳ дода шудааст.

Моҳияти рақобатпазирии корхонаи тиҷоратӣ ҳамчун маҷмӯи хусусияти фарққунандаи он аз дигар субъектони тиҷораткунанда бо дараҷаи баланди қонеъгардонидани талаботи аҳолӣ бо молҳо (хадамот) – и фурӯхташаванда, фаъолияти самаранок, имконият ва динамикаи мутобиқшавӣ ба шароити конъюнктураи бозори истеъмолӣ, қобилияти рушди иқтисодӣ дар асоси амалигардонии афзалаиятҳои рақобатӣ маънидод карада мешавад.

Ба андешаи Ҳ.Н. Фақеров рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ дар бозори истеъмолӣ аз нуқтаи назари қонеъгардонии тақозои харидорон ва шумораи харидорон дар он баҳо додан лозим аст [3.С.37].

Нақши асосиро дар таъмини рақобатпазирии корхона афзалиятҳои рақобати мебозад. Дар ин маврид категорияи мазкурро бояд дар сатҳои гуногун, ҳам дар маънии том ва ҳам маҳдуд дида баромадан мумкин аст, ки алоқамандии байни онҳоро таъмин менамояд.

Мол (хадамот), корхона дар банди муайяни бозор мавқеи мустаҳкам доранд, барои он ки назар ба молу хадамоти корхонаи дигар афзалияти рақобатӣ доранд.

Афзалияти рақобатии корхона ба ду намуд ҷодо карда мешавад:

- бо хароҷоти паст алоқаманд;
- бо тафриқаи маҳсулоти тавлидшаванда алоқаманд.

Ба андешаи М. Портер корхона бояд дар яке аз шаклҳои афзалиятҳои рақобатӣ қарор гирад, ки ин барои дар рақобат тоб овардан кӯмак мерасонад [2.С.36].

Афзалияти рақобатии корхонаи савдои чакана метавонад аз ҳисоби мақсадҳои бузурги фаъолият ё аз ҳисоби истифодаи робитаҳои зерсоҳавӣ таъмин гардад. Дар ин ҳолат самти фаъолиятро (сектори муайян ё ҷабҳаи васеи фаъолият) муайян кардан лозим аст.

Корхона ҳамчун низоми робитаи мутақобилаи намудҳои фаъолият бояд онҳоро самаранок идора кунад, ки ин ҳам имконияти таъмини афзалияти рақобатиро таъмин менамояд. Амал кардани корхона дар бандҳои гуногуни бозор афзалияти рақобатии корхона ҳисобида мешавад.

Бисёрии корхонаҳо афзалиятҳои рақобатиро аз ҳисоби ҷорӣ ва истифодаи техникаю технологияи инноватсионӣ ба даст меорад.

Р.А. Фатхутдинов қайд мекунад, ки «Афзалиятҳои рақобатӣ метавонанд меросӣ, технологӣ, иттилоотӣ, идоравӣ, табиию иқлимӣ бошанд» [4.С.116].

Ба андешаи мо, рақобатпазирри корхонаи савдои чакана – ин раванди иқтисодии оқилона истифода бурдани захираҳои иқтисодӣ ва ба вуҷуд оварандаи афзалиятҳои рақобатии корхона ва фатҳи мавқеи устувор дар бозори истеъмолӣ дар мебошад.

Мавқеи рақобатии пойдору матин имконияти таъмини рақобатпазирии устувори корхонаро медиҳад.

Ҳамин тавр, дар давраи ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ яке аз унсурҳои асосии механизми бозор рақобат ба ҳисоб меравад, ки ин ба фаъолкунии субъектони хоҷагидор дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мусоидат менамояд.

Дар ин ҳолат, масъалаи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана аҳамияти калон касб мекунад, ки ин амалигардонии комплекси чорабиниҳои барои муносиб кардани механизми иқтисодӣ оид ба ташаккули афзалиятҳои рақобаии субъектони хоҷагидор равонагардидаро талаб мекунад. Дараҷи рақобатпазирӣ аз рӯи омилҳои муҳити дохилӣ ва беруна муайян карда мешавад.

**Адабиёт:**

1. Бобокалони Исомат ва дигарон. Назарияи иқтисод. «ОФСЕТ». Душанбе, 2009. саҳ. 81.

2. Портер М. Международная конкуренция: пер. с анг. / М. Портер. - М.: Международные отношения. 1993. – 896 с.

3. Факеров Х.Н. Потребительский рынок: проблемы регулирования / Х.Н. Факеров. – Душанбе: «Ирфон». 2002. – 153 с.
4. Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособности организации в условиях кризиса. Экономический маркетинг. Менеджмент / Р.А. Фатхутдинов. – 2000. – 280 с.

## НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ДОБЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Ходжаев П.Д. – д.э.н., профессор Таджикского государственного университета коммерции**

В статье дана оценка тенденции инновационного развития добывающей промышленности в Республике Таджикистан. Автором доказано, что современный этап развития национальной Республики Таджикистан ориентирован на ускорение индустриализации экономики в целом, диктующий необходимость выявления значимых факторов, способствующих выработать научно обоснованную стратегию реализации на практике ускоренной индустриализации, обеспечивающей конкурентоспособность промышленных предприятий.

**Ключевые слова:** инновации, тенденции, добывающей промышленности, ускорение индустриализации экономики, стратегия, конкурентоспособность, промышленные предприятия.

В настоящее время наиболее важным становится проблема повышения уровня инновационного развития промышленных предприятий, и, как следствие этого, переход рыночной экономики от ресурсно-сырьевой к качественно новому типу экономического роста - инновационному.

Формирование инновационной экономики Республики Таджикистан и решение проблем эффективного развития промышленности, в нынешних условиях приобретает первостепенное значение. Как известно типы, формы и методы организации производства являются важнейшими категориями, определяющими организацию производства. Несмотря на решение многих теоретических и методических задач, в настоящее время проблемы формирования и эмпирической реализации механизма повышения эффективности организации производственных систем не получили отражение в научных разработках и методических материалах отечественной литературе. В проведенных исследованиях не освещены вопросы единой методики оценки эффективности организации производственных систем.

Инновационное развитие на современном этапе формирует инновационный потенциал промышленной отрасли в целом. Наряду с этим определение основных направлений совершенствования управления инновационным развитием промышленных предприятий является весьма актуальным и значимым для обеспечения ускоренного развития национальной экономики.

Современный этап развития национальной Республики Таджикистан ориентирован на ускорение индустриализации экономики в целом, диктующий необходимость выявления значимых факторов, способствующих выработать научно обоснованную стратегию реализации на практике ускоренной индустриализации, обеспечивающей конкурентоспособность промышленных предприятий.

В Национальной стратегии Республики Таджикистан на период до 2030 года выделены три направления развития: защита уязвимого слоя населения, развитие промышленности, внедрение инновационных и новаторских достижений. На основе трех принципов подготовлено три сценария развития: инерционный, промышленный и промышленно– инновационный. Поэтому создается необходимость при анализе современного состояния промышленности страны совершенствования концептуальных и прикладных основ раскрытию направлений усовершенствования и формирования соответствующего механизма эффективности организации систем в производстве.

По нашему мнению, к ключевым проблемам отечественной промышленности относятся следующие факторы: низкий спрос произведенной продукции; моральный и физический износ основных фондов и инфраструктурных объектов; технологическая отсталость; привлечение банковских кредитов; высокие издержки на единицу продукции; неэффективное использование системы менеджмента.

Интегрирование национальной экономики в мировое хозяйство и усиление глобальной экономики вынуждают отечественную экономическую науку искать совершенно иные научно-методические подходы и рекомендации по важным направлениям эффективного развития промышленности, направленных на полноценное использование потенциалов экономики. Учитывая условия усиления формирования постиндустриальной экономики промышленное развитие целенаправленно обязано опираться на инновационные вызовы мирового хозяйства, с учетом формирования и развития совершенных и стабильных производственных структур, способствующих для обеспечения созданию конкурентоспособной продукции.

Для эффективного создания и использования имеющего ресурсного потенциала страны и преодоления долговременных негативных последствий требуется разработка современных комплексных методов в организации производства, целенаправленное на совершенствование промышленных предприятий, основанных на принципах научных достижений, а также формирование механизма организационных инструментов.

Экономическая значимость успешного развития промышленной отрасли заключается в том, что, во-первых, будут удовлетворены потребности общества в высококачественной продукции, во-вторых разрешится проблема трудоизбыточного населения, в-третьих обеспечится техническое перевооружение и интенсификация производства.

**Таблица 1. Основные показатели, характеризующие промышленность Республики Таджикистан**

| Наименование | Годы | Темпы |
|---|---|---|

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | роста 2014 г. к 2021, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Число промышленных предприятий, всего единиц | 2164 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 110,7 |
| Число предприятий в добывающей промышленности, единиц | 154 | 214 | 232 | 226 | 249 | 250 | 264 | 291 | 188,9 |
| Объем промышленной продукции млн сомони, | 14480 | 16116 | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 | 38829 | 268,1 |
| Добывающая промышленность, млн сомони | 1402 | 1641 | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 599,7 |
| Среднегодовая численность персонала, тыс. чел. | 81,7 | 81,2 | 80,9 | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 104,4 |
| Численность занятых в горнодобываю-щей отрасли, тыс. чел. | 12,1 | 8,7 | 9,7 | 9,6 | 10,2 | 10,1 | 10,2 | 10,3 | 85,1 |

***Источник**: разработано автором на основе данных: Промышленность Республики Таджикистан [Текст]: статистический сборник. – Душанбе: Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан 2010-2021 гг.*

В этой связи нами проведен анализ основных показателей, характеризующих современное состояние промышленной сферы, в том числе цветной металлургии Таджикистана по данным Агентства Республики Таджикистан по статистике за 2014-2021 гг., которое позволит определить место и роль данного сектора в развитии промышленности и экономики страны.

Как видно из данных приведенной таблицы 1, количество промышленных предприятий динамично увеличивается с 2164 единиц в 2014 году, до 2397 единицы в 2021-ом, т.е. на 233 единиц, в процентном соотношении этот показатель составляет 110,7 %. Предприятия добывающей отрасли, аналогично предыдущему анализу имеют положительный динамичный показатель, с 2014 года по 2021 год разница составляет 137 единиц. Объем промышленной продукции в анализируемый период увеличился на 24349 млн сомони, или на 268,1%. Вместе с тем, при росте предприятий добывающей отрасли в 2021 году по сравнению с 2014 годом, объем выпуска вырос на 5.34 раза.

Промышленность, в особенности горнодобывающая, металлургическая, машиностроение, электроэнергетика и химическая, является опорой для продвижения экономики Республики Таджикистан и повышения конкурентоспособности воспроизводства. В своем послании к Маджлиси Милли Маджлиси Оли 22 декабря 2017 года Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отмечал что, «дальнейшее развитие Республики Таджикистан предвидится в индустриальной и инновационной форме», это означает, что развитию реального сектора экономики, а в особенности разви-

тию промышленности будет уделено особое внимание. А также, в этом же послании поставлена задача «довести удельный вес промышленного производства в ВВП страны до 2030 года, до 22%» [1, стр 12].

Достижение поставленной задачи диктует необходимость комплексного анализа и оценки структуры производства по ключевым отраслям промышленности (таблица 2).

**Таблица 2. Структура отраслей промышленности Республики Таджикистана**

| Наименование | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | Динамика изменений % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Промышленность добывающая | 13,3 | 13,5 | 19,9 | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 0,6 |
| Промышленность обрабатывающая | 66,1 | 65,6 | 62,1 | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | -4,4 |
| Производство и распределение электроэнергии, газа и воды | 20,6 | 20,9 | 18 | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 3,8 |

***Источник:*** *Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2020 г.[6.276-277]*

Как показывает динамика развития отраслей промышленности Республики Таджикистан, добывающая промышленность за анализируемый период имеет волатильный характер, и самый высокий показатель приходится на 2017 год. В 2020 году этот показатель идентичен с 2014 и 2015 годами. В то же время доля обрабатывающей промышленности имела тенденцию к снижению (-4,4%).

По нашему мнению, такая динамика развития в добывающей промышленности с 2015 по 2019 гг. связана с тем, что в последние годы развитию данного сектора (отрасли) правительство страны уделяет особое внимание и создает оптимальные инвестиционные условия для развития сектора и привлечения иностранных инвестиций. Подтверждением этого является открытие совместных инвестиционных проектов: таджикско-китайских, таджикско- английских, канадких и американских. Например, СП «Зарафшон», СП «Апрелевка», ТК ООО «Пакрут». А резкий спад данной отрасли в 2020 году связан с эпидемиологической ситуацией как в внутри страны, так и за её пределами. В структуре ВВП доля обрабатывающей промышленности уменьшилась на целых 11,7%. С нашей точки зрения, такая отрицательная динамика развития связана с ухудшением бизнес-климата и предпринимательской активности в стране. Динамика развития распределения электроэнергии, газа и воды в структуре ВВП увеличилась на 5,5%.

Следует отметить, что анализ структуры отраслей промышленности за 2019 год показывает, что на долю добывающей промышленности приходится 17,6% от общего объема промышленной продукции. Из них 16,2% - неэнергетические материалы, а лишь 1,4% - энергетические. В ходе анализа выявлено,

что по сравнению с 2013 годом доля продукции энергетических материалов снизилась на 45%, в то время как доля продукции неэнергетических материалов в общем объеме промышленной продукции увеличилась в два раза.







**Рисунок 1. – Структура добывающей промышленности за 2013 и 2019 годы**

Увеличение доли неэнергетических материалов добывающей промышленности связано с реализацией ряда важнейших инновационных проектов на базе промышленных предприятий, в том числе золотодобывающей промышленности. Именно данный сектор добывающей промышленности – золотодобыча, в последние годы стал объектом инновационного развития. Это, в первую очередь, связано со стабильностью цен на золото. В условиях Таджикистана при дешевой рабочей силе рентабельность производства золота всегда выше, чем в других странах. По оценкам экспертов, себестоимость получаемой унции золота в России составляет около 200 долларов при цене продажи ≈ 1200 долларов. Данный показатель за счет фактора дешевой рабочей силы может быть в десятки раз ниже в Таджикистане.

Следовательно, в целях сохранения тенденции опережающего роста горнодобывающей промышленности в структуре промышленности в целом необходимо развивать процесс освоения сырьевых зон и месторождения, а также обогатительной базы. Республика Таджикистан имеет хорошую сырьевую базу для развития данного комплекса, так как в республике находится достаточно рудных зон и месторождений золотосодержащих, драгоценных и цветных металлов. Такие коренные рудные месторождения как: Кызыл-Чеку, Бургунда, Иккижелон, Джилау, Тарор, Карамазорский рудник, на базе которых осуществляют свою деятельность Адрасманский свинцово-цинковый комбинат, Алтын-Топкан, Чал-Ата, Сардоб, ПайБулак, золоторудное месторождение «Пакрут», Джижикрутское ртутно-сурьмяное месторождение, которое является сырьевой базой Анзобского горно- обогатительного комбината, и другие месторождения.

Отсутствие необходимых технологий и мощностей по производству было основным сдерживающим фактором развития данного комплекса, но в последние годы ситуация в горнорудной промышленности кардинально меняется, так как правительство страны создаёт необходимые льготные условия для привлечения инвестиций.

## Литература

1. Послание Президента РТ к Маджлиси Оли от 22.12.2017 г. – Душанбе: Шарки озод, 2017

2.Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2022 г. стр 276-277

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ САМТИ САНОАТ ДАР ДОИРАИ “ХАРИТАИ РОҲНАМО”

**Сафоев А.К. – д.и.и., дотсенти ДБССТ**

То ҳол дар ҳамаи зинаҳои сохторҳои идоракунӣ чунин ақидае вуҷуд дорад, ки соҳаи саноат ниҳоят серхарҷ ва вақтталаб буда, ба буҷети давлат фоидаи кам ба даст меорад. Аммо, сиёсати ҷиддии таҳлили иқтисодӣ ва ба назар гирифтани тамоми ҷанбаҳои фаъолияти иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки интихоби оқилона ва дурусти усулҳои баҳодиҳии оқибатҳои саноат бо назардошти омилҳои пурраи иқтисодӣ ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ метавонад натиҷаҳои баҳодиҳии баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавиро дар соҳаи саноат ба таври назаррас тағйир диҳад. Муносибати анъанавӣ ба баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ омили саноатиро ба таври кофӣ ба назар намегирад.

Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати идоракунии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ барои интихоби онҳо зарурияти истифода бурдани чунин меъёрҳо мавҷуд мебошад:

- инъикоси стратегияи умумии сиёсати сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҳадафҳо, вазифаҳо ва рушди стратегии соҳа;
- асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ бо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи он;
- масъулияти бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ;
- имкониятҳои кӯмак намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи лоиҳа;
- ба инобат гирифтани оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба назар гирифтани манфиати минтақа дар татбиқи лоиҳа.

Агар дар лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ пурра аз байн бурдани манбаи мавҷудаи таъсири манфӣ ба муҳити иқтисодӣ ба нақша гирифта шуда бошад, вале як ё якчанд манбаи нав бунёд гардад, зарурияти дар лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ маълумот оид ба чорабиниҳои кам кардани ин таъсирҳо дар барномаи мониторинг ва ғайра пешбинӣ мегардад. Чунин чорабиниҳо ба рафъи монеаҳо дар татбиқи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ мусоидат мекунанд.

Айни замон баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сармоягузорон мушкилтар аст. Гузаронидани баҳодиҳии иқтисодӣ ва муайян кардани мутобиқати лоиҳаи сармоягузорӣ ба талаботҳои иқтисодии қонунгузории Тоҷикистон танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар ҳангоми таҳияи он вазорату идораҳои соҳавӣ ҳамроҳӣ карда шуда бошанд. Чун таҷриба нишон медиҳад, маълумоте, ки дар рафти гузаронидани корҳои таҳлилӣ-ахборотӣ аз вазорату идораҳо ба даст оварда шуда

бошанд, ҳангоми омодасозии асосноккунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва қабули қарори сармоягузорони потенсиалӣ дар бораи иштирок дар лоиҳаи сармоягузорӣ хеле муҳим мебошад.

Инчунин, ҳангоми қабули қарор дар бораи истифодаи сарчашмаҳо ва воситаҳои идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аҳамияти онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Вазифаи асосии пешниҳодшудаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои сармоягузориро самараноктар идора ва татбиқ намуда, ба ин васила муносибатҳоро дар ҳама сатҳҳо ва дар ҳама самтҳои соҳаҳои лоиҳаи сармоягузорӣ дуруст намоем.Дар таҳқиқотҳои худ ҳанӯз соли 2015 мо оид ба ташкили комиссияи махсус доир ба интихоб ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод намуда будем ва чунин қайд карда будем, ки «Албатта, барои самараноктар қабул намудани лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар доираи иқтисоди миллӣ аз ҷониби ҳукумат бояд комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ таъсис дода шавад.




**Расми 1. Тартиби қабул ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисоди бозоргонии муосир ва зудтар барқарор кардани он наметавонад комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузориро таъсис диҳад, зеро он ба таври фаврӣ ба ҳама намуди сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ эҳтиёҷ дорад. Таъсиси комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ ба рушди босуръати минтақаҳо ва дар маҷмуъ ба давлат мусоидат хоҳад кард».[4]

Маҳз пешниҳоду таклифҳои илман асосноккардашуда буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №161 ҳайати комиссия оид ба интихоби лоиҳаҳои сармоягузориҳои давлатӣ ҷиҳати ворид намудан ба Барномаи сармоягузориҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда шудааст (ниг. ба расми 1.). Таъсиси комиссияи махсус оид ба интихоби лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятдошта аз бисёр ҷиҳат ба рушди саноатикунони минтақаҳои мамлакат мусоидат намудааст.

Ба комиссияи ташкилгардида, аслан масъулони сохторҳои қудратӣ, вазорату кумитаҳои соҳавӣ шомиланд. Нигаред ба замимаи "Г".

Мақсад аз ташкили комиссия ин таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба самтҳои афзалиятноки миллӣ, амалинамоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ҳадафҳои стратегии гузошташудаи ҳукумати мамлакат, равона намудани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба минтақаҳо аз рӯи таъминоти захиравӣ, ҳамворакунии ҳудудии рушди минтақаҳо аз рӯи таъминоти захиравӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Проблемаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ аз инҳо иборатанд:

- дараҷаи мутобиқати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ба стратегияи умумии рушди давлат;
- мавҷудияти «дастаи идоракунӣ»-и соҳибихтисос, қобилиятнок ва муассир;
- омодагии ташаббускор ба баррасии ошкорои масъалаҳои молиявӣ;
- дастгирии корхона аз ҷониби мақомот;
- ба соҳаҳои афзалиятнок ва мақсадноки рушди давлат дохил намудани лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ;
- барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра.

Меъёрҳои иқтисодии баҳодиҳии ҳар як лоиҳаи сармоягузории минтақавӣ дар асоси принсипҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ таҳия карда мешаванд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонии муосир масъалаҳои баҳодиҳӣ, сифати лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар робита ба ноил шудан ба

[4] Сафоев А.К. Совершенствование механизма управления региональными инвести-ционными проектами (на материала Хатлонской области Республики Таджикистан). [Текст]: Дисс. канд. экон. наук: 08.00.05 / Сафоев Абдумаджид Каримович. – Душанбе, 2016. – С. 31, 125.

ҳадафҳои лоиҳаи сармоягузорӣ ва муваффақияти он аҳамияти куллӣ доранд. Омӯзиши дастгоҳи илмии баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ, ки дар тули якчанд аср дар амалияи ҷаҳонӣ таҳия шуда, имкон медиҳад, ки он на танҳо дар марҳилаҳои корхона, балки дар марҳилаҳои гуногуни рушд ва самтҳои фаъолияти он дар сатҳи давлатӣ муфассалтар муайян карда шавад.

Дар асоси механизми раванди таҳлилии амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мамлакатҳои ҳамҷавор, дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бо омӯзиши татбиқгардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок таъсиси Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатро пешниҳод намудем, ки дар доираи он «Харитаи роҳнамо» ташкил карда шавад.

Ҳамин тавр, «Харитаи роҳнамо» дар худ номгӯи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорие, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат нигаронида шудаанд, дар бар мегирад, ки чунин тақсим шудаанд: а) бо ҷалби маблағгузории беруна ва грантҳо амалӣ шаванда; б) ки барои онҳо ҳуҷҷатҳои пеш аз лоиҳа ва лоиҳаи мувофиқакардашуда бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заруранд; в) таҳияи ҳатмии минбаъда ва мувофиқа бо шахсони манфиатдорро талаб мекунанд; г) дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ татбиқи онро ба нақша гирифтаанд шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Алиджанов, Д.А. Нақш ва аҳамияти саноатикунонии омили таъмини барномаи воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.А. Алиджанов, М.Х. Қаюмова // Ахбори академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - 2022. - №2/1(251). - С. 23-31.;

2. Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми сентябри соли 2021, №358. – 41.;

3. Джурабаев, Г.Дж. Региональная стратегия инновационно-ориенти-рованного развития промышленных предприятий [Текст]: монография. / Г.Дж. Джурабоев. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – 191 с.;

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе аз 19 марти соли 2013. - № 944. - С.4.;

5. Саидмуродов, Л.Х. Основные инструменты защиты национальных интересов Таджикистана во внешнеэкономической деятельности. Угрозы экономической безопасности [Текст] / Л.Х. Саидмуродов. - Душанбе, 2007. - 121 с.

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ

**Тагаев Б.Ш. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Хоҷахонов А.А. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Сафоев А.К. – д.и.и., дотсенти ДБССТ**

Тибқи адабиёти илмии иқтисодӣ имрӯз талабот ба ташкили иқтисодиёти саноатию аграрӣ бо унсурҳои инноватсионӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи гузариш ба стратегияи муосиргардонии босуръатро мегузорад. Ба ҳалли проблемаи мазкур бидуни фаъолнокии босуръати субъектҳои иқтисоди миллӣ, бидуни якҷоясозии тамоми қувваҳо ва воситаҳое, ки дар ихтиёри давлат ва бизнес қарор доранд, ноил гардидан ба ҳадафҳои муосиргардонии иқтисодиёт, пешрафти илмӣ-техникӣ, ташаккул ва истифодаи инноватсияҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ғайриимкон аст [1].

Дар робита ба ин, таҳлили нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат нишон медиҳад, ки гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшид. Он дар навбати худ талаби ташаккули шароитҳои фаъолияти устувор ва рушди минбаъдаи ин соҳаро ба вуҷуд овард.

Ба андешаи мо, яке аз шартҳои асосии рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакат ташаккул ва рушди инфрасохтори мусоидаткунанда мебошад. Маҳз ин омил имкон медиҳад, ки маҷмӯи муносибатҳои сохторҳои ниҳодӣ ва бозорӣ мукаммал гарданд ва онҳо дар навбати худ ба ташаккулёбӣ, рушд ва устувории соҳибкорӣ ҳамчун бахши муҳими иқтисодӣ мусоидат хоҳанд кард.

Вале таҳлили интиқодии нуқтаи назари олимону тадқиқотчиёни гуногун доир ба моҳият ва таъиноти инфрасохтор ба хулосае меорад, ки инфрасохтор ҳамчун комплекси шароитҳои фаъолият ва рушди соҳибкориро дар соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ таъмин менамоянд.

Ба андешаи мо, зерсохторхои таъминкунандаи фаъолияти бозорро ба 4 гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст, ки дар ин ҳолат нақш ва мавқеи ҳар як субъекти он возеҳу равшан мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки элементҳои асосии инфрасохтори бозориро биржаву музоядаҳо, низоми қарзиву бонкҳои тиҷоратӣ, низоми танзими шуғли аҳолӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва воситаҳои робитаи тиҷоратӣ, низоми суғуртакунонӣ ва андозбандӣ, инчунин ширкатҳои аудитиву машваратӣ ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, элементи асосии инфрасохтори классикии бозориро шабакаҳои тиҷоратӣ, биржаҳо ва бонкҳо ташкил медиҳанд ва бо пешрафти техникаву технология ва рушди истеҳсолот элементҳои нав ба нав ташаккул ва рушд ёфтаанд (расми 1.)




**Расми 1. - Нақши инфрасохтори бозорӣ // таҳияи муаллиф**

Маҳз вусъатёбии амалиёти мубодилавӣ дар бозор ва хароҷоти транзаксионии вобаста ба он нақши калидии инфрасохтори бозориро нишон дода, функсияҳои мусоидаткунандаи он амалисозии манфиатҳои иштирокчиёни бозор, афзоиш додани фаврият ва самаранокии фаъолияти субъектҳои бозориро дар заминаи махсусгардонии субъектҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва намудҳои фаъолият, ташкили барасмиятдарории муносибатҳои бозорӣ таъмин менамояд.

Тибқи назарияи муносибатҳои бозорӣ ва рушди соҳибкорӣ, инчунин аз нуктаи назари қонунияти диалектикии умумият, махсусият ва ҷудогона инфрасохтор ҳамчун зербино, асос ва зерсохторест, ки барои ташаккулёбӣ ва рушди сохтори асосӣ хидмат мекунад.

Инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ вобаста ба махсусиятҳои худ дар рушди иқтисоди миллӣ мавқеи муҳимро доро буда, аз сатҳи ташаккул ва рушди он фазои соҳибкориву сармоягузорӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, бе муҳайёсозии инфрасохтори мусоид ноилшавӣ ба рушди босуръати соҳибкориву сармоягузорӣ ва устувории тараққиёти иқтисоди миллӣ ғайримкон мебошад.

Аз ҷониби дигар, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар ҷалб ва истифодаи самараноки сармояҳои дохиливу хориҷӣ аз сатҳу сифати инфрасохтори дастгириву рушди соҳибкорӣ вобаста мебошад.




**Расми 2. - Блок-нақшаи инфрасохтори дастгириву рушди соҳибкорӣ// Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ҳамин тавр, дар сохтори низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар баробари инфрасохтори таъминоти умумӣ, омилҳои илмию техноголӣ ва институтсионалию ҳуқуқӣ инфрасохтори фаъолияти ҷории соҳибкориро мукаммал мегардонанд.




**Расми 3. - Унсурҳои сохтории низоми таъминоти инфрасохтории соҳибкории истеҳсолӣ**

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф, тибқи [40, 83 ва диг.*

Таҳлилҳои мо (расми 3) имкон медиҳанд, ки низоми таъминоти инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба 5 қисматҳои чудогонаи ба ҳам алоқаманд ҷудо карда шаванд. Аз ҷумла, инфрасохтори таъминкунандаи шароитҳои умумӣ вобаста ба таъминоти моддиву маишӣ (истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ) ва ниҳодҳои таъминкунандаи фаъолият, ки метавон ба 2 гурӯҳи инфрасохторӣ: инфрасохтори беруна ва дохилии таъмини фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҷудо намуд. Рушди соҳибкории истеҳсоли аз мавҷудияти инфрасохтори дохиливу беруна ва сатҳи хизматрасониҳо вобастагии калон дорад.

Дар маҷмӯъ, функсияҳои зерини соҳибкориро метавон ҷудо намуд [2] , ки онҳо дар ҳамбастагии байниҳамдигарӣ шароити фаъолият ва рушди соҳибкориро таъмин менамоянд:




**Расми 4.- Функсияҳои соҳибкорӣ**

Бояд зикр кард, ки инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ коркарди механизми илман асосноки ташкилию иқтисодии рушдро бо назардошти муносибгардонии захираҳои молиявию қарзӣ, инсонӣ ва дигар захираҳо, дар асоси роҳандозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки имкониятҳои табиию иқтисодӣ ва тақвияти нақши сиёсати давлатӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ талаб менамояд.

Дар робита ба ин, профессор Фақеров Ҳ.Н. зикр намудаанд, ки зимни таҳқиқи хусусиятҳои мазмунии инфрасохтор равиши методологиро вобаста ба нақш ва мавқеи соҳаҳои инфрасохтор дар чорчӯбаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ намудан зарур аст [3].

Ҳамин тавр, бидуни ташкили механизми дурусти ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат дар заминаи истифодаи иқтидорҳои соҳибкории истеҳсолӣ, таъсири равандҳои мухталиф, иштироки фаъоли сармоягузорон ва созмонҳои

байналмилалӣ дар таъминоти молиявии ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Барҳақ зикр мегардад, ки мавҷуд набудани низоми рушдёфтаи ташкили дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд, ки қобилияти хизматрасониҳои баландсифату арзони иттилоотӣ, молиявӣ ва машваратиро доро мебошанд, ба рушди нобаробари соҳибкорӣ дар ҳамон минтақаву ноҳияҳое, ки инфрасохтори дастгирии он мавҷуд намебошад, мусоидат мекунад [4].

Таҳлилҳои мо собит менамояд, ки тарзу усул ва методологияи арзёбии ҳолати рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар таҳқиқотҳои зиёди муҳақиқону олимон бо таври хос роҳандозӣ гардида, аксаран дар шакли умумигардида, ё ин, ки бо дигар махсусиятҳои ба фазои соҳибкорӣ омехта баён гардидаанд.

Дар баробари саҳми назарраси олимони тоҷик ба андешаи мо, то ҳанӯз назария ва методологияи таҳқиқи инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба таври комплексӣ мушаххас нагардида, танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи он омӯхта шудааст. Дар баробари ин, пешрафти илму техника ва муносибатҳои ҷамъиятӣ аксар вақт боиси пайдошавии масъалаҳои тахқиқотии нав гардида, мукаммалгардонии асосҳои назариявию методологии афкорро талаб мекунанд.

Бояд зикр кард, ки аз оғози давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ то ба имрӯз фароҳамсозии фазои мусоиди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд марҳалаҳоро паси сар карда, консепсия, барнома ва нақшаҳои амал дар ин ҷода қабул ва амалӣ гардидаанд. Дар аксари ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба масъалаи рушди соҳибкорӣ ва зарурати ташаккул ва рушди инфрасохтори зарурӣ муқаррароти дахлдор дарҷ гардидаанд.

Ба андешаи мо, мушкилот дар он аст, ки роҳу усулҳо ва механизмҳои фароҳамсозии инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ пурра мушаххас карда нашудаанд. Аз ин сабаб то ба ҳол амалисозии барномаҳои зикршуда ба ташаккули инфрасохтори муосири қонеъкунандаи талаботи соҳибкорон муваффақ нашудааст.

Илова бар ин ташаккулёбии ниҳодҳои дастгирикунанда ва нигоҳдорандаи соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кӯтоҳ аст, самараи фаъолияти онҳо ба талаботҳои соҳибкорон ва мақсаҳои рушди иқтисодӣ бояд мутобиқ бошанд**.**

Зарурияти системаи нигоҳдории инфрасохтор мавҷуд будани воситаҳоеро дар назар дорад, ки имконияти баҳогузории сатҳи самараноки фаъолият, инчунин сари вақт ба дархостҳо мувофиқат намудани онро нишон медиҳад.

Дар навбати худ, инфрасохтори муосир имкон медиҳад, ки сармояҳои дохиливу хориҷӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт бештар ҷалб карда шаванд.

Мувофиқан, махсусиятҳои фарогирӣ ва мутобиқшавии баланди соҳибкории хурду миёна дар истеҳсолот барои ҳалли масъалаҳои стратегии мутавозунсозии нобаробариҳои рушди минатқаҳои кишвар мусоидат мекунад.

Тибқи нуқтаи назари коршиносону олимон ба соҳибкории истеҳсолӣ машғул будани аҳолии кишварҳои рушдкарда, барои ташаккулёбии табақаи миёнаи устувори аҳолӣ кӯмак мерасонад ва маҳз ин омил боиси устувории вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар иқтисодиёти миллӣ мегардад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аҳамият ва нақши бузурги бахши соҳибкориро дар иқтисодиёт собит менамояд. Аз ҷумла, саҳми бахши хусусӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) кишварҳои ИМА, Чин, Ҷопон ва кишварҳои Аврупо дар сатҳи аз 50 то 70 % мебошад [5].

Барои баланд бардоштани саҳми соҳибкории истеҳсолӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии (ММД) Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд системаи нигоҳдории инфрасохторе ташаккул ва рушд дода шавад, ки тавассути маҷмӯи ниҳодҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратии байни ҳам ҳамкорӣ дошта ва хизматрасониҳои гуногун инчунин муҳит ва шароити мусоиди фаъолияткунӣ ва рушди корхонаҳои хурду миёнаро таъмин менамоянд.

**Адабиёт**


1. Саидмурадов Х.Л. Стратегические ориентиры развития национальной экономики Таджикистана // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2017. -№3 (53). - С. 19
2. Деликов Т.Г. Формирование и развитие системы инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности. -Элиста, 2005.- С.19.
3. Факеров Х.Н. Формирование и развитие рынка потребительских товаров в условиях переходной экономики: автореф. дис... докт. эконом. наук. - Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, -2004. -С.37.
4. Султанов З.С., Насиров Н.Н., Асророва З.И. Предпринимательство (малое): состояние, проблемы и перспективы развития в Республике Таджикистан. – Эл.ресурс. –Режим доступа: http://www.aot.tj/public/userfiles/Postanovlenie/%D0%A1%D0%9D%D0%97.doc
5. Пак Санг-Чул Может ли торговля способствовать преодолению экономического кризиса? Опыт Республики Корея, Китая и Японии по формированию региональных соглашений о свободной торговле (сСт), мегаССТ (Всеобъемлющее региональное экономическое партнерство (ВРЭП) и Транстихоокеанское партнерство (ттп)) // Вестник международных организаций: образование, наука, новая экономика, 2017.-№2.


## КАРТОШКАПАРВАРӢВА САБЗАВОТКОРӢ АСОСИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

**Қосимов Т.А. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Солимии ҷомеъа аз истеъмоли маводҳои озуқавории серғизо вобаста аст. Аз ин лиҳоз тибби имрӯза барои шахсони калонсол меъёри неруи 3055 ккал. ғизоро муайян намудааст. Тавлидкунандаи нерӯи ғизо асосан сафедаҳо, карбогидратҳо, қандҳо ва чарбҳо мебошанд. Дар баробари ин боз барои муътадил гузаштани мубодилаи моддаҳо дар бадани инсон дигар унсурҳо, ба монанди витаминҳо, ферментҳо, макро ва микроэлементҳо заруранд, ки аз

нарасидани онҳо бадани инсон носолим мегардад. Ин унсурҳо бештар дар таркиби меваю сабзавот мавҷуданд. Бинобар ҳамин меваю сабзавот маводи асосии ғизоӣ ба ҳисоб мераванд.

Мисол, таркиби хуроки шабонарӯзии одами солим бояд ба ҳисоби миёна 80 г сафеда, 80-90г равған, 400-500г ангиштобҳо, 0,1г витаминҳо, 20г моддаҳои маъданӣ ва микроэлементҳо, 25% нахҳои ғизоӣ ва ғайра доштa бошад. Аз ин 40-50% сафеда ва 30% равғанҳо бояд растанигӣ бошанд.

Таҳрезӣ намудани нақши таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ муайян намудани сабади истеъмолии мардумро аз муқарароти меъёри физиологӣ талаб мекунад.

Имрӯз сабади истеъмолии мо 80,2 кг меваю ангур, 102,4 кг сабзавот ва полизӣ, 95,0 кг картошка ё мутаносибан дар як шабонарӯз 200, 280,198 г-муқарар шудааст. Мувофиқи ин муқарарот бояд ҳар сол зиёда аз 570 ҳазор тонна меваю ангур ва 820 ҳазор тонна сабзавоту полизӣ ва 800 ҳазор тонна картошка истеҳсол намоем. Соли 2015 – 503082 тонна меваю ангур, (мутаносибан 299276,5 тонна ва 203806,3 тонна), сабзавоту полизиҳо 1549 000 тонна ва 853 000 тонна картошка истеҳсол шудааст, ки мутаносибан 66,3 – 193,6-106,7 кг ба сари як нафар одам рост меояд, ки ин аз он меъёри муайяншуда 13,9 кг мева кам истеҳсол шудааст.

Дар давлатҳои тараққикарда бар сари ҳар як шахс: Германия- 126 кг, ИМА-127 кг, Фаронса – 135 кг, Италия – 187 кг мева истеҳсол карда мешавад.

Федератсияи Руссия бошад 35 млн тонна бо маблағи 45 млрд рубл мева харидорӣ мекунад.

Вобаста ба афзоиши солонаи аҳолии Ҷумҳурӣ, 2,0-2,2 %, ки дар соли 2023 шумораи аҳолӣ ба 10,2 миллион мерасад, барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз рӯи меъёрӣ ақлии физиологӣ имрӯз муқарар гашта, зарур аст, ки истеҳсоли меваю ангурро ба 714000 т, сабзавоту полезиҳоро ба 911360 т ва картошкаро бо назардошти 130000 т тухмӣ ба 975,500 т расонем.

Аз нишондодҳои ҷадвал бармеояд, ки имрӯз норасогии маҳсулотҳои алоҳида ба монанди себу нок, 44,2 %, чормағзиҳо 83,1%, ситрусиҳо 84,5 %, карам 9%, тарбузу харбуза 93,8% ташкил медиҳад. Бинобар ин дар 5 солаи оянда дар бахши боғдорӣ бештар ба афзоиш додани себу нок, чормағзиҳо (чормағз, бодом, писта, пекан, фундук) ва ситрусиҳо (лиму, мандарин, афлесун) дар бахши сабзавоту полизиҳо парвариши карам, тарбуз ва харбузаро васеъ ба роҳ монем.

Шароити иқлими ҷумҳурӣ имкониятҳои зиёди парвариш ва истеҳсоли меваю ангур, зироатҳои сабзавотю полизӣ ва картошкаро доро мебошад. Ҳадафи қабули Барномаҳои Ҳукуматӣ оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ, картошкапарварӣ аз ҳамин иборат мебошад.

**Нақшаи талаботи сабати истеъмолии ба маҳсулотҳои асосии меваю сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 вобаста аз афзоиши солонаи аҳоли 2 %, мувофиқи муқарароти ақлии физиологии солона**

| Номгӯи меваю сабзавот | Меъёри ақалии физиологии солона ба 1 нафар,кг | Истеҳсол дар соли 2021,т | | Ба сари як нафар, кг | Таъминот, % | Талабот дар соли 2021 ҳазор т. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳосилнокӣ , с/га | Истеҳсол, т | | | |
| Меваю ангур | 80,2 | | 530104 | 66,3 | 82,7 | 714 |
| Себ | 36 | 41,5 | 160385 | 20,1 | 55,8 | 320,4 |
| Нок | 6 | | | | | 53,4 |
| Донакдорон | 13 | 34,4 | 152958 | 19,1 | 146,9 | 115,7 |
| Чормағзиҳо | 3,2 | 17,3 | 4327 | 0,54 | 16,9 | 28,5 |
| Ситрусиҳо | 4 | 153,8 | 4968 | 0,62 | 15,5 | 35,6 |
| Ангур | 18 | 61,1 | 188836 | 23,6 | 131,1 | 160,2 |
| Сабзавоту полизиҳо | 102,4 | | | | | 911,36 |
| Пиёз | 12 | 269,7 | 453360 | 56,7 | 472,5 | 106,8 |
| Карам | 10 | 246,0 | 78029 | 9,8 | 98,0 | 89,0 |
| Сабзӣ | 12 | 256,4 | 326181 | 40,8 | 340,0 | 106,8 |
| Помидор | 20 | 257,4 | 356002 | 44,5 | 222,5 | 178,0 |
| Бодиринг | 10 | 223,2 | 129926 | 16,2 | 161,0 | 89,0 |
| Тарбуз | 10 | 229,4 | 49526 | 6,2 | 31,0 | 89 |
| Харбуза | 10 | | | | | 89 |
| Картошка | 95,0 | 236,0 | 853739 | 106,7 | 112,0 | 855 |
| | | | +тухмӣ | | | 130,0 |
| | | | | | | 975,5 |

Барои амали гардонидани нақшаҳои дар пеш истода, пешниҳодҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- дар асоси низоми илман асоснок ба роҳ мондани боғпарварӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ дар ноҳия;
- бо мақсади таъмин намудани хоҷагиҳои самти фаъолияташон гуногунҷабҳа бо ниҳоли дарахтони мевадиҳанда (асосан себ, нок, чормағз, бодом, пекан, ангур ва зироатҳои субтропикию ситрусӣ - анор, лиму, афлесун, грейпфрут ва тухми зирооатхои сабзавотӣ) дар ноҳия барқарор кардани хоҷагии ниҳолпарварӣ ва ташкил кардани хочагии тухмипарварии зироатҳои сабзавотӣ;
- афзун гардонидани майдони кишти зироатҳои сабзавотӣ ва картошка, хусусан барои махсулоти барвақтӣ барои содирот ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо;
-бо мақсади таъмини сабади истеъмолӣ дар давраи зимистону аввали баҳор бо сабзавоти маҳаллӣ, бунёд кардани гармхонаҳои замонавӣ;
- истифодаи навъҳои офаридаи олимони Институти боғпарварию сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон вобаста аз шароити агроиқлимӣ.

Пешрафти ояндаи соҳаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ ташкил намудани системаи тухмипарварии маҳаллӣ дар минтақаҳои кӯҳсор вобастагии зич дорад. Ба роҳ мондани корҳои селексионӣ ва истеҳсоли тухмии аълосифат омилҳои ҳалкунандаи пешрафти соҳаи мазкур ба шумор меравaнд. Алалхусус, дар минтақаҳои кӯҳсори мамлакат ба барои ба роҳ мондани системаи тухмипарварии бевирусии картошка, ки яке аз омилҳои асосии ба даст овардани ҳосили баланди ин зироат ба шумор меравад бояд аҳамияти хоса дода шавад.

Тухмии аълосифат тавре қайд гардид, яке аз омилҳои асосии ба даст овардани ҳосили баланди картошка ба шумор меравад. Барои баланд бардоштани сифати тухмӣ ва ташкил намудани сохтори (системаи) тухмипарварии картошка корҳои зиёди илмӣ ва амалиро ба ҷо овардан зарур аст. Тухмипарварӣ давоми корҳои селексионӣ буда, барои нигоҳдории дуру дарози навъҳои картошка дар шароити истеҳсолот мақоми ҳалкунандаро мебозад. Аҳамияти системаи тухмипарварӣ дар сурате таъмин мегардад, ки он дар асоси талаботи илм ва таҷрибаи пешқадам дар минтақаҳои салқину ҷудогонаи манотиқи кӯҳистон ташкил карда шавад.

Картошка яке аз зироатҳои заруриест, ки дар таъмини бехатарии озӯқаворӣи мамлакат саҳми арзандаро ишғол намуда, барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва паст гаштани сатҳи камбизоатӣ нақши босазоро мебозад.

## КАРТОШКАПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ АСОСИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Дар мақолаи мазкур рушди соҳаи кишоварзӣ, аз он ҷумла боғу токпарварӣ, сабзавоткорӣ ва картошкапарварӣ, имкониятҳои зиёди парвариш ва истеҳсоли меваю ангур, зироатҳои сабзавотю полизӣ, инчунин истеҳсоли махсулоти барвақтӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо баррасӣ шудааст.

**Калимаҳои калидӣ:** картошкапарварӣ, мева, сабзавот, озуқаворӣ, боғпарварӣ, рушд, кишоварзӣ, содирот, ҳосилнокӣ, хоҷагии ниҳолпарварӣ.

## КАРТОФЕЛЕВОДСТВО И ОВОЩЕВОДСТВО ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В данной статье рассматриваются вопросы развитие отраслей сельского хозяйства, в том числе садово-виноградарства, овощеводства картофелеводства, значительные возможности для выращивания и производства фруктов и винограда, овощных и бахчевых культур, а также производство ранней продукции и повышения их урожайности.

**Ключевые слова**:картофеловодства, фрукты, овощи, продукты питания, садоводство, развитие, сельское хозяйство, экспорт, урожайность, питомники.

## POTATO AND VEGETABLE CULTIVATION BASIS FOR ENSURING FOOD SECURITY

This article deals with the development of agricultural sectors, including horticulture, vegetable growing of potato growing, significant opportunities for growing and production of fruits and grapes, vegetables and melons, as well as the production of early products and increasing their yield.

**Key words:** potato growing, fruits, vegetables, food, gardening, development, agriculture, export, yield, nurseries.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Қосимов Т.А.- муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, тел. +992 918 94 02 72.

**УДК 6П8**
**ББК 36**

Г-245

# ВНЕДРЕНИЕ "ЗЕЛЕНОЙ" ЭКОНОМИКИ В ИНДУСТРИАЛИЗАЦИЮ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Гафурова Ф.К. - старший преподаватель Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции Республика Таджикистан**

В последние десятилетия в международных документах термины «зеленая энергетика», «зеленая промышленность», «зеленые рынки», «зеленые рабочие места» и другие часто употребляются со словом «зеленые». Даже в некоторых источниках упоминается термин «зеленые инновации», под которым понимаются новые технологии с минимальным воздействием на окружающую среду. В том числе альтернативные возобновляемые источники энергии как вода, солнце, ветер, электромобили, биологическое топливо и др. В целом понятие «зеленая экономика» включает в себя такую экономическую систему, при которой экологически чистые и экономически эффективные технологии должны стать основой устойчивого экономического развития. Традиционная экономика, как известно, включает в себя труд, технологии и ресурсы и пытается производить потребительские товары, а «Зеленая экономика», напротив, должна вернуть отходы в производственный цикл, снизить негативное воздействие отходов на окружающую среду, минимизировать уровень риска для окружающей среды и деградации экологической системы до необходимого уровня [5.с.1].

В настоящее время процесс "зеленой" экономики в мире описывается как целостная система отношений и разделяется на следующие принципы:

- принцип справедливости (равный доступ к природе);
- принцип уважения (во имя процветания и благосостояния);
- принцип бережливости (расчет территориальных нагрузок на планету);
- принцип участия (широкое участие в принятии решений);
-принцип надлежащего управления (подотчетность);
-принцип устойчивости (достижение экономической, социальной и экологической устойчивости);
- принцип эффективности (устойчивое производство и потребление);
- принцип связи поколений (инвестиции в будущее). [4.с.3].

Процесс перехода к "зеленой" экономике укреплен в рамках Парижского соглашения, принятого на Саммите ООН по изменению климата 12 декабря 2015 года, предусматривающего выделение развитыми странами 100 млрд. долларов для решения экологических проблем в развивающихся стран, а также стран, продвигающих "зеленую" экономику. Следовательно, работа Глобального Института Зеленого Роста (GGGI), созданного в ходе Конференции ООН по устойчивому развитию в рамках «Рио+20» направлена на ускорение перехода стран к зеленому экологически устойчивому и социально инклюзивному росту. Наряду с внедрением "зеленой" экономики в мире должны быть реализованы следующие приоритетные направления экономики:

- рациональные модели потребления и производства;
- экологизация производства и рынка;
- устойчивая зеленая инфраструктура;
- экологическое налогообложение и бюджетная реформа;
- инвестиции в природный капитал;
- использование показателей экологической эффективности.

Процесс "зеленой" экономики, сформировавшийся за последние два десятилетия, должен обеспечить сбалансированное согласование трех аспектов развития - экономического, социального и экологического.

Важными чертами «зеленой экономики» являются: эффективное использование природных ресурсов, сохранение и увеличение природного капитала, уменьшение загрязнения, минимизация антропогенных нагрузок на экосистему, низкие углеродные выбросы, предотвращение утраты экологических системных услуг и биоразнообразия, рост доходов и занятости. В более простом понимании «зеленая экономика» — это экономика с низкими выбросами углеродных соединений, эффективно использующая ресурсы и отвечающая интересам всего общества. При такой модели экономики должен сохраняться, увеличиваться и восстанавливаться природный капитал как важнейший экономический актив и источник общественных благ.

Следует отметить, что в очередном Послании Основателя мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона данные моменты должным образом отмечены представителям Маджлиси Намояндагон от 28 декабря 2023 года. Среди них Лидер нации в качестве приоритетных направлений предложил следующие: формирование «зеленой экономики», ускорение процесса цифровизации экономики, развитие человеческих ресурсов, повышение конкурентоспособности отечественной продукции, усиление экспортных возможностей страны и повышение качества социальных услуг и др.

В последние годы изменение климата стало первоочередной проблемой глобального масштаба, а также поставило Таджикистан под свое негативное влияние. Ежегодно в нашей стране стихийные бедствия, в том числе засухи, наводнения, лавины и оползни, наносят большой ущерб населению и экономике страны. Именно поэтому “зеленую экономику” иногда оценивают как борьбу с изменением климата и как выход из мирового финансово-экономического кризиса. Формирование конкурентоспособной национальной промышленности и на этой основе повышение качественного уровня всей национальной экономики и обеспечение повышения благосостояния народа является главной целью ускоренной индустриализации страны.

В Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона "Об основных направлениях внутренней и внешней политики страны" ускоренная индустриализация страны провозглашена четвертой национальной и стратегической целью страны для обеспечения перехода экономики страны от аграрно-промышленной модели к индустриально-аграрной и с учетом значимости промышленности в решении социально-экономических вопросов. Для

достижения этой цели были приняты «Стратегия промышленного развития Республики Таджикистан на период до 2030 года» и Программа ускоренной индустриализации Республики Таджикистан на 2020-2025 годы. В связи с этим, в очередном послании Президента Республики Таджикистан от 26 декабря 2021 года, 2022-2026 годы были объявлены "Годами развития промышленности".

В Республике Таджикистан в 2022 году была принята «Стратегия развития зеленой экономики на 2023-2037 годы», которая увязана со стратегическими целями страны по обеспечению энергетической независимости, эффективное использование чистой электрической энергии, выход страны из коммуникационного тупика и превращение ее в транзитную страну, обеспечение продовольственной безопасности и доступа к качественным продуктам питания населения, ускоренная индустриализация и расширение продуктивной занятости [1.14].

Предполагается, что именно эффективное использование возобновляемых источников энергии, больше всего гидроэнергетики, которые считается как «зеленая энергия», способствует развитию «зеленой экономики» в республике. Использование возобновляемых источников энергии, в особенности водных ресурсов, считается одним из основных источников выработки «зеленой энергии» и развития «зеленой экономики». Особое место в природоохранной деятельности и развитию «зеленой экономики» республики занимают вопросы изменения климата, под воздействием которого, по оценкам экспертов, ледники сократились на 30% по площади и на 20% по объему льда. Следует отметить, что обеспечение безопасными водными ресурсами является одним из основных элементов национального богатства страны и важным фактором, влияющим на развитие «зеленой экономики». При эффективном использовании водных ресурсов должен быть внедрен совершенно новый принцип межгосударственных отношений.

Основными проблемами данного направления, усложняющие ход промышленной индустриализации государства могут быть следующие:

- недостаточное использование современных энергосберегающих и безотходных технологий в Республике Таджикистан;
- проблемы хранения и переработки твердых бытовых и промышленных отходов;
- недостаточность экологических нормативов применительно к деятельности добывающих и перерабатывающих производств;
- относительно низкий уровень экономического менеджмента на промышленных предприятиях;
- использование устаревшего и энергоемкого оборудования на некоторых промышленных предприятиях;
- техническая и технологическая отсталость и высокий уровень материального и морального устаревания промышленного оборудования на предприятиях, построенных до обретения независимости страны;
- недостаточная промышленная переработка экологически чистой сельскохозяйственной продукции;
- недостаточный уровень конкурентоспособности и диверсификации промышленной продукции;

- отсутствие высококвалифицированных специалистов, таких как руководители высшего и среднего звена со знаниями в области "зеленой" экономики;

- недостаточный уровень внутренней региональной кооперации и развития кластерных связей, связанных с безотходным производством.

В рамках реализации цели ускоренной индустриализации страны и внедрение "зеленой" экономики в промышленности Республики Таджикистан планируется, что к 2030 году доля промышленности в ВВП достигнет 30 процентов, в течение до 2026 года планируется создать более 870 промышленных предприятий в среднем 175 предприятий в год и увеличить объем промышленного производства до 95 миллиардов сомони.

Для достижения вышеупомянутых целей в республике в целом следующие виды работ:

- строительство гидроэлектростанций «Рогун», «Себзор» и реконструкция существующих электростанций.

- ускорение технического обоснования и проектирования гидроэлектростанции «Шуроб» мощностью 1000 мегаватт на реке Вахш, «Санобод» мощностью до 500 МВт в три этапа река Пяндж — часть Рушанского района и «Чарсем» на реке Гунд Шугнанского района мощностью 14 МВт с учетом строительства ЛЭП и других необходимых инфраструктурных объектов для передачи и распределения электроэнергии.

- реализация проектов строительства ЛЭП CASA-1000, принятие мер по увеличению экспорта электроэнергии до 10 млрд квтч в ближайшие 7 лет.

- реализация государственных инвестиционных проектов в направлении снижения потерь электроэнергии и достижения показателя не более 9% потерь обеспечение своевременного и качественного привлечения отечественного и иностранного капитала и использование механизма государственно-частного партнерства для решения этой проблемы.

- для достижения целей Стратегии развития «зеленой экономики» построить электростанции, использующие возобновляемые источники энергии, и обеспечить к 2030 году не менее 1000 мегаватт мощностей по производству альтернативной «зеленой энергии», то есть с использованием природных ресурсов солнца и ветра.

- усилить работу по переходу на энергосберегающее оборудование на объектах экономики, социальной сферы, производства и связи страны, соблюдению высокой культуры использования электроэнергии.

При этом, по мнению Лидера нации, третий агрегат Рогунской ГЭС будет введен в эксплуатацию в 2025 году. Всего, как следует из Послания этого года, в 2023 году на эти цели из государственного бюджета было выделено более 5 миллиардов сомони, и сейчас на этом важном объекте века трудятся 15 тысяч специалистов и рабочих, и функционируют 3,5 тысячи строительной техники.

По экспертным оценкам, потенциал солнечной энергии Таджикистана составляет около 25,16 млрд. кВт/часов в год, что обеспечивает 10-20 процентов потребности национальной экономики в энергии и 60-80 процентов общих потребностей населения не менее чем на 10 месяцев в году по всей территории страны. В ближайшем будущем Таджикистан, используя свой потенциал для производства

электроэнергии из возобновляемых источников, может стать четвертым по величине производителем энергии из возобновляемых источников в мире. Таджикистан также имеет потенциал для развития органического сельского хозяйства, электрического транспорта и инфраструктуры, а также "зеленой" торговли с учетом потребностей мировых рынков.

По экономическому направлению целями являются повышение качества экономического развития, развитие зеленых технологий и инноваций, экологически устойчивое развитие экономики, создание новых рабочих мест и рост зеленых инвестиций. По социальному направлению нацелено на повышение благосостояния, обеспечение доступа к основным продовольственным непродовольственным товарам и услугам, а также транспортным, строительным, жилищно-коммунальным услугам, влияющим на благосостояние населения и его долголетие. Экологический аспект связан с сохранением природного капитала, повышением качества экологических услуг, снижением выбросов углерода ($CO_2$), обеспечением эффективного использования энергии и повышением экологической культуры. Единство этих трех направлений "зеленой" экономики может не только обеспечить устойчивое развитие в Республике Таджикистан, но и в определенной мере способствовать восстановлению, поддержанию и приумножению природного капитала страны, росту ВВП, уровня жизни и адаптации к изменению климата.

В целом в Таджикистане функционируют 308 ГЭС, в том числе 12 средних и крупных ГЭС, 12 малых и средних ГЭС на балансе ОАО "Памир Энерджи" и к энергосистеме ОАО "Памир Энерджи" подключены 284 малых ГЭС и 1 солнечная электростанция. Производство электроэнергии в стране в 2022 году составило 20623,8 млн. КВт/ч, в том числе в ОАХК "Барки Точик" 15919,4 млн. кВт/часов (без малых ГЭС), ОАО "Сангтуда-1" 2221,3 млн кВт/ч, ОАО "Рогунская ГЭС" 1482,9 млн кВт/ч, ОАО "Сангтудинская ГЭС-2" 784,7 млн кВт/ч, ОАО "Памир-Энерджи" 198,8 млн кВт/ч и в малых ГЭС 16,7 млн. кВт/ч.

По оценкам дополнительные ресурсы и потенциал возобновляемых источников энергии (гидроэнергоресурсов малых рек, солнечной, ветровой и геотермальной (исключая крупные гидроэлектростанций) по технико-экономической целесообразности составляет более 35700 МВт (с возможностью производства 110 млрд. кВт/часов электроэнергии в год), в том числе мощности малых рек по строительству малых ГЭС 32,5 тыс. МВт, потенциал солнечной энергии 500 МВт, потенциал энергии ветра для строительства электростанций 1900 МВт и потенциал энергии биомассы для строительства электростанций достигнет 800 МВт. С реализацией крупных проектов по строительству и реконструкции энергетических объектов страны, в том числе по строительству Рогунской ГЭС и реконструкции ГЭС "Норак", "Сарбанд" и "Кайраккум", в течение ближайших 7 лет энергетический потенциал страны увеличится на 4000 МВт и достигнет 10000 МВт. Для достижения указанных результатов будут широко использованы и другие возобновляемые источники энергии, в том числе солнечной и ветряной, и в ближайшие 5 лет будут реализованы 3 проекта общей мощностью 260 МВт, а к 2030 году эта мощность достигнет 800 МВт.

Ожидается, что в этой области будет приведено законодательство в области энергетики в соответствие с принципами "зеленой" экономики, будут приняты соответствующие подзаконные нормативные правовые акты, нормы, стандарты и программы, а также:

мощность производства электроэнергии в стране из возобновляемых источников энергии (солнечная, ветровая и биоэнергия) увеличится на 10 процентов;

удвоится выработка электроэнергии из возобновляемых источников энергии;

Таджикистан станет крупным экспортером электроэнергии в регионе (до 10 млрд. кВт/часов в год);

в ближайшие семь лет энергетический потенциал страны будет увеличен до 10 000 МВт;

будут приняты государственные стандарты в области энергетики и снижены общие потери электроэнергии на 10 процентов;

мощность выработки солнечной энергии будет увеличена до 800 МВт.

увеличится привлечение прямых иностранных инвестиций для обеспечения энергетической эффективности и энергосбережения;

## СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ:

1. Агентство по статистике при Президенте РТ. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан: январь-декабрь 2022 года, с. 215.
2. Отчет Правительства Республики Таджикистан: Зеленое развитие для всеобщего процветания. Добровольный национальный обзор Таджикистана. Душанбе, 2023
3. Отчет МЭиВР РТ «Прогресс в реализации программы реформы водного сектора Таджикистана и дальнейшие шаги по реализации реформы», 2023
4. Стратегия развития "зелёной" экономики в Республике Таджикистан на 2023-2037 годы. Приложение 1 к постановлению Правительства Республики Таджикистан от "30" сентября 2022 года, №482
5. Исайнов Хисаин Рахимович. д.э.н., профессор, статья «Зеленая экономика» Таджикистана: современное состояние и перспективы развития. 24.01.2024

# СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАКУНИИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Почоева М.А. - муаллими калони ДИС ДДТТ**

Истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» (Digital Economy) нахустин маротиба солҳои 90-уми асри гузашта дар Ҷопон ба вуҷуд омадааст. Бо мурури замон ин вожа дар ҷаҳони Ғарб, ба хусус ба Аврупо роиҷ гардид ва баъдтар ҳамчун илми ҷудогона омӯхта шудааст. Соли 1995 асари бузургҳаҷм зери унвони «Иқтисоди рақамӣ» («The Digital Economy: Promise and Peril in the Age of Networked Intelligence») аз тарафи олими англис Дон Тэпскот чоп шудааст. Асари мазкур таҳлилҳои навтарини иқтисодӣ ва тиҷоратиро дар бар мегирад.

Дар ҳар давру замон ҳар фарди ҷомеа пайваста барои беҳтар ва хубтар намудани зисту зиндагӣ кӯшишҳои зиёдро ба харҷ медиҳад. Барои осон намудани сатҳи зиндагӣ технология ва самтҳои афзалиятноки он хизмати беандоза калонро дорад. Технология ҳамчун илми ҷудогона дар асрҳои XVIII-XIX дар Аврупо, Амрико, Олмон, Шветсария, Ҷопон, Чин (Хитой), Русия ва дигар абарқудратони ҷаҳон ба баландтарин қулла расид.

Бояд қайд кард, ки технологияро барномаҳои рақамӣ (Digital Programs) вусъат мебахшанд. Барномаҳои рақамӣ натанҳо дар технология, балки дар тамоми соҳаҳо, ба мисли иқтисодиёт, саноат, илм ва ғ. нақши муҳим мебозад.

Ҳангоми истифодаи пурраи ҳамаи «барномаҳои рақамӣ» раванди «иқтисоди рақамӣ» низ ҳалли худро низ меёбад. «Иқтисоди рақамӣ» бо номҳои дигар, ба мисли «иқтисоди интернетӣ», «иқтисоди нав» ё «иқтисоди электронӣ» низ маълум аст.

Инчунин дар заминаи масъалаи мазкур олими амрикоӣ Томас Месенборг 3 нуқтаи муҳимро зикр кардааст:

Иқтисоди электронии саноатӣ (E-business infrastructure) – компютерӣ, телефонӣ ва ғ.)

Иқтисоди электронии онлайн (раванди доштани алоқа бо ширкат, созмон ва дигар сохторҳои давлатӣ, хусусӣ ва ғайрдавлатӣ ва ғ.)

Иқтисоди электронии молу маҳсулот (фурӯши китобҳои электронӣ, либос, хӯрока ва ғ.)

Дар баробари дигар давлатҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ барои баланд бардоштани сатҳи аҳолии кишвар талош меварзад. Дар зарфи 30 соли истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист қисми зиёди сохторҳои давлатиро ба барномаҳои рақамӣ иваз намояд. Дар айни замон пурра иваз намудани барномаҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ба назар мерасад. Вазорати иқтисод ва савдои назди Президенти ҶТ тавонист тибқи барномаи мазкур дар тамоми бонкҳои давлатӣ ва ғайрдавлатӣ (хусусӣ) пардохти ғайрнақдиро ба роҳ монад.[6]

Соли сипаришуда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳои қатъӣ дода, таъкид намуданд: «Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад».

Дар замони истиқлолият аз ҷониби давлату Ҳукумат ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардида, то имрӯз ба соҳибкорону сармоягузорон зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод карда шуданд ва шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1, муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3-5 рӯз

кам карда, ба таври ройгон ба роҳ монда шуд.

Ҳамчунин, то охири соли соли 2022 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давоми 24 соат, аз ҷумла ба тарзи электронӣ ба роҳ монда шавад.[2,21.12.2021с.]

Соҳибкорй ин шакли фаъолияти пурғайрату ташаббускоронаи шаҳрвандони алоҳида ё гуруҳҳо ва корхонаҳо оид ба истеҳсол ва фуруши молҳо ва хизматрасонй мебошад, ки ба онҳо талабот ниҳоят зиёд аст. Соҳибкорй асосан барои ба даст овардани фоида равона шудааст, аммо метавонад дар назди худ дигар мақсадҳо низ гузорад.

Фаъолияти соҳибкорй бештар дар шароити номуайян ва таваккалй ҷуръати зиёд ба амал бароварда мешавад, он кушишу ғайрат ва ҷидду ҷаҳди беандозаро тақозо мекунад. Соҳибкорй талаб мекунад, ки пеш аз ҳама муомилаҳои алоҳида дар муддати нисбатан кутоҳ ба амал бароварда шаванд.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити муосир дар асоси таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” танзим карда шуда, мувофиқи он ин фаъолият ба соҳибкории хурд, миёна ва бузург тақсим мешавад.

Нисбат ба дигар намудҳои соҳибкорӣ соҳибкории хурду миёна хусусиятҳои хоси худро дорад ва дар таҷрибаи ҷаҳонӣ васеъ истифода мешавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ истифодаи ин таҷриба барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад, зеро имконият медиҳад, ки шароитҳои мавҷударо ба назар гирифта, самаранокии иқтисодии истеҳсолотро афзун гардонад. [5, С.222]

Соҳибкорӣ бо мафҳуми моликият робитаи зич дорад, ки қобили қайд аст, зеро вазифаҳои соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, дар асоси механизми муносибатҳои моликиятӣ амалӣ мегарданд. Ба воситаи соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, шуғли аҳолӣ, афзоиши истеҳсолоти рақобатпазир, рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъмин карда мешавад. Рушди соҳибкорӣ сарчашмаи асосии даромад ва воситаи инкишофи қобилияти эҷодиву зеҳнии одамон буда, ҳамзамон бо ин, ташаккулдиҳандаи, табақаи миёнаҳоли аҳолиро, ки нерӯи асосии тараққиёти иқтисодӣ мебошад, фаро мегирад.

Дар "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030" Ҳукумати Тоҷикистон рушди бахши хусусӣ ва сармоягузориро яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисод муайян карда, ба он пайваста таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд.[3, 05.02.2017с.]

Хусусигардонии моликияти давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҷараёни мушкил ва мухолифатнок ба мушоҳида мерасад, ки таҳлили ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ инро нишон медиҳад. Корхонаҳои хусусигардонидашуда на ҳама вақт самаранок фаъолият менамоянд. Дар натиҷаи баамалбарории сиёсати хусусигардонии моликияти давлатӣ гарчанде дар соҳаҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ (соҳаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишии аҳолӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, нақлиёти мусофиркашонӣ) сектори хусусӣ ташаккул ёфта бошад ҳам, аммо дар

сектори истеҳсолии иқтисодиёт (саноат, комплекси агросаноатӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳои истеҳсолӣ) ин ҷараён на он қадар тараққӣ ёфтааст.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори соҳибкорӣ ин бизнеси хурд ва миёна мебошад, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ инро нишон медиҳад. Қайд кардан лозим аст, ки ҳиссаи корхонаҳои хурд ва миёна дар инкишофи иқтисодиёт ва ташаккули маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ) дар мамлакатҳои мутараққӣ аз 50 то 70 фоизро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда дар Тоҷикистон дар сатҳи миёна буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳоло соҳибкории хурду миёна дар ташаккули иқтисоди бозорӣ мавқеи босазои худро пайдо накардааст, ки таҳлилҳои мо инро нишон медиҳанд.

Иқтисодиёти кишвар дар соли 2020-ум 4,5 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра 9,7 фоиз афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ 8,8 ва гардиши савдои хориҷӣ 0,8 фоиз, аз ҷумла содирот дар ҳаҷми 19,8 фоиз заминаи рушди иқтисоди кишварро ба вуҷуд овард.[1, 26.01.2021с.]

**Ҷадвали 1. Шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд (аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда)**

| солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, ҳаз. нафар | 243,8 | 257,1 | 270,1 | 284,7 | 295,7 | 304,0 |
| аз онҳо машғулин, фоиз: | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| -дар хизматрасонии маишӣ | 2,9 | 2,0 | 2,5 | 2,2 | 3,2 | 2,0 |
| -дар иҷтимоӣ-фарҳангӣ | - | 0,7 | - | 0,6 | 0,4 | 0,4 |
| -дар савдо ва хӯроки умумӣ | 35,2 | 32,7 | 39,8 | 31,5 | 32,0 | 25,2 |
| -дигар намудҳои фаъолият | 61,9 | 64,6 | 57,7 | 65,7 | 64,4 | 72,4 |

**Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. [4, саҳ. 367]**

Субъектҳои соҳибкории хурд ашхоси ҳуқуқие мебошанд, ки шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар мебошад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар намуди соҳибкории хурду миёна то қабул гаштани Кодекси андоз дар таҳрири нав асосан дар асоси шаҳодатнома амалӣ мегардид. Дар омӯзиши муаммои шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхонаҳои хурд (махсусан дар таъсиси онҳо) бояд дар назар дошт, ки соҳибкории хурду миёна метавонад инфиродӣ ва коллективӣ бошад. Асосан соҳибкории хурд дар шакли инфиродӣ амалӣ мегардад. Соҳибкории инфиродӣ ба амал овардани шакли муайяни фаъолияти иқтисодиро аз номи худ ва таҳти ӯҳдадории худ, ки дар ин маврид ҳамчун пурра ва беинтиҳо шарҳ дода мешавад, дар назар дорад (ниг. ба ҷадв.1).

Чӣ тавре, ки аз ҷадв.1 ба мо маълум гашт, шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд, яъне аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда фаъолият бурда истода, дар соли 2020 -

304,0 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки он дар соли 2015-243,8 ҳазор нафарро ташкил дода буд. Ин шумора яъне соли 2020 нисбати соли 2015, 60,2 ҳазор нафар афзудааст.

Аз ҷадвали боло ба мо маълум гашт, ки шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд, яъне аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда фаъолият бурда истодаанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои якумро дигар намудҳои фаъолият – 72,4 %; ҷои дуюм савдо ва хӯроки умумӣ - 25,2%; ва ҷои сеюм хизматрасонии маишӣ - 2,0%-ро ташкил дода истодааст.

Ба фикри мо барои рушди идоракунии соҳибкории хурд дар шароити иқтисодиёти рақамӣ чунин камбудиҳо дар назаранд ба монандӣ:

арзиши гаронии шабакаҳои интернетӣ аз ҳамин хотир на ҳамаи соҳибкорон қудратӣ васл шудан ва васеъ истифода бурданро доранд;

паст будани суръати шабакаи интернетӣ;

то ҳол дараҷаи ихтисосмандии соҳибкорон ба талабот ҷавобгӯ нест;

то ҳол аксарият соҳибкорони ватанӣ истеҳсолот менамоянд ба талаботи бозорӣ ҷаҳонӣ ҷавобгӯ нестанд, яъне раҷобатпазир нестанд;

барои иқтисодиёти рақами дохил шудан то ҳол аз навгониҳои муосир ва техналогияҳои нав истифода намебаранд;

тафаккурнокӣ ва маълумотнокии паст доранд ва ғ.

**Рӯйхати адабиёт:**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021, ш.Душанбе.

2.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон "дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 21.12.2021, ш. Душанбе.

3.Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони доираҳои сармоягузориву молиявии Давлати Қатар. - 05.02.2017с.

4.Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. ҶДММ "ТоРус", ш.Душанбе-2021, 702с.

5.Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ барои макотиби олӣ. – Душанбе: "ЭР-граф", 2018. – 428 с.

6.Усмонов И.У.,Шарипов М.М. Менеҷменти ташкилот (дастури таълимӣ барои низоми кредитии таҳсилот). Душанбе.2011. - 352с.

7.Сомонаи интернетӣ: https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/773-i-tisodijoti-ra-am-va-omeai-muosir

**УДК 338.1**
**ББК 65.9 (5)2/4**

# РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАҲОИ САНОАТИ ИСТИХРОҶ ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ

**Аскарова С.С. - сармуаллимаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”**
**Шарипова Д.М. - н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”**

**Аннотатсия.** Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллифон кушиш ба харҷ дода шудааст, ки бо истифода аз таҳлили синтези ҷустуҷуи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун, пешниҳод намоянд.

Соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати иқтисодиёти рақамӣ бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла омили географӣ маҳаки иқтисодиёти кишвари мо ва минтақаҳои он мебошанд. Аҳамиятнокии муҷтамаъҳои саноати истихроҷ ва коркарди кишвар бо он маънидод карда мешавад, ки айни замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки дар атрофи онҳо ҳалқаҳои навини истеҳсолӣ ташаккул ёфта, инфрасохтори дастгирикунандаи тиҷоратӣ созмон ёфта, бахшҳои мазкур дар сохтори иқтисодиёт ва саноат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравconfigand.

**Вожаҳои калидӣ:** саноати коркард, саноати истихроҷ, кишварҳои пешрафта, кишварҳои қафомонда, рушди ииноватсиони, равандҳои сармоягузори, воридот ва содирот.

Соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати истихроҷ бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла омили географӣ маҳаки иқтисодиёти кишвари мо ва минтақаҳои он мебошанд. Аҳамиятнокии муҷтамаъҳои саноати истихроҷ ва коркарди кишвар бо он маънидод карда мешавад, ки айни замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки дар атрофи онҳо ҳалқаҳои навини истеҳсолӣ ташаккул ёфта, инфрасохтори дастгирикунандаи тиҷоратӣ созмон ёфта, бахшҳои мазкур дар сохтори иқтисодиёт ва саноат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравconfigand. Ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ дар давраҳои солҳои 2018-2019 ҳаҷми 21,2 %-ро ташкил намуда, соли 2020 ҳиссаи он 17,4 %-ро ташкил медиҳад [1, С.30]. Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи фаъолияти муҷтамаъҳои зикргардида, пайваста ба буҷети кишвар даромади устувор ворид гардида, ҳамчунин иҷроиши сарбории иҷтимоӣ дар намуди ташкили ҷойҳои корӣ ва шуғлмандии аҳолӣ ва дигар сарбориҳо, ки бо тиҷорати калон алоқамандӣ доранд, ташаккул меёбанд.

Соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди истихроҷ ба дигар соҳаҳои саноат таъсири амиқ мерасонанд. Аз ҷумла онҳо ба рушди истеҳсолоти инноватсионӣ замина гузошта, хароҷотҳои истеҳсолии соҳаҳои

ҳамҷаворро кам намуда, ба ташкили сатҳи дигари истҳсолӣ мусоидат менамоянд.

Барои бештари кишварҳои ҷаҳон рушд намудани саноати коркард ва саноати истихроҷ яке аз самтҳои афзалиятнок дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Кишварҳое, ки ба саноати истихроҷ ва коркард машғуланд шартан ба кишварҳои таъминкунандаи ашёи хоми арзон, ки аз ҳисоби рақобатпазирии арзиши бозории фурӯши маҳсулот даромад мегиранд ва кишварҳои бо технологияи баланд кор мекарда, ки аз ҳисоби маҳсулоти сифаташ баланди арзиши қиммат дошта даромад мегиранд, ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷории рушд ба гурӯҳи таъминкунандаи ашёи хом шомил мегардад, ки дар он пояи калони захираҳо мавҷуд буда, самти коркарди ашёи хоми саноатӣ аз сатҳи кишварҳои рушдкарда қафомонда мебошад.

Тибқи маълумотҳои омории таҳлилӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мизони сатҳи рақобатпазирии саноат то соли 2020 бо индекси баробар ба 52,4 мақоми 104-ро ишғол намуда, мувофиқи пешгӯиҳои то ҳамин давра такони ҷиддӣ дар сатҳи рақобатпазирӣ ба назар гирифта намешавад [2, С.27]. Чун дар ин раддабандӣ мақомҳои аввалинро кишварҳои абарқударте аз қабили Чин, ИМА ва Олмон касб намудаанду онҳоро ба қисмати дуюми истеҳсолкунандагон шомил медонанд, бояд таҷрибаи онҳо мавриди таҳлили чукур қарор гирифта шуда, дар шароитҳои бозори ватанӣ ва соҳаҳои коркарду истихроҷи маҳсулоти саноатии кишвар татбиқ карда шаванд. Маврид ба зикр аст, ки ҳамчунин аз рӯи индекси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар охири соли 2021 Федератсияи Россия аз Чин ва ИМА гузашта, мақоми аввалро касб намуда аст [3, С.29].

Аз ин лиҳоз бояд дар назар дошт, ки сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ, таҷдидсозӣ ва азнавсозии техникии соҳахои саноат бояд мавриди татбиқи амиқ қарор гирифта шаванд. Ҳамин тавр барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти рушди инноватсионӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти ноил гардидан ба он ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Амалигардонии роҳҳои ҳалли сиёсии таҷдидсозии иқтисодиёти Тоҷикистон ва зарур будани татбиқи роҳи инноватсионӣ дар минтақаҳои он вобаста аз омилҳои гуногун ба мушкилиҳо дучор мегардад. Масалан набудани воситаҳои худӣ, ҷолибнок набудани минтақаҳо барои сармоягузорони берунӣ, суст рушд кардани марказҳои илмӣ ва инноватсионӣ, ба талаботҳои тиҷорат ҷавобгӯ набудани масъалаҳои инноватсионӣ ва коркардҳои ба он вобаста ва ғ. Аммо бояд қайд намоем, ки чун қарорҳои сиёсӣ қабул карда мешаванд, онҳоро ногузир ҳамагон мепазиранду, вале дарк намудани онҳо ва иҷроиши онҳо гуногун мешаванд. Маълум аст, ки самтҳои пешсафии иқтисодиёти манотиқи гуногун дар муддати якчанд даҳсолаҳо ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз барои ҳар як минтақа пеш аз ҳама таҷдидсозӣ афзалияти бештар дорад. Маъмулан дар замони муосир бахши ашёи хом, саноати коркард ва ё маҷмӯаи илмӣ-тадқиқотӣ ва иқтисодиёти навро чудо

кунанд ҳам, аммо дар ин самтҳо тавсифи равандҳои инноватсия (фановарӣ), тақсимоти даромад ва ташаккули арзиши бозорӣ гуногун мебошанд.

Вобаста ба муайян кардани интихоби роҳҳои рушди иноватсионии кишвар пеш аз ҳама бояд ба масъалаҳои муайян намудани дар кадом самт рушди иқтисодӣ пешсаф аст ва барои кишвар аз фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна фоида аст, бояд диққати махсус дод. Баъд аз ин бояд ба масъалаи баргаштани сармоя, таъсири рушди инноватсионӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва самтҳои дар давраи дарозмуддат пешсафиро касб карда метавониста бояд диққат дода шавад. Барои муайян кардани ҷанбаҳои номбаршуда таҳлили иқтисодиёти ин самтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ хоҳад андохт. Ба ин ваҷҳ таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи муқоисаи онҳо вобаста аз маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои ниҳодҳои давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (ҷадвали 1).

Чи гунае, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд таносуби бахши давлатӣ ва ғайридавлатӣ фарқияти баланд дорад. Дар соли 2010 бахши давлатӣ 56,3 % ро ишғол намуда, бахши ғайридавлатӣ бошад 43,7 %- ро ташкил медод. Дар соли 2020 бошад ин таносуб дар қиёси соли 2010 куллан тағйир ёфта, бахши давлатӣ 11,2 % -ро ташкил дода, бахши ғайридавлатӣ бошад 88,8 % ро ташкил медиҳад. Ин таносуб нисбат ба қисмати аввалла дар давраи таҳлилӣ дар бахши давлатӣ 32,5 % кам гардида, дар бахши ғайридавлатӣ бошад, дар соли 2020 ҳамин қадар (32,5 %) афзоиш ба қайд гирифта шуда аст [4, С.26].

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2010-2020**

| | **Шумораи корхонаҳо, воҳид** | | **Шумораи кормандон, ҳазор нафар** | | **Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Давраҳо** | ***2010*** | ***2020*** | ***2010*** | ***2020*** | ***2010*** | ***2020*** |
| Бахши давлатӣ | 330 | 157 | 39,5 | 8,6 | 4647,0 | 3472,9 |
| Бахши ғайридавлатӣ | 1056 | 2126 | 30,0 | 75,7 | 3600,5 | 27416,6 |
| **Ҳамагӣ** | **1386** | **2283** | **69,5** | **84,3** | **8247,5** | **30889,5** |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.25-26.

Умуман аз нигоҳи мо таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи иқтисодиёти рақамӣ тариқи муқоисаи онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба таҳлили тавсифи равандҳои инноватсионӣ, равандҳои сармоягузорӣ, муқоисаи натиҷаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таҳлили содироту воридоти сохторҳо, тамоюлҳои рушди инноватсионӣ дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати кишвар муайян карда шаванд ва дар натиҷаи ҳалли масъалаҳои гузошташуда

баҳогузории афзалиятҳои дарозмуддати иқтисодиёти кишвар ба роҳ монда шаванд.

Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида маълум мегардад, ки таи солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард ва саноати истихроҷ афзун гардида, айни замон саноати коркард пешсаф мебошад. Барои ҳамин ҳам ба ҳайси афзалияти рушди саноати кишвар яке аз ин самтҳо баромад карда метавонад. Пас дар идомаи таҳлил мо ҳардуи ин самтҳои фаъолиятро аз нигоҳи саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар ва афзалиятҳоиояндаашон дида мебароем. Таҳлили маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои ниҳодӣ имконият медиҳанд, ки шабеҳӣ ва фарқиятҳои равандҳои инноватсионии фаъолиятҳои мазкур муайян карда шаванд [5, С.25-26].

**Ҷадвали 2. Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, %**

| | Хатлон | Душанбе | ВМКБ | Суғд | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **4,3** | **2,0** | **37,0** | **18,4** | **28,2** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 0,3 | - | - | 2,2 | 1,9 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 4,0 | 2,0 | 37,0 | 16,2 | 26,3 |
| **Саноати коркард** | **49,1** | **59,1** | **18,3** | **74,4** | **41,0** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 12,2 | 23,3 | 11,2 | 31,5 | 12,5 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 18,3 | 4,6 | 2,3 | 6,4 | 2,7 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,0 | 1,9 | - | 0,2 | 0,1 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,2 | 1,4 | 0,5 | 0,4 | 0,5 |
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,1 | 5,1 | 0,3 | 0,1 | 0,3 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,0 | - | - | 0,2 | 1,5 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,3 | 0,9 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,5 | 0,9 | 0,1 | 1,0 | 2,1 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 15,1 | 10,7 | 3,1 | 5,6 | 5,5 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 0,7 | 3,7 | 0,4 | 28,1 | 13,3 |
| мошинсозӣ | 1,0 | 5,3 | - | 0,1 | 1,1 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,0 | 1,7 | 0,4 | 0,5 | 0,5 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | **46,6** | **38,9** | **44,7** | **7,2** | **30,8** |

**Таҳияи муаллиф тибқи:** Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.

Дар мавриди ибтидоӣ ҳиссаи истеҳсоли масолеҳи саноатӣ дар ҳудуди кишварро мавриди таҳлил қарор дода, мебинем, ки тафовути ҳудудӣ дар ташкили сохтори саноат бараъло намудор аст (ҷадвали 2).

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2.13 нишон медиҳанд, ки дар сохтори ҳудудии маҳсулоти саноатӣ тамйизоти минтақавӣ ба таври зайл ба назар мерасад: вобаста ба истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ мақоми баландро Вилояти Хатлон (46,6 %) касб намуда, аз ҳама кам Вилояти Суғд ҳисса дорад, ки он 7,2 %-ро дар соли 2020 ташкил дода, дар саноати истихроҷ бошад мақоми аввалро ВМКБ бо 37,0 % касб намуда, НТҶ бо 28,2 % баъд аз он мавқеъ гирифта, пасон Вилояти Суғд бо 18,4 % дар мавқеъи сегонаи аввал ҷойгоҳ дорад. Дар саноати коркард бошад Вилояти Суғд бо 74,4 % мақоми аввал, шаҳри Душанбе бо 59,1 % мақоми баъдина ва охири сегонаи аввалро бо 49,1 % Вилояти Хатлон ишғол намудаанд [6, С.22-23].

## ПАЙНАВИШТ:


1. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.30
2. https://nonews.co/directory/lists/countries/global-competitiveness-index (санаи муроҷиат ба сомона: 24.04.2022)
3. https://www.vedomosti.ru/business/articles/2022/01/17/905175-indeksam-promproizvodstva (санаи муроҷиат ба сомона: 05.05.2022)
4. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.26.
5. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.25-26.
6. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.


# ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ТАҒЙИРОТИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ: ДУРНАМОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ


**Гулмамадов А.В. - н.и.и., дотсенти ДМТ**
**Хоҷимуродова А.Т. - магистранти курси 2-юми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳони ДМТ**


Табиати рушди иқтисодӣ пайваста тағйир ёфта, омилҳои асосиро дар тамоми даври замон иваз мекард. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, индустриализатсия, модернизатсия ва рушди иқтисодӣ рушдро ба вуҷуд овард. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар доираи дигаргунсозии сохторӣ дар заминаи такмили технология рушдро то солҳои 1970 нишон дод. Бӯҳрони нафт ва тағирёбии иқтисодҳои рӯ ба тараққӣ (либерализатсия) ба иқтисодҳои пешрафта расидагӣ карданд. Сатҳи пасти таваррум ва ноустувории афзоиш аз солҳои 1980-2000 сиёсатмадоронро илҳом бахшид, ки ба мӯътадилияти бузурги Консенсу-

си Вашингтон бовар кунанд. Дар оғози ҳазорсола, бо нокомии (инқилоби чоруми саноатӣ), бӯҳрони соли 2008 моро маҷбур кард, ки сиёсати рушдро барои ба ҳадафҳо асосёфта аз нав дида бароем. Технологияи рақамӣ қувваи аввалиндараҷаи саноати буд, ки рушди иқтисодиро дар асри 21 роҳнамоӣ мекард.

Ин тадқиқот таъсири ҷаҳонишавӣ ба сатҳи байналмилалии қабули рақамиро таҳқиқ мекунад. Мо омилҳои асосии интиқоли технологияҳои рақамиро меомӯзем, то аҳамияти глобализатсияро ҳамчун омили паҳншавӣ ошкор созем. Барои ҷудо кардани таъсири ҷаҳонишавӣ, мо маълумоти сатҳи кишварро дар бораи шохиси ҷаҳонишавӣ, шохиси қабули рақамӣ, шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ ва ҳосилнокии умумии омилҳо дар намунаи 183 кишвар бо истифода аз моделсозӣ истифода мебарем. Раванди ҷаҳонишавӣ инноватсияро ба вуҷуд меорад ва интиқоли технологияро метезонад. Мо бо сабаби мавҷудияти маълумот дар бораи қабули технологияи рақамӣ модели панели тасодуфиро истифода мебарем.

Махсусан дар раванди инноватсия, сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) нисбат ба ҳамтоёни дохилии худ ба навоварӣ камтар майл дорад.

Глобализатсия имконияти наверо барои паҳн кардани иттилоот фароҳам меорад, аммо ин кафолат намедиҳад, ки ҳама кишварҳо ва созмонҳо метавонанд манфиат гиранд. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ махсусан озод нестанд.

Миранда, Фариас, де Арауҷо Шварц ва де Алмейда нишон доданд, ки қарор дар бораи қабул ё рад кардани қарорҳои технологӣ ё навовариҳои мушаххас як қарори паҳншуда ва ғайрихаттӣ аст.

Моделҳои қабули технологияҳо аз сабаби табиати мураккаби технологияҳои муосири иттилоотӣ зуд тағйир меёбанд. Тавре Straub қайд кард, қабули технология як раванди мураккаби иҷтимоӣ ва рушд аст, ки аз сохтори инфиродӣ вобаста аст. Глобализатсия қабули технологияро тавассути интиқоли донишҳои хориҷӣ беҳтар мекунад ва рақобати байналмилалиро афзоиш медиҳад.

Нақши ҷаҳонишавӣ дар раванди қабули технология беҷавоб боқӣ мемонад ва далелҳои таҷрибавии байналмилалиро аз даст медиҳанд. Глобализатсия барои қабули технологияҳои рақамӣ то чӣ андоза муҳим аст? Он бо дигар равандҳои қабули технология чӣ гуна алоқаманд аст?

Таҳқиқоти мо ҳадафи посух додан ба он аст, ки ҷаҳонишавӣ барои интиқол ва қабули технологияҳои рақамӣ то чӣ андоза муҳим аст. Тадқиқоти қаблӣ дар бораи як кишвар ва як гурӯҳи кишварҳо фаҳмиш пешниҳод карда, ҳангоми пешниҳоди далелҳо дар миқёси байналмилалӣ бо истифода аз маълумоти 183 кишвар амали гардонда шуданд. Мо таъсири глобализатсияро ба сатҳи қабули технологияҳои рақамӣ дар саросари ҷаҳон бо истифода аз модели маълумоти панели тасодуфӣ меомӯзем. Тафовут дар ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷаҳонишавӣ дар саросари кишварҳо ба сатҳи қабули

технология таъсир мерасонад. Ин далели истифодаи модели самараи тасодуфиро дар омӯзиши мо фароҳам меорад.

Ҳадафи ин мақола баррасии иртиботи эмпирикӣ байни қабули рақамӣ ва ҷаҳонишавӣ бо мақсади барқарор кардани робитаҳои сабабӣ байни онҳо мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ як шарти зарурӣ (вале кофӣ нест) барои қабули технологияи рақамӣ мебошад. Сатҳи қабули технологияҳои рақамӣ бо сатҳи ҷаҳонишавӣ афзоиш меёбад.

Сиёсати суръат бахшидан ба суръати қабули технологияҳои рақамӣ барои иқтисодиёт бояд ба афзоиши шохиси ҷаҳонишавӣ такя кунад, ки дониш ва паҳншавии рақобатро ба вуҷуд меорад.

Тафовут дар қабули технология боиси тафовути ҳосилнокӣ ва рушди иқтисодӣ мегардад. Маҷмӯи назарраси моделҳои омӯзиши адабиёт ва муайянкунандаи қабули технология вуҷуд дорад. Acemoglu, Antràs and Helpman як чаҳорчӯбаи қобили мулоҳизаро барои таҳлили таъсири нопурра будани шартнома ва мукаммали технологӣ ба интихоби технологияи мувозинат таҳия кардаанд. Муаллифон муайян карданд, ки дар он бахшҳое, ки саҳми фосилавии бештар доранд, таъсири нопурра будани шартнома ба қабули технология бештар назаррас аст. Дастидар ҳавасмандии ширкатҳоро барои истифодаи технологияҳои камхарҷ дар соҳаи уфуқӣ дар зери ду рақиби алтернативии бозори мол, Курно ва Бертран таҳлил кардааст. Муаллифон изҳор доштанд, ки арзиши харидани технологияи нав ва сифати он экзогенӣ нест, балки аз натиҷаи мувозинати музоядаи холӣ вобаста аст.

Тадқиқотҳои қаблӣ фарқияти байни қабули истеъмолкунандагон ва фирмаҳоро қайд карданд. Онҳо қабули технологияро ҳамчун амали шахс, тиҷорат ё агенти дигар истифода аз технологияи нав мебинанд. Технология метавонад ба маҳсулот, хидматҳо ё идоракунии нави инқилобӣ дар ин муҳит ишора кунад. Бо истифода аз мисолҳо аз қабули IT, муаллифон нақши хароҷот, бартариятҳо, шабакаҳои коммуникатсионӣ ва омилҳои мураккабро барои татбиқи технологияи нав таъкид карданд. Тадқиқоти Садик нишон дод, ки муассисаҳои солим, ки хароҷоти фарзандхониро коҳиш медиҳанд, бо даромади баланди ҳар сари аҳолӣ алоқаманданд. Модел нишон медиҳад, ки хароҷоти умумӣ, яъне хароҷоти нақлиётӣ ва институтсионалии ҷорӣ намудани технология муайян мекунад, ки минтақа саноатӣ шудааст ё не.

Алоқа байни қабули технология ва ҷаҳонишавӣ ба кишваре дахл дорад, ки барои сармоягузории хориҷӣ, воруди ширкатҳо, технология ва интиқоли дониш кушода аст. Страб назарияи қабул ва паҳншавиро баррасӣ кард ва якчанд омилҳоеро пайдо кард, ки ба интихоби шахс технология таъсир мерасонанд ё не. Миранда ва дигарон. (2016) нишон дод, ки қарор дар бораи қабул ё рад кардани қарорҳо ё навовариҳои мушаххаси технологӣ паҳншуда ва ғайрихаттӣ аст. Фотима (2017) маълумоти ширкатро аз 30 иқтисодҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд барои таҳқиқи робитаи байни ошкорбаёнӣ ва қабули технология истифода бурд. Махсусан дар робита ба инноватсияи ра-

вандҳо, сармоягузории мустақими хориҷӣ (СБХ) нисбат ба ҳамтоёни дохилии худ ба инноватсия камтар майл дорад. Глобализатсия имконияти наверо барои паҳн кардани иттилоот фароҳам меорад, аммо ин кафолат намедиҳад, ки ҳама кишварҳо ва созмонҳо аз он баҳра бурда метавонанд. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба таври возеҳ истисно карда намешаванд. Ханна ва Палепу муайян карданд, ки тиҷорати оилавӣ дар ин муҳит ба шаш унсури асосии устувории созмон такя мекунад, то онҳоро ба субот роҳнамоӣ кунад. Аммо, ин бартарият на ҳамеша дар бозорҳои пешрафта инъикос меёбад, ки дар он ҷо эътимод бештар, институтҳо мустаҳкамтар ва рақобат душвортар аст. Омодагии қабули технология дар байни бизнесҳои оилавӣ ва ғайриоилаӣ фарқ мекунад. Таҳқиқоти Сон ва Ҳан саҳми назариявӣ бо нишон додани он, ки омодагӣ ба истифодаи технология ба рафтори корбарон пас аз фарзандхонӣ таъсир мерасонад. Натиҷаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як андозагирии омодагии технология ба рафтори корбарон таъсири назаррас дорад. Шахсият ба қабули технология сахт таъсир мерасонад, аммо таъсири иҷтимоӣ низ омили бартарӣ ба назар мерасад. Олешевски, Ренкен ва Мюллер омодагии технология ва таъсири иҷтимоиро дар қабули технологияҳои ҳамкорӣ баррасӣ карданд. Муаллифон таъсири ин омилҳоро ба қабули технология ва таҷдиди онҳо аз пажӯҳишҳои анъанавии қабул, ки ба қабули ибтидоии технология тамаркуз кардаанд, баррасӣ карданд. Онҳо қайд карданд, ки таъсири иҷтимоӣ дар заминаи қабули шахсӣ аз технологияҳои ҳамкорӣ, бартарӣ аз омодагии технологӣ ва тадбирҳои анъанавии қабулкунӣ омили бартарӣ мебошад. Фостер ва Розензвейг омилҳоеро омӯхтанд, ки ба қарорҳо оид ба интихоби технология ва тақсимоти воридот таъсир мерасонанд. Ба онҳо даромадҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ аз фарзандхондӣ, омӯзиш ва омӯзиши иҷтимоӣ, берунии технологӣ, сарфаи миқёс, таҳсилот, маҳдудиятҳои кредитӣ, хавфҳо ва суғуртаи нопурра ва дуршавӣ аз кодексҳои рафтор, ки бо моделҳои оддии оқилона пешбинӣ шудаанд, дохил мешуданд. Муаллифон ҷорӣ ва истифодаи босамари технологияҳои навро хусусияти муҳими раванди рушд ва таҳсилот нақши асосиро мебозанд.

Аз таҳлили ин мақола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки глобализатсия як роҳи калидӣ мебошад, ки тавассути он воридшавии технологияи рақамӣ ба инноватсия таъсир мерасонад, аммо ягона нест. Масалан, глобализатсия инчунин ба рақобати ҷаҳонӣ ва ҳосилнокии бисёр омилҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад. Таҳқиқоти мо бо дастрасии маълумот дар шохиси суръати қабули технологияи рақамӣ маҳдуд шудааст, ки танҳо дар тӯли чанд сол дар 183 кишвари ҷаҳон дастрас аст. Бо вуҷуди ин, индекс беҳтарин нишондиҳандаи андозагирии сифатро барои чен кардани динамикаи қабули технологияҳои рақамӣ дар кишвар муаррифӣ мекунад. Интихоби маҳдуди модели додаҳо низ маҳдуд аст ва ба мо имкон намедиҳад, ки усулҳои пешрафтаи эконометрикии маълумотҳои панелиро истифода барем.

Тадқиқотҳои дар ин мақола гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ омили муҳими воридшавӣ ва паҳншавии технологияҳои рақамӣ

мебошад. Аммо, натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ ва пайванди қабули технологияҳои рақамӣ дар модели тадқиқот он қадар возеҳ нестанд. Сабаб дар дастрасии маҳдуди маълумот бо мурури замон барои DAI аст. Модели мо тақрибан 80% тағиротро дар қабули технологияҳои рақамӣ ва таъсири глобализатсия, ҳатто бо ин маҳдудият шарҳ медиҳад. Барои рушди минбаъдаи ин модели тадқиқотӣ кори назариявии оянда зарур аст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ василаи коҳиш додани монеаҳои интиқоли технология ва мусоидат ба афзоиши навоварӣ ва маҳсулнокӣ мебошад. Механизми худидоракунии таҳкими ҷаҳонишавӣ ва қабули технологияҳои рақамӣ сиёсатмадорон ва таҷрибаомӯзонро водор мекунад, ки глобализатсияро ҳамчун манбаи рақобат ва ҳамчун муайянкунандаи ҳосилнокӣ баррасӣ кунанд. Глобализатсия мустақиман ба қабули технология таъсир мерасонад, ки инноватсия ва маҳсулнокӣ ва аз ин рӯ, рақобатпазирӣ ва ҷаҳонишавӣ меафзояд.

Илова кардани тағирёбандаҳои бештар ба муодила ба муҳаққиқони оянда имкон медиҳад, ки усулҳои пешрафтаи эконометрикии панелиро истифода баранд ва мутобиқати умумии моделро беҳтар созанд. Беҳтарин мувофиқат аён аст ва эҳтимолияти дақиқ будани он. Бо вуҷуди ин, барои 20 дарсади боқимонда ба мо лозим аст, ки модели назариявӣ (аз ҷумла тағирёбандаҳои нав) таҳия кунем ва таъсири бештари ҷаҳонишавиро ҷустуҷӯ кунем. Он чизе, ки мо дар таҳқиқоти худ пайдо кардем, аз ҷиҳати омор муҳим аст, аммо мо итминон дорем, ки он аз параметрҳои тахминие, ки мо дар ин ҷо нишон додем, васеътар аст. Маҳдудиятҳои асосии омӯзиши мо дар дастрасии маҳдуди маълумот (индекси қабули рақамӣ) ва имконнопазирии истифодаи моделсозии пешрафтаи додаҳои панелӣ (моделсозии динамикии панели маълумот) мебошанд.

Кишварҳое, ки мехоҳанд рушди иқтисодиро тавассути афзоиши ҳосилнокии бисёр омилҳо тавассути инноватсия афзоиш диҳанд, бояд ба равандҳои ҷаҳонишавӣ бештар ҷалб шаванд. Ин технология ва интиқоли донишро афзоиш медиҳад, қабули технологияҳои рақамиро афзоиш медиҳад, ҷаҳонишавӣ ва рушдро афзоиш медиҳад.

## АДАБИЁТ

1. Акимов А. В., Яковлев А. И. Общество и технологии в XXI веке: прогнозы и управление развитием в странах Востока и Запада. Москва, 2020. – 400 с.

2. Цветкова Н. Н. Развитие цифровой экономики: страны Азии и Африки. Кн.1, Москва: ИВ РАН, 2021. – 356 с.

3.Доклад о человеческом развитии 2019. За рамками уровня доходов и средних показателей сегодняшнего дня: неравенство в человеческом развитии в XXI веке. N.Y. 2019. – 368 с.

4. Human Development Report 2020. The next frontier. Human development and the Anthropocene. – N.Y. 2020. – 412 pp.

5. Аграрные проблемы и новые модели экономического развития в странах Востока: Коллективная монография. В 2-х томах. Отв. ред. и сост. И.В. Дерюгина. Институт востоковедения РАН. Москва: ИВРАН, 2021.

6. Нестабильность геостратегического пространства в странах Ближнего, Среднего и Дальнего Востока: актуальные проблемы. Ежегодник 2021 (выпуск VII) / Отв. ред. М. И. Крупянко; Институт востоковедения РАН.

7. Национальная и региональная экономическая безопасность России : учеб. по-собие / В.И. Авдийский, В.А. Дадалко, Н.Г. Синявский. Москва: ИНФРА-М, 2017. — 363 с. + Доп. материалы [Электронный ресурс; Режим доступа: http://www.znanium.com]. — (Высшее образование: Бакалавриат). — www.dx.doi.org/10.12737/20529.

8. Шимко, Петр Дмитриевич. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник / П.Д. Шимко ; под ред. И.А. Максимцева. Москва: КНОРУС, 2020. — 366 с. — (Бакалавриат и магистратура). ISBN 978-5-406-07653-8

9. Чеботарев, Н. Ф. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник для бакалавров / Н. Ф. Чеботарев. — 2-е изд., стер. — Москва: Издательскоторговая корпорация «Дашков и К°», 2019.

10. Любецкий, В. В. Мировая экономика и международные экономические отношения: учебник / В.В. Любецкий. Москва : Инфра-М, 2022. — 350 с. — (Высшее образование: Бакалавриат). — DOI 10.12737/3070. - ISBN 978-5-16-006037-8. - Текст: электронный. - URL: https://znanium.com/catalog/product/1844274 (дата обращения: 20.08.2022). – Режим доступа: по подписке.

**Аннотатсия**

Ин мақола меомӯзад, ки чӣ гуна ҷаҳонишавӣ ба қабули технологияҳои рақамӣ таъсир мерасонад. Мақсади мақола шарҳ додани он аст, ки ҷаҳонишавӣ ба қабули технологияҳои нав чӣ гуна таъсир мерасонад. Мо маълумоти сатҳи кишварро аз шохиси ҷаҳонишавӣ (KOF), шохиси қабули рақамӣ (DAI), шохиси рақобатпазирии ҷаҳонӣ (GDI) ва ҳосилнокии умумии омилҳо (TFP) дар 183 кишвари ҷаҳон ва бо истифода аз моделсозии пешрафтаи панели маълумот истифода мебарем. Бозёфтҳои таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ метавонад ба қабули технология дар ҳама кишварҳо ба таври назаррас таъсир расонад. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ ба интиқоли технологияҳо ва паҳншавӣ таъсири мусбат мерасонад; дар ин ҷо, бо истифода аз технологияи рақамӣ. Кишварҳое, ки тағироти назарраси технологӣ доранд, ба конвергенсияи афзояндаи технологияҳои рақамӣ ноил мешаванд. Дар таҳқиқоти мо, далелҳо аз нуқтаи назари байналмилалӣ бо намунаи васеъи 183 кишвар оварда шудаанд, ки тақрибан 80 фоизи раванди интиқолро шарҳ медиҳанд.

Аҳамияти проблемаи тадқиқот аз он иборат аст, ки пешрафти илмию техникӣ бо равандҳои ҷаҳонишавии муосир зич алоқаманд аст. Дар мақола вазифа гузошта шудааст, ки хусусияти ин муносибатҳо таҳлил карда, он да-

стовардҳое, ки дар натиҷаи пешрафти илмию техникӣ ва ҷаҳонишавӣ ба даст оварда шудаанд ва муайян кардани хатарҳои асосии бо онҳо алоқамандanд.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, пешрафти илмию техникӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ, инноватсия, оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ.

## Аннотация

В данной статье рассматривается, как глобализация влияет на внедрение цифровых технологий. Цель статьи – объяснить, как глобализация влияет на внедрение новых технологий. Мы используем данные на уровне страны из индекса глобализации (KOF), индекса внедрения цифровых технологий (DAI), индекса глобальной конкурентоспособности (GDI) и общей факторной производительности (TFP) по 183 странам, а также используя расширенное моделирование панельных данных. Эмпирические данные показывают, что глобализация может существенно повлиять на внедрение технологий во всех странах. Результаты исследования показывают, что глобализация положительно влияет на передачу технологий и побочные эффекты; здесь, используя цифровые технологии. Страны, переживающие значительные технологические изменения, достигают постоянно растущей конвергенции внедрения цифровых технологий. В нашем исследовании данные получены с международной точки зрения: обширная выборка из 183 стран объясняет около 80 процентов процесса перевода.

Актуальность проблемы исследования обусловлена тем, что научно-технический прогресс тесным образом связан с современными глобализационными процессами. В статье ставится задача проанализировать характер данной взаимосвязи, выявить те достижения, достигнуты благодаря научно-техническому прогрессу и глобализации и определить основные риски, им сопутствующие.

**Ключевые слова:** Глобализация, научно-технический прогресс, новые информационные технологии, инновации, негативные последствия глобализации.

## Annotation

This paper examines how globalization influences the adoption of digital technologies. The purpose of the paper is to explain how globalization affects new technology adoptions. We use country-level data from the globalization index (KOF), digital adoption index (DAI), global competitiveness index (GDI), and total factor productivity (TFP) on 183 countries and using advanced panel data modeling. Empirical findings show globalization can significantly affect technology adoption in all countries. The study's findings show globalization positively affects technology transfers and spillovers; here, using digital technology. Countries undergoing significant technological changes achieve ever-growing digital technology adoption convergence. In our study, the evidence comes from an international perspective, with an extensive sample of 183 countries that explain about 80 percent of the transfer process.

The relevance of the research problem is due to the fact that scientific and technological progress is closely related to modern globalization processes. The ar-

ticle sets the task of analyzing the nature of this relationship, identifying those achievements achieved thanks to scientific and technological progress and globalization and identifying the main risks associated with them.

**Keywords:** Globalization, scientific and technological progress, new information technologies, innovation, negative consequences of globalization.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Гулмамадов А.В., н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ. Почтаи электронӣ: alishergulmamadov@mail.ru. Телфон: 935200055, Хоҷимуродова А.Т. - магистранти курси 2-юми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонии ДМТ. Почтаи электронӣ: anora00@icloud.com Тел: 926327777

**Сведения об авторах:** Гулмамадов А.В., к.э.н., доцент кафедры мировой экономики ТНУ. Электронная почта: alishergulmamadov@mail.ru. Телефон: 935200055, Ходжимуродова А.Т. - магистраант 2-го курс специальности мировой экономики, ТНУ. Электронная почта: anora00@icloud.com Тел: 926327777

**Information about the authors: G**ulmamadov A.V., Ph.D. in Economics, Associate Professor of the Department of World Economics at TNU. Email address: alishergulmamadov@mail.ru . Phone: 935200055, Khodzhimurodova A.T. - 2nd year master's student of the specialty of world economics, TNU. Email address: anora00@icloud.com Phone: 926327777

## АРЗЁБИИ РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Тагаев Б. Ш. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Ҷалолов А.А. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Шарипов Ҳ.А. – устоди калони ДБССТ**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми бахши хусусӣ дар сохтори ММД-и мамлакат зиёд шуда истодааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

Инчунин бо дастгириҳои Ҳукумати мамлакат, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлати аграрӣ- саноатӣ ба саноатию аграрӣ гузашта истодааст, ки ин метавонад ба зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таъмин намудани аҳолии бекорбуда бо ҷойи кор, содироти зиёди молу маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ, таъмини намудани бозорҳои дохилӣ бо молу маҳсулоти худӣ, мабаланд гардидани нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва дар маҷмуъ ба баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум мусоидат хоҳад кард.

Бинобар ҳамин, яке аз омилҳои таконидиҳанда ва пешбарандаи ин ҳадафи олии мамлакат боз ҳам ҷоннок намудан ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳудуди мамлакат мебошад.

Бояд зикр кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар ташаккулёбии ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дошта, фароҳамсозии фазои мусоид, аз ҷумла инфрасохтори рушд имкон медиҳад, ки бо ҷалби сармояи хусусӣ технологияҳои муосир ворид ва истеҳсолоти рақобатпазир роҳандозӣ карда шавад.

Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар 7 соли охир аз 62 ҳазор ба 350 ҳазор баробар гардид. Дар ин давра аз ҷониби соҳибкорони кишвар беш аз 2 ҳазор корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ бо 21 ҳазор ҷойи корӣ, 1380 иншооти соҳаи маориф, 1213 муассисаи тандурустӣ, 11,5 ҳазор километр роҳ ва 461 пул бунёду азнавсозӣ карда шуданд. Танҳо дар соли 2023 соҳибкорони мамлакат 715 корхонаи нави истеҳсолӣ бо 5 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода супориданд [1].

Тадриҷан беҳтаршавии нишондиҳандаҳои соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсоли ба марҳалаҳои амалишавии Барномаи дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 рост омада, дар ин давра заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ то андозае мукаммал карда шудааст.

Ба андешаи мо, институтҳои дастгирикунандаи соҳибкорӣ, аз ҷумла сохтору мақомоти давлатӣ, агентиҳои рушд ва дастгирикунандаи соҳибкорӣ, муассисаҳои молиявию бонкҳо, инкубаторҳои тиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои иттилоотиву машваратӣ дар ҳолате инфрасохтори комили дастгириву рушди соҳибкориро фароҳам месозанд, ки воқеан ба соҳибкорон осониву сабукиҳоро пешниҳод намоянд, хизматрасониҳо дастрас бошанд ва тавозуни манфиатҳои соҳибкорон риоя ва ҳимоя карда шаванд. Яъне дар баробари фароҳамсозии инфрасохтори зарурӣ, муносибати дустонаву ҳавасмандсозанда роҳандозӣ карда шавад.

Арзёбии вазъи феълии соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки аз гуногуншаклии ниҳодҳои дастгирикунандаи инфрасохторӣ натиҷаҳои фаъолияти онҳо на ҳамеша ба умеду интизориҳои соҳибкорон мувофиқат мекунад. Аз лиҳози ҳавасмандсозии рушди соҳибкории истеҳсолӣ системаи ташаккул ва пешниҳоди хизматрасониҳои инфрасохториро бояд мукаммал гардонида, пайваста тавассути мониторинги натиҷагириҳои фаъолияти онҳо назорат ва пешгирии омилҳои номатлуб самаранокии фаъолияти соҳибкориро таъмин хоҳад кард.

Аз ин ру, таҳияи методикаи муайяни баҳогузорӣ бо дар назардошти ҳолат ва динамикаи рушди воқеии соҳибкорӣ муҳим мебошад. Дар ин ҳол таҳти натиҷадиҳӣ аз нигоҳи мо сатҳи рушди системаи инфрасохтор фаҳмида мешавад,

ки талаботҳои соҳибкориро қонеъ сохта, саҳми онро дар ММД – и кишвар ва минтақаҳои ҷудогонаи он баланд мебардорад.

Аз нигоҳи мо, усули методии арзёбии ҳолати рушди субъектҳои алоҳида дар сатҳи микроиқтисодӣ ҳамчун асоси баҳодиҳии ҳолати рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар шаҳру ноҳияи алоҳида хизмат менамояд.

Аз нигоҳи мо, ин хусусиятҳо ба системаи соҳибкорӣ ва зерсохтори инфрасохтории он комилан мувофиқ буда, мавҷудияти робитаҳои байни элементҳои дохилӣ боиси рушди устувори бахши соҳибкорӣ мегардад.

Аммо якхела набудани методҳои баёну арзёбии мафҳуми «инфрасохтори соҳибкорӣ» ва зерсистемаҳои он қисман бо мушкилиҳои сохториву фаъолият, инчунин тавсифҳои хоси он маънидод карда мешавад. Вале дар бештари корҳои илмии ба таҳқиқотҳои ташакулёбӣ ва рушди таъминсозии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ бахшида шуда, хусусиятҳои истифодабарии муносибатҳои зикргардида дар соҳаи мазкур бо таври пурра фарогир нашудааст [2.3.4.].

Таҳлили кору таҳқиқотҳои илмии олимони зикршуда собит менамояд, ки муносибатҳои муосири методологии таҳқиқоти инфрасохтори соҳибкорӣ гуногуншакл тавсиф ёфта, то ҳол нуқтаи назари ягонаи илмӣ оид ба мақсаднокӣ ва ҷудокунии истифодаи он барои коркард ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар системаи соҳибкорӣ мавҷуд намебошад.

Аз ин лиҳоз, баҳснокии муайян дар методологияи арзёбии инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба мушоҳида мерасад. Аз нигоҳи мо дар доираи таҳқиқоти системавии инфрасохтори соҳибкорӣ вобаста ба мақсад ва масъалаҳои он, истифодаи як қатор элементҳо ва усулҳои муносибатҳои сохторӣ, функсионалӣ, синергетикӣ, захиравӣ, эволютсионӣ ва тағйирёбии онҳоро истифода намудан мумкин аст.

Тавре, ки Марченко Т.И. зикр намудааст, хусусиятҳои хоси усулҳои таҳқиқот ва методикаҳои рушдро аз сатҳи ҷаҳонӣ то сатҳи минтақаҳо, соҳаҳо, бахшҳои иқтисодиёт ва бозорҳои ҷудогона дар соҳаи таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ муайян менамояд [5].

Ба ақидаи Ляшенко В.И. равиши синергетикӣ дар соҳаи таҳқиқоти системаҳои соҳибкорӣ, дар ташаккулёбии консепсияҳои муосири «соҳибкории дохилӣ», «корхонаҳои фраксиявӣ», «корхонаҳои виртуалӣ» ва дигар вариантҳои ташкили соҳибкории зеҳнӣ истифодаи худро ёфтаанд, ки барояшон татбиқи элементҳои инфрасохтори соҳибкорӣ дар муҳити дохилии ташкилот тавсиф дода мешавад. Дар натиҷа «мафҳуми соҳибкорӣ ҳамчун раванди ҷаҳоние зуҳур кард, ки бо мафҳуми амволи хусусӣ метавонад алоқаманд набошад ва онҳоро метавон оғози мароқи навбатии амиққунии таҳқиқоти назариявии соҳибкорӣ дар асоси равиши синергетикӣ ҳисоб кард» [6].

Ба андешаи мо равиши синергетикӣ имкон медиҳад, ки фазои рушди соҳибкориро ҳамчун системаи кушодае дида бароем, ки маҷмӯи зерсистемаҳои гуногунро тасвир месозад. Дар навбати худ, сатҳҳои онҳо субъектҳои хеш, яъне тарафҳои ташкилотҳои манфиатдорро доранд, ки мақсадҳояшон мувофиқи тамоюлҳову элементҳои инфрасохториашон мебошанд.

Аз нуқтаи назари самараи синергетикии рушди инфрасохтор дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ноилшавӣ ба ҳадафи табодули модели рушди иқтисодиёт аз аграрию саноатӣ ба саноативу аграрӣ зарурати мукаммалсозии асосҳои институтсионалии рушди соҳибкорӣ ва дар ин замина андешидани чораҳои мушаххас дар самти фароҳамсозии инфрасохтори ҳавасмандсозандаву мусоидаткунандаро собит менамояд.

Аз нуктаи назари Марченко Т.И. равияи сохторӣ дар таҳқиқоти инфрасохтори соҳибкорӣ аз ҷудосозии он ба зерсистемаҳои функсионалӣ, ки дар навбати худ ба зерфунксияҳои ба вазифаҳо ва ҳамин тавр минбаъд то тартиби мушаххас ҷудошаванда иборат мебошад [7].

Ба андешаи мо, равияи сохторӣ масъалаҳои идоракунии зерсистемаҳо, омӯзиши қонуниятҳои ташаккулёбӣ ва рушди инфрасохтори соҳибкориро фаро гирифта, дар маҷмӯъ робитаи бевоситаи байни сохтор ва элементҳояш талаб мекунад. Равияи мазкур дар муайянкунии қимат ва афзалиятҳо дар байни омилҳо, усулҳо, принсипҳо ва дигар воситаҳо дар маҷмӯъ, бо мақсади муқаррарсозии таносубҳои оқилона ва баланд бардоштани тақсимоти асосноки захираҳо ифода меёбад.

Таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, ки усулҳои зерини банақшагирии таркиби инфрасохтори соҳибкориро ҷудо намоем.

Аз ҷумла, аввалан банақшагирии комплексӣ, ки дар асоси амалисозии пайдарҳами функсияҳои инфрасохтор дар хоҷагии миллӣ ташкил карда шуда, давраҳои ташаккулёбии инфрасохторро нишон медиҳад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз иштирокчиёнаш инфрасохтори соҳибкорӣ буда, дар ҳар се сатҳи иқтисодиёт микро-, мезо- ва макроиқтисод бояд банақшагирии комплексӣ роҳандозӣ карда шавад. Инчунин банақшагирии иттиҳодӣ, ки ба тақсимкунии инфрасохтори соҳибкорӣ ба иттиҳодияҳо (беруна-инфрасохтори ниҳодӣ, нигоҳдорандаву дохилӣ-инфрасохтори бозор) асос меёбад ва дар сатҳи муайяни системаи соҳибкорӣ функсияҳои мушаххаси инфрасохториро иҷро мекунад;

Банақшагирии иттиҳодӣ имкон медиҳад, ки омилҳои мусбӣ ва манфии рушди соҳибкорӣ муайян карда шавад. Дар баробари ин, банақшагирии нуқтавӣ, ки дар асоси тағйирёбии функсияҳои инфрасохторӣ бо дарназардошти талаботҳои рушди соҳибкорӣ ва муайян намудани самтҳои ваколатноки элементҳои мушаххаси инфрасохтор созмон дода мешавад;

Ба андешаи мо, банақшагирии нуқтавӣ ҷанбаҳои қавӣ ва заифӣ шароитҳои талабот ба инфрасохторро мушаххас карда, дар натиҷа самтҳои рушди он доир ба қонеъсозии талаботи соҳибкорон муайян мегардад.

Ниҳоятан банақшагирии тарҳӣ, ки ба ташаккулёбии тарҳҳои инфрасохторӣ асоснок карда мешавад, муайян намудани алоқамандиҳои байни элементҳои инфрасохтори соҳибкорӣ, ки иҷро гардидани функсияҳои мушаххаси инфрасохториро дар шароитҳои муайяни муҳити соҳибкорӣ ва сатҳи рушди сохторҳои соҳибкорӣ амалӣ месозад [8].

Мувофиқи адабиёти илмии иқтисодӣ равияи функсионалӣ ба таҳқиқи намудҳои гуногуни инфрасохтор дар илми иқтисодӣ имкон дод, ки функсияҳои асосии инфрасохтор ҷудо карда шаванд. Бояд зикр кард, ки ба ҳайси равияи

функсионалӣ тамоми муҳақиқон функсияҳои таъминкунанда – умумиинфрасохториро ном мебаранд, ки ба тамоми намудҳои тартиби якум ва дуюм мутобиқат мекунанд. Аз ҷониби олимон тафовути миёни инфрасохтори тартиби якум (инфрасохтори бозорӣ, инфрасохтори хоҷагиҳои бозорӣ) ва тартиби дуюм мушаххас нишон дода нашудааст. Дар натиҷа баҳснокии амиқ дар муайянсозии муносибатҳо ҷиҳати рушди инфрасохтори соҳибкорӣ ва дигар намуди инфрасохтор ба мушоҳида мерасад.

Аз нуқтаи назари мо, ба ғайр аз функсияҳои таъминкунандаи инфрасохтор, инчунин идоракунӣ, ҳавасмандкунӣ, ҳамгироӣ ва комуникатсионӣ низ функсияҳои калидии инфрасохтор буда метавонанд.

Бояд зикр кард, ки инфрасохтори соҳибкорӣ мувофиқ ба функсияҳои номбаршуда ба таври зайл ташаккул ва рушд карда метавонад:

1) функсияи таъминсозӣ қобилияти таъмин намудани шароитҳои мусоид барои қонеъ кардани талаботи фаъолияти соҳибкорӣ, ки мутобиқи функсияҳои дохилӣ аз ҷониби тамоми зерсистемаи инфрасохтори соҳибкорӣ дар дохили низоми соҳибкорӣ иҷро мегардад;

2) функсияи ҳамгироӣ қобилияти дохилии ҳамгирокунии компонентҳои система дар як комплекси ягонаро инъикос карда, асоси яклухтии онро дар сатҳи макрову мезоиқтисод ва дар доираи субъектони алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ташкил медиҳад;

3) функсияи идоракунӣ маънои қобилияти равона кардан ва идора кардани рушди системаи соҳибкориро дорад; ин функсия тавсифи беруна дошта, дар ташкили шароитҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии сохторҳои соҳибкорӣ ва самаранокии тақсимкунии захираҳо дар иқтисодиёт инъикос мегардад;

4) функсияи ҳавасмандкунӣ дар шакли мусоидат намудан ба фаъолияти соҳибкории сохторҳои он, вобаста аз қатори субъектони татбиқшавандаи он амалӣ карда мешавад; функсия метавонад ҳам тавсифи дохилӣ, бозорӣ дошта, ҳам тавсифи берунӣ, ғайрибозорӣ дошта бошад;

5) функсияи коммуникатсионӣ ҳамчун мусоидаткунандаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар намуди қобилияти миёнаравӣ дар байни субъектони фаъолияти соҳибкорӣ тариқи ташаккули ҷараёнҳои молӣ, пулӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои ҷараён зоҳир мегардад. Ин функсия метавонад вобаста аз намудаҳояш ҳам тависфи дохила ва ҳам тавсифи беруна дошта бошад.

Тавре зикр мегардад, равиши захиравӣ имкон медиҳад, ки таркиби инфрасохтор бо роҳҳои ҷудо намудани элементҳои таъминкунандаи инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ аз намуди захираҳои ҷалбшаванда мушаххас гардонида шавад [9].

Дар натиҷа дар қатори зерсистемаҳои инфрасохтор метавон ҳам элементҳои тахассусӣ, ҳам элементҳои универсаливу умумиинфрасохториро ҷудо кард. Ин махсусан барои қолабҳои берунаи инфрасохтори соҳибкорӣ, ки дар он миқёси масъалаҳои ҳалшаванда дар қатори воситаҳои иқтисодӣ, инчунин истифодаи воситаҳои инфрасохтории ғайрииқтисодиро низ талаб мекунанд, тавсиф дода мешавад.

Аз ҷониби дигар, равияҳои эволютсионӣ дар таҳқиқотҳои инфрасохтори соҳибкорӣ метавонад дар ду мавқеи калидӣ истифода гардад.

Якум, инфрасохтори соҳибкорӣ аз мавқеи ташакулёбии зерсистемаи иқтисодию ташкилӣ, ки қонуниятҳои муайян, принсип ва хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва рушди худро доро мебошад.

Дуюм, инфрасохтори соҳибкорӣ ҳамчун организми иқтисодиву фароҳамсозандаи фазои рушди соҳибкорӣ, ки элементҳои он фаъолнокии соҳибкоронро афзалан ба самту соҳаҳои фаъолияти иқтисодиву хоҷагидории манфиатовар равона карда, дар маҷмӯъ фаъолияти умумии системаи соҳибкориро таъмин менамоянд.

Дар маҷмӯъ, инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ унсурҳои маҷмӯиро фаро гирифта, ба он робитаҳои дохилӣ ва ҳам беруна, аз ҷумла хусусияти маҷмӯӣ ва ҳамбастагии бевоситаи инфрасохтор, инчунин фаъолияти дарозмуддати он, ҳадафнокиву чандирияти ҳамаи механизмҳои институтсионаливу молиявӣ хос мебошанд.

Аз ин нуқтаи назар, инфрасохтори соҳибкорӣ дар раванди истеҳсолот дараҷаи аҳамиятнокии баланд дошта, давомнокӣ ва самарнокии истеҳсолоти васеи захираҳо ва мубодилаи онҳоро дар сатҳҳои гуногуни идоранамоӣ таъмин менамояд.

Зарурати баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инфрасохтори соҳибкорӣ бо нақши он дар таъмин намудани яклухтӣ ва баланд бардоштани дараҷаи ҳамгироиҳои фазои иқтисодии кишвар, рушди системаҳои иқтисодию иҷтимоӣ асоснок карда мешавад.

Тибқи методикаи пешниҳод намудаи академик Т.С. Хачатуров самаранокии инфрасохтор, пеш аз ҳама, аз маблағҳои пулии ҷалбшаванда вобаста мебошад, пас бояд танҳо дар ҷанбаҳои афзоиши самаранокии макроиқтисодӣ, пеш аз ҳама, дар рушди даромади миллӣ муайян карда шавад [10]. Аз ҷониби дигар, дар замони Шӯравӣ иқтисоди нақшавӣ роҳандозӣ гардида, тибқи нақшаҳои панҷсолаи рушд ба инфрасохтори энергетикии таъминкунандаи рушди иқтисодиёт ва инчунин ба инфрасохтори нақлиётиву коммуникатсионӣ аҳамияти хоса дода шудааст. Маҳз рушди инфрасохтори дохилии корхонаву ташкилотҳо ва инфрасохтори беруна, аз ҷумла инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ имконият додааст, ки дар як муддати кутоҳ аз як кишвари сусттариқикардаи саноатӣ ба қатори давлатҳои дорои саноатии муосир шомил гардад.

Тавре ки зикр мегардад, тибқи муқоисаи сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолии Иттиҳодди Шӯравӣ ва ИМА (дар солҳои 80-уми асри гузашта), бо вуҷуди рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар ин ҷода Давлати Шӯравӣ нисбат ба ИМА дар сатҳи паст қарор доштааст ва ин ҳолатро нишондиҳандаҳои сатҳи қаноатмандии хоҷагии халқ ба иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва нобудшавии маҳсулот дар ҷараёни интиқол ва нигоҳдорӣ собит менамоянд [11].

Сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори соҳибкорӣ бо масъалаҳои баҳогузории самарнокии иқтисодии онҳо ва муҳлату боздеҳии онҳо зич алоқаманд мебошад. Бештари соҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла нақлиёту энергетика соҳаҳои иттилоотию комуникатсионӣ ва монанди инҳо

маблағгузориҳои зиёдро талаб мекунанд. Дуюм, муддати дарози боздеҳӣ (бозгашти маблағҳо) доранд ва аз ин лиҳоз инфрасохтор сармоягузориҳои мувофиқро дар сатҳи баланд ва пайваста талаб мекунад.

Тибқи нуқтаи назари Л.М.Албитер [12] ва Н.А.Далисова [13] самаранокии иқтисодии инфрасохтори соҳибкорӣ бояд тариқи муносибатҳои натиҷаҳои манфиатовар инъикос гардад, яъне фароҳамсозии пояи моддию техникии инфрасохтор, истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолии он, фондҳои асосӣ ва сармояҳои фаъолу қувваи кориро дар назар дорад. Аз ҷониби дигар, самаранокии фаъолияти соҳибкориро А.Г. Загорская бештар аз дараҷаи қонеъ гардонидани талаботи хизматрасониҳои он вобаста шуморидааст [14].

Барҳақ аст, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба муҳайёсозии инфрасохтори зарурӣ алоқаманд аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ талаботи воқеӣ ба хизматрасониҳо водор месозад, ки инфрасохтори муносиб бунёд гардида, хизматрасониҳои гуногун пешниҳод карда шаванд.

Ба андешаи мо, давлат ҳамчун яке аз иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ аввалан бояд заминаҳои институтсионалӣ ва меъёрию ҳуқуқии заруриро фароҳам созад. Фазои мусоид ва бартарафсозии монеаҳои маъмурӣ бузургтарин хизмати давлат дар рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ мебошанд. Табиати соҳибкорӣ гувоҳи он аст, ки дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зикршуда худи соҳибкорон аксари масъалаҳои инфрасохториро ҳаллу фасл намоянд.

Мувофиқан, талабот ба хизматҳои инфрасохторӣ ва мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ шартҳои зарурӣ ва кофии таҳлилкунии таносуби байни талабот ва пешниҳод дар инфрасохтор ва мутобиқаткунии он ба тамоми талаботҳои иқтисодиётро фароҳам меоварад.

Тавре Н.А. Далисова қайд мекунад, «мавҷудияти инфрасохтори рушдкарда бо меҳнатталабии якхела нисбат ба мавҷуд набудани он самараи бештар медиҳад. Дар ин ҳолат самараи иловагӣ (манфӣ ё мусбат) берун аз соҳаи инфрасохторӣ ба вуҷуд меояд. Бе шабакаи нақлиётии фаъол наметавон ташкили истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва ғ. ба роҳ монда шавад» [15].

Дар баробари ин, омилҳои фарогиршавии иқтисоди рақамӣ собит менамояд, ки инфрасохтори муносиби коммуникатсионӣ фароҳам оварда шавад. Дар ҳолати роҳандозии дастрасии осону арзон ба шабакаҳои интернет ва хизматрасониҳои электронӣ сарфаи вақт ва хароҷот ба даст меояд.Дар маҷмӯъ, фаъолияти соҳибкорӣ барои амалӣ гардидани худ мавҷудияти элементҳои зиёдеро талаб мекунад. Чунин элементҳо инҳо мебошанд: бино ва иншоот, ки бо таҷҳизоти зарурии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ муҷаҳҳаз шуда бошанд; шабакаҳои логистикӣ, аз ҷумла амбору хизматрасониҳои нақлиётӣ, воситаҳои иттилоотӣ, алоқа ва телекоммуникатсия; биноҳои маъмурӣ; меъёрии хуқукӣ, ниҳодҳои суғуртавӣ, карзӣ ва сармоягузорӣ; комплексҳои илмию техникӣ; муассисаҳои таълимӣ; бизнес инкубаторҳо, роҳҳо ва шоҳроҳҳо, дастрасӣ ба роҳҳои баҳрӣ; системаҳои энергетикӣ ва шабакаҳои хизматрасон; объектҳои иҷтимоию маъданӣ, объектҳои тандурустӣ ва ғ.

Бояд зикр кард, ки элементҳои зикргардида барои корхонаи мушаххас инфрасохтори он буда, ҳолати воқеии микроиқтисодиро инъикос менамоянд.

Маҷмӯи инфрасохторҳои корхона инфрасохтори дохилии соҳибкорӣ мебошанд. Дар навбати худ, инфрасохтори минтақаҳои тамоми кишвар инфрасохтори миллии фаъолияти соҳибкориро дар сатҳи мезо- ва макроиқтисод ташкил медиҳанд. Дар асоси таҳлили зикршуда, метавон инфрасохтори таъминкунандаи рушди соҳибкории истеҳсолиро гурӯҳбанди намуд. Аз ин нуқтаи назар, таъминоти инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ зерсистемаҳои сершумореро дар бар мегирад. Дар асоси такмили нуқтаи назари мутахассисону олимони соҳаи иқтисод, таркиби такмилёфтаи зернизомҳои таъминоти инфрасохторӣ дар расми 1. тасвир гардидааст.

Тибқи алгоритмаи муносибатҳои зерсохтори таъминоти соҳибкорӣ мудохила ба сохторҳои алоҳидаи он метавонад ба таври гуногун ба инфрасохтори соҳибкорӣ асар кунад. Ҳамин тавр, ҳар қадаре, ки дар кишвар таъмини талабот ба инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ қонеъ гардида бошад, ҳамон қадар миқдор ва сифати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар он баланд мешаванд. Масалан, агар мақсад ноил гардидан ба рушди соҳибкорӣ бошад, пас масъалаи аввалин ва асосӣ дар роҳи ноил гардидан ба ин мақсад фароҳамсозии заминаҳои меъёрии ҳуқуқии таъминкунии инфрасохтори соҳибкорӣ мебошад.

Ба андешаи мо, арзёбӣ ва радабандии ҳолати рушди инфрасохтори таъминкунандаи фаъолияти самараноки соҳибкорӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия омили рақобат ва ҳавасмандсозанда мегардад.




**Расми 1.- Алгоритмаи муносибатҳои зернизоми таъминоти инфрасохтории соҳибкорӣ**

**Сарчашма:** таҳия муаллиф тибқи: Верников В.А. Назначение и сущность инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности // Российское предпринимательство.-М.:2012.-№6.-С. 38.

Дар ин ҷода баҳогузории сатҳи инфрасохтори соҳибкорӣ барои корхонаи мушаххас ба ҳисоб гирифта мешавад. Масъалаҳои баҳогузории инфрасохтор барои корхонаи мушаххас ҳамон вақт ба миён меоянд, ки зарурияти ҳалли созмон додан ва ҷойгир намудани воҳидҳои сохтории зерини ташкилот пайдо мегарданд: намояндагӣ, филиалҳо, коргоҳҳои нав, корхона ва ғ. Баҳогузории сатҳи инфрасохтори соҳибкорӣ барои корхонаи мушаххас имкон медиҳад, ки минтақаҳои нисбатан мувофиқро барои ҷойгир намудани воҳидҳои сохтории нав муайян намоянд.

Тавре ки зикр мегардад, соҳибкор вабаста ба стратегияи интихобкардаи худ барои сармоягузорӣ намудан, дар баробари устувории вазъи сиёсии ҷомеа, ба ҳолати рушди инфрасохтор аҳамияти калон медиҳад [16].

Инчунин ҳолати рушди инфрасохтори соҳибкорӣ аз сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии он вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар ин ҳолат, барои инфрасохтори корхонаи ҷудогона объектҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, муносибатҳои дохилиташкилотӣ ва муносибатҳои дуру наздики муҳити берунаи он ҳамчун омилҳои калидӣ баромад мекунад.

Инфрасохтори соҳибкорӣ аз системаи иҷтимоию иқтисодӣ бо он фарқ мекунад, ки дар худ танҳо он элементҳоеро дохил мекунад, ки функсияҳои таъминкунӣ, нигоҳдорӣ ва назораткуниии фаъолияти асосии корхонаро иҷро мекунанд, аммо инфрасохтор функсияҳои амалисозии фаъолияти асосии ин корхонаро дар бар намегирад. Масалан, функсияи асосии савдои чакана худи савдои чакана мебошад. Функсияи фаръӣ дар ин ҷо масалан таъмин кардан ва кашонидани молҳо аз истеҳсолкунанда ба корхонаҳои савдои чакана мебошад.

Арзёбии вазъи феълии инфрасохтори соҳибкорӣ бештар ба методикаҳои баҳогузории инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, дар радабандиҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ, инчунин таҳқиқотҳои мутахассисону олимон гуногун ва воқеияти иқтисоди миллӣ номутобиқатӣ ба мушоҳида мерасад.

Зеро баъзеи онҳо имконияти инфрасохторро дар маҷмӯъ арзёбӣ мекунанд, қисми дигар бошад, ба баҳоҳои ташкилдиҳандаҳои ҷудогонаи инфрасохтор диққат медиҳанд.

Ба андешаи мо, истифодаи методҳои таҳлилу хулосабарорӣ ва сабабу натиҷа дар асоси таҳқиқотҳои оморӣ ва таҳқиқотҳои анкетавии пурсиши нуқтаи назари соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки ҳолати воқеии инфрасохтор ва талаботу пешниҳоди хизматрасониҳои инфрасохторӣ то андозае мушаххас карда шавад.

Дар яке аз методикаҳо ба ҳайси нишондиҳандаи асосии инфрасохтор самаранокии он инъикос шудааст, ки ҳамчун самараи ноилшуда аз ҳисоби инфрасохтори арзёбишуда нисбат ба хароҷоти меҳнати ҷамъиятӣ, ки барои гирифтани ин натиҷаҳо равона гардидааст, ҳисобида мешавад [17].

Баҳои умумии самаранокӣ аз баҳоҳои хусусии ташкилдиҳандаҳои самаранокие бармеояд, ки ба вазни онҳо зарб карда шуда, дар нақши баҳоҳои аҳамиятнокии ин, ё он ташкилдиҳандаи самаранокӣ бозӣ мекунанд.

Дар методикаи мазкур баъзе ташаккулдиҳандаҳои имконпазири самаранокӣ оварда шудаанд, аз ҷумла маблағҳои хусусии корхонаи соҳибкорӣ, нархи таъминамоии инфрасохтори корхонаи соҳибкорӣ, шумораи коргароне, ки барои таъмин намудани инфрасохтори соҳибкорӣ ва ғ. мебошанд.

Аз ин нуқтаи назар методикаи мазкур барои баҳогузории инфрасохтори соҳибкории истеҳсолии ҷудогона ба кор рафта, инчунин барои баҳодиҳии инфрасохтори минтақавиву миллӣ ба кор меояд. Дар онҳо ташкилдиҳандаҳои самаранокии сохторҳои соҳибкорӣ, дар маҷмӯъ ҳамчун ташкилдиҳандаҳои

ҷудогонаи соҳибкории истеҳсолӣ баромад накарда, балки ҳамчун элементҳои инфрасохтор баромад мекунанд, ҳарчанд ки чунин чузъиёт низ имконпазир аст.

Вобаста ба ҳалли масъалаи таҳлили иқтисодии самаранокии фаъолияти зерсохторҳои инфрасохторӣ Гуселников Н.Н. зикр намудааст, ки дар байни методҳои умумии универсалии арзёбии самаранокии методҳои таҳлили хароҷот ва фоида (cost-benefit analysis), таҳлили хароҷот ва самаранокӣ (cost-effectiveness analysis), таҳлили хароҷот ва манфиатнокӣ (cost-utility analysis), таҳлили хароҷот ва натиҷаирии самара (weighted cost effectiveness analysis) ҷудо карда мешаванд [18].

Ба андешаи мо, чунин методикаи арзёбии самаранокӣ манфиатҳои соҳибкории истеҳсолиро возеҳ намуда, дар маҷмӯъ барои бартараф кардани мушкилоти рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат менамояд.

Бояд зикр кард, ки методикаҳои гуногуни баҳогузории самаранокии инфрасохтори соҳибкорӣ арзи ҳастӣ дошта, дар аксар ҳолатҳо самаранокии инфрасохтори фаъолияти соҳибкорӣ вобаста аз фаъолити соҳибкорӣ ва инфрасохтори ниҳодӣ муайян карда шавад. Инфрасохтори ниҳодӣ – ин зерсистемаи инфрасохтори соҳибкорӣ мебошад, ки дар худ элементҳои ба меъёрҳо ва қоидаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, расмӣ ва ғайрирасмӣ дахлдорро дарбар мегирад. Тавре ки зикр мегардад, инфрасохтори институтсионалӣ ҳамчун зерсохтори идоракунанда ба пастшавии таваккалу хавфҳои номауайянӣ мусоидат карда, «қоидаи бозӣ»-ро таъмин мекунад [19].

Тибқи методикаҳои зикршуда барои таъмини самарнокии инфрасохтори соҳибкорӣ сатҳи рушди инфрасохтори ниҳодӣ бояд баланд бардошта шавад.

Агар тарзҳои дигари муайян кардани фаъолият ва самаранокии инфрасохтори ниҳодӣ пайдо гарданд, пас онҳоро ба пуррагӣ метавон дар маҷмӯи методикаҳои дигари баҳодиҳии инфрасохтори фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ татбиқ намуд, ё онҳоро барои пурра гардонидани методикаҳои мавҷуда истифода намудан мумкин аст.

Аз нигоҳи мо, методҳои муайян кардани фаъолият ва самаранокии инфрасохтори соҳибкорӣ ба омилҳои ягонагиву тафовути инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ва инфрасохтори бозорӣ вобастагии калон дорад, вале дар адабиёти илмии иқтисодӣ мавқеи ягонагии инфрасохтори бозорӣ ва инфрасохтори соҳибкорӣ ба назар мерасад.

Вобаста ба ин масъала Галочкина О.А. ва Разумова И.В. зикр менамоянд, ки инфрасохтори бозорӣ худ инфрасохтори соҳибкорӣ мебошад, зеро иқтисоди бозорӣ ин иқтисоди намуди соҳибкорӣ ва соҳибкорӣ маҳсули рушди бозор аст [20].

Ба андешаи мо, инфрасохтори бозорӣ дар маҷмӯъ, тибқи қонунияти диалектикӣ бо инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ умумият дошта, бештар фазои берунаро муайян менамояд. Дар ҳоле, ки инфрасохтори рушди соҳибкории истеҳсолӣ унсурҳои мусоидаткунандаи ташаккулёбиву рушд чи дар муҳити дохилии истеҳсолӣ ва муҳити берунаро фарогир мебошад. Умуман баҳснокии амиқ арзи ҳастӣ дорад.

Бинобар ин, бояд тазаккур дод, ки инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ давраҳои ҳаётии худро доро буда, масир ва рушди он дар сатҳи татбиқи инноватсия ва мукаммалшавии ташаккулёбии зерсистемаҳои инфрасохторӣ муайян гардида, барои паст гардонидани хароҷоти трансзаксионӣ ва ҷуброни таваккалҳои иқтисодии бурдани тиҷорат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, ворид намудани мафҳуми «даврахои ҳаётии инфрасохтори соҳибкорӣ» ҳамчун раванди тағйирёбии ҳолатҳои зерситемаҳои ташкилотии он мувофиқи мақсад мебошад, ки созмон додани шароитҳои умумии амалисозии фаъолияти соҳибкории субъектҳои соҳибкориро бо роҳҳои пайдарпай ба даврахои рушд гузаштан, мукаммал намудан ва устувор намудан таъмин менамоянд.

Бо истифода аз усули методологии мазкур функсияҳои инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ дар низоми иқтисодӣ амиқ гардида, дар шароити иқтисоди бозорӣ функсияи такрористеҳсолкунӣ фаъолияти мураттаб ва робитаи сохторҳои соҳибкории истеҳсолиро бо субъектҳои дигари иштирокии муносибатҳои бозорӣ возеҳ менамояд. Аз ҷониби дигар функсияи танзимсозандаи инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ тавассути танзими рушди мубодилаи ҷараёнҳои моливу пулӣ ҳамоҳангии манфиатҳои субъектҳои бозорро таъмин карда, ба таносуби тақсимоти мутавозини захираҳо ва маҳсулот ва дар маҷмӯъ ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Махсусан, тавассути инфрасохтори мусоид давлат ба сатҳи таваррум мудохила ва сиёсати таъмини шуғл ва устувории рушди иқтисодиётро амалӣ сохта, ба афзоиши боварии соҳибкорон ба самараи дилхоҳи фаъолият мусоидат менамояд. Яъне функсияи дигари инфрасохтор, ин ҳавасмандсозии рушди соҳибкории истеҳсолӣ буда, бештар ба дастгириҳои давлатии миқёсан васеъ ва комплексии рушди соҳибкорӣ асос меёбад.

Инфрасохтор ҳамчун элементи муҳими иқтисодиёти бозорӣ мебошад, ки муҳити рақобатии бозорро баҳри муваффақона фаъолият намудани сохторҳои соҳибкорӣ ташаккул медиҳад. Пас дар шароитҳои муосир нақш ва мавқеи давлат дар ташаккулёбии инфрасохтори соҳибкорӣ хеле баланд мебошад. Бояд тазаккур дод, ки сохторҳои соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳаҷм ва суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва инчунин ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъсири калон мерасонад.

Хусусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории истеҳсолӣ омили асосии таъмини шуғли пурмахсул ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар интиҳои зербоби мазкур бояд қайд намуд, ки имрӯз дар илми иқтисодӣ ба ҳайси яке аз тамоюлҳои калидӣ дар рушди методологияҳои таҳқиқоти илмӣ, синтези равияҳои методологӣ дар асоси парадигмаи системавиро аз ҳама бештар қайд менамоянд. Аз нигоҳи мо, ин ба равияҳои муосири соҳаи методологии таъмини инфрасохтории фаъолияти соҳибкорӣ ҳам мувофиқат мекунад, ки дар он равияҳои системавӣ, сохторӣ ва захиравӣ хусусиятҳои хоси омӯзиши равандҳои ташаккулёбии инфрасохтори соҳибкориро муайян намуда, равияҳои синергетикӣ, функсионалӣ ва эволютсионӣ масири рушди онро маънидод мекунанд.

Дар робита ба ин, таҳлили махсусиятҳои мавҷуда, инчунин танзими давлатӣ дар ташаккул ва рушди инфрасохтори соҳибкории истеҳсолӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 28.12.2023. –Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: - http://www.prezident.tj/node/21975
2. Безносиков В. И. Формирование и развитие системы инфраструктурного обеспечения предпринимательской деятельности в условиях оперативного управления маркетингом : дис. … канд. экон. наук. – М., 2006. – С. 33-52.
3. Васильева Т. А. Формирование и развитие системы инфраструктурного обеспечения деятельности предпринимательских структур : дис. … канд. экон. наук. – СПб., 2008. – С. 65-66.
4. Сухова С. А. Инфраструктурное обеспечение предпринимательской деятельности в современной экономике: дис. … канд. экон. наук. – Тамбов, 2008. – С. 127-129.
5. Марченко Т. И. Структурный подход к управлению развитием сферы услуг региона. –Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: – URL: http://sibac.info/index.php/2009-07-01-10-21-16/1515-2012-03-13-19-08-35 (дата обращения: 28.09.2012).
6. Ляшенко В. И. Режимы как институты развития предпринимательства: диалектика сочетания стимулов и ограничений // Научные труды ДонНТУ. Серия: экономическая. – Вып. 34-1. –Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: – URL: http://ea.donntu.edu.ua:8080/jspui/bitstream/123456789/13171/1/34_31.pdf (дата обращения: 07.09.2012).
7. Марченко Т. И. Структурный подход к управлению развитием сферы услуг региона. –Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ:– URL: http://sibac.info/index.php/2009-07-01-10-21-16/1515-2012-03-13-19-08-35 (дата обращения: 28.09.2012).
8. Главатских О.Б., Григорьева О.Н., Хоменко Е.Б. Инфраструктурное обеспечение инновационного предпринимательства в экономике региона // Монография: под -общ. ред. Е. Б. Хоменко. – М. : Изд-во МГОУ, 2012. – С. 77-78.
9. Ватутина Л.А., Филиппова М.Н., Хоменко Е.Б. Актуальные задачи формирования и совершенствования инфраструктурного обеспечения деятельности малых предприятий // Вестник ИжГТУ. – 2009. – № 3(43). – С. 73–76.
10. Хачатуров Т.С. Эффективность капитальных вложений. -М.: Наука, 1979. -238 с.
11. Шабалин А.О. Совершенствование методов расчета эффективности капитальных вложений в производственную инфраструктуру (вопросы моделирования) / Дисс… канд… экон.. наук. –М., 1982. -130с.
12. Альбитер Л.М.Особенности управления производственной инфраструктурой промышленных комплексов// Журнал «Транспортное дело России. –М., 2008. -С.10-11.

13. Далисова Н.А. Состояние и развитие социальной и производственной инфраструктуры региона: автореф. дис. ... канд. эконом. наук.-М.: Московская сельскохозяйственная академия им. К.А. Тимирязева, 2007.-25 с.

14. Загорская А.Г. Развитие производственной инфраструктуры предприятий химической промышленности: автореф. дис. … канд. эконом. наук.-Саратов: Саратовский государственный социально-экономический университет, 2005.-25 с.

15. Далисова Н.А. Состояние и развитие социальной и производственной инфраструктуры региона: автореф. дис. ... канд. эконом. наук. - М.: Московская сельскохозяйственная академия им. К.А. Тимирязева, 2007. - 25 с.

16. Хаёходжаев Ф.М. Проблемы и перспективы привлечения иностранных инвестиций в открытую экономику Республики Таджикистан.- Душанбе, 2011.-С.35-36.

17. Васильева Т. А. Формирование и развитие системы инфраструктурного обеспечения деятельности предпринимательских структур : дис. … канд. экон. наук. – СПб., 2008. – 186 с.

18. Гуселников Н.Н. Интегральный метод оценки эффективности инфраструктуры предприятия /Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. –СПбг, 2013. – С.103-107

19. Маллаев Х.Н., Аврамчикова М.Т. Теоретические основы формирования институциональной инфраструктуры региона// Журнал “Менеджмент социальных и экономических систем», 2017. -№1. С.39-46

20. Галочкина О.А., Разумова И.В. Инфраструктура предпринимательства: сущность и виды. Вестник экономики, права и социологии. –СПбр., 2012. -№ 1. – С.38-40.

## РУШДИ ҲОЗИРАИ СОҲИБКОРИИ САНОАТИ ҶУРОББАРОРИИ РАҚОБАТПАЗИР

**Хоҷаева З.С. - устоди калони ДБССТ**
**Ҷамолов Д.Ш. - Устоди калони устоди калони ДБССТ**

Саноат яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, асоси онро маҷмӯи корхонаҳо, комбинат, кон, фабрика, нерӯгоҳ ва дигар коргоҳҳои истеҳсолӣ ташкил медиҳанд. Ин корхонаҳо тавассути қувваи кории қобили меҳнат, захираҳои моддӣ-техникӣ ва манбаъҳои молиявӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, иқтидори истеҳсолӣ ва даромаднокиро дар ҷомеа рушд медиҳанд. Бо зиёд шудани иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ва умуман ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ҳиссагузории он дар афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд гардида, дар таъмини барзиёдии даромади буҷет, нигоҳдошти қурби пули миллӣ, рушди тиҷорати байналхалқӣ таъсири мусбӣ мегузорад. Дар ҳолати паст шудани иқтидори истеҳсолот, рақобатпазиру бозоргир набудани маҳсулотҳои саноатӣ, самарнок нагардидани фаъолияти

корхонаҳо сатҳи баланди рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷагии манзил, камуналӣ, шуғл, даромаднокии аҳолӣ ва ғайра), ки некӯаҳволии мардумро муайян мекунанд, таъмин буда наметавонад. Бинобар ин, соҳаи саноат дар рушди устувори иқтисодиёт ва беҳдошти зиндагии мардум нақши калидӣ дорад.[6, саҳ 129]

Самаранокии рушди иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои кишвар аз бисёр омилҳо, замина, талабот, навъ ва сатҳи ташаккули иқтидори саноатӣ вобаста мебошад, ки барои ҷалби сармоягузорӣ шароит фароҳам меоварад. Яке аз заминаи муҳими самаранок истифодабарии иқтидори саноатӣ ва сатҳи саноатикунонӣ ин мавқеи табии ҷуғрофии он ба шумор меравад. Ҳамаи ин омилҳо (иқтидори меҳнатӣ, молиявӣ, соҳибкорӣ ва ғайраҳо) шакли иқтисодиёти ҷумҳуриро ба иқтисодиёти аграрӣ – саноатӣ табдил медиҳад.

Барои амалӣ гаштани ташаккул ва рушди модели мазкур, ин ҳадафи чоруми стратегияи миллӣ яъне саноатикунонии босуръати кишвар мебошад, ки ба ташкилёбии иқтидори саноатӣ саҳм мегузорад. Ин раванд ба аҳамияти таҳқиқоти иқтидори саноатӣ пурқувват, замина мегузорад. Тағйироти тамоми ҷанбаҳои фаъолият дар низомҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели рушди аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ водор месозад, ки аз нав саноатикунонии иқтисодиёт гузаронида шуда ва ба ин васила муносибатҳои истеҳсолӣ рушд меёбанд. [7, саҳ 14]

Бо мақсади ташаккул ва инкишофи соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи чоруми мамлакат “Саноатикунонии босуръати кишвар” эълон шуда, ки заминаи асосӣ барои таъсисёбии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ мебошад.

Мақсади асосии ин стратегияи мамлакат пеш аз ҳама рушд ва таъмини истеҳсолоти босифат, дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ, ҳаҷман зиёд намудани иқтидори истеҳсолӣ, таъмини аҳолӣ бо молу масолеҳҳои аввалиндараҷа, бунёди ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон ва коҳиш додани раванди муоҷирати меҳнатӣ ва ғайра мебошад.

Бояд қайд кард, ки маҳз бо ташаббус ва дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳими рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҳисобида шуда, барои рушду инкишофи соҳаҳои алоҳидаи он имтиёзҳо ва механизмҳои ҳавасмандкунанда амалӣ шуда истодааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ баландбардорӣ ва таҳқиқ намудани роҳҳои актуалӣ будани навоварӣ дар миёни субъектҳои хоҷагидорӣ, яке аз таъминкунандаи низоми асоси рақобатнокӣ дар бозори ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Низоми рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва масъалаҳои мубрами рушди стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҷоринамоии хусусиятҳои навоварӣ дар миёни ширкату, ташкилотҳо ва дигар корхонаҳои давлативу хусусӣ таъмин намояд.[1, саҳ 42]

Мақсад аз эълон гардидани ҳадафи чоруми мамлакат саноатикунонии босуръати кишвар, пеш аз ҳама дар кишвар ба роҳ мондани истеҳсолоти ватанӣ, ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ, таъмин намудани аҳолии мамлакат бо маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва ба содирот нигаронидани он, ташкил кардани корхонаҳои нави саноатӣ ва дар ин замина бо ҷойи корӣ ҳарчи бештар таъмин намудани аҳолӣ қобили меҳнат, рақобатпазир кардани маҳсулоти дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти ватании воридотивазкунанда дар раванди саноатикунонии кишвар яке аз самтҳои афзалиятнок дар шароити муосир ба шумор меравад.

Саноатикунонӣ дар адабиёти иқтисодӣ раванди босуръати иқтисодӣ-иҷтимоии гузариш аз марҳалаи рушди анъанавӣ ба индустриалӣ буда, бо бартарии истеҳсолоти саноатӣ дар иқтисодиёт устуворӣ нишон медиҳад. Ҳамин аст, ки дар ҷараёни саноатикунонӣ тағйироти назаррас ба миён омада, дар натиҷа бозори ҷаҳонии маҳсулот ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо ташаккул ёфта дар навбати худ ҳавасмандии сармоягузорӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёт авҷ мегирад. Ин амал ба он оварда мерасонад, ки саноати сабук рушд ёфта ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ афзун гардад. [10, саҳ 83]

Соҳаи нассоҷӣ, ки дар замони Шӯравӣ яке аз соҳаи сердаромадтарин ва дар баргирандаи ҳаҷми зиёди қувваи корӣ буд, баъди солҳои 1997 то ин ҷониб ба соҳаи зараровари иқтисодиёти ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Аз даст додани иқтидорҳои зарурии истеҳсолӣ, куҳна ва фарсуда гаштани дастгоҳҳои истеҳсолӣ ба соҳаи зараровар мубаддал гардидани саноати нассоҷии кишвар, инчунин паст гардидани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ба рушди ин соҳаи иқтисодиёт таъсири манфӣ расонидааст. Паст гардидани қобилияти рақобатпазирии маҳсулоти нассоҷии ватанӣ ба ворид гардидани молҳои ҷумҳуриҳои Чин, Туркия, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Арабистон ва дигар кишварҳо ба бозори истеъмолӣ оварда расонидааст, ки онҳо маҳсулоти ватаниро аз бозори истеъмолии дохилӣ бароварданд.

Рушди ҳар як соҳаи саноат дар аввал ба манбаи ашёи хоми истеҳсолӣ такя менамояд, ки соҳаи саноати нассоҷии пахтагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то даврони гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ бо он танқисие надошт. Чунки ашёи хоми истеҳсолии ин соҳаи муҳими иқтисодиёт дар миқёси кишвар парвариш карда мешавад. Аммо бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар ин соҳаи иқтисодиёт муаммоҳои гуногун вуҷуд доранд, ки бе ҷалб намудани сармоягузориҳои мустақими ватанӣ ва хориҷӣ ҳалли онҳо хело душвор мебошад.

Дар даврони то солҳои 1990 Тоҷикистон газворҳои пахтагин истеҳсол намуда, яке аз таъминкунандагони муҳимии маҳсулоти нассоҷӣ ба шумор мерафт, ки дар он даврахо қариб қисмати зиёди Иттиҳоди Шӯравиро бо зиёда аз 30 намуди ин маҳсулот ва бо қисмати зиёди онҳо таъмин менамуд.

Ҳамчунин, дар замони Шӯравӣ соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосии таъмини саноати нассоҷии дигар давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият бо сабабҳои гуногун қисмати иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи нассоҷӣ аз даст дода шуд. Ин боиси он гардид, ки қисмати зиёди пахтаи дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшуда ҳамчун ашёи хом ба хориҷи кишвар содирот шуда, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун манбаи ашёи хоми дигар давлатҳо мегардад. [7, саҳ 58-59]

**Ҷадвали 1**

**Истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини саноати сабук дар солҳои 1991 – 2020**

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нахи пахта | ҳазор тн | 246 | 168 | 107 | 153 | 95,2 | 98,4 | 98,5 | 102,5 | 101,5 |
| Ресмони пахтагин | ҳазор тн | 24,7 | 13,2 | 14,8 | 15 | 6,1 | 4,9 | 20,7 | 22,4 | 19,3 |
| Матои пахтагин | млн м2 | 102,4 | 28 | 11,5 | 24,1 | 25,6 | 8,4 | 7,5 | 12,7 | 13,7 |
| Матои нобофта | млн м2 | 13 | 5,5 | 1,8 | 1,7 | 1 | 0,8 | 1,1 | 2,1 | 2,2 |
| Маҳсулоти дӯзандагӣ | млн сомонӣ | 195,9 | 7,7 | 12,3 | 51,3 | 96,5 | 109,3 | 267,2 | 260,6 | 345,5 |
| Ҷӯроб | млн ҷуфт | 49,2 | 4,5 | 3,1 | 5 | 5,7 | 2,6 | 5,7 | 4,1 | 7,8 |
| Қолин | млн м2 | 7,6 | 0,7 | 0,3 | 0,5 | 0,6 | 1,2 | 3,1 | 4,7 | 2,8 |
| Пойафзол | млн ҷуфт | 8,5 | 0,6 | 0,11 | 0,03 | 0,41 | 0,47 | 0,8 | 0,8 | 1,0 |
| Мебел | млн сомонӣ | 1,3 | 0,12 | 0,21 | 2,1 | 5,0 | 15,4 | 42,9 | 54,1 | 60,8 |
| Матои атлас | млн м2 | 68,6 | 8,4 | 0,3 | 0 | 0,07 | 0,004 | 0,019 | 0,021 | 0,022 |

*Сарчашма: маълумотномаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шумораи корхонаҳои соҳаи саноати сабук, аз ҷумла ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ, қолинбофӣ, коркарди пӯст, истеҳсоли пойафзол ва мебелбарорӣ аз 63 корхонаи соли 1991 дар соли 2020 ба зиёда аз 486 корхона расидааст. Истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар соли 1991 – 0,06 млн сомонӣ, соли 1995 – 16,0 млн сомонӣ, соли 2000 – 139,6 млн сомонӣ, соли 2005 – 323,3 млн сомонӣ, соли 2010 – 1093,7 млн сомонӣ, соли 2015 – 1425,5 млн сомонӣ, соли 2018 – 2700,4 млн сомонӣ, соли 2019 – 2897,9 млн сомонӣ ва соли 2020 – 3140,3 млн сомониро ташкил додааст.[10, саҳ 187]

Пахта ҳамчун захираҳои асосии истеҳсолии саноати нассоҷӣ маҳсуб мешавад. Ин гурӯҳи захираҳои ашёи хом, ки қисмати асосии маҳсулотро ташкил менамояд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол гардида, бидуни хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ ба ҷараёни истеҳсолот ворид мегарданд. Ин арзиши маҳсулоти саноатиро дар сатҳи паст нигоҳ медорад ва аз ҷиҳати рақобатпазирӣ афзалият пайдо менамояд.

Ҳамин тавр дида мешавад, ки таъмин гардидани истеҳсолоти саноати нассоҷӣ бо ашёи хоми истеҳсолӣ ба ҷолибияти сармоягузории ин соҳаи иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад. Зеро самараи фаъолияти ин соҳаи

саноат аз ашёи хоми баландсифат бо арзиши муфид вобастагӣ дорад. Дар ҳолати сармоягузорӣ намудани ин соҳаи иқтисодиёт, таъмин намудани марҳилаи пурраи коркарди пахта то ба маҳсулоти ниҳоӣ ва идоракунии самараноки захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ, моддӣ соҳаи саноати нассоҷӣ натиҷаи пурсамар медиҳад. [8, саҳ 59-60]

Оид ба ин масъала Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ моҳи декабри соли 2018 ёдовар шуда буданд: "Ҳоло ҳиссаи ночизи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард шуда, имкониятҳои мавҷуда, алалхусус дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи нассоҷӣ ба таври кофӣ истифода нашудаанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир ҳамагӣ 10-12%-и нахи пахта дар дохили кишвар коркард мешавад. Соли 2018 содироти нахи пахта назар ба соли гузашта ду баробар афзудааст".[4]

Вазъияти иқтисодӣ дар марҳилаи ҳозира тақозо менамояд, ки стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии дарозмуддат, ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам барои минтақаҳои алоҳидаи он таҳияшуда саривақт амалӣ карда шаванд. Шарикии давлат ва бахши хусусиро метавон яке аз воситаҳои асосии амалисозии стратегияҳои рушди давлатӣ ва ҳамчун манбаи рушди устувори иқтисодиёти рақобатпазир ҳисоб кард.

Бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати нассоҷии кишвар айни замон «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023 тасдиқ гардидааст амал менамояд, ки бо мақсади амалигардонии имконияту иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, беҳтар гардонидани сифати молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, кам кардани хароҷоти барзиёд, дурусту мақсаднок истифода намудани ашёи хоми пахта, содда ва шаффоф гардонидани тартиби танзими фаъолияти соҳибкорӣ ва аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ, ба таъмини ҷанбаҳои рақобатпазирии саҳаҳои саноат, ташкилшавии корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсисёбии ҷойҳои нави корӣ, талабот ба касбҳои нав ва гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Дар робита ба ин дар Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040, чунин нуктаҳои муҳим қайд гардидаанд: "Стратегия саҳми коркарди пахта ва саноати нассоҷиро дар рушди умумии иқтисодиёти мамлакат инъикос намуда, ба таъмини рушди бемайлону устувори соҳаҳои саноати кишвар бо роҳи гуногун намудии истеҳсолот ва гузариш аз тавлиди ашёи хому нимтайёри он ба марҳилаҳои пурра, истеҳсоли маҳсулоти тайёри рақобатпазир, хизматрасонии босифат ва натиҷаҳои ҳар як соҳаи насоҷӣ ва коркарди пахта диққатан инъикос, таҳлил гардида, инчунин самтҳои рушди онҳо муайян менамояд". [5, саҳ 1]

Раванди истеҳсолот нишон медиҳад, ки дар дохили мамлакат пурра коркард ва ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хом нисбат ба содироти ашёи хом самаронкии бештари иқтисодӣ дорад. Дар ин робита коркарди 1000 тонна нахи пахта дар корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор додашуда, маълум гардид, ки аз 1000 тонна нахи пахта 900 тонна риштаи пахтагин истеҳсол шуда, он барои коркарди минбаъдаи ҷиҳати истифодабарӣ дар самтҳои истеҳсоли матои дурушт (502 тонна), корхонаҳои ҷуроббофӣ (8 тонна) ва содирот (390 тонна) истифода мешавад. Аз ин миқдор (502 тонна) истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслии матоъи пахтагин 3,36 миллион метри мураббаъ, маҳсулоти ҷуроббофӣ 0,2 миллион ҷуфт ва дӯзандагӣ (шартан) 0,1 миллион маҷмуи рахти хобро ташкил медиҳад. [5, саҳ 7]

Тибқи сарчашмаҳои омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2021 дар Тоҷикистон замини кишти пахта ҳамагӣ 173,8 ҳазор гектар мавҷуд аст, ки аз ин шумора 121,2 ҳазор гектар ба вилояти Хатлон, 49,7 ҳазор гектар ба вилояти Суғд ва 2,8 ҳазор гектар ба ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд. Ба ҳолати соли 2021 ҷамъоварии ҳосили пахта дар ҷумҳурӣ 388,8 ҳазор тонна, аз ҷумла: дар вилояти Хатлон 270 ҳазор тонна, дар вилояти Суғд 112,6 ҳазор тонна ва дар ноҳияҳои тобеи марказ 6,2 ҳазор тонна ҳосили пахта ҷамъоварӣ карда шуд. [3, саҳ 278]

Дар шароити муосир ҷуроббарориро ба соҳаи саноати субук арзёбӣ менамоянд. Саноати сабук соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар давраи истиқлолияти ҷумҳурӣ иқтидорҳои нав дар самти нассоҷӣ, қолинбофӣ, дӯзандагӣ, истеҳсоли мебел, коркарди пӯст ва ҷӯроббофӣ сохта ва ба истифода дода шуда, як қатор корхонаҳои амалкунанда аз нав таҷдид гардиданд. Афзалиятнокии саноати сабук бо мавҷуд ва дастрас будани ашёи хоми ватанӣ, ки аз воридоти ашёи хом аз хориҷӣ кишвар вобаста набуда, аммо технологияи истеҳсоли он аз хориҷии кишвар ворид шуда, ҳамчунин мавҷуд будани бозори меҳнат, ки ба ташкили шумораи зиёди ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад ва қобилияту имконияти васеи бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолиро дорад, асоснок шудааст. [3, саҳ 3]

Ба андешаи мо имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли нахи пахта, ки дар замони муосир ба як соҳаи зараровар мубаддал гардидааст, аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсолот дар ҳолати ба пуррагӣ кор намудани иқтидорҳои саноати нассоҷӣ кифоя намебошад. Бо ин мақсад баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти ин намуди маҳсулоти кишоварзӣ ва дастгирии соҳаи саноати сабук дар давраи амалишавии ҳадафи чоруми стратегияи миллии саноатикунонии босуръати кишвар ва аз ҷониби давлат ё сармоягузорони алоҳида, ки дар оянда бо коркарди пахта машғул мегарданд, бояд ба роҳ монда шавад.

Барои амалӣ шудани ҳадафҳо ва нуктаҳои дар Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040 пешбини шуда, вазорату идораҳои

дахлдори ҷумҳуриро зарур аст, ки чораҳои дахлдорри мабрамро роҳандозӣ намуда, ба ташаккул ва рушди истеҳсоли саноати ҷуроббарории рақобатпазир дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, саҳмгузор бошанд.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Дустов Б.Т., Бахтиёри Р. Стратегияи идоракунии фаъолияти навовариҳои корхонаҳо дар давраи саноатикунонии босуръати мамлакат, //Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У., дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» Душанбе-2022, саҳ 42//

2. Маълумотномаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Омори солона. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. саҳ.278

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 26.12.2018

5. Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040 //бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №593 тасдиқ гардидааст//

6. Саидов П., Рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ва нақши онҳо дар инкишофи маҳсулотҳои воридотивазкунандаи ватанӣ, //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Таъмини маҳсулоти воридотивазкунандаи ватанӣ дар шароити рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамоҳангии кишварҳои Осиёи миёна" саҳ 129//

7. Файзиева Д.И., Иқтидори саноатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон) Хуҷанд–2022 саҳ.14

8. Файзуллоев М., Розиев Д.А., //Таҳлили макроиқтисодии вазъи ҷолибияти сармоягузорӣ дар саноати нассоҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ 58-59//

9. Ҷурабоев Ғ.Ҷ., Одинаев М.А., Таҳлили иқтисодӣ - омории соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият, //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 4/2(44) саҳ 187//

10. Шарифзода М.М., Солиев Ҳ.А. Минтақаи озоди иқтисодии Суғд ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар, //Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ахбори ДДҲБСТ» Хуҷанд - №1 (86) 2021 саҳ.83//

# БАҲОДИҲИИ ТАҲДИДҲОИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНӢ БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ КОРКАРДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ғафуров С.Х. - ассистенти ДБССТ**

Фаъолияти инноватсионӣ барои инкишофи дигар соҳаҳо заминаи муфидро фароҳам оварда, натиҷаи дилхоҳро ба бор меоварад. Пеш аз ҳама барои инкишоф ёфтани фаъолияти инноватсионӣ дар ин ё он соҳа заминаи муфиди идоракунии он зарур мебошад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" "сиёсати давлатии инноватсионӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба рушд, танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, таҳияи механизм ва татбиқи он равона карда шудааст;" маънидод карда мешавад. Яъне аз таърифе, ки дар қонуни болозикр дарҷ ёфтааст, заминаи асосие, ки фаъолияти инноватсиониро ба танзим медарорад, ин мақомоти давлатӣ маҳсуб меёбад.

Инкишофи соҳаи саноат аз истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми истеҳсолот сахт алоқаманд буда, дар таъмини бехатарии иқтисодиёт нақши калидӣ дорад.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки "...бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад"[5].

Маврид ба ёдоварист, ки устуворнокии корхонаҳои саноатӣ дар самти расидан ба ҳадфҳои стратегӣ мусоидат хоҳад кард. Аз ин рӯ тамоми талошҳои Ҳукумати кишвар бахри пешбурди ин соҳа равона карда шудааст, ки мисоли онро метавонем дар ташкили ислоҳоти куллии соҳаи саноат мушоҳида намуд.

Афзоиши корхонаҳои саноатӣ боиси кам гардидани як қатор муаммоҳои макроиқтисодӣ буда, ба ин васила роҳҳои афзунгардонии буҷети давлатӣ низ таъмин мегардад.

Инкишофи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккули соҳаи саноат сарчашма гирифта, дар асоси истифодаи самараноки фаъолияти инноватсионӣ ва татбиқи он дар истеҳсолот такмил меёбад.

Фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ ва дараҷаи истеҳсоли онҳо аз низоми идоракунӣ сахт вобастагӣ дошта, марҳилаҳои инкишофи минбаъдаи онро таъмин менамояд. Яке аз роҳҳои инкишофёбии соҳаи саноат ва корхонаҳои саноатӣ ин дастгирии давлатӣ мебошад, ки дар шаклҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Ба ғайр аз ин истифодаи самараноки

[5] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз26.12.2018). http://www.president.tj

технологияҳои инноватсионӣ омили асосии баландбардории дараҷаи истеҳсолнокӣ мебошад[6]. Амалан ташаккули фаъолияти инноватсионӣ дар кишвари мо аз солҳои 1997 шурӯъ гардида, марҳила ба марҳила инкишоф ёфтааст. Дар шароити муосир механизмҳои дастгирии давлатӣ дар самти баландбардории иқтидорнокии фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи васеи онҳо дар раванди истеҳсолот бояд дар чорчӯбаи талаботҳои зерин ба роҳ монда шавад:

- барои баландбардории истеҳсолнокии корхонаҳои саноатӣ, бояд лоиҳаҳои инвеститсионию инноватсионии хусусияти ташаккулдиҳии иқтисоди миллӣ доштаро ҷалб намоем;
- истифодаи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки дар онҳо дастгирии давлатӣ дида мешавад;
- ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба дар самти воридсозии технологияҳои инноватсионӣ бо шарикони рушд (новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ);
- таҳия ва банақшҳагирии лоиҳаҳои инвеститсоинию инноватсионӣ бодарназардошти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ;
- таъсиси низоми ягонаи идоракунии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва танзими он;
- таҳияи механизми ягонаи ҷалби сармоягузориҳои мустақим дар самти ташаккули фаъолияти инноватсионӣ.

Дар натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур гуфтан ба маврид аст, ки дар самти дастгирии давлатии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар сатҳи иқтисодиёти кишвар то кунун баъзе норасоиҳо мавҷуд аст. Бояд қайд намоем, ки ҳангоми гифтани кумакҳои молиявӣ (субсидия) аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ ба самти онҳо равона карда шудааст, якчанд масъалаҳо аз қабили техникӣ, тиҷоратӣ ва комёбиҳои иҷтимоӣ ба эътибор гирифта намешаванд[7]. Он ҳама лоиҳаҳои инноватсионие, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ карда мешаванд, барои тамоми самтҳои хоҷагии халқ татбиқ карда мешавад.

Механизми дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониро метавон дар асми зер мушоҳида намуд:

[6] Заяц Ю.О. Особенности и угрозы обеспечения экономической безопасности Украины // Экономика и менеджмент инновационных технологий. – 2016. – № 3 [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ekonomika.snauka.ru/2016/03/11078

[7] Митяков Е.С., Корнилов Д.А. К вопросу о выборе весов при нахождении интегральных показателей экономической динамики // Труды Нижегородского государственного технического университета им. Р.Е. Алексеева. – 2011. – № 3(90). – С. 289-291.

**Расми 1. Механизми дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ**




Дар раванди маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бояд аз рӯйи категорияҳое, ки дар боло овардем муфовиқ карда шавад.

Дар робита ба ин нишондиҳандаҳо, ки интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад, бояд аз рӯёи категорияҳои зерине, ки дар ҷадвали 2.2.1. меорем, ба роҳ монда шавад.

**Ҷадвали 2.2.1. Интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ аз рӯйи категорияҳо**

| **Категорияҳо** | **Таснифот** | **Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ** |
|---|---|---|
| Категорияи якум | Ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулотҳои саноатии ба содиротнигаронидашуда, ки зери ҳимояи мақомоти давлатӣ қарор дорад | То 60 дарсади арзиши лоиҳа |
| Категорияи дуюм | Татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии корхонаҳои саноатие, ки ба истеҳсоли маҳсулотҳои ба содиротнигаронидашуда машғуланд ва | То 50 дарсади арзиши лоиҳаи инноватсионӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | ба стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд | |
| Категорияи сеюм | Татбиқи лоиҳаҳое, ки ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда алоқамананд ва бо нархҳои пасттар нисбати молҳои воридотӣ ба фурӯш баровараа мешаванд | То 35 дарсади арзиши лоиҳа |
| Категорияи чорум | Татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониии корхонаҳои саноатие, ки истеҳсоли молҳои онҳо дар бозори дохилӣ талаботи баланд доранд | То 10-15 дарсади арзиши лоиҳа |

**Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрӣ**

Мақомотҳои давлатӣ на танҳо дар дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ фаъоланд, балки баҳри баланд бардоштани низоми истеҳсолии корхонаҳои истеҳсолӣ ҳавасманд мебошанд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон маҷмӯаи оморие вуҷуд надорад, ки вазъи инкишофи инноватсиониро бозгӯй бошад.

Ба ақидаи иқтисодчӣ Махкамов Б. Б. барои муайян намудани ҳолати инкишофи инноватсионӣ бояд аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо баҳогузорӣ намуд[8].

Принсипҳои заминавӣ, аломат ва нишондиҳандаҳои иқтисодиёти инноватсионӣ сатҳи баланди инкишофи маориф ва илм

- 4-6-ум сатҳи технологии иқтисодиёт
- баландравии сатҳи зиндагии аҳолӣ
-арзиши баланд ва сифати сармояи инсонӣ
-рақобатпазирии баланди иқтисодиёт
-ҳиссаи баланди истеҳсолот
-сатҳи баланди содирот
-инкишофи технологияи истеҳсолӣ

Аз таҳлили ҷадвали мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки роҳҳои асосии баҳодиҳии инкишофи инноватсионии иқтисодиёт ин сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ мебошад ва аз дигар ҷониб дараҷаи истеҳсолот ва ҳаҷми содирот низ дохил карда мешавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз26.12.2018). http://www.president.tj

2. Махкамов Б.Б. / Перспективы и механизмы инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан. Душанбе-2029. стр 62

[8] Махкамов Б.Б. / Перспективы и механизмы инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан. Душанбе-2029. стр 62

3. Заяц Ю.О. Особенности и угрозы обеспечения экономической безопасности Украины // Экономика и менеджмент инновационных технологий. – 2016. – № 3 [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://ekonomika.snauka.ru/2016/03/11078

4. Митяков Е.С., Корнилов Д.А. К вопросу о выборе весов при нахождении интегральных показателей экономической динамики // Труды Нижегородского государственного технического университета им. Р.Е. Алексеева. – 2011. – № 3(90). – С. 289-291.

## СОВРЕМЕННЫЙ МИРОВОЙ ОПЫТ КОНЦЕССИОННЫХ ОТНОШЕНИЙ В СИСТЕМЕ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКЕ И ВОЗМОЖНОСТЬ ЕЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**Баёнова М. – ст. преподаватель МУТПТ**

Проблемы частного капитала к инвестированию социальных и инфраструктурных проектов, традиционно финансирующихся из государственного бюджета, находятся в центре внимания практиков и исследователей большинства развитых стран мира. Тема имеет давнюю историю. Во Франции и Великобритании возникновение концессионных взаимоотношений относят к 16 веку (во Франции, например, считается, что первая концессия была предоставлена в 1554 году инженеру Адаму де Крапону на сооружение и эксплуатацию канала). Широкое распространение в Европе и США подобная форма сотрудничества получила в XIX веке, а в 80-х- 90-х годах XX века вопросы привлечения бизнеса к реализации проектов, традиционно относящихся к ведению государства, снова привлекли к себе внимание во всем мире. Сейчас в одной только Великобритании стоимость объектов, сооруженных за счет привлеченного государством частного капитала в течение последних десяти лет, превысила 24 млрд. фунтов стерлингов [3]. При реализации государственных проектов, к участию в которых привлекается частный бизнес, стороны вступают в партнерские отношения, которые принято называть партнерством между государством и частным бизнесом (Public-Private Partnership- PPP).

В большинстве случаев инициатива установления партнерства с частным бизнесом исходит от государства и вызывается неспособностью государства обеспечить необходимые объемы, концентрацию и эффективное использование финансовых ресурсов в целях поддержания и инновационного развития инфраструктуры всех типов, в то время как частный бизнес имеет большие свободные денежные ресурсы, по природе своей более эффективен и при надлежащем контроле способен лучше решать эти задачи. В мировой практике применяются различные формы реализации партнерства между государством и частным бизнесом. Наиболее популярным из них по признанию большинства специалистов, является концессия, содержанием которой, как вытекает из Закона РТ «О концессиях» от 26.12.2011 года. Концессионная деятельность в Республике Таджикистан осу-

ществляется с учетом национальных интересов на основе нижеследующих принципов:

- законность;
- взаимовыгодность;
- конкурсный подход к выбору концессионера;
- невмешательство в хозяйственную деятельность концессионера, осуществляемую в рамках требования законодательства Республики Таджикистан;
- соблюдение нормативных правовых актов Республики Таджикистан в области использования и охраны природы, недр, использования воды, бассейнов рек, озер, экологической и санитарно-гигиенической безопасности, социального страхования и обеспечения и охраны труда;
- свободная и прозрачная деятельность концедента и концессионера при осуществлении концессионного договора;
- обеспечение выпуска экологически безопасной продукции, соответствующей стандартам Республики Таджикистан, если иное не предусмотрено международными правовыми актами, признанными Таджикистаном.

Настоящий Закон регулирует отношения, связанные с концессией, и определяет полномочия государственных органов, условия и порядок предоставления концессионных объектов, права и обязанности концессионера, исполнение и сроки концессионного договора, а также гарантии поддержки концессионной деятельности. Примером тому может стать применение концессионные соглашение в компании Памирэнерджи.

Памирская Энергетическая Компания является первой энергетической компанией в Таджикистане, образованной в виде государственного и частного партнерство на основе концессионного договора. Основными целями образования компании является удовлетворение энергетических потребностей жителей Горно-Бадахшанской Автономной Области, Республики Таджикистан, и содействие экономическому и социальному развитию горного края Таджикистана. В декабре 2002 года в результате подписания Концессионного договора между Правительством Республики Таджикистан, Управлением Фонда Ага Хана по экономическому развитию и Международной финансовой корпорацией была создана компания «Памир Энерджи». Финансовыми партнерами выступали и выступают по сей день Всемирный Банк, Международная финансовая корпорация (МФК) и Швейцарское агентство по экономической поддержке. Компания основана на правах частного проекта.

Экономическая сущность концессии проявляется, когда возникают взаимные обязательства сторон концессионного соглашения, выполнение которых создает новые возможности осуществления капитальных вложений в объекты общественной собственности. Эти дополнительные возможности – непосредственный результат кооперативного и кумулятивного эффектов государственно-частного партнерства, следствие реализации интересов субъектов концессионных отношений. Поэтому особое значение приобретает согласование и соблюдение интересов всех сторон концессионного соглашения: государства, представляющего интере-

сы общества и обеспечивающего реализацию делегированных ему функций по предоставлению общественных благ, и предпринимательских структур.

Принятий закон «О концессионных соглашениях», ориентированного на реализацию проектов на основе механизма ГЧПО, способствовало формированию необходимой базы, создающей новые институциональные и организационные возможности повышения эффективности функционирования инфраструктурных отраслей.

Преимущества применения механизма концессионных отношений как вида Государственно-частное партнерское отношение могут существенно ускорить темпы и повысить эффективность реализации инфраструктурных проектов в электроэнергетической отрасли, предусмотренные «Стратегией развития электроэнергетики РТ», содержащей совокупность взаимоувязанных по задачам, срокам осуществления и ресурсам целевых программ, проектов и внепрограммных мероприятий по решению системных задач энергетической инфраструктуры. Эти проекты предусматривают меры по созданию и реконструкции малых и крупных гидроэлектростанций, а также их модернизаций. Сложность и масштабность означает высокую капиталоемкость проектов. Решить эту проблему можно на основе государственно-частного партнерства в осуществлении инвестиционного процесса на принципах концессии, результатом станет значительный высокий эффект в энергетических и сопряженных с нею отраслях. Трансформация энергетического потенциала Таджикистана в результате реализации стратегии с применением концессионного механизма, позволит решить внутриотраслевые проблемы, повысить конкурентоспособность электроэнергетической отрасли, укрепить положение страны на мировых рынках посредством увеличения экспорта электроэнергии.

**Список литературы**


1. Закон Республики Таджикистан «О концессиях», №783 от 26.12.2011
2. Закон Республики Таджикистан «Об электроэнергетике» от 30.07.2007г.№310.
3. Солдатенков В.Ю. Государственно-частное партнерство как перспективная модель социально-экономического развития Российской Федерации / В.Ю. Солдатенков // Интеграл, 2010, № 3. –С. 52-53.
4. Солдатенков В.Ю. Социально-экономическое обоснование целесообразности развития концессионной деятельности в электроэнергетике России / В.Ю. Солдатенков // Экономическая психология инновационного менеджмента / Труды международной научно-практической Internet – конференции // Под ред. В.И. Аверченкова, В.В. Спасенникова. – Брянск – БГТУ – 2009. – С. 199-206.
5. Варнавский В.Г. Государственно-частное партнёрство. — М.: ИМЭМО РАН, 2009. В 2-х т. Т. 1 — 312 с.
6. Ведель Ж. Административное право Франции. — М.: Прогресс, 1973 - 474 с.
7. Детеньшев С.А. Оценка применимости закона `О концессионных соглашениях/ Публикация консультационной компании `ПАКК` 2005. Электронный ресурс: http://www.avia.ru/author.

8. Ефимова Л.И. Некоторые модели государственно-частных партнерств: тенденции и зарубежный опыт. Доклад на семинаре `Государственно-частное партнерство: новые тенденции развития транспортной инфраструктуры //Вестник Евроазиатского транспортного союза. 2003. N3 (10).

9. Субботин М.Ю. Государство подбивает капитал на концессионные соглашения //Российская газета. 2005. 26 июля.

10. Lam Patric. A Sectoral Review of Risks Associated with Major Infrastructure projects. International Journal of Project Management, vol. 17, No 2, 1999.

11. Merna A., Smith N. Privately Funded Infrastructure in the 21st Century. Civil Engineer., 1999 No 132

12. New BOT contract. FIDIC Publication, Geneva 2005. www.fidic.org/resources.

13. Public-Private Partnership Arrangements. US Environmental Protection Agency, Washington D.C. 2004.

14. Privatization and Regulation of Transport Infrastructure: Guidelines for Policy-makers and Regulators. Washington D.C. 2004.

***ББК - 65.9***
***УДК – 338***
***Б – 74***

# АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСИИ РАВАНДИ ТАҲИЯИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР МОИ

**Бобоева Ш.Ғ. - муаллими калони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд**

**Вожаҳои калидӣ:** минтақа, дастгирии давлатӣ, шарикии давлат, бахши хусусӣ, рушди иқтисодиёт, фаъолияти соҳибкорӣ, МОИ.

Масъалаҳои вобаста ба шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун шакли самаранокӣ дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар МОИ баррасӣ гардидаанд. Инчунин нақшаҳои давлатӣ доир ба барномаҳои МОИ ва масъалаҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ диққати махсус дода шудааст, нишон дода шудааст. Таваҷҷуҳи бештар ба ҷалби сармоягузории дохилию берунӣ дода шуда, исбот карда шудааст, ки ба фаъолияти корхонаҳои саноатии МОИ мамлакат кадом омилҳо таъсир мерасонад. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шудааст, ки раванди пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Муассисаи давлатии “ Фонди дастгирии соҳибкорӣ” чӣ қадар иҷро гардидаанд ва динамикаи рушди он оварда шудааст.

*Ключевые слова:* **регион ОЭЗ, государственная поддержка, государственное партнерство, частный сектор, экономическое развитие, предпринимательская деятельность.**

Обсуждены вопросы, связанные с партнерством государства с частным сектором как формой эффективной государственной поддержки промышленных предприятий в СЭЗ. Также показано, что особое внимание уделяется государственным планам программ СЭЗ и вопросам обеспечения благоприятных условий для развития социальных и экономических вопросов. Больше внимания уделено привлечению отечественных и иностранных инвестиций, доказано, какие факторы влияют на деятельность промышленных предприятий СЭЗ страны. В результате анализа определено, насколько завершен процесс подачи инвестиционных проектов в Государственное учреждение «Фонд поддержки предпринимательства» и представлена динамика его развития.

***Key words:*** **region SEZ, state support, public partnership, private sector, economic development, business activity.**

Issues related to the partnership of the state with the private sector as a form of effective state support of industrial enterprises in the FEZ have been discussed. It has also been shown that special attention has been paid to state plans for SEZ programs and issues of providing favorable conditions for the development of social and economic issues. More attention was paid to the attraction of domestic and foreign investments, it was proved what factors influence the activity of the industrial enterprises of the country's SEZ. As a result of the analysis, it was determined how complete the process of submitting investment projects to the State institution "Fund for Entrepreneurship Support" was, and the dynamics of its development were presented.

*“Тавассути фаъолияти самараноки тамоми сохтору мақомоти давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвари азизамон шароити арзандаи зиндагиро таъмин кардан зарур аст”* [4, 366]. Таъмини рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ эҳёи инфрасохтори иқтисодию иҷтимоӣ, саноат, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро тақозо менамояд.

Бо мақсади ноил гаштан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор ва таъмини нишондиҳандаҳои самаранокии сатҳи миллӣ, бояд дар муҳлатҳои муайяншуда истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири бозор таъмин гардад.

То имрӯз якчанд барномаи давлатӣ қабул гардида, мақсади асосии сиёсати иқтисодии давлат ба роҳ мондани рушди устувори иқтисодист. Ҳамаи нақшаҳои давлатӣ асосан дар доираи *ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон* – баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар ба пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ амалӣ гардонда шуда истодааст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд:[2].

а) таъмини амнияти энергетикӣ барои истифодаи самарабахши нерӯи барқ;

б) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ;

в) таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

г) саноатикунонии босуръати кишвар (вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Дар шароити имрӯза ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва пурзӯр намудани иқтидори содиротии кишвар, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои саноатии мавҷуда дар минтақаҳо, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо роҳи ворид намудани технологияҳои муосир, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми маҳаллиро тақозо менамояд.

Ҷиҳати ноил гаштан ба ин мақсадҳо, ба роҳ мондани сиёсати дурусти андозбандӣ, хароҷоти самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва рушди соҳаи пешбарандаи иқтисодиёт - соҳибкории хурду миёна мувофиқи мақсад ва талаботи замон мебошад. Бахши хусусӣ дорои захираҳои бузурги моддӣ мебошад ва дараҷаи ҷалби он ба раванди тараққиёти иқтисодии шаҳр маҳз ба сиёсати дурусти андозу андозбандӣ вобаста мебошад, зеро зиёда аз 75 фоизи пардохтҳои андози ба буҷет воридшаванда ба бахши хусусӣ рост меояд. _

Нерӯи азими инсонӣ ва иқтидорҳои ҷойдошта дар ҳамаи самтҳои хоҷагии миллӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ нақши босазо гузошта, дар ин раванд барои бунёди корхонаҳои замонавӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар заминаи устувор мегузорад.

Ташкил намудани низоми самарабахши миллии рушд мутобиқи талаботи иқтисодиёти бозаргонӣ метавонад ба рушди минтақаҳои кишвар заминаи устувор гузорад. Дар ин замина ба инобат гирифтани хусусиятҳои хос, имкониятҳо ва бартариятҳои ҳар як минтақа мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари ин рушди ноустувор ва истифодаи бесамари механизмҳои батанзимдарории иқтисодиёти бозаргонӣ метавонад ба пешбурди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт таъсири манфӣ расонад. Бинобар ин ба масъалаҳои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ диққати махсус дод шудааст.

Саҳми бахши хусусӣ дар рушди иқтисодиёти вилоят, махсусан дар рушди инфрасохтори аввалиндараҷа, идомаи корҳои бундёкорию созандагӣ дар минтақаҳо, беҳтар намудани ҳолати хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ назаррас мебошад.

Бо қабул гардидани **қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”** асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд [3].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки «муносибатҳои байниҳамдигарии давлат бо субъектони соҳибкорӣ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ гардонида мешавад»[7, с. 410]. Албатта, рушди устувори ҳамкорӣ, шарикии давлат дар бахши соҳибкорӣ имрӯз ҳамчун принсипи самараноки татбиқи сиёсати иқтисодиёти бозорӣ муҳим арзёбӣ мегардад ва зарурат дорад. Дар ин бобат, Белитская А. В. ишора ба он менамояд, ки мақсади ин шарикӣ на қонеъ гардонидани манфиатҳои давлат, балки қонеъ гардонидани манфиатҳои аъзои иттиҳодияҳои субъектони соҳибкорӣ, фаъолияти тиҷоратӣ мебошад [5, с. 46].

Олим Бахтиёр Самадов қайд менамояд, ки аз рӯйи моҳияти худ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ худ ҳамкории байни давлат, мақомоти давлат ва субъектони фаъолияти соҳибкориро ифода мекунад. Дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷанбаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла ҷавобгарии граждани-ҳуқуқии иштирокчиёни он баромад мекунад[6, с. 125].

Дар ин робита, яке аз воситаҳои муҳими созмондиҳии инфрасохтор ва хизматрасонии сифати баландин механизми ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ (ҲДБХ) ба шумор меравад. Бо назардошти назаррас будани нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти вилоят, таъсис ёфтани Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" метавонад ба рушди минбаъдаи он заминаи устувор гузорад. Ин аст, ки таи солҳои 2019 - 2021 аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва намояндагони бахши хусусӣ ба Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ зиёда аз 100 лоиҳаи сармоягузорӣ бо маблағи умумии 123,8 млн. сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки аз ин 16 лоиҳа бо маблағи умумии 11,3 млн. сомонӣ дастгирии худро пайдо намуд (нигар ба диаграммаи 3.1)

**Диаграммаи 1**

**Раванди пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба Муассисаи давлатии " Фонди дастгирии соҳибкорӣ"**




Сарчашма: Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.

Баҳри беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят «Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ» ва Ассотсиатсияҳои соҳибкорон ташкил гардида, онҳо муколамаи соҳибкоронро бо давлат таъмин менамоянд.

Фаъолияти пурсамари Шӯрои мазкур, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва дигар ташкилотҳои дахлдор боис гардид, ки шумораи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ пайваста афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда соли 2021 дар қиёс ба соли 2018 ба 4870 нафар ва ё 15,1 фоиз зиёд шавад. (нигар ба диаграммаи 2)




Диаграммаи 3.2. Сарчашма: Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.

Ба натиҷаҳои мусбати воқеӣ нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам мушкилии зиёд, хафҳои гуногун ва монеаҳои сунъӣ барои ҷалби боз ҳам бештари сармояи дохилию хориҷӣ вуҷуд дорад, ки бартараф намудани онҳо яке аз самтҳои афзалиятнок дар доираи барнома маҳсуб меёбад.

Новобаста аз ин, ҳоло ҳам хавфҳои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳанӯз дар сатҳи баланд боқӣ мемонанд. Аксари вақт соҳибкорон бо мушкилоти асосии зерин рӯ ба рӯ мешаванд:

-норасоии захираҳои молиявӣ, мукаммал набудани механизмҳои дастгирии молиявию қарзӣ ва суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ, шароитҳои номусоиди қарздиҳӣ, рушди нокифояи механизми лизинг;

-дастрасии маҳдуди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва биноҳои бекорхобидаи корхонаҳо;

-номукаммалии қонунгузории андоз, самарабахш набудани назорати андоз;

-баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани онҳо (махсусан дар самти соҳибкории истеҳсолӣ);

-мушкилоти алоқаманд бо таъмини боэътимоди корхонаҳои истеҳсолӣ бо нерӯи барқ ва дигар захираҳои нерӯ, бахусус дар фасли зимистон.

-мавҷуд набудани ҳифзи иҷтимоии боэътимод ва амнияти соҳибкорон.

Таҳлили барномаи қаблӣ нишон дод, ки рушди иқтисодӣ дар МОИ бештар тавассути омилҳои зерин муайян карда мешаванд: **афзоиши маблағгузориҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояи хориҷию дохилӣ (бахусус ҷалби сармояи мустақим) ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ.** Вале эҳтимолият дар оянда таъсири ин омилҳо ба рушди иқтисодии МОИ маҳдуд гардад. Дар ин маврид зарур аст, ки шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ муҳайё карда, механизми шарикии давлат ва бахши хусусиро ба роҳ монд. Зеро шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар амалӣ намудани барнома ва дигар чорабиниҳои марбут ба рушд нақши калидӣ мебозад.

Шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун шакли самаранокӣ дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар МОИ мебошад. Таваҷҷуҳи бештар ба ҷалби сармоягузории дохилию берунӣ дода шуда, бунёди корхонаҳои нави муштарак дар минтақаҳо, муҷаҳҳаз гардонидани корхонаҳои мавҷуда бо технологияи муосир ва дар ин замина афзоиш додани маҳсулоти содиротию воридотивазкунанда дода мешавад. **Барои он дар вилоят беҳтар намудани фазои иттилоотӣ, гузаштан ба ҳукумати электронӣ, ҷорӣ намудани низоми автоматии мубодилаи иттилоот ва дар ин замина баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони маҳаллӣ яке аз афзалиятҳои асосӣ маҳсуб меёбад.**

Шарикӣ танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки ҳар ду шарик ҳавасманд бошанд ва аз ҳисоби ҳамкорӣ масъаларо нисбатан самаранок ҳал карда тавонанд. [8,с.63]. Шартнома (инвеститсионӣ, консессионӣ, шартнома дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ ва ғайра) ҳамеша шакли ниҳоии ҳуқуқии мувофиқаи манфиатҳо хоҳад буд. Ин шартнома бояд пойгоҳи дақиқу шаффофи қонунгузорӣ ва бегуфтугӯ ҳифзи ҳуқуқӣ дошта бошад.[9,с.261].

“Тайи бист соли охир, ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудаст. Аз маблағи зикршуда сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди саноат ҷалб гардидааст”[1].

Инчунин, ташкил ва фаъол намудани бизнес-инкубаторҳо барои соҳибкорон ҳамчун афзалият пайгирӣ карда мешавад. Бо мақсади мусоидат намудан дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина такмил додани низоми иҷозатдиҳӣ дар ҳудуди вилояти Суғд 17 адад равзанаи ягона ташкил гардидааст, ки дар доираи он ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ низоми ҳуҷҷатнигорӣ содда ва мӯҳлати бақайдгирии он кам карда шудааст.

Омилҳои дохилӣ (тарафҳои қавӣ ва заиф) ва беруна (имкониятҳо ва таҳдидҳои дарпешистода) ба рушди иқтисодиёт дар ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда метавонанд таъсир расонанд. Барои рушди иқтисодиёт (аз нигоҳи омилҳои дохилӣ, бахусус тарафҳои қавӣ) шароити аввалиндараҷа мавҷуд аст (ин мавҷуд будани корхонаҳои калони саноатӣ, инфросохтори авалиндараҷа, мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва

кадрҳои баландихтисос ва дигарҳо), вале самаранок истифода нашудани онҳо (аз ҷумла фаъолият накардани корхонаҳои саноатӣ аз рӯи иқтидорҳои лоиҳавӣ ва аз фаъолият боз мондани онҳо, набудани воситаҳои гардон, кӯҳнаю фарсуда будани дастгоҳҳои истеҳсолӣ, ҷараёни баланди рафтани кадрҳои баландихтисос ба дигар кишварҳо ва дигар омилҳо) барои рушди иқтисодиёт монеғӣ эҷод мекунанд. Фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ва қабули барномаҳои соҳавии дар сатҳи миллӣ тасдиқгардида имконият медиҳад, ки рушди иқтисодиёт таъмин карда шавад.

**Ташкили маркази нави логистикӣ дар минтақаи озоди иқтисодӣ ба дастгирӣ намудани тиҷорати маҳаллӣ ва байналмилалӣ, инчунин ба таъмин намудани пешбурди молу маҳсулот тавассути "Роҳи абрешим" ва дигар роҳҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст.**

Бартариятҳо ва шартҳои тиҷоратӣ, инчунин шароитҳои истифодабарӣ, ки тавассути амалишавии Барномаи мазкур амалӣ мегарданд, асос барои ҷалби сармоя ба ҳисоб рафта, пешниҳоди ҷолиб ба сармоягузорони эҳтимолӣ, шарикон, бонкҳо ва дигарон мебошад.

Таъмин намудани шароитҳои баробари рақобат барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, маҳдудкунӣ ва пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим, таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, пешгирии рекламаи номувофиқ дар доираи Барнома ҳамчун афзалият пайгирӣ карда мешавад.

Айни замон, яке аз мушкилиҳои асосие, ки садди роҳи соҳибкории хурду миёна мешаванд, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ (аз 24 то 36 фоизи солона) ва кӯтоҳ будани мӯҳлати баргардонидани онҳо (махсусан дар самти соҳибкории истеҳсолӣ) маҳсуб меёбад.

**Хулоса,** дар натиҷаи бартараф намудани мушкилотҳои, дастгирии корхонаҳои бизнеси хурду миёна ва таъмин намудани истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва бунёди иқтидорҳои нав дар тамоми МОИ кишвар рушди устувории иқтисодӣ таъмин карда мешавад.

Самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар МОИ:

- ҷалби технологияҳои ҳозиразамон дар сатҳи байналмиллиалӣ;
- рушди инноватсионии иқтисодиёт бо роҳҳои ҷалби сармояҳои хориҷӣ;
- зиёд намудани захираҳо бо роҳи воридоти активҳои молиявӣ;
- таъмини талаботи бозори дохилӣ;
- такмили механизмҳои мақсаднок ва дастгирии давлатӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳо оид ба рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар МОИ ;
- татбиқи сиёсати нави мусоидат ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ҳамчун яке аз шартҳои асосии индустриалию инноватсионии рушди иқтисодиёт ва ғайра.

Ташкил намудани низоми самарабахши милли рушд мутобиқи талаботи иқтисодиёти бозоргонӣ метавонад ба рушди минтақаҳои кишвар заминаи

устувор гузорад. Дар ин замина ба инобат гирифтани хусусиятҳои хос, имкониятҳо ва бартариятҳои ҳар як минтақа мувофиқи мақсад мебошад.

Лоиҳаҳои сармоягузории МОИ «Суғд». Дар айни замон, гуфтугузор бо сармоягузорони хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявии байналмиллалӣ ҷиҳати амалигардонии якчанд лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ, аз ҷумла сохтмони шохаи роҳи оҳани «Спитамен» - МОИ «Суғд» - «Истиқлол» давом дорад. Сохтмони роҳи оҳан ба рушди соҳаи тиҷорат ва доду гирифти байниҳамдигарии минтақавӣ ва байналмиллалӣ рӯҳияи нав бахшида, имкониятҳои транзитии Тоҷикистонро вусъат медиҳад. Амалигардонии лоиҳаи мазкур ба ташкил додани Маркази логистикӣ – нақлиётӣ барои ташкили шароити мусоид барои дар сатҳи байналмиллалӣ расонидани хизматрасониҳои логистикӣ-нақлиётӣ ва ғайра хизматгузории марбута, такони ҷиддӣ ба рушди МОИ «Суғд» мерасонад. Ташкили Маркази дастгирии бизнес ва навовариҳо ва маркази ягонаи хизматрасонӣ ба субъектҳо дар асоси «Равзанаи ягона» ба нақша гирифта шудааст. Ҳамчунин, дар ҳудуи МОИ «Суғд» барои пешбурди молу маҳсулот, таҷҳизоту хизматрасониҳои гуногун, ба роҳандозии робитаҳои нав байни доираҳои тиҷоратӣ ташкили Маркази намоишгоҳи байналмиллалӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Адабиёт:**

1. Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” рӯзномаи “Минбари халқ” №51(1397) аз 28 декабри соли 2022
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”. № 907 аз 28.12.2012с.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои даври то соли 2030. Душанбе, 2016, саҳ. 5-12
4. Шермет А. Д. “Анализ и диагностика финансово-хозяйственной деятельности предприятия”. М., ИНФРА, 2008, 366 с.
5. Белицкая А. В. Правовое регулирование государственно-частного партнерства. Монография. – М. : Статут, 2012. – 286 с.
6. Самадов Б. О. О гражданско-правовой ответственности в сфере государственно-частного партнерства по законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации // Вопросы российского и международного права. 2016.- №10 (октябрь). – М., 2016. – 220 с.
7. Предпринимательское право Российской Федерации / Отв. ред. Е. П. Губин, П. Г. Лахно. – М. : Норма. Инфрма-М, 2010. – 1110 с
8. Делмон Д. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре. Практическое руководство для органов государственной власти/ Д. Делмон. – Всемирный банк, 2010. – 63 с.
9. Зоидов К.Х., Медков А.А., Зоидов З.К. Государственно-частное партнерство – основа инновационного развития и безопасности транзитной эко-

номики. Монография / Предисловие и науч. ред. чл.-корр. РАН В. А. Цветка. - Москва: Экономическое образование, 2017. - С.391- 416

**Literature:**

1. Message of the President of the Republic of Tajikistan this year. The great leader of the nation Emomali Rahmon "On the main directions of the internal and foreign policy of the republic" newspaper "Minbari Khalk" No. 51 (1397) dated December 28, 2022.
2. Law of the Republic of Tajikistan "On partnership between the state and the private sector". No. 907 of December 28, 2012.
3. National development strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. Dushanbe, 2016, 5-12 p.
4. Shermet A. D. "Analysis and diagnosis of financial and economic activity of the enterprise". M., INFRA, 2008, 366 p.
5. Belitskaya A. V. Legal Regulation of Public-Private Partnership: Monograph. - M., Statute, 2012. – 286p.
6. Samadov B. O. On Civil Liability in the Field of Public-Private Partnership according to the Legislation of the Republic of Tajikistan and Russian Federation // Issues of Russian and International Law, 2016No. 10 (October) . - M., 2016
7. Entrepreneurial Law of the Russian Federation / Editors in charge: Ye. P. Gubin, P. G. Lakhno. - M., Norma. Infrma-M, 2010. – 1110pp.
8. Delmon D. Statal-Private Partership in Infrastructure. Practical Guidbook for State Power Bodies// D.Delmon. – World Bank. 2010 – 63pp.
9. Zoidov K.H., Medkov A.Q., Zoidova Z.K. Statal-Private Partnership as a Basis for Innovational Development and Transitive Economy Security. Monograph// Preface and scientific editorship: RAS correspondent – member V.Q.Tsvetkov. – Moscow: Economics Education. 2017. – pp. 391 – 416.

# ГЛОБАЛИЗАТСИЯ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ: МУАММОҲОИ ТАЪСИРИ БАЙНИҲАМДИГАРӢ

**Шарифов Ш.М. - омӯзгори МД “Коллеҷи сайёҳӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Хуҷанд”-и ДБССТ**

**Аннотатсия**

Глобализатсия равандест, ки ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти муосир, аз ҷумла ба иқтисодиёт таъсири амиқ дорад. Вай ба мустаҳкам шудани алоқаи иқтисодии байни мамлакатҳо, ба вуҷуд овардани имкониятхои нави тараккиёт ёрй мерасонад, балки дар назди иктисодиёти миллй як катор вазифахои мураккабро ба миён мегузорад. Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин замина проблемаи ҳамбастагии ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

**Глобализатсия: мафҳум ва ҷанбаҳои асосӣ**

Глобализатсия бо афзоиши савдои байналмилалӣ, гардиши сармоя, муҳоҷирати корӣ, мубодилаи технологӣ ва ҳамкории фарҳангӣ тавсиф мешавад. Ин раванд боиси афзоиши ҳамгироии бозорҳои ҷаҳонӣ ва мусоидат ба ҳамкории зич байни кишварҳо мегардад. Ҳаракатҳои асосии ҷаҳонишавӣ рушди технологияҳои иттилоотӣ, коҳиши монеаҳои тиҷоратӣ ва либерализатсияи бозорҳои молиявӣ мебошанд.[9]

**Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ.**

Рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бо қобилияти таъмини сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандон ва бо муваффақият рақобат кардан дар бозорҳои ҷаҳонӣ муайян карда мешавад. Омилҳои асосии рақобатпазирӣ инҳоянд:

**Рушди инноватсия:** Кишварҳое, ки технологияҳои нав ва инноватсияҳоро фаъолона татбиқ мекунанд, рақобатпазирии бештар доранд.

**Сифати таҳсилот ва сармояи инсонӣ:** Дараҷаи баланди маълумот ва омодагии коргарон ба баланд шудани ҳосилнокӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт мусоидат мекунад.

**Инфрасохтор:** Инфрасохтори пешрафтаи нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ба тиҷорат ва ҳамкории байни қисмҳои гуногуни иқтисодиёт мусоидат мекунад.

**Муҳити институтсионалӣ:** Қонунҳои муассир, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва сатҳи пасти коррупсия барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад

**Проблемаҳои таъсири мутақобилаи ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирӣ.**

Сарфи назар аз бартариҳои намоёни ҷаҳонишавӣ, як қатор мушкилоте вуҷуд доранд, ки бо таъсири он ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ алоқамонданд:

**Афзоиши нобаробарӣ:** Глобализатсия метавонад нобаробарии иқтисодиро ҳам дар дохили кишвар ва ҳам байни кишварҳо афзоиш диҳад. Масалан, кишварҳои пешрафта ва корпоратсияҳои бузург метавонанд аз бозорҳои ҷаҳонӣ назар ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва тиҷорати хурд бештар манфиат гиранд.

**Осебпазирӣ ба зарбаҳои беруна:** Иқтисоди ҷаҳонӣ ба бӯҳронҳои байналмилалӣ ва зарбаҳои иқтисодӣ бештар осебпазир аст. Кишварҳое, ки дараҷаи баланди ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ доранд, дар сурати таконҳои иқтисодии ҷаҳонӣ метавонанд ба мушкилоти ҷиддӣ дучор шаванд.

**Проблемаҳои экологӣ:** Афзоиши истеҳсолот ва тиҷорат дар шароити ҷаҳонишавӣ метавонад ба мушкилоти ҷиддии экологӣ, аз қабили ифлосшавӣ ва тағирёбии иқлим оварда расонад.

**Паст шудани истиқлолияти миллӣ:** Афзоиши вобастагии мутақобилаи иқтисодӣ метавонад қобилияти ҳукуматҳои миллиро барои пешбурди сиёсати мустақили иқтисодӣ, ки ба ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандони худ нигаронида шудааст, маҳдуд созад.

**Стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.**

---

1. Балашова, С. Ю. (2021). *Глобализация и экономический рост: теоретические и эмпирические аспекты*.

Барои рақобати самаранок дар бозорҳои ҷаҳонӣ, иқтисодиёти миллӣ бояд ба шароити нав мутобиқ шаванд ва бартариятҳои рақобатии худро истифода баранд. Баъзе стратегияҳои имконпазир инҳоро дар бар мегиранд:

**Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ва илм:** Баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ва дастгирии тадқиқоти илмӣ метавонад ба эҷоди маҳсулот ва технологияҳои инноватсионӣ мусоидат кунад, ки дар навбати худ рақобатпазирии иқтисодиётро афзоиш медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва илм як ҷузъи асосии стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мегардад. Дар шароити муосир дониш ва навоварӣ муҳаррики асосии пешрафт ва рушди иқтисодӣ мебошанд. Биёед ба таври муфассал дида бароем, ки чӣ гуна сармоягузорӣ дар ин соҳаҳо метавонад рақобатпазириро беҳтар кунад.

**Маълумот:**

**- тайёр кардани кадрхои баландихтисос**: Дар шароити ҷаҳонишавӣ талабот ба мутахассисони баландихтисос, ки ба шароити зудтағйирёбандаи бозори меҳнат мутобиқат карда метавонанд, меафзояд. Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф ба кишварҳо имкон медиҳад, ки қувваи кории дорои малака ва донишҳои заруриро инкишоф диҳанд, ки ин рақобатпазирии онҳоро дар бозори ҷаҳонии меҳнат афзоиш медиҳад.

**- рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилиятҳои инноватсионӣ**: Системаи муосири таълим бояд на танҳо дониш диҳад, балки қобилияти тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорона ҳалли мушкилотро дар хонандагон инкишоф диҳад. Ин ба эҷоди маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ, ки омилҳои асосии рақобатпазирӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошанд, мусоидат мекунад.

**- Мавҷудияти таҳсилот**: Сармоягузориҳо ба соҳаи маориф бояд ба таъмини дастрасии он барои тамоми табақаҳои аҳолӣ равона карда шаванд. Ин сатҳи умумии таҳсилотро беҳтар намуда, барои дастрасии баробар ба имкониятҳо дар бозори меҳнат шароит фароҳам меорад.

**Илм:**

**- Тадқиқоти асосӣ**: Маблаггузорӣ ба тадкикоти фундаменталии илмӣ барои тад-кикоти минбаъдаи амалӣ ва навоварӣ асос мегузорад. Рушди тадқиқоти илмӣ ба кишварҳо имкон медиҳад, ки дар пешрафти технологӣ мавқеъҳои пешқадамро ишғол кунанд ва рақобатпазирии худро баланд бардоранд.

**- Тадқиқот ва коркарди амалӣ (R&D)**: Маблаггузорӣ барои тадкикоти амалӣ ва конструкторӣ ба офаридани технология ва маснуоти нав, ки дар истехсолот ва савдо чорӣ карда мешаванд, мусоидат мекунад. Ин махсулнокии мехнат ва ракобатпазирии иктисодиёти миллиро зиёд мекунад.

**- кластерҳои илмӣ ва ҳамкорӣ**: Таъсиси кластерҳои илмӣ ва ҳавасмандгардонии ҳамкории муассисаҳои илмӣ ва тиҷорат ба мо имкон медиҳад, ки раванди тиҷоратикунонии коркардҳои илмиро суръат бахшем. Ин ба суръатбахшии инноватсия ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мусоидат мекунад.

**Намунаҳои стратегияҳои муваффақ:**

- **Финляндия**: Финландия ба соҳаи маориф ва тадқиқот сармоягузорӣ мекунад, ки ин ба кишвар имкон дод, ки дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва рушди устувор мавқеи пешсафро ишғол намояд. Системаи маорифи Финландия яке аз беҳтаринҳо дар ҷаҳон маҳсуб мешавад ва сатҳи баланди сармоягузорӣ ба тадқиқоти илмӣ-тадқиқотӣ ба рушди бахшҳои инноватсионии иқтисодиёт мусоидат мекунад.

- **Кореяи ҷанубӣ**: Кореяи Ҷанубӣ ба соҳаи маориф ва илм сармоягузориҳои зиёд ворид кардааст, ки ба кишвар имкон медиҳад, ки аз иқтисодиёти кишоварзӣ ба иқтисодиёти саноатии баландтехнологӣ гузарад. Сатҳи баланди таҳсилот ва сармоягузории назаррас ба тадқиқоти илмӣ ба рушди соҳаҳои электронӣ, мошинсозӣ ва биотехнология мусоидат карданд.

- **Сингапур**: Сингапур ба соҳаи маориф ва илм сармоягузорӣ мекунад ва барои соҳибкории инноватсия ва технология муҳити мусоид фароҳам меорад. Дастгирии ҳукумат ва шарикии донишгоҳҳо ва корхонаҳо ба табдил додани Сингапур ба яке аз марказҳои пешрафтаи инноватсия дар ҷаҳон мусоидат карданд.

Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ва илм омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Онхо ба тайёр кардани кадрхои баландихтисос, инкишоф додани кобилияти навоварй ва

**Рушди инфрасохтор:**Сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт ва коммуникатсия метавонад шароити тиҷорат ва тиҷоратро ба таври назаррас беҳтар созад.

Рушди инфрасохтор ҷузъи муҳими стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Инфрасохтор шабакаҳои нақлиётӣ, системаҳои алоқа, иншооти энергетикӣ ва дигар сохторҳоро дар бар мегирад, ки фаъолияти самараноки иқтисодиётро таъмин мекунанд. Биёед муфассалтар бубинем, ки чӣ гуна рушди инфрасохтор ба афзоиши рақобатпазирӣ мусоидат мекунад.[10]

**Инфрасохтори нақлиётӣ:**

- **савдои байналмилалӣ**: Инфрасохтори пешрафтаи нақлиётӣ интиқоли молҳо ва хидматҳоро байни кишварҳо осон мекунад, хароҷоти логистикиро коҳиш медиҳад ва мӯҳлати интиқолро метезонад. Ин самаранокӣ ва рақобатпазирии содирот ва воридотро беҳтар мекунад.

- **Логистикаи дохилӣ**: Шабакаи хуби нақлиёти дохилӣ имкон медиҳад, ки занҷирҳои таъминот дар дохили кишвар оптимизатсия карда, хароҷоти нақлиёт кам карда, ҳосилнокии умумии иқтисодиёт афзоиш ёбад.

- **иртибот байни минтақаҳо**: Сармоягузориҳо ба инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳамгироии беҳтари минтақаҳо дар дохили кишвар мусоидат мекунанд, ки ин ба рушди якхелаи иқтисодӣ ва коҳиш додани номутавозунии минтақавӣ мусоидат мекунад.

**Инфрасохтори коммуникатсионӣ:**

- **Иқтисоди рақамӣ**: Замонавий коммуникация инфратузилмаси, шу жумладан кенг полосали интернет ва мобил тармоқлар рақамли иқтисодиётни риво-

---

2. United Nations Conference on Trade and Development (UNCTAD) - *World Investment Report*.

жлантиришнинг асосидир. Ин ба корхонаҳо ва сохторҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки технологияи муосирро барои баланд бардоштани самаранокӣ ва инноватсия истифода баранд.

- **Пайвасти глобалӣ**: Системаҳои мукаммали коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки мубодилаи зуд ва боэътимоди иттилоот ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ, мусоидат ба ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ.

**Инфрасохтори энергетикӣ:**

- **Таъмини қувваи боэътимод**: Сармоягузориҳо ба инфрасохтори энергетикӣ таъмини устувор ва боэътимоди энергияро таъмин мекунанд, ки барои фаъолияти тамоми бахшҳои иқтисодиёт муҳим аст.

- **самаранокии энергия**: Системаҳои муосири энергетикӣ самаранокии энергияро беҳтар мекунанд ва хароҷоти энергияро коҳиш медиҳанд, ки ин рақобатпазирии умумии иқтисодиётро беҳтар мекунад.

**Энергияи барқароршаванда**: Рушди инфрасохтор барои истеҳсол ва истифодаи энергияи барқароршаванда ба коҳиш додани вобастагӣ аз сӯзишвории истихроҷшаванда, кам кардани изофаи карбон ва мусоидат ба рушди устувор мусоидат мекунад.

Рушди инфрасохтор омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Он ба беҳтар намудани логистикаи байналмилалӣ ва дохилӣ, рушди иқтисодиёти рақамӣ, таъмини таъминоти боэътимоди энергия ва дастгирии рушди устувор мусоидат мекунад. Намунаҳои кишварҳои муваффақ нишон медиҳанд, ки сармоягузории стратегӣ ба инфрасохтор метавонад ба дастовардҳои назарраси иқтисодӣ ва афзоиши рақобатпазирии ҷаҳонӣ оварда расонад.

**Дастгирии соҳибкории хурду миёна:**Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна метавонад ба диверсификатсияи иқтисод ва коҳиши вобастагӣ аз корпоратсияҳои бузург мусоидат кунад.

Корхонаҳои хурду миёна (КХМ) дар рушди иқтисод, таъсиси ҷойҳои корӣ ва инноватсия нақши муҳим доранд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ дастгирии корхонаҳои хурду миёна барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Биёед муфассалтар бубинем, ки чӣ гуна дастгирии соҳибкории хурду миёна ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ мусоидат мекунад.[11]

**Нақши корхонаҳои хурду миёна дар иқтисодиёт**

- **Таъсиси ҷойҳои корӣ**: Корхонаҳои хурду миёна манбаи муҳими шуғл буда, ҷойҳои кории зиёдеро эҷод мекунанд ва ба коҳиши сатҳи бекорӣ мусоидат мекунанд.

- **Навоварӣ**: Корхонаҳои хурду миёна аксар вақт қувваи пешбарандаи инноватсия, таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулот ва хидматҳои нав мебошанд.

---

3. Стиглиц, Джозеф (2003). *Глобализация: тревожные тенденции*.

**- чандирӣ ва мутобиқшавӣ**: Корхонаҳои хурду миёна хеле чандир буда, метавонанд ба тағйирот дар бозор зуд мутобиқ шаванд, ки ин онҳоро унсури муҳими низоми иқтисодӣ месозад.

**Самтҳои асосии дастгирии корхонаҳои хурду миёна**

**- Дастгирии молиявӣ**

**Дастрасӣ ба кредит**: Таъмини дастрасии корхонаҳои хурду миёна ба захираҳои молиявӣ тавассути барномаҳои қарздиҳӣ, субсидияи фоизҳо ва ташкили фондҳои кафолати давлатӣ.

**Фондҳои сармоягузорӣ**: Таъсиси фондҳои венчурӣ ва сармоягузорӣ, ки сармояро барои рушд ва рушди корхонаҳои хурду миёна таъмин мекунанд.

**Дастгирии танзимкунанда:**

**Кам кардани монеахои бюрократӣ**: Соддасозии расмиёти бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ҳисоботдиҳӣ барои корхонаҳои хурду миёна, ки хароҷоти маъмуриро коҳиш медиҳад ва раванди пешбурди тиҷоратро метезонад.

**Имтиёзҳои андоз**: Ҷорӣ намудани имтиёзҳо ва преференсияҳои андоз барои корхонаҳои хурду миёна, ҳавасмандгардонии рушд ва сармоягузории онҳо.

**Дастгирии инноватсия:**

**Парки илмӣ-технологӣ ва инкубаторхо**: Таъсиси паркҳои илмию технологӣ, бизнес-инкубаторҳо ва акселераторҳо, ки ба корхонаҳои хурду миёна дастрасӣ ба инфрасохтор, роҳнамоӣ ва захираҳоро барои рушди инноватсия таъмин мекунанд.

**Грантҳо ва субсидияҳо барои R&D**: Додани грантҳо ва субсидияҳо барои тадқиқот ва рушд (P&D), ки ба рушди технологияҳо ва маҳсулоти нав мусоидат мекунанд.

**Устувории экологӣ:**Қабули технологияҳои тоза ва дастгирии рушди устувор метавонад ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба муҳити зист мусоидат кунад.

Устувории экологӣ як ҷанбаи муҳими стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мегардад. Рушди устувор ба кишварҳо имкон медиҳад, ки на танҳо захираҳои табииро ҳифз кунанд ва таъсири манфиро ба муҳити зист коҳиш диҳанд, балки имкониятҳои нави иқтисодиро боз кунанд. Биёед бодиққат дида бароем, ки чӣ гуна устувории экологӣ рақобатпазириро беҳтар мекунад.[12]

**Маънои устувории экологӣ:**

**- ҳифзи захираҳои табиӣ**: Истифодаи устувори захираҳои табиӣ дастрасии онҳоро барои наслҳои оянда таъмин намуда, хатарҳои камшавии захираҳоро коҳиш медиҳад.

**- кам кардани хатархои экологӣ**: Таҷрибаҳои аз ҷиҳати экологӣ устувор барои кам кардани хатарҳои марбут ба тағирёбии иқлим, ифлосшавӣ ва аз даст додани гуногунии биологӣ кӯмак мекунанд.

4. Porter, M. E. (1990). *The Competitive Advantage of Nations*. Harvard Business Review.

- **Манфиатҳои иқтисодӣ**: Сармоягузорӣ ба технологияҳои тоза ва таҷрибаҳои устувор метавонад боиси сарфаи хароҷот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди бахшҳои нави иқтисодӣ гардад.

**Самтҳои асосии устувории экологӣ:**

**- самаранокии энергия ва энергияи барқароршаванда**

**Рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия**: Сармоягузорӣ ба энергияи офтобӣ, шамолӣ, обӣ ва геотермалӣ метавонад вобастагӣ аз сӯзишвории истихроҷшударо коҳиш диҳад ва партобҳои газҳои гулхонаӣ коҳиш диҳад.

**Технологияҳои каммасрафи энергия**: Ҷорӣ намудани технологияҳо ва таҷрибаҳои каммасрафи энергия дар саноат, нақлиёт ва бахши дохилӣ ба кам кардани истеъмоли энергия ва кам кардани хароҷот мусоидат мекунад.

**Кишоварзии устувор ва идоракунии захираҳо:**

**Усулҳои экологии кишоварзӣ**: Истифодаи усулҳои органикӣ ва биодинамикии кишоварзӣ ва кам кардани истифодаи нуриҳои химиявӣ ва пестисидҳо ба сарфаи захираҳои хок ва об мусоидат мекунад.

**Идоракунии об**: Идоракунии самараноки об ва ҷорӣ намудани технологияҳои коркард ва коркарди об ба нигоҳ доштани экосистемаҳои обӣ ва таъмини дастрасии оби тоза мусоидат мекунад.

**Идоракунии партовҳо ва иқтисодиёти даврӣ:**

**Кам кардани партовҳо ва коркарди дубора**: Татбиқи барномаҳои кам кардани партовҳо, коркард ва безараргардонӣ ба кам кардани ифлосшавии муҳити зист ва фароҳам овардани имкониятҳои иловагии иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**Иқтисодиёти даврӣ**: Гузариш ба иктисодиёти даврашакл, ки дар он ресурсхо аз нав истифода ва аз нав кор карда мешаванд, сарфи ашьёи хомро кам карда, партовхоро кам мекунад.

**Камшавии партовҳо ва ифлосшавӣ:**

**Назорати партовҳои саноатӣ**: Ҷорӣ кардани стандартҳо ва технологияҳои қатъӣ барои назорати партовҳо дар саноат ба коҳиш додани ифлосшавии ҳаво ва об мусоидат мекунад.

**Системаҳои интиқоли партовҳои кам**: Рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, мошинҳои барқӣ ва инфрасохтори велосипедронӣ ба коҳиш додани партовҳои карбон ва беҳтар кардани сифати ҳаво мусоидат мекунад.

Устувории экологӣ ҷузъи асосии стратегияи баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Сармоягузориҳо ба энергияи барқароршаванда, технологияҳои каммасраф, кишоварзии устувор, идоракунии партовҳо ва коҳиши партовҳо на танҳо ба ҳифзи муҳити зист, балки ба рушди иқтисодӣ низ мусоидат мекунанд. Намунаҳо аз кишварҳои муваффақ ба монанди Олмон, Шветсия ва Ҷопон нишон медиҳанд, ки устувории экологӣ метавонад омили муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии ҷаҳонӣ бошад.

## Хулоса

Дар хотима бояд таъкид кард, ки ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ падидаҳои мураккаб ва бо ҳам алоқаманд буда, ба рушди кишварҳо дар ҷаҳони муосир таъсири назаррас доранд. Глобализатсия тавассути фароҳам

овардани дастрасӣ ба бозорҳо, технологияҳо ва сармоягузориҳои нав барои рушди босуръати иқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ имконият фароҳам меорад. Аммо, дар баробари ин рақобатро зиёд карда, дар назди иқтисодиёти миллӣ мушкилоти нав мегузорад.

Яке аз ҷанбаҳои асосии ҳамкории муваффақи ҷаҳонишавӣ ва рақобатпазирӣ мутобиқ шудани иқтисодиёти миллӣ ба шароити зудтағйирёбандаи бозори ҷаҳонӣ мебошад. Ин татбиқи ислоҳоти сохторӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, рушди сармояи инсонӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияро дар бар мегирад. Ба дастгирии соҳибкории хурду миёна, ки дар таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ нақши муҳим доранд, таваҷҷӯҳи хоса бояд дод.

Аммо, сарфи назар аз манфиатҳои эҳтимолӣ, ҷаҳонишавӣ инчунин хатарҳои марбут ба аз даст додани соҳибихтиёрии иқтисодӣ, афзоиши нобаробарӣ ва ноустувории иҷтимоӣ дорад. Дар ин замина, таҳия ва татбиқи сиёсати муассири давлатӣ, ки ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ва таъмини рушди устувор ва фарогир нигаронида шудааст, вазифаи муҳим аст.

Ҳамин тариқ, барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ омезиши диди стратегӣ, чандирӣ ва муносибати фаъол ба идоракунии равандҳои иқтисодӣ зарур аст. Танҳо дар ин сурат кишварҳо метавонанд манфиатҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳадди аксар расонанд ва хатарҳои онро кам кунанд, ки дар ниҳоят ба рушди дарозмуддат ва устувори онҳо мусоидат мекунад.

**Адабиётҳо:**


1. Балашова, С. Ю. (2021). *Глобализация и экономический рост: теоретические и эмпирические аспекты*.
2. Прокопенко, В. И. (2018). *Конкурентоспособность национальных экономик в условиях глобализации*.
3. Стиглиц, Джозеф (2003). *Глобализация: тревожные тенденции*.
4. Родрик, Дани (2011). *Парадокс глобализации: Демократия и будущее мировой экономики*.
5. Porter, M. E. (1990). *The Competitive Advantage of Nations*. Harvard Business Review.
6. Krugman, P. (1994). *Competitiveness: A Dangerous Obsession*. Foreign Affairs.
7. Dunning, J. H. (1998). *Globalization and the New Geography of Foreign Direct Investment*. Oxford Review of Economic Policy.
8. Rodrik, D. (1997). *Has Globalization Gone Too Far?*. Institute for International Economics.
9. *Journal of International Business Studies* - публикации по вопросам глобализации и конкурентоспособности.
10. *The World Economy* - статьи, посвященные экономическим аспектам глобализации.

11. *Global Economy Journal* - исследования взаимодействия национальных экономик в условиях глобализации.

12. World Economic Forum (WEF) - *Global Competitiveness Report*.

13. International Monetary Fund (IMF) - отчеты по вопросам глобализации и экономического развития.

14. United Nations Conference on Trade and Development (UNCTAD) - *World Investment Report*.

# РАВИШҲОИ СТРАТЕГӢ ДОИР БА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Назарова Нилуфар Ҷурахоновна - Докторанти курси 2-юми ихтисоси 6 D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноат омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои стратегӣ буда, ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола ба тадриҷ зиёд гардида истодааст. Дар баробари ин татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сенарияи индустриалию инноватсионӣ мубрамияти баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба рушди саноатро бештар менамояд. Вобаста ба ин яке аз масъалаҳои муҳими таъмини рушди устувори саноати миллӣ ин тақвияти фазои сармоягузорӣ дар сатҳи соҳаҳои саноат мебошад, ки солҳои охир саноати маъдани кӯҳӣ дар ин самт пешсаф мебошад.

Рушди саноати миллӣ дар заминаи татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии давлат дар давраи миёна ва дарозмуҳлат мебошад. Дар ин замина солҳои охир ба масъалаҳои рушди саноати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, вобаста ба ин ҳалли масъалаҳои назариявию методологӣ ва амалии рушди устувори саноат аҳамияти муҳим пайдо кардаанд.

Аз ин рӯ, татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сенарияи индустриалию инноватсионӣ сурат гирифта, мувофиқи даврабандии он марҳилаи муосири рушд ҳамчун марҳилаи рушди босуръат ба сармоягузорӣ асос ёфта, эътироф шудааст.

Дар заминаи татбиқи сиёсати саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сенарияи индустриалӣинноватсионӣ самти асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ ташаккул ва фаъолияти босамари инфрасохтори инноватсионӣ мебошад.

Амалия нишон медиҳад, ки дастгирии инфрасохтор омили бунёдии рушди инноватсия ва гузаштани саноат ба зинаи нави технологӣ мебошад. Дар робита ба ин, асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди таъминоти инфрасохтории рушди инноватсионии саноат таваҷҷӯҳи зиёди илмӣ ва амалӣ дорад.

Ба таъкиди олими ватанӣ рушди инноватсионии саноати миллӣ дар шароити саноатикунонии босуръат наметавонад бидуни таъмини инфрасохтори инноватсионӣ амалӣ карда шавад [2, с.299-304].

Ба андешаи Ашурзода С.Х. сиёсати инноватсионӣ бояд пеш аз ҳама ба бунёди инфрасохтори инноватсионӣ равона карда шуда, ҷиҳати фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди инноватсионии саноат фаъолияти муътадили он таъмин карда шавад. Дар баробари ин бояд дастгирии давлатии рушди инфрасохтори инноватсионӣ ва иштироки фаъолияти ҷузъҳои он дар рушди инноватсионии саноати миллӣ ҳавасманд карда шуда, низоми миллии инноватсионӣ бо таваҷҷуҳ ба назария ва амалияи пешрафта бунёд карда шавад.

Аз ин рӯ, таъмини инноватсионии рушди саноати миллӣ ба мавҷудияти инфрасохтор, дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандсозии он шарти асосӣ ва омили калидӣ ба ҳисоб меравад.

Дар давраи рушди муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ин таъминоти рушди системаи саноатии кишвар мебошад ва аз ин лиҳоз сиёсати саноатӣ дар сиёсати иқтисодии кишвар мақоми асосиро касб намуда аст. Чуноне, ки дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» вобаста ба тадбирҳои рушди иқтисодӣ ва сенарияи индустриалии рушд зикр мегардад «Дар чунин сатҳ ҳиссаи саноат дар сохтори ММД то охири давраи пешбинишаванда 1,8 маротиба афзоиш меёбад (дар давраи солҳои 2021-2025 то 16 фоиз ва солҳои 2026-2030 то 20-20,5 фоиз). Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ нисбат ба соли 2015 5,1 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 6,4 маротиба, саноати коркард 5,5 маротиба ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,2 маротиба афзоиш меёбад» [4, с.19-20].

Маврид ба зикр аст, ки муҳиммияти навсозии низоми идоракунии соҳаи саноати мамлакат дар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста иброз карда мешавад.

Дар робита ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 иброз гардид, ки “Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд” [3].

Иқдоми мазкур пеш аз ҳама ба тавсеаи истеҳсолоти саноатӣ, рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Дар ин росто, таъкидҳои болозикр, ҳамзамон зарурати навсозии низоми идоракунии стратегии соҳаи саноат, қабл аз ҳама, ба баландбардории

самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва афзун намудани ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) равона гардидаанд.

Аз ин рӯ, дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ барои фаъолияти самаранок корхонаҳои саноатӣ дар шароити бозор банақшагирии стратегии тамоми самтҳои фаъолият зарур мебошад, зеро нақша ҳамчун як раванди динамикӣ барои пешгӯӣ ва ба назар гирифтани тағйироти муҳити берунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ҳамзамон ва мутобиқшавии онҳо барои рушди фаъолият минбаъда зарур аст.

Вобаста ба ин, банақшагирӣ раванди пешгӯии ҳадафҳо, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаи саноатӣ дар шароити номуайянӣ ва тағирёбии муҳити бозор маҳсуб меёбад. Дар ин раванд, омилҳои ғайричашмдошти гуногунро пешбинӣ кардан ва барои бартараф кардани онҳо омода будан зарур арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тавр, дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки роҳу усулҳои оқилонаи рушди худро тавассути таҳияи стратегияҳо ва нақшаҳои стратегии мухталиф интихоб намоянд ва имкониятҳои захиравии худро ба шароити беруна ва дохилии фаъолияти хеш мутобиқ намоянд. Ҳамзамон, дар ин раванд номуайяниҳои ҷойдоштаро, ки бо ноустуворӣ ва мураккабии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар алоқамандандро, ба инобат гиранд.

Таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушди корхонаҳои саноатӣ ба таври ҳалкунанда ва назаррас бо интихоби ибтидоии маҳсулот ё технологияҳои ояндадор муайян карда мешавад, ки баъдан баҳри татбиқи онҳо сармояи инсонӣ ва молиявӣ равона карда мешаванд.

Ёдовар бояд шуд, ки тӯли солҳои охир, раванди мазкур ба як тартиби касбӣ табдил ёфтааст, ки ба арзёбии ҳамаҷониба дар самти дурнамои рушди инноватсионит корхона асос ефтааст. Дар ин раванд, усулҳо ва воситаҳои дахлдор номи арзёбии технологӣ ё аудити технологиро касб намудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки усулҳои арзёбии технология дар марҳилаҳои гуногуни татбиқи раванди инноватсионӣ истифода мешаванд. Аксар вақт баҳодиҳӣ дар марҳилаҳои асосии зерин амалӣ карда мешавад [5, с.27-29]:

• таҳлили натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ барои қабули қарорҳо доир ба мақсаднокии идома додани онҳо дар фаъолияти корхонаҳои санотатӣ;

• муайян намудани сатҳи муқоисавии технология ва интихоби лоиҳаҳои интихобии ояндадор аз маҷмӯи пешниҳодҳои мавҷуда барои маблағгузории минбаъда;

• асосноккунии мақсаднокии сармоягузории лоиҳаи мушаххас, ки дар он натиҷаҳои арзёбии технология ҳамчун асоси ибтидоии ҳисоб кардани фоидаи ояндаи корхонаи саноатӣ хизмат мекунанд ва ғайраҳо.

Дар шароити муосир, тавсеаи доираи татбиқи идоракунии стратегӣ, ҷорӣ намудани равишҳои нави методӣ оид ба ташкили истеҳсолоти саноатӣ бо истифода аз принсипҳои стратегӣ ва маҷмуӣ имкон фароҳам месозанд, ки

самаранокии барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи саноат баланд бардошта шавад.

Дар чорчӯбаи равиши муосир доир ба ташкили идоракунии стратегии корхонаи саноатӣ, стратегия "ҳамчун маҷмуи ҳадафҳо фаҳмида мешавад, ки дар назди корхона дар ҳар лаҳзаи мушаххаси вақт ва воситаҳои ноилгардӣ ба ин мақсадҳо қарор доранд" [1, с.299-304].

Бояд иброз намуд, ки новобаста аз хусусиятҳои мушаххаси соҳа, ҳар як корхона стратегияи худро дар соҳаҳои зерини функсионалӣ ба андозае амалӣ менамояд: қувваи корӣ, хариди молу маҳсулот ва таъминот, таҳқиқот ва таҳия, молия ва назорат, махсусгардии истеҳсолӣ, бозорҳои мақсаднок, маркетинг, фурӯш, маҷроҳои фурӯши яклухт, истеҳсолот ва ғайраҳо.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳад, ки равишҳои муосир доир ба ташкили идоракунии стратегӣ дар соҳаҳои саноат хусусияти робитаҳои байни корхонаҳоро дар ҳайати кластерҳо ва гурӯҳҳои стратегӣ ва сатҳи номуайянии ин робитаҳо ба назар намегиранд, ки ин таъсири синергетикии кори муштараки чунин шаклҳои ҳамкорӣ ва ҳамгироии саноатиро инкор менамояд ва ба таҳия ва татбиқи нақшаҳои стратегии рушди соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти мамлакат монеъ мешавад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**


1. Ансофф И. Новая корпоративная стратегия. -СПб.: Питер, 1999.- С. 136.
2. Ашурзода С.Х. Инфраструктурное обеспечение инновационной деятельности / С.Х. Ашурзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-2(98). – С. 299-304.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021 - http://president.tj/node/27417
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 //Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1 октябри соли 2016. - №392. - Душанбе: «Контраст», 2016. - С.19-20.
5. Цихан Т.В. Кластерная теория экономического развития [Текст]/ Т.В. Цихан// Теория и практика управления – 2003. - №5,. – С27-29.


## МИКРОИҚТИСОД ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ МИЛЛӢ

**Тӯтизода М. - н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Макро иқтисод ин як қисми назарияи иқтисодӣ буда, муносибатҳои иқтисодии байни одамон ва қонунҳои умумии фаъолияти хоҷагидории

онҳоро меомӯзад. Микроиқтисод ин илм дар бораи омӯзиши рафтори алоҳидаи субъектҳои иқтисодӣ мебошад.

Предмети омӯзиши микроиқтисод, омӯзиши иқтисодиёти корхона ва оила мебошад. Аз калимаи юнони гирифта шуда, маънои хурдро дорад.

Ба иқтисоди хурд корхона ва оила дохил мешаванд. Корхона ва оила зинаи имтиҳои истеҳсолот мебошад ва оила зинаи ибтидоии ҷомеаро ташкил медиҳад.

Корхона воҳиди махсусгардонидае мебошад, ки барои истеҳсоли мол ва расонидани хизмат ташкил карда шуда аст. Масалан корхонаи истеҳсоли матоҳои пахтагин дар шаҳри Душанбе ва ё корхонаҳои истеҳсоли семент дар шаҳри Душанбе, корхонаи истеҳсол алюмини дар шаҳри Тӯрсунзода. Ин корхонаҳои номбаршуда дар навбати худ матоҳои пахтагин, смент ва алюмин истеҳсол менамоянд. Ғайр аз ин корхонаҳее мебошанд, ки ягон чиз истеҳсол накарда ба миҷозон хизмат мерасонанд. Масалан корхонаи таъмири асбобҳои техники ва баркӣ ......., дар шаҳри душанбе ва ё корхонаҳои фуруши сӯзишворӣ дар тамоми қаламравӣ Ҷумҳури Тоҷикистон. Ҳама корхонаҳои соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба корхонаҳои истеҳсоли ва ё хизматрасони дохил мешавад.

Соҳаи нақлиёт дар аввал ба соҳаи савдо дохил карда мешуд, чунки молро аз корхонаи истеҳсоли ба нуқтаи савдо мерасонд. Дар охир ҳама тадқиқотчиён ба хулоса омаданд, ки соҳаи нақлиёт ягон моли аникро истеҳсол намекунад вале бе кори нақлиёт сар намешавад.нақлиёт мошина в таҷҳизотро ба корхона мерасонад, коргаронро барои барои кор ба корхона мерасонад ва баъди кор хонаҳояшон мерасонад.ҳамин сабабҳои номбаршударо ба ҳисоб гирифта нақлиётро ба соҳаи истеҳсолот дохил намудаанд.

Чуноне, ки дар боло қайд гардид. Микроиқтисод иқтисоди корхона ва оиларо меомӯзад. Ин ду истилоҳ ба якдигар алоқаи зич доранд.

Корхона дар навбати худ мол истеҳсол менамояд ва хизмат мерасонад. Оила бошад ба соҳибкорхона пули захиравиашро қарз медиҳад ва соҳибкорон ба ин маблағ қарз гирифта омилҳои истеҳсолот мехаранд ва истеҳсолотро давом медиҳанд. Ғайр аз ин оилаҳо корхонаро ба қувваи корӣ таъмин менамоянд ва ҳамчун харидор мол истеҳсол карда ва хизмати корхонаро мехаранд. Аз ҳамин сабаб рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Гузариш ба иқтисоди бозоргони –зарурияти истифодаи шакл ва усулҳои нави хоҷагидориро дар корхонаҳо ва муайян намудани ҷой ва мақоми корхонаҳоро дар пешрафти истеҳсолоти ҷамъият талаб менамояд. Корхонаҳо дар асоси истифодаи оқилонаи омилҳои истеҳсолот ва васеъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ самараноки ва устувории иқтисодиётро дар бозори дорои рақобати озод таъмин менамояд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корхона ҳамчун субъектҳои мустақими хоҷагидори, ки истеҳсоли мол ва

хизмати...... ба мақсади қонеъгардонии талаботи ҷомеа ва гирифтани фоида фаъолият менамоянд.

Ба корхонаҳои истеҳсолот заводу фабрика, камбинату конҳо, бандарҳо, роҳҳо ва дигар ташкилотҳои хоҷагидории таъминоти истеҳсолӣ дохил мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 аз иқтисоди плани фармонӣ ба иқтисоди бозори гузашт.

Иқтисоди плани фармони дар Москва маҷлиси Олии Иттиҳоди шуравӣ барои панҷ сол қабул мешуд ва тибқи плани қабул шуда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл дошта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешуд. Аз сабаби он, ки иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.Ҷумҳурии Тоҷикистон ... кори махсус гардонида шуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон пахтаро парвариш намуда, ҳамчун ашёи хом ба Россия мефиристанд.

Дар ивази пахта аз Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳои зарури аз қабили сӯзишвори,хуроквори ва ҳамаи чизҳои зарурӣ барои аҳолии Тоҷикистон фиристода мешуд.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибистиқлол мебошад.

Ҳамаи масалаҳои иҷтисодиро бояд худи давлати Тоҷикистон ҳаллу фасл намояд.

Дар иқтисоди плани фармони корхона танҳо ба истеҳсол машғул буду халос. Моли истеҳсолкардашударо ба давлат месупорид. Дар иқтисоди бозорӣ бошад, акнун корхона ҳам истеҳсол менамояд ва ҳам мефурушад.

Агар моли истеҳсолкардашуда ба талаботи бозор мувофиқ набошад, моли истеҳсолкардаашон ба фуруш намеравад.Бинобар ин бозор талаб менамояд, ки корхона молашро ба йалаботи бозор мувофиқ гардонад ва ё муфлис мешавад ё аз юозор мебарояд. Ингуна корхонаҳо дар иқтисоди бозори барҳам мехуранд.

Оила зинаи ибтидоии ҷомеа мебошад. Оила аз қадимтарин сохтори иҷтимоӣ дар таърихи башарият ба шумор меравад. Бинобар дастовардҳои охирини илмҳои ҳафриётшиносӣ ва этнография таърихи ташаккули ҷомеаи инсонӣ на се ҳазор сол, чунон, ки дар ибтидои садаи XX меҳисобиданд, балки 10-12 ҳазор соларо фаро мегирад. Пайдоиш ва равнақи обшинаҳои оилавӣ ҳамчун маҳсули асосии иқтисодӣ, истеъмолӣ ба замони гузариш ба неолит (асри санг тахминан ҳазораҳои) VII-VIII то мелод рост меояд.

Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ,аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгарои маҳз дар оила ташаккул меёбад.

Дар татбиқи талаботи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлати Тоҷикистон се омили асосӣ-ҷомеа мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи ватандӯсти, хештаншиносии миллат ва таҳаммулу мадоро тарбият ёбанд.

Эмомалӣ Раҳмон.

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеа бунёди оилаи солим ба шумор меравад ва пойдории оила ба тарзи ҳаёти ва инкишофи муътадили инсон мусоидат менамояд.

Маърифати оиладорӣ ба масъалаҳои муҳими зиндагӣ, никоҳу оиладорӣ шинос намудани ҷавонон, ташаккул додани низоми оиладорӣ дар шуури наврасону ҷавонон маърифати оиладорӣ ба роҳ мондани омодагии ахлоқии ҷавонон ба бунёд ва пойдории оила, муҳаё намудани фазои солиму ором дар оила, пойдор нигоҳ доштани оилаҳо ва нигоҳдории арзишҳои оилави ташкил медиҳад. Тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ҳосил намудани малакаи муносибатҳои дурусти дохили оилави дар оянда дуруст тарбия намудани ҷавонон ва нигоҳ доштани анъанаҳои неки миллии халқи тоҷик мебошад.

Интихоби дурусти ҳамсар ва бунёди оилаи солим омили муҳимии ободии ҷамъият ва устувории давлат маҳсуб меёбад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд паҳлуҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти оилавиро мавриди омӯзиш қарор дода, урфу одатҳои миллӣ, хурмату эҳтироми тарафҳо муносибати хуби зану шавҳари ва маънои зиндагиро хуб дарк карда тавонад.

Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 “Соли оила” эълон карда шудааст. Ҳадафи асосии чунин иқдоми неки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба он равона гардидааст, ки маърифати оиладории ҷавонон баланд бардошта шавад ва дар ин замина ҷавононро пеш аз издивоҷ ба ҳаёти оилавӣ, муносибатиҳои оиладорӣ омода намуда. Пеши роҳи вайроншавии оилаҳои ҷавон гирифта шавад ва фарзандони ноболиғи ин оилаҳо дар шоҳроҳи зиндагӣ аз падар ё модар маҳрум нагарданд, зеро оилаи солиму хушбахт ва маърифаи хонаводагии падару модар дар оила асоси тарбияи фарзандон ба ҳисоб рафта, ҷомеаи солим низ ба насли бомаърифат, донишманд, ватанпараст, забондон ва дорои ахлоқи ҳам ниёз дорад

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилави аз маҷмӯи донишҳои муайяни педагогию психологӣ, ҳуқуқиву иқтисодӣ мансуб гирифта дар асоси донишу, ақида, ҷаҳонбини ва арзишҳои маънави ташаккул меёбад.

Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ вазифаи муҳимии оила ва мактаб мебошад. Омӯзиш ва таҳлили сабабҳои вайроншавии оилаҳои ҷавон аз он шаҳодаӣ медиҳад, ки бештари онҳо натиҷаи омода набудани ҷавононба ҳаёти оилави мебошад. Ободии Ватан аз ободии ҳар хонадон фаросату маърифати оиладории волидон сарчашма мегирад. Аз ҳамин сабаб ҳоло дар солҳои охир дар ҳамаи мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон синфи 10-ум фанни маърифати оилавиро меомӯзанд. Омӯхтани ин фанни мазкур дар гирифтани донишҳову маълумоти зарурӣ оид ба ташкили оилаи солим ва нақши он дар ҳаёти инсон, омӯхтани асосҳои маърифати оиладорӣ ва аз бар намудани нуқтаҳои асосии он ба ҷавонон дар ташкил намудани ҳаёти оилави ёрии беғаразона мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки дар адабиёти илмию оммави таърифи ягонаи оила вуҷуд надорад. Вале дар такя бо нуқтаи назари мухталифи муҳақиқони соҳа метавон чунин таъриф намуд. Оила грӯҳи хурди ҷамъиятии одамон аст, ки дар асоси итифоқи озод, ихтиёрона баробаҳуқуқии байни марду зан бо мақсади тавлид ва тарбияи фарзанд ташкил ёфта, бо никоҳ ба расмият даровардa мешавад ва аъзои онро ҳам хунию хешутаборӣ пешбурди хоҷагидории умумӣ, будани ягона ,умуми

иҷтимоӣ, масъулияти байниҳамдигарии ахлоқию ҳуқуқии баробарпайванд менамояд.Ин таърифи зикршуда ҳам....... ҳаёти оилавиро дар бар мегирад.

Оила намунаи беҳтарин олии ҳамзистии зану мард мебошад, ки бо сарварии волидайн баҳри беҳдошти ахлоқ ва муҳо... насл, эҳтироми якдигар, таъминоти иқтисодиву маънави чун хурдтарин созмони ҷомеа арзи вуҷуд дорад.

Оила бояд пеш аз ҳама дорои макони зист бошад, зеро манзилу макон имкони зиндагии якҷояи гурӯҳи одамонро фароҳам оварда, ҷойи амнияти онҳо низ маҳсуб меёбад.

Оила дар ҳаёти инсон нисбат ба дигар .......иҷтимои волотарин ва арзишмантарин маҷомро дорост. Зеро шахсияти кӯдак дар оила ташаккул ва рушд ёфта, бо аз худ намудани нозукиҳои мушкилотвории ҷомеа мегардад. Вобаста ба обӯрую эътибори волидайн ва таъсири онҳо ба насли наврасу ҷавон дар оила шидатҳои шахсият ташаккул меёбад, яъне маҳз дар оила инкишофи ҷисмонию маънавии шахс нақши муҳим мебозад.

Аз ин сабаб намунаи олитарини ҳаёти якҷояи инсонҳо албатта, оила мебошад.Оила дар натиҷаи никоҳи байни зану мардба вуҷуд меояд.Асоси ташкили оила никоҳ буда,он ба шинохти расмии муносибатҳои оиладори асос мегузарад.

Аз азал тоҷикон мафҳуми “оила”ва “оиладори”-ро муқаддас дошта, иззату эҳтиром балки аъзои оила, хусусан падару модаро ҳамеша ба ҷо меоранд.

Яке аз хусусиятҳои хоси оила дар байни мардуми мусалмон, хусусан тоҷикон ...... маҳсуб меёбад.Дар ҳама ҳолат мард такягоҳи асосии оила- сарбон, парастор, муҳофиз ба ҳисоб рафта .таъмини аҳли оила ба души ӯ мебошад.Зан дастгиру мададгор ҳамсари вафодор буда, асосан ба тарбияи фарзандон машғул аст.

Аз ин лиҳоз талаботи асосии ...... оила ҳамфикр будани зану шавҳар ва дигар аъзои оила дар кору зиндагӣ ва дӯст доштану,эҳтироми ҳамдигармебошад.

Инсон, оила ва ҷаъият ин се мафҳум муҳимтарин рукнҳои фалсафаи ҳаётанд.ҳиссаи ватандӯсти,ифтихори миллат, хушнасли миллат ин ҳама натиҷаи тарбия дар оила аст,чунки маҳз дар оила фарзан аввалин маротиба мафҳумҳои Ватан , озодӣ, падар, модар, дӯст доштан, асолати мард ва занро дар намуда, аз назари ҷисмонӣ ва ахлоқи вобастаги ба муҳити оилавӣ солим ба камол мерасонад.

Тарбияи оилавӣ асоси ҳама гуна тартибот аст, зеро маҳз дар муҳити оила бо кушишҳои волидайн, хешу пайвандон насли наврас аз ҷиҳати ахлоқӣ,ҷисмонӣ, зебошиноси, меҳмон дӯст, рафоқат, дӯсти, шинохти неку бад тарбият меёбад.

Ҳамдигарфаҳми, дӯст доштани зану мард низ ба тарбияи аъзои оила таъсири мусбат расонида боиси хушбахтии онҳо мегардад.Аз назари дигар, тарбияи оилави дорои масъалаҳои мубрам ва хеле мушкилие ,ки ба он биср омилҳо,чун ирсия маънавиёти калонсолон, саломатии фарзандон ва волидайн таъминоти моддӣ ва маънави, шароитҳои иҷтимои, аъзоёни оила, муносибат якдигар ва амсоли инҳо таъсир расонида метавонанд.

Фарзандони оила бояд дар фазои орому солими психологи, муҳити созгор ба воя расида, тарбияро аз оила гирад, зеро оила нахуст мактаби тарбияи инсон ва ташаккули тафаккури ӯ мебошад, ки тавасути он инсон минбаъд дар ҷомеа ҷой ва мақоми худро пайдо мекунад.

Тибқи Кодекси Ҷумҳурии тоҷикистон “Оила, ақди никоҳ, модар , падар ва кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти муҳофизати давлат қарор доранд. Давлат кафолат медиҳад. Ки ҳар оила ва узви онро таҳти ҳимояи худ гирад.

Ҳар як падару модар орзуи фарзандор шуданро доранд, зеро фарзанд ширинтарин меваи умри инсон, нишонае аз падару модар ва давомдиҳандаи насл мебошад. Таввалуди фарзанд дар оила боиси шодмонии падару модар ва хешу ақрабро мегардад. Аз ин рӯ падару модар шудан бахти бузургест. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар ин бора хело хуб гуфтааст.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест.
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд бошад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

Хабари таввалуди тифлро шунида, шодиёна додан одати қадими мардуми мост.Маънои он чунин аст, ки аз ба дунё омадани тифл тамоми хешу ақраб хурсанд буда , орзу доранд, ки чунин шодию фароҳ ва ба .... саодат насиби ҳар хонадон гардад.

Оила аввалин маконест, ки шахсияти кӯдак дар он инкишоф ёфта тарбия мегирад.

Тифл бе ёрии калонсолон ягон талаботи худро қонеъ карда наметавонанд.Аз ин рӯ қонеъ уқнонидани талаботи кӯдак ва рӯди у дар рафти муноибати ӯ бо калонсолон сурат мегирад ва дар ҷараёни муошират дар кӯдак аввалин рефлексияи шарти ҳосил мешавад. Масалан, агар модар ба кӯдак аз рӯйи реҷаи муайян хӯрок диҳаду ӯро хобонад, рефлекси шарти дар кӯдак пайдо мешавад, яъне баъди сер шудан хоҳиши хоб рафтан пайдо мекунад.

**Адабиётҳои истифода шуда.**


1. Ашраф Э, Ҳақберди М, Курси назаряи иқтисодӣ.Микроиқтисод. Душанбе. 2001 саҳ-20.
2. Низомова Т.Д ташкили истеҳсолот дар корхона Душанбе-2012, саҳ-5
3. Комило С.Ҷ, Низомова Т.Д иқтисодӣ корхона, Диловар –ДДМБ. Душанбе-2001, саҳ 2-10.
4. Маҳкам М. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон ддар оила .Душанбе -2003.Эр-грар,саҳ-3
5. Х.Раҳимзода ,Ш.Ёрмуҳаммад, А.Назирова ,Н. Аминов .Маърифати оиладорӣ. Душанбе “маориф”, 2015 саҳ 3-5. Шукурзода К. Саидова М. Назаряи иқтисод шаҳри мухтасари мафҳумҳо Душанбе -2011, саҳ. 85.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе -2016 саҳ.85.


## НИЗОМИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ: МУАММОҲО ВА РУШДИ ОН

**Алишоев Х.Ҳ. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Дар замони ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва пешравии илму техника истифодаи низоми бонкдории исломӣ ба мақсад мувофиқ буда қисми зиёди

давлатҳои ҷаҳон онро қабул карда истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии бонкдорӣ ва инчунин саҳми арзанда гузоштан дар ин соҳа қонуни дахлдоро қабул намуд. Ба ин восита дар Ҷумҳурӣ маблағгузории давлатҳои исломӣ зиёд шуда сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии давлатро дар арсаи байналмилалӣ нишон медиҳад.

Аввалин бонкҳои исломӣ дар охири солҳои 60-уми асри гузашта ба миён омадаанд. Сарраввал ин низом ба нокомӣ дучор шуд. Бо вуҷуди ин, аз оғози солҳои 70-ум бонкҳои исломӣ тадриҷан ба ривоҷёбӣ шурӯъ мекунанд. Дар ташкилоти «Конфронси Исломӣ» таъсиси Бонки байналмилалии Исломии Рушдро эълон намуд. Ба ғайр аз ин бонкҳои исломии миллӣ низ кушода шудан. Ин бонкҳо на танҳо дар Шарқ, балки дар Британияи Кабир, Люксембург, Багам ва дигар давлатҳо арзи вуҷуд доранд. Бонкҳои анъанавӣ бошанд шӯъбаҳои худро ба номи «тирезаҳои исломӣ» , ки ба фаъолияти низоми бонкдории исломӣ мутобиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи ислом машғул шуданд, боз намуданд.

Дар Аврупо низ афзоиши молияи исломӣ ба назар мерасад. Лондон барои ташкили маркази молияи исломӣ кушиш мекунад, ки он аллакай дорои панҷ бонкҳои исломӣ мебошад.

Соҳаи молияи исломӣ - яке аз соҳаи босуръат пешраванда дар ҷаҳон ба ҳисоб рафта дар даҳсолаи охир бо суръати афзоиши солонаи дороиҳои 20-25% афзоиш меёбад. Молияи исломӣ нақши худро дар соҳаҳои нави иқтисодӣ васеъ намуда истодааст ва бо назардошти олимони соҳа гардиши дороиҳои он то соли 2018 беш аз 3 трилион ва то соли 2020 ба 4,2 трилион доллар мерасад.

Рушди молияи исломӣ дар баъзе кишварҳои собиқ шӯравӣ низ ба назар мерасад. Ҳукумати Қазоқистон ва Қирғизистон, бо шинос шудан бо дурнамои ин соҳа , мутобиқгардонии қонунгузориро ба талаботи молияи исломӣ мутобиқ намудаанд . Дар Озарбойҷон бошад, айни замон рушди қонунгузории махсус ба итмом расида истодааст ва дар базаи Бонки байналмилалии Озарбойҷон лоиҳаи пилотӣ оид ба ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми молияи исломӣ нисбат ба кишварҳои дигари собиқ Шӯравӣ суст рушд кардааст. Дар айни замон, танзим ва рушди саноати молияи исломӣ дар ин кишвар хеле муҳим аст.

Ин низом дар кишварҳои пешрафтаи Араб, кишварҳое, ки манбаҳои саршори нафту газ доранд ҳукм фармо мебошад. Сабаби асосии пешрафти иқтисоди ин кишварҳо, маблағҳои калоне мебошад, ки аз ҳисоби фурӯши нафту газ ба даст меоянд. Дар Ҷумҳурии мо низ имконият вуҷуд дорад, то ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Исломӣ ба роҳ монда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди низоми молиявии исломӣ ба рушди низоми молиявии давлат дар маҷмӯъ мусоидат менамояд. Ин на танҳо ба агентҳои нави иқтисодӣ ва дастрасии онҳо ба бозори молиявӣ роҳ мекушояд, балки боиси қисми зиёди агентҳоро аз хизматрасонии молиявии

анъанавӣ ба исломӣ мегузаронад ва он ба васеъ намудани доираи хизматрасониҳои молиявӣ оварда мерасонад.

Дар маҷмӯъ ин рақобатро дар бозори молиявӣ пурзӯр намуда тақсимоти самаранокии сармояро дар иқтисодиёт ба роҳ мемонад . Рушди низоми молияи исломӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷиро аз Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки ба рақобати солим дар бозорҳои молиявии ҷаҳон фаъолият мекунанд, ба роҳ мемонад. тақвият хоҳад кард.

Имрӯз низоми бонкдории исломӣ дар рушди худ ба мушкилоти зерин дучор мешавад:

**Мутахассисон**. Зиёд шудани ташкилотҳои молиявӣ ва таъсисёбии ташкилотҳои нав дар робита бо рушди бонкҳои исломӣ зарурат ба кадрҳои соҳибихтисосро меорад. Имкониятҳои имрузаи муассисаҳои таълимӣ, ки тарбияи мутахассисонро ба ин соҳа равона мекунанд, ҷавобгуи ин талабот шуда наметавонад. Дар робита бо ин , ташкилотҳои молиявии исломӣ бояд барои тарбияи мутахассисони соҳа аз ҳисоби қувваи худ пурра истифода намоянд. Зеро барои муваффақияти механизми ин соҳа таъсис додани вазифаҳои кадрӣ, ҳавасмандиҳои молиявӣ, муҳити солими корӣ ва ғайраҳо зарур мебошад.

**Рақобат.** Сарфи назар аз таваҷҷӯҳи афзоянда ба бонкҳои исломӣ, ҳанӯз он дар марҳилаи аввали рушд қарор дорад. Баромадан ба бозорҳо бо баланд бардоштани рақобат аз тарафи бонкҳои анъанавӣ бо пешниҳоди маҳсулоти бонкии исломӣ ( тавассути кушодани «тирезаҳои исломӣ») ба роҳ монда мешавад. Поёнравии имрузаи нархи нафт ва коҳиш ёфтани пардохтпазирии озод низ имкониятҳои рақобати бонкҳои исломиро бо бонкҳои анъанавӣ дар бозорҳои молияви ғарбӣ пурзур менамояд. Қисми зиёди бонкҳои Ғарб дар худ "тирезаҳои исломӣ» кушодаанд, ки он аз руи Шариати Ислом хизматрасониро ба роҳ мондаанд.

**Пардохтпазирии барзиёд.** Мавҷуд набудани алтернативаи самараноки бозори асъори анъанавии байнибонкӣ, ки фаъолияташонро дар мувофиқи принсипҳои шариат ба роҳ мемонанд, ба мушкилоти ҷиддии идора намудани пардохтпазирии институтҳои молиявии исломӣ оварда мерасонад. Имкониятҳои маҳдуд барои сармоягузорӣ, мувофиқи принсипҳои ислом аз тарафи бонкҳо, дар навбати худ, боиси беасос баланд шудани воситаҳои арзишӣ мегардад.

**Идоракунии хатарҳо.** Кор дар асоси принсипҳои ислом ба ташкилотҳои молиявии исломӣ хатарҳои иловагиро нисбат ба дигар соҳаҳои умумии бонкӣ ба вуҷуд меорад. Чунин намуди хатарҳо ба монанди хатари риояи принсипҳои шариат, хатарҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд. Бо назардошти васеъ гардидани Институти низоми бонкдории исломӣ, вазифаи идоракунии хатарҳо дар муассисаҳои молияви исломӣ на танҳо идораи ин хатарҳо, балки рушди муътадили соҳаи бонкиро бояд таъмин намояд.

**Стандартизатсия.** Дар шароити ҳозира, ягон стандартҳои ягонаи ҳисоботи молиявӣ ва базаи меъёрию ҳуқуқӣ барои ташкилотҳои молиявии исломӣ вуҷуд надорад. Дар натиҷа, дар баъзе кишварҳо мутобиқи стандартҳои ташкилоти аудиторӣ ва муҳосибӣ барои ташкилотҳои молиявии истифода менамоянд.

Вуҷуд доштани заминаи қонунгузории махсус – кафолати он аст, ки таҷрибаи бонкҳои исломӣ ва тирезаҳои исломӣ пурра канормонда нестанд.

**Риояи қонунҳои шариат**. Риояи намудани қонунҳо ва принсипҳои шариат яке аз шартҳои асосӣ барои фаъолияти бонкҳои исломӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала бевосита бо мушкилоти тарбияи кадрҳои баландихтисос ва сиёсати идораи хатарҳо, ки дар боло тавсиф дода будем, пайваст мебошад.

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки низоми бонкдории исломӣ дорои механизми мураккаб мебошад, ки ҳанӯз марҳилаҳои муайяни рушди худро дар оянда татбиқ менамояд. Вале, сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, он муассисае мебошад, ки фаъолият ва қобилияти худро дар давраи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ нишон додааст.

Чи гунае, ки ба мо маълум аст аз рӯи фаъолияти бонкҳои Исломӣ гирифтани фоиз ва маблағгузорӣ ба намуди фаъолиятҳои манъ карда шуда ба монанди хариду фуруши маҳсулоти спиртӣ, гушти хук ва ғайраҳо манъ карда шудааст. Вобаста ба ҳамин қонунҳои иқтисодии исломӣ институтҳои молиявии онро водор менамоянд, ки бе ситониданидани фоиз даромад ба даст оранд, агар онҳо иштирокчии лоиҳа ба ҳисоб раванд. Ба ҳамин хотир онҳо бояд пурра бо корхона фоида ва хатарро тақсим намоянд.

Бо назардошти масъалаҳои ҷойдошта ва ҷалби маблағгузории дарозмӯҳлат ба соҳаи иқтисодиёт , ва инчунин сатҳи пасти низоми бонкдории Исломӣ дар ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишонаҳои рушди институтҳои молиявии Исломӣ бениҳоят пешомадҳои хубро доро мебошад. Манфиатҳои асосии рушди иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз бонкдории исломӣ барои пешгирӣ намудани бӯҳрони молиявӣ чунин буда метавонад:

- ҳавасманд намудани фаъолияти корхонаҳо бо роҳи ҷалби захираҳои молиявии озоди давлатҳои Исломӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ;
- рушди фаъолияти институтҳои молиявиро тавассути афзоиши намудҳои нави мол ва баланд бардории сатҳи бозоргирии онҳо бо таъсири мутақобилаи фаъоли институтҳои хориҷии исломӣ мусоидат намудан;
- рушдиояндаи бизнес бо роҳи ҷалб намудани маблағгузорони наве, ки услуби беҳтаринро оид ба технологияи иҷроиши амалиётҳои бонкӣ доро бошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло якчанд роҳҳои рушди бонкдории Исломиро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Бонкҳои Исломӣ дар рафти ҳамроҳ шудан ба раванди ҷаҳонишавӣ вусъатёбии худро дар қисми зиёди давлатҳои дунё давом дода дар сохтори

иқтисодиёти давлатҳо ҳамчун қисми алтернавии низоми молиявӣ-қарзӣ амал менамоянд.

Бо вуҷуди ин ҷараёни пешравии раванди ҷаҳонишавӣ унсури мусбатро дар шакли имконияти молиявии алтернативӣ ҳамчун истеъмолкунандагони инфиродии хадамоти бонкӣ ва ҳамчун давлат дар маҷмӯъ ба вуҷуд меорад.

2. Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ, нақши ҳукмронии кишварҳои ғарбӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мутобиқ бо кишварҳои дигар эҳье хоҳад шуд. Фазои иқтисодии бисёрқутба, ки ба муносибатҳои сершумори иқтисодии байни давлатҳо алоқаманд аст, ташкил карда мешавад. Дар ин вазъият, бонкҳои исломӣ низ як такони хуби рушдро ба даст оварда ва дар бозори хизматрасонии бонкӣ ба сифати алтернатива баромад хоҳанд кард.

**Адабиётҳо**


1.Алишоев Х.Х. Исламская экономическая мысль и практические аспекты её использования в постсоветском пространстве.- Душанбе: «Ирфон», 2013.- С. 236.

2. Беккин Р.И. Исламская экономика. Краткий курс. – М:.АСТ:Восток-Запад, 2008.-288с.

3.Исламская экономика в Судане // Проблемы современной экономики. — 2007. — № 3 (23). 0,1 п.л.

4.Исламская экономика: между капитализмом и социализмом // Вопросы экономики. — 2007. — № 10. 0,3 п.л.

5.Механизмы финансирования, используемые в исламском банковском деле // Банковское право. — 2007. — № 4. 0,4 п.л.

6. “Islamic Capital Market Fact Finding Report” (2004), Report of the Islamic Capital Market Task Force of the International Organization of Securities Commissions, July 2004, http://www.iosco.org.

7. “Islamic Financial Services Industry Development: Ten-Year Framework”, A joint initiative of the Islamic Research & Training Institute, Islamic Development Bank & Islamic Financial Services Board, 2006.

9. Abu Dhabi Islamic Bank, http://www.adib.ae

10. Al-Jarhi, M. A. (2002): “Islamic finance: an efficient equitable option”, Islamic research and training institute, Islamic development Bank.

11. Al-Jarhi, M. A., Iqbal, M. (2001): “Islamic Banking: Answers some frequently asked questions”, Islamic development Bank, Islami Research and Training Institute, Occasional Paper No.4, 2001.

12. Anwar, M. (2003): «Islamicity of Banking and Modes of Islamic Banking», Arab Law Quarterly, 2003, volume 18, issue 1, p. 62-80.

# РУШДИ ДЕМОГРАФИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҲОЛАТ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**Аскаров А.Р. - Институти иқтисодиет ва демографияи АМИТ**
**Холиқова А.З. - Институти иқтисодиет ва демографияи АМИТ**
**Абдалимова Н.А. - Институти иқтисодиет ва демографияи АМИТ**

Таваллуднокӣ нишондиҳандаи муҳими демографӣ буда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир расонида, сохтори демографии онро муайян мекунад. Сатҳи фавти аҳолӣ вобаста ба омилҳои гуногун, аз қабили дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ, сифати зиндагӣ, сатҳи таҳсилот, рушди иқтисодӣ ва мавҷудияти бемориҳо ё офатҳои табиӣ метавонад фарқ кунад. Сатҳи баланди фавт метавонад аз масъалаҳои соҳаи тандурустӣ, шароити бади зиндагӣ ё эпидемияро, дар ҳоле ки сатҳи пасти фавт метавонад аз сатҳи баланди кӯмаки тиббӣ ва некӯаҳволии умумии аҳолӣ шаҳодат диҳанд. Бинобар ин дар мақола хусусиятҳои рушди ин нишондихандаҳо дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодӣ, тағйирёбии онҳо, дар шаҳру деҳот нишон дода шуда, инчунин омилҳо ва сабабҳои тағйирёбии ин нишондихандаҳо низ муайян карда шудааст. Асоснок карда мешавад, ки дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки дар охири солҳои бистум ва ибтидои асри XXI дар ҷумҳурӣ ба амал омада буданд, ба динамикаи таваллуд ва фавти аҳолӣ таъсир расонидаанд.

***Калимаҳои калидӣ:*** *Таваллуднокӣ, фавт, масъалаҳои демографӣ, шумораи ахолӣ, афзоиши табиӣ, коэффитсиентҳо, динамика.*

То давраҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқотҳои илмии соҳаи демография диққати кофӣ дода намешуд. Дар мактабҳои олӣ ва низоми маориф курсҳои оид ба демография вучуд надоштанд, фаҳмиши умумии масъалахои демографӣ дар байни аҳолӣ хеле паст буд. Дар  баробари ин дар мамлакат муаммоҳои зиеди ҷиддии демографӣ мавчуд буда,ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар монеъ мешаванд.

Имрӯз дар Тоҷикистон ҳам ҷомеаи илмӣ ва ҳам мақомоти давлатӣ зарурати рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодии кишварро тавассути равиши инноватсионӣ бештар дарк мекунанд. Рушди иқтисодиёт дар асоси инноватсияҳо барои рафъи мушкилоти вобастагии захираҳо ва диверсификатсияи нокифоя муҳим мегардад. Ин истифодаи неруи зеҳнӣ ва эҷодии инсонро ҳамчун нерӯи пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии миллӣ дар бар мегирад. Чунин муносибат беҳтар шудани сифати зиндагонии аҳолиро таъмин мекунад. Ҳамин тариқ, мавҷудияти муосир ба инсон ҳамчун ҳадаф, восита ва шарти рушд торафт бештар нигаронида мешавад. Дар ин шароит ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ аз нерӯи демографии ҳудуд ва самаранокии механизмҳои ташкилию иқтисодии татбиқи он вобаста аст.

Вазъи демографии Тоҷикистон бо сатҳи баланди таваллуд ва дар маҷмӯъ нисбатан кам будани фавт фарққунанда буда, вале дар айни замон фавти кӯдакон ва модарон баланд аст. Сатҳи шаҳришавӣ паст боқӣ монда, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар сатҳи баланд қарор дорад.

Сатҳи таваллуди аҳолӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои хос дорад, ки ба вазъи демографии кишвар таъсир мерасонад. Аз ҷониби мо баъзе ҷанбаҳои асосии таҳлили таваллуднокӣ дар ҷумҳурӣ ҷудо қарда шудааст:

1. Сатҳи баланди таваллуд: Дар маҷмӯъ, Тоҷикистон дорои яке аз баландтарин сатҳи таваллуд дар ҷаҳон мебошад. Ин ба арзишҳои фарҳангии анъанавӣ вобаста аст, ки дар он оилаҳои серфарзанд нишонаи шукуфоӣ ҳисобида мешаванд.

2. Аҳолии ҷавон: Аксари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин ҳам ба афзоиши таваллуд мусоидат мекунад. Оилаҳои ҷавон аксар вақт кӯшиш мекунанд, ки шумораи оилаи худро зиёд кунанд.

3. Омилҳои иқтисодӣ: Ноустувории иқтисодӣ ва даромади пасти аҳолӣ метавонад ба таваллуд таъсир расонад. Баъзе таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти иқтисодӣ метавонад боиси афзоиши кӯдакон дар оила ҳамчун як шакли амнияти иҷтимоӣ дар пиронсолӣ гардад.

4. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва маориф: Сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои тандурустӣ ва маориф низ ба таваллуд таъсир мерасонад. Дар минтақаҳое, ки дастрасии паст ба хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф доранд, аксар вақт сатҳи таваллуд баландтар аст.

5. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ: Арзишҳои фарҳангии анъанавӣ ва динӣ ба таваллуд дар Тоҷикистон низ таъсир мерасонанд. Эътиқод ва расму русуми динӣ метавонанд ба таваллуди баланд мусоидат кунанд.

6. Муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ: Муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ метавонад ба таваллуднокӣ таъсир расонад. Масалан, низоъ, муҳоҷират ва дигар шаклҳои ноустувории оилаҳо метавонанд ба қарорҳои фарзанддорӣ таъсир расонанд.

Дар маҷмӯъ, сатҳи баланди таваллуд дар Тоҷикистон ҳам ҷониби мусбӣ дошта (масалан, қувваи кории ҷавон ва динамикӣ), ва ҳам мушкилотҳои гуногуни иҷтиморо ба вуҷуд меорад (масалан, таъмини хизматҳои иҷтимоӣ ва захираҳо барои оилаҳои калон ва ғ.). Ин таҳлил ва таҳияи сиёсатҳоеро талаб мекунад, ки ба дастгирии оилаҳо ва идоракунии тамоюлҳои демографӣ нигаронида шудаанд.

Вазъияти демографӣ ба рушди иктисодиёти чамъият таъсири калон мерасонад. Шумора ва таркиби аҳолӣ дар ташаккули ММД, талабот ва пешниҳоди умумии мамлакат фаъолона иштирок мекунанд. Дар баробари ин равандҳои демографии таваллуд, фавт, никоҳ ва муҳоҷират бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ алоқаманд буда, ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонанд. Омӯзиши ин динамика барои банақшагирӣ ва таҳияи сиёсати иқтисодии давлатӣ муҳим мебошад.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи афзоиши мутлақи аҳолӣ дар ИДМ мавқеи пешқадамро ишғол намуда, дар гурӯҳи кишварҳои ҷаҳон қарор дорад, ки суръати зиёди афзоиши табиии аҳолӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар

давраи истиқлолият (солҳои 1991-2022) нишондиҳандаҳои аҳолӣ 1,8 маротиба афзуда, афзоиши миёнаи солона 2% ва шумораи аҳолии ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба 9,9 миллион нафар расид.

**Диаграмма 1. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаз. нафар.**




**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси Демографияи солонаи ҶТ Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2022

Аз соли 1991 то соли 2022 дар динамикаи афзоиши аҳолии Тоҷикистон тағйироти назаррас ба амал омад. Дар солҳои аввали истиқлолият коҳиши нишондодҳои мутлақ ва нисбии афзоиши аҳолиро мушоҳида мекунем. Афзоиши аҳолӣ дар соли 1991 2,7% буд ва то соли 2022 ба 1,8% коҳиш ёфт. Суръати афзоиши мутлақи аҳолӣ низ аз 179 ҳазор нафар дар соли 1991 то 177,3 ҳазор нафар дар соли 2021 коҳиш ёфт, аммо ин коҳиш ночиз аст.[13] Нерӯи демографии наслхо, ки дар давоми 50 соли охир ба вучуд омадааст, барои муддати дароз суръати баланди афзоиши аҳолиро ба амал меорад. Дар давоми 80 соли охир (1950-2020) шумораи аҳолии ҷумҳурӣ 7804,5 хазор нафар афзуда, зиёда аз 500% ташкил медиҳад, ки ин аз заминаи зиёди аҳолӣ гувохӣ медиҳад. Суръати афзоиши аҳолӣ 2,0-2,1% ташкил дод.

Аз соли 1950 то соли 1991 коэффитсиентҳои таваллуд ва фавти аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд буд. Дар ин давра ғайр аз соли 1950 дараҷаи баланди афзоиши табиии аҳолӣ низ хос буд. Дар соли 2020 дар муқоиса бо солҳои қаблӣ афзоиши умумии фавт бахусус назаррас аст. Дар соли 2020 ин таносуб якбора аз 3,6‰ дар соли 2019 то ба 4,5‰ афзоиш ёфт. Албатта, ин ба пандемияи COVID-19 вобаста аст. Тибқи омори расмӣ, шумори фавтидагон дар солҳои 2019-2020 аз тақрибан 33 ҳазор то 42 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст.

Ҷараени бозтавлиди аҳолӣ дар Чумхурии Точикистон ва минтақаҳои он бо фарқияти тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, анъана ва таъсири омилхои гуногун муайян карда мешавад. Солҳои охир тахмин ва баробарсозии маълумот оид ба бозтавлиди аҳолӣ ба амал омад. Масалан, дар давраи аз соли 1998 то соли 2022 мизони таваллуд дар манотиқи кишвар тағйир ёфтааст. Дар соли 1998 ин нишондод дар шаҳри Душанбе 28,0, дар вилояти Суғд – 26,8, дар вилояти Хатлон – 35,4, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) – 26,4 ва дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ (НТҶ) - 33.1 ташкил дод. Дар соли 2020 ин нишон-

[13] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, – Душанбе, 2022.

диҳандаҳо ба таври зайл тағйир ёфтанд: дар ВМКБ – 20,5, дар вилояти Суғд – 23,2, дар вилояти Хатлон – 28,8, дар Душанбе – 18,4 ва НТҶ – 27,0.

Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар давраи баррасишаванда сатҳи умумии таваллуд дар шаҳри Душанбе ва баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ ба таври назаррас паст шудааст. Ин коҳишро дар вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ низ мушоҳида кардан мумкин аст. Сатҳи таваллуд дар шаҳри Душанбе бо суръати баланд коҳиш меёбад.

Омилҳо, аз қабили коҳиши шуғли аҳолӣ ва издивоҷ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, паҳншавии усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ, ислоҳоти бозор, танзими оила, муҳоҷирати аҳолӣ, сатҳи маълумотнокӣ ва ғайра ба сатҳи таваллуд таъсири гуногун доштанд. Ҳангоми омӯхтани динамикаи шумораи кӯдакон дар оилаҳо, мо метавонем гузаришро аз оилаҳои серфарзанд ба миёнаҳол қайд кунем. Занони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус одатан 2-3 фарзанд доранд, ки оилаҳоеро ташкил медиҳанд, ки ба тарбияи босифати кӯдакон нигаронида шудаанд ва ҳам аз ҷиҳати ҳудудӣ ва ҳам аз ҷиҳати касбӣ бештар мобилӣ мебошанд.

Дар соли 2022 коэффисиенти маҷмӯии таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як зани синни репродуктивӣ 3,0 кӯдакро ташкил дод. Дар сохтори аҳолӣ ҳиссаи баланди аҳолии сини 0-15 сола аз сатҳи баланди таваллуд дар гузашта гувоҳӣ медиҳад. Бо дарназардошти он, ки Тоҷикистон кишвари кӯҳистонӣ буда, заминҳои корам маҳдуд ва сатҳи пасти рушди иқтисодӣ мебошад, афзоиши баланди аҳолӣ дар айни замон барои рушди босифати аҳолӣ хатари ҷиддӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки дар сохтори аҳолӣ афзоиши ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат (57,7%) муаммои таъхирнопазир мебошад. Ин тамоюл аз як тараф таъсири мусбат дошта, ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аммо муҳимтарин шарти гирифтани дивидендҳои иқтисодӣ аз чунин афзоиш сиёсати мақсадноки давлатӣ дар самти ташаккули бозори меҳнат ва паст кардани сатҳи бекорӣ, камбизоатӣ ва ташаккули сармояи саломатӣ мебошад. Самаранокии чунин сиёсат оқибатҳои манфии афзоиши аҳолии қобили меҳнатро, ки дар иқтисодиети миллӣ ба қадри нокифоя истифода бурдани қувваи меҳнатӣ зохир мегардад, махдуд мекунад.

Дар даҳсолаи охир афзоиши аҳолии кишвар мӯътадил буд - он ба ҳисоби миёна 170 ҳазор нафар ё 2,2% дар як сол ташкил медиҳад[14].

**Ҷадвали 1. Афзоиши умумӣ, табиӣ ва афзоиши муҳоҷирати аҳолии ҶТ, ҳаз. нафар**

| Солҳо | Афзоиши умумӣ | Афзоиши табиӣ | Афзоии муҳоҷират |
|---|---|---|---|
| **Ҳамаи аҳолӣ** | | | |
| 1991-1999 | 767,5 | 1373,8 | -606,3 |
| 2000- 2009 | 1288,9 | 1525,4 | -236,5 |
| 2010 - 2018 | 1709,2 | 1746,6 | -37,4 |
| **Аҳолии шаҳр** | | | |
| 1991-1999 | -46,6 | 291,6 | -338,2 |

[14] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, – 2021.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2000- 2009 | 343,5 | 361,4 | -17,9 |
| 2010 - 2018 | 411,3 | 388,1 | 23,2 |
| **Аҳолии деҳот** | | | |
| 1991-1999 | 814,1 | 1082,2 | -268,1 |
| 2000- 2009 | 945,4 | 1164 | -218,6 |
| 2010 - 2018 | 1297,9 | 1358,5 | -60,6 |
| 2019-2022 | 760,2 | 578,6 | -116,3 |

**Сарчашма:** аз рӯи маълумотҳои «Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2022 тартиб дода шудааст

Дар солҳои рушди мустақил афзоиши демографӣ пайдарпай бо суръати хеле баланди афзоиши табиӣ сурат гирифт.

Дар панҷсолаи гузашта афзоиши миёнаи солона 194,1 ҳазор нафарро ташкил дод. Суръати умумии афзоиши табиӣ дар ин давра нисбатан устувор боқӣ монда, ба ҳисоби миёна 21 наф. ба 1000 аҳолӣ ташкил дод.[15]

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи афзоиши табиии аҳолии ҶТ (% ба 1000 аҳолӣ)**

| Минтақа | 1991 | 2000 | 2010 | 2021 |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 33,0 | 22,3 | 27,3 | 18,1 |
| **ш. Душанбе** | 17,2 | 24,3 | 20,8 | 13,1 |
| **НТҶ** | 38,4 | 23,8 | 30,1 | 20,4 |
| **Суғд** | 27,7 | 19,2 | 24,1 | 15,1 |
| **Хатлон** | 39,7 | 24,4 | 30,7 | 21,3 |
| **ВМКБ** | 29,6 | 12,8 | 15,4 | 11,4 |

Сарчашма: аз рӯи маълумотҳои «Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2022 тартиб дода шудааст

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши умумии аҳолӣ аз ҳисоби афзоиши табиӣ мушоҳида мешавад, ки тавозуни манфии муҳоҷиратро ҷуброн мекунад. Сохтори аҳолӣ бо синну соли ҷавон тавсиф мешавад, ки шумораи кӯдакони аз 0 то 14 сола дар байни солҳои 2000-2021 1,6% коҳиш ёфтааст, ки асосан аз ҳисоби коҳиши таваллуд дар солҳои 1990-ум. Синну соли миёнаи аҳолӣ дар давраи аз соли 2000 то 2022 аз 18 то 23 солро каловиш ёфт, ки аз бартарияти насли наврас ва ташаккули иқтидори назарраси муҳоҷират шаҳодат медиҳад. Афзоиши баланди табиии аҳолӣ метавонад ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад. Аз як тараф, ин метавонад аз вазъи солими демографии кишвар, дастрасии ёрии тиббӣ ва сатҳи умумии некӯаҳволӣ шаҳодат диҳад. Аз тарафи дигар, афзоиши баланди табиӣ метавонад дар соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва манзилӣ, бахусус дар сурати маҳдуд будани захираҳо мушкилот ба миён орад. Инчунин метавонад боиси афзоиши шумораи аҳолӣ ва фишор ба муҳити экологӣ гардад. Аз ин рӯ, барои кишвар муҳим аст, ки ин равандро моҳирона идора карда, барои таъмини рушди устувори аҳолӣ ва иқтисод тадбирҳои дахлдори сиёсию иҷтимоӣ андешад.

[15] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, – 2021..

Динамикаи нишондиҳандаҳои демографиро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки Тоҷикистон дар масъалаи такрористеҳсоли аҳолӣ давраи гузаришро аз сар мегузаронад. Вай аз «таркиши аҳолӣ» наҷот ёфт ва дар роҳи модернизатсияи бозтавлиди аҳолӣ қарор дорад.

Мавриди зикр аст, ки дар замони ба даст овардани истиқлолият шумораи аҳолии Тоҷикистон душвориҳои муайяни иқтисодиро ба амал овард ва гарчанде, ки вазъият хеле мушкил буд, иқтисодиёти кишвар ба тақсимоти аҳолии дохили кишвар таъсири худро идома дод. Минтақаҳои шаҳрӣ афзоиши назаррасро нишон доданд, ки он аз ҳисоби муҳоҷирати дохилӣ ба вуҷуд омада ва аз 24,4% то 28,8% ташкил дод. Дар баробари ин, дар деҳот афзоиши аҳолӣ тақрибан дар сатҳи ивазшавии табиии аҳолӣ, яъне дар сатҳи таваллуд ва фавт, ё каме болотар аз ин сатҳ монд.

Тақсимоти аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омилҳои гуногун, аз қабили хусусиятҳои ҷуғрофӣ, релеф, дастрасии захираҳои замин, имкониятҳои инфрасохторӣ ва иқтидори рушд муайян карда мешавад. Дар давраи истиқлолият дар шумора ва таносуби аҳолии шаҳру деҳот, бахусус дар тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Ин афзоиш асосан ба динамикаи баландтар нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар вобаста аст. Дар ин минтақаҳо шумораи аҳолӣ бештар аз 1,7 баробар афзуд.

Дар давраи аз соли 1991 то соли 2022 ҳиссаи аҳолии сокини шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин дар вилояти Хатлон дар шумораи умумии аҳолии ҷумҳурӣ аз 55,9 фоиз то 59,1 фоиз афзуд[16]. Аммо дар ҳамаи минтақаҳо вазни киёсии аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳр хеле зиёд аст. Таҳлили дақиқ метавонад фарқиятҳои муайяни ҳиссаи аҳолии деҳоти вилояти Суғдро ошкор созад, ки ҳиссаи он дар соли 2021 75,2 % ташкил дод, дар ҳоле ки дар дигар минтақаҳо ин рақам аз 80% зиёд аст. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки дар муддати тӯлонӣ омилҳои зиёде таъсир расониданд: оқибатҳои пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, ки боиси муҳоҷирати оммавии ҳам мардуми бумӣ ва ҳам ғайримуқимӣ аз шаҳрҳои кишвар гардид, муҳоҷирати меҳнатӣ, тафовути рушди саноатии минтақаҳо, ҷалби шаҳрҳо ба сифати марказҳои соҳибкорӣ ва корӣ, тамоюлҳои анъанавӣ, таваллуди зиёд ва оилаҳои серфарзанд ва ғайра.

Аз маълумоти дар ҷадвали 4 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳиссаи аҳолии шаҳр дар сохтори умумии аҳолӣ нисбат ба деҳот доимо паст аст. Сарфи назар аз он, ки дар соли 2010 ҳиссаи аҳолии шаҳр 26,5% ташкил дод, то соли 2021 ин рақам амалан бетағйир боқӣ монда, 26,3% ташкил медиҳад. Ин аз идомаи деурбанизацияи ҷамъият, яъне аз бартарӣ доштани ҳаёти деҳот ва суст афзудани аҳолии шаҳрҳо шаҳодат медиҳад.

---

[16] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанб. - Душанбе. – 2020

**Ҷадвали 4.**

**Вазни хоси аҳолии шаҳр вак деҳот дар шумораи умумии аҳолӣ, (охири сол;%) ***

| | 2010 | | 2015 | | 2016 | | 2017 | | 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | город | село | город | село | город | село | город | село | город | село |
| Тоҷикистон | 26,5 | 73,5 | 26,4 | 73,6 | 26,3 | 73,7 | 26,4 | 73,6 | 26,3 | 73,7 |
| ВМКБ | 13,2 | 86,8 | 13,4 | 86,6 | 13,4 | 86,6 | 13,4 | 86,6 | 13,4 | 86,6 |
| Суғд | 25,0 | 75,0 | 24,8 | 75,2 | 24,8 | 75,2 | 24,8 | 75,2 | 24,8 | 75,2 |
| Хатлон | 17,3 | 82,7 | 18,0 | 82,0 | 17,8 | 82,2 | 18,1 | 81,9 | 18,0 | 82,0 |
| ш. Душанбе | 100 | - | 100 | - | 100 | - | 100 | - | 100 | - |
| НТҶ | 13,5 | 86,5 | 13,1 | 86,9 | 12,5 | 87,5 | 12,4 | 87,6 | 12,7 | 87,3 |

* **Сарчашма:** тартиб дода шудааст аз рӯи маълумотҳои «Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2021.- *С. 26*

Тафовути шумораи аҳолии Тоҷикистон ба тақсимоти ҳудудии он ва зичии аҳолӣ дар минтақаҳои гуногун таъсир мерасонад. Дар соли 2021 ба ҳар як километри мураббаъ қаламрави кишвар шумораи гуногуни сокинон рост омад. Масалан, зичии аҳолӣ дар ВМКБ дар як километри мураббаъ 3,7 нафар, дар вилояти Суғд 112,1 нафар, дар вилояти Хатлон 142,9 нафар ва дар НТҶ 74,0 нафарро ташкил дод. Афзоиши минъбадаи шумораи аҳолӣ метавонад зичии аҳолиро афзоиш диҳад, махсусан дар вилоятҳои Хатлону Суғд, ки аллакай зичии аҳолӣ хеле зиёд аст. Афзоиши бештари зичии аҳолӣ дар шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудааст, ки дар 29 соли охир ин нишондод ба 114% афзудааст.

**Ҷадвали 5. Зичии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нафар ба 1 км$^2$)** [17]

| | 1991 | 2000 | 2010 | 2018 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 38,5 | 43,7 | 53,4 | 64,5 | 69,9 |
| НТҶ | 41,8 | 47,9 | 60,7 | 74,4 | 74,0 |
| Суғд | 65,9 | 74,8 | 89,2 | 105,5 | 112,1 |
| Хатлон | 75,8 | 88,6 | 109,7 | 132,6 | 142,9 |
| ВМКБ | 2,7 | 3,2 | 3,2 | 3,6 | 3,7 |

**Сарчашма:** тартиб дода шудааст аз рӯи маълумотҳои «Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2022

Аз ин рӯ, дар давраи миёнамуҳлат васеъ намудани инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳое, ки зичии аҳолӣ зиёд аст, муҳим аст, то ба раванди рушд фаро гирифтани тамоми табақаҳои аҳолӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин дар минтақаҳое, ки зичии аҳолӣ нисбатан кам аст, ҷидду ҷаҳди беҳтар намудани шароити зиндагонӣ ва муҳити зист аҳамияти калон‰ пайдо мекунад.

Омӯзиши динамикаи шумораи таваллудҳо байни солҳои 1991 ва 2021 нишон медиҳад, ки тағиротҳо гуногунанд. Аввалин коҳиши шадид дар солҳои 1991-1992 ба қайд гирифта шуда буд, ки бо сар задани ҷанги

[17] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, - 2021 С. 22.

шаҳрвандӣ алоқаманд буд. Пас аз он то соли 1996 афзоиши таваллуд ба мушоҳида мерасад. Дуввумин коҳиши назаррас дар солҳои 1995-1996 (-10,8%), эҳтимолан бо бад шудани муҳити сиёсӣ ва банақшагирии пуршиддати оила аз ҳисоби таъмини воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ба амал омад. Афзоиши навбатии шумораи таваллуд дар солҳои 1997-1998 (4,3%) ва пас аз он дар солҳои 1999-2000 (ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз) кам шуд. Дар маҷмӯъ, дар давраи аз соли 1991 то соли 2021 шумори таваллуд дар Тоҷикистон 10,3%, дар шаҳрҳо 14,9% ва дар деҳот 8,8% зиёд шудааст.

Таҳлили сатҳи фавти аҳолӣ дар Тоҷикистон ҷанбаи асосии арзёбии вазъи демографии кишвар мебошад. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими ин арзёбӣ сатҳи фавт аст, ки аз 6,1‰ дар соли 1991 то 4,1‰ соли 2020 коҳиш ёфтааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки сатҳи фавт дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо камтар аст. Инчунин зикр мегардад, ки фавти мардон нисбат ба занон бештар аст. Дар давраи таҳлилшуда фавти занон аз 5,5 то 3,2‰ кам шуда, фавти мардон бошад дар шаҳрҳо 4,5‰ ва дар деҳот 3,8‰ ташкил дод.

Якчанд нуқтаҳои асосиро барои баррасӣ ва роҳнамоии дар таҳқиқот зарур мебошанд, ҷудо мекунем:

1. Сатҳи умумии фавт: Дар давоми даҳсолаҳои охир Тоҷикистон бо сатҳи баланди фавт дучор омадааст, ки онро асосан омилҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ муайян мекунанд.

2. Сабабҳои фавт: Дар кишвар сатҳи фавт аз бемориҳои гардиши хун, онкологӣ, бемориҳои узвҳои ҳозима, фалокат ва заҳмбардорӣ ва дигар бемориҳо баланд аст. Илова бар ин, баъзе таҳқиқотҳо ба мушкилоти дастрасӣ ба хидматрасонии босифати тиббӣ ва набудани огоҳӣ дар бораи тарзи ҳаёти солим ишора мекунанд.

3. Таъсири омилҳои иқтисодӣ: Ноустувории иқтисодӣ ва даромади паст ба дастрасӣ ва сифати хизматрасонии тиббӣ дар кишвар таъсир мерасонад. Захираҳои маҳдуди соҳаи тандурустӣ метавонанд қобилияти назорати паҳншавии бемориро маҳдуд кунанд ва сабаби зиёд шудани фавт шавад.

4. Вазъияти эпидемиологӣ: Баъзе давраҳо метавонанд бо афзоиши фавт аз сабаби эпидемияи бемориҳои сироятӣ ё дигар ҳолатҳои фавқулодда қайд карда шаванд. Вокуниши ҳукумат ба чунин ҳодисаҳо метавонад ба сатҳи умумии фавт таъсир расонад.

Омори фавт дар Тоҷикистон афзоиши теъдоди фавтидагон аз рӯи гурӯҳҳои ҷинсият ва синну сол дар шаҳрҳо ва деҳот бештар аз сатҳи солҳои қаблиро нишон медиҳад. Бар асоси гузориши солонаи демографии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2021 39112 нафар фавтидагон ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 9089 (27%) бештар аст, ва 42 626 нафарро ташкил дод. Дар солҳои қаблӣ фавти миёнаи солона дар Тоҷикистон аз 32 то 33 ҳазор нафарро ташкил медод.

Дар Тоҷикистон то соли 2022 тамоюли афзоиши фавти аҳолии шаҳр ва деҳот мушоҳида мешавад. Ин махсусан ба сокинони шаҳрҳо таъсир расонд. Агар дар соли 2010 сатҳи фавт дар шаҳр 9723 нафарро ташкил дода бошад, пас соли 2021 ин нишондод ба 15358 нафар расид.

**Ҷадвали 6. - Динамикаи коэффитсиенти умумии фавт аҳолии шаҳр ва деҳот дар давраи солҳои 1940 -2020 (шумораи фавтидагон ба 1000 нафар аҳолӣ)[18]**

| *Солҳо* | **1940** | **1950** | **1960** | **1970** | **1980** | **1990** | **2000** | **2015** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шаҳр** | 20,3 | 9,9 | 6,4 | 6,2 | 7,7 | 6,4 | 5,6 | 4,4 | 5,6 |
| **Деҳот** | 12,5 | 7,5 | 4,5 | 6,5 | 8,2 | 6,2 | 4,4 | 3,8 | 4,2 |

Таҳлили таърихии динамикаи фавти аҳолии шаҳру деҳоти Тоҷикистон, ки дар ҷадвали 6 оварда шудааст, тамоюли муайян ва тафовути сатҳи фавт байни ин ду гурӯҳро дар муддати тӯлонӣ ошкор менамояд. То соли 1960 дараҷаи фавт дар деҳот назар ба шаҳр паст буд. Аммо аз соли 1960 то соли 1990 шумораи аҳолии деҳот аз ҷиҳати фавт аз шаҳрҳо зиёд шуд ва аз соли 1990 вазъ тағйир ёфт ва фавт дар шаҳрҳо боз аз деҳот зиёдтар шуд. Чунин нобаробарӣ дар динамикаи фавт байни аҳолии шаҳр ва деҳот метавонад ба омилҳои зиёд вобаста бошад. Эҳтимол дар давраи солҳои 1940 ва 1970 сабти нопурраи таваллуд ва фавт дар деҳот мавҷуд буд. Масалан, дар соли 1940 коэффитсиенти умумии таваллуд дар шаҳр 38,1, дар деҳот — 28,7 ташкил дод, коэффитсиенти фавт мутаносибан 20,3 ва 12,5 буд. Чунин ҳолатро метавон бо он шарҳ дод, ки сатҳи баланди таваллуд дар деҳот метавонад ба сатҳи баланди фавт дар шаҳрҳо, сарфи назар аз фарқияти тарзи зиндагӣ байни аҳолии шаҳр ва деҳот таъсир расонад. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар ибтидои солҳои 40-ум аҳолии шаҳр танҳо 19% шумораи умумии аҳолиро ташкил медод ва раванди фаъоли урбанизатсия боиси афзоиши фавт дар шаҳрҳо бошад.

**Ҷадвали 7.**

**Динамикаи коэффитсиенти умумии фавти аҳолии ҶТ ва минтақаҳои он (шумораи фавтидагон ба 1000 наф. аҳолӣ)[19]**

| **Минтақаҳо, сол** | **2010** | **2015** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|
| ҶТ | 4,2 | 4,0 | 4,5 | 4,0 |
| ВМКБ | 5,7 | 5,5 | 5,5 | 5,0 |
| Суғд | 5,0 | 4,5 | 5,2 | 4,7 |
| Хатлон | 4,2 | 3,9 | 4,2 | 3,7 |
| НТҶ | 4,1 | 3,6 | 4,1 | 3,9 |
| ш. Душанбе | 3,5 | 3,3 | 4,3 | 3,0 |

Сабабҳои фавт дар деҳот назар ба шаҳрҳо бештар анъанавӣ мебошанд. Азбаски зиёда аз 74% аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад, коҳиши фавт дар деҳот ба афзоиши шумораи аҳолии кишвар мусоидат мекунад. Дар даҳ соли охир фавт аз рӯи ҷинс низ тамоюли афзоиш дошта, сатҳи фавт аз 4,2‰ то 4,5‰, аз ҷумла дар байни мардон аз 4,7‰ то 5,4‰ афзуд ва дар байни занон,

[18] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2021 с. 234

[19] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – 2021 с. 228

баръакс, аз 3,8‰ то 3,6‰ коҳиш ёфт.[20] Ҳамчунин коҳиши назарраси фавти модарон аз 34,6 то 11,7 ба 100 ҳазор зиндатаваллудшуда ба қайд гирифта шудааст.

Дар даҳсолаи охир афзоиши аҳолии кишвар мӯътадил буд - он ба ҳисоби миёна 170 ҳазор нафар ё 2,2% дар як солро ташкил медиҳад.[21] Дар давоми панч соли охир афзоиши миёнаи солона 194,1 хазор нафарро ташкил дод. Суръати умумии афзоиши табиӣ дар ин давра нисбатан мӯътадил боқӣ монда, ба ҳисоби миёна ба 1000 нафар аҳолӣ 21-ро ташкил дод.[22]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи фавти мардон ва занон тафовут ба назар мерасад. Аз соли 2010 то соли 2022 сатҳи баланди фавт дар ҳарду ҷинс мушоҳида шудааст, аммо дар мардон нисбат ба занон ба сатҳи фавт баландтар мебошад. Дар шароити муҳоҷирати меҳнатии берунии аҳолӣ ин масъала махсусан барои мардон аҳамияти калон дорад.

Коэффитсиенти синну соли фавт ва нишондиҳандаҳои ҷадвалҳои эҳтимолии фавт, ки дар асоси онҳо ҳисоб карда шудаанд, махсусан давомнокии миёнаи умр нишондиҳандаҳои беҳтарин барои тавсифи сатҳи фавт ва динамикаи он мебошанд[23]. Дар байни ҳамаи гурӯҳҳои синну сол сатҳи баланди фавти тифлон яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ боқӣ мемонад. Ҳангоми муқоисаи маълумот аз соли 1995, коҳиши ин нишондиҳанда ба назар мерасад, аммо он назаррас боқӣ мемонад. Дар соли 1995 фавти тифлон ба 27,1 ба 1000 таваллудшудагон буд ва дар соли 2020 ин нишондод то 9,9 ба 1000 таваллудшудагон коҳиш ёфт. Бо таҳлили динамикаи фавт аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ метавон қайд намуд, ки сатҳи пасттарини фавт дар категорияҳои синну солӣ аз 10 то 14-сола то 35-39-сола мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 8. – Давомнокии эҳтимолии умр ҳангоми таваллуд аз рӯи ҷинс дар ҶТ[24]**

| Солҳо | Мард | Зан | Фарқият |
|---|---|---|---|
| 1990 | 67,1 | 72,6 | 5,5 |
| 1993 | 63,5 | 68,9 | 5,4 |
| 2000 | 66,1 | 70,3 | 4,2 |
| 2005 | 68,1 | 73,2 | 5,1 |
| 2010 | 70,8 | 74,4 | 3,6 |
| 2015 | 71,8 | 75,6 | 3,8 |
| 2019 | 73,5 | 76,8 | 3,3 |
| 2020 | 69,9 | 76,1 | 6,2 |
| 2021 | 71,8 | 74,9 | 3,1 |

[20] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе, – Душанбе 2021 с. 212

[21] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе,– 2022.

[22] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, Душанбе,– Душанбе. – 2022.

[23] Захарова О.Д. Методика статистического анализа смертности и продолжительности жизни. М., 1996. С.89.

[24] Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ, - Душанбе, - 2021 с. 251

Сатҳи фавт дар ҳарду гурӯҳҳои ҷинси дар синну соли 50-54 ва калонтар баланд аст. Масалан, дар соли 2020 дар синни 60-64 сола сатҳи фавт 20‰ ва дар синни 65-69 сола 35,4‰ ташкил дод. Дар муқоиса бо соли 2019 ин нишондодҳо низ афзоиш ёфтанд: дар синни 60-64 сола аз 14‰ то 20‰ ва дар синни 65-69 сола аз 24,9 ҳолат ба 1000 нафар ба 35,4‰.

Фарқият дар давомнокии умри мардон ва занон ҳам дар соли 1993 ва ҳам дар соли 2020 назаррас буд (Ҷадвали 8). Дар мавриди аввал ин метавонад ба тағйироти вазъи сиёсиву иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва бӯҳрони иқтисодии он давра алоқаманд бошад. Пандемияи COVID-19 дар солҳои 2020-21 низ ба давомнокии умр таъсири назаррас расонд, ки боиси талафоти зиёди одамон гардид.

Хулосаҳои моро таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ тасдиқ мекунанд. Нигоҳ доштани сатҳи баланди таваллуд бо коҳиши фавт метавонад боиси афзоиши босуръати аҳолӣ гардад. Бо дарназардошти суръати пасти рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ин метавонад ба рушди демографӣ ва иқтисодии Тоҷикистон хатари ҷиддӣ эҷод кунад. Таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки мушоҳида кунем то кадом андоза суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ бо захираҳои маҳдуд ва сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодӣ монеа барои ноил шудан ба рушди устувор ва босифати кишвар шуда метавонад.

Тамоюли умумии коҳиши таваллуд дар Тоҷикистон дар давраи аз соли 1991 то соли 2021 ба қонуниятҳои умумии тағйирёбии шакли бозтавлиди аҳолӣ пурра мувофиқат намекунад. Эҳтимол, ин коҳиш на танҳо аз тағйири тарзи зиндагӣ ва омилҳое, аз қабили шуғл, сатҳи маълумотнокӣ, даромад, шаҳршавӣ ва саломатии аҳолӣ, балки аз ҳисоби ҷорӣ намудани усул ва воситаҳои банақшагирии оила аз берун ба вуҷуд омад. Омилҳои анъанавии таваллуднокӣ то ҳол ҳам ба шуур ва ҳам ба тарзи зиндагии аҳолӣ таъсири назаррас доранд. Чунин ҳолат афзоиши мӯътадили солонаи аҳолиро дар доираи 2,0—2,3% ва коэффисиенти умумии таваллудро дар давоми қариб бист сол дар 26—27‰ тасдиқ мекунад. Чунин сатҳи таваллуд дарояндаи наздик метавонад нигоҳ дошта шавад.

Дар асоси таҳлилҳо дар боло зикршуда якчанд хулосаҳои асосиро гурӯҳбандӣ мекунем:

1) Тамоюлҳои коҳиши таваллуд: дар даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон, бахусус дар шаҳрҳо ва занони соҳибмаълумот каме коҳиш ёфтани сатҳи таваллуд мушоҳида мешавад. Ин метавонад сабаби тағйир ёфтани шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши имкониятҳои таҳсилот ва касб барои занон бошад.

2) Тавозуни демографӣ: сатҳи баланди таваллуд метавонад ба номутаносибии демографӣ, аз қабили шумораи аз ҳад зиёди аҳолӣ ва фишор ба захираҳои иҷтимоӣ оварда расонад. Нигоҳ доштани таносуби байни таваллуднокӣ ва захираҳои ҷамъиятӣ ҷанбаи муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад.

3) Таъсири муҳоҷират: муҳоҷирати дохилӣ ва байналмилалӣ низ метавонад ба таваллуд дар Тоҷикистон таъсир расонад. Масалан, муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ метавонанд оилаҳои худро дар ватани худ тарк кунанд, ки ин метавонад ба динамикаи сатҳи таваллуд дар кишвар таъсир расонад.

4) Сиёсати давлат: дар ин ҷо ҷанбаи асосии дастгирии мақсадноки оилаҳо (оилаҳои серфарзанд, оилаҳои нопурра, оилаҳои ҷавон) мебошад, ки моҳияти он дар танзими оила, беҳтар намудани шароити зиндагӣ, дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

5) Баробарии гендерӣ: пешбурди баробарии гендерӣ ва эмансипатсияи занон низ метавонад ба таваллуднокӣ таъсир расонад, зеро додани мустақилияти бештар ба занон дар интихоби роҳи зиндагии худ метавонад сатҳи таваллудро коҳиш диҳад.

6) Дастрасӣ ба таҳсил дар ҳама сатҳҳо: одамони маълумотдор, бахусус занон, аксар вақт дар бораи банақшагирии оила ва истифодаи усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ қарорҳои огоҳона қабул мекунанд.

7) Мавҷудияти усулҳои пешгирии ҳомиладорӣ: дастрас кардани усулҳои гуногуни пешгирии ҳомиладорӣ барои оилаҳо метавонад ҳомиладории номатлуб ва таваллудро коҳиш диҳад. Ин на танҳо дастрасӣ ба воситаҳои пешгирии ҳомиладорӣ, балки таълим ва машварати мувофиқро дар бар мегирад.

8) Муҳоҷират ва дурнамои демографӣ: таъсири муҳоҷират ба вазъи демографии Тоҷикистонро ба назар гирифтан муҳим аст, зеро вобаста ба хусусияти ҷараёни муҳоҷират он метавонад сатҳи умумии таваллудро нигоҳдорад ё кам кунад.

9) Мушкилоти демографӣ: сатҳи баланди таваллуд дар Тоҷикистон дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ мушкилот ба бор меорад. Нигоҳ доштани рушди устувор ва мутавозини демографӣ муносибати ҳамаҷониба ва ҳамкориро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ талаб мекунад.

Дар мавриди сатҳи фавти аҳолии Тоҷикистон, дар ин ҷо давлатро зарур аст, ки барои ҳалли ин мушкилот шароити мусоид фароҳам оварад, ки чунин самтҳоро дар бар мегирад:

1) Инфрасохтори тандурустӣ: самаранокии системаи тандурустӣ дар паст кардани сатҳи фавт нақши муҳим дорад. Дар Тоҷикистон нобаробарӣ дар дастрасии хизматҳои тиббӣ байни шаҳру деҳот, инчунин байни минтақаҳои гуногуни кишвар вуҷуд дорад. Набудани дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ метавонад сатҳи фавтро дар минтақаҳои дурдаст афзоиш диҳад.

2) Чорабиниҳои пешгирикунанда ва тарзи зиндагӣ: тадбирҳои пешгирикунанда, аз қабили эмкунӣ, омӯзиши саломатӣ ва тарғиби ғизои оқилона ва фаъолияти ҷисмонӣ метавонанд хатари инкишофи бемориҳои музминро коҳиш диҳанд ва ба ин васила сатҳи фавтро коҳиш диҳанд.

3) Сифати оби ошомиданӣ ва шароити санитарӣ: сифати нокифояи оби ошомиданӣ ва сатҳи пасти шароитҳои санитарӣ дар баъзе минтақаҳои ки-

швар метавонад боиси паҳншавии бемориҳои сироятӣ гардад, ки фавт, махсусан дар байни тифлон ва пиронсолон зиёд кунад.

4) Омилҳои рафторӣ: фавт мустақиман (илм исбот кардааст) ба тарзи зиндагии фард ва инстинктҳои худмуҳофизатӣ алоқаманд аст.

5) Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: камбизоатӣ, бекорӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ инчунин метавонанд хатари фавтро аз сабаби дастрас набудани хизматрасонии тиббӣ, озуқа ва хадамоти ҷамияти зиёд кунанд.

6) Пойгоҳи иттилоотӣ ва маърифат: паҳн кардани маълумот дар бораи тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо ва муроҷиати саривақтӣ ба ёрии тиббӣ метавонад ба паст кардани сатҳи фавти аҳолӣ мусоидат намояд.

**Рӯйхати адабиет:**


1. Исламов С.И. Биосоциальное развитие человека. Демографический и социальный переходы. – Душанбе г. 2019.

2. Ибрагимова Д.И. Внешняя трудовая миграция и рождаемость. - Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: экономика- Душанбе, 2010г., №1-2. 0,5 п.л.

3. Ибрагимова Д.И. Факторы и мотивы многоженства и рождаемость. - Душанбе, 2010г. - Депонирована в НПИ Центре под № 12 (1843) от 8 июня 2010г. - 1,8 п.л.

4. Исломов Ф.С., Абдулаева М.Р. Современные тенденции смертности населения Таджикистана (демографический аспект, Душанбе, 2012)

5. Фишер С., Дорнбуш Р., Шиалинзи К. Экономика – М: Дело, 1993, - с.303;

6. Becker, Gary S. Human Capital – N. Y: Columbia University Press, 1964;

7. Shultz T. Human Capital in the international Encyclopedia of the Social Sciences. – N.Y., 1968

8. Демографический энциклопедический словарь с.409

9. Гокова О.В. Демография: учебное пособие / О.В. Гокова. – Омск: Изд-во Ом. гос ун-та, 2014. – 424 с. – с. 184-185 Режим доступа: http://www.iprbookshop.ru/24883.html

10. Захарова О.Д. Методика статистического анализа смертности и продолжительности жизни. М., 1996. С.89.

11. Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2021,2022 гг.

12. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе 2021

13. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе 2022


## ДЕМОГРАФИЧЕСКИЕ ПОКАЗАТЕЛИ РОЖДАЕМОСТИ И СМЕРТНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Рождаемость является важным демографическим показателем, который влияет на социально-экономическое развитие страны и определяет её демографическую структуру. Смертность населения может быть разной в зависимости от раз-

личных факторов, таких как доступ к медицинским услугам, качество жизни, уровень образования, экономическое развитие и наличие болезней или бедствий. Высокая смертность может свидетельствовать о проблемах в здравоохранении, плохих условиях жизни или эпидемиях, в то время как низкая смертность может указывать на высокий уровень медицинского обслуживания и общего благополучия населения. Исходя из этого, в статье показаны особенности развития данных показателей в условиях социально-экономического развития, в историческом разрезе, по городской и сельской местности, а также определены факторы и причины изменения данных показателей. Обосновывается, что политические и социально-экономические перемены, произошедшие в республике в конце XX, и в начале XXI века, не могли не отразиться на динамике рождаемости и смертности населения.


**DEMOGRAPHIC INDICATORS OF FERTILITY AND MORTALITY OF THE POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

Fertility is an important demographic indicator that affects the socio-economic development of a country and determines its demographic structure. The mortality rate of a population can vary depending on various factors such as access to health services, quality of life, level of education, economic development and the presence of diseases or disasters. High mortality may indicate health problems, poor living conditions or epidemics, while low mortality may indicate high levels of medical care and general well-being of the population. Based on this, the article shows the features of the development of these indicators in the conditions of socio-economic development, in a historical context, in urban and rural areas, and also identifies the factors and reasons for changes in these indicators. It is substantiated that the political and socio-economic changes that occurred in the republic at the end of the twentieth and beginning of the twenty-first century could not but affect the dynamics of the birth rate and mortality rate of the population.


## ФИНАНСИРОВАНИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННО-ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ В СФЕРЕ ТЕПЛОСНАБЖЕНИЯ


**Юсупова З.И. - старший преподаватель МУТПТ**


В Республикt Таджикистан в настоящее время активно обсуждается возможность сотрудничества государства и частного бизнеса в сферах энергетики, транспортной инфраструктуры, жилищно-коммунальное хозяйство, здравоохранение, образование и др. Перспективным способом такого сотрудничества является хорошо зарекомендовавшее себя в зарубежных странах государственно-частное партнерство. Теплоснабжение является одной из важнейших отраслей экономики Республики Таджикистан как в социальном, так производственном аспектах. Современное состояние отрасли характеризуется

высоким износом инфраструктуры в сочетании с ежегодным снижением объемов инвестирования. Привлечение частных инвестиций в сферу теплоснабжения посредством использования механизмов концессии является одним из наиболее перспективных направлений развития отрасли.

Рынок услуг теплоснабжения в нашей стране является одним из основных отраслей, подходы к тарифному регулированию, которого за последнюю четверть века коренным образом не менялись, в основном используются затратные методы регулирования на тарифах [1, С.54]. В последние годы была проведена масштабная реформа в электроэнергетике, которая внесла значительные изменения в принципы ценообразования, но сфера теплоснабжения долгое время сохраняла стабильность тарифного регулирования, используя до последних лет краткосрочный метод регулирования тарифов «затраты плюс».

Финансовое положение теплоснабжения обострилось в процессе реформ. Основную сложность реформирования теплоснабжения, особенно капиталоемкой теплоэнергетики, составляет отсутствие накоплений собственных финансовых средств на его предприятиях [3, С.82]. Это – следствие общеэкономических процессов в стране: высокой инфляции, роста цен, неплатежей потребителей, недофинансирования со стороны бюджетов разных уровней, слабой организации производств. Немаловажно также отсутствие мотивации к снижению затрат, повышению ресурсной эффективности и к централизации финансовых средств на обновление основных фондов, так как независимо от финансовых результатов своей хозяйственной деятельности предприятия имеют все последние годы постоянный источник поступления финансовых ресурсов в виде дотаций. К важным факторам, повышающим себестоимость теплоснабжения, помимо устаревших конструкций и изношенности оборудования, относится содержание избыточных мощностей котельных и теплосетей, обусловленных уменьшением тепловых промышленных нагрузок в перестроечный период.

По данным Министерства энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, в 1990 году объем отпуска тепловой энергии составлял порядка 20 млн Гкал, т. е. сократился на 20–35% к настоящему времени [6]. При этом если в 1990-е годы снижение потребления тепловой энергии в централизованных системах теплоснабжения объяснялось экономическими причинами (общий спад в экономике), то в 2000-е годы при восстановлении темпов роста экономики сопутствующего роста спроса на тепловую энергию из централизованных систем теплоснабжения не произошло. Возобновляющийся спрос на тепловую энергию распределялся между централизованными системами теплоснабжения и децентрализованными источниками.

Применение краткосрочного затратного метода тарифного регулирования наряду с другими особенностями управления сферой привели к проблемам и диспропорциям. В сфере теплоснабжения наблюдается высокий износ оборудования и высокий уровень аварийности на фоне растущих тарифов, при этом только в 2021 году на поддержание функционирования сферы теплоснабжения направляется порядка 349 млн. долларов США, из них 17,4 млн.

долларов из бюджетных средств и свободных денег Правительства Республики Таджикистан [7].

Высокие текущие расходы во многом служат платой за недостаток инвестиций. Потребность в инвестициях в сфере оценивается Правительством Республики Таджикистан с участием КНР. Объем направляемых средств в сферу теплоснабжения по данным Государственного комитета по статистике при президенте Республики Таджикистан в 2022 году составило 244 млн сомони что не покрывает существующих потребностей. При этом из этой суммы порядка 1/2 приходится на город Душанбе [6].

Сфере теплоснабжения одновременно осуществляют ежегодную производственную деятельность по поставкам теплоэнергии потребителям и инвестиционную деятельность по реконструкции, модернизации и развитию системы теплоснабжения в зоне своего обслуживания. На практике деятельность теплоснабжающих организаций осуществляется в следующих условиях:

1. Цена поставки тепловой энергии (услуг теплоснабжения) регулируется органами государственного ценового регулирования;

2. Полномочия государственного ценового регулирования осуществляется органом Государственной службы по надзору в области энергетики Республики Таджикистан;

3. Законодательством определен механизм ограничения предельной величины тарифов путем установления ежегодных предельных индексов роста, а также механизм ограничения предельной величины платы за жилищно-коммунальные услуги для граждан путем установления ежегодных предельных индексов роста. С 2012 г. в отношении тепловой энергии изменился порядок утверждения предельного индекса роста тарифов - предельный индекс роста по городам Республики Таджикистан устанавливается с учетом теплоэнергии, вырабатываемой по комбинированному циклу, и определяет средний рост тарифов на тепловую энергию.

4. Существование политических факторов, влияющих на принятие тарифных решений (в периоды выборов, финансовых кризисов и т.п. рост тарифов и платы граждан за коммунальные услуги жестко ограничивается государством для обеспечения социальной стабильности).

Основной источник привлечения инвестиций - собственные средства организаций (в основном, амортизационные отчисления). По той причине, что теплоснабжающие организации в большинстве своем характеризуются убыточным состоянием, банковские кредиты не играют важней роли в структуре привлекаемых средств. Данная тенденция характерна для сферы жилищно-коммунального хозяйства в целом.

Значительная доля среди привлеченных средств приходится на бюджетные средства. Для сравнения, в тепловой электроэнергетике инвестиции за счет бюджетных средств почти отсутствуют (развиты другие механизмы привлечения инвестиций). На объекты государственных и муниципальных унитарных предприятий приходится около 30% инвестиций, направленных в сферу теплоснабжения.

### Таблица 1 - Инвестиции в основной капитал в сфере теплоснабжения в Республике Таджикистан

| Виды деятельности | Инвестиции в основной капитал, всего | | В том числе (для 2023 года): | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | из них: | | | | |
| | 2019 | 2023 | Собстен ные средства | Привлеченные средства | Кред иты | Бюджет | Выше стоящие организа-ции | Эмиссия акций | Прочие |
| Производство, передача и распределение тепловой энергии, в т.ч.: | 86,8 | 111, 5 | 69,2 | 42,3 | 9,4 | 16,2 | 5,0 | 5,8 | 5,9 |
| Производство т/э на ТЭЦ | 15,4 | 25,1 | 10,6 | 14,5 | 1,8 | 2,1 | 3,8 | 4,8 | 1,9 |
| Производство т/э котельными | 25,1 | 26,9 | 13,7 | 13,2 | 4,5 | 6,7 | 0,5 | ОД | 1,4 |
| Распределение т/э | 25,7 | 33,2 | 30,3 | 3,0 | 0,3 | 2,1 | 0,2 | · | 0,4 |
| Передача т/э | 17,0 | 19,7 | 13,0 | 6,8 | 1,2 | 2,9 | ОД | 0,9 | 1,7 |
| Справочно: | | | | | | | | | |
| Производство и распределение электроэнергии, газа и воды | 888, 7 | 1097 | 427, 8 | 669, 1 | 130, 5 | 127, 2 | 270,9 | 58,1 | 82,3 |
| Производство электроэнергии на ТЭЦ | 183, 3 | 193, 5 | 103, 3 | 90,2 | 21,5 | 1,9 | 3,9 | 37,5 | 25,4 |

**Источник:** расчеты автора на основе данных Министерства энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан.www/mewr.tj;

Таким образом, тепловые источники и сети при сложившейся системе тарифного регулирования являются недостаточно привлекательными для инвесторов:

инвестиции в ТЭЦ направляются за счет финансирования из источников рынка электроэнергии;

инвестиции в прочие направления (котельные и сети) финансируются или за счет собственных средств организации (амортизации, заложенной в тарифе) или за счет бюджетных средств.

В действующей системе регулирования тарифов теплоснабжение не приносит прибыли. Это ограничивает привлечение инвестиций во все формы собственности, а не только в государственную или муниципальную собственность. Как следствие, передача публичного имущества в управление в частные руки без выполнения дополнительных условий не сделает имущество эффективным. Контрактные условия, предусмотренные в соглашении с инвестором, могут сделать эффективную реализацию проекта более вероятной, например, более полное указание тарифных условий и их фиксация может повысить уровень гарантий окупаемости инвестиций.

При этом на фоне указанных выше проблем недостаточно высокой производственной эффективности в теплоснабжении, по данным Минэнерго и водных ресурсов в нашей стране растут как экономически обоснованные тарифы, так и тарифы для населения на отопление (с 2017 по 2022 годы - более чем в 2,5% раза). При этом в разных регионах страны неравномерно увеличивались экономически обоснованные тарифы и тарифы для населения, что объяснялось разным социально-экономическим уровнем развития регионов и создавало дополнительные дисбалансы для развития систем теплоснабжения в стране. По этой и ряду других причин в настоящее время системы теплоснабжения в нашей стране находятся в разном состоянии с точки зрения качества и надежности предоставляемых услуг, а также уровня экономической эффективности, поэтому обладают разными потребностями в инвестициях и могут потребовать различающихся подходов к тарифному регулированию.

Говоря о финансировании инвестиционной деятельности организаций теплоснабжения, необходимо учитывать особенности, которые характерны для данной отрасли [4,С.122]:

1.Дальнейшее осуществление инвестиционной деятельности за счет повышения инвестиционной надбавки не может быть принято потребителями тепловой энергии без «социального напряжения», а также повлечет повышение долгов конечных потребителей перед теплоснабжающими организациями;

2. Слабое финансовое состояние организаций теплоснабжения уменьшает шансы получения кредитных средств на доступных для теплоснабжающих организаций условиях;

3. Значительная доля государственной собственности в отрасли подразумевает сохранение государственного контроля над организациями теплоснабжения при привлечении частного капитала.

Возможность сотрудничества государства и частного бизнеса в сферах, в которых государство традиционно являлось монополистом (энергетика, транспортная инфраструктура, жилищно-коммунальное хозяйство, здравоохранение, образование и др.).

Перспективным способом такого сотрудничества является хорошо зарекомендовавшее себя в зарубежных странах государственно-частное партнерство.

Государственно-частное партнерство как модель финансирования производственно-инвестиционной деятельности организации теплоснабжения предполагает использование различных механизмов финансирования, в рамках которых организации теплоснабжения, могут осуществлять мероприятия по модернизации, ремонту и замене основных фондов.

Инвестиционная составляющая в цене тепловой энергии и срок ее включения в цену определены, исходя из баланса интересов организации и образованного теплоснобжения - обеспечения возмещения расходов инвестора и обеспечения экономической доступности услуг теплоснабжения потребителям (минимизации включаемой в цену тепловой энергии инвестиционной составляющей).

**Литература**

1. Абдушукуров П.Ф. Системы теплоснабжения: от деградации к устойчивому развитию//презентация ОАО «Фортум». 2016.
2. А.В.Добрякова, М.Ю.Аврутин, к.т.н. С.Б. Мяков, В.И. Рассказов, Финансовые модели осуществления производственной и инвестиционной деятельности организаций коммунального комплекса в сфере теплоснабжения. Обеспечение гарантированного возврата инвестиций и сглаживания тарифных последствий осуществления инвестиций
3. Добрякова А.В., Мяков С.Б., Березовский П.М. Разработка и реализация инвестиционных программ организаций коммунального комплекса по реконструкции муниципальных систем коммунальной инфраструктуры в Ленинградской области // Новости теплоснабжения. 2009. № 7 (С. 4-9) и № 8 (С. 4-17).
4. Киреев В.В., Багрий Е.Л. О работе ОАО «Теплосеть» по повышению эффективности системы централизованного теплоснабжения г. Ставрополя// Новости теплоснабжения. 2011. № 4. С. 23-30.
5. Егорова Д.А. Особенности использования концессии в инвестиционной деятельности организаций теплоснабжения // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ» Том 7, №2 (2015)http://naukovedenie.ru/PDF/15EVN215.pdf (доступ свободный). Загл. с экрана. Яз. рус., англ. DOI:10.15862/15EVN215
6. Правила пользования тепловой энергией. Государственная служба по надзору в области энергетики. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: https://ener.com/catalog/product/154023. (Дата обращения 8.02.2024).
7. Официальный сайт Министерства энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан.www/mewr.tj.

## МОҲИЯТ, НАҚШ ВА МАВҚЕИ МУҲИТИ МУСОИДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**Валиев Н.Ш. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Дар замони имрӯза муҳити соҳибкорӣ яке аз шароитҳое мебошад, ки барои рушду ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолият замина фароҳам месозад. Албатта, муҳити соҳибкорӣ вобаста ба омилҳо, аз қабили саноат, ҷойгиршавӣ, шароити иқтисодӣ ва пешрафти технологӣ метавонад хеле фарқ кунад.

Рушди босуръат ва мунтазами фаъолияти соҳибкорӣ, алалхусус субъектҳои соҳибкории хурд бо таъмини шарту шароити мусоид ва омилҳои муассир вобастагии ногусастанӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар адабиёти иқтисодии замони муосир нисбати муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар назария ва амалияи хоҷагидории ватанӣ ва кишварҳои ИДМ андеша ва вожаҳои гуногун истифода мешаванд, ки ба ин қатор «Муҳити бозорӣ», «Муҳити хоҷагидорӣ», «Муҳити сармоягузорӣ» ва «Муҳити

соҳибкорӣ» дохил мешаванд. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар кишварҳои хориҷӣ ин калимаҳо хеле кам вомехуранд. Дар саҳифаҳои адабиёти иқтисодии илмии хориҷа ба ҷойи онҳо истилоҳи «Муҳити корӣ» ва «Муҳити ташкилот (фирма)» ва ватани бошад "Муҳити соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ" бештар ба назар мерасад.

Вобаста ба ин масъала зикр намудан ҷоиз аст, ки нисбат ба вожаҳои «Муҳити хоҷагидорӣ», «Муҳити сармоягузорӣ» ва «Муҳити бозорӣ» истифодаи истилоҳи «Муҳит ё фазои мусоиди соҳибкорӣ» ба ҳадаф ва мазмуни таҳқиқоти зерин бештар мутобиқат мекунад, гарчанде нисбати мафҳуми он андешаи олимони иқтисоддон гуногун аст.

Масалан, пажуҳишгарони масоили зикр шуда Кусакина О.А. ва Палцев Н.И дар шакли мухтасар навиштаанд: «Муҳити соҳибкорӣ – маҷмӯи шартҳои муайян аст, ки дар доираи он соҳибкор фаъолият менамояд .

Дар баробари ин муаллифон чунин қайд менамоянд, ки рушди соҳибкорӣ бо муҳит алоқамандии зич дорад, муҳити мусоид бошад ба рушди соҳибкорӣ ва баланд гардидани самаранокии иҷтимоӣ – иқтисодии он равона карда шудааст [4, С. 121].

Муаллифони дигар - В.В. Гребеник, С.В. Шкодинский зери мафҳуми "Муҳити соҳибкорӣ" пешниҳод мекунанд, ки ҳолати мусоиди иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ, шаҳрвандӣ – ҳуқуқӣ бояд фаҳмида шавад, ки ба шаҳрвандони қобили меҳнат озодии иқтисодиро баҳри машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро, ки он ҳам барои қонеъ гардонидани талаботи ҳама субъектҳои иқтисоди бозорӣ нигаронида шудааст, таъмин менамояд [3, С. 51]. Вале ин нукта то андозае баҳснок буда, рушди соҳибкорӣ ба шароити мусоҳид бештар зарурат пайдо мекунад. Аммо хотирнишон кардан бомаврид аст, ки таъмини чунин шароит ба ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири назаррас расонида метавонанд.

Муҳити мусоиди соҳибкорӣ чунин шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад, ки мустақилияти фаъолияти соҳибкор, кам кардани сатҳи хавфу хатари фаъолияти соҳибкорӣ, кафолати ҳуқуқии масъулият, таъмини ҳавасмандгардонии соҳибкорро баҳри ба даст овардани самараи тиҷоратӣ ва масъулияти иҷтимоӣ таъмин менамояд.

Яке аз олимони шинохтаи рус дар масъалаҳои илмӣ ва амалии соҳибкорӣ М.Г.Лапуста мебошад, фикри худро ин тавр баён кардааст- муҳити соҳибкорӣ – ин вазъи солим ва шароитҳои мувофиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ – шаҳрвандӣ дар дохили кишвар бавуҷудомадае мебошад, ки озодии иқтисодиро барои шаҳрвандони қобили кор, барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷи субъектҳои иқтисоди бозориро таъмин менамояд [5, С. 49].

Ташаккули муҳити мусоҳиди соҳибкорӣ дар ҳақиқат яке аз масъалаҳои илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад.

Рушди фаъолияти соҳибкории хурд имрӯз омили муассири таъмини рушди иқтисодӣ мебошад. Субъектҳои фаъолияти соҳибкориии хурд ва рушди босуръати он дар аксари соҳаҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистон, хусусан дар саноат,

комплекси агросаноатӣ, сохтмон, энергетика, савдои чакана ва хӯроки умумӣ бояд дар оянда боз босуръати афзоянда рушд кунанд. Фаъолияти соҳибкорӣ аз таъсири омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ вобастагии қавӣ дорад.

Бо мақсади таҳлил ва баррасии таъсири комплексии ин омилҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи мақсад мебошад, зеро ин амал имкон медиҳад, ки ба вазъи воқеию муосири он, баҳои объективӣ ва муносиб дода шавад.

Муҳити беруна ҳамаи он омилҳоро дар бар мегирад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонанд. Аммо дар раванди ташаккулёбии муҳити мусоид барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ зарурат ба миён меояд, ки мо омилҳои муҳити берунаи дур ва наздикро аз ҳамдигар фарқ намоем.

Дар мавриди дилхоҳ ба омилҳои муҳити беруна сабабҳои умумииқтисодӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ – техникӣ, технологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ ва табиӣ тааллуқ доранд.

Коршиноси намоёни дигар А.Н. Асаул гуфтааст: муҳити соҳибкорӣ – мавҷудияти шароитҳо ва омилҳоест, ки ба тағйирёбии вазъи фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонад ва қабули қарорҳои идоракуниро оид ба истифода ва бартараф кардани онҳо талаб менамояд [1, С. 49]. Дар ин ҷо, маҷмӯи омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар назар аст, ки субъектҳои соҳибкорӣ имконияти муваффақ шуданро дар татбиқи мақсадҳои дар пеш гузошташуда дар худ таҷассум намуда, ба таъсири омилҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ новобаста аст вале муҳити дохилӣ низ дар ин маврид бояд ҳамеша мавриди таҳлил ва хулосабардорӣ қарор дода шаванд.

Бояд зикр намуд, ки муҳити соҳибкорӣ – маҷмӯи омилҳои гуногунсамти берунӣ ва дохилӣ мебошанд, ки дар давраи муайяни вақту фазо ҷой дошта, барои ташаккул ва рушди бомарому ояндаи фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилояту ноҳия, шарҳо, соҳаҳои иқтисодиёт ва албатта, корхонаҳо заминаи боэътимод муҳайё менамояд.

Профессори иқтисоддони Россия А.П. Латкин дар такя ва пажуҳишҳои худ дар ин ҷода қайд менамояд, ки шароити ташаккули муҳити соҳибкорӣ метавонад таъсири мусбат ва манфӣ ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дошта ва инро танҳо амалиёти таҳлили иқтисодӣ муайян карда метавонад [6, С. 56], ки ба андешаи мо пурра ҳақ ба ҷониби ӯ мебошад.

Аз ҷониби муаллифон дар ҷадвали 1 шарҳи мухтасар тафсири мафҳуми муҳити соҳибкорӣ аз ҷониби олимон-иқтисоддонони хориҷӣ ва ватанӣ пешкаш гардидааст, ки дорои аҳамияияти илмӣ-назариявӣ мебошад.

**Ҷадвали 1. Шарҳи мухтасари маънои истилоҳи муҳити соҳибкорӣ аз ҷониби олимони кишварҳои хориҷӣ ва тоҷик**

| Олимони иқтисоддони хориҷӣ ва ватанӣ | Маънба | Маънои мафҳуми муҳити соҳибкорӣ |
|---|---|---|
| Н.А. Асаул., М.П.Войнаренко., П.Ю.Ерофеев | Асаул А.Н., Организация предпринимательской деятельности. - / А.Н Асаул. – СПб.: БХВ-Петербург, 2007. - С. 82-98. | «Зери мафҳуми муҳити соҳибкорӣ маҷуди шароит ва омилҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ барои бартараф ё мутобиқ кардан ба онҳоро мефаҳмонад». |
| О. Дашкевич | Дашкевич О. Бизнес – среда и | «Муҳити соҳибкорӣ (бизнес) – ин омилҳои |

| | | |
|---|---|---|
| | предприниматель-ская активность // Эковест.- 2006. - № 5. – С. 78 | сиёсӣ, иқтисодӣ ва технологӣ мебошад, ки онҳо асосан аз мавзеи назорат ва таъсири фаъолияти соҳибкорӣ берунанд ва таъсири мусбат ва манфии худро ба он мерасонад». |
| С.Н.Буханцева | Буханцева С.Н. Формирование эффективной предпринимательской среды // Фундаментальные исследо-вания. – 2013. – № 4-2. – С. 474 | «Муҳити соҳибкорӣ ҳолати ҷамъиятӣ – иқтисодӣ аст, ки дар худ дараҷаи озодии иқтисодӣ, имконияти пайдоиши сохтори соҳибкорӣ, афзалияти шакли бозории алоқаҳои иқтисодӣ, имкони ташаккули сармояи соҳибкорӣ ва истифодаи сарватҳои заруриро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи дараҷаи озодии соҳибкорӣ ба қатори корхонаҳои мустақили дар давраи муайяни вақт бавуҷудомада хизмат мекунад». |
| А.Н.Макаревич | Захираи электронӣ | «Муҳити соҳибкорӣ дорои ду самт иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Одатан муҳити иҷтимоиро ба макро ва микро муҳит ҷудо кардан зарур аст». |
| М.В. Плешакова, И.В. Кудряшова | Плешакова М.В., Кудряшова И.В. Проблемы и перспективы развития предпринимательской среды в сфере малого бизнеса // Известия ВолгГТУ. – 2011. – № 12. - С. 134 | «Муҳити соҳибкории берунаи дар Россия мавҷуд буда имконият намедиҳад, ки соҳибкорӣ фаъолона рушд кунад. Хусусан дар бахши соҳибкории хурд ва миёна». |
| А.В. Лопатин | Лопатин А.В. Обоснавание перпективных направ-лений развития предпринимательской среды: дис... канд. экон. наук: 08.00.05/А.В. Лопатин– Ставрополь, 2014. – С. 23 | «Муҳити соҳибкорӣ ҳамчун рӯйдоди тағйирёбанда натанҳо дорои нишонаҳо хос, ки аз таркиби ҷузъии он бар меояд, балки бо соҳаи иҷтимоӣ – иқтисодӣ наздик аст, ки дар он раванди пайдоиш, рушд ва ислоҳоти субъектҳои соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд. Рушди самаранокӣ муҳити соҳибкорӣ бештар аз механизми ташкилӣ–иқтисодӣ, ки ба ташаккули пояги унсурҳои институтсионалӣ ва инфрасохторӣ бо назардошти хусусиятҳои ташкилии фаъолияти соҳибкорӣ вобастагӣ ва майл дорад». |
| Д.Н. Дадоматов | Дадоматов Д.Н. автореф. дисс. док.. илмҳои иқтисодӣ: аз рӯи ихтисоси 08.00.05–иқтисодиёти соҳибкорӣ / Д.Н. Дадоматов – Душанбе, 2020. – С. 9 | «Ҳолат ва рушди унсурҳои муҳити соҳибкории саноатӣ ба таъсири ҳамдигарии марҳилаҳо ва бартариятҳо вобастаги дорад, ки ин зарурати амали кардани маниторинги фаъолияти корхонаҳои соҳибкориро барои муайян кардани саршавии равандҳои бухронӣ муқарар мекунад». |

**Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси манъбаҳои зикргардида**

«Муҳити соҳибкорӣ – мафҳуми фазои мусоиди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузории ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. Ин мафҳум маънои комплекси дошта, дар навбати аввал таъмини шарту шароитҳои зарууртарини пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсири омилҳои дохилию берунiро ба он мефаҳмонад, ки бояд дар сатҳи ҷумҳурӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва шаҳру ноҳияҳо нисбати фаъол гардонидани соҳибкорӣ ҳамеша ба инобат гирифта шавад».

Баррасӣ ва мутолиаи амиқи андешаи олимон ва мутахассисони иқтисоддони хориҷиву ватанӣ, ки дар асарҳои интишоршудаи онҳо инъикос ёфтааст, аслан аз гуногунфикрии онҳо дар ин бобат шаҳодат медиҳад. Вожаҳои «Муҳити соҳибкорӣ» ё «Муҳити рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ» нисбати моҳияти ин намуди фаъолияти судманд талаб менамояд, ки ин масоили муҳими иқтисодӣ ҳамеша бояд дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ва сохторҳои

марбутаи он, бахши хусусӣ ва олимону коршиносон қарор гирад. Хушбахтона чандин сол аст, ки дар Тоҷикистон барои фароҳам овардани муҳити судманди соҳибкорӣ ва саривақт баҳо додан ба вазъи муосири он, баррасии омилҳои асосии ба он таъсиррасонӣ дохилӣ ва берунӣ, андешидани чораю тадбирҳои зарури дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои машваратӣ бо унвонӣ «Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ» таъсис дода шудааст, ки тамоми монеъаҳои мавҷударо дар ин самт саривақт таҳлилу баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдори тавсиявӣ қабул мекунад, татбиқи амалии онҳо зери назорати доимӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати Тоҷикистон мебошанд.

Дар шароити имрӯза баъзе ҷанбаҳои умумии муҳити соҳибкориро ба таври васеъ ва мушаххас таҳлилу баррасӣ менамоем.

Муҳити соҳибкорӣ тамоми омилҳои берунаро дар бар мегирад, ки ба ташкил ва фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Ин омилҳоро метавон ба таври васеъ ба ду гурӯҳ - омилҳои макромуҳит ва омилҳои микромуҳитӣ тақсим кард.




**Расми 1. Омилҳои асосии таъсиррасони макромуҳит ва микромуҳит ба фаъолияти соҳибкорӣ**

Бояд зикр намуд, ки омилҳои иқтисодӣ яке аз қисматҳои муҳиму зарурии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Омилҳои иқтисодӣ - ин омилҳо ба монанди афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, сатҳи таваррум, фоизҳо, сатҳи бекорӣ ва эътимоди истеъмолкунандагонро дар бар мегирад. Иқтисоди қавӣ одатан ба афзоиши хароҷоти истеъмолӣ ва

сармоягузории соҳибкорӣ оварда мерасонад, дар ҳоле ки иқтисодиёти заиф метавонад боиси кам шудани талабот ва кам шудани фоида гардад. Инчунин

**МУҲИТИ БЕРУНИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ**




**Расми 2. - Алоқамандии унсурҳои таркибӣ ва омилҳои муассири муҳити дохилӣ ва берунии фаъолияти соҳибкорӣ (сарчашма: таҳияи муаллиф)**

Дар ин маврид ба масъалаи мубрами муҳити берунаю дохилии фаъолиятӣ, аз ҷумла мафҳуми «инфрасохтори муҳити соҳибкории инфиродӣ» - ро шарҳ хоҳем дод. Таҳти мафҳуми инфрасохтори муҳити соҳибкорӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ бояд дониста шавад, ки барои таъмини фаъолияти самараноки соҳибкорӣ дар бахшҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ равона шудаанд ё ин ки истифода мегарданд.

Барои расидан ба ҳадафи асосӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳими дар мақолаи мазкур гузошташуда ҷузъҳои таркибии инфрасохтори муҳити соҳибкориро муайян кардан ҷоиз аст, ки ба қатори онҳо дохил мешаванд: мақомоти давлатии қонунгузори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; мақмотҳои идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ; сохторҳои назоратӣ ва танзимкунанда; ташкилоту муассисаҳои молиявӣ-қарзӣ ва сармоягузорӣ; ташкилот (ширкат) – ҳои суғуртакунандаи давлатӣ ва хусусӣ; инфрасохтори дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (бизнес - инкубаторҳо, технопаркҳо, марказҳои соҳибкорӣ, фондҳо ва ғ.); ширкатҳои машваратӣ ва аудиторӣ; истеъмолкунандагон ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи манфиати онҳо, ташкилотҳои муқовимат бо коррупсия, инҳисор-гарӣ дар истеҳсоли маҳсулот ва тиҷорати он; таъминкунандагони захираҳои иқтисодӣ (ашёи хом, маводҳои зарурӣ, техника, таҷҳизот, захираҳои меҳнатӣ) ва хизматрасониҳои нақлиётӣ, коммуналӣ, алоқа, тиббӣ ва ғ; рақибон дар бозор ва рақобатокии соҳибкории хурд; раванди ҳисобу ҳисобот, таҳлили вазъи соҳибкорӣ, нақшагирии рушди он барои давраҳои ҷорӣ ва миёнаю дарозмудат; миёнаравон дар бозор; техника ва технологияи инноватсионӣ; воситаҳои ахбори омма; кормандони субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна; ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ; сохторҳои давлатии қудратӣ (умури корҳои дохилӣ, додгоҳу додситонҳо); объектҳои назорати муҳити зист ва ғ.

Сохтор ва алоқамандии ҷузъиётҳои муҳимтарини муҳити берунӣ ва дохилаи фаъолияти соҳибкорӣ дар расми 2 пешниҳод шудааст.Ҳамин тариқ, муҳити фаъолияти соҳибкорӣ – кулли омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникиву технологӣ мебошанд, дар давраи муайяни вақт ба натиҷаю ҳолати хоҷагидорӣ таъсири мусбат ва манфи мерасонад ва аз ин рӯ, бояд мавриди таҳқиқу таҳлили мақсаднок қарор дода шаванд.

Барои омӯзиши моҳияту мазмуни омилҳои муассир, ки онҳоро одатан ҳангоми коркард ва татбиқи механизми ташаккулёбии омилҳои калидии фаъолгардонии соҳибкорӣ ба эътибор гирифтан мутобиқи мантиқи солим воқеан зарур аст.

Ҳар як омили таъсиррасон бо дарназардошти моҳияти бевосита ё бавоситаи он бо хусусиятҳои хоси хеш тавсиф дода мешавад, ки онҳоро дар амали хоҷагидорӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Маълум мешавад, ки заҳматҳои ин абармарди роҳи хирад дар роҳи азбарнамудани осори гузаштагон ва интишори осори хеш, пеш аз ҳама дӯст доштани халқу миллати худ ва ба дараҷаи ниҳои расидани ҳисси худшиносиву худогоҳии миллии ӯ мебошад. Аз ин ҷост, ки баргузидаи илмиву адабӣ ва фарҳангиву таърихиаш дар баландбардории савияи дониши хонандагон таъсирбахш аст. Дар ҳақиқат, вақте ки ба осори Пешвои миллат назар меафканем, ҳар як саҳифаи умри ӯ барои мо дарси адаб, дарси худшиносиву худогоҳӣ, дарси ватанпарастӣ ва дарси хештандӯстӣ аст.

Вобаста ба ин падида, академик Бобоҷон Ғафуров дар сарсухани китоби худ "Тоҷикон", ҳамчун асилқаҳрамон ва фарзонафарзанди миллати тоҷик овардааст, ки тадқиқи таърихи халқи тоҷик барои донистани манбаъҳои равобити анъанавии халқҳои Осиёи миёна кумак хоҳад расонд. Хусусан, тоҷикон ва узбекон, ки ташаккули халқияти онҳо дар асоси умуминажодӣ қарор гирифтааст, ба ҳамдигар алоқаи хеле наздик доранд... Бинобар ҳамин ҳам омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, ки саҳми ба худ хосро дар ганҷинаи тамаддуни башарӣ гузоштааст, барои ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тоҷикон амри зарурист [3,19].

Пешвои миллат ҳамин нуктаро мадди назар гирифта, китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуровро ба ҳар як хонадони халқи тоҷик тухфа намуданд, то ки насли имрӯзаву оянда омӯзанд ва аз таърихи гузаштагони худ баҳравар гарданд. Ин амал ҳам як роҳи хештаншиносист, ки дар натиҷаи хондан ва баҳравар гаштан ҳосил мегардад.

Китоби дигари Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Забони миллат – ҳастии миллат" аст, ки марҳилаҳои ташаккулёбии забони тоҷикиро дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба хонанда ошно менамояд. Дар ҳақиқат

забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимтарин, ва бузургтарин ба ҳисоб рафта, бисёре аз падидаҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ба он рабт дорад. Ҳамин бузургии забони тоҷикист, ки тули таърихи беш аз ҳазорсолаҳо, махсусан дар давраи истисмори арабҳо худро аз даст надода, ҳамчун воситаи асосии мухобара хизмат намудааст. Ин нуктаро шоири маъруфи Бозор Собир дар шеъри "Забони ватан" ба риштаи назм кашидааст:

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан.
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан.

Пешвои миллати тоҷикон дар китоби "Забони миллат – ҳастии миллат" низ чунин қайд менамояд: "Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад" [1,3] .

Дар осори Пешвои миллат "Чеҳраҳои мондагор" низ яке аз воситаҳои муҳимтарини тарбияи хештаншиносист, ки муаллиф дар китоби аввали он дар бораи 25-нафар ва дар китоби дуюми он дар бораи 30-нафар чеҳраҳои намоёнтарини халқу миллати хеш маълумоти муфид овардааст. Барҷастагии китоби мазкур дар он аст, ки фаъолияти барҷастатарин намояндагони сиёсат, дин ва илму адаб аз ҷумла: Куруши Кабир, Зардушт, Маздак, Муҳаммад (с), А.Рӯдакӣ, А. Ҷомӣ, С. Айнӣ, С. Улуғзода ва дигаронро дар бар мегирад. Дар саҳифаи 6-и китоби зикргардида ақидаи бисёр ҷолиб ва диққатҷалбкунандае вобаста ба ғурури миллӣ омадааст, ки чашми хонандаро ба рӯйи таърихи ниёгони хеш мекушояд: "Куруши Кабир ба нахустин империяи мутамаддини ориёӣ асос гузошт. Империяи таъсисдодаи ӯ тибқи маълумотҳо дар се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва африқо доман густурда буд.

Эъломияи Куруши Кабир бошад, нахустин эъломияи ҳуқуқи башар эътироф шуд, ки низоми одилона, инсонпарварона ва дунявии давлатиро пуштибонӣ мекард" [4,6] .

Пешвои миллат иброз медорад, ки Куруши Кабир дар миёни шоҳаншоҳони олам яке аз оқилтарин, боинсофтарин, камозортарин ва дурандештарин шоҳаншоҳ буд, ки барои мо мояи ифтихору сарбаландӣ ва ибратомӯзист. Ӯ мероси гаронбаҳои маънавии дигар чеҳраҳои мондагор, ҷоннисориҳои онҳоро барои ҳифзи марзу буми Ватан ва аҷдодони худ беҳтарин падида шуморидааст. Ба ақидаи ӯ, танҳо насли ҷавони миллати тоҷик, дар натиҷаи аз худ кардани ана ҳамин сарчашмаҳои муътамад дӯстдори халқу миллат ва ватани хеш мегарданд.

Тибқи гуфтаи Пешвои миллат, "Мардуми шарафманди тоҷик ҳуқуқи комил доранд, ки бо фарзандони фарзонаи миллат, саҳми беназири онҳо дар рушди тамаддуни умумибашарӣ ифтихор намоянд, осори гаронбаҳои онҳоро омӯзанд ва ҳикмати ҷовидонаи абармардони миллии худро қутбнамои рӯзгори хеш қарор диҳанд" [4].

Пешвои миллат "Чеҳраҳои мондагор"-ро бо фаъолият ва осори нависандаи забардасти адабиёти тоҷик - Сотим Улуғзода ҷамъбаст

намудааст, ки осори Сотим Улуғзода низ барои тарбияи ватандӯстиву хештаншиносӣ бисёр муҳим аст.

Сотим Улуғзода дар “Субҳи ҷавонии мо” гуфтаҳои профессори рус – Михаил Степанович Андреевро чунин тасвир кардааст: “Тоҷикон бо сабаби садсолаҳо дар қайди зулм, торикӣ ва бесаводӣ монданашон шоирон ва олимони худро дуруст намешиносанд ё ки фаромӯш кардаанд... аммо акнун шумоён боядкӯшиш намоед, ки онҳоро зудтар шиносед ва шуҳрати онҳоро дар байни халқи худатон зинда гардонед” [5,256]. Ӯ ҳамеша моро водор месохт. “Халқи худро шинос” [5,258].

Аз ин нутқаи назар, қайд кардан мумкин аст, ки Пешвои миллат ҳамчун олими барҷаста ҳар як китоби худро дар асоси таҳқиқотҳои ҷадиди гузаронидашуда рӯйи чоп овардааст. Ҷанбаи илмиву тарбиявии китобҳои Пешвои миллат аршпайванд буда, ба баландтарин нукта мерасад.

## АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат.- Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 432саҳ.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён.- Душанбе: “Ирфон”, 2009. – с 704.
3. Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 975саҳ.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор.- Душанбе: “Эр-граф”, 2016. – с 364с.
5. С. Улуғзода. Субҳи ҷавонии мо нашриёти “Ирфон”.- Душанбе: 1967, 335с.


# ШАРТНОМАҲОЕ, КИ ТАВАССУТИ ОНҲО ОБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ СОЗМОН ДОДА МЕШАВНД


**Нодиров Ф.М. – н.и.ҳ., дотсенти ДБССТ**


Дар ҷараёни созмондиҳӣ, истеҳсол ва татбиқи маҳсулоти инноватсионӣ доираи васеи субъектҳо, аз ҷумла: ихтироъкорҳо, кашофон ва технологҳо, яъне аз соҳибкорони касбӣ то ташкилотҳои махсусгардонидашуда иштирок менамоянд. Ҳамаи онҳо иштирокчиёни ҷараёни ягонаи фаъолияти инноватсионӣ мебошанд, ки ба муносибатҳои гуногуни байниҳамдигарӣ ворид гашта, дар натиҷаи он маҳсулоти мушаххаси зеҳнӣ ё ин ки моддӣ созмон дода мешавад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои зикршуда, боиси ба вуҷуд омадани шаклҳои муайяни ҳуқуқии онҳо гардида, самти умумии ҳаллу фасли масоили марбут ба фаъолияти инноватсионӣ мебошанд. Тибқи ақидаи ғолиб чунин

шаклҳо ниҳоят зиёд буда, бо дарназардошти сатҳи танзимнамоӣ ду гурӯҳи онҳоро ҷудо намудан мумкин аст: умумӣ- ҳуқуқӣ ва хусусӣ-ҳуқуқӣ [1].

Ҳамзамон, бо танзимнамоии ҳуқуқӣ на худи ҷараёни ба даст овардани донишҳои нави илмӣ (илмӣ-техникӣ) ё ин ки ҷараёни истеҳсол ва татбиқи онҳо, балки механизми ташкил намудани онҳо баромад менамояд.

Дар сатҳи умумӣ-ҳуқуқии танзим ба ҳайси шакли ҳуқуқии таъсиррасонии давлатӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ҳимояи маҷмӯи манфиатҳои ҳамаи аъзоёни ҷомеа баромад менамояд. Онҳо, чун қоида, дар шакли санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия баромад мекунанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату муассисаҳо дар доираи предмети ваколаташон эҷод карда мешаванд. Дар ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иродаи давлат ифода шуда, манфиатҳои умумии онро дар муносибатҳои танзимшаванда таҷассум менамоянд. Санадҳои эҷоднамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаклҳои гуногун ифодаи худро меёбанд, аз ҷумла, санадҳои танзими ҳуқуқӣ (қарор, амр), санадҳои планӣ (лоиҳа, барнома), дастурамал, низомнома, мактуб ва ҳоазо.

Танзимкунандаи асосии муносибатҳои байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи танзими хусусӣ-ҳуқуқӣ низ давлат баромад менамояд, вале асоси чунин таъсиррасониро пеш аз манфиатҳои хусусии шахсони алоҳида ташкил медиҳад. Шакли асосии таъминкунандаи вазъи мухтори шахс, ин шакли шартномавӣ, воситаи муҳимтарини танзим – шартномаи ҳуқуқи граждании мебошад. Дар соҳаи созмондиҳӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ нисбатан ҷойи муҳимтаринро шартномаҳо оид ба иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию (озмоишӣ) конструкторӣ ва корҳои технологӣ тшкил медиҳанд. Нақши шартномаҳои литсензионӣ ва шартномаҳои консессияи тиҷоратӣ дар танзими муносибатҳои байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ нисбатан камтар мебошад, чунки онҳо аслан барои истифодабарии ҳуқуқҳои истисноӣ ё маҷмӯи онҳо баста мешаванд.

Ҳамин тариқ, шаклҳои ҳуқуқии созмондиҳӣ ва амалигардонии инноватсия ин шартномаҳои гуногуне мебошанд, ки барои танзим намудани муносибати байни субъектҳои инноватсия баста мешаванд. Низоми муносибатҳои шартномавии ин бахш мураккаб буда, аз гуногунрангии муносибатҳои танзимшавандаи ин соҳа бармеоянд. Новобаста аз ин дар адабиёти ҳуқуқӣ кӯшиши муайян намудани низоми муносибатҳои шартномавии ин бахш анҷом дода шудааст. Аз низоми ишорашудаи муносибатҳои шартномавӣ, чунин намуди шартномаҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Чунин шартномаҳо барои созмон додани объектҳои фаъолияти инноватсионӣ баста мешаванд:

- Шартномаи паймонкорӣ дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ (м. 837 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Тибқи шартнома дар корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯйӣ паймонкор (лоиҳакаш, ҷустуҷӯкунанда) ухдадор мешавад бо супориши фармоишгар санадҳои лоиҳавию харҷномавӣ ва (ё) корҳои ҷустуҷӯйиро

анҷом диҳад ва фармоишгар уҳдадор мешавад онҳоро қабул карда, ҳаққи корро пардохт намояд.

- Шартномаҳо барои корҳои илмию тадқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва корҳои технологӣ (м.848 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Тибқи шартнома барои корҳои илмию тадқиқотӣ иҷрокунанда уҳдадор мешавад тадқиқоти илмии бо супориши фармоишгар қайдушартшударо анҷом диҳад ва тибқи шартномаи таҷрибавию конструкторӣ ва корҳои технологӣ бошад, намунаи маҳсулоти нав, ҳуҷҷатҳои конструктории он, технологияи навро таҳия намояд ва ё намунаи нав созад ва фармоишгар ухдадор мешавад корро қабул кунад ва арзиши онро пардохт намояд.

Дар ин ҷо нақши меъёрҳои Кодекси маданӣ (м. 594) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ»-ро **аз** 15 марти соли 2023 таҳти рақами 1955 қайд намудан зарур аст, ки ин қонун асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии хариди давлатиро муайян намуда, ба ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ, ки истифодаи самарабахш ва сарфакоронаи маблағҳои давлатиро дар заминаи принсипҳои рақобат, муносибати одилона нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни озмун ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ таъмин менамояд, равона карда шудааст [2].

Қонуни мазкур нисбат ба хариди давлатӣ, ба истисноӣ харид дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, ки аз ҷониби давлатҳои донор, бонкҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ пурра ё қисман маблағгузорӣ карда мешаванд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон узв ва иштирокчии онҳо мебошад, инчунин хариди бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ" танзимшаванда татбиқ мегардад. Тартиби харид аз ҷониби Муассисаи давлатии "Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳангоми хариди давлатӣ дар доираи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои шартномаҳои байналмилалӣ татбиқ мегарданд, агар дар шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Хариди давлатӣ (харид) - аз ҷониби ташкилоти харидор тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба даст овардани мол, кор ва хизматрасонӣ, ки пурра ё қисман аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ мегардад;

Маблағҳои давлатӣ - маблағҳои буҷети давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, ташкилоту муассисаҳои аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ таъсисдодашуда, бонкҳои давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ, маблағҳое, ки ба суратҳисобҳои мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, ташкилот, муассиса ё корхонаи давлатӣ ворид гардида, аз ҷониби онҳо ба манфиати шахсони соҳибмулки ҳамин маблағҳо ихтиёдорӣ мегарданд, маблағҳои қарзие, ки аз тарафи давлат ё корхо-

на, муассиса ва ташкилоти давлатӣ, ҷамъияти саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидории дигар, ки дар онҳо зиёда аз 50 фоизи саҳмияҳо ё ҳисса ба давлат тааллуқ доранд, кафолат дода шудаанд ё таъмин гардидаанд, грантҳо, ба истисноии грантҳо дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мебошанд.

2. Шартномаҳое, ки тавассути онҳо ҳуқуқи истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ ё ин ки дигар навигарӣ пешниҳод карда мешавад:

- Шартнома дар асоси иҷозатнома. Иҷозатномаи озод. Тибқи иҷозатномаи озод ҳамчун шартномаи ҳамроҳшавӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ройгон ва муҳлатнок дода мешаванд.

Агар иҷозатномаи озод ба қонун мутобиқат намояд, он қонунӣ эътироф карда мешавад (м. 1244 КМ).

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун суд метавонад дар асоси талаби шахси манфиатдор санади судӣ дар бораи ба ҳамин шахс додани ҳуқуқи истифодаи натиҷаи фаъолияти зеҳниро мувофиқи шартҳои ин санади судӣ, ки ҳуқуқи молумулкии он ба шахси дигар тааллуқ дорад (иҷозатномаи маҷбурӣ), қабул намояд (м. 1245 иҷозатномаи маҷбурӣ).

Мафҳуми шартномаи литсензионӣ дар моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» аз 28 феврали соли 2004 оварда шудааст. Ҳар як шахсе, ки дорандаи патент ба ҳисоб намеравад, ба истифодаи намунаи саноатии бо патент ҳифзшуда танҳо бо иҷозати дорандаи патент дар асоси шартномаи литсензионӣ ҳуқуқ дорад.

Мувофиқи шартномаи литсензионӣ дорандаи патент (иҷозатномадеҳ) уҳдадор мешавад, ки ҳуқуқро барои истифодаи намунаи саноатии ҳифзшуда дар ҳаҷми дар шартнома пешбинишуда ба шахси дигар (иҷозатномагир), ки ӯ уҳдадории иҷро намудани ҳамаи амалҳои дар шартнома пешбинишударо ба зиммаи худ мегирад, диҳад.

Дар ҳолати додани иҷозатномаи истисноӣ ҳуқуқи истисноии истифодаи намунаи саноатӣ дар ҳудуди дар шартнома зикршуда ба иҷозатномагир мегузарад. Ҳуқуқи истифодаи намунаи саноатӣ дар қисми ба иҷозатномагир доданашаванда дар ҷониби иҷозатномадеҳ мемонад.

Дар ҳолати додани иҷозатномаи ғайриистисноӣ иҷозатномадеҳ ба иҷозатномагир ҳуқуқи истифодаи намунаи саноатиро дода, дар айни замон ҳамаи ҳуқуқҳоеро, ки патент тасдиқ мекунад, аз ҷумла ҳуқуқи ба шахсони сеюм додани иҷозатномаҳоро, нигоҳ медорад.

Шартномаи литсензионӣ бояд ҳатман дар Идораи патентӣ ба қайд гирифта шавад ва бе чунин бақайдгирӣ он беэътибор дониста мешавад.

Дорандаи патент метавонад ба Идораи патентӣ дар бораи ба шахси дилхоҳ дода шудани ҳуқуқ барои истифодаи намунаи саноатӣ ариза (иҷозатномаи кушода) диҳад. Дар ин ҳолат боҷ барои нигоҳ доштани эътибори патент аз соли баъди нашри маълумот оид ба мавҷудияти чунин ариза 50 фоиз кам карда мешавад.

Ҳангоми бозхондани иҷозатномаи кушода боҷ барои нигоҳ доштани эътибори патент дар давоми вақти амали иҷозатномаи кушода пардохта нашуда, минбаъд ин боҷ ба андозаи пуррааш пардохта мешавад (моддаи 23

Қонун).

Шахсе, ки хоҳиши гирифтани иҷозатномаи кушодаро дорад, бояд бо дорандаи патент оид ба пардохтҳо шартнома бандад [3].

- Шартномаҳое, ки барои ба даст овардани литсензияҳои бепатент баста мешаванд (ҳуқуқ ба истифодаи «ноу-хау», дигар технология).

- Шартномаҳое, ки барои ба даст овардан ва истифода намудани воситаҳои барномавӣ баста мешаванд. Ин барномаҳо барои МЭҲ ва базаи маълумотҳо, забони барномасозӣ, низоми нашрӣ ва таҳиягарӣ наққошӣ ва ғайра таҳия карда мешаванд. Ба ин гурӯҳи шартномаҳо, масалан, фурӯш ё пешниҳод намудани имконияти дастрасӣ ба истифодабарандагони оммавӣ объектҳои ишорашудаи моликияти саноатиро номбар намудан мумкин аст.

- Шартномаи консессияи тиҷоратӣ (м. 1132 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон). Мутобиқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ як тараф (ҳуқуқдор) ухдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) бо пардохти подош барои муҳлати муайян ё бе зикри муҳлат барои дар фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда истифода бурдани маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ба ҳуқуқдор тааллуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқ ба нишонаи тиҷоратии ҳуқуқдор, ба иттилооти ҳифзшавандаи тиҷоратӣ, инчунин ба дигар объектҳои ҳуқуқи истисноии дар шартнома пешбинишуда - номи фирмавӣ, тамғаи молӣ, сирри истеҳсолӣ (ноу - ҳау) ва ғайраро диҳад.

3. Шартномаҳое, ки барои созмон додани шартҳои истеҳсолӣ ва дигар шартҳои татбиқи навгонӣ баста шудаанд:

- шартномаҳое, ки барои ба даст овардани навъҳои инкишофёфтаи мошину таҷҳизот, дастгоҳ ва дигар воситаҳои асосие баста шудаанд, ки барои татбиқи ҷараёнҳои технологии нав ё такмилёфта ё ин ки барои истеҳсоли маҳсулоти нав, расонидани хизматҳои нав (масалан, мошинҳои иловагии шаклбандӣ ва бастапечкунӣ) заруранд. Дар ин ҷо шартномаи хариду - фурӯш, мубодила ва ғайра баста мешаванд;

- шартномаҳое, ки барои лоиҳакашии истеҳсолӣ ва иҷро намудани корҳои дигар навъи алоқаманд бо тайёр намудани истеҳсолот барои истеҳсол намудани маҳсулоти нав, азнавкунии технологӣ, ташкилӣ истеҳсолот ва давраи аввали истеҳсоли маҳсулоти нав алоқаманд мебошанд. Ин корҳоро бо корҳои лоиҳакашӣ, конструкторӣ омехта кардан нашояд, чунки охирин чун қоида ба давраи ибтидоии ҷараёни татбиқи лоиҳа рост меоянд;

- шартномаҳое, ки бо расонидани хизмат оиди омӯзиш, тайёркунӣ, азнавтайёркунии кормандон бинобар ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ баста мешаванд.

4. Шартномаҳои дорои хусусияти иттилоотӣ- машваратӣ:

- шартномаҳо барои расонидани хизматҳои инҷинирингӣ, яъне шартномаҳо барои расонидани хизматҳои инҷинерӣ - машваратӣ оид ба тайёркунӣ, таъминоти техникии ҷараёни истеҳсолӣ ва пешниҳоди маҳсулот;

- шартномаҳо барои расонидани хизматҳои маркетингии алоқаманд бо баровардани инноватсия ба бозор. Ин тадқиқоти пешакӣ, омӯзиши бозор,

мутобиқгардонии маҳсулот барои бозорҳои гуногуни фурӯшро дар бар мегирад;

- машварат оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии марбут бо баамалбарории фаъолияти инноватсионӣ.

Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад. Шакли асосии ҳуқуқии танзими давлатӣ санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби созмондиҳӣ ва татбиқи инноватсияро танзим намуда аз санадҳои қонунгузории сатҳи олӣ, яъне қонун ва инчунин дигар санадҳое, ки барои созмон додани инфрасохтори инноватсионии бозор равона карда шудаанд, иборат мебошанд [4].

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, №1918.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» аз **15** марти соли 2023, №1955.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаҳои саноатӣ» аз 28 феврали соли 2004, №16.
5. Коммерческое право. Ч. II. Под ред. В.Ф. Попондопуло, В.Ф. Яковлевой. – СПб., С.-Петербургский университет, 1998. С. 98.
6. Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Душанбе: Эр-граф. 2019. С. 185.


# УСУЛИ ИҚТИСОДӢ-МАТЕМАТИКИИ БАҲОДИҲИИ РАҚОБАТПАЗИРӢ КОРХОНАҲОИ СОҲАҲИ ХИЗМАТ: УСУЛИ ТАҲЛИЛИ ИЕРАРХӢ


**Ниёзов Ҷ.С. – н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДИСДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**
**Tel:+992927778879; jsafarovich84@gmail.com**
**Алиев А.Р. – н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити ДИСДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**
**Баротов Ҳ.А. муаллими -калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити ДИСДДТТ дар шаҳри Хуҷанд**
**Tel: +934460900**


Дар низоми имрӯзаи иқтисодиёти рақамӣ, масоили баҳодиҳии рақобатпазирии субъектони хоҷагидорӣ дар соҳаи хизмат, яке аз самтҳои муҳими тадқиқоти олимон маҳсуб ёфта, таҳлил ва баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат бо назардошти баланд бардоштани сифати

хизатрасонӣ дар соҳаи мазкур масъалаи муҳими беҳдошти соҳаи иҷтимоӣ арзёби гардидааст.

Баҳодиҳии рақобатпазирии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва таъминоти самаранокии фаъолияти онҳо дар бозори истеъмолӣ, имрӯз аз истифодаи моделҳои иқтисодӣ-математикии қабули қарорҳои идоракунӣ ва коркарди алгоритми тадбиқи онҳо вобастагӣ дорад [1,с.98].

Имрӯз барои таъминоти самаранокии вариантҳои қарорҳои идоракунӣ оиди баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат, аз он ҷумла савдои чакана ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар ин самт, усулҳои мухталифи таҳлил ба монанди SWOT-таҳлил, STEP- таҳлил, PESTIE-таҳлил усули таҳлили матритсавии иерархӣ (ТМИ) квадрати декарт, ва монанди инҳо истифода мешаванд [2,с.80].

Натиҷаи таҳлили адабиёти иқтисодӣ [2,3,4], шаҳодат аз он медиҳанд, ки барои муайян намудани рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат ва таъминоти сифати хизматрасонӣ ба истифодабарандагон дар ин самт, аз усулҳои номбаршуда, усули ТМИ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Тавассути усули мазкур метавон ба сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат ва сифати хизматрасониро ба истеъмолкунандагон дар ин соҳа баҳогузорӣ намуд. Асоси усули ТМИ-ро холгузории экспертон ташкил медиҳад, ки ин шаҳодат аз баҳодиҳии объективонаи рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизматро ифода мекунад [4,с.163].

Баҳодиҳии критерияҳо (омилҳои ) ва интихоби алтернативаи ҳалли муаммо бо ёрии ТМИ дар асоси таҳлили натиҷаҳои пурсишҳои анкетавии респондентҳо, инчунин бо роҳи ҳисоби қиматҳои векторҳои матритсаҳо, ҳамчун муқоисаи таркиби объектҳои таҳлилии омӯхташуда, амалӣ гардонида мешавад [5, с.104].

Зимни гузаронидани пурсиш ба сифати респондентҳо якчанд нафар истеъмолкунандагони соҳаи савдои чакана, иштирок намуданд (ҷадв. 2).

Усули таҳлили матритсаи иерархиро бо мақсади баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана бо намуди алгоритми зерин тарҳрези менамоем:

а) аниқсозии критерияҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои савдо;

б) тартибдиҳии алгоритми интихоби афзалиятҳо дар шакли иерархӣ (гузориши мақсад, критерияи баҳодиҳӣ ва интихоби алтернатив);

в) ҳисобкунии бузургии критерияҳо барои ҳар як алтернатив;

г) баҳодиҳии таносуби матритсаи ҷуфти барои ҳар як алтернатива;

д) ҷамъбасти нишондиҳандаҳои умумии баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои савдо.

Барои муайян намудани критерияҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои савдо, ҷадвали холгузории Т. Саатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1. Меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазири корхонаҳои савдо бо усули ТМИ-и Томас Саати [3,с.19]**

| Интен- | Муайянкунӣ | Тавсиф |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| **сивнокии нисбӣ** | | |
| 1 | Муҳимияти барорбар | Ҳиссаи баробарии ду критерия дар мақсад |
| 3 | Афзалияти нисбӣ як нишондиҳанда нисбат ба дигар | Таҷриба ва муҳокима афзалияти як алтернативро нисбат ба дигар нишон медиҳад |
| 5 | Афзалияти назаррас ё қавӣ | Таҷриба ва муҳокима афзалияти як критерияро нисбат ба дигар нишон медиҳад |
| 7 | Афзалияти хеле назаррас | Яке аз критерияҳо бартариро доро мегардад, ки он амалан назаррас мегардад |
| 9 | Афзалияти хеле қавӣ | Афзалияти ошкорои як критерия нисбат ба дигар, ки нисбатан қавитар эътироф мегардад |
| 2, 4, 6, 8 | Қарорҳои фоиславӣ байни ду муҳокимаҳо | Ҳангоми ҳолатҳои созишӣ истифода мегардад |
| Бузургиҳои баракси шумораҳои болоӣ | Ҳангоми муқоисаи як критерия бо дигар, ки дар натиҷа яке аз шумораҳои болои ба миён ояд, он гоҳ ҳангоми муқоисаи критерияи дуюм бо аввал бузургии баракс ба даст меояд | - |

Дар марҳилаи навбатӣ бо мақсади сохтани алгоритми иерархии интихоби омилҳои таъсирпазир ба рақобатпазирии корхонаҳои савдо дар бозори истеъмолӣ критерияҳои баҳодиҳӣ ва интихоби алтернативаҳо дар вобастагӣ аз дараҷаи иерархӣ (мақсад, вазифа ва алтернативаҳои қабули қарор) аниқ карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки интихоби самтҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои савдо дар мисоли мо дар намуди вариантҳои гуногун ташаккул ёфта, он вобаста бо истифодаи критерияҳои интихоб амалӣ карда мешавад (расми 1).

**Расми 1. Критерияҳои интихоби самтҳои рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат***



***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф*

Бо истифода аз маълумотҳои ҷадвали 2 сохтори иерархии интихоби алтернативаҳо ва баҳодиҳии онҳоро тарҳрези менамоем (расми 2).




**Расми 2. Сохтори марҳилаҳои гузаронидани таҳлил**

Дар асоси тартиботи ирархияи матраҳгардида, экспертон ба алтернавиҳои пешниҳод гардида холгузори менамоянд, то он ки ба рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат баҳои объективона гузошта шавад. Ҳамин тавр, натиҷаи холгузории респондентҳоро дар ҷадвали зерин ҷой медиҳем.

**Ҷадвали 2. Матритсаи бузургиҳои критерияҳо***

| | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $x_1$ | 1 | 7 | 2 | 3 | 2 | 5 | 8 |
| $x_2$ | 1/7 | 1 | 3 | 5 | 7 | 4 | 9 |
| $x_3$ | 1/2 | 1/3 | 1 | 9 | 8 | 7 | 2 |
| $x_4$ | 1/3 | 1/5 | 1/9 | 1 | 3 | 9 | 5 |
| $x_5$ | 1/2 | 1/7 | 1/8 | 1/3 | 1 | 8 | 1 |
| $x_6$ | 1/5 | ¼ | 1/7 | 1/9 | 1/8 | 1 | 8 |
| $x_7$ | 1/8 | 1/9 | 1/2 | 1/5 | 1 | 1/8 | 1 |

***сарчашма:** таҳияи ва ҳисоби муаллиф*

Барои таҳлили бузургии омилҳо ва таносуби онҳо бо истифода аз формулаҳои дар ҷадвали зерин овардашуда баҳодиҳии омилҳоро оғоз менамоем (ҷадв. 3).

**Ҷадвали 3. Усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат**

| р/т | Формула | Маънидод | Таъинот |
|---|---|---|---|
| 1 | $a_{ij} = \frac{1}{a_{ji}},$ | $a_{ij}$- муносибат критерияи i бо критерияи j. $a_{ij} = 1$. | Ҳисоби гурӯҳи матритсаи ҷуфтӣ |
| 2 | $W_i = \frac{S}{\sum_{i=1}^{n} S_i},$ | *Sj* – ҷамъи *i* - *унсурҳо* дар ҳар сутуни *j-и-* матритсаи | Ҳисоби қиматҳои хоси векторҳои матритса |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | муқоисаи ҷуфтҳо. | |
| 3 | $\lambda_i = \sum_{i=1}^{n} S_i * W_i,$ | ($\lambda_i$) нишондиҳандаи наздикшавӣ ба сатҳи хусусии матритса | Ҳисоби нишондиҳандаҳои наздикшаванда ба қиматҳои хоси матритса |
| 4 | $\lambda_{max} = \sum_{i=1}^{n} \lambda_i,$ | ($\lambda_{max}$) нишондиҳандаҳои максималии наздик ба қимати хоси матритса | Ҳисоби нишондиҳандаҳои максималии наздик ба қимати хоси матритса |
| 5 | $I_s = \frac{\lambda_{max} - n}{n - 1},$ | ($I_s$) индекси мувофиқат | Ҳисоби дараҷаи мувофиқати мулоҳизоти экспертҳо |
| 6 | $O_s = \frac{I_s}{M(uo)},$ | $M(uo)$ – бузургии миёнаи таносуби мувофиқат. | Баҳодиҳии таносуби мувофиқат мулоҳизоти экспертҳо |

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси [3, с. 28]

Тавассути барномаи компютерии Ms Exel, бо истифода аз формулаҳои 1 ва 2 ҳиссаи критерияҳои интихоби алтернативаҳоро муайян менамоем, ки натиҷаи онҳоро дар ҷадвали 4 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 4. Натиҷаи ҳисоби ҳиссаи критерияҳои интихоби алтернативаҳо***

| $a_{ij}$ | $x_1$ | $x_2$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ | $\sum$ | $W$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $x_1$ | 1,000 | 7,000 | 2,000 | 3,000 | 2,000 | 5,000 | 7,000 | 27,000 | 0,212 |
| $x_2$ | 0,143 | 1,000 | 3,000 | 5,000 | 7,000 | 4,000 | 9,000 | 29,143 | 0,229 |
| $x_3$ | 0,500 | 0,333 | 1,000 | 9,000 | 8,000 | 7,000 | 2,000 | 27,833 | 0,219 |
| $x_4$ | 0,333 | 0,200 | 0,111 | 1,000 | 3,000 | 9,000 | 5,000 | 18,644 | 0,146 |
| $x_5$ | 0,500 | 0,143 | 0,125 | 0,333 | 1,000 | 8,000 | 1,000 | 11,101 | 0,087 |
| $x_6$ | 0,200 | 1,000 | 0,143 | 0,111 | 0,125 | 1,000 | 8,000 | 10,579 | 0,083 |
| $x_7$ | 0,143 | 0,111 | 0,500 | 0,200 | 1,000 | 0,125 | 1,000 | 3,079 | 0,024 |
| **S** | ***2,819*** | ***9,787*** | ***6,879*** | ***18,644*** | ***22,125*** | ***34,125*** | ***33,000*** | ***127,380*** | 1,000 |
| *Λ* | ***0,598*** | ***2,239*** | ***1,503*** | ***2,729*** | ***1,928*** | ***2,834*** | ***0,798*** | | |
| $\lambda_{max}$ | ***12,629*** | | | | | | | | |
| **ИМ** | ***93,8%*** | | | | | | | | |
| **ТМ** | ***71,1%*** | | | | | | | | |

****Сарчашма:** ҳисоби муаллиф*

Аз маълумотҳои ҷадвали 4 мушоҳида мешавад, ки дар натиҷаи ҳиссаи критерияҳои баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат таъсири нисбатан бештарро омили иқтисодӣ 22,9%, иттилоотӣ 21,9% ва суръати ҳаракат 21,2%, доранд.

Таҳлили гузаронидашуда шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳиссаи омили инноватсионӣ паст аст. Албатта дар натиҷаи ҷори намудани технологияи инноватсионӣ арзиши хизматрасони баланд гардида пардохтпазирии истеъмолкунандагон дар ин самт имконнопазир мегардад.

**Ҷадвали 5. Мавқеи омилҳои таъсиррасон ба интихоби алтернативаҳо***

| Мавқеъ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Омилҳо** | Иқтисодӣ | Иттилоотӣ | Суръати ҳаракат | Речаи корӣ | Экологӣ | Бехатарӣ | инноватсия |
| | $x_2$ | $x_1$ | $x_3$ | $x_4$ | $x_5$ | $x_6$ | $x_7$ |
| $\sum$ | 29,143 | 27,833 | 27,000 | 18,644 | 11,101 | 10,579 | 3,079 |
| **W** | 0,229 | 0,219 | 0,212 | 0,146 | 0,087 | 0,083 | 0,024 |
| % | 22,9 | 21,9 | 21,2 | 14,6 | 8,7 | 8,3 | 2,4 |

****Сарчашма:** ҳисоби муаллиф*

Ҳисоби индекси мувофиқат ва таносуби муносибат аз он гувоҳи медиҳанд, ки баҳои экспертҳо вобаста ба якрангии ҳисоби нишондиҳандаҳои наздикшаванда ба қиматҳои хоси матритса ба 91% ва ё алоқамандии он ба 69% баробар мебошад.

Ҳангоми баҳодиҳии рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат зарурияти муайянкунии баҳои миёнаи ҳиссаи ҳар як алтернатив зери таъсири критерияҳои интихоб ба миён меояд, ки натиҷаи таҳлили он дар ҷадвали навбати оварда шудааст (ҷадв. 6).

**Ҷадвали 6. Натиҷаи ҳисоби ҳиссаи критерияҳои интихоби алтернативаҳо***

| Показ. | | $A_1$ | $A_2$ | $A_3$ | $\sum$ | W | $\Lambda$ | $\lambda_{max}$ | ИМ (%) | ТМ (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| $x_1$ | $A_1$ | 1,000 | 7,000 | 3,000 | 11,000 | 0,589 | 0,869 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,143 | 1,000 | 5,000 | 6,143 | 0,329 | 2,697 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,333 | 0,200 | 1,000 | 1,533 | 0,082 | 0,739 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,476*** | ***8,200*** | ***9,000*** | ***18,676*** | ***1,000*** | ***4,305*** | ***4,305*** | ***0,653*** | ***1,125*** |
| $x_2$ | $A_1$ | 1,000 | 8,000 | 7,000 | 16,000 | 0,711 | 0,901 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,125 | 1,000 | 4,000 | 5,125 | 0,228 | 2,105 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,143 | 0,250 | 1,000 | 1,393 | 0,062 | 0,742 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,268*** | ***9,250*** | ***12,000*** | ***22,518*** | ***1,000*** | ***3,748*** | ***3,748*** | ***0,374*** | ***0,645*** |
| $x_3$ | $A_1$ | 1,000 | 5,000 | 3,000 | 9,000 | 0,605 | 0,928 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,200 | 1,000 | 3,000 | 4,200 | 0,283 | 1,789 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,333 | 0,333 | 1,000 | 1,667 | 0,112 | 0,785 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,533*** | ***6,333*** | ***7,000*** | ***14,867*** | ***1,000*** | ***3,502*** | ***3,502*** | ***0,251*** | ***0,433*** |
| $x_4$ | $A_1$ | 1,000 | 7,000 | 9,000 | 17,000 | 0,695 | 0,872 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,143 | 1,000 | 5,000 | 6,143 | 0,251 | 2,060 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,111 | 0,200 | 1,000 | 1,311 | 0,054 | 0,804 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,254*** | ***8,200*** | ***15,000*** | ***24,454*** | ***1,000*** | ***3,736*** | ***3,736*** | ***0,368*** | ***0,634*** |
| $x_5$ | $A_1$ | 1,000 | 7,000 | 9,000 | 17,000 | 0,695 | 0,872 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | $A_2$ | 0,143 | 1,000 | 5,000 | 6,143 | 0,251 | 2,060 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,111 | 0,200 | 1,000 | 1,311 | 0,054 | 0,804 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,254*** | ***8,200*** | ***15,000*** | ***24,454*** | ***1,000*** | ***3,736*** | ***3,736*** | ***0,368*** | ***0,634*** |
| $x_6$ | $A_1$ | 1,000 | 7,000 | 9,000 | 17,000 | 0,644 | 0,808 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,143 | 1,000 | 7,000 | 8,143 | 0,308 | 2,512 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,111 | 0,143 | 1,000 | 1,254 | 0,048 | 0,808 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,254*** | ***8,143*** | ***17,000*** | ***26,397*** | ***1,000*** | ***4,127*** | ***4,127*** | ***0,564*** | ***0,972*** |
| $x_7$ | $A_1$ | 1,000 | 5,000 | 7,000 | 13,000 | 0,578 | 0,776 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_2$ | 0,200 | 1,000 | 7,000 | 8,200 | 0,365 | 2,240 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | $A_3$ | 0,143 | 0,143 | 1,000 | 1,286 | 0,057 | 0,858 | 0,000 | 0,000 | 0,000 |
| | ***S*** | ***1,343*** | ***6,143*** | ***15,000*** | ***22,486*** | ***1,000*** | ***3,874*** | ***3,874*** | ***0,437*** | ***0,754*** |

***Сарчашма:** *ҳисоби муаллиф*

Ҳамин тавр вобаста бо натиҷабардории ҳисоби ҳар як алтернативаҳо нисбати категорияҳои мухталиф, ки акси он дар ҷадвалҳи 5 ва 6 оварда шудааст имконияти баҳои миёнаи ҳиссаи ҳар як алтернативаҳо, ки дар намуди зерин тавсиф мегардад ба даст меояд.

$$\begin{pmatrix} 0{,}589 & 0{,}711 & 0{,}605 & 0{,}695 & 0{,}695 & 0{,}644 & 0{,}578 \\ 0{,}329 & 0{,}228 & 0{,}283 & 0{,}251 & 0{,}251 & 0{,}308 & 0{,}365 \\ 0{,}082 & 0{,}062 & 0{,}112 & 0{,}054 & 0{,}054 & 0{,}048 & 0{,}057 \end{pmatrix} \begin{pmatrix} 0{,}212 \\ 0{,}229 \\ 0{,}219 \\ 0{,}146 \\ 0{,}087 \\ 0{,}083 \\ 0{,}024 \end{pmatrix} = \begin{pmatrix} 0{,}649 \\ 0{,}277 \\ 0{,}074 \end{pmatrix}$$

Умуман, истифодаи усулҳои иқтисодӣ-математикӣ, ҳамчун усули таҳлии матритсавии иерархӣ, имкон медиҳад, ки бо истифодаи омилҳои ташаккулдиҳандаи рақобатпазирии субъектони хоҷагидорӣ, рақобатбардошти корхонаҳои соҳаи хизмат дар соҳаи хизматрасонӣ муайян карда шавад ва ба сифати хизматрасонӣ дар соҳаи мазкур баҳои объективона гузошта шавад. Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда оиди рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи хизмат, шаҳодат аз он медиҳад, ки миёни алтернативаҳои пешниҳодгардида алтернативаи $A_1$, яъне корхонаҳои савдои чакана дар бозори истеъмолӣ, ҳамчун мағоза дар наздикии нуқтаҳои аҳолинишин рақобатпазир, мебошад, ки аз тарафи респондентҳо бо назардошти ҳамаи критерияҳои пешниҳод гардида 65 % холҳои мусбӣ ба он гузошта шуд. Маълумотҳои бадастовардаи таҳлилҳои гузаронидашуда маънои онро ифода мекунанд, ки корхонаҳои соҳаи хизмат – мағозаҳои савдои чакана аз ҳисоби нархи дастрас ба ҳамаи гурӯҳи аҳолӣ, бо назардошти сатҳи даромади он мавқеи устуворро дар бозори истеъмолӣ доро мебошад.

## Адабиёт

1. Аминов И.А. продовольственный рынок: проблема развития товарно – торгового бизнеса. Душанбе «Ирфон», 2013 – 197 с.
2. Исоков А.А. Ниёзов Дж.С. Совершенствование системы управления конкурентоспособностью предприятий розничной торговли / Р.К. Раджабов. Душанбе «Ирфон», 2019. – 175 с.
3. Саати Т.Л. Принятие решений при зависимостях и обратных связях. М.: Изд-во ЛКИ, 2007. – 357 с.
4. Фатхутдинов РА Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление / Р.А. Фатхутдинов. - М.: ИНФРА-М. - 2000. - 312 с.
5. Хлопенко О.В. Формирование конкурентоспособности сферы услуг розничной торговли – автореферат, Ростов на Дону, 2012. – 26 с.

**Расулов Т.М. н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Расули Ф.Т. - ходими илмии Муассисаи давалатии илмии «Маркази таҳқиқоти технологияҳои иновасиони» АИМТ**

Рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ бояд ба ташаккули сохторҳои дохилии муҳаррик дар корхонаҳои кишоварзӣ, муқаррар кардан ва такмили муносибатҳои иқтисодии байниҳамдигарии онҳо, байни корхонаҳои кишоварзӣ ва давлат нигаронида шуда бошад. Аз ин бармеояд, ки бе бунёди низоми идоракунии муносиб ва корбурди фаъоли усулҳо ва фишангҳои иқтисодии он пешбурди босамараи фаъолияти истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, сариваќт ошкоркунӣ ва сафарбаркунии захираҳои дохилии истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ғайриимкон аст. Сафарбаркунии захираҳои дохилӣ масъалаи мубрамтарин барои ҳама гуна корхонаи кишоварзии муосир мебошад, чунки ҳаҷмҳои воридшавии сармояи берунӣ ва кӯмакҳои мусоидаткунандаи давлатӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят кам мебошанд. Бино бар ин, ҳамагуна қарорҳои идоракунӣ ва беҳкунии омилҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолии корхона бояд ба ахбори муътамад, сариваќтӣ ва пурраи баҳисобгирии идоракунӣ такя намоянд. Дар шароити муосири рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ раванди идоракунии корхонаҳои соҳа, ки ҳам аз ҷиҳати хоҷагӣ ва ҳам аз ҷиҳати молиявӣ мустақил мебошанд, мураккаб гардидааст.

Идоракунии босамараи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ рӯз аз рӯз бештар аз иттилоотнокии роҳбарони корхона ва воҳидҳои сохтории он вобастагӣ пайдо мекунад. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони умумиҷаҳонии савдо, шиддатёбии зуҳуроти буҳронӣ дар солҳои охир, пурзӯршавии рақобат дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ зарурати бозбинии муносибатҳои иқтисодии байни субъектҳои соҳибкорӣ, низоми идоракунии хоҷагии кишоварзӣ ва беҳкунии сифати иҷрои вазифаҳои он, инчунин усулҳои менеҷменти дохилии

корхонаҳои кишоварзиро тақозо менамояд. Ахбори фаврии зарурииро роҳбарияти корхона дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ба даст оварда метавонад. Самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бештар аз сатҳи масрафҳо ва арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста мебошад. Ахбор оид ба масрафҳо ва арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ бунёд гардида, мавриди таҳлил қарор мегирад, ки натиҷаҳои он асоси қабули қарорҳои идоракунӣ мебошанд. Сифат, фавригӣ ва мубрамии ахбор оид ба масрафҳо ва арзиши аслии маҳсулот кафолати асоснокии қарорҳои идоракунӣ ва пастшавии хавфи хатоҳо дар идоракунии фаъолияти иқтисодии корхона мегардад.

Зарурати ҷамъоварии ахбор оид ба масрафҳо тақозо менамояд, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми баҳисобгирии масрафҳо бо истифода аз ғояҳо, усулҳо ва методикаҳои гуногун бунёд карда шавад, то ки ахбори барои таҳлили вазъи масрафҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ ба талаботи ба он пешниҳодшаванда мувофиқ бошад. Дар солҳои охир ахбори иқтисодӣ оид ба масрафҳои истеҳсоли маҳсулот чун асоси равандҳои омодакунӣ, қабул ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ баррасӣ мешавад. Ин бо таъсири дар баҳисобгирии байналмилалӣ рушд намудан ва расидани баҳисобгирии масрафҳо (баҳисобгирии истеҳсолӣ) то ба доираҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба вуҷуд омадааст. Дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ вазифаҳои таҳлилӣ-беҳгардонӣ афзалиятнокиро хосаеро касб намуданд. Мураккабшавии вазифаҳои дар назди низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ истода, ки бо баҳодиҳии фаъолияти соҳибкорӣ, интихоби навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, зарурати таҳлили фаъолияти воҳидҳои алоҳидаи корхона, муқаррар намудани нархҳо, қабули қарорҳо оид ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, сиёсати сармоягузорӣ ва инноватсионӣ алоқаманд мебошад ва дигар вазифаҳои идоракунии корхона – пояи муайянкунандаи вазифаҳои мушаххаси баҳисобгирии идоракунӣ гардиданд. Дар ин маврид унсури стратегии баҳисобгирии муҳосибӣ ҷудо гардида, имкон медиҳад, то хусусиятҳои асосии баҳисобгирии идоракунии стратегӣ ва баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ дар қиёс баррасӣ карда шаванд.

Баҳисобгирии идоракунӣ низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ буда, барои таъмини эҳтиёҷоти иттилоотии менеҷмент, ки дар он иттилоот оид ба муҳити дохилӣ ва берунии корхона аҳамияти зиёд пайдо кардааст, нигаронида шудааст[8, с. 20]. Баҳисобгирии идоракунӣ ба масъалаҳои таҳлил, банақшагирӣ ва буҷанигорӣ дахл намуда, онҳоро танҳо аз диди банақшагирии дарозмуҳлат ва баҳодиҳии вазъи ҳозира баррасӣ менамояд. Ба қавли дигар, агар баҳисобгирии идоракунии ҷорӣ (фаврӣ, тактикӣ) ба масъалаҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва буҷанигорӣ машғул бошад, пас баҳисобгирии идоракунии стратегӣ масъалаҳои кам кардани масрафҳо, аниқтараш – беҳгардонии онҳоро дар давраи дарозмуҳлати стратегӣ ҳал менамояд. Дар таҳлили стратегӣ, чун дар баҳисобгирии стратегӣ, метавон усулҳои нисбатан босамараи таҳлили масрафҳоро ҷудо

намуд. Барои корхонаи кишоварзӣ марҳилаҳои таҳлили стратегии баҳисобгирии масрафҳоро метавон бо чунин пайдарпайӣ ифода намуд: бунёд намудани занҷираи арзишҳои истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста аз хусусиятҳои технологияи истеҳсолот; баҳисобгирӣ ва таҳлили масрафҳо аз рӯи марҳилаҳои даври технологии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); ошкоркунӣ ва баҳодиҳии омилҳои масрафбунёдкунанда; таҳлили усулҳо ва тарзҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); таҳлили масрафҳо барои таъмини сифати маҳсулоти кишоварзӣ (дороиҳои биологӣ); таҳлили масрафҳо барои таъмини сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; таҳлили ҳаҷмҳои фурӯш, фоида ва даромаднокии намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти коркардшаванда; таҳияи стратегияи идоракунии масрафҳо; баҳодиҳии устувории бартариҳои стратегияи таҳияшудаи идоракунии масрафҳо.

Пайдарпайии мазкур раванди мураккаберо ифода менамояд, ки бо усули занҷираи бунёдкунии арзиши маҳсулоти ниҳойии кишоварзӣ таҳия карда шудааст. Дар ин маврид ҷобаҷокунии ҷузъҳои ин занҷира дар байни истеҳсолкунандагон (иштирокчиёни раванд) зарур мебошад. Таҳлили масрафҳо пай дар пай омӯхтани онҳоро аз рӯи ҳар як зинаи занҷира дар назар дорад. Рақобатпазирии корхонаи кишоварзӣ аз босамарии идоракунии занҷираи арзишҳои ба вай тааллуқдошта муайян мегардад. Таҳлили қиёсии занҷираи арзишҳо бо ахбори рақибон имкон медиҳад, ки бартариҳо, камбудиҳо ва хавфҳои идоракунии масрафҳо ошкор ва омилҳои ба онҳо таъсиррасонанда муқаррар карда шаванд.

Ҳангоми бунёд намудани низоми баҳисобгирии масрафҳо дар шароити муосир якчанд масъалаҳои назариявӣ ва амалие ба миён меоянд, ки дарк кардан ва ҳал намудани онҳо равишщои илмии навро талаб менамояд. Низоми муосири баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ мавҷудияти ҳатмии ҷиҳатҳои ғоявӣ ва амалии худро талаб менамояд. Ҷиҳати ғоявӣ, ё ба қавли дигар, унсури появии назариявии низоми баҳисобгирии масрафҳо ин аниқ муайян намудани масрафҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки аз дигар мафҳумҳо (масалан, хароҷот, маблағгузориҳо, пардохтҳо) ҷудо карда шудааст ва имкон медиҳад, ки объекти баҳисобгирӣ ифодаи худро ёбад. Ҷиҳати амалии низоми баҳисобгирӣ ин гурӯҳбандии масрафҳо буда, унсурҳои асосии он пояи гурӯҳбандӣ, инчунин ҳаҷмҳои имконии масрафҳои барои ҳамин поя ҷудогардида мебошанд, ки минбаъд бояд ба тақсимкунӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлил гирифтор шаванд.

Маҳз дар асоси ҳамин гурӯҳбандӣ методикаи баҳисобгирии масрафҳо бунёд карда мешавад. Яке аз масъалаҳои появӣ ҳангоми таҳия, татбиқ ва корбурди низоми баҳисобгирии масрафҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ ин зарурати дар доираи як низоми ахборӣ бурдани якчанд намудҳои баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз мебошад. Мушкилӣ дар он ифода меёбад, ки намудҳои

мухталифи баҳисобгирӣ ба ҳадафҳои гуногун нигаронида шудаанд, бо санадҳои меъёрии гуногун танзим карда мешаванд, пешбурди баҳисобгирӣ давраи вақтӣ ва самтнокии гуногун дорад. Мувофиқан, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳар яке аз намудҳои баҳисобгирӣ хусусиятҳои онҳоро ба инобат гирифта, бояд гурӯҳбандии мувофиқи масрафҳо ба кор бурда шавад ва бо интихоби олоту усулҳои дахлдор методикаи баҳисобгирии масрафҳо таҳия карда шавад.

Тавре муаллифони ватанӣ қайд мекунанд, баҳисобгирии молиявӣ омодакунӣ ва пешкашкунии ахборро дар бораи натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ барои истифодабарандагони берунӣ ба ҷо меорад. Баҳисобгирии идоракунӣ ба эҳтиёҷоти менеҷерҳои худи корхона алоқаманд аст. Мақсади он – ёрдам додан ба менеҷерҳо ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият ва қабули қарорҳо дар асоси ахбори воқеӣ мебошад. Баҳисобгирии андоз – раванди аз ҷониби соҳибкор тибқи талаботи қонунгузории андоз бурдани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ бо мақсадҳои ҷамъбаст ва мураттаб кардани маълумот дар бораи объектҳои андозбандӣ ва ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, инчунин ҳисоб кардани андозҳо ва тартиб додани ҳисоботи андоз мебошад [5, с. 13].

Дар баҳисобгирии идоракунӣ ахбори пешомадбинӣ ва банақшагирӣ бунёд мегардад, ки ба таҳлили фаъолияти хоҷагидории корхона такя мекунад. Дар ин маврид асоси низоми баҳисобгирии идоракунӣ баҳисобгирии хароҷот - ғункунӣ ва гурӯҳбандии хароҷот, тақсимоти хароҷот ба объектҳои баҳисобгирӣ (воҳидҳои маҳсулот, маконҳои хароҷот) баҳисоб меравад [6, с. 8]. Ҳадафи баҳисобгирии муҳосибии масрафҳо бунёд намудани пойгоҳи ахборӣ-таҳлилии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад. Ин пойгоҳ ахбори барои ошкоркунии натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ дар давраи ҳисоботӣ, қабулкунии қарорҳо оид ба танзимкунии масрафҳо, муайянкунии арзиши аслии маҳсулоти тайёр (корҳо, хизматрасониҳо) зарурӣ, маълумот барои баҳодиҳӣ ва таҳлили натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва ноилгардии ҳадафҳои дигари идоракунии субъекти хоҷагидориро дар бар мегирад. Баҳисобгирии муҳосибии масрафҳо бояд ҳама масрафҳои бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) алоқамандро дар асоси далелҳо ба ҳисоб гирад [4, с. 397].

Методикаи барои ҳар як намуди баҳисобгирӣ қабулгардида қоидаҳо ва алгоритми баҳисобгирии ахбор оид ба масрафҳо ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро муайян менамояд. Дар ин маврид дар пойгоҳи ахбории ҳар як намуди баҳисобгирӣ метавонад нишондиҳандаи худии масрафҳои ҷамъона мавҷуд бошад, бино бар ин, арзиши аслии бо методикаи интихобгардида ҳисобкардашуда низ дорои хусусиятҳои худ мебошад. Давраҳои вақтӣ (давраи ҳисоботии мушаххас) аз баҳисобгирии молиявии масрафҳо ҳисобкунии арзиши аслии пурраи маҳсулот ва истифодаи усули баҳисобгирии воқеӣ барои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти дар давраи

ҳисоботӣ истеҳсолшуда, ҳисобкунии арзиши захираҳои истеҳсолӣ ва фоидаи дар давра гирифташударо талаб менамояд. Баҳисобгирии таҳлилӣ тибқи методикаи ҳисобкунии арзиши аслӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тавр, тибқи банди 8 НБМ 7/2001 "Хароҷоти корхонаҳо", ҳангоми бунёдшавии хароҷот аз рӯи намудҳои муқаррарии фаъолият бояд гурӯҳбандии масрафҳо аз рӯи чунин ҷузъҳо таъмин карда шавад [3]: - масрафҳои моддӣ; - масрафҳои пардохти меҳнат; - ҳиссаҷудокуниҳои иҷтимоӣ; - истеҳлок; - дигар масрафҳо. Бо мақсадҳои идоракунӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии хароҷот аз рӯи моддаҳои масрафҳо ба роҳ монда мешавад. Номгӯйи моддаҳои масрафҳоро корхонаи кишоварзӣ худ мустақилона муқаррар менамояд. Дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ахбор оид ба масрафҳои ифодакунандаи арзиши аслии муҳосибӣ дар асоси қоидаҳо ва талаботи қонунгузории муҳосибӣ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) бунёд мегардад. Баҳисобгирии андоз ҳадафҳои ҳисобкунии андозҳои дар давраи муайян пардохтшавандаро пайгирӣ менамояд. Дар ин маврид пешбурди баҳисобгирии андоз қатъиян танзим карда мешавад. Ҷиҳати баҳисобгирии масрафҳо танзимкунӣ тибқи муқаррароти боби 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда шуда, барои баҳисобгирии масрафҳои воқеӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии пурраи маҳсулот номгӯйи қатъиян муайянгардидаи моддаҳои масрафҳо муқаррар карда шудааст [1].

Номгӯйи моддаҳои масрафҳоро, ки ҳангоми ҳисобкунии андоз аз фоида баҳисоб гирифта мешаванд, моддаҳои 111-124 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд. Яъне дар масъалаи ташкили баҳисобгирии таҳлилӣ дар корхона бояд муқаррароти меъёрҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъиян риоя шаванд. Ҳамин тавр, дар низоми баҳисобгирии андоз арзиши аслии андозӣ бунёд мешавад, ки ба методикаи баҳисобгирии масрафҳои тибқи талаботи қонунгузории андоз таҳиягардида асос меёбад. Дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии андоз, баҳисобгирии идоракунӣ метавонад ҳадафҳои зиёдеро пайгирӣ намояд, ки дастаи онҳо аз талаботи ахбории менеҷменти корхона муайян мешавад. Ин гуна ҳадафҳо, масалан, инҳо мебошанд: идоракунии масрафҳо, таҳлили масрафҳо, назорати сатҳи масрафҳо, қабули қарорҳои идоракунӣ, ҳисобкунии арзиши аслии намудҳои алоҳидаи фаъолият. Бино бар ин, дар баҳисобгирии идоракунӣ олоти гуногун ба кор бурда мешаванд, чун усулҳои меъёрӣ ва воқеии баҳисобгирии масрафҳо, ҳисобкунии арзиши аслии нисбатан аниқтар дар асоси баҳисобгирии таҳлилии васеъ ва тақсимкунии сабабӣ-оқибатии масрафҳо, ҳисобкунии арзиши аслии пурра ва нопурра, муфассалкунии маконҳои истеъмоли сарватҳо, инчунин корбурди якчанд методикаҳои якҷоя амалкунандаи баҳисобгирии масрафҳо, ки ба масъалаҳои гуногун нигаронида шудаанд. Вобаста ба ин метавон тасдиқ намуд, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ намуди сеюми арзиши аслӣ – арзиши аслии идоракунӣ бунёд мегардад.

Ҳоло санади меъёрии амалкунанда, ки тартиби бунёдшавии арзиши аслии маҳсулотро муайян мекунад, “Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” [2] мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 1999, № 210 тасдиқ шудааст. Аммо, санади меъёрии мазкур ба талаботи муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва СБҲМ ҷавобгӯ нест. Бино бар ин, аз ҷониби Вазорати молияви Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо доир ба таҳиясозии лоиҳаи санади меъёрии нав – “Низомнома оид ба таркиби масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), ки ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) зам карда мешаванд, ва тартиби бунёдшавии натиҷаҳои молиявии ҳангоми андозбандии фоида баҳисобгирифташаванда” бурда мешаванд. Муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) асос барои баҳодиҳии натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона мебошад.

Ҳуҷҷати таҳияшаванда бояд пояҳои методологии ягонаи муайянкунии масрафҳои ба арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) замшаванда ва тартиби бунёдшавии натиҷаҳои молиявии субъектҳои хоҷагидоиро муқаррар намояд. Вай таснифи масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), номгӯйи масрафҳои бо фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхонаҳо алоқаманд, номгӯй ва тартиби бунёдшавии натиҷаҳои молиявиро дар бар мегирад. Корхонаҳои кишоварзӣ ҳамзамон баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ, баҳисобгирии андоз ва баҳисобгирии идоракунии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро мебаранд. Баҳисобгирии молиявӣ дар асоси низомномаҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ ё СБҲМ, баҳисобгирии андоз – дар асоси муқаррароти бобҳои 8 ва 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бурда мешавад.

Баҳисобгирии идоракунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда намешавад, вай дар асоси қоида ва стандартҳои муқаррарнамудаи худи корхонаҳо бурда мешавад. Ҳангоми пешбурди баҳисобгирии молиявӣ корхонаҳои кишоварзӣ мувофиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва нишондодҳои методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳо амал менамоянд. Онҳо барои ҳадафҳои пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ метавонанд ҳисобҳои баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот – ҳисобҳои арзишҳисобкунӣ кушоянд. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои махсуси феҳристҳои таҳлилии баҳисобгирии андозро муқаррар накардааст. Аз ин хотир корхонаҳо метавонанд ин феҳристҳоро худ мустақилона таҳия намуда, шаклҳо ва тартиби бо маълумот пуркунии онҳоро дар замимаҳо бар сиёсати баҳисобгирии худ муқаррар намоянд [7, с. 15].

Бо баинобатгирии хусусиятҳои ҳайат ва баҳисобгирии масрафҳо дар соҳаи кишоварзӣ Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корхонаҳои кишоварзӣ дастурамали соҳавӣ оид ба

баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзиро таҳия менамояд. Дар асоси дастурамали мазкур корхонаҳои кишоварзӣ дар баҳисобгирии муҳосибии худ баҳисобгирии хароҷотро бо ҷузъҳои иқтисодӣ ва моддаҳои масрафҳо ба роҳ мемонанд, низомномаҳо, дастурамалҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ташкилӣамрдиҳандаи дохилии барои ташкили муносиби баҳисобгирии масрафҳои истеҳсол ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот заруриро таҳия менамоянд. Қоидаҳои мушаххаси ҳисобкунии арзиши аслии воқеиро ҳар як корхонаи кишоварзӣ дар сиёсати баҳисобгирии худ нишон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. - http://andoz.tj
2. Низомнома оид ба ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - http://minfin.tj
3. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибии “Хароҷоти корхонаҳо” НБМ 7/2001. - http://minfin.tj
4. Каримов Б.Ҳ., Ойев Н.А., Бобиев И.А., Шоймардонов С.Қ. Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбее: Ирфон, 2016. – 550 с.
5. Қодирова Г.Т., Қаюмова Ф.А., Акрамова Ҳ.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2017. - 252 с.
6. Ойев Н.А., Шоймардонов С.Қ., Каримов Б.Ҳ., Бухориев С.М. Баҳисобгирии андоз. Васоити таълимӣ. – Душанбе, ДСХ, 2016. – 316 с.
7. Сацук, Т.П., Журавлева, О.А. Логическая модель стратегического управленческого учета [Текст] / Т.П. Сацук, О.А. Журавлева // Международный бухгалтерский учет. - 2012. - № 27 (225). - С. 19-22
8. Шобеков М. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ. / М. Шобеков– Душанбе: Ирфон, 2018. – 342 с.


## РОЛЬ КОНТРОЛЯ В УПРАВЛЕНИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ТУРИСТСКИХ ПРЕДПРИЯТИЙ

**Рахимов С.Х. – к.э.н., доцент МУТПТ**

На современном этапе развития экономики страны повышается внимание к отраслевым проблемам формирования, функционирования, развития и усовершенствования механизмов эффективного процесса управления, что, в свою очередь, требует использования контроля как одной из главных функций менеджмента в общем развитии экономики страны, так и отдельного предприятия.

В экономической литературе проблемы управления рассматриваются как важная составляющая социально-экономического развития государства. Изучая вклад научных работников в развитие теоретико-методологических основ процесса управления, необходимо отметить, что в результате ряда исследований разработаны предложения по формированию концепций и механизмов управления не только народнохозяйственным комплексом, но и предприятием или организацией в частности. При этом немаловажная роль отводится контролю как одной из основных функций управления.

В рамках развития управления необходимо исследование проблем информационного обеспечения управления и развития его контрольного механизма, изучение сущности контроля и управленческого учета, их роли как функций управления и обеспечения эффективности функционирования всего механизма менеджмента.

Некоторые ученые [1] определяют контроль «как процесс наблюдения и проверки производственной и финансово-хозяйственной деятельности предприятий, осуществляемый соответствующими субъектами управления с целью выявления отклонений от установленных параметров этой деятельности, устранения и предупреждения негативных явлений и тенденций». Другие [2] рассматривают его как «управленческую деятельность, задачей которой является количественная и качественная оценка и учет результатов работы организации»; или «является заключительным этапом управленческого цикла и началом нового цикла, осуществляет сравнение конечных результатов и всего процесса функционирования и управляющей системы с заданными параметрами, целями и ограничениями» [3]. Следовательно, ряд ученых считает, что контроль постоянный и непрерывный во время всей деятельности, а другие – что он ограничен и проводится на завершающем этапе деятельности.

Посредством контроля, как правило, выявляются погрешности в действиях определенных функций управления: контроль является выражением функций учета и анализа, а также обнаруживает и устраняет ошибки в действиях всех функций управления – планирования, учета, анализа и регулирования.

Контроль определяется как отклонение полученных значений от нормативных и при необходимости существует возможность корректировки. Было бы неправомерно ограничивать контроль только выявлением нарушений. Контроль не должен быть направлен на поиск нарушений; функция контроля не должна обращаться в следственную или поисковую. Необходимо помнить, что контроль имеет значение не только для осуждения, но также и для одобрения. И если контроль уклоняется в сторону одного лишь обнаружения нарушения, то потеряет всякое значение другая, не менее важная сторона его деятельности. Ведь цель контроля – не регистрировать отрицательное, а предупреждать его [4, с. 124].

Понятие "контроль" И.В. Бойко [2, с. 63] определяет как систему наблюдений и проверки процесса функционирования и фактического состояния управляемого объекта с целью оценки обоснованности и эффективности принятых управленческих решений и результатов их выполнения, выявления отклонений от этих решений, устранения неблагоприятных явлений и сигнализации о них, при необходи-

мости, компетентным. органом. Согласно этому определению контроль призван не только осуществлять проверку функционирования объектов управления, но и, что очень важно, дать оценку целесообразности и эффективности управленческих решений.

Контроль в системе управления обеспечивает получение информации о соответствии фактического положения дел уровня, предусмотренного планами и другими решениями. Контроль является непрерывным процессом, который идет от начала до конца управленческого решения – его особенность. Его основное содержание заключается, во-первых, в предупреждении незаконных и неэкономических с точки зрения интересов общества хозяйственных операций на начальной стадии принятия управленческого решения; во-вторых, в выявлении нарушений нормального хода хозяйственной деятельности и установлении их причин; в-третьих, в обобщении передового опыта хозяйственной деятельности [3, с. 8-9]. Таким образом, целью контроля является выявление негативных тенденций и их исправление к моменту наступления.

Сфера действия контроля распространяется по всем сторонам многогранной производственно-хозяйственной деятельности организации. Функция контроля осуществляется только при обратной связи, то есть получение информации для его осуществления. Его информация должна быть оперативной, своевременной, понятной персоналу управления. В процессе управленческого решения мы используем разную информацию. К этой информации можно отнести отчетные, учетные, плановые и статистические данные. Вся эта информация является важной частью при корректировке управленческих решений при выполнении всех функций.

Главное место занимает вопрос о связях этой функции с другими функциями процесса управления. В связи с контроль-бюджетированием есть процесс согласованности поставленных целей деятельности предприятия и процесса контроля их выполнения, как следствие - результатов. За этой связью контроль должен проводиться постоянно. Характерной особенностью планирования на современном этапе должна стать активизация контроля.

В экономической литературе отсутствует и единственная точка зрения о месте учета в системе управления. В одних работах учет назван в числе функций управления, но в работе учет отнесен не к общим функциям управления, как, например, контроль, а к специфическим.

Согласно вышеизложенному, мы заключаем, что ученые отождествляют метод контроля и его формы. А на практике это не так, в конкретном случае мы можем использовать разные формы одного метода контроля.

Проблемой функции учета в процессе управления есть контроль качества. Она не может контролировать его, а может контролировать только количество или количественные показатели. Контроль же предполагает получение не только количественной, но и качественной информации. Контроль - поставщик и количественной, и качественной информации, в то время как учет дает преимущественно количественную информацию.

Будучи функциями управления, бухгалтерский учет и контроль тесновато взаимодействуют. Их взаимосвязь позволяет упростить бухгалтерский учет. Контроль сопровождает бухгалтерский учет на всех стадиях учета. Все же задачи, стоящие перед контролем, более обширны, чем функции, выполняемые бухгалтерским учетом. Исторический опыт развития учета и контроля в нашей стране убедительно доказывает, что задачи и функции, формы организации и методы осуществления этих важнейших звеньев системы напрямую связаны с теми конкретно-историческими задачами, которые стоят перед обществом на каждом этапе его развития.

Система учета и контроля – это сложная система контролирующих органов, выполняющих учетно-контрольные функции и взаимосвязанных как базисными экономическими, так и управленческими отношениями по поводу общественного воспроизводства. Единство функций учета и контроля позволяет решить основную задачу предприятия как системы.

Рассматривая функции учетно-контрольной системы, отмечает, что традиционная функция – своевременное обеспечение управленческого органа достоверной информацией об объекте управления. Сегодня эта функция дает возможность получать информацию не только менеджерам предприятия, но и всему обществу. Эта функция обычно называется учетной, но не менее правомерно называть ее информационной. Последний термин, на наш взгляд, более точен, поскольку в сущности явления лежит обеспечение общества и управляющего звена учетной информацией, которая может возникать в ходе не только учетной, но и контрольной деятельности.

Следующей функцией предприятия как системы является контрольная функция. С ее помощью менеджеры проверяют отклонения, находят причины отклонений, а затем соответствующее решение о возвращении отклонения в нормальное состояние. Затем следует аналитическая функция, суть которой состоит в том, что цель данной системы не может быть достигнута только в результате выполнения информационной и контрольной функции. Необходимо не просто обрабатывать учетные данные и отклонения от планируемого состояния, но и обосновывать причинно-следственные связи в экономических явлениях. Задача этой функции важна и направлена на повышение эффективности производства, и как следствие устранения факторов, сдерживающих развитие. Однако ее практическое исполнение очень усложнено перечнем факторов, а именно перегруженностью входящей информации; недостаточной квалификацией подготовленности персонала, выполняющего экономический анализ; четкие рамки аналитической работы в должностных инструкциях; некачественное выполнение аналитической работы и т.д.

При выполнении функции учета и контроля проявляется следующая функция – регулятивная. Данная функция выражается в непосредственном влиянии учетно-контрольной системы на производство, то есть в его регулировании. Предыдущие же функции являются связующим звеном между объектом и субъектом управления. Существование данной функции обсуждается рядом профессионалов. Так, в работе, посвященной проблемам управления обществом, такие категории

персонала, как ревизоры, бухгалтеры, статистики отнесены к группе работников, не принимающих управленческих решений, а, следовательно, и не имеющих возможности непосредственного влияния на производственные и управленческие процессы [5].

Наличие регулятивной функции, в сущности, подтверждается и в некоторых работах ученых-правоведов. В ряде контрольных органов есть полномочия давать подконтрольным органам указания по устранению недостатков, а также непосредственно применять меры государственного принуждения. По этим причинам данную функцию правильнее отнести к другой группе функций системы учета и контроля – специальной. Особенностью функций является то, что их деятельность не оказывает влияния прямо на конечный результат, а влияет на эффективность.

Специальной функцией следует считать также стимулирующую функцию. Суть этой функции состоит в том, что хорошо отлаженный учет и контроль не только фиксируют степень рациональности использования материальных или иных ресурсов, но и побуждают к экономному и бережному их использованию.

Среди дополнительных функций системы следует выделить воспитательную. Она проявляется во многих аспектах. Совершенствование учета и контроля приводит к воспитанию у работников сознательного отношения к трудовой и производственной дисциплине, экономному и рациональному использованию материалов, электроэнергии и т.д.

Таким образом, функция учета очень важна. Она включает в себя отображение контролируемых операций с помощью натуральных показателей или их денежного эквивалента. Современное состояние развития процесса управления характеризуется целым рядом трансформационных изменений, что в свою очередь требует более комплексного и всестороннего использования контроля как функции управления. Сложившаяся система контроля в настоящее время, в связи с расширением задач управления, оказывается недостаточной, а потому важной задачей контроля является анализ экономической эффективности деятельности предприятия.

**Литература:**

1. Бочаров С.А. Основы бизнеса / Бочаров С.А., Иванов А.А., Олейников С.Я. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – 447 с.

2. Бойко И.В. Инновационное развитие государств-учасников СНГ в контексте глобальных вызовов / И.В. Бойко // Сб. материалов XII междунар. науч.-практ. конф. “Проблемы и перспективы инновационного развития экономики”. – К.: СПД Цудзинович Т.И., 2008. – С. 63.

3. Волков Е.И. Инновационное развитие промышленности Украины: учеб. пособие. / О.И. Волков, М.П. Денисенко, А.П. Гречан; под ред. О.И. Волков, М.П. Денисенко. – К.: КНТ, 2006. – 124 с.

4. Козаченко Г. В. Управление затратами предприятия: монография / Г. В. Козаченко, Ю. С. Погорелов, Л. Ю. Хлапенов. – Киев: Либра, 2007. – 320 с.

5. Латфуллин Г. Р. Теория организации / Г. Р. Ланфуллин. – 2-е изд.,– М. : Госстатиздат, 1998. – 488 с.

6. Лукомский Я. И. Теория корреляции и ее применение к анализу производства / Я. И. Лукомский. – М. : Госстатиздат, 1958. – 388 с.

## ТАШАККУЛИ ЗЕРСОХТОРИ БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ ОЗУҚАВОРӢ

**Валиев Н.Ш. – н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Зарифзода З.К. - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Зерсохтори бозори озуқаворechii минтақа низомҳои гуногунро дар бар мегаирад, ки ба истеҳсол, тақсим ва истеъмоли озуқаворӣ дар як минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ мусоидат мекунанд. Дар замони муосир зерсохтор аз шабакаҳои нақлиёту анборҳо то бозорҳо ва чаҳорчӯби меъёрӣ муносибатҳои иқтисодиро байни субъектҳои гуногуни занҷири таъминоти озуқаворӣ, аз ҷумла деҳқонон, дистрибюторҳо, фурӯшандагон ва истеъмолкунандагон дар бар мегирад.

Дар асл зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақавӣ ҳамчун пояи иқтисодиёти маҳаллӣ хизмат мекунад, ки захираҳо ва хизматрасониҳои заруриро таъмин менамояд, ки истеҳсолот ва савдои кишоварзиро дастгирӣ мекунанд. Бо сармоягузорӣ ба зерсохтори нақлиётӣ, аз қабили роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва сардхонаҳо, ҳукуматҳо ва ҷонибҳои манфиатдори хусусӣ метавонанд самаранокии тақсимоти озуқаворӣ ва кам кардани хароҷоти нақлиётро беҳтар созанд ва ба ин васила рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ва тавсеаи дастрасии бозорро афзоиш диҳанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, инфрасохтори бозори минтақавии озуқаворӣ на танҳо осон кардани муомилот аст, он инчунин дар бораи эҷоди арзиш ва мусоидат ба рушди иқтисодӣ дар дохили ҷомеаи маҳаллӣ мебошад. Бозорҳои минтақавии озуқаворӣ тавассути дастгирии кишоварзии хурд, мусоидат ба соҳибкорӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, ба диверсификатсия ва устувории иқтисодиёти деҳот, коҳиш додани вобастагӣ аз бозорҳои беруна ва баланд бардоштани шукуфоӣ ва некӯаҳволии умумии ҷомеа мусоидат мекунанд.

Зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақавӣ як системаи бисёрҷанбаест, ки унсурҳои гуногуни аслӣ, ташкилӣ ва танзимиро дар бар мегирад, ки ҳамаи онҳо муносибатҳои иқтисодӣ ва натиҷаҳои иқтисоди маҳаллии озуқавориро ташаккул медиҳанд.

Фаъолияти бозори озуқаворӣи минтақа барои таъмини зерсохтори дахлдор, яъне қисмҳои таркибии он, ки хусусияти тобеъ, ёрирасон доранд ва фаъолияти муқаррарии низоми бозорро дар маҷмӯъ таъмин мекунанд, пешбинӣ шудааст. Маҳз мавҷудияти зерсохтори пешрафтаи бозори озуқаворӣ яке аз омилҳои асосии таъмини вокуниши чандир ба сигналҳои истеъмол ва талабот мебошад. Он як шарти воқеии ташаккули муносибатҳои муштараки иқтисодӣ мебошад, ки занҷири ҳамоҳангро дар зинаи такрористеҳсол (истеҳсолот – тақсимот – мубодила – истеъмол) бавуҷуд меорад.

Дар шароти муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ аз ҷанбаи таърихию мантиқӣ қисми ҷудонопазири тамоми шаклҳои хоҷагидории бозорӣ ва ба тамоми моделҳои хоҷагидорӣ, минҷумла ба рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ки дар он ташаккул ва рушди инфрасохтори бозор амалӣ карда мешавад, хос мебошад. Дар шароити муосир инфрасохтор ҳамчун зернизоми муносибатҳои иқтисодӣ ва намудҳои замонавии ташкили он вобаста ба рушди таърихии истеҳсолию тиҷоратӣ ва пайдоиши шпклҳои гуногуи кишоварзӣ ташаккул ёфтааст. Дар доираи гуфтаҳои боло омӯзишу баррасии зерсохтори бозори минтақавии озуқавориро вобаста ба соҳаи фаъолият, хусусияту тафовутҳои боззорро баррасӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Сиёсати аграрӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ бояд ба «кӯмак ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзии ватанӣ бо истифода аз стратегияи протексионизми аграрӣ» равона карда шавад. [1. С. 67]

Ташаккули зерсохтори муосири бозори минтақавии озуқаворӣ ва фаъолияти самараноки он бо таносуби муайяну аниқи миқдорю сифатӣ хос мебошад. Дар раванди амаликунии зерсохтори бозори озуқаворӣ масъалаи такомул додани таносубҳои микторӣ ва сифатӣ аз назари ҳаллу фасли масълаҳои амалӣ аҳамияти бузургро соҳиб мебошад. Омӯзишу баррасии тамоюлҳои тағйирёбӣ ва роҳҳои рушди онҳо дар оянда, инчунин таҳлил ва банақшагирии пурраи таъминоти озуқаворӣ ва тағйироти сохтории он дар бозори озуқавории минтақа шарти муҳими истифодаи дурусту самараноки иқтидори агросаноатии минтақа ба ҳисоб меравад.

Айни ҳол, «дар ҷумҳуриҳои аз ҷиҳати иқтисоди бозорӣ пешрафта истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои асоситарини суботи сиёсӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, нишондиҳандаи истиқлолияти миллӣ мебошад ва аз ин ҷиҳат истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба таври мувофиқ баррасӣ мегардад». [1. С. 86]

Дар замони муосир яке аз қисматҳои асосии бозори минтақавии озуқаворӣ ин фаъолияти самараноки он ба шумор меравад. Фаъолияти самароанки бозори озуқаворӣ бо маҷмуи нишонаҳое алоқаманд мебошад, ки онҳо метавонанд таъсири бевосита ва ё ғайримустақим ба фаъолияти субъектҳои бозор расонда тавонанд. Яке аз қисмҳои асосию муҳими бозор, ки бе вуҷуд доштани он фаъолияти бозор хеле мушкил ва нуқсондор ба ҳисоб меравад, инчунин фаъолияти он муташаккил ба роҳ монда намешавад, ин зерсохтори бозори озуқаворӣ ба шумор меравад.

Ҳадафи асосии инфрасохтор аз амалигардонии нақши миёнарав барои дастрас кардани хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ, тиҷоратию маркетингӣ, логистикӣ, инчунин ёри расондан дар ҳамлу нақли маҳсулот, нигоҳдорӣ ва бастабандии маҳсулот иборат мебошад. Мақсади зерсохтори бозор аз шароит ва ниёзҳои мушаххаси иқтисодиёт ё соҳаҳои воқеии он вобаста аст. Умуман, зерсохтори бозор ба таъмини фаъолияти самараноки муносибатҳои бозорӣ, фароҳам овардани шароит барои рақобат, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва инноватсия, ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни бозор нигаронида шудааст. Дар расми 3.1 ҳадафҳои асосии зерсохтори бозор нишон дода шудааст.




**Расми 3.1. Ҳадафҳои асосии зерсохтори бозор дар шароити иқтисоди инноватсионӣ (Сарчашма: таҳияи муаллиф)**

Дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ зерсохтори самараноки бозор дар рушди устувори иқтисодӣ нақши муҳим дорад.

Мақсади зерсохтори бозори озуқаворӣ таъмин намудани заминаи бунёдӣ ва иншооти зарурӣ барои фаъолияти самараноки он мебошад. Зерсохтори бозори озуқаворӣ як қатор унсурҳои муҳим, институтсионалӣ ва технологиро дар бар мегирад, ки мубодилаи молҳо, хизматҳо ва воситаҳои молиявиро дастгирӣ мекунанд.

Бояд қайд намоям, ки зерсохтори бозори озуқаворӣ платформаҳои заруриро, аз қабили биржаҳои молӣ ва маконҳои тиҷоратӣ фароҳам меорад, ки дар он харидорон ва фурӯшандагон метавонанд барои тиҷорати маҳсулотҳо ё дигар дороиҳо якҷоя шаванд, инчунин он шаффофиятро тавассути паҳн кардани иттилооти саривақтӣ ва дақиқ дар бораи нархҳо, ҳаҷми савдо ва дигар маълумоти дахлдори бозор мусоидат мекунад. Ин шаффофият ба иштирокчиёни бозор кӯмак мекунад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд ва эътимодро ба бозори минтақавии озуқаворӣ афзоиш диҳанд. Зерсохтори бозори озуқаворӣ ба раванди кашфи нархҳо мусоидат мекунад, ки тавассути он таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод нархи одилонаи бозории маҳсулоти озуқаро муайян мекунад. Кашфи нарх барои тақсимоти самараноки захираҳо ва идоракунии хавфҳо муҳим аст.

Дар баробари гуфтаҳои боло ҳаминро бояд хотирнишон кунам, ки зерсохтори бозори озуқаворӣ дар посух ба пешрафтҳои технологӣ ва пешрафтҳои бозор таҳаввул меёбад, ки инноватсияро дар платформаҳои савдо, низомҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хизматрасонии маълумот дар бозор дастгирӣ мекунад.

Навоварӣ самаранокии бозори озуқаворӣ, дастрасӣ ва устувории онро афзоиш медиҳад.

Ба андешаи мо, мақсади зерсохтори минтақавии бозори озуқаворӣ мусоидат ба тақсимоти самаранок, маркетинг ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ дар як минтақаи мушаххаси ҷуғрофӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки зерсохтори минтақавии бозори озуқаворӣ барои таъмини боэътимоди озуқа барои қонеъ кардани ниёзҳои озуқавории ҷамоатҳои маҳаллӣ кӯмак мекунад. Бо мусоидат ба интиқоли озуқа аз истеҳсолкунандагон ба истеъмолкунандагон дар дохили минтақа, он вобастагӣ аз манбаъҳои берунаро коҳиш медиҳад ва амнияти озуқаворӣ, бахусус дар замони бӯҳрон ё халалдор шудани занҷирҳои ҷаҳонии таъминотро тақвият медиҳад.

Яке аз қисматҳои муҳими ташаккули инфрасотор ин дастгирии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ба деҳқонон, кишоварзон ва истеҳсолкунандагони маҳаллӣ имкон медиҳад, ки ба бозорҳо ва дигар қисматҳои тақсимоти маҳсулоти худ дастрас бошанд. Ин имконпазирии амалиёти кишоварзии хурд ва оилавиро дастгирӣ мекунад, ба некӯаҳволии деҳот мусоидат мекунад ва таҷрибаҳои анъанавии кишоварзиро нигоҳ медорад. Инчунин коҳиш додани талафот ва партовҳои озуқаворӣ низ ҷузъи муҳими зерсохтори самараноки бозори озуқавории минтақавӣ маҳсуб меёбад. Воситаҳои дурусти нигоҳдорӣ, интиқол ва тақсимот ба нигоҳ доштани сифат ва тару тозаи озуқа кӯмак мекунанд ва ба ин васила талафотро дар занҷири таъминот коҳиш медиҳанд.

Ба андешаи мо ташаккули зерсохтори бозор бевосита ба рушди иқтисодии вилоят таъсири бевоситаи худро мерасонад. Мусоидат ба рушди иқтисодӣ ин тавассути фароҳам овардани имкониятҳои шуғл дар бахшҳои истеҳсоли озуқаворӣ, коркард, нақлиёт ва савдои чакана мусоидат мекунад. Зерсохтори бозори озуқавории минтақа инчунин ба фаъолияти иқтисодии маҳаллӣ тавассути ҳавасманд кардани хароҷоти истеъмолӣ дар минтақа ва дастгирии соҳаҳои марбут ба коркарди озуқа, бастабандӣ ва логистика мусоидат мекунад. Дар баробари ин зерсохтори минтақавии бозори озуқаворӣ дастрасии бозорро ҳам барои истеҳсолкунандагон ва ҳам истеъмолкунандагон тавассути таъсиси бозорҳо, бозорҳои яклухт, бозорҳои деҳқонӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ, ки онҳо метавонанд ҳамкорӣ ва табодули мол кунанд, беҳтар мекунад. Ин самаранокии бозор, кашфи нарх ва шаффофияти бозорро афзоиш дода, ба ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор манфиат меорад.

Ба андешаи мо, мақсади асосии зерсохтори бозори озуқавории минтақавӣ ин эҷоди як низоми устувор ва фарогири озуқаворӣ мебошад, ки ба воситаи он талаботи аҳолии маҳаллӣ қонеъ гардида, рушди иқтисодиии вилоятро дастгирӣ карда ва ба некӯаҳволии аҳолии минтақа ва муҳити зист мусоидат мекунад. Инчунин, мақсади дигари он фароҳам овардани муҳити хуб фаъолияткунанда ва танзимшаванда мебошад, ки ба бозорҳои одилона, муассир ва ботартиб мусоидат мекунад, ки барои рушди иқтисодӣ ва шукуфоӣ муҳиманд.

Дар умум, бояд ҳаминро зикр намуд, ки дар инфрасохтори бозори озуқаворӣ нигоҳ доштани ҳамаи системаи озуқаворӣ шарти муҳим мебошад, барои он ки

метавонад ҳар як ҷузъи низом вазифаҳои зерсохторро вобаста ба ҳолат амалӣ намояд.

Вобаста ба истилоҳи дигар, «инфрасохтор ҷамъи бахшҳои хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад, ки ба соҳаи муомилоти мол хизмат мерасонанд, аз қабили, ба истифода додани роҳҳо, каналҳои тақсими маҳсулот, пулҳо, аэродромҳо, анборҳо ва сардхонаҳо, таъмини қувваи барқ, нақлиёт, алоқа, маориф, таъминоти иттилоотӣ, илм, тандурустӣ ва ғайра». [3. С. 56].

Вобаста ба омӯзиши адабиётҳои соҳавии иқтисодӣ - «зерсохтори бозор ин маҷмуи шаклҳои фаъолият мебошад, ки барои хизмат намудан ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо ҳадафи муҳайё сохтани шароит барои амалӣ кардани фаъолияти анъанавию муқаррарии соҳаҳои болозикр» баррасӣ мегардад [5. С. 13]. Ба андешаи мо, хусусиятҳои умумии тарифҳои дар боло пешниҳодгардида дар он зоҳир карда мешавапд, ки барои амалӣ кардани фаъолияти муқарарӣ, новобаста аз он ки субъектҳои иқтисодиёт дар кодом шароити иқтисодӣ кор менамоянд, зерсохтор шароит муҳайё месозад.

Бояд ҳаминро зикр намуд, ки дар миқиёси кишвар ва минтақаҳои он зерсохтори бозори озуқаворӣ вобаста ба таносубҳои гуногуни миқдорӣ ва сифатӣ тавсиф мегарданд. Аз нуқтаи назари ҳалли масъалаҳои амалӣ такмил ва танзими доимии таносубҳои мазкур дорои аҳамияти калон мебошад, зеро тағйироти сохторӣ дар шуғл ва банақшагирии пурраю саривақтии он, инчунин омӯзишу баррасии самтҳои дар оянда тағйирёбандаи онҳо шарти муҳими ташаккул, тақсим ва истифодаи оқилонаю самаранокӣ захираҳои меҳнадӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи рушди муносибатҳои бозорӣ нақши зерсохтори бозори озуқаворӣ вобаста ба муҳайё сохтани шароитҳои зарурии равандҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот дар минтақа тағйир меёбад. Вобаста ба имкониятҳои мавҷуда муҳайё сохтани муҳити мусоиди иқтисодӣ дар ҷараёни такрористеҳсоли минтақавӣ вазифаи муҳими инфрасохтор барои ташаккул ва рушди низоми бозори минтақавӣ, рушди субъектҳои хоҷагидорӣ ва муҳайё намудани шароитҳои зарурии иқтисодӣ барои таъмини алоқаҳои моддию молиявӣ ва иттилоотӣ байни субъектҳои минтақавӣ, ҳам дар сатҳи дохилиминтақа ва ҳам байниминтақа ба шумор меравaнд.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши нақш ва аҳамияти зерсохтори бозори озуқаворӣ дар баррасии қисми минтақавӣ имкон фароҳам месозад, ки ба низоми инфрасохтори таъмин намудани озуқаворӣ ва таҳқиқи мушкилоту муаммоҳои иқтидори иқтисодии он рӯй биёрем. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат яке аз сабаби асосӣ барои пайдоиш ва қисмат гардидани зерсохтори бозори озуқаворӣ ҳамчун як қисми мустақилу ҷудогонаи иқтисодиёт бавуҷуд омадааст. Зикр намудан ба марид аст, ки марҳилаҳои зерини рушди зерсохтори бозори озуқавориро қисмат намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. вобаста ба тақсими шахсӣ ва ягона ташаккули асосҳои бавуҷудоии бозори озуқаворӣ;

2. зерсохтори бозори озуқаворӣ ва пайдоишу ташаккули он бо гузтариши равобити байни субъектҳои мухталифи хоҷагидории бозор дар асоси пайдоиши элементҳои суструшдёта дар ин механизм;

3. инфрасохтори бозори озуқаворӣ ва рушди он ҳамчун қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои муосири иқтисоди бозорӣ.

Зерсохтори бозор дар иқтисодиёт маҷмуи унсурҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад, ки барои нигоҳдорӣ ва рушди равандҳои истеҳсол, мубодила ва истеъмоли молҳо ва хизматрасониҳо дар ҷомеа заруранд. Зерсохтори бозор дар таъмини тараққиёти иқтисодиёт, зиёд кардани самараи истеҳсол, баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ нақши муҳиму асосӣ мебозад.

Ҷузъҳои асосии бозори озуқавории минтақа, зерсохтори истеҳсолӣ, бозорӣ ва институтсионалӣ мебошанд. (Расми 3.2)




**Расми 3.2. - Ҷузъҳои асосии зерсохтори бозори озуқавории минтақа**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Бояд қайд намуд, ки зерсохтори бозор унсурҳои гуногунро, аз қабили роҳҳои мошингард, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, низомҳо энергетикӣ, обтаъминкунӣ ва канализатсия, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, муасс-исаҳои таълимӣ ва тандурустӣ, муассисаҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ дар бар мегирад. Зерсохтори бозор асоси фаъолияти иқтисодиёт ва умуман ҷомеа, таъмини алоқа, ҳаракати одамон ва

молҳо, дастрасӣ ба захираҳо ва хизматрасониҳо, таъмини суботи ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар қаламрави Тоҷикистон зерсохтори бозори озуқаворӣ ва ҳар як манъбаи ташаккули он бо намудҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Ин ҳолат ба сатҳи амалигардии он дар вақти пайдоиши тағйироту дигаргуниҳои бозорӣ алоқаманд мебошад. Дар ин раванд мушкилоти аз ҳама ҷиддӣ ва шадид ин ташаккули инфрасохтори институтсионалӣ ба ҳисоб меравад, барои он ки аз як шакли иқтисодиёт ба шакли дигари иқтисодиёт гузаштан, алалхусус гузаштан аз шакли идоракунии нақшавӣ-маъмурии хоҷагидорӣ ба иқтисоди бозорӣ муносибатҳои моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ, вазифаҳо ва низомҳои таъсири онҳо ба куллӣ дар иқтисодиёт дигаргун гардиданд.

Зерсохтори институтсионалии бозори минтақавии озуқаворӣ таъсиси чаҳорчӯби ташкилӣ, сиёсат ва механизмҳои танзимкунандаи барои фаъолият ва идоракунии он заруриро дар бар мегирад. Бояд зикр намуд, ки қадами асосӣ дар ташаккули зерсохтори институтсионалии бозори минтақавии озуқаворӣ асосҳои ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Таҳияи заминаи ҳуқуқӣ, ки сохтор, ҳадафҳо ва масъулияти бозори минтақавии озуқавориро муайян мекунад. Муайян кардани сохтори идоракунии бозори озуқаворӣ, аз ҷумла равандҳои қабули қарорҳо, нақшҳо ва масъулиятҳои ҷонибҳои манфиатдор ва механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият. Ин метавонад ташкили шӯрои директорон, кумитаҳои машваратӣ ё гурӯҳҳои кориро, ки ҷонибҳои манфиатдори гуногунро намояндагӣ мекунанд, аз қабили фурӯшандагон, истеъмолкунандагон, ҳукумати маҳаллӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад.

Бояд гуфт, ки бо таъсиси зерсохтори мустаҳками институтсионалӣ, бозори минтақавии озуқаворӣ метавонад ба таври муассир мушкилот ва имкониятҳои мураккаби марбут ба пешбурди системаҳои озуқаворӣи маҳаллӣ, мусоидат ба рушди ҷомеа ва баланд бардоштани дастрасии озуқа, сифат ва устувориро ҳал кунад.

Бояд зикр намуд, ки дар замони муосир шартан зерсохтори бозори озуқавориро ба се қисмати зарурию асосӣ ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад, ки онҳо дар ҷараёни фаъолияти ҷузъҳои зерсохтор як қисм қисми дигарро пурра менамояд. Бояд зикр намуд, ки дар шароити имрӯза ташкилотҳо, муассисаҳо ва ширкатҳоро оиди амалигардонии қисматҳои зерсохтори бозор ба қисматҳои гуногун тақсим мекунанд. Агар доир ба пайдарпайии сухан намоем, ба қисмати якум он ташкилотҳо ва муассисаҳое шомил мебошанд, ки онҳо дар раванди истеҳсолу фурӯши маҳсулот бевосита иштирок намекунанад, танҳо барои истеҳсолу коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ шароитҳои зарурии техникӣ-технологӣ ва фурӯшро муҳайё месозанд. Бояд зикр кард, ки ба ин васила онҳо барои таъмини кардани фоидаи ҳадди аксар хароҷотҳои истеҳсолиро коҳиш медиҳанд.

Қисмати дигари амалигардонии раванди истеҳсолу фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ ба ташкили системае машғуланд мебошанд, ки ба амалигардонии

фаъолияти бозори озуқаворӣ ва иқтидори иқтисодии он, инчунин вобаста ба имкониятҳои мавҷудае, ки манотиқҳои гуногуни кишвар ва дар умум давлат доро мебошад, мусоидат менамояд.

Гурӯҳи дигар бо микдори бешумори иштироккунандагон, зарурати ба масофаҳои муайян интиқол додани ҳаҷми муайяни маҳсулот, зарурати захираи маҳсулоти озуқа ва имкони нигоҳ кардани онҳо, роҳҳои ташаккули унсурҳои зерсохтори бозор ва имкониятҳои рушди ҳамаҷонибаю ҳамоҳангшудаи он аниқ карда мешавад.

Таркиби зерсохтори муосири бозори озуқаворӣ тибқи самтҳои муқарарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасониҳои маишӣ» дар расми 3.3 оварда шудааст.




**Расми 3.3. - Нақшаи умумӣ ва сохтори зерсохтори бозори озуқаворӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Нақши ду омили асосӣ дар ташаккули зерсохтори бозори озуқаворӣ дар миқиёси ҷумҳурӣ, алалхусус дар вилояти Хатлон вобаста ба рушду густариши иқтисодиёт хеле муҳим мебошад. Омилҳои асосие, ки дар ташаккули зерсохтори бозор нақши зарурӣ мебозанд ин пеш аз ҳама сифати хизматрасонӣ ба тамоми даварахои истеҳсолу коркарди маҳсулот ва самаранок истифодабарии инфрасохтори таркибии он, ба мисли воситаҳои нақлиёт, афзоиш мекунад.

Зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ маъмулан ҷузъҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ба таври дастаҷамъӣ амалиёт, функсия ва муҳити бозорро дастгирӣ мекунанд. Ба ҷузъҳои асосии зерсохтори бозори озуқаворин минтақа тарҳбандӣ ва намуди зоҳирии бозор, мағозаҳо ва дуконҳо, инфрасохтори фурӯшанда, муассисаҳои нигаҳдорӣ, зерсохтори коммуналӣ, нақлиёт ва дастрасӣ, иншооти санитарӣ, зерсохтори танзимкунанда, тадбирҳои амниятӣ, хизматҳои ёрирасон, интегратсияи технологӣ, платформаҳои тиҷорати электронӣ ва ғ. дохил мешаванд. Инҳо баъзе аз ҷузъҳои асосие мебошанд, ки зерсохтори бозори озуқавории минтақавиро ташкил медиҳанд. Хусусиятҳои мушаххас вобаста ба ҷойгиршавии бозор, андоза ва ниёзҳои ҷомеае, ки ба он хизмат мерасонад, фарқ мекунанд.

Дар баробари гуфтаҳои боло бояд ҳаминро зикр намоям, ки зерсохтори бозори озуқаворӣ дар минтақа хела ҷузъҳои гуногун ва мураккаб дорад, ки дар идомаи таҳқиқот қисматҳои онро таҳлилу баррасӣ мекунем, ки дар замимаи 3 пешкаш гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки бо ҳамгироии самараноки ин ҷузъҳо, бозори минтақавии озуқаворӣ метавонанд барои фурӯшандагон ва муштариён як макони фаъол, дастрас ва ҷолиб эҷод кунанд, ба иқтисодиёти маҳаллӣ ва таҳкими робитаҳои ҷомеа тавассути ғизо ва тиҷорат мусоидат кунанд.

Омӯзишу баррасии фаъолияти бозори минтақавии озуқаворӣ дар мисоли субъектҳои вилояти Хатлон аз он далолат мекунд, ки зерсохтори он дар шакли суст танзимшаванда ва номуташаккил имрӯзҳо ба чашм мерасад. Ба ҳами иштирокчиён ва субъектҳои бозори озуқаврии минтақа низоми мукаммал ва пайдарпайи таъминоти ахборотӣ вуҷуд надорад, аз талаботи муосир ақиб мондани манбаҳои савдои яклухт, мубадал нагаштани идоракунии раванди маҳсулот ва низоми логистикии он ба ҷузъи асосии зерсохтори бозор, ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгуй набудани стандартҳои истифодашуда ва ғайра.

Дар сатҳи паст рушд кардани фаъолияти зерсохтори бозор ба зиёдшавии хароҷоти муомилот боис мегардад, дар соҳаи агросаноатӣ ҷараёни доимии такрористеҳсолотро халалдор мекунад, дар байни субъектҳои хоҷагидории бозор ихтилофро тақвият ва зиёд менамояд, сабаби коҳиш ёфтани рақобаттавонии маҳсулот мегардад, ба болоравии нархи ашёи хом ва маҳсулоти озуқаворӣ боис мегардад.

Ягон сохтори ташкилие дар вилояти Хатлон ба мушоҳида намерасад, ки маълумоти пурра ва боэътимод дар бораи ҳолати бозори озуқаврии минтақа дошта бошад, доир ба унсурҳои бозор ва тағйироти пайвастаи онҳо маълумот ҷамъовари намояд, инчунин доимо назорат кардани зерсохтор ва пайвандҳои ҷзъҳои онро ба танзим дарорад.

Дар шароити муосир дар вилояти Хатлон зерсохтори бозори озуқаворӣ ва фаъолияти пайвастаи онро бо чунин хусусиятҳо тавсиф мекунанд:

-дар самти ташаккул ва рушди зерсохтори бозори озуқаврии минтақа мавҷуд набудани захираҳои кадрӣ ва мутахассисони баландихтисос доир ба соҳаи савдо. Ин боиси он мегардад, ки дар бисёр минтақаҳои кишвар одамоне масъалаҳои бавуҷудомадаро дар самти зерсохтори бозор мавриди ҳал қарор медиҳанд, ки маълумоти зарурира дар ин самт доро намебошанд. Ин ба ҳалли муваффақонаи мушкилоти мавҷудбуда ва ташаккули зерсохтори бозори озуқаврии минтақа имкон намедиҳад;

-мавҷуд набудани барномаҳои ҳадафноки рушди зерсохтори бозори озуқаврии минтақа дар субъектҳои ноҳияҳо;

-дар бозори озуқаврии минтақа аз сабаби вуҷуд надоштани маълумоти саривақтӣ оиди ҳолати бозор, инчунин таҳқиқу омӯзишҳои рушди он ҳамкории заифи субъектҳои он ба мушоҳида мерасад.

-бояд зикр намуд, ки фишорҳои монополӣ аз ҷониби маҳдуди субъектҳои иқтисодӣ ба молтавлидкунандагон ва харидорон ба чашм мерасад, ки ин натиҷаи хусусигардонӣ мебошад;

-инфрасохтори фурӯш дар ноҳияҳои вилояти Хатлон аз сабаби дар сатҳи ночизу паст қарор доштани таъминоти маркетингӣ ғайриқаноатбахш кору фаъолият мекунад, ки дар умум ба паст гардидани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣи маҳҳалӣ боис мегардад.




**Расми 3.4. - Самтҳои рушди инноватсионии зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақа (Сарчашма: таҳияи муаллиф)**

Дар виляти Хатлон омӯзишу таҳлили зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ ва фаъолияти пайвастаи он ҳамчун низоми яклухт аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар байни субъектҳои он ҳамкорӣ нест ва ҳар кадоми онҳо талош меварзанд, ки кори худро дар алоҳидагӣ ба анҷом расонанд. Масалан, чунин тавсифро назар ба бозорҳои яклухти озуқаворӣ (БЯО) кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Пайвнди асосию муҳими инфрасохтори бозори минтақавии озуқаворӣ бозори яклухт ба ҳисоб рафта, низоми корхонаҳо, ташкилотҳо, ширкатҳое мебошад, ки

дар асоси принсипҳои бозор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, ки механизми асосии фаъолияти он ба охир расонидани чараён доир ба хариду фурӯши яклухти маводи озуқаворӣ барои қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ мебошад.

Бояд тамоми унсурҳои зерсохтори бозор дастрас ва фаъолияти пайваста дошта бошанд, зеро пайванд набудани ягон ё қисмҳои алоҳидаи зерсохтор метавонад фаъолияти субъектҳои чудогонаи он ва дар маҷмуъ ҳамаи бозори озуқавориро бисёр душвор гардонад.

Зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ ва дар умум самтҳои рушди инноватсионии он дар расми 3.4 инъикос ёфтааст.

Бозори яклухти озуқаворӣ ва ҳадафи асосии ташкили он ташаккули механизми самараноки бозорӣ аст, ки ҷараёни истеҳсолу коркарди маҳсулотро дар асоси манфиати мутақобилаи молистеҳсокунанда, фурӯшандаи яклухт ва харидори ниҳоӣ ҳавасманд мегардонад. Механизми зикргардида дар асоси танзими фурӯши ашёи хоми кишоварзӣ ва маҳсулоти озуқавории тайёр, бавуҷуд овардани равобити тиҷоратию иқтисодӣ, қонеъ кардани тақозои аҳолии ҳозира, ҷорӣ ва потенсиалӣ фаъолият мекунад. Барои ҳаллу фасл намудани мушкилотҳои дар зер овардашуда бозорҳои яклухти озуқаворӣ таъсис дода мешаванд:

-бо маҳсулоти озуқавории босифат таъмин кардани эҳтиёҷи аҳолӣ дар давоми сол ҳангоми талафоти маводҳои озуқаро кам кардан;

-таъмин намудани молтавлидкунандагони маҳсулотҳои озуқавории кишоварзӣ ба бозори рақобатпазир ва шомил гардидан ба он, инчунин барои амали кардани ҷараёни хариду фурӯш таъмин намудани ҷойи ягонаи ободу замонавии ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯӣ;

-дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баланд бардоштани самаранокии таъмин ва тақсими маҳсулоти озуқаворӣ;

-маводи озуқавории муайян ва ташаккули нархи бозории он;

-бо иттилооти объективию илмӣ таъмин кардани молистеҳсолкунандагон ва сохторҳои тиҷоратӣ доир ба тақозои аҳолӣ ва арзаи маҳсулоти озуқа;

-суръат бахшидани раванди ҳаракати маҳсулот ба харидорони ниҳоӣ ва содда гардонидани онҳо, аз ҷумла ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо.

Қисми таркибии зерсохтори бозори озуқаворӣ ташкилотҳои низоми молиявӣ - қарзӣ мебошанд, ки ба ин бахши бозори истеъмолӣ хизмат мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки мукаммал гардонидани низоми ҳисоббаробаркунӣ дар байни иштирокчиёни бозори озуқавории минтақа зарур мебошад, ки низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ бо истифода аз технологияҳои муосир васеъ истифода карда шавад, ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқавории аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим имтиёзҳои гуногун дода шуда, онҳо барои аҳолии камдаромад дастрас карда шаванд, кори терминалҳои савдо ва ғайра боз пурратар ташкил гарданд.

Маврид ба ёдовари мебошад, ки рушд ва ташаккули зерсохтори бозори минтақавии озуқаворӣ муҳайё сохтани шароитҳои муосири зерин, ба мисли корхонаҳои молтаъминкунанда: таҳия ва таъмин намудани ихтисоси ин ташкилотҳо, ки дар миқиёси кишвар ва минтақаҳои он ҳаракати маҳсулоти

озуқаро амалию таъмин менамоянд; мукаммалгардонии низоми омор, алалхусус барои бозори озуқаворӣ; барои таъмин кардани ҳаракати муомилоти пул рушди ташкилотҳои молиявию қарзӣ, таъмин намудани ратсионаликунонии ахбороти иштирокчиёни бозори озуқаворӣ, зерсохтори бозори маҳсулотҳои озуқаворӣ ва ташаккулу рушди намудҳои замонавии идоракунии он ва ғайра муҳим мебошад. Самтҳои асосии рушди зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақа дар расми 3.5 пешниҳод гардидааст.




**Расми 3.5. - Самтҳои асосии рушди зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақа**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Дар вилояти Хатлон хизматрасониҳои зерсохтори бозори озуқаворӣ аз вазифаҳои муҳимми зерин иборатанд:

-дар байни субъектҳо ва иштирокчиёни бозори озуқаворӣ муҳайё ва таъмин намудани алоқа ва ҳамкорӣ;

-аз истеҳсолот то ба истеъмолот ташкили бурда ронидани мунтазами маҳсулоти озуқа вобаста ба вазифаи механизми тақсимот;

-захираи молҳои озуқаворӣ ва таъмин намудани нигаҳдори онҳо дар анборҳо;

-таъмин кардани молистеҳсолкунандагон ва иштирокчиёни зерсохтори бозорӣ озуқаворӣ ба даромадҳои пулии муқаррарӣ;

-савдои маҳсулоти истеҳсолкардаи кишоварзӣ ва кафолати онҳо, инчунин барои корхонаҳои коркарди саноатӣ таъмин намудани захираҳои ашёи хоми зарурӣ;

-иштирокчиёни бозори озуқаворӣ ва рушди алоқаҳои тиҷоратии онҳо дар дохили минтақа ва берун аз он;

-доир ба масъалаҳои ҳолати бозори озуқаворӣ ва таъмини субъектҳои он ба ахбороти боэътимоду зарурӣ;

-расонидани ёрдам дар баимзорасонии шартномаҳо, бима, баҳисобгирии муҳосибӣ, қарздиҳӣ, ташкили нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулот;

-дастрас кардани аҳолии вилоят бо маҳсулоти озуқаворӣ ва корхонаҳои истеҳсолии вилоят бо ашёи хоми босифати кишоварзӣ.

Бояд қайд кард, ки дараҷаи рушди инфрасохтори бозори озуқаворӣи минтақа ба самаранокии истеҳсолоти агросаноатӣ алоқамандии ногусастани дорад. Дар

навбати ававал фаъолияти зерсохтори бозори озуқаворӣ бо давраи охирини истеҳсол вобастагӣ дорад, дар заминаи охирини ин занҷир бошад аз тарафи истеъмолкунандаи охирин истеъмоли маҳсулоти озуқа ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии фаъолияти ин система аз он иборат мебошад, ки бо харҷи камтарин аз молистеҳсолкунанда то ба харидори ниҳоӣ тезтар бурда расонидани маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Аз таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур хулоса намудан мумкин аст, ки дар вилояти Хатлон дар маҷмуъ ҳолати зерсохтори бозори озуқаворӣ ғайриқаноатбахш мебошад ва рушди он аз дараҷаи истеҳсоли мавҷудбудаи маҳсулот ақиб монадааст. Яке аз сабаби асосӣ барои рушди сусти инфрасохтори бозори озуқаворӣ ин суръати рушди пасти соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Самти афзалиятноки ҳавасмандгардонии андоз дастгирӣ ва мативатсияи соҳибкории хурду миёна мебошад. Рушди соҳибкории хурду миёна ба оптимизатсияи сохтори иқтисод, ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт шароитҳои мусоид ба вуҷуд меорад.

Дар баробари таҳлилу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкур бояд зикр намуд, ки таҳия ва омӯзиши паҳлуҳои нави меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, ки заминаҳои ҳуқуқию меъёрӣ ва ташкилии зербахшҳои гуногуни инфрасохтори бозори озуқаворӣ, хусусиятҳои муносибатҳои онҳо бо мақомотҳои ҷумҳуриявию маҳаллии ҳокимиятро муайян мекунад, зарур мебошад.

Хулоса, сармоягузорӣ ба рушд ва такмили зерсохтори бозори озуқаворӣи минтақавӣ барои мусоидат ба рушди иқтисодӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва пешбурди таҷрибаҳои устувори кишоварзӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зерсохтори пурқуввати бозори озуқаворӣи минтақа тавассути осон кардани ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва тақсимоти самараноки маҳсулоти кишоварзӣ метавонад талафоти пас аз ҷамъоварии ҳосилро коҳиш диҳад, дастрасии деҳқононро ба бозор афзоиш диҳад ва ба истеъмолку-нандагон як қатор вариантҳои гуногуни маҳсулоти озуқаворӣи тару тоза ва серғизо пешниҳод кунад. Илова бар ин, чунин сармоягузориҳо метавонанд ба устувории иқтисодиёти маҳаллӣ саҳм гузоранд, деҳқононро тавонманд созанд ва системаҳои озуқаро дар муқобили зарбаҳои беруна ва бӯҳронҳо мустаҳкам кунанд. Аз ин рӯ, сиёсатмадорон, сармоягузорон ва ҷонибҳои манфиатдор бояд ба сармоягузориҳои стратегӣ дар зерсохтори минтақавии бозори озуқаворӣ авлавият диҳанд, то ки иқтидори пурраи он ба пешбурди рушди фарогир ва устувори иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1. Вартанова М.Л. Продовольственная безопасность страны и пути выхода из мирового продовольственного кризиса. / Монография. - М.: ИД «БИБЛИО-ГЛОБУС», 2016.-С. 67.

2. Зарифзода З. К., Валиев Н.Ш. Омилҳои ташаккули арза ва тақозо ба маводҳои озуқаворӣ [Матн] / Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. 3 (48) – С. 56 - 65.
3. Мамедбекова М.О. Финансово-экономическое стимулирование инфраструктуры обслуживания рынка труда. / Монография. - Махачкала: Наука плюс, 2007. – С. 56.
4. Пиризода Ҷ.С., Зарифзода З.К. Бозори озуқаворӣ ҳамчун воситаи таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷалаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ и иқтисодӣ. Душанбе – 2022. - №3 (110) - С. – 112 – 121.
5. Развитие российского агропродовольственного рынка в транзитных условиях [Электр. ресурс] / Е. Серова, И. Храмова, Н. Карлова [и др.]. - М.: ИЭПП, 2001. - С. 13.
6. Сатторов И.А. Продовольственный рынок: состояние и перспективы развития в условиях формирования инновационной экономики (на примере Согдийской области Республики Таджикистан)[Текст]: дисс. кан. экон. наук, 08.00.05. Душанбе, 2021.-196 с.
7. Факеров Х.Н. Формирование и развитие рынка потребительских товаров в условиях переходной экономики. [Текст] / Х.Н.Факеров // авт. дисс. док. экон. наук: 08.00.05 / Сиб. ун-т потреб. кооп. - Новосибирск, 2004.– 32 с.

## НАҚШ ВА МУҲИМИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТИБ

**Давлатов Р.Ҷ. - н.и.п., дотсент ДБССТ**
**Батиров Б.А. - ассистенти Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ**

Технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) фарогирӣ тамоми соҳаҳои ҷомеа гардида, айни замон дар кишвар рушди ягон соҳаро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҷорӣ кардани ТИ дар тиб ба тамоми ҷанбаҳои ин соҳа, аз ташхис ва табобат то идоракунии тандурустӣ ва тадқиқот таъсири инқилобӣ расонд. ТИ бартариҳои зиёде фароҳам овард, аз ҷумла баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташхис, истифодаи сабтҳои электронии саломатӣ (EHR) ба табибон имкон медиҳад, ки ба маълумоти мукаммал ва муосир дар бораи бемор дастрасӣ дошта бошанд, ки сифати ташхисро беҳтар намуда, боиси дақиқтар ташхис мегардад. Системаҳои дастгирии қарорҳо (DSS) зеҳни сунъиро барои таҳлили тасвирҳо ва маълумоти тиббӣ истифода мебаранд ва ба табибон дар муайян кардани бемориҳо ва қабули қарорҳои беҳтари табобат кӯмак мекунанд.

Ба андешаи Кларк Э.Л. «Таҳлили маълумотҳои таҳқиқоти сершумор, бешубҳа, ТИ воситаи муфид барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ёрии тиббӣ мебошад. Аммо истифодаи онҳо ба тарбияи кадрҳои тиббӣ, ташкили сохтори ёрии бевоситаи тиббӣ ва роҳбарии он ғамхорона муносибат карданро

талаб мекунад. Фарз кардан мумкин аст, ки на худи татбиқи ТИ, ки фавт, басомади бистарӣ шуданро коҳиш медиҳад ва сифати ҳаётро беҳтар мекунад, балки тафсири мувофиқи натиҷаҳои истифода ва қабули қарорҳо (тиббӣ, ташкилӣ ва ғайра) мебошад. барои расидан ба мақсадҳои ёрии тиббӣ» [3].

Бинобар ин омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми ихтисосҳои ҷомеаи навин муҳим арзёбӣ мегардад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълими фанни информатика дар муассисаи таълимӣ ин ташаккули дониш ва малакаҳои донишҷӯён мебошад. Алалхусус, информатика айни замон на балки як фанни алоҳидаи таълимӣ аз тарафи дигар омӯзгорони фанҳои таълимӣ шинохта мешавад, балки он ҳамчун як фанни кӯмакрасон барои дигар фанҳои таълимӣ арзёбӣ карда мешавад. [1]

Телемедитсина ба духтурон имкон медихад, ки ба беморон дар масофаи дур ёрии тиббӣ расонанд, ки ин барои сокинони ноҳияҳои дурдаст махсусан муҳим аст. Ҷарроҳии роботӣ имкон медиҳад, ки амалиёти мураккабтар ва дақиқтар анҷом дода шавад, ки ин хатари мушкилотро коҳиш медиҳад ва вақти барқароршавии беморонро кӯтоҳ мекунад.

Истифодаи ТИ дар дорусозӣ имкон медиҳад, ки доруҳо ва усулҳои нави табобатро самараноктар ва зудтар таҳия кунанд.

Истифодаи системаҳои идоракунии захираҳои саломатӣ (HRMS) метавонад истифодаи захираҳои соҳаи тандурустӣ, аз қабили доруҳо, таҷҳизоти тиббӣ ва кормандонро оптимизатсия кунад.

EIS ба шумо имкон медиҳад, ки маълумот дар бораи саломатии аҳолӣ ҷамъоварӣ ва таҳлил кунед, ки ба нақша гирифтан ва татбиқи барномаҳои пешгирии бемориҳо ва таҳкими саломатӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи ТИ дар таҳқиқоти тиббӣ метавонад рушди доруҳо ва табобатҳои навро суръат бахшад.

Маълумоти калон дар тиб имкониятҳои навро барои омӯзиши бемориҳо ва таҳияи табобатҳои фардӣ мекушояд.

Возеҳ аст, ки технологияи муосири иттилоотию коммуникатсиони барои инсон имкониятҳои нави воридшавӣ ба донишҳои иттилоотиро фароҳам овард. Маҳз бо воситаи истифодаи технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ инсон метавонад шахсият ва мавқеи худро ба вуҷуд оварад. Аз ин лиҳоз, зарурате ба миён меояд, ки бояд инсон барои зистан дар шароити нави ҳаёт, яъне дар муҳити худкори иттилоот омода бошанд ва бар замми ин аз самаранок истифодабарии технологияҳои муосир ва тарзҳои ҳифз аз таъсири манфӣ бархурдор бошанд.

Духтурон, ҳамшираҳо, инчунин дорусозон ва намояндагони дигар соҳаҳои тиб компютерро ҳамчун олоти иваз нашавандаи фаъолияти худ мешуморанд. Бемориҳои зиёде вуҷуд аст, ки ҳар яки он аломатҳои ба худ хос доранд. Ғайр аз ин даҳҳо бемориҳое мавҷуданд, ки аломатҳои якхела доранд. Дар чунин ҳолатҳо ба духтур гузоштани ташхиси аниқ душвор мешавад ва дар ҳамин ҷо ба ёрии ӯ компютер меояд. Дар замони ҳозира қисми зиёди духтурон компютерро ҳамчун ёрдамчи барои гузоштани ташхис, яъне барои аниқ намудани дарди бемор истифода мебаранд. Барои ин бемор аз ташхис мегузарад ва натиҷаҳои ташхис ба

компютер гузаронда мешавад. Пас аз чанд дақиқа компютер хабар медиҳад, ки кадоме аз ташхисҳои гузаронидашуда ҷавоби манфӣ додаст. Дар ин ҳолат ӯ метавонад ташхиси худро гузорад.

Албатта қарори ниҳоиро духтур мебарорад, аммо компютер протсесси қабули қарорро метезонад.

Ғайр аз ин азбаски компютер дар хотираи худ нисбат ба одам ахбороти зиёдтарро нигоҳ дошта метавонад, бо ёрии он беморИи ғайри одди тезтар муайян карда мешавад.

Ин гуна компютер ба духтур барои тезтар ва хубтар гузаронидани санҷиши профилактики ёри мерасонад. Мисол: таҷхизоти ба номи «сканирующая кошка (гурбаи нусхагиранда)» (CAT scaner), нусхаи аниқи узвҳои дохилии инсонро нишон медиҳад – мухтасар аз «computer-aided tomography» (томографияи компютерӣ), ва томография – ин яке аз методҳои ташхиси рентгенӣ мебошад.

Як лаҳза ба худ бемории сактаи дилро тасавур кунед, ки ӯро ба беморхона бурданд. Айни замон ӯ худро хубтар ҳис мекунад, аммо то ҳол дар шуъбаи эхёгари мавҷуд аст. Дар инҷо ӯ ба компютер пайваст шудааст, ки ҳангоми ҳолати бемор агар вазнин шавад онгоҳ компютер дарҳол ба духтур ё ҳамшира хабар медиҳад. Ин танҳо ду мисол оиди истифодабарии компютер дар табобат мебошад. Инчунин тарзҳои бисёри дигари истифодабарии компютер бо ин максадҳо дар беморхонаҳо, дармонгоҳҳо ва лабораторияҳо мавҷуданд.

Хулоса, ташаккули саводнокии иттилоотӣ ва коммуникатсиониро имрузҳо метавон чун яке аз вазифаҳои афзалиятнок барои омода намудани мутахассисони касбии ин соҳаи ҳаётан муҳим ҳисобид. Бояд таъкид кард, ки дар давраи омузиш дар колеҷу донишгоҳо донишҷу бояд саводи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар робита ба соҳаи фаъолияти касбӣ аз худ намояд. Дар айни замон сатҳи баланди саводнокии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ калиди асосӣ барои ба даст овардани муваффаққият буда, самаранокии муайянеро соҳиб гаштааст.

## АДАБИЁТ

1. Давлатов Р. Ҷ., Мирзоев М. А., Қурбонов С. М. Информатика ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти таълимӣ.// Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масоили мубрами математика ва таълими он" бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020 – 2040) ва 70 – солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Э. Сатторов. Бохтар. 2020. –С.136)

2. Довгалевский П.Я., Гриднев В.И., Киселев А.Р. Инновационная медицинская технология амбулаторного лечения артериальной гипертонии на основе компьютерной Internet-системы и мобильной телефонной связи // Современные медицинские технологии. 2008. №1. С. 91-93.

3. Кларк Э.Л. Сердечная недостаточность 2011: обзор избранных исследований, способствовавших последним достижениям клинической кардиологии // Український кардіологічний журнал. 2012. №2. С. 119-128.

4. Хассанов И. Медицинские информационные системы и мобильный телемониторинг пациентов // Материалы конференции «Информационные технологии в здравоохранении», Казань, 9 июня 2011 г. URL: http://www.kirkazan.ru/@files/upload/Khassanov_2011.pdf

5. Шварц В.А., Гриднев В.И., Киселев А.Р., Посненкова О.М. Клиническая эффективность технологии динамического амбулаторного наблюдения за больными артериальной гипертонией с использованием компьютерной системы и мобильной телефонной связи // Саратовский научно-медицинский журнал. 2009, Т. 5. №3. С. 358-362.

6. Home – The Best Place for Health Care A positioning statement from The Joint Commission on the state of the home care industry. USA: The Joint Commission, 2011. URL: http://www.jointcommission.org/assets/1/18/Home_Care_position_paper_4_5_11.pdf

7. Meystre S. The Current State of Telemonitoring: a Comment on the Literature // Telemed J E Health. 2005. Vol. 11. Iss. 1. P. 63-69.

**УДК 338.48**

# РУШДИ КЛАСТЕРҲО САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ “ИҚТИСОДИ САБЗ”

**Машокиров Ҷ.Н. - н.и.и., и.в., дотсенти ДБССТ**

Дар мақолаи мазкур доир ба ташаккули каластерҳои сайёҳӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои таъмини рақобатпазирии он мавриди омғзиш қарор дода шудааст. Яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар шароити Тоҷикистон соҳаи сайёҳии кишвар мебошад, ки аҳаммияти он дар сохтори иқтисоди миллӣ бо мавҷудияти иқтидори бузурги рушди он асоснок карда мешавад. Дар чунин шароит ҳукуматҳои кишварҳои пешрафта барои беҳбуди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти татбиқи барномаҳои стратегии рушди соҳамаблағҳои калон ҷудо мекунанд.

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, иқтисодиёти сабз, кластер, кластери сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ, ҳудудҳои сайёҳӣ, инфрасохтори сайёҳӣ, маблаггузории сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ,*

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои таъмини рақобатпазирии он зарур мебошад. Яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳии кишвар мебошад, ки аҳаммияти он дар сохтори иқтисоди миллӣ бо мавҷудияти иқтидори бузурги рушди он асоснок карда мешавад. Сайёҳӣ дар шароити кӯҳии Тоҷикистон ҳамчун бахши муҳими васеъкунии шуғли аҳолӣ,

рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва таъмини ҷалби асъори хориҷӣ, инчунин баланд бардоштани ҷолибиятнокии сармоягузории кишвар ва минтақаҳои он ба шумор меравад. Мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба рушди сайёҳӣ тавачуҳӣ махсус медиҳанд. Айни замон сайёҳӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Амрико, Шарқи Наздик ва Африқо босуръат инкишоф ёфта истодааст. Афзоиши сайёҳии байналмилалӣ ҳамасола аз 4 то 6 фоизро ташкил медиҳад, ки бо суръати афзоиши дигар бахшҳои иқтисоди воқеӣ муқоиса намудани он душвор мебошад. Дар чунин шароит ҳукуматҳои кишварҳои пешрафта барои беҳбуди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти татбиқи барномаҳои стратегии рушди соҳа маблағҳои калон ҷудо мекунанд. Дар баробари ин, хусусияти хоси рушди бахши сайёҳӣ дар кишварҳоипешрафта ба чорабиниҳои кластерикунонии ширкатҳои сайёҳӣ ба шумор меравад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2023 қайд мегардад, ки "Дар солҳои 2018 –2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст. Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст. Вале таъкид ба маврид аст, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд. Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад"[1, с.3].

Бояд қайд кард, ки дар кишвар "Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030" амали шуда истодааст. Тезонидани раванди татбиқи босамари ҳадафҳои Стратегияи мазкур мусоидат намудан ба ташаккули чунин ҷанбаҳои муҳими соҳаи сайёҳии кишварро дорад, аз ҷумла: «ташаккули заминаҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ, таҳкими иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили оқилонаи таблиғ ва оммавӣ гардонии ҳамаҷонибаи он, таъмини рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифату малакаи кадрӣ ва шуғли пурсамар дар соҳаи сайёҳӣ, мутобиқшавӣ ба талаботҳои байналмилалӣ ва таъмини амнияти сайёҳон, таъсис ва рушди сайёҳӣ мебошад.

Расидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ ҳамчун мақсади стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ, зарурати рушди соҳаи сайёҳӣ бартарӣ дорад. Дар ҷаҳони муосир сайёҳӣ яке аз соҳаи самарабахши иқти- содӣ дар арсаи байналмилалӣ буда, рушди

босуръати он дар солҳои охир падидаи иқтисодии аср эътироф шудааст. Азбаски сайёҳӣ дорои потенсиали азим ва нерӯи пешбарандаи рушди иқтисодӣ мебошад, зарурати ошкор сохтани таърифи сайёҳӣ аз нуқтаи назари равишҳои гуногун ба миён меояд. Амалан имконнопазирии тартиб додани таърифи ягонаи сайёҳӣ, аз як тараф, мураккабии онро нишон диҳад, аз тарафи дигар, номукаммал будани онро ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳар як равиши муайян- кунии мафҳуми сайёҳӣ аҳаммияти онро барои рушд ва рақобатпазирии иқтисоди минтақа нишон медиҳад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Унсурҳои асосии мафҳуми сайёҳӣ**

| **Равишҳои асосӣ** | **Унсурҳои асосии мафҳум ва мундариҷаи сайёҳӣ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи ҳаракати инсон | Сайёҳӣ ду унсурро инъикос мекунад: Ба ҷойи муқаррар шуда рафтан ва даронҷо муваққатан истодан | Сафар кардан ин ҳаракати банақша-гирифташуда аз якҷо ба ҷойи дигар | Сафар кардан – ин фаъолиятест, ки ба сайёҳон имконияти ҳаракати муваққатиродар масири сайёҳӣ медиҳад |
| Иқтисодӣ | - | + | + | + |
| Иҷтимоию фарҳангӣ | + | + | + | + |
| Муҳоҷират ё оморӣ | + | - | - | - |
| Ҳуқуқию меъёрӣ | + | + | - | - |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бояд қайд кард, ки равишҳои рушди сайёҳии овардашуда на танҳо ба баланд бардоштани нуфуз ва рақобатпазирии кишвар дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки иқтисоди минтақавӣ ба сатҳи нав ва қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба истироҳати сифатнок оварда расад. Рушди сайёҳӣ метавонад ҳамчун воситаи тезонидани таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор, ҷалби сармоя ва васеънамои хизматрасонии сайёҳӣ гардад. Ин ҳолат дар навбати худ ба беҳбуди зиндагии аҳолии минтақа ва рушди соҳаи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат мекунад.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ метавонанд воситаи рушди шароити иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо гарданд. Илова бар ин, кластеризатсияи соҳаи сайёҳӣ омили асосии ноил шудан ба параметрҳои рақобатпазирӣ ва рушди устувори он мебошад. Ҳамзамон, шакли кластерии идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонииворидшавии сайёҳон мусоидат карда, барои оммавӣ

гардидани намудҳои гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ шароит фароҳам меорад [2, с.3]..

Айни ҳол дар адабиёти илмии иқтисодии ватанӣ коркардҳои консептуалӣ ва методологие, ки ба омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд, амалан вуҷуд надоранд. Мушкилот ва дурнамои татбиқи усули кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои кӯҳӣ кам омӯхта шудааст. Маълумоти дар боло овардашуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.




**Расми 1. – Консепсияи сайёҳӣ**

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ дар низоми иқтисоди сабз нишон медиҳад, ки дар ҳар як ҳолати алоҳида усулҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ истифода мешаванд, ки ба хусусиятҳои табиӣ, иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва демографии минтақа мувофиқат мекунанд. Бояд қайд кард, ки мамлакатҳои дар ин самт пешрафта, аз усули гуногуни бо ҳам алоқаманди танзими давлатии кластери сайёҳӣ, ки вобаста ба минтақаи кӯҳӣ самараи зиёд медиҳад, истифода мебаранд. Дар ин радиф муаллиф қайд мекунад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам ба монандӣ Испания Италия, ИМА, Швейтсария, Норвегия, Чехия, Россия, Африқои Ҷанубӣ, Туркия ва ғайра, ки ба рушди минтақавии соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоиҳир кардаанд, муфид мебошад.

Ҳамин тавр дар адабиёти иқтисодии нишон медиҳад, ки мафҳуми минтақа дар илмҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар соҳаҳо васеътар истифода мешавад. Минтақаро метавон воҳиди маъмурӣ, мавзеи ҷуғрофӣ, мавзеи дорои самти махсуси саноати ҳудудӣ дорои аҳолӣ ё гурӯҳи этникии муайян ва ғайра маънидод кард. Ҳар як минтақаи мушаххас хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба рақобатпазирии он таъсир мерасонанд.

**Адабиёт**


1. Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики / Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. – Душанбе, 28.12.2023. – Электронный ресурс. Режим доступа: http://prezident.tj/ru/node/32195
2. Машокиров Дж.Н. Современное состояние и основные направления развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан // Вестник Технологического университета Таджикистана – Душанбе, 2021. – № 4 (47). – С. 209-218.
3. Машокиров Дж.Н. Развитие рынка туристских услуг в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2021. – № 4 (39). – С. 300-307.
4. Машокиров Дж.Н., Исследование спроса и предложения на рынке туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Научный журнал. Душанбе: ТГУК, 2020. - №4/1 (33). С. 20-27. (0,5 п.л.).
5. Машокиров Дж. Н., Туризм и его воздействие на экономики Республики Таджикистан // Научный журнал «Экономика Таджикистан» Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. Душанбе: ИЭДАНРТ, 2018. - №1. С. 70-80. (0,62 п.л.).
6. Машокиров Дж.Н. Опыт Испании на мировом рынке туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал). Серия общественных наук. - Худжанд: 2016. - №2. (67) С. 32-41.

## ТАҶРИБАИ БЕҲАМТОИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳотамов Намоз – д.и.т., профессори ДБССТ**
**Ҳайдаров Абдусамад – н.и.п., дотсенти ДБССТ**

Дар таърихи инсоният ҷангҳои зиёде шудааст. Вале дар байни онҳо яке аз фоҷеавитарин ин ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар дохили як мамлакат рух медиҳад, ба ҳисоб меравад. Яъне, чунин ҷанг дар байни мардумоне рух медиҳад, ки дар як мулк асрҳо боз зиндагӣ мекунанду бо якдигар хешу бародар гардидаанд. Бо ҳамин сабаб чунин ҷангро ҷанги бародаркушӣ ҳам меноманд. Чунин ҷанги бемаъниро солҳои 1992-1997 мардумони ҷумҳурии мо аз сар гузаронидаанд.

Дар солҳои ҷанг, агарчанде он аввал дар шаҳри Душанбе оғоз гардид (яъне, 5 майи соли 1992 дар гардиши Олӣ Совети шоҳроҳи Душанбе-Ёвон аввалин маротиба хуни одамӣ рехту ва он зуд Душанбешаҳр ва водии Ҳисорро фаро гирифт), аммо, минбаъд бештар воқеаҳои фоҷеавии хунин дар водии Вахш ба амал омадаанд. Дар натиҷа, ин водии зархез ба харобазор табдил ёфт.

Оқибати ин ҷанги бародаркушӣ он гардид, зиёда аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳалок гардидаанд, зиёда аз як млн. нафар мардум гуреза шуданд, бисёр шаҳру шаҳракҳо ва махсусан деҳаҳо хароб гардиданд. Бисёр мутахассисони касбу кори гуногун ҷумҳурии моро тарк карда рафтанд. Сафи ятимону бепарастон дар мамлакат хело афзуд. Молу мулки мардум, аз он ҷумла техникаҳои колхозу совхозҳо, маводҳои корхонаҳои давлатӣ тороҷ карда шуданд. Умуман, зарари иқтисодии ин ҷанг, бо андешаи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, зиёда аз 10 млрд. доллари америкоиро ташкил мекунад.[1] Дар натиҷа ин ҷанги бемаънӣ мамлакати моро даҳсолаҳо қафо партофт.

Ҳангоми авҷи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат, ҳар ду тарафи муқобил оқибати ин ҷангро барои миллату давлат бо зудӣ фаҳмиданд ва майл ба созиш-сулҳ карданд. Аммо ин сулҳи байни тоҷикон ба осонӣ ба даст наомадааст. Қариб тамоми 8 даври гуфтушуниди байни тоҷикон бо душвориҳои зиёд гузаштанд. Махсусан, баъди он ки толибон пойтахти Афғонистон - –шаҳри Кобулро гирифтанд, гуфтушуниди байни тоҷиконро хавфи қатъгардӣ таҳдид мекард. Зеро, толибони Афғонистон бо мухолифини тоҷик шартнома доштанд, ки баъди гирифтани ҳокимияти Кобул, ба мухолифини тоҷик, барои гирифтани ҳокимият кумак мерасонанд. Хайрият, шермарди тоҷикони Афғонистон, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд нагузошт, ки чунин нақша амалӣ гардад. Маҳз ӯ ва Президенти ҳамонвақтаи Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ, ки низ тоҷик

[1] Ниг.: Раҳмон Э. Пятнадцать этапов суверенитета // «Народная газета». 2006. – 20 сентябрь.

буд, барои вохӯрии бевоситаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ шароит муҳайё намудаанд.

Декабри соли 1996 вохӯрии Президент Эмомалӣ Раҳмон бо Саид Абдуллои Нурӣ дар қароргоҳи Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд, дар Хосдеҳи Шимоли Афғонистон барпо гардид. Он лаҳза дар Афғонистон ҳанӯз ҷанг идома дошт, аммо Президенти мамлакати мо ба тамоми хавфу хатарҳо нигоҳ накарда, зарурияти сулҳро дар мадди аввал гузошта, ба Хосдеҳи Афғонистон рафтанд.

Ниҳояд, 11 декабри он сол, ҳангоми суҳбати байни Президент Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ, масъалаи минбаъда идома додани гуфтушуниди байни тоҷиконро дида, инчунин зарурияти баъди итмоми ҷанг ташкил намудани комиссияи оштии миллӣ ба миён гузошта шуд. 23 декабри ҳамон сол тарафҳо ҳатто протоколеро, ки вазифаҳои ин комиссияро муайян мекунад, имзо карданд. Ҳамон вакт муайян шуда буд, ки аъзоёни ин комиссия бояд аз 26 нафар иборат буда, аз ҳар ду тараф 13 нафарӣ дохил шаванд ва худи комиссия баробари бунёди парламенти касбӣ фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳамин тавр бо душвориҳои зиёд, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва сулҳи байни тоҷикон имзо гардид ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба итмом расид. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ "Тоҷикон дар оинаи таърих..." ба натиҷаи гуфтушуниди байни тоҷикон дар солҳои 1994-1997 тавақкуф намуда, таъкид намуданд, ки "... барои расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар тӯли се солу се моҳ ҷараёни гуфтушунидҳои басо мураккаб, доманадор ва мушкилро паси сар намудем. Зиёда аз 21 маротиба ба таври расмӣ ва даҳҳо маротиба ба таври ғайрирасмӣ музокирот ва вохӯрию мулоқот баргузор намуда, дар ҷараёни онҳо паҳлуҳои мухталифи низоми давлатдорӣ ва фарҳанги сулҳро кашф кардем. Мо қабл аз ҳама сабру таҳаммул, эҳтироми ҳарифи сиёсиро омӯхтем, санъати баҳсу андеша ва муҳокимарониро дар заминаи далелҳои муътамад аз бар намудем, фазои боварию эътимодро фароҳам овардем, ҷустуҷӯйи роҳи алтернативии ҳалли мушкилот, стратегияи доманадори расидан ба сулҳу ризоияти миллиро пеш гирифтем. Дар натиҷа фазои хусумат, шубҳа ва ноумедӣ аз байн рафта, ба ҷойи он эътимоду боварии тарафҳои мухталиф ба ҳамдигар афзуд, ҳалли масъалаҳои баҳснок дар асоси Конститутсияи мамлакат ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ танзим гардид.

Таҷриба нишон дод, ки дар роҳи расидан ба сулҳу салоҳ ва ризоияти миллӣ монеаҳои бартарафнашаванда қариб вуҷуд надоранд. Ба шарте, ки дар мадди аввал манфиати миллат, манфиати давлат ва манфиати кулли сокинони ҷумҳурӣ қарор дошта бошад".[1]

---

[1] Ниг.: Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён, Иборат аз чаҳор китоб. – Душанбе, 2009. –С.139-140.

Комиссияи оштии миллӣ бо фармони Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон 4 июни соли 1997 бунёд карда шуд. Мақсади комиссияи оштии миллӣ – ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пойдор нигоҳ доштани сулҳ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ вазифаи он ба инобат гирифтани чунин талабу дархости тарафҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои расмии гуфтушунидҳо (протоколҳо) акс ёфтаанд, ё худ тарафҳо пешниҳод намудаанд, ба монанди: ба ҳокимият ҳамроҳ намудани тарафи мухолифин, ҳалли масъалаи гурезаҳо, ҳалли масъалаи силоҳбадастони тарафи мухолифин ва ғайраҳо ба ҳисоб мерафт. Барои фаъолияти он меҳмонхонаи «Вахш» - и шаҳри Душанберо интихоб намуданд.

Машварати нахустини комиссия дар шаҳри Москва, аз 7 – то 11 июли ҳамон сол барпо гардид. Дар шаҳри Душанбе аввалин машварати он 15 сентябри он сол ба амал омад. Сарвари комиссия, роҳбари иттиҳоди мухолифини тоҷик, Саид Абдуллои Нурӣ таъин гардид. Комиссия аз 4 зеркомиссияҳои зерин иборат буд: сиёсӣ, ҳарбӣ, ҳуқуқӣ ва оиди гурезагон.

Бо мақсади ба амал баровардани кор дар байни Комиссияи оштии миллӣ бо ҳукумат, гурӯҳи ҳамкорӣ низ таъсис ёфта буд, ки ба он намояндаи Созмони Милали Муттаҳид роҳбарӣ мекард.

Мувофиқи қайди иштирокчии ҷаласаи комиссияи оштии миллӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои аввали комиссия, дар ҳузури ҳамаи аъзоёни он таъкид кардаанд: Шумо, аъзоёни Комиссияи оштии миллӣ, ҳимоятгари сулҳи деринтизор мебошед. Ояндаи дурахшони Тоҷикистон аз кори шумо вобастагӣ дорад. Шумо узв ё худ асос мебошед, ки он бунёди ҳаёт ва сулҳро амалӣ менамояд.[1]

Ҳар қароре, ки бо мувофиқа бо Президенти мамлакат комиссияи оштии миллӣ ба он меомад, яъне қабул мекард, иҷрои он аз тарафи тамоми ташкилотҳои ҳокимиятӣ ҳатмӣ буд.[2]

Мувофиқи протоколи дар байни иттиҳоди мухолифини тоҷик ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки 18 майи соли 1997 дар Москва имзо гардид, баъди имзои сулҳ, дар давраи гузариш, яъне солҳои 1997-2000, Ҳукумат 30%-и вазифаҳоро аз ҳукумати марказӣ сар карда, то ҳукумати маҳаллӣ бояд ба манфиати тарафи мухолифин гузашт мекард.[3]

Комиссияи оштии миллӣ дар давраи фаъолияти худ масъалаҳои зеринро ҳал намуд:

Роҳҳои назорати иҷроиши амалии бандҳои «Созишномаи умумӣ дар хусуси барқарор кардани сулҳ дар Тоҷикистон»-ро якҷоя бо дигар ташкилотҳои марбута муҳайё намуд;

Андешидани чораҳои зарурӣ; а) оиди бехатарии баргаштани гурезагон ва ҷалб намудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат;

---

[1] Ниг.: Саъдуллоев И. Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.). Автореферат диссерт. на соиск. уч. степени канд. ист. наук. –Душанбе, 2006. –С. 19.
[2] Ниг.: Усмонов И.К Мирный процесс в Таджикистане // Родина. Вестник актуальных прогнозов.
[3] Ниг.: Саъдуллоев И. Автореферати номбурда. –С. 12.

б) оиди аз нав барқарор намудани мулкҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида, аз ҷумла: хонаҳои истиқоматии валангоргардида ва сӯзонидашуда; ба кор даровардани корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмонда; аз нав барқарор намудани ташкилотҳои хароб ва тороҷ намудаи кишоварзӣ ва ғайраҳо;

Пешниҳод намудани таклифҳо аз хусуси тағйир додани қонунҳои амалкунанда оиди ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва матбуоти даврӣ;

Омода намудани таклифҳо оиди тағйир додани баъзе бандҳои Комнститутсияи ҷумҳурӣ ва илова ба онҳо, инчунин пешниҳоди ин таклифҳо ба райпурсии умумихалқӣ;

Барои давраи гузариш муайян намудани ҳайати комиссияи марказии интихоботӣ ва райпурсии умумихалқӣ. Ба ҳайати он дохил намудани 25% намояндагон аз тарафи мухолифини тоҷик;

Аз тарафи комиссия қариб 6 ҳазор нафар ҷанговарони тарафи мухолифин ва зиёда аз 2 ҳазор адад аслиҳаи онҳо ба қайд гирифта шуд;

Аз Афғонистон ба Тоҷикистон баргаштани иттиҳоди мухолифини тоҷикро ба итмом расонид;

Аз Афғонистон ба Тоҷикистон пурра баргаштани гурезагон ва ҷо ба ҷо намудану ба ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат дохил шудани онҳоро назорат намуд;

Мувофиқи квотаи 30%-и барои мухолифин ҷудо гардида номзадҳоро ба сохтори ҳукумати иҷроия, органҳои судӣ ва муҳофизати қудратӣ пешниҳод намуд.[1]

Аз ҷумла ба ҷумҳурӣ баргардонидани қувваҳои мусаллаҳи иттиҳоди мухолифини тоҷик дар ҷаласаи комиссияи оштии миллӣ борҳо муҳокима гардид. Дар давраи ҳалли ин масъала 6440 нафар аз қайд гузаштанд. Аз тарафи зеркомиссия 1431 адад автомат, 16 адад пистолет, 13 адад пулемёт, 12 адад БТР, 43 адад минамёт ва пушка, 5 адад танк, 153 адад гранатамёт, 1 адад БМП ва ғайраҳо ба қайд гирифта шуданд. Дар муддати ду моҳ зиёда аз 6 ҳазор нафар ҷанговарони иттиҳоди мухолифини тоҷик аз қайд гузаштанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ 20 октябри соли 1997 амнистияи умумӣ эълон кард ва дар натиҷа он садҳо нафар озод гардиданд. 14 майи соли 1999 Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ лоиҳаи қарорро "Дар бораи амнистияи умумӣ" дида баромад ва дар натиҷа 5377 нафар ҷанговарони тарафи мухолифин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданд. Дар натиҷаи мувофиқаи байни Комиссияи оштии миллӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар муддати солҳои 1997-2000 аз 6079 нафар ҷанговарони тарафи мухолифин 5061 нафар, дар натиҷаи аттестатсия, ба сафи қӯшунҳои миллии ҷумҳурӣ қабул карда шуд. Ниҳояд, иттиҳоди мухолифини тоҷик эълон кард, ки қувваҳои мусаллаҳи худро пароканда менамояд.[2]

---

[1] Ниг.: История таджикского народа. Т. Vi. Новейшая история (1941-2010 гг.). Под общ. ред. академика Рахима Масоваю –Душанбе, 2011. –С. 470-471.
[2] Ниг.: Саъдуллоев И. Автореферат номбурда. –С. 4, 14-15.

Маҳз дар асоси ҳамин квота, яке аз лидерҳои тарафи мухолифин – Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода соҳиби мансаби ҷонишини сарвазири мамлакат гардид.

Дар баргардонидани гурезагон, махсусан аз хоки Афғонистон ва аз нав барқарор намудани манзили зисти онҳо, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, мавқеи бузургро бозид. Дар натиҷа, танҳо дар ҳудуди вилояти Хатлон 38 ҳазор адад хонаҳое, ки дар солҳои ҷанг хароб гардида буданд, аз нав барқарор карда шуд. Баъдтар, аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба собиқ деҳқонони гуреза илова 25 ҳазор гектар замин, барои беҳтар намудани дараҷаи зиндагӣ ҷудо гардид.[1]

Фаъолияти комиссия дар замоне мегузашт, ки ҳанӯз ҳам дар баъзе гӯшаҳои ҷумҳурӣ, ҳатто шаҳри Душанбе ва атрофии он муқовиматҳо ба амал меомаданд. Аз ҷумла, чунин муқовиматҳои танҳо соли 1998 ба амал омада, ба монандӣ: моҳҳои март – май дар маҳаллаи Қаротегини шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Ваҳдат (ҳамон вақт ноҳияи Кофарниҳон), 22 сентябр дар шаҳри Душанбе кушта шудани раиси зеркомиссияи ҳуқуқии комиссияи оштии миллӣ, намояндаи мухолифини тоҷик, яке аз рӯзноманигори замони Шӯравӣ - Отахон Латифӣ, 4 – 7 ноябр ҳуҷуми полковник Маҳмуд Худойбердиев ба вилояти Суғд ва ғайраҳо ба ҳисоб мераванд. Аммо ба ҳамаи онҳо нигоҳ накарда, комиссия фаъолияти худро давом дод.

Дар давоми фаъолияти комиссия, то ин ки тарафҳо бо ҳам наздиктар шаванд, баъзе кӯшишҳои ҷиддӣ карда шуд. Аз ҷумла, бо талаби тарафи мухолифин 26 сентябри соли 1999 бо роҳи райпурсии умумихалқӣ, ба қонуни асосӣ – Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе тағйироту иловаҳо дароварда шуд. 28 сентябри соли 1999 Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, ба тарзи расмӣ, номнавис карда шуд. Ҳол он ки аз моҳи ноябри соли 1997 то моҳи марти соли 1998 ҳангоми муҳокимаи «Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолият ба ҳизбҳое, ки дар асоси принсипҳои динӣ бунёд гардидаанд, иҷозати фаъолият карданро надода буд. Баъди чунин тағйиртҳо 6 ноябри соли 1999 интихоботи Президенти ҷумҳур гузаронида шуд, ки дар он ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон низ номзади худ Давлат Усмонро гузошта буд. Пирӯзӣ нисбати Эмомалӣ Раҳмон гардид.

27 феврали соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Намояндагон гузаронида шуд, ки дар он аз 6 ҳизбҳои сиёсии дар ҷумҳурӣ номнавис шуда, 3 ҳизбҳои зерин шарти 5% - ро иҷро намуда, ба он ширкат варзиданд: ҳизби халқӣ – демократии Тоҷикистон, ҳизби коммунистии Тоҷикистон ва ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон. Дар натиҷаи ин интихобот аз 63 намоянда, 60 нафарашон интихоб шуданд. Се нафари дигар баъдтар, интихоб шуданд.

23 марти соли 2000 интихобот ба Маҷлиси Милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Дар натиҷаи он 34 нафар аъзоёни Маҷлиси Миллӣ ба мӯҳлати 5 сол таъин гардиданд.

---

[1] Ниг.: Ҳамон ҷо. –С. 18.

Ҳамин тавр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти касбӣ, дар шакли Малиси Намояндагон ва Маҷлиси Миллии Маҷлисӣ Олӣ, яъне ду палатагӣ ташкил ёфт. Дар натиҷа комиссияи оштии миллӣ вазифаи худро иҷро намуд. Бо назардошти ин 1 апрели соли 2000, дар асоси Указӣ Президенти ҷумҳурӣ, комиссияи оштии миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро қатъ намуд. Ин комиссия дар натиҷаи фаъолияти 998 рӯзаи худ (ё худ 2 солу 8 моҳу 25 рӯза) тавонист барои амалӣ намудани натиҷаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон кӯшишҳои ҷиддӣ намояд ва бо ин барои пойдории сулҳи тоҷикон ҳиссаи босазое гузорад. Барои бо муваффақият анҷом ёфтани кори комиссия, ташкилотҳои байналхалқӣ, махсусан Созмони Милали Муттаҳид (СММ - ООН), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲЕ - ОБСЕ) ва дигарон ҳиссаи худро гузоштанд.

Сулҳи ба дастдаровардаи тоҷикон аҳамияти ҷаҳонӣ дорад. Зеро, чуноне таъкид намудем, дар таърихи инсоният ҷангҳои зиёди шаҳрвандӣ ба амал омаадааст. Аммо аксари кулли онҳо бо сулҳи тарафҳо ба итмом нарасидааст. Аз ин рӯ, дар Симпозиуми байналмилалии "Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон, ки 26-27 апрели соли 2001 дар шаҳри Душанбе барпо гардид, қайд карда шуд, ки сулҳи Тоҷикистон барои мардуми ҷаҳон иборат ва сабақи таърихӣ мебошад.

Собиқ котиби генералии Созмони Миллали Муттаҳид Кофӣ Аннан дар яке аз вохӯриҳояш бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, оиди мавқеи сулҳи байни тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ, таъкид кардааст: Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, оиди ҳалли мунокишаҳои дохилӣ, таҷрибаи беҳамторо дод.[1]

## ХУЛОСА


1. История таджикского народа. Т. Vi. Новейшая история (1941-2010 гг.). Под общ. ред. академика Рахима Масоваю –Душанбе, 2011. –С. 470-471.
2. Раҳмон Э. Пятнадцать этапов суверенитета // «Народная газета». 2006. – 20 сентябрь.
3. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён, Иборат аз чаҳор китоб. –Душанбе, 2009. –С.139-140.
4. Саъдуллоев И. Автореферат номбурда. –С. 4, 12, 14, 15, 18-19.
5. Саъдуллоев И. Роль комиссии по национальному примирению в установлении мира и национального согласия в Таджикистане (1997-2000 гг.). Автореферат диссерт. на сноск. уч. степени канд. ист. наук. –Душанбе, 2006. –С. 19.
6. Усмонов И.К Мирный процесс в Таджикистане // Родина. Вестник актуальных прогнозов.


[1] Ниг.: Саъдуллоев И. Автореферат номбурда. –С. 18-19.

## КАНАЛЫ ДИСТРИБУЦИИ И ИХ РОЛЬ В ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ ТОРГОВОГО ОБОРОТА ПРЕДПРИЯТИЙ

**Худоёров Ш.Х. - к.э.н., доцент МУТПТ**

После вступления Таджикистана во Всемирную торговую организацию (ВТО) появилась необходимость в либерализации рынка отечественных услуг и соответствия с ведением бизнеса международным стандартам, которых требует официальное членство Таджикистана в ВТО с 2 марта 2013 г. В результате актуальной стала классификация услуг, признанная мировым сообществом в структуре ВТО.

ВТО классифицирует услуги на 12 секторов, согласно Генеральному соглашению о торговле услугами (ГАТС)[1]:

1) деловые услуги;
2) услуги в области связи и аудиовизуальные услуги;
3) строительные и связанные с ними инженерные услуги;
4) транспортные услуги;
5) услуги в области образования;
6) услуги, связанные с защитой окружающей среды;
7) финансовые услуги;
8) услуги в области здравоохранения и социального обеспечения;
9) туризм и услуги, связанные с путешествиями;
10) услуги по организации досуга, культурных и спортивных мероприятий (кроме аудиовизуальных услуг);
11) дистрибьюторские услуги;
12) услуги прочие, не вошедшие в перечень.

Именно в условиях обеспечения устойчивого развития экономики ставится задача поиска эффективных организационно-экономических форм развития важных отраслей таких как сфера дистрибьюторских услуг.

Неотъемлемая часть дистрибуции продовольственных предприятий в условиях рынка связана с выбором правильного поставщика товаров на рынке и эффективным управлением дистрибьюторской деятельности. Конкурентоспособность и эффективность деятельности продовольственных предприятий во многом зависят от рационального и грамотного выбора каналов дистрибуции. Так как организация эффективной дистрибуции является обязательным этапом при определении сбытовой стратегии и политики субъекта хозяйствования, в ходе которых принимается система решений по организации сбыта товаров, включающая выбор: непосредственно рынков, времени и способов выхода на них, каналов сбыта, средств по формированию спроса и стимулированию сбыта.

Исследование показывает, что успешность реализации продовольственных товаров во многом зависит от используемых каналов дистрибуции. Так, как даже при благоприятной конъюнктуре рынка и высоком уровне конкурентоспо-

---
[1] Сорокина Т.И. Дистрибуции при вступлении в ВТО // Торговля большого города. 2012. №12.

собности товара эффективность сбытовой деятельности будет ниже ожидаемой, если каналы дистрибуции не правильно выбраны и не позволяют полно охватить сегменты потенциальных потребителей.

В продовольственных предприятиях обычно служба сбыта непосредственно выбирает каналы дистрибуции, определяет процесс сбытовой деятельности, занимается поиском покупателей, заключение с ними договоров и др., что, безусловно, оказывает существенное влияние на конечную эффективность сбытовой деятельности предприятий.

В настоящее время продовольственные предприятия используют диверсифицированные каналы сбыта. Так как региональные рынки сбыта, как правило, имеют существенные различия в характеристиках конъюнктуры, предпочтениях и требованиях потребителей, в используемых каналах сбыта, что обусловливает неодинаковую эффективность сбытовой деятельности организации на каждом из них. Для обеспечения высокой эффективности дистрибьюторской деятельности продовольственные предприятия отслеживают эффективность распределения продукции на каждом рынке, и при необходимости своевременно изменять стратегию и тактику работы на нем. Вышеизложенное обусловило целесообразность оценки эффективности прямого и косвенного канала дистрибуции для продуктов питания.

Проводимое исследование позволяет не только оценить конечную эффективность дистрибьюторской деятельности для продовольственных товаров, но и определять причины выбора прямого и косвенного канала дистрибуции предприятиям.

В последнее время для потребителя важную роль играет объем реализации, скорость доставки товара и его качество. Потребители чаще стараются иметь все больше информации о приобретаемых товарах, способ их производства, условиях хранения товара надежности производителя и т.д. Таким образом, все это говорит о важности построения сильного канала сбыта в регионе.

Сохранение товара в хорошем виде и качестве зависит не только от производственного процесса, но и способов перемещения товара от производителя к потребителю. В процессе распределения обычно участвуют как зарегистрированные дистрибьюторские фирмы, так и оптовики, независимые агенты и др. Исследование показало, что для некоторых производимых товаров свойственна система не организованной дистрибуции, что не регулируется самим предприятием. Иногда неэффективная система распределения товара приводит к дополнительным финансовым издержкам. Иногда 30% скоропортящихся продуктов выбрасывается впустую из-за плохого или неорганизованного распределения товара.

В Республике Таджикистан продажа продовольственных товаров осуществляется в основном тремя способами.

- Производители сами, используя свои собственные транспортные средства, поставляют товар по точкам розничной торговли.

- Производители напрямую договариваются с дистрибьюторскими фирмами, которые от своего имени занимаются распределением товара на точки розничной торговли;

- Производители продают оптовикам на региональном рынке, в котором сами оптовики занимаются дальнейшим распределением товаров до точки розничной торговли и конечных потребителей.

Целью проведенного исследования является выявление особенностей организации сбыта в прямом и косвенном канале дистрибуции, уточнение особенностей управления сбытовой деятельности в различных каналах и выявление различия между традиционными и прямыми каналами дистрибуции.

Управление каналами сбыта это динамичный, постоянно развивающийся мир, который бросает специалистам по бизнесу самые дерзкие вызовы. Где бы ни появилась новая возможность заработать деньги, там сразу возникает новый канал сбыта.[1] На некоторых быстра меняющихся рынках, общая архитектура каналов сбыта может трансформироваться всего лишь за год. Такое изобилие альтернатив иногда вызывает слишком большое напряжение и тревогу среди менеджеров, управляющих каналами дистрибуции. Ведь именно им придется решать, какие каналы подойдут для их компании, товара и рынка. Сможет ли их компания воспользоваться этими новыми каналам, обеспечит ли работа множества каналов получение прибыли или она приведёт к затовариванию каналов сбыта и конфликту дистрибьюторов.

С этой точки зрения, канал сбыта это путь, по которому товар или услуга движутся от производителя к конечному потребителя или покупателю. Рис 1.




**Рис.1. Базовая структура каналов сбыта.**

Такая структура передвижения товара была в годы после Второй мировой войны. Чтобы предложить свой товар покупателю, производитель должен был принимать только одно решение: пользоваться ли ему прямым или непрямым каналом дистрибуции.

[1] Ролницки К. Управление каналами дистрибуции/Кеннет Ролницки; пер.с.анг-М.: Издательство «Добрая книга», 2006-368 с.

Если провести хронику развития систем дистрибуции, то оно выгладит следующим образом:




**На рисунке 2 показано, как увеличилось число, и выросла сложность непрямых каналов сбыта. Такое огромное число участников делает создание, и управление этими каналами сбыта трудным и даже пугающим.[1]**

По мере роста доходов и прибыли от продаж возрастают возможности выбора канала сбыта. Большинство компаний в конечном итоге приходит к выво-

[1] Система дистрибуции: Инструменты создания конкурентного преимущества / Татьяна Сорокина.-М.:Альпина Паблишер, 2015.-150

ду о том, что они должны воспользоваться непрямыми каналами дистрибуции, чтобы выжит и расти.

Кроме того, производители обращаются к непрямым каналом сбыта, поскольку те экономят деньги. В конце концов, дистрибуция это распределение издержек. Используя каналы дистрибуции, производитель может передать часть издержек от занятия бизнесом дистрибьюторам.

Конечные потребители приобретают товары и услуги через непрямые каналы сбыта, поскольку те предлагают им ряд преимуществ:

- удобство совершения покупок в одном месте.
- обслуживание покупателей и техническое обслуживание.
- услуги по логистике.
- помощь в бизнесе.
- бизнес отношения.
- более высокие эффективность канала сбыта и т.д.

Более эффективные каналы дистрибуции помогают компаниям решить задачи, связанные с сокращением издержек. В ответ на это дистрибьюторы объединяют несколько товаров производителя в один пакет предложений и дают дополнительную скидку при увеличении объема покупки. Покупатель обычно делает общий заказ на длительный срок, что эффективно блокирует конкурирующих дистрибьюторов, а также препятствует появлению конкурентов среди производителей.

**Таблица 1 - Факторы, влияющие на построение цепи поставки продовольственных товаров на различных каналах дистрибуции**

| Факторы цепочки поставок | канали дистрибуции | частота | среднее значение | стандартное отклонение | значение F | значение P |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Неподходящее складирование, | прямой канал | 17 | 2,82 | 0,80 | 0,66 | 0,45 |
| | косвенный канал | 63 | 2,90 | 0,88 | | |
| Несоответствующий транспорт | прямой канал | 17 | 4,71 | 0,83 | 0,44 | 0,87 |
| | косвенный канал | 63 | 4,64 | 0,81 | | |
| Отсутствие оборудования для прямой обработки | прямой канал | 17 | 3,48 | 1,16 | 5,83 | 0,02 |
| | косвенный канал | 63 | 3,42 | 0,80 | | |
| Несоответствующая технология обработки товаров | прямой канал | 17 | 4,77 | 0,74 | 1,92 | 0,19 |
| | косвенный канал | 17 | 2,33 | 0,78 | 1,81 | 0,20 |
| прогнозирование спроса | прямой канал | 63 | 2,56 | 0,91 | | |
| | косвенный канал | 17 | 4,35 | 0,92 | 0,01 | 0,96 |
| Плохое управление запасами | прямой канал | 63 | 4,10 | 0,95 | | |
| | косвенный канал | 17 | 4,35 | 0,92 | 0,01 | 0,96 |
| Повреждение продукта при транспортировке | прямой канал | 63 | 4,10 | 0,95 | | |
| | косвенный канал | 17 | 3,31 | 0,99 | 0,51 | 0,51 |

**Источник:** Составлено автором

Непрямые канали такого рода приносят пользу всем: производителю, дистрибьютору и конечному потребителю. Производитель эффективно продвигает свой товар по каналу к конечному потребителю. Дистрибьютор вынуждает конечного потребителя приобретать товары различного ассортимента в течение, какого то периода. Наконец, конечный потребитель снижает свои затраты на материально-техническое снабжение, сокращая число поставщиков, с которыми он вынужден иметь дело.

Результаты проведенного анализа показывают, что фирмы, которые работают в г. Душанбе предпочитают в основном прямой канал дистрибуции до больших супермаркетов и оптовых рынков из-за дешевизны транспортных средств внутри города, осуществления прямого контакта с розничными торговцами, возможностями продажи большой партии товара. Выбор косвенного канала дистрибуции со стороны производителей продовольственных товаров связано с тем, что они получают оплату одновременно с места продажи, и избежание риска порчи товара. Это дает возможность предприятиям продать произведенные продукции у ворот фирмы, снижения затрат на содержание продукта. Из таблицы 2. видно, что при выборе товара, наличие транспортных средств играет существенную роль при выборе прямого канала дистрибуции. Все остальные факторы не имели существенной разницы между двумя каналами. Анализ показал, что оба канала эффективны и содержат определенные преимущества и недостатки.

**Таблица 2. - Выбор канала дистрибуции**

| Переменные | прямой канал (N=17 nos) | косвенный канал (N=63 nos) | значение T | значение P |
|---|---|---|---|---|
| Предоставление кредитной линии | 1.12(0.33) | 1.22(0.45) | 3.616 | 0.061 |
| 2) Оказание соответствующих услуг | 1.71(1.105) | 1.91(1.082) | 0.022 | 0.88 |
| 3) Положение о техническом руководстве | 1.35(0.493) | 1.17(0.423) | 4.63 | 0.034 |
| 4) Получение ими складских и транспортных средств | 1.24(0.437) | 1.49(0.948) | 6.432 | 0.013 |
| 5) Отсутствие посредников | 1.18(0.393) | 1.13(0.336) | 1.008 | 0.318 |
| 6) Правильный вес | 3.06(0.748) | 2.76(0.734) | 1.164 | 0.284 |
| 7)Своевременное осуществление платежей | 3.06(0.748) | 2.76(0.734) | 1.164 | 0.284 |

**Источник:** составлено автором

Результаты проведенного анализа сравнения каналов дистрибуции показали, что для большинства производителей наиболее выгодными является косвенный канал дистрибуции товара. Помимо изменения уровня цен при использовании прямого и косвенного канала дистрибуции на продвижение продовольственных товаров влияют другие факторы, такие как возможности дополнительного обслуживания деятельности розничных торговцев, предоставление ими оборудования, кредитов, а также независимость и гибкость производителя при прямом маркетинге. Но главная проблема здесь заключается в том, что производители должны отвечать за хранение товаров до того как они не попа-

дут к конечному потребителю. Так как потери при хранении некоторых видов скоропортящихся продовольственных товаров составляют до 35%. В прямом маркетинге производители должны овладеть искусством маркетинга, а также тратить свое время на продажу продукции, несмотря на свою производственную деятельность. В косвенном канале цены, и риск потери продукции после продажи ниже для фермеров.

В последнее время возрастает роль современных цепочек поставок, включающих договорные соглашения между производителями и поставщиками. Чтобы преодолеть эти проблемы в канале, рекомендуются несколько предложений. Вместо того, чтобы производители напрямую продавали свои продукции розничным торговцам, желательно вступить в торговых ассоциациях или с крупными региональными поставщиками, которые имеют развитую торговую сеть в городах и регионах страны. Заключение с ними партнерских соглашений позволяет своевременно и регулярно поставлять товар в точки розничной продажи в малых партиях, что позволяет доставить товар итоговым покупателям в свежем виде. Эти ассоциации могут служить источником информации для производителей о рыночном спросе. Продовольственные предприятия также могут создать корпорацию. Это облегчило бы проблемы, с которыми сталкиваются производители из-за бесполезной траты времени и транспортных трудностей.

Таким образом, учитывая вышесказанное, представляется, что роль дистрибьюторской деятельности очень значительна для развития производственной предпринимательской деятельности Республики Таджикистан и позволяет сформировать благоприятные условия для ускоренного развития сбытовой деятельности и повышения его эффективности, которые, в свою очередь, обеспечат достижение устойчивого экономического роста в стране.

**Литература**

1. Ролницки К. Управление каналами дистрибуции/Кеннет Ролницки; пер.с.анг-М.: Издательство «Добрая книга», 2006-368 с.

2. Тарондо Ж.-К., Ксардель Д. Дистрибьюция: пер. с фр. под ред. В.И. Черенкова. СПб.: Нева, 2003. 127 с.

3. Сорокина Т.И. Дистрибуции при вступлении в ВТО // Торговля большого города. 2012. №12.

4. Худоёров Ш.Х., Давлатзода К. К. Основные направления совершенствования системы дистрибуции продовольственных товаров в Республике Таджикистан. //Вестник Таджикского национального университета. Научный журнал, серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе, Сино. – 2019. – №6. Стр 69-74

## ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ ДАР ТАНЗИМИ САМАРАНОКИИ ХАРИДҲОИ ДАВЛАТӢ

**Ҷалолов А.А. - н.и.и., дотсенти ДБССТ**
**Тагаев Б.Ш. н.и.и., дотсенти ДБССТ**

***Аннотация.*** Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фаъолияти аудиторӣ дар танзими самаранокии харидҳои давлатӣ, чиҳати беҳтар гардондан ва ба талаботи замона мувофиқ намудан зарур аст, ки ҳар як аутиторонӣ мақомоти давлатӣ, муносибати худро ба вазифаи хеш дар асоси талаботи қонун ба роҳ монда, баҳри пешгирӣ ва пурзӯр намудани мубориза дар самтӣ самаранак, мақсаднок ва натиҷанок истифода ва чораҳои зарурӣ андешем. Дар ин роҳ ҳамкориву дастгирии ҷомеаро тақвият бахшем ва аз таҷрибаи пешрафтаи мамлакатҳои хориҷӣ дар ин соҳа, инчунин ҳамбастагӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мардуми кишвар истифода барем.
***Калид вожаҳо:*** Фаолияти аудиторӣ, санҷиши аудиторӣ, самаранокии, мақсаднок, натиҷанок, харидҳои давлатӣ.

## АУДИТСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В ЭФФЕКТИВНОМ РЕГУЛИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК

***Аннотация.*** В данной статье рассматриваются вопросы аудиторской деятельности по регулированию эффективности государственных закупок, ее совершенствованию и адаптации к современным требованиям, необходимо, чтобы каждый аудитор государственного органа осуществлял свой подход к своим обязанностям, исходя из требований законодательства, в целях предотвращения и усиления борьбы использовать и принимать необходимые меры в эффективном, целенаправленном и действенном направлении. Таким образом, мы усилим сотрудничество и поддержку общества и будем использовать передовой опыт зарубежных стран в этой области, а также солидарность с институтами гражданского общества и народом страны.
**Ключевые слова**: Аудиторская деятельность, аудит, эффективность, цель, результаты, государственные закупки.

## AUDITING ACTIVITIES IN THE EFFECTIVE REGULATION OF PUBLIC PROCUREMENTS

***Annotation.*** This article discusses the issues of auditing activities to regulate the efficiency of public procurement, its improvement and adaptation to modern requirements, it is necessary that each auditor of a government body carry out his own approach to his duties, based on the requirements of the law, in order to prevent and strengthen the fight, use and take the necessary measures in an effective, targeted and efficient manner. In this way, we will strengthen cooperation and support of society and will use the best practices of foreign countries in this area, as well as solidarity with civil society institutions and the people of the country.
***Key words*:** Audit activity, audit, efficiency, purpose, results, public procurement.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои фаолияти аудиторӣ дар танзими самаранокии харидҳои давлатӣ, ин натиҷаҳои санҷиши аудиторӣ асоси бисёре аз қарорҳои иқтисодианд, аудит хеле қатъӣ дар ҳамаи мамолики дунё ба танзим дароварда мешавад. Дар баъзеи онҳо (масалан дар Фаронса) ба ин ҷараён давлат мудохила – намуда, меъёру меъёрҳои аудитро муқаррар мекунад ,бақайдгирии аудиторон ва ширкатҳои аудиторӣ назоратро аз болои фаъолияти онҳо амалӣ мегардонад. Дар мамолики дигар (ИМА, Ингилистон) ин ҷараён аз тарафи ташкилотхои ҷамъиятии касбии аудиторон батанзим даровард мешавад.

Дар Федератсияи Руссия асосҳои ҳуқуқии фаъолияти аудиториро қоидаҳои муваққати фаъолияти аудиторӣ, қонуни ФР "Оид ба фаъолияти аудиторӣ" ва як қатор фармону қарорҳои аз тарафи мақомоти давлатӣ қабулшуда муайян намуда ба танзим медарорад. Дар давлатҳои дигар аъзоёни ИДМ (ба мисоли Украина, Белоруссия ва Қазоқистон) фаъолияти аудиториро мувофиқи қонунҳои ин давлатҳо "Оид ба фаъолияти аудиторӣ" мақомоти салоҳиятдори муайяншуда ба мисли Палатаи аудиторон, Комиссия оиди фаъолияти аудитории дар назди Президент амалкунанда ва ғ. батанзим медарорад. [3]

Дар Тоҷикистон ҳоло асосҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии фаъолияти аудиторӣ чун худи он амалан вуҷуд надорад. Танҳо дар соли 1998 Маҷлиси Олӣ ба коркард ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" бипардохт, ки дар навбати худ қабули як қатор асосҳои меъёрии дигари батанзимдарории ин фаъолиятро талаб мекунад. Ва баъдан 2013 то имрӯз амалкунанда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ" бармеояд, ки мақомоти батанзимдарорандаи фаъолияти аудиторӣ Комиссияи Тахассусӣ ва Палатаи аудиторон мебошад. Комиссияи Тахассусӣ дар маҷлиси умумии Палатаи аудиторон ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешавад. [1]

Ин комиссия доимоамалкунанда буда, самтҳои асосии фаъолияти ин бояд чорабиниҳои зеринро дарбар гирад:

- коркарди лоиҳаҳои асноди меъёрие, ки фаъолияти аудиториро ба танзим медарорад, аз ҷумла стандартҳои фаъолияти аудиторӣ ва хадамоти бо он алоқаманд, дар асоси Қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- додани литсензияҳои генералӣ барои амалигардонии литсензонидани фаъолияти аудиторӣ;
- ташкили бурдани бақайдгири давлатии аудиторон ,ширкатҳои аудиторӣ ва иттиҳодияҳои онҳо;
- ташкил ва гузарондани аттестатсияи аудиторон, аз ҷумла хориҷиёне ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти аудиторӣ машғул шудан мехоҳанд;
- муайянкунии номгӯи марказҳои таълимӣ – методӣ барои омӯзонидан ва тайеркунии аудиторон;
- коркард ва такмилдиҳии талаботҳои тахасусӣ ба аудиторон ва тартиби машғул шудан ба фаъолияти аудиторӣ ,инчунин ташкил ва гузаронида-

ни имтиҳонҳо аттестатсияи аудиторон ва додани шаҳодатномаҳои тахассусӣ;

- коркарди нархнома (тариф)-ҳои намунавӣ барои намудҳои асосии хадамотӣ аудиторӣ;

- ҳалли масъалаҳое,ки ба маҳрумнамоии аудиторон аз шаҳодатномаҳои тахассусӣ (атестат ё литсензия) ва ҷазодеҳии аудиторон барои бесифат гузаронидани аудит алоқамананд;

- коркарди чораҳо вобаста ба баландбардории тахасусӣ кадрҳои аудиторӣ, коркарди барномаҳои таълими, ташкили имтиҳонҳо ва ғ.

Комиссияи тахассусӣ аз ҳисоби мутахассисони мақомоти марказии иқтисодӣ, бонкҳо, мақомоти андоз, коркунониидораҳои ревизионию тафтишотӣ, намояндагони дороиҳои илми иқтисод ,муаллимони макотиби олӣ ва аудиторон таъсис дода мешавад .

Тартиби аттестатсия барои ҳуқуқӣ амалигардонии фаъолияти аудиторӣ, бунёди комиссияи аттестатсионӣ ва андозаи маблағи пардохт барои гузаронидани аттестатсия, инчунин тартиби гирифтани шаҳодатномаҳои тахассусии ҳуқуқӣ машғул шудан ба фаъолияти аудиторӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Комиссияи Тахассуси ва Палатаи аудиторон тасдиқ карда мешавад.

Палатаи аудиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятии мустақил буда аудиторонеро, ки дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамояд ва барои ҳамкорӣ дар тараққиёт, такмил ва барои ба шакли ягонаи фаъолияти аудиторӣ гузоштан мусоидат менамояд, дар асоси ихтиёрӣ муттаҳид менамояд.

Мо дар замоне кору пайкор, ки рушди тамоми самтҳои иҷтимоиёт, иқтисод, маориф ва фарҳанг ба падидаҳои нави технологияву инноватсионӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз, давлат ва ҷомеа ба кадрҳое ниёз доранд, ки дар ҷодаи илму техника пештоз бошанд, бо диду мафкураи тоза ба зиндагӣ ворид шаванд. Баъзан ба ҳолатҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки ҳатто тифли нав ба забономада тавассути бозичаҳои электронӣ амалиёти аҷиберо анҷом медиҳад ва завқ мебарад. Ин ҳама аз кормандони муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидои , синфҳои болои ва донишкадаҳои олӣ тақозо менамояд, ки дар таълиму тарбия аз сабку услуби муосир истифода намоянд.

Мавриди зикр аст, ки феълан масъалаи рушди эҷодии афрод, аз ҷумла омӯзишӣ забонҳои хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳими тадрис маҳсуб меёбад. Аз ҷониби дигар, рушди тавонмандии эҷодӣ аз иқдом ва амали фаъолонна ва сабку равиши тозаи таълим маншаъ мегирад.

Омӯзгор ҳамон вақт муваффақ шуда метавонад ки аз услубҳои гуногуни омӯзиш васеъ истифода барад. Ҳамчунин пурсидани супоришҳои ва-

зифаи хонагӣ, имконияти мавзӯи навро тариқи проэктор ё тахтаи элэктронӣ гузаронидан, мавзӯи навро тариқи саволу ҷавоб мустаҳкам намудан низ ба манфиати кор буда метавонад. Аз худ кардани луғату саволномаҳо ва иҷрои машқҳои грамматикӣ вазифаву супоришҳои хонагии донишҷӯён тариқи сабки интерративӣ низ муфид аст.

Истифода аз услубҳои гуногуни муосир омили баланд бардоштани сифати таълим ва азхудкунии фанҳои таълимӣ мебошад. Донишҷӯ ҳамон вақт мавзӯъро аз худ карда метавонад, ки калимаву ибора ва тарзи навишту шарҳу эзоҳӣ онҳоро бо чашм бубинад, дурустии таллафузи онро шунаваду имлои навишти бехатои онро мувофиқи нишондоди омӯзгор ёд гирад.

Дар пешрӯи ҷомеаи имрӯза мушкилоте пешомада аз он иборат аст аз кашфи он гуна сабки таълим, ки битавонад донишомӯзро аз чаҳорчӯбаи танбали берун оварда, ба ҷодаи ибтикор ворид намояд ва ӯ битавонад бо истифода аз донишҳои андухтааш масъалаҳои пешомадаро ҳаллу фасл кунад ва нуқтаи назари хешро дошта бошад.

Барои ҳаллу фасли ин мушкилот падидаи илмие пешомада бо номи «сабки интерактивӣ». Интерактивӣ аз лиҳози решашиносӣ мансуб ба забони англисӣ буда, онро амали «мутақобила» (inter- мутақобила ва ё дуҷониба ва (act-амал намудан) шарҳ додан мумкин аст. Айни замон аз сабки «интерактив» дар семинару конференсияҳо ва низоми тадрис самаранок истифода менамоянд.

Муҳимтарин шарт ташкил кардани чунин раванди омӯзиш аст, ки донишҷӯ барои ба даст овардани донишу таҷриба аз соҳаҳои мухталифи зеҳни истифода бурда тавонад. Чуноне, ки дар боло зикр намудем, дастгоҳҳои ҳозиразамони мобилӣ, компютерҳо, шабакаҳои ҷаҳонии интернет,тахтаи элэктронӣ, видеопроекторҳо ҳаёти инсонро тағйир дода, тарзи зиндагиву фаъолияташонро дигаргун карда истодааст.

Замони муосир тақозо менамояд, ки вобаста ба таҳаввулот ва рушду тараққиёти бемайлони соҳаҳои гуногуни иҷтимоиёту иқтисодиёт аз навгониҳову навовариҳои ҳаррӯза огаҳӣ дошта бошем. Вазифаи басо муҳим, ки имрӯз дар назди шаҳрвандони кишвар, махсусан дар назди ҳар як хонанда қарор дорад, аз худ намудани на камтар аз ду забони хориҷӣ – забонҳои русиву англисӣ ва инчунин омухтани истифодабарии услуби интерактивӣ ва истифодаи технологияи муосир мебошад. Истифода аз техникаву технологияи муосири замонави, алоқамандии онҳо бо шабакахои Интернет ва воситаҳои дохилии алока омили баланд бардоштани сифати таълим ва азхудкунии фанҳои таълимӣ мебошад.

Азбаски рафтуомад ва додугирифт байни давлатҳову ширкатҳо ва кулли одамони ҷахон рӯз ба рӯз ва соат ба соат густариш меёбад, дар назар аст, ки таъсир ва нуфузи забони англисӣ дар даҳсолаи оянда васеътар хоҳад шуд. Оид ба мавқеъ, моҳият, ва зарурати таълим ва омӯзишӣ забонҳои хориҷӣ,бахусус забони англисӣ дар тарбия ва ташаккули мутахассисони ҷавон нақши муҳимро мебозад.

Истифодаи технологияи муосир дар дарсҳои забони англисӣ хело манфиатовар аст. Бо истифода аз  телевизион, проектор, тахтаҳои электронӣ, компютер ва амсоли инҳо,  дарсҳои мо шавқовар ва пурмазмун мегарданд.

Омӯхтани забонҳои хориҷӣ дар ҷараёни таълим бо истифода аз технологияи муосир, бахри рушди фарҳанги иттилоотии донишҷӯён басо муҳим аст, зеро ки забони англисӣ забони байналмилалӣ ва робитаҳои техникӣ ва забони кори аст. Ҳамчунин дар қисми зиёди соҳаҳои илм. Тиҷорат ва технология маҳз бартарии ҳамин забонҳо бештар ба чашм мерасад.Аз ин рӯ ҳар як омӯзгорро мебояд  дар машғулиятҳои худ аз технологияи муосир самаранок истифода барад.

Чуноне ки дар боло қайд намудем ҳар як омӯзгор дар раванди дарси худ бояд аз техноогияи муосир ба монанди проектор ё тахтаи электронӣ истифода барад.

Ин гуна усули омӯзиш на танҳо раванди дарсро шавқовар балки сарфаи вақтро низ дарбар мегирад. Барои ин танҳо маводи даркориро пештар дар компютер таёр карда сипас онро бо воситаи проектор истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҳар як раванди таълим технологияҳои компютери метавонад ёрии ниҳоят бузург мерасонад.бо истифода аз чунин намуди технология донишҷӯён метавонанд дарсҳои видеои, дарсҳои аудиои ва видеофайлҳоро тамошо кунанд. Истифодаи технологияи муосир сарфаи вақтро низ дар бар мегирад.[3,  саҳ.29-36]

Дар маҷмӯъ,  истифодабарии технологияи муосир метавонад дар дарс барои таъмини сифати машғулият, такмили малакаи азхудкунии мавзӯъ бо роҳи ҳосил шудани шавқу рағбати донишҷӯён, инчунин самаранок ва бомақсад истифода бурдани ҳар як лаҳзаи дарс муассир буда, ҳамзамон барои ташаккули фарҳанги техникии ҳам устодон ва ҳам донишандӯзон мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТҲО**


1. Стандарти  давлатии маълумот аз фанни « Технологияи информатсионӣ” барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ  -  Душанбе 2006.
2. Бобохонов Х.Ю., Мирзоев И.Н. “ Омилҳои рушд дар муасисаҳои миёнаи умумӣ”  Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии “ Маърифати омӯзгор” №2, феврали  2016, саҳ. 25 - 28.
3. Красовская Л.В.,  Исабекова Т.И.   Использование информационных технологий в образовании// Научный результат. Педагогика и психология образования.  Т.3, №4: 29 -  36 с.
4. Инновационные методы обучения     ( Активные методы обучения). Владимирский государственный университет. Эллектронные интерактивные доски  SmartBoard -  новые технологии в образования. http//:smartboard
5. Электронные интерактивные доски  SmartBoard  -- новые технологии в образования.http//:www.smartboard.ru

6. Инновационные методы обучения (Активные методы обучения). Владимирский государственный университет.
7. Стандарти давлатии маълумот аз фанни «Технологияи информатсионӣ” барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ - Душанбе 2006.
8. Бобохонов Х.Ю., Мирзоев И.Н. “ Омилҳои рушд дар муасисаҳои миёнаи умумӣ” Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии “ Маърифати омӯзгор” №2, феврвли 2016, саҳ. 25 - 28.
9. Тихонов А.Н. Информационные технологии и телекоммуникации в образовании и науке(IT&T ES’2007): Материалы международной научной конференции, ФГУ ГНИИ ИТТ «Информика» . М,: ЭГРИ, 2007. 222с.
10. Зайцева С. А. Иванов В. В. «Информационные технологии в образовании»

## ПРОБЛЕМАҲОИ САНДУҚИ ҚАРЗИИ БОНКҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шарипов Б.Р. - ассистенти ДБССТ**

Таҳлили таркибии сандуқи қарзӣ ва гузаронидани густариши он яке аз масъалаҳои муҳими сохтори бонкии мамлакат аст. Ба фикру мулоҳизаҳои таҳлилгарони дохиливу хориҷӣ, заифии низоми бонкии ҶТ бо сабаби ҳаҷми калони таваккалиятҳои қарзӣ ҳам мебошад. Сабаби он на фақат дар шафофияти пасти қарзгирандаҳо ва инчунин бо сабаби номутаносиби таркибии иқтисодиёт мебошад. Пастшавии нархҳои нафт ва аз он ҷумла кам шудани ҷараёни молиявӣ ба мамлакат қобилияти ноустувории сохтори молиявиро дорад. Бинобар ин на фақат худи сатҳи фаъолияти қарзӣ, аз он ҷумла тақсимоти соҳавии он барои мо муҳим аст, балки қарздиҳӣ бо муассисаҳои хурд ва миёна, ки бо коркарди маҳсулот машғуланд, афзоиши иловаро баланд мекунанд - асоси беҳдошти муҳит ва устуворкунии низоми бонкӣ мебошад.

Боз як омили сустӣ ин консенратсияи фаъолияти қарзии чандин бонкҳо бо миқдори ками қарзгирандагон мебошад.

Дар шароите, ки қарздиҳии тиҷоратӣ бисёр хатарнок аст, маҳдуд кардани ӯ ва соҳаҳое, ки бо ӯ наздик мебошанд барои бонкҳо ҳолати мусоид фароҳам месозад. Аммо таҷрибаи зерин тарафи дигар дорад, бинобар ин диверсификатсияи сандуқи қарзӣ паст мешавад.

Тамоюли ивазкунии қарзгирандаҳои калон бо хурд аллакай қайд карда шуд. Чунин ҳодисаро умуман ҳамчун мусбат қабул кардан мумкин аст, бинобар ин доираи мизоҷони бонкӣ васеъ мешавад, хусусиятҳои густариши сиёсати қарзӣ меафзояд.

Аммо дар даври аввалини ҷараёни зерин, вақте ки маълумот дар бораи қарзгирандаҳо кам аст, таваккалиятҳо метавонанд афзоянд.

Мақсади асосии гузаронидани таҳлили таркибӣ ин санҷиши консентратсияи қарзгирӣ, муайян намудани роҳҳои ташаккули сандуқи тавозун карда шуда (таваккалият – даромад- бозоргирӣ) ва инчунин ташкилдиҳӣ ва истифодабарии қоидаҳои миқдорӣ дар сиёсати қарзии бонк мебошад.

Вобаста аз дараҷаи истифодашудаи таснифоти қарзҳои дахлдор, сандуқи қарзиро инчунин аз ҷиҳати муштариён, аз нуқтаи назари намуди асъор, бо мансубияти резидентӣ, аз рӯи таъминот, соҳа, мӯҳлати қарздиҳӣ, мӯҳлати пардохти саривақтӣ ҷудо мекунанд.

Бо ҳар як сегменти қарздиҳӣ сатҳи муайяни таваккалияти қарзӣ мувофиқ аст. Бинобар ин муайянкунии ҳаҷме, ки ҳар як сегмент бояд дохил кунад муҳим нест. Муайянкунии меъёри қарздиҳӣ барои назорати ташаккули сандуқи қарзӣ талаб карда шуд.

Пеш аз муайянкунии меъёри қарздиҳӣ, доираҳои асосии таваккалиятро бояд идентификатсия карда шавад:

Қарзгирандагони алоҳида:

- консентратсияи аз ҳад зиёди ба як қарзгиранда дар ҳолати фарсудашавии ӯ ё ки иҷро накардани шартҳои шартномаи қарзӣ бо боиси дигар сабабҳо дар зери хатари фарсудашавӣ худи бонкро мегузорад;

- дар ҳолати пайдошавии масъалаҳои ногаҳонӣ бо қарзгирандаҳои калон, вазъиятро ислоҳ кардан хеле мушкил аст.

Гурӯҳҳои қарзгирандаҳои алоқаманд:

- масъалаҳои молиявӣ фақат дар баъзе вазъиятҳо ба бӯҳрони бебозгашти қобили пардохти қарзии ҳамаи гурӯҳҳо вобаста мебошад.

Соҳа ва зерсоҳаҳо:

- сустии даврагӣ ё ки мунтазам дар соҳа ба фарсудашавии ҳамаи идораҳо оварданаш мумкин аст ғайр аз баъзе идораҳои устувор;

- бӯҳрони соҳавии мунтазам на фақат ба қобилияти пардохти қарз таъсир мерасонад ва инчунин қисман ба сифати таъминот ҳамчун сарчашмаи пардохти қарздорӣ (масалан, агар вақти қарздиҳӣ ба идораҳои нафтӣ ҳамчун таъминот пасандозҳои маҳсулоти нафт) қабул карда шуд, дар ҳолати бӯҳрон дар соҳа фурӯравии нархҳои нафт шуданаш мумкин аст, ки дар натиҷа сифати таъминот паст мешавад. Сегментҳои соҳибкорӣ:

- вазъиятҳои иқтисодӣ ва бӯҳрони равияи умумии фаъолияти бонкӣ оварданашон мумкин аст, масалан боздоштани қарздиҳии ипотекӣ бо сабаби шикасти бозор.

Маҳсулот ва хизматрасонӣ (масалан, мавсимӣ, мӯҳлатнок, қарзҳои истеъмолӣ):

- фоиданокии маҳсули муайяни бонкӣ аксаран аз маҷмӯи омилҳо вобастагӣ дорад, ки ба даврагии тағйирёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ меорад.

Консентратсияи бонкии аз ҳад зиёд ба маҳсул ва хизматрасонии муайян ба ҷаҳишҳои даврагӣ ба фоиданикӣ оварданаш мумкин аст.

Маҳдудияти соҳавиро муфассалтар дида мебароем, чунки ин яке аз меъёре, ки муттасил дар таҷрибаи бонкҳо истифода мешавад. Маънои ӯ ба сабаби зерин вобастагӣ дорад, таваккалият дар ҳолати қарздиҳӣ ба фирма дар соҳаи солим хеле камтар аст нисбат ба соҳаи бӯҳронӣ.

Қарзгирандаҳо умуман мустақилона ё ин ки дар маҳдудият фаъолият намекунанд. Амалиёти онҳо натиҷаи идоракунии худӣ нест ва бо якчанд омилҳои беруна муайян карда мешавад (иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра). Барои ҷудо кардани таваккалиятҳое, ки ба идоракунии фавқулоддаи қарзгиранда вобастагӣ дорад, аз омилҳои беруна мо кӯшишҳои худро ба муайянкунии элементҳои таваккалиятҳо нигаронида метавонем. Дониш ва фаҳмиш ба санҷиши таваккалияте, ки ба қарзгирандаи шахсӣ хеле ёрӣ мерасонад, таваккалиятҳои соҳавӣ мебошад.

Таваккалияти соҳавӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва молиявӣ рост бо дараҷаи тағйирот дар амалиёти соҳа вобастагӣ дорад, бо маънои мутлақ ва бо муқоиса ба соҳаи гуногун. Ҳар чӣ қадар ки соҳа тағйир ёбад, ҳамон қадар дараҷаи таваккалият зиёд мешавад. Инчунин ба мақсади таҳлили назардошти фаъолияти соҳаҳои алтернативӣ дар доираи вақти муайян ихтилофи соҳаҳо, устувории натиҷаҳо дар дохили соҳа зарур аст. Яке аз мафҳуме, ки дар вақти санҷиши таваккалияти соҳавӣ (инчунин таваккалияти идоравӣ) васеъ истифода бурда мешавад ин таваккалияти мунтазам мебошад, яъне сатҳи тағйирёбӣ ё ки дуршавӣ дар натиҷаҳои амалиёти бозор ё ин ки иқтисодиёт. Ин навъи таваккалият, ки дар таҳлили оморӣ бо қарори бетто нигаронида мешавад, барои ҳар як соҳа бо воситаи муайяннамоии муносибати маълумоти саноат бо як ё ки якчанд бузургиҳои тағйирёбандаи бозор муайян карда мешавад. Маълум аст, ки ҷараёни зерин базаи васеъ ва эътиборнокро, ки муддати калонро дорад дарбар мегирад, талаб менамояд. Соҳаи саноат бо нишондиҳандаи бетто баробари як тағйироти натиҷаҳои бозориро нишон медиҳад, аз он ҷумла соҳае, ки тағйироти кам дорад натиҷаи аз 1 кам нишон медиҳад, инчунин соҳае, ки тағйироти калон дорад- аз 1 баландтар мебошад. Маълум аст, ки чӣ қадар нишондиҳандаи бета баланд бошад, ҳамон қадар таваккалияти соҳа баланд мешавад.

Нишондиҳандаи бета барои соҳаи мазкур дар оянда тағйир меёбад, махсус дар давраи соҳибкорӣ. Бинобар ин дар тадқиқотҳои илмӣ дар Ғарб коэффисиентҳои нисбатан устуворро дар даҳсолаи охир маълум гардониданд.

Инчунин, омилҳои махсусро, ки ба соҳа вобастагӣ доранд дида баромадан мумкин аст. Ҳамчун ду мисоли омилҳои зерин ин давраи зиндагии соҳа ва сохтори рақобатнокӣ дар ҳудуди он мебошад.

Ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда ба қобилияти муассиса бо ҳаҷми фурӯш, кор кардан ва танзим кардани меъёри фоида ва қобилияти зиндагии ӯ таъсир мерасонад. Маълум аст, ки тақрибан дар ҳамаи

ҳолатҳое, ки ба мавҷудияти муассисаҳо дахл дорад, омилҳои дар боло зикршуда сабаби тағйироти сохт ва тасодуфан шуданашон мумкин аст. Дар ин ҳолат, дараҷаи таваккалияти соҳавӣ, ки қарзгирандаҳо ва қарздиҳандаҳоро дарбар мегирад, ғайри беҳаракат ва аҳамияти дарозмуддатро металабад.

Масъалаи ташаккули меъёрҳои соҳавии қарздиҳӣ ин ташкили сандуқи диверсификатсионӣ, ки миқдори зиёди активҳоро бо нархи муқоисавӣ дорад, фаро мегирад. Ҳамчун дараҷаи порфели дивесификатсионӣ мавҷудияти мувофиқати манфӣ байни қарзҳо ё ки ақалан мустақили худ аз ҳамдигар, ки дар натиҷа ба қобилияти пастшавии таваккалияти бебозгаштро меорад.

Дар асоси меъёрҳои соҳавӣ тарзҳои таъминоти диверсификатсияи кифояти сандуқи қарзиро муайян мекунем:

- диверсификатсияи сегментҳои соҳавии қисми қарзии сандуқи қарзӣ бо воситаи муқарракунии рушди меъёрҳо барои ҳамаи қарзгирандагони соҳаи мазкур - ҳақиқӣ ё ки вазни хос дар сандуқи қарзии бонк нишон дода шудааст. Ҷалбшавии таваккалияти қарзӣ ба гурӯҳи қарзгирандагони як соҳа дар ҳолати фарсудашавии онҳо дар таъсири омилҳои соҳавии беруна ба бонк таъсири калони манфӣ расонида метавонад;

- диверсификатсияи сегменти соҳавии сандуқи қарзӣ аз ҷиҳати мӯҳлатнокӣ маънои муҳим дорад, азбаски меъёрҳои фоизӣ бо қарзҳои гуногунмӯҳлат мубталошавии миқдори гуногуни тағйирот мебошад, бинобар ин сатҳи даромади сегменти қарзии сандуқи қарзӣ, ҳамчун дараҷаи бозоргирӣ, асосан аз мӯҳлати қарз вобаста аст. Тадбиқи ҷиҳати мазкур идоракунии таваккалияти бебозгашти қарз дар доираи сиёсати қарзии бонк гузаронида мешавад. Инак, дар ҳолати назардошти бонк бо қарзҳои ипотекӣ дарозмуддат, дохилкунии қарзҳои кӯтоҳмуддат ба сандуқи қарзие, ки сохтори сандуқиро дар баланс акс менамоянд, амалиёти оқилона аст;

- тақсим кардани қарз, истифодабарии усулҳои гуногуни қарзӣ дар доираи меъёри соҳавӣ: меъёри қарздиҳии мувофиқашуда, намудҳои гуногуни меъёрҳои фоизӣ; тафриқаи меъёрҳои хусусии қарздиҳӣ аз рӯи баъзе қарзгирандаҳо мувофиқи шароити молиявии онҳо, маҳдудияти хизматрасонии қарзии пешниҳодшуда.

Бинобар ин, сегментҳои соҳавии қисми қарзии сандуқи қарзӣ бояд бо самтҳои гуногуни соҳибкории қарздиҳӣ, алоқаманд мебошад, барои он ки тағйироти шароит дар як соҳаи иқтисодиёт ба пастшавии сифати қисми муҳими сандуқи қарзӣ намеорад.

Аммо дигар тарафи «гуногуни»-и сандуқ мавҷуд аст: дар идоракунии муомилоти қарзӣ (дастрас будани миқдори калони мутахасисони ҷиҳати гуногун зарур аст), диверсификатсияи аз ҳад зиёд мураккабии муайянро пайдо мекунад ва фарсудашавӣ метавонад пайдо шавад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Дастурамали БМТ №255 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” аз 30.12.2022, №157;

2. Роҳнамо «Дар бораи восита ва усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» аз 19.11.2021, №170;

3. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкӣ / Н.Ашуров. – Душанбе, 2014;

4. Бибикова Е.А., Дубова С.Е. Кредитный портфель коммерческого банка: учебное пособие. М.: ФЛИНТА, 2017;

## ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ И ИНТЕГРАЦИИ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА В МИРОВОЕ ХОЗЯЙСТВО

**Мамадалиева Гулсанам Тахировна - старший преподаватель Филиала МУТПТ (г. Худжанд)**

**Аннотация**

Как известно, Республика Таджикистан переходит на новые рыночные отношения, поэтому формирование национальной экономики во многом определяется её структурными сдвигами в сторону индустриализации различных отраслей экономики. В статье рассматриваются проблемы формирования и развития интеграционных процессов в условиях перехода Таджикистана к новым экономическим отношениям, которые требуют как теоретического осмысления, так и учёта их в хозяйственной практике.

***Ключевые слова:*** национальная экономика, промышленность, интеграция, мировое хозяйство.

## PROSPECTS FOR DEVELOPMENT AND INTEGRATION OF THE ECONOMY OF TAJIKISTAN INTO THE WORLD ECONOMY

**Annotation**

As you know, the Republic of Tajikistan (RT) is moving to new market relations, therefore, the formation of the national economy is largely determined by its structural shifts towards the industrialization of various sectors of the economy. Along with agriculture, industry is of great importance in the development of the national economy.

***Key words:*** national economy, industry, integration, world economy.

## ДУРНАМОИ РУШД ВА ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН БА ИҚТИСОДИ ҶАҲОН

Тавре ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои нави бозаргонӣ мегузарад, аз ин рӯ, ташаккули иқтисоди миллӣ асосан аз ҷониби тағироти сохтории он ба индустриализатсияи соҳаҳои гуногуни иқтисод муайян карда мешавад.

***Калидвожаҳо***: иқтисодиёти миллӣ, саноат, ҳамгирой, иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Как известно, Республика Таджикистан переходит на новые рыночные отношения, поэтому формирование национальной экономики во многом определяется её структурными сдвигами в сторону индустриализации различных отраслей экономики. В условиях перехода Таджикистана к новым экономическим отношениям, проблемы формирования и развития интеграционных процессов требуют как теоретического осмысления, так и учёта их в хозяйственной практике. Однако видение места Таджикистана в интеграционном поле далеко не однозначно.

Логика и здравый смысл подсказывают не только необходимость, но и в известной степени неизбежность восстановления значительной части прежних экономических отношений и хозяйственных связей на постсоветском пространстве и необходимость формирования новых отношений, но теперь уже на рыночной основе. Несмотря на декларирование курса на сближение Таджикистана с СНГ и ЕврАзЭС, в их отношениях сохраняется целый ряд нерешенных проблем, препятствующих дальнейшему развитию и расширению торгово-экономических связей сторон.

Для новых независимых государств, бывших - республик СССР, широкий рынок СНГ является не только привлекательным, но иногда и безальтернативным, с экономической точки зрения, для экспорта и импорта многих видов промышленной и сельскохозяйственной продукции, энергоносителей, сырья и других ресурсов.

Мировой экономический кризис, начавшийся в 2008 году преимущественно в финансовой сфере, постепенно перешел в реальный сектор экономики, тем самым полностью исключил альтернативу экономической интеграции и снова поставил Республику Таджикистан и другие страны СНГ перед фактом, что без углубления и расширения экономического взаимодействия, взаимовыгодного сотрудничества и объединения национальных экономик невозможно быстрое преодоление кризиса и достижение экономического роста.

Основной целью экономических реформ в Республике Таджикистан является переход экономики Республики Таджикистан (РТ) от планово-распределительной системы к рыночной системе.

Вследствие реформ в Республике Таджикистан создаётся многопрофильная, социально-ориентированная экономика. Она предназначена для того, чтобы создать высокоэффективное экономическое пространство, интегрированное в мировое хозяйство. Это происходит на основе трансформации отношений собственности, повышения уровня жизни населения, либерализации внешнеэкономических связей и перестройки отраслевой структуры экономики как её составной части.

Мировая практика показывает, что интеграция в мировое хозяйство является жизненно необходимым и важнейшим условием социального и политического развития любой национальной экономики, особенно бывших республик

СССР. Результатом межнационального разделения труда является интеграция национальных экономик, которая и создала основные предпосылки для взаимозависимости и взаимодействия различных национальных хозяйств.

Интеграция осуществляется в форме перелива товаров, услуг, переплетения и взаимопроникновения рабочей силы, капитала и других факторов производства.

Известно, что уровень интегрированности республики в мировое хозяйство может оцениваться с помощью производства ВВП. По объёму ВВП Таджикистан занимает 151-е место в мире, что свидетельствует о невысокой степени его интеграции в мировое хозяйство и его незначительной роли в современной мировой экономике. Хотя объем ВВП может не очень точно отражать уровень интегрированности республики в мировую торговлю, в международное движение капитала, рабочей силы и т.д. Современное состояние Республики Таджикистан не отражает её реального потенциала. Наличие определённых сырьевых ресурсов позволит Республике Таджикистан в будущем занять более достойное место в иерархии мировой экономики.

При определении предпосылок и приоритетов Таджикистана открытым остаётся вопрос преодоления основных проблем, которые могут в значительной мере негативно повлиять на эффективную интеграцию нашей республики в мировое хозяйство. Одновременно необходимо определить пути интегрирования и то, какая отрасль будет движущей силой для развития. Разумеется, есть и трудности, поэтому надо определить способы преодоления этих препятствий, иначе эти трудности будут тормозить экономическое развитие страны.

Первое требование для развития интеграционных процессов - прежде всего каждое государство должно развиваться и политически, и экономически, и дипломатически, чтобы они могли получать доступ к жизненно важным услугам, например, к международным мобильным ресурсам или контролю над территориями.

Экономическая интеграция создаёт условия для ускорения интернационализации производства стран-участниц этого процесса, а также выравнивает их основные социально-экономические параметры.

Отсутствие необходимых финансовых средств препятствует эффективному использованию имеющихся природных ресурсов, поэтому Таджикистан нуждается в поддержке международных финансовых институтов.

Следует отметить, что международные экономические организации, такие как МВФ, ВБ, МБРР и т.д. играют значительную роль в интегрировании Республики Таджикистан. Участие в международной торговле для Республики Таджикистан, в сущности, является наиболее развитой и оптимальной формой интеграции в мировое хозяйство. Несмотря на невысокий вклад в мировую торговлю (0,01% от общемирового товарооборота), Таджикистан достаточно глубоко интегрирован в эту сферу, свидетельством чего являются показатели экспортной и импортной квот (за последние несколько лет) - 30,06% при аналогичных мировых показателях 20,2 и 20,8 % годовых.

С одной стороны, это может свидетельствовать о высокой степени интеграции страны в мировую торговлю, но с другой - может отражать высокую степень зависимости страны от внешних факторов и рынков. Столь высокая степень "открытости экономики" Республики Таджикистан требует точной оценки с точки зрения национальной безопасности республики по отношению к мировому рынку. Это особенно важно в связи со сложившейся структурой экспорта и импорта республики. В экспорте доминируют в основном сырьевые товары - хлопок и алюминий, а в импорте преобладает готовая продукция, которую отечественные производители не в состоянии преимущественно производить (по субъективным и объективным причинам).

Важно отметить, что географическое положение и структура торговых отношений республики свидетельствуют о высокой зависимости экспорта от стран дальнего зарубежья, а импорта - от стран СНГ. Нужно отметить, что именно с помощью внешнеэкономических связей со странами дальнего зарубежья республике удалось выйти из (системного) кризиса и обеспечить политическую независимость. В системе междунационального движения капитала Республика Таджикистан может участвовать в качестве нетто-импортёра, это обусловливается современным состоянием экономики республики.

Участие в международном движении капитала Республика Таджикистан рассматривает как одну из форм интеграции республики в мировое хозяйство и как важнейшее условие обеспечения национальной экономики финансовыми ресурсами в условиях недостаточности финансовых ресурсов.

Основной иностранный капитал в Республику Таджикистан поступает частично в ссудной форме, частично в плавающей форме, то есть переводимый капитал с одного финансового рынка на другой с целью его выгодного помещения в акции. Особое положение в системе международных отношений Республики Таджикистан с субъектами мирового финансового рынка занимают международные финансовые институты.

Прямые инвестиции зарубежных государств в экономической системе Республики Таджикистан на сегодняшний день играют важную роль для создания совместных предприятий и организаций. Особое место занимают инвестиции из России, Ирана, Китая, США, Италии и других стран ближнего и дальнего зарубежья, которые обеспечивают реальную интеграцию нашей страны в мировое хозяйство.

Основные сферы вложения иностранного капитала — это выработка электроэнергии, сельское хозяйство, дорожное хозяйство, добыча и переработка золота и т.д. для развития экспортоориентированных отраслей.

Республика Таджикистан богата природными и сырьевыми ресурсами, а также сравнительно квалифицированной и дешёвой рабочей силой, что способствует участию страны в мирохозяйственных отношениях, а также увеличению её финансово-экономического потенциала.

В настоящее время агропромышленный комплекс республики имеет хорошие возможности для наилучшего интеграционного взаимодействия и эффективного повышения социально-экономического уровня республики. Это, в ос-

новном, касается сравнительных преимуществ национального производства, например, выращивание хлопка, сухофруктов, фруктов и овощей при условии, что можно будет повысить уровень современной индустриализации этих сфер, а также развивать смежное производство.

Безусловным преимуществом является то, что в Таджикистане имеются достаточные ресурсы гидроэнергетики. Это в скором времени должно позволить РТ стать не только экспортёром электроэнергии, но и развивать энергоёмкие отрасли промышленности. Прежде всего, это алюминиевая промышленность, её продукция пользуется большим спросом на мировом рынке цветной металлургии. Кроме того, республика может развивать другие конкурентоспособные отрасли.

В современных условиях острой конкуренции участие в региональных экономических организациях (ВТО, ТС, ЕврАЗЭС) может существенно облегчить интегрирование республики в мировое хозяйство. Основное значение республика придаёт сотрудничеству в рамках СНГ. Республика Таджикистан является одним из активных участников организации Центрально-Азиатского сотрудничества, Евразийского экономического сообщества, с чем связано обеспечение эффективного производственного процесса в стране и нормального уровня жизни населения.

Как показывает опыт развитых стран, для преодоления первостепенных проблем на пути интеграции страны в мировое хозяйство необходимо выработать чёткую экономическую, финансовую и социальную политику вхождения в единый рынок, которая основывалась бы на перспективах и целях развития нашей страны.

Иными словами, специалисты считают, что для интеграции Республики Таджикистан в мировую экономику нужны конкретные рыночные изменения в экономике и социальной системе нашего государства.

**Список использованной литературы**

1. Хомидов И.М. Модернизация экономики – главное условие выживания нации и государства / Перспективы и факторы обеспечения устойчивого развития экономики: материалы межд. научной конф. –Худжанд: Хуросон, 2012. – 524 с.

2. Кирюшкина Е.Е. Корпоративная социальная ответственность как инструмент региональной модернизации / Материалы II межд. науч.-пакт. конф. «Регион в период модернизации: социальные институты». –НИСОЦ, 2015 г. – 551 с.

3. Программа экономического развития РТ на период до 2015г. Утверждена постановлением Правительства РТ от 1.03.2004 г. № 86.

4. Счастливая Н.В. Малый инновационный бизнес в экономике высокоразвитых стран / *Вестник ОГУ*, № 2. – 2009. – С. 48-52.

5. Обзор международного опыта - www.strf.ru/material.aspx?catalogid=370

# ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ИНКИШОВ ВА РУШДИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

**Абдиев Ҷ.Х. – ассистенти ДБССТ**

Таи солҳои охир дар байни дигар соҳаҳои фаъолияткунанда, сайёҳӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намуда саҳми беандозаи худро барои пешрафт ва беҳтар гардидани фаъолияти тамоми паҳлуҳои хоҷагии халқ гузашта истодааст.

Яъне агар иброз намое, ки сайёҳӣ ин мутаҳарики пешбарандаи дигар самтҳо ба ҳисоб меравад, хато намекунем. Барои ҳамин моро лозим меояд, ки саҳми сайёҳиро дар пешрафт ва ташакӯли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат, фаъолнокии тавозуни савдои дохилӣ ва беруна, таъмин намудани қисми зиёди аҳолӣ ба шуғлҳои алоҳида ва таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ, инчунин ба инкишофи соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба мисли нақлиёт ва комуникатсия, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, фарҳанг, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва амсоли инҳо нодида нагирем.

Пушида нест, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва сердаромадтаринии иқтисодиёти ҷаҳонӣ эътироф гаштааст. Тибқи маълумтҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO) даромад аз соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дар соли 2023 ба 1,4 триллион доллар расидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2019, (1,5 триллион доллар) тақрибан 93%-ро ташкил медиҳад. Ҳамчунин саҳми соҳаи мазкур дар иҷтисодиёти ҷаҳон дар соли сипаригардида ба 3,3 триллион доллар расида 3 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳонро ташкил додааст. Ин гуфтаҳо аз барқароршавии соҳаи сайёҳӣ шаҳодат медиҳад, яъне соҳаи мазкур тавонист ба сатҳи пеш аз пандемия бирасад. [1]

Мусалам аст, ки барои пешрафт ва тараққии дилхоҳ кишвар, давлату ҳукумат диққати худро ба тамоми самтҳои имконпазири рушдкунанда равона месозаду ба ҳамаи соҳаҳо шароит ва афзаляту имкониятҳоро фароҳам месозад. Таи солҳои охир ҳар як кишвари руи дунё рӯ ба соҳаи сайёҳӣ оварда ба ягон воситае ба ин соҳаи машғул аст.

Дар бисёри мамлакатҳои ҷаҳон аз соҳаи сайёҳӣ баръало истифода менамоянд, ки таъсири он дар маҷмуи маҳсулоти дохилии ҳар яки он мусбӣ арзёби мешавад.

Барои баъзе аз кишварҳо сайёҳӣ танҳо як бахши иқтисод буда, барои баъзеи дигар бошад он сарчашмаи асосии мавҷудияти иқтисоди кишварро медиҳад.Тавре ки аз хулосаҳои иқтисоддонҳо бар меояд, иқтисодиёти ҳар кишвар набояд ба пуррагӣ аз як соҳа вобастагии зиёд дошта бошад, яъне он бояд то ҳадди имкон диверсификатсия бошад. Масалан дар ҳолати дуруст ба инобат гирифтани ҳиссаи соҳаҳои фаъолияткунанда ба иқтисодиёти кишвар ва дар сурати таъсир расонидани баъзе аз омилҳо ва сар задани ҳолатҳои манфӣ ба яке аз соҳаҳои фаъолияткунанда, иқтисодиёт аз ҳисоби дигир соҳаҳои амалкунанда тавозуни худро нигоҳ дорад.

Дар ҷадвали зеровардашуда шумо метавонед рӯйхати саҳми соҳаи сайёҳӣ ба иқтисодиёти кишварҳоро аз рӯи меъёри ҳиссаи даромад аз соҳаи сайёҳӣ аз ҳаҷми умумии молу хизматҳои содиротӣ ба хубӣ мушоҳида намоед.

**Саҳми соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон**

**Ҷадвали 1**

| Ҷойи қарордошта | Нои давлат | %-и сайёҳӣ дар содирот |
|---|---|---|
| 1 | Макао | 87,6% |
| 2 | Палау | 86,3% |
| 3 | Молдова | 85,3% |
| 4 | Гренада | 84,3% |
| 5 | Антигуа ва Барбуда | 84,3% |
| 53 | Қирғизистон | 22,8% |
| 65 | Туркия | 17,2% |
| 74 | Тоҷикистон | 14,4% |
| 96 | Узбекистон | 9,9% |
| 111 | Фаронса | 8,0% |
| 123 | Арабистони Саудӣ | 6,9% |
| 125 | Ҳиндустон | 5,8% |
| 127 | Афғонистон | 5,6% |
| 130 | Япония | 5,4% |
| 142 | ҶМЧ | 4,6% |
| 146 | Қазоқистон | 4,4% |
| 158 | Русия | 3,7% |
| 164 | Покистон | 3,1% |
| 173 | Эрон | 2,3% |
| 191 | Папуа –Гвинеяи нав | 0,0% |

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ, ки аз ҷониби *World Tourism Organization, (UNWTO), Yearbook of Tourism Statistics ва International tourism, receipts (% of total exports)* нашр гардидааст, баръало мушоҳида нмудан мумкин аст, ки аз рӯи нишондиҳандаи саҳми соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёт дар байни 191 давлати руи ҷаҳон Тоҷикистон дар ҷои 74 қарор дорад. Аз рӯи ҳамин нишондиҳанда танҳо бо ба инобат гирифтани давлатҳои қитъаи Осиё Тоҷикистон ҷойи 15-ро соҳиб мегардада, дар Осиёи марказӣ бошад пас аз Қирғизистон ҷойи 2-юро соҳиб аст. [2]

Тавре ки аз ҷадвали болозикр дида мешавад, давлатҳое, ки иқлимашон гарм асту ба баҳру соҳилҳо дастрасӣ доранд, ба таври анъанавӣ новобаста аз дигар бахшҳои иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ афзалят доранд.

Ҷолибтараш ин аст, ки содироти баъзе аз кишварҳо тамоман кам ё умуман ба чашм нарасад, рушди соҳаи саноат надошта бошад, кишвари камбизоат бошаду дар умум рушди сайёҳи дар онҷо дида нашавад ҳам, аммо аз тарафи дигар метавонад ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар онҷо зиёд бошад.

Рейтинги муайяннамудаи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO) саҳми соҳаи сайёҳӣро дар маҷмӯъ дар иқтисодиёти кишвар инъикос мекунад. Масалан, Фаронса дар тӯли солҳои зиёд аз рӯи шумораи қабули сайёҳон ба кишвар дар ҷаҳон ягона аст, аммо дар ин ҷо чунин ба чашм мерасад, ки дар маҷмӯъ аз ҳисоби саҳми соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти кишвар ҳиссаи ҳадди ақалро дошта ҷоёи 111-ро соҳиб гаштааст.

Тибқи маълумотҳои коршиносон интизор меравад, ки афзоиши пайватаи талабот ба сайру сайҳӣ ва боз гардидани хатсайрҳои нав тариқи роҳои автомобилгард ва роҳҳои обию ҳаваи имконият барои васеъ шудани бозорҳои сайёҳии Осиё то охири соли 2024 боз ҳам ба рушду эҳёи самти сайёҳӣ дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Таи солҳои охир гардиши сайёҳон ва рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Шарқи Наздик, Аврупо ва Африка бештар ба чашм расидааст.

Шарқи Наздик ягона минтақае ба ҳисоб меравад, ки тавонист ба сатҳи пеш аз пандемия бирасад. Инчунин, теъдоди воридоти байналмилалӣ ба кишварҳои Ховари Миёна бошад нисбат ба соли 2019 22% бештар шудааст.

Дар давоми солҳои охир шумораи сайёҳоне, ки аз минтақаи Аврупо дидан намудаанд ба 94 %-и сатҳи соли 2019 расидааст, ки бештарин онҳо, ин сайёҳони дохилиминтақавӣ ва қисмати дигарро сафари сайёҳон аз минтақаҳои хориҷ ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи сайёҳони бақайдгирифташудаи хориҷӣ ба қитъаи Африка ба 96% ва қитъаи Америка ба 90%-и сатҳи пеш аз пандемия расибааст.

Аз рӯи маълумотҳои дастрастгардида агагр ба қитъаи Осиё ва Уқёнуси Ором назар намоем, фоизҳои гуногун ба чашм мерасад, яъне Осиёи Ҷанубӣ ба 87% ва Осиёи шимолу шарқӣ бошад тақрибан ба 55% сатҳи соли 2019 расидааст.

Аз рӯи нашри охирини Барометри ҷаҳонии сайёҳии UNWTO - январи соли 2023 10 кишвари аз ҳама бештар боздидкунанда дар ҷаҳон инҳоянд:

**Машҳуртарин кишварҳои сайёҳии ҷаҳон**

Ҷадвали 2

| Ҷойи қарордошта | Нои давлат | Вориди сайёҳон (милион нафар) |
|---|---|---|
| 1 | Франция | 86.9 |
| 2 | Испания | 81.7 |
| 3 | США | 75.9 |
| 4 | Китай | 60.7 |
| 5 | Италия | 58.2 |
| 6 | Мексика | 39.0 |
| 7 | Великобритания | 37.6 |
| 8 | Турция | 37.6 |
| 9 | Германия | 37.4 |
| 10 | Тайланд | 35.3 |

Аз ҷадвали 2 бармеояд, ки аз рӯи таҳлилҳои Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дар соли 2018 (UNWTO Tourism Highlights) ва нашрия макроминтақаҳои ҷаҳон аз рӯи таснифоти Созмони миллали муттаҳид аз рӯи шумораи сайёҳон аз хориҷа кишвари Фаронса дар даҳгони беҳтарин дар ҷои аввал қарор гирифтааст.

Дар робита бо гуфтаҳои боло қайд кардан мумкин аст, ки таи солҳои охир дар соҳаи сайёҳӣ тағйиротҳои ҷиддие ба амал омад, ки ҳам бо таъсири омилҳои беруна ва ҳам бо таъсири омилҳои дохила таваҷҷӯҳ ба кишвари азизамон Тоҷикистон низ рӯ ба афзоиш аст.

Бо мақсади заминаи воқеӣ гузоштан ва ворид шудани соҳаи сайёҳии кишвар ба бозори ҷаҳонии сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 – ноябри соли 2007 дар шаҳри Картахена Индаси Ҷумҳурии Колумбия дар ҷаласаи 54 Асамблеияи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфӯз пазируфта шуд.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои омори соҳаи сайёҳӣ, ки дар сомонаи расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди ҳукумати ҷумҳурии тоҷикистон ҷой дода шудааст, дар семоҳаи якуми соли 2024 чунин нишондиҳандаҳо ба чашм мерасад.

**Нишондиҳандаҳои омори соҳаи сайёҳӣ**

**Ҷадвали 3**

| Шахрвандони хориҷи | Сайёҳони хориҷи | Сайёҳон аз хориҷаи дур | Сайёҳон аз ИДМ |
|---|---|---|---|
| 326,000 | 265,100 | 22,000 | 243,100 |

Илова бар ин, тадриҷан теъдоди сайёҳоне, ки аз хориҷа ба кишвари Тоҷикистон меоянд, тағйир ёбанда буда дар ҳоли болорави аст. Бинобар ин, масъалахои ташаккули интенсивии объектхои сайёҳӣ, буёди комплексхои замонавии мехмонхонаҳо, зиёд намудани объектхои сайёҳӣ дар ҳудуди ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва умуман дар саросари кишвар ҳоло аз ҳарвақта бештар муҳим аст. Барои татбиқ ва маблағгузории саривақтии барномаҳои давлатӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ аҳамияти аввалиндараҷаро доро аст. [3]

Шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ ва муттаҳид намудани имкониятҳои давлат бо шарикони рушд ва тоҷирони хусусӣ муҳимтарин механизм ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ як шакли ҳамкории мутақобилан судманди давлат ва соҳибкорӣ дар робита ба объектҳои моликияти давлатӣ, инчунин хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ ва корхонаҳо бо мақсади амалӣ намудани сармоягузорӣ мебошад.

Қабул гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусуси», инчунин ҷиҳати таъмини механизми иҷрои он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2016, №590 "Дар бораи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳамчун мақоми ваколатдори давлати оид ба шарикии давлат ва бахши хусуси (Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2011, №135; аз 31.05.2012, №296; аз 13.09.2012, №488) сохтор, низомнома ва номи Кумита дар таҳрири нав, бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусуси ва Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусуси» ки ин исботи гуфтаҳои боло мебошад. [4]

Қайд намудан бо маврид аст, ки барои сармоягузорӣ дар кишвар чунини соҳаҳо афзалияти бештарро соҳиб мебошанд. Аз ҷумла:

Саноати кӯҳӣ, алюминӣ, ангишт, тилло ва нуқра, канданиҳои фоиданок, нақлиёт, сайёҳӣ, бахши молиявӣ, моҳипарварӣ,

занбуриасалпарварӣ, чорводорӣ, саноати бофандагӣ, коркарди мева, пахта, кишоварзӣ ва гидроэнергетика.

Соҳаҳои номбурда дар сурате метавонанд рӯшд намоянд, агар инмкониятҳоие, ки давлат барои субъектҳои фаъолияткунанда фароҳам овардааст дуруст, бо сифати баланд ва дар асоси доштани дониши баланди иқтисодӣ, малакаи истифодаи техникаю техналогияҳи замони муосир, донистани роҳу усул ва принсипҳои роҳбарӣ, инчунин қобилияти наbooварӣ-идея амалӣ гардад.

Амалӣ гардидани ин гуфтаҳо вобастагии бештарро соҳиб аст танҳо аз воситаҳои пулӣ, яъне барои иҷрои дилхоҳ лоиҳаҳои тадбиқшаванда, сармоя ва шарикони боваринок лозим аст, ки барои ба мақсад расидан Шарикии давлат ва бахши хусусӣ мисоли хубе буда метавонад.

Мусалам аст, ки асоси ҳамаи инро муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ ташкил медиҳад.

Муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ марҳилаи қабули қарорҳое мебошад, ки самтҳои афзалиятноки иқтисодиётро муайян карда, барои беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ пешниҳодҳо манзур шуда дар намуди муайян кардани мақомоти давлатӣ байни намояндагони давлат ва бахши хусусӣ анҷом дода мешавад.

Қайд кардан бо маврид аст, ки чунин муколама марҳилаи ислоҳоти иқтисодиро босуръат рушд кунонида дар сатҳи маҳаллӣ қарорҳои актуалӣ қабул намуда барои ислоҳоти сатҳи миллӣ манфиатнок буда ҷиҳати тадбиқи он сабукӣ пеш меорад ва  масъулиятнокии иштирокчиёнро бошад баланд мебардорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои сиёсию иқтисодии хешро дар арсаи байналмилалӣ аз рӯи принсипҳои шарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд татбиқ менамояд. Талошҳои пайгиронаи Президенти мамлакат дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардиданд, ки дар давраи истиқлолияти давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон баланд бардошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои миллии хешро дар Барномаи давлатии сармоягузориҳо муайян намудааст ва фаъолияти худро ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва комёб гардидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равона кардааст. [5]

## АДАБИЁТ


1. Маҷмӯи маводҳои сомонаи (web –портали) https://news.un.org
2. Маҷмӯи маводҳои сомонаи (web –портали) https: //nonews.co/ directory/ lists/ countries/ tourism
3. Маҷмӯи маводҳои сомонаи (web –портали)https://ctd.tj/
4. Маҷмӯи маводҳои сомонаи (web –портали) http://investcom.tj
5. Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016–2020.

# МАСЪАЛАҲОИ ГЕОСТРАТЕГИИ ИНКИШОФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуллоева Латофат Музафаровна – омӯзгори калони ДБССТ**

Аз замоне, ки инсоният рӯ ба пешравӣ ниҳодааст, ба даст овардани захираҳои моддиро дар мадди аввал гӯзоштааст. Ҳангоми омӯзиши таърих аз мушоҳида дур нест, ки инсоният дар ҳама ҳолат аз даст надодани захирҳои моддӣ (дар мадди аввал) ва баъдан аз даст надодани ҳудуду минтвқаҳои худро дифоъ намудааст. Он ҳаракатҳое, ки аз тарафи давлатҳои абарқудрат бар зидди минтақаҳои заиф ба миён омадааст ба таври осонӣ ба даст наомадаанд. Муқовиматҳои зиёдеро ҳангоми омӯзиши таърих дидан мумкин аст, ки ба ҳар роҳҳои ғайригуманӣ ба анҷом расидаанд. Аз инҷост пайдоиши геополитика, ки инсон ҳангоми омӯзиши илми мазкур аз амалҳои ғайригуманӣ аз ҷониби як давлате, ё як минтақе хабардор мешавад.

Геополитика аллакай дар охири асрҳои XIX ва аввалҳои асри XX дар ҷодаи масалаҳои актуалии давлатҳо гузошта шудааст. Маҳз, ба вуҷуд омадани илми геополитика инсонро бедор намуд, ки он бояд хирадмандона дар арсаи масалаҳои сиёсӣ фаъолият намояд. Инчунин бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи пайдоиши назарияҳои геополитикӣ, назарияи геостратегӣ низ рушд намуд.

Дар воқеият дарёфт намудани роҳи геостратегӣ яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи давлатдорӣ, дар шароити муносибатҳои байналмиллалии Олам мебошад [2, с.439]. Зеро раванду ҳодисаҳои сиёсати давлатӣ ва байналмиллалӣ рӯз то рӯз, давра ба давра дигаргун шуда истодаанд. Аз ин ҷост моро мебояд, на танҳо мавқеъро дар Осиёи Миёна, балки мавқеъи давлатдориамонро дар муносибатҳои байналмиллалӣ болотар ва зиёдтар бардорем.

Пас аз байн рафтани давлати абарқудрати ИҶШС, Тоҷикистон дар масири нави муносибатҳои муосири байналмиллалӣ яке аз бозингарон ва ё дарёфти бозии хеш ҳамчун як давлатӣ танҳо дар Осиёи Миёна монд, ки на ягон тарафдори воқеъӣ ва на ягон шарики стратегии воқеъи дошт. Аз ин хотир Тоҷикистонро мебоист яке аз шариконӣ мӯҳимро баҳри ҳифзи ҳимояи манфиатҳои геостратегӣ дарёфт намояд. Дар натиҷа субъектони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд шарики мӯҳими геостратегӣ, ҳарбӣ, сиёсиашро интихоб намуда рушди давлатдориро бо самти дигар равона созад.

«Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамуд, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, инкишофи дохилӣ ва ҳифзи фазои гепoлитикиашро таъмин созад. Дар арсаи байналхалқӣ Тоҷикистон чун кишвари тозаистиқлол ва начандон бузург зарурат ба ширкати стратегии

боэътимодро дошт. Тоҷикистон дар низоми навини олам, дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарии иштирокчиёни бевоситаи он мақоми худро меҷӯст. Масъалаҳои мухталифи сиёсати ҷаҳонӣ дар доираҳои ҳадафҳо ва манфиатҳои Тоҷикистон низ мавриди таҳлил ва хулосагирии сиёсатмадорон қарор мегирифтанд. Зеро Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ мақом ва нақши хоссаеро пайдо мекард. Масъалаҳои бо мушкилиҳоии ҳалли худро меёфтанд. Набудани таҷрибаи кофи иштирок дар сиёсати калон ва муносибатҳои бевоситаи байналхалқи аз худ дарак медоданд. Сиёсатмадорони мамлакат низ дар солҳои аввали истиқлолият мақсад ва вазифаҳои асосии сиёсати байналхалқиро амиқ дарк накарда буд. Аз хотире, ки аксарияти онҳо мутахасиссони замони шуравӣ буданд, таҷрибаи замони мустақлияти актори сиёсати ҷаҳониро надоштанд» [3, с. 252]. Сатҳи тафаккур ва дарки масъалаҳои аз доираҳои таълимот ва ҳадафҳои ҳизби чандон дур нарафта буданд. Ҳолати мазкур дар ташхиси самтҳои асосии инкишофи истиқлоли миллӣ монеаҳо эъҷод менамуд.

Саволҳое ба миён меоянд, ки мақоми геополитикии Тоҷикистон ва вазифаҳои онро дар самти таъмини таъсиррасонии геоплитикиаш муайян менамоянд. Кадом давлатхҳо метавонанд шарики боэътимоди Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ бошанд?

Дар низоми рушди нави геополитикии олам мақом ва нақши Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Маркази назаррас мебошад. Дар Осиёи Марказӣ давлатҳои манфиатдори нав пайдо гардиданд, ки ҳар яке кӯшиши сатҳи гуногуни таъсиррасониҳоро ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари Федератсияи Руссия, ИМА боз Чин, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Покистон ва ғайра дар Осиёи Миёна манфиатҷуӣ менамояд.

Дар байни давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар ташаккули вазъи геополитикӣ Осиёи Марказӣ нуфузи бештареро Федератсияи Русия, ИМА, ҶХЧ, ва инчунин Туркия, Эрон, Ҳиндустон ва кишварҳои дигар ИДМ ва давлатҳои Иттифоқи Аврупо соҳибанд. Ҳадафи асосии геополитикии давлатҳои мазкурро дар назорати бевоситаи фазои марказии Евразия ташкил медиҳанд.

Тоҷикистон барои манфиатҳои геополитӣ ва пайдо намудану таҳкими мақом ва нақши махсуси худ дар низоми навинни олам кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Мақоми ҷойгиршавӣ ва вазъияти географи он масъаларо боз ҳам рӯзмарра мегардонад. Тоҷикистон дар ҳалқаи кишварҳое қарор дорад, ки на ҳама вақт муносибаташон холисонаю беғаразона бошад. Аз ин хотир, Тоҷикистон имкониятҳоро истифода барад бо тамоми мамалакатҳои манфиатдор, ҳам ба Федератсия Русия ва ҳам ба Иттиҳоди Мутаҳидаи Амрико ва ҳам бо мамлакатҳои дигар қарор мегирад. Муқтадири ҳамҷавор дар пайвастагӣ ва муносибатҳои имкониятҳои гуногунанд. Ё худ Тоҷикистон метавонанд такягоҳро дар олами Ислом ҷустуҷӯ намояд. Махсусан бо кишварҳое, ки умумияти забонию фарҳангӣ доранд. Чунини ҳолат на танҳо ба Русия, балки ба тамоми мамлакатҳои арбию насронӣ хуш намое-

яд. Махсусан, дар шароити ҳозирае, ки гурӯҳи давлатҳои Исломи ҷараёни бунёдгароиро тақвият ва таҳким мебахшанд, рӯовариҳои геополитикии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Маркази ба онҳо боиси андешаҳои гуногун мегарданд.

Мақоми марказиро бояд принсипи ҳамкориҳо дар заминаи манфиатҳои миллию геополитикии Тоҷикистон ишғол намояд. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистон дар низоми навини олам тарҳи бисёрмарказиро ҷонибдори намуда, онро тақвият мебахшад. Вақат он метавонанд шидати вазъияти сиёсии байналхалқиро мутаъдил гардонида, муносибатҳои байни акторҳои гуногуни сиёсати ҷаҳониро ба самти муайяну самаранок равона созад.

Осиёи Марказӣ ва Ҷумхурии Тоҷикисто ҳамчун манбаъи ашёи хом содироту манбаъи бузурги истифодаи сарватҳои зеризамини мавқеъ гирифтаанд. То ин замон як гурӯҳи сиёсатшиносӣ рус ба мисли Зиновев чунин мешуморад, ки «мо наметавонем аз назди нафти Озарбойҷон ва пахтаи Осиёи Марказӣ ҳамчун яктарафа гуззарему набинем. Барои мо ин бойгариҳо лозиманд. Мо бояд онҳоро мисли бародарони наздикӣ машъали тамаддунро дасти ба даст мегиранд, истифода намояем.

Онҳоро тарзе истифода намоем, ки аз истифодаи подшоҳони мустамликавӣ фарқе дошта бошанд. Мо бояд онҳоро омӯзонем ва аз болои онҳо назарат барем. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки Русия мисли пештара ба ашёи хом ва сарватҳои зеризаминии ин минтақа ва Тоҷикикостон аз ҳар вақта дида бештар ниёз дорад. Аз ин сабаб Тоҷикистон манбаъи ашёи хом ва содироти молӣ Русия аст. Тоҷикистон дорои сарватҳои фаровони зеризамини нафт, газ, ангиштсанг, намак, сурма, тилло, симоб, арсен, фолврам, булури кӯҳӣ, сангҳо қиматбаҳо, сурб, флизҳои нодир ва чашмаҳои маданист [3, с.254].

Федератсияи Русия мақсадҳои стратегию геоплотикиашро низ дар Тоҷикистон амалӣ месозад. Мавқеъ он дар ин ҷо аз мавқеаш дар давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ беҳтару қавитар аст. Давлатҳои дигари ин митақа нисбат ба Тоҷикистон аз Русия камтар вобастаанд [4, с.185]. Онҳо тавонистан, ба хусусияти мустақилияти иқтисодӣ ва илмию фарҳангии хешро беҳтар ва пайгирона такмил бидиҳанд. Вале, Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун аз лиҳози иқтисодӣ, ҳарӣ ва илмию фарҳангӣ ва ёрии Федератсия Русия бештар ниёз дорад. Махсусан, дар шароити кунуни, ки тамоми риштаҳои ҳаёти ҷомеаро амалҳои бунёдгари дар соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, махсусан иқтисодиёт, коркард ва истифодаи нерӯи барқ фаро гирифтааст. Тоҷикистон ба имдоди бевоситаи Русияю кишварҳои дигари ИДМ зарурат дорад.

Ҳамин тариқ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳои бо давлатҳои дигар дар сатҳи зарури қарор дошта бошанд. Муносибатҳои манфиатхоҳонаи Тоҷикистон бо Федератсия Русия дорои ахмияти махсусанд. Аз Тоҷикистон дур шудани Русия на танҳо ба равандҳои сиёсии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад, балки дар инкишофи дохили Русия ва авзои байналхалқии он муқовиматҳои зиёдеро

низ ба вуҷуд меорад. Аз Тоҷикистон даст кашидани Русия ҳамоно боиси ба мамолики дигар абарқудрат, пеш аз ҳама, ИМА рӯ овардани Тоҷикистон мегардад.

ИМА ҳадафу манфиатҳои худро дар Осиёи Марказӣ ба назар гирифта барои таҳкими иқтисодӣ, бозоргонӣ тавассути савдо ва сиёсати сармоягузорӣ дар минтақа кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст. Дар барқарор намудани устувории сиёсӣ ва ҳамкориҳо якҷои иқтисодӣ барои Русия ва ИМА дар Осёи Марказӣ имкониятҳои якхела ба миён меояд. Бо назардошти ин ширкатҳои мухталифи амрикоӣ кушидаанд, ки дар минтақа маблағҳои калони сармоягузори ворид намоянд, то ки дар оянда Осиёи Марказӣ ба яке аз мавзеҳои мусоиди сиёсати иқтисодии онҳо табдил ёбад [5, санаи муроҷиат 22.02.2024]. Исботи ин назарро ба давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсатшиносӣ маъруфи амрико Збигмун Бжезинский махсус таъкид намуда, онро «минтақаи «Балкани евросиёгӣ» донистааст. «Балкани анъанавӣ» дар мубориза барои ҳукумронии аврупо ҳамчун иқтидори объекти геоплотики мебошад. «Балкани ёвроосиёгӣ» бошад аҳамияти калон геполитики дорад. Зеро он минтақаи бузурги ёврозия ба ҳисоб рафта давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи Ғарбро бо давлатҳои Шарқ мепайвандад. Ғайр аз ин «Балкани евроосиёгӣ» аз нуқтаи назари ғурри таърихи, пеш аз ҳама, амнияти се давлати ҳамсояи бузург, аз ҷумла Русия, Туркия ва Эрон мебошад [4, с.185]. Дар ин минтақа манфиатҳои сиёсии Чин низ меафзояд. Вале «Балкани ёвороосиёгӣ» аз ҷиҳати бурди иқтидори иқтисодӣ аҳамияти бештареро соҳиб аст». Нуқтаи назари З. Бжезинскийро воқеияти сиёсати ҳукумати ИМА дар минтақа ифода менамояд.

Манфиатҳои гопалотикии ИМА дар Осиёи Марказӣ гуногунсоҳа буда, тарафҳои мусбат ва манфии зиёд дорад. Онҳоро ба гурӯҳои зерин тақсим намудан мумкин аст:

- доираи нуфузи сиёсати ИМА-ро тамоми фазои баъдишӯравӣ фаро гирифта, пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба эҳёи иделогияи ҳукумрон ва дар зери таъсири қатъӣ нигоҳ доштани Русия ташкил менамояд. Зеро эҳтимолияти бозгашт ҷаҳон ба мусалаҳшавии бошитоб вуҷуд дорад;

- пешгирӣ намудан ё зери назорат қарор додани муқовиматҳо ва ё ҷангҳои шаҳрвандӣ, ба таназзули кишварҳо монеъа гаштан, ки метавонад ба давлатҳои ҳамсоя ва ҷомеа ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида, оқибат бетартибӣ ва бесарусаомниро ба амал оранд;

- пешгирии истеҳсол ва паҳн намудани яроқи қатли ом;

- пешгирии раванди инкишофи исломи иртиҷоӣ дар Осиёи Миёна ва минтақаҳои дигари олам;

- эҳтиром ва риояи қатъии ҳуқуқи инсон, рушди демократия, иқтисоди бозорӣ ва мусоидат намудан ва ҳифзи муҳити зист;

- таъмини тавоноии Амрико, мақом ва нақш пешбари он дар инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва махсусан, дар истифодабарӣ ва истихроҷи сарватҳои табиӣ [1, с.35].

Муносибати ҶХЧ дар нисбати Тоҷикистон роҳу раваиши хосаро пайдо намудааст. Аз хотире, ки ҳузури қӯшунҳои ҳарбии коалистсияи зиддитерористӣ дар Тоҷикистон доимӣ набуданд, роҳбарияти Чин ба Тоҷикистон бештар таваҳҷӯҳ менамуд. Дар муқоиса ба оне, ки Узбекистон ва Қирғизистон дар низоми нави ҷаҳон стратегияи сиёсати худро ба тарафдории ИМА пеша карда буданд, ҳузури қӯшунҳои ҳарбии коалитсияи дар минтақа то андозае Чинро ба таваҷӯҳ овард.

Муносибатҳои ҶХЧ дар муқобили ҳузури қӯшунҳои ҳарбии коалитсияи зиддитероризм дар шакли зайл сурат мегирифт:

- Ҷумҳурии халқии Чин наметавонист, ки ба мавқеъгирии қӯшунҳои ҳарбии зиддитерористӣ дар минтақа бетараф монад;
- мавқеъи Чин дар он зоҳир мегардад, ки ҳуқуқҳои интихоби бевоситаи худи давлатҳои Осиёи Марказиро ҷонибдорӣ ва дастгри намуд;
- Чин ба сифати актори муҳими таъмини сулҳу субот дар минтақа баромад менамояд;
- амнияти минтақа бояд дар дораи кишварҳои минтақа бе дахолати давлатҳои бегона таъмин карда шавад;
- таъмини амният дар минтақа бояд бо иштирок ва аз ҷониби ташккилотҳои митақавии байналхалқӣ, ба мисли Созмони Ҳамкориҳои сурат бигирад [3, с.267].

Пешомади сиёсати Ҷумҳурии халқии Чин дар Осиёи Марказӣ дар доираи принсипҳои рушди босуботи геополитикии минтақа омода мегардад. Дар масъалаҳои сиёсати сармоягузорӣ Чин аз ИМА ва Иттифоқи Аврупоӣ дар Осиёи Марказӣ бартарӣ пайдо кардааст. Бартарии он дар ҳамсоягии онҳо зоҳир мегардад, ки ба рӯовариҳои геополитики мувофиқ аст. Ҷумҳурии халқии Чинро зарур омадааст, ки баҳри ҳифзи манфиатҳои гуногунҷабҳаи хеш дар минтақа чораҳои зуруриро омадааст, ки баҳри ҳифзи манфиатҳои гуногунҷабҳаи хеш дар минтақа чораҳои зарурро биандешад. То солҳои охир Ҷумҳурии халқии Чин дар Осиёи Марказӣ сиёсатро пеша карда буд, ки ба мӯътадил нигоҳ доштани муносибатҳо бо Федератсияи Русия нигаронида шуда буд. Аммо вазъияти гополитикӣ дар Осиёи Марказӣ ва мавқеъ пайдо намудани ИМА дар ин минтақа роҳбарияти ифодагари манфиатҳои миллию геополитикии кишварҳои минтақа бошад.

Умуман давлатҳои гуногуне арзи ҳасти доранд, ки дар Осиёи Миёна мехоҳад давоъи абарқударатиро намояанд ва Осиёи Миёна яке аз омилҳои асосии ба даст овардани гегомонияи олам ба шумор меравад. Ин минтақае мебошад, ки аз лиҳози нефту кимёви бой буда, метавонад дар ояндаи на чандо дур яке аз минтақаҳои муҳими манфиатҳо ва бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат гардад. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистонро мебояд аз тамоми самтҳои геостратегӣ истифода намуда мавқеи хешро дар бозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ ва ғайра мустаҳкам ва ғани гардонад. Зеро Тоҷикстон аз лиҳози таҷрибаи худидоранамоии сиёсӣ на он қадар бой буда метавонад мавқеъи худро дар чунин бозиҳо аз даст диҳад ва ҳар як субъек-

ти давлтиро мебояд дар чунин бозии сиёсӣ моҳрона фаъолияат намуда мавқеъи худро дар рушди давлатдорӣ ва байналмиллалӣ аз даст надиҳад.


**Анататсия бо забони тоҷикӣ**:

Тоҷикистон барои манфиатҳои геополитӣ ва пайдо намудану таҳкими мақом ва нақши махсуси худ дар низоми навинни олам кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Мақоми ҷойгиршавӣ ва вазъияти географи он масъаларо боз ҳам рӯзмарра мегардонад. Тоҷикистон дар ҳалқаи кишварҳое қарор дорад, ки на ҳама вақт муносибаташон холисонаю беғаразона бошад. Аз ин хотир, Тоҷикистон имкониятҳоро истифода барад бо тамоми мамалакатҳои манфиатдор, ҳам ба Федератсия Русия ва ҳам ба Иттиҳоди Мутаҳидаи Амрико ва ҳам бо мамлакатҳои дигар қарор мегирад. Муқтадири ҳамҷавор дар пайвастагӣ ва муносибатҳои имкониятҳои гуногунанд. Ё худ Тоҷикистон метавонанд такягоҳро дар олами Ислом ҷустуҷӯ намояд. Махсусан бо кишварҳое, ки умумияти забонию фарҳангӣ доарнд. Чунини ҳолат на танҳо ба Русия, балки ба тамоми мамлакатҳои арбию насронӣ хуш намоеяд. Махсусан, дар шароити ҳозирае, ки гурӯҳи давлатҳои Исломи ҷараёни бунёдгароиро тақвият ва таҳким мебахшанд, рӯовариҳои геополитикии давлатҳои тозаистиқлоли Осиёи Маркази ба онҳо боиси андешаҳои гуногун мегарданд.



**Калидвожаҳо:** геопалитика, геостратегия, манфиатҳои миллӣ, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, давлатҳои тозаистиқлол, сарҳад, минтақа, ҳудуд



**Анантатсия на русском:**

Таджикистан прилагает большие усилия для реализации геополитических интересов, поиска и укрепления своего статуса и особой роли в новой мировой системе. Местоположение и географическое положение делают эту проблему еще более актуальной. Таджикистан входит в число стран, отношения с которыми не всегда справедливы и беспристрастны. Поэтому Таджикистан полон решимости использовать возможности со всеми заинтересованными странами, как с Российской Федерацией, так и с Соединенными Штатами Америки, а также с другими странами. Сила сосуществования заключается в соединении и соотношении различных возможностей. Либо Таджикистан сам может поискать поддержки в исламском мире. Особенно со странами, которые имеют общий язык и культуру. Такая ситуация хороша не только для России, но и для всех арабских и христианских стран. Тем более, что в нынешних условиях, когда группа исламских государств усиливает и усиливает процесс фундаментализма, геополитические дела новых независимых государств Центральной Азии вызывают у них разные мнения.



**Ключевые слова:** геополитика, геостратегия, национальные интересы, Центральная Азия, международные отношения, новые независимые государства, граница, регион, территория.


**Annotation in English:**

Tajikistan is making great efforts to realize geopolitical interests, seek and strengthen its status and special role in the new world system. Location and geography make this issue even more pressing. Tajikistan is one of the countries with which relations are not always fair and impartial. Therefore, Tajikistan is determined to seize opportunities with all interested countries, both the Russian Federation and the United States of America, as well as other countries. The power of coexistence lies in the connection and correlation of different possibilities. Or Tajikistan itself can look for support in the Islamic world. Especially with countries that have a common language and culture. This situation is good not only for Russia, but also for all Arab and Christian countries. Moreover, in the current conditions, when a group of Islamic states is strengthening and intensifying the process of fundamentalism, the geopolitical affairs of the newly independent states of Central Asia give rise to different opinions among them.

**Key words:** geopolitics, geostrategy, national interests, Central Asia, international relations, newly independent states, border, region, territory.

**Руйхати адабиёт**

1. Бжезинский З. Великая шахматная доска.-М., 1997.-С. 35. Ниг.:
2. Дргачев В.А. Геополитика.-М., 2004.-С. 439.
3. Зокиров Г.Н. Геополитика.-Душанбе, 2009.-С. 252.
4. Зокиров Г.Н., Абдулҳақов М. Манфиятҳои миллӣ-омили меҳварии рушди давлатдорӣ.-Душанбе, 2008.-С. 185.
5. http://www.geopolitica.ru/article/kak-amerika-i-yaponiya-vidyat-mir#.USs4cDAqz4Z (санаи муроҷиат 22.02.2024)

## ТУРИЗМ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРИГРАНИЧНЫХ ТЕРРИТОРИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН (НА ПРИМЕРЕ ГОРНО - БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ)

**Ясакиева Сабрина Азизовна - старший преподователь Таджикского государственного университета коммерции**

В статье рассмотрены вопросы влияние туризма на приграничные территории Республики Таджикистан. Выделены особенности приграничных регионов и основные преимущества приграничного туризма, а также предложены пути совершенствование туризма на приграничных районах.

**Ключевые слова**: туризм, приграничная территория, приграничный туризм, трансграничное сотрудничество

В условиях усиления участия Республики Таджикистан в интеграционных процессах особенно актуальной становится проблема экономического развития приграничных регионов, поиска наиболее эффективных его средств. Развитие туризма на этих территориях является одним из важных ресурсов. Однако из-за географических расположений, уникальных особенностей развития каждого

региона, данный вопрос будет иметь разное решение и может оказывать разное влияние на экономику каждого региона. Особенно значима на наш взгляд, проблема влияния туризма на региональное экономическое развитие для горных регионов Республики Таджикистан, таких как Горно-Бадахшанская автономная область, которая отделена от традиционных центров туризма. [2;с.17].

Несмотря на то, что изучением туризма на Памире занимались многие отечественные ученные, но тема влияния туризма на экономическое развитие приграничных регионов страны является еще достаточно новой.

Горно-Бадахшанская автономная область –самая южная часть Республики Таджикистан, которая занимает довольно обширную территорию страны (63,7км). Область граничит на севере с Киргизией протяженность границы которой составляет (362 км); на востоке с Китаем ( 494,9км); на юге и западе с Афганистаном (920 км). Именно эти трансграничные черты дают возможность Горно- Бадахшанской автономной области развивать сферу туризма, что способствует улучшению социально-экономического положения региона. Горный Бадахшан является стратегическим регионом и его развития является приоритетной задачей для нашей страны. Развитие сферы туризма на территории области является одним из стратегических приоритетов региона, которое не требует значительных затрат регионального бюджета. [6;с.161].

Горно-Бадахшанская автономная область по сравнению с другими областями обладает значительными конкурентными преимуществами по сравнению с другими регионами Республики Таджикистан, обусловленными трансграничным положением края:

- наличием протяженной границей с несколькими странами ( Афганистан, Китай, Киргизия)

- значительным числом учреждений разных стран на территории края;

-интерес, проявляемый населением многих стран мира к посещению Горно-Бадахшанской автономной области, особенно Памира;

- наиболее благоприятные природно-климатические условия;

- наличие транспортно-логистической системой и рядом других преимуществ.

Как видно из таблицы 1 почти все районы Горно-Бадахшанской автономной области являются приграничными, а на 4 из них даже осуществляют свою деятельность приграничные рынки. Почти каждый турист, который приезжает на Памир обязательно посещает приграничные рынки г. Хорога, Ишкашима и Рузвай Дарвазского района. Товары, которые обладают популярностью на приграничных рынках со стороны туристов – памирские тюбетейки, бусы, памирские джурабы, национальные блюда и другие товары ремесленников по обеим сторонам реки, как со стороны афганских торговцев, так и таджикских. Посещение туристов приграничных рынков может способствовать благосостоянию населения обеих сторон.

**Общая характеристика приграничных районов Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО)**

**Таблица 1.**

| Приграничный район | Сопредельное государство | Общая протяженность границ |
|---|---|---|
| Дарвазский район<br>Шугнанский район<br>Ванджский район<br>Ишкашимский район<br>Г. Хорог | Афганистан | 920 км |
| Мургабский район | Киргизия | 362 км |
| Мургабский район<br>Ишкашимский район | Китай | 494,9км |

Горно-Бадахшанская автономная область обладает огромным туристско-рекреационным потенциалом. Это определяется уникальным географическим положением территории, мягким климатом, и разнообразием флоры и фауны, пейзажным разнообразием, сравнительно высокой степенью освоенности территории, а также наличием многочисленных памятников истории, древней культуры и историко-культурных связей региона с Китаем, Афганистаном, Пакистаном и Киргизией. Все это делает край привлекательным для зарубежных туристов и способствует развитию как внутреннего, так и въездного туризма. Большая часть горячих источников Памира находятся на территории Ишкашимского района ( Гармчашма, Авч, Ямчун). Почти со всего мира сюда приезжают лечиться и отдохнуть не только из приграничных районах соседних стран, но из разной точки мира, благодаря прекрасной природе зоны отдыха и несравнимо ценным целебным свойствам минеральных вод.

Горно-Бадахшанская автономная область в частности имеет большое преимущество выраженное в ее автотранспортной системе. Горно- Бадахшанская Автономная область является местом пересечения потока международной торговли. Стратегическое местоположения ГБАО служит мостом для транзита товаров и услуг между Китаем, Кыргызстаном и Афганистаном. Ваханский коридор длиной 20 км отделяет ГБАО от Пакистана. Через территории области проходит самый длинный в республике автомагистраль Душанбе-Хорог-Кулма, которая уходит вверх по направлению к таджикско- китайской границе на перевале Кулма. В продолжение вышесказанного следует отметить что на ряду с Китаем, ГБАО имеет сотрудничество с Афганистаном с помощью «мостов дружбы» которые построены через реку Пяндж. [4;с.23].

Богатый природно-рекреационный и историко-культурный потенциал ГБАО способствует формированию различных туристических маршрутов и направлений по Великому Шелковому пути. Туристы посещаемые Горный Бадахшан могут ознакомиться даже с приграничными районами, как Афганистана так и Китая. Потому, что с таджикского берега видны почти все Бадахшанские вулусвольств Афганистана. Кишлаки на афганской стороне связанны между собой горными тропами и оврингами- искуственно созданными « балконами» на отвесных скалах над реками. Вся хозяйственная деятельность ведется традиционными методами. Несмотря на одинаковые обычаи, язык, верование, климат

и географическое расположение Бадахшана Афганистана сильно отличается от Бадахшана Таджикистана, чем привлекает туристов.

Наряду с Афганистаном турист, посещаемый ГБАО, имеет возможность посещать и Китай. Дорога, ведущая в Китай через высокогорного озеро Каракуль необычна красива. В основном туристы выбирают этот путь в Ташкурган Синьцзян-Уйгурском автономный район. Ежегодна данный регион посещают десятки тысяч туристов со всего мира.

Туризм для Горно-Бадахшанской автономной области как для приграничного региона формирует дополнительные возможности повышение эффективности приграничного сотрудничество и проявляются в следующем:

-приграничные территории обладают достаточно сходными природно-климатическими характеристиками, что не требует при организации приграничного туризма особых мер по акклиматизации туристов или специальном приобретении ими подходящей для путешествия одежды и обуви и других принадлежности;

- близость приграничных территорий способствует значительному сокращению доли транспортных расходов в стоимости туров, что повышает ценовую доступность приграничного туризма;

- близость приграничных территорий, социально-экономический уклад, культура и традиции проживающих на этих территориях народов способствует стабильному сотрудничеству во всех областях приграничных территорий;

В настоящее время вклад туризма в ВРП области пока незначителен, однако отрасль признана перспективной. Доходы от туризма образуется от расходов туриста на покупку товаров и услуг, например организация тура, размещение в гостиницах, использование транспорта, использование мобильной связи и интернета, использование услуг банков, переводчиков и.т.д. Хотя туризм на Памире пока имеет сезонный характер, но положительно влияет на благосостояние местного населения.

Подводя итог можно сделать вывод, что отношение ГБАО с его соседними странами развиваются стабильно, сотрудничество в экономике приграничных районов, торговля и туризм дают новые возможности для развития. Для того чтобы вывести ГБАО на новый уровень устойчивого развития приграничного туризма необходимо создать следующее:

1) Для устойчивого развития туризма также необходимы разработки системы сертификации для предприятий, лицензирование туроператорской и турагентской деятельности, обязательное наличие профильного образования и стаж работы специалистов в данной отрасли;

2) Развивать инфраструктуру региона, уровень сервиса, безопасность, гостеприимство;

3) Внести изменения в Государственную программу по развитию туризма 2009-2019гг. Республики Таджикистан и дополнять пункт о развитие приграничного туризма;

4) Разработка стратегии развития приграничных территорий с учетом их конкурентных преимуществ.

Как показали многочисленные исследования государство, воспринимая туристическую отрасль как одно из приоритетных направлений экономической политики, должно способствовать развитию деятельности в сфере туризма и формированию благоприятных условия для ее устойчивого функционирования. Ведь недаром 2018 год в Республике Таджикистан со стороны Основателя мира и единства, Лидера нации, уважаемого Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон объявлен годом « Туризма и развития народных ремесел».

**Литература**


1.Асеева А.Ю. Проблемы и перспективы развития Российско-Китайского приграничного сотрудничество в сфере туризма // Межрегиональное и приграничное сотрудничество : [материалы международного сборника научных трудов] / АНО «Институт приграничного сотрудничества и интеграции», НИУ Белгородский гос. ун-т ; [редкол. : В. П. Бабинцев, Н. С. Данакин, И. А. Новикова и др. ; под. общ. ред. В. П. Бабинцева]. - Белгород : КОНСТАНТА, 2016. - 240 с.

2. Гатауллина С.Ю. Туризм как фактор развития приграничных регионов России ( на примере Приморского края) // Перспективы социально-экономического развития приграничных регионов. Материалы третьей научно-практической конференции с международным участием (09 июня 2016 г., г. Петрозаводск). Петрозаводск: Карельский научный центр РАН, 2016. 132с

3. Данисенко Е.Д. Трансграничнось как фактор развития туризма: на примере Приморского края.- Санкт-Петербург, 2016-59с

4. Жеенбеков А.Ш Дарожная карта- присоединение Кыргызстана к таможенному Союзу:поиск компромисса в вопросах сотрудничества //Проблемы современной экономики.-№3 (47) 2013.- 56с

5. Шинковский, М.Ю. Трансграничное сотрудничество как рычаг развития Российского Дальнего Востока /М.Ю. Шинковский // ПОЛИС. Полит.исслед. – 2004. –№ 5. – С. 62-70

6.Ясакиева С.А. Роль приграничной торговли в социально-экономическом развитии территории ( на примере ГБАО) // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики. Материалы V международной научно-практической дистанционной конференции (2-3 июня 2017 г., г. Душанбе) / Под.общ.ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К.- Душанбе: «Сумани Кудрат», 2017.-308с


# ЗАМИНАҲОИ ТАШКИЛИ САЙЁҲИИ КУҲНАВАРДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


**Асоева М.С – муаллими калони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

**Ҳикматова М.С. - муаллими калони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Дар мақола оид ба сайёҳӣ, ки яке аз соҳаи асосии инкишофи иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ба шумор меравад, маълумот дода шудааст. Сайёҳӣ тамоми паҳлӯҳои ҳаёти фарҳангиро ривоҷу равнақ медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сайёҳӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати рушди он тадбирҳои муассир меандешад.

Кӯҳнавардӣ, шухпаймоӣ, рафтинг, пиёдагардӣ дар кӯҳҳо аз бахшҳои афзалиятноки сайёҳии кӯҳӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ мешаванд. Аксари сайёҳон маҳз ба хотири боздид аз кӯҳҳои сар ба фалак ва зебогиҳои табиат ба Тоҷикистон сафар мекунанд. Сайёҳии куҳнавардӣ яке намудҳои сайёҳии куҳӣ-варзишӣ ба шумор меравад.

***Вожаҳои калидӣ***: *сайёҳӣ, сайёҳии куҳӣ, куҳҳо, куҳнавардӣ, ҷиҳози куҳнавардон, ғизои куҳнавардон,релеф, фатҳи қулла, сабки фатҳкунии қуллаҳо.*

## УСЛОВИЯ ОРГАНИЗАЦИИ АЛЬПИНИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье представлена информация о туризме, который считается одним из основных направлений экономического развития стран мира. Туризм способствует развитию всех аспектов культурной жизни. Правительство Республики Таджикистан уделяет особое внимание туризму и принимает эффективные меры для его развития.

Альпинизм, походы, рафтинг, походы в горы являются одними из приоритетных направлений горного туризма в Таджикистане. Большинство туристов едут в Таджикистан именно для того, чтобы увидеть заоблачные горы и природные красоты. Альпинистский туризм является одним из видов горно-спортивного туризма.

***Ключевые слова:*** *туризм, горный туризм, горы, альпинизм, снаряжение альпинистов, питание альпинистов, рельеф, покорение вершины, стиль покорения вершин.*

## TERMS OF ORGANIZING TOURISM OF MOUNTAINEERING IN TAJIKISTAN

The article provides information on tourism, which is one of the main areas of economic development of the countries of the world. Tourism promotes all aspects of cultural life. The government of the Republic of Tajikistan pays special attention to tourism and takes effective measures for its development.

Mountaineering, hiking, rafting, hiking in the mountains are among the priority sectors of mountain tourism in Tajikistan. Most tourists travel to Tajikistan precisely to visit the sky-high mountains and natural beauty. Mountaineering tourism is one of the types of mountain sports tourism.

***Key words:*** *tourism, mountain tourism, mountains, mountain climbing, equipment of mountaineers, nutrition of mountaineers, relief, conquest of the peak, style of conquest of the peaks.*

Сармояи инсонӣ омили муҳими ҷомеаи пешрафтаи муосир буда, рушди он ҳадафи асосӣ ва шарти зарурии фаъолияти давлат барои солҳои

тӯлонӣ мебошад. Вобаста ба ин, барқарорсозии қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон, таҳкими саломатӣ ва нигоҳ доштани қобилияти меҳнатии инсон вазифаҳои аввалиндараҷаи дилхоҳ давлат дониста мешавад. Яке аз соҳаҳои ба барқарорсозии қобилиятҳои меҳнатии инсон мусоидаткунанда ва ба саломатии миллат таъсири калон дошта сайёҳӣ мебошад.

Ҳамаи намудҳои сайёҳӣ аҳамияти калон дошта, ҳар кадоме дорои хусусиятҳои фоидаовари худ мебошанд, вале дар байни онҳо сайёҳии кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад.

Кӯҳнавардӣ, шахпаймоӣ, рафтинг, пиёдагардӣ дар кӯҳҳо аз бахшҳои афзалиятноки сайёҳии кӯҳӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ мешаванд.

Таърих ва табиати нодир Тоҷикистонро барои сайёҳону кӯҳнавардон ва кӯҳгардони ҷаҳон ба як минтақаи ҷолибу беназир табдил додааст.

Таваҷҷӯҳи сайёҳони хориҷӣ ба сарзамини мо кам нест, аммо ба гуфти коршиносон то ҳол иқтидорҳои мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба ҷаҳониён пурра муаррифӣ нашудааст.  Аз ин рӯ, истифодаи босамар аз захираҳои сайёҳӣ ва тарғиби дурусти он дар минтақа ва ҷаҳон ҳар сол метавонад ба буҷети кишвари мо даромади назаррасро ворид созад. Солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ мушоҳида шуда истодааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 23 декабри соли 2022 баргузор шуда буд, чунин омадааст: “...Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд.

Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби соддакардашуда ҷорӣ гардидаст.

Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯйи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад...” [1].

Мувофиқи қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ ҳамасола  11 декабри соли 2003  рӯзи кухҳоро қайд мекунанд. Мақсад аз ҷорӣ намудани он ин ҷалб намудани диққати ҷомеа ба масъалаҳои гуногуни минтақаҳои куҳии сайёраамон, нигоҳ доштани табиати нотакрор ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ин минтақаҳо мебошад.

Сайёҳии куҳнавардӣ (алпинизм) яке аз намудҳои сайёҳии инкишофёфта ба ҳисоб меравад. Куҳнавардӣ аз захираҳои асосии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, сайёҳон имконият доранд, ки дар як замон, ҳам аз табиати зебои водӣ, ҳам аз манзараҳои дилнишини доманакуҳҳо ва ҳам аз қуллаҳои барфпӯши иқлими кӯҳистон баҳравар шаванд.

Кишвари офтобрӯяи мо - Тоҷикистон махсусан бо минтақаҳои кӯҳсор ва барфпӯши худ, қуллаҳои баландтарини ҷаҳон ба номи Исмоили Сомонӣ, Абуалӣ ибни Сино ва боз 12 қуллаҳои баландтарин диққати сайёҳон ва кӯҳнавардони зиёдеро ҷалб менамоянд. Мувофиқи сомонаҳои расмии сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Олмон "...меҳвари системаи кӯҳии Помирро қаторкӯҳи Академияи илмҳо бо қуллаҳои баландтарини овозадор - Сомонӣ 7495 м (қуллаи Коммунизм) ва Озоди 7105 м (қуллаи Корженевская) ташкил медиҳад. 24 қуллаи қаторкӯҳҳо дар баландии зиёда аз 6000 м аз сатҳи баҳр ҷойгиранд." [3]

Тоҷикистон кишвари хушманзара ва нодир буда, бо табиати зебою нотакрор, кӯҳу дарёчаҳо, кӯлҳо, мамнӯъгоҳу марғзорҳо, чашмасорон ва бо олами набототу ҳайвоноти нодир дар минтақа машҳур аст. Қуллаҳои фатҳнашуда дар ҷумхурӣ ҳанӯз бисёранд.

Бо инкишоф ёфтани муносибатҳои бозори иқтисодӣ дар давоми ду даҳаи охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода истода аст. Дар замони муосир дар кишвари мо сайёҳии воридотӣ ва содиротӣ, инчунин сайёҳии экологӣ, сайёҳии кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ, сайёҳии велосипедронӣ бо суръат пеш рафта истодааст.

Кӯхнавардӣ (алпинизм) бо мақсади варзишӣ ё тадқиқоти қуллаҳои кухҳо амалӣ карда мешавад.

Яке аз фарқиятҳои асосии сайёҳии кӯҳнавардӣ, аз дигар намудҳои сайёҳии кӯҳию варзишӣ фатҳи қулла аст. Воқеан ба ҷисми одам баъди ба баландии 2500-3000 метр расидан фишори атмосферӣ таъсири худро мерасонад. Бинобар ин, навоҳии кӯҳиро минтақаи кӯҳӣ мегӯянд, ки баландиашон ба 3000 метр мерасад. Дар ин ҷо фарқи сайёҳӣ ва кӯҳнавардиро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба сайёҳӣ навоҳие дохил мешаванд, ки бештар ҳамвортар аст ва онро бо номи «ҷои ҳаққонӣ»-и пиёдагардон меноманд. Дар кухнавардӣ боз як омили дигар амал мекунад: баландӣ, мураккаб будани як мавзеъ дар баландиҳои гуногун арзиши ҳархела мегирад. Имконияти нави бемаҳдудият барои сафарҳои кӯҳӣ пайдо шудаанд. Бинобар ин, сайёҳии кӯҳии имрӯзаро аз кӯҳнавардӣ фарқ кардан душвор шудааст. [5]

Моҳияти варзишии кӯҳнавардӣ дар бартараф намудани монеаҳои табиат (баландии кӯҳ, рельеф, обу ҳаво), ки дар вақти фатҳи қулла пайдо мешаванд, мебошад. Кӯҳнавардӣ намуди пурмоҷарои варзиш ҳисобида мешавад, зеро вай бо хатарҳои воқеӣ, паси сар кардани теппаҳои душворгузар, ҷариҳо, тарқишҳои пиряхӣ ва кӯҳӣ, инчунин бо таваккали зери тарма ва сангреза мондан, зери сел мондан, хусусан дар боду ҳавои номувофиқ, дар фишори пасти атмосферӣ ва радиатсияи баланди шуоҳои офтоб зич алоқаманданд аст. Асосан, кӯҳнавардӣ дар фасли зимистон пурмоҷаро аст. Барои кӯҳнавардон вазъи обу ҳаво хеле зарур аст, бинобар ин дар пойгоҳи асосӣ асбобҳои рақамии обуҳавосанҷӣ бояд васл карда шуда бошанд. Инчунин шахсоне, ки орзуи каме фориғ шудан аз

тамаддунро доранд, барои 80-100 нафар минтақаи махсуси хаймазанӣ, бошишгоҳҳо бо алоқаи интернетӣ ва мобилӣ пешбинӣ шудааст. [3]

Одатан, қисми техникии хатсайр аз сад метр то якчанд километр масофа тӯл кашида, пайваста бар ин, дар давоми хатсайр нуқтаҳои доимии худҳимоякунӣ ( страховка ) вуҷуд надорад. Фатҳкунӣ, вобаста аз дараҷаи душворӣ ва тӯл кашидани хатсайр метавонад аз чанд соат то як чанд рӯз, ҳафта ва ҳатто моҳ давом кунад. Дар сомонаҳои махсус оид ба хатсайрҳо ва баргузории турҳои гуногун эълон, ҳисоботҳо дар намуди суратҳо ҷой дода шудаанд. [5]

Ду сабки (стил) фатҳкунӣ кӯҳҳо вуҷуд дорад: ҳимолоӣ ва алпӣ.

Фатҳкунии алпӣ - ин бо муваффақият баромадан ба қулла бо тамоми таҷҳизот мебошад.

Сабки (стили) ҳимолоӣ бошад, бо тайёрии пешакии хатсайри фатҳшаванда, гузоштани бандҳои худҳимоякунӣ (страховочный), гузоштани лагерҳо, бо таъмини оксиген ва таҷҳизот ба истгоҳҳо, ки дар тӯли ин намуди фатҳкунӣ ба кӯҳнавардон лозим меояд, ки аз баландиҳо ба баландиҳо ва аз лагер ба лагер гузаранд, фарқ мекунад. Сабки ҳимолоӣ – ин монеаҳои кӯҳие мебошанд, ки баъзан вақт барои фатҳ намудани он 2-3 моҳ сарф мешавад. Аммо бисёре аз фатҳкунандагони Эверест ва дигар ҳаштҳазораҳо бо ин хел тактика муваффақ гаштаанд.

Кӯҳнавардӣ ва шикор дар Тоҷикистон аллакай навъи машҳури саёҳат мебошанд, ки ба сайёҳии авантюрӣ дохил мешаванд. Ба ин бояд боз имкониятҳои қаиқронӣ, велосипедронии кӯҳӣ, парвоз аз баландиҳо ва дигар сайрҳои авантюрӣ илова карда шаванд. Ба саёҳати куҳӣ, ки намуди сайри авантюрӣ мебошад, сармоягузории на он қадар зиёд лозим аст. Ҳамчунин, мисли саёҳати кӯҳӣ марказҳои иттилоотӣ низ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти сайёҳон ба таври самаранок ва камхарҷ зарур аст. Воситаҳои давлатӣ, хусусӣ ва шарикони рушд бояд ба рушди марказҳои сайёҳии кӯҳӣ ва сайри авантюрӣ дар тамоми мамлакат равона карда шаванд. Диққати махсусро садамаҳо, ҳолатҳои фавқуллода ва нигоҳдории умумии тандурустӣ талаб менамоянд. Одамон дар ҷустуҷӯи сайёҳии авантюрӣ, махсус ба хатар роҳ медиҳанд, то эҳсосоти баланд ва қаноатмандиро дарк намоянд. Онҳо мехоҳанд, ки ин хатарҳо муайян карда шуда, дар доираи фаъолияти муайян идора карда шаванд. Агарчӣ ин мухолифи маънои сайёҳии авантюрӣ бошад ҳам, одамон саёҳати «бехатар»-ро афзалтар медонанд. Онҳо мехоҳанд ягон намуди амалҳои мураккаб ва хатарнокро иҷро намоянд, аммо дар баробари ин кафолати масъулияти фаъолияти мутахассисонро оид ба кам кардани хатар ба саломатӣ ва ҳаёт, инчунин дар ҳолати рӯй додани ҳодисаи нохуш дастрас будани ёрии табибонро интизор мешаванд. Ҷавобгӯ будан ба чунин талабот барои Тоҷикистон мушкил мебошад, лек сохтани роҳҳо барои сайёҳӣ яқин афзалият меорад. Афзалияти сайёҳӣ бояд ба дигар афзалиятҳои миллӣ зам гардида, диққати ҳамаро барои иҷрои ин талабот равона созад.

Кӯҳнавардӣ дар одам хислатҳои мардонагӣ, чолокӣ ва ғайраро тарбия мекунад, нерӯю тавоноӣ мебахшад, ҳамоҳангии ҳаракат ва пуртоқатиро инкишоф медиҳад. Дуруст ташкил кардани кӯҳнавардӣ ва нафас гирифтан аз ҳавои кӯҳистон ба саломатӣ таъсири мусбат расонда, ба як навъ истироҳати фаъол маҳсуб мешавад. Ҳамзамон баромадан ба кухҳои баланд асабҳои устувор ва нерӯи зиёди ҷисмониро тақозо менамояд. Ин ҳама зери таъсири фишори пасти атмосфера, тағйир ёфтани ҳарорат ва намии ҳаво, афзоиши радиатсияи ултрабунафш гаронтар хоҳад шуд. Бинобар ин, куҳнавардро зарур аст, ки баҳри ноил гаштан ба мақсад омодагии ҷиддӣ бинад.

Омили асосие, ки ҳангоми баромадан ба куҳҳои баланд ба организм таъсир мерасонад, норасоии оксиген аст: он кори нафаскашӣ ва системаи дилу рагро халалдор месозад, иштиҳо гум ва хоб вайрон мешавад.

Дар кӯҳнавардон тағйирот ва ихтилоли системаю узвҳо, одатан, муваққатӣ буда, тез мегузарад. Дараҷаи зуҳуроти онҳо ба обутоби организми куҳнавард вобаста аст. Барои ба шароити баландкуҳ мутобиқ шудан муддате дар лагерҳои куҳнавардон зистан лозим меояд.

Дар аснои машгулиятҳои кӯҳнавардӣ назорати катъии духтур зарур аст. Духтури лагери куҳнавардӣ, кухнавардонро аз муоинаи аввалин, инчунин пеш аз баромадан ба кӯҳ ва баъди он аз назорати тиббӣ мегузаронад, барои ба куҳҳои баланд баромадан иҷозат додан ё надоданро ҳаллу фасл менамояд, режими дурусти акклиматизатсия ва машқи махсуси куҳнавардонро мураттаб месозад, вояи хурокро вобаста ба шароит ва дараҷаи душвории куҳбароӣ муайян мекунад. Либоси куҳнавард бояд мувофиқ, сабук ва муносиб бошад, ӯро аз хунукӣ, шамол ва боришот эмин нигоҳ дорад. Пойафзоли чармини куҳгардӣ бояд ба пой мувофиқояд. Барои муҳофизати чашм айнакҳои махсус заруранд.

Ғизои куҳнавардон бояд серкалория (на камтар аз 4500 – 5000 ккал) бошад: хӯрокро 4 – 5 маротиба дар як рӯз ва ба қадри имкон гарм хӯрдан лозим аст. Дар шароити куҳ ангиштоб беҳтар ва равган каме бад ҳазм мешавад, бинобар ин ғизо бояд камравган ва серангиштоб бошад. Ба реҷаи хурок ғизоҳои дуддода, шоколад, қанд, витаминҳои С, В, нони хушк, фатиркулча, мева ва гайра ҳамроҳ мекунанд.

Барои тайёрии ибтидоӣ ба лагерҳои куҳнавардӣ ҷавонон ва духтарони 14 – 15-солаи ҷисман обутобёфта фиристода мешаванд. Ба куҳбароиҳои сабук ҷавонон ва духтарони аз 17-сола болоро роҳ медиҳанд. Барои баромадан ба куҳҳои баланд (6500 – 7000 м) ба одамони аз 22 – 23 то 40 – 42-сола иҷозат дода мешавад. Ба куҳҳои хеле баланд бошад, фақат куҳнавардони таҷрибадор мебароянд.

Тайёрии нодурусти ҷисмонӣ ва техникӣ, сарсарӣ интихоб намудани ҳайат, ба назар нагирифтани душвории сафар, беинтизомӣ, бадсифатӣ ва норасоии асбобу анҷом, ғизо ва назорати тиббӣ метавонад муҷиби фалокат шавад. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ тартиботи қатъии ташкил ва гузаронидани сафари куҳ ва ба куҳҳо баромадан мавҷуд аст (мақсади

асосии он пешгирии хавфи зарбу лат ва фалокат мебошад). Барномаи тайёрии куҳнавардон ҳатман омузиши усулҳои худёрирасонӣ ва ёрии ҳамдигарро дарбар мегирад.

Федератсияи кӯҳнавардии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба рушди соҳаи варзиш нигаронида шудааст, аммо аз таҷрибаҳои кишварҳои ИДМ маълум гардид, ки рушди кӯҳнавардӣ бо дигар соҳаҳои ҷаҳон робитаи зич дорад. Имруз куҳнавардӣ соҳаи талаботи зиёд дошта буда, барои оянда ҳам барои давлат ва ҳам барои аҳолии ҷумҳурӣ манфиати калон дорад.

Куҳнавардӣ дар мамлакати мо аз нимаи дуюми асри гузашта бештар инкишоф ёфт. Имрӯз кӯҳнавардӣ дар Тоҷикистон низ тамоюли хуби рушд дорад. Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид кардааст, ки сохтори дақиқи сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориро ташкил кардан зарур аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки ҷавононро ба кӯҳнавардӣ ҷалб намоянд. Бо дарназардошти он, ки бештари минтақаро кӯҳҳои баланд ишғол кардаанд, маъруфияти кӯҳнавардӣ дар Тоҷикистон касеро ба тааҷҷуб намеорад.

Аз гӯшаҳои дурдасттарини сайёра ба ин ҷо сайёҳон меоянд, то қувваи худро дар фатҳи қуллаҳои нав санҷанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сайёҳӣ ҷолибтарин кишвар аст.

Чанде аз тадбирҳои асосие, ки барои дастгирии рушди устувори сайёҳии кӯҳӣ пешниҳод карда мешаванд, инҳоянд:

- Таҳқиқи миқеси сайеҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ бо мақсади банақшагирӣ ва танзими самараноки он;
- Васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои аҳолии таҳҷоии минтақаҳои кӯҳӣ, то ки он нақши пешбарро дар рушди сайеҳӣ бозад;
- Таҳкими механизмҳои шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар таҳияи маҳсулот ва хидматҳои инноватсионӣ;
-Мусоидат ба рушди сайеҳии кӯҳӣ, ки ба муҳити зист таъсири ночиз мерасонад, бо назардошти омилҳои иқлимӣ;
- Ҳаҷми сармоягузории дохилиро дар минтақаҳои кӯҳӣ зиед намудан.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад, ки вазифаҳои он ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва субъектони бозори он бо мақсади такомули шаклҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва тавассути он то як андоза мустаҳкам гардонидани мавқеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равонаанд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022
2. Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. Асосҳои туризм.–ДМТ, 2013.
3. Захаров П.П., Мартынов А. И., Жемчужников Ю. А. Альпинизм. Энциклопедический словарь. — М.: ТВТ Дивизион, 2006.

4. Лебедихин А.В. Основы альпинизма и скалолазания. Учебное пособие. Екатеринбург, 2004 г.
5. https://alp.tj/
6. https://mfa.tj/tg/berlin/view/6336/kuhnavardi-dar-tojikiston
7. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20211211/kak-razvivat-gornii-turizm-v-tadzhikistane-soveti-ot-ekologa.

## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАКМИЛ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ ҲАМАҶОНИБАИ ТАЪЛИМ ВА ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

**Қурбонова М.М., - устоди калони ДБССТ**
**Шарипова Р.И. - ассистенти ДБССТ**

Сиёсати иҷтимоии кишвар масусан соҳаи маориф дар Паёмҳои ҳамасолаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллии кишвар, ба таври муназзам дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуда, барои рушди соҳаи маориф тамоми имконоти худро истифода мебарад ва минбаъд маблағгузории ин соҳаи барои тамоми мардум ҳаётан муҳимро боз ҳам афзоиш медиҳад.

Хушбахтона, тайи солҳои охир сарвари мамлакат дар вохӯриву суханрониҳои худ ба такмил додани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир менамояд.

Сарвари давлат борҳо таъкид намудааст, ки донистани забонхои англисӣ ва русӣ дар рушду нумӯи бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, сайёҳӣ ва равобити фарҳангӣ бо дигар кишварҳо муҳим аст.

Ба тасвиб расидани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014, 2015-2020 » ва баъдан барои давраи то соли 2030 дар назди мутахассисону омӯзгорони мактабҳои олӣ ва миёнаи таҳсилоти умумӣ вазифаҳои пурмасъули ба таври куллӣ такмил додани таълими забонҳои русӣ ва англисиро тақозо менамояд [2, с.3].

Чи тавре ки аз ин Барномаи давлатӣ бармеояд, такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ на танҳо ба низоми маориф, балки ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ (ҳокимияти иҷроия, қонунгузорӣ, судӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ) бояд дахл намояд. Аз ин рӯ, хизматчиёни ин низом тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷумҳурӣ бояд ин забонҳоро дар сатҳи зарурӣ аз худ намоянд.

Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур зарур аст: такмили заминаи мавҷудаи таълимию методӣ оид ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, инчунин таҳияи маводи нави таълимӣ-дидактикӣ аз рӯи сатҳи забондонӣ ва тибқи самти фаъолияти касбии таълимгиранда; ташкили курсҳои муошировати тахассусӣ бо

додани шаҳодатнома аз рӯи сатҳи забондонӣ; фароҳам овардани шароит барои ташаккули зинаҳои таҳсилоти муттасили бисёрзабонӣ (томактабӣ, мактабӣ, касбӣ, олӣ, пас аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ғ.) ба роҳ монда шавад [2, с. 4].

Воқеан, устодони фанни забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар тӯли даҳсолаҳо дар такмил додани сифат ва самаранокии омӯзиши забонҳои англисӣ, фаронсавӣ ва тайёр кардани мутахассисони ин риштаҳо нақши муҳим гузоштаанд.

Гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ маҳз дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ривоҷ ёфт ва дар муддати нисбатан кӯтоҳ дар ин самт, бахусус, омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун комёбиҳои назаррас ба амал омад.

Бо шарофати истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бо муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои тараққикардаи олам, ба монанди Россия, Чин, Англия, ИМА, Олмон, Фаронса, Малайзия, Индонезия, Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Ҳиндустон ва ғайраҳо робитаҳои илмӣ ва фарҳангӣ барпо намуданд [1, с.317].

**Адабиёт**

1. Алиев С.Н. Барномаи методикаи таълими забони хориҷӣ аз рӯи ихтисоси №033200- «Забонҳои хориҷӣ» (барои шуъбачаҳои забони англисӣ). Душанбе, 2006.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва барои давраи то соли 2030»- Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. Душанбе, 2014.

3. Гальскова Н.Д. Гез Н.И. Теория обучения иностранным языкам: Лингводидактика и методика: Учебное пособие. М.: Академия, 2004.

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ВА ҶАВОНОН

**Мирзоев Т.М. – ассистенти ДБССТ**

Баҳрагирӣ аз технологияи компютерӣ дар соҳаҳои мухталифи илмӣ ва амалӣ дар шароити имрӯз ба ҳайси як зарурати муҳим табадил ёфтааст. Барои омода намудани мутахассисони соҳаи дин аз технологияи замонавӣ аз ҷумла, аз компютер ҳамчун як василаи муҳим истифода карда мешавад. Ин аз он хотир аст, ки дониши динӣ низ мисли донишҳои дигар ба чунин таҳаввул ниёзманд аст.

Дар ҷомеаи имрӯзаи башарӣ бо суръати кайҳонӣ рушд ёфтани илму техника ва технологияи навин таҳаввулоти азимеро ба вуҷуд овардааст. Ин таҳаввулот ҳам илмӣ аст ҳам инсонӣ. Таҳаввулоти илмӣ албатта ҷанбаи

мусбат дорад, чунки дар илм ҳар қадар навоварӣ шавад, ҳамон қадар муваффақиятҳои нав ба нав даст медиҳанд. Аммо таҳаввулоти инсонӣ хеле баҳсбарангез аст, ки онро метавон аз нигоҳи психологӣ – рӯҳшиносӣ ва ахлоқӣ баҳогузорӣ кард.

Ногуфта намонад, ки муваффақиятҳои илмӣ албатта бевосита дастоварди инсоният, самара ва нишонаи нерую иқтидори зеҳнии ӯст. Илм бе таъсири инсон ва табиат рушд карда наметавонад, аммо тағйири рӯҳияи инсон ва дигаргун гардидани муносибатҳои иҷтимоии инсонии ӯ аз як ҷиҳат нигаронкунанда аст. Мушкили асосӣ дар он аст, ки муносибат бо муваффақиятҳо ва дастовардҳои илмӣ гуогун сурат мегирад. Истифодаи самарбахши технологияи навин сабаби боз ҳам зиёдтар рушд кардани илму технология мегардад, аммо агар баракси он сурат бигирад ба ирода ва ҷисми инсон зарари зиёде меорад. Инро мо метавонем дар мисоли истифодаи телефонҳои мобилӣ мушоҳида кунем. Телефони мобилии сенсорӣ ё планшетаҳо хеле кори инсонҳоро сабук мекунанд. Ба ҷойи ҷузвдонҳои вазнин ё портфелҳо дар як техникаи хурдғунҷоиш садҳо китобу мақолаҳоро ҷойгир кунонида ҳамзамон бо истифодаи босамар аз интернет инсон бо сабук кардани кори хеш ба як қатор дастовардҳои дилхоҳаш расидан метавонад.

Имрӯзҳо, мураббиёну омӯзгоронро месазад, ки ҳарчи бештар ба тарбияи кӯдакон, насли наврас ва ҷавонон аҳамияти ҷиддӣ ва ҳаматарафа диҳанд, аз ҷумла ба муносибати онҳо бо илму техника таваҷҷуҳи хосса зоҳир кунанд.

Чунончи мушоҳида мекунем, дар ҷомеаи кунунӣ азбаски насли калонсол бештар ба телефони мобилӣ алоқаманданд, дар зеҳни кӯдакон таъсироти манфӣ рӯ ба афзоиш ёфтааст. Аксари модарон ҳатто дар дасти тифлакон телефони мобилиро барои ба бозӣ машғул шудан медиҳанд, ҳол он ки мо медонем, ки аз ҳар ҷиҳат зарар ва таъсири он ба психикаи онҳо кам нест.

Тарбияи солим дар вуҷуди солим аст. Модоме, ки аз ҷиҳати биологӣ солим нестем, системаи асаби мо халалдор шудааст, функсияҳои худро иҷро карда наметавонад, дар ин ҳолат фурсат ба танзими тарбия дар вуҷуди инсон маҷол нест. Имрӯз насли калонсол, ҳатто аксарияти тарбиятдиҳандагон дар аксари вақт ба телефони мобилӣ машғуланд. Агар аз баъзе пурсон шавем ки чаро зиёд истифода мекунанд, ҷавоб ин аст, ки гӯё асаб ором мекунанд. Тасаввур кунед, ки мутолиаи порчае аз сухан ё ҳикмат қудрати ором кардани асабро дорад ё техникаи зарарасон? Ҳатто дарк намекунем, ки асабияти худро даҳчанд карда истодаем ва ин яке аз роҳҳои саҳлангорӣ дар самти тарбия мешавад. Муомила дар ин ҳолат байни инсонҳо хубу ором намегузарад. Имрӯзҳо истифодаи бемавриди технология ба рефлекси шартӣ табдил ёфтааст.

Насли ҷавон бештар ба сомонаҳои интернетӣ аз қабили фейсбук, вайбер, имо, ватсап, ютуб ва ғайра сахт дилбастагӣ доранд, ки то андозае майнаи онҳоро карахт ва ҳатто ба манқуртизм бурда мерасонад. Барои

пешгирӣ аз ин падидаҳои таъсироташон манфӣ чӣ чораҳоро роҳандозӣ бояд кард? Дар қадами аввал бояд мо калонсолон худамон муносибати дуруст бо технологияро ба роҳ монем. Дуюм, набояд ба кӯдакони хурдсол ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ телефонҳои мобилии сенсорӣ ва планешетаҳои симкортдорро диҳем. Сеюм, кӯшиш кунем, ки бо кӯдакон ва фарзандоне, ки дар муассисаҳо таҳсил мекунанд, бе зарурат тариқи сомонаҳои интернетӣ тамос нагирем, чунки мо мебинем, ки дар равзанаи интернетӣ ҳазорон рекламаҳо рӯ мезананд, ки хотираи фарзандони моро парешон мекунанд. Чорум, набояд фарзанди мо бо ҳамсолони худ хоҳ ҳамсинф бошад, хоҳ ҳамкурс, тариқи сомонаҳои интернетӣ беҳуда тамос бигирад. Агар воқеӣ назар кунем, дар бештари мавридҳо фарзанди мо ҳоҷат ба гуфтугӯйи интернетӣ надорад, танҳо аз рӯйи одат ва таъсири муҳити беруна мехоҳад вақти худро ба гуфтугӯ ва нашру пахши сурату маводҳои гуногун сарф кунад. Ба ин ҳодиса назар кунем, ки чӣ натиҷа медиҳад? Дар асл ҳеҷ натиҷаи мусбат ба бор намеорад. Панҷум, фарзандоне, ки аз деҳот ба хотири таҳсил дар макотиби олӣ ва коллеҷҳо вориди шаҳр мешаванд, қисми зиёдашон аз назорати падару модар берунанд. Зиндагии мустақил дар хобгоҳҳо ва иҷораҳо онҳоро озодие додааст, ки бо техникаи навин, аниқтараш бо телефони мобилӣ соатҳои дуру дароз гуфтугӯ мекунанд. Пеши роҳи инро тавассути назорати доимӣ ё мутасаддие таҳия кардан барои назорат гирифта метавонем.

Моҳияти технологияҳои навинро фаҳмонида доданамон як тарафи масъала бошад, тарафи дигар масъала тарбия кардани тариқи истифодаи техникаро бояд ба роҳ монем. Ба ҳар гуна маводҳои интернетӣ аз рӯйи эҳсосот дода шудан, оқибатҳои нохушро ба бор меорад.

Дар моддаи панҷуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" аз 28.06.2011 таҳти № 716) зерфасле бо унвони **"Асосҳои илмӣ ва таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон"** ба тасвиб расидааст, ки дар он масъалаи мазкур матраҳ гардидааст, ки чунин аст: Сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси комёбиҳои **илму техника** ва бо назардошти анъанаҳои миллӣ ва умумибашарӣ таҳия ва тасдиқ мегардад.

Давлат барои таъмини хизматрасонии иттилоотии ҷавонон система ва марказҳои иттилоот, шабакаи васеи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, **аз ҷумла, технологияҳои муосири иттилоотӣ,** воситаҳои ахбори умум ва нашриявӣ ташкил карда, фаъолияти онҳоро ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон равона мекунад.

Дастгирии давлатии ташкилоту муассисаҳои мазкур, ки хизматрасонии иттилоотии ҷавононро таъмин мекунанд, дар асоси озмун ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Насли ҷавони мо ҳатто медонанд, ки тавассути сомонаҳои интернетӣ оилаҳои зиёде вайрон шудаанд. Инсонҳои қаллобу фиребкор худро дар ниқоби ҳар гуна аксҳои зебо намудор мекунанд. Ҳамагон қонуни масъулияти падару модар дар тарбияи фарзандро хуб медонанд, аммо

мутаассифона ҳанӯз ҳам масъулиятшиносии мо комил нашудааст. Бояд дарк кунем, ки масъулият ҷанбаҳои гуногун дорад. Тарбияи ҷиддӣ ва муносибати самарабахш бо фарзанд аз синни кӯдакӣ то даврони ба ҳаёти мустақил гусел кардани он зарур аст.

Дар ҷомеаи кунунии мо бояд мунсифона қоил шавем, ки технологияҳои навин дар раванди таҳсил дар аксарияти мактабҳои олӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст. Истифодаи самараноки технологияҳои навин дар раванди дарсҳо ва истифода аз интернет аз мо маданият ва фарҳанги хоссаеро талаб мекунад. Имрӯзҳо зарурат пеш омадааст, ки ҷавонони ҳушёру зирак ва бедори мо бояд аз уҳдаи таҳлили маводҳои дар сомонаҳои интернетӣ пахшшаванда бояд ба хубӣ баромада тавонанд. Мавод аз ҷониби кӣ чӣ тавр пахш мегардад, бояд донад. Ҳушдор бояд дод, ки набояд ба ҳар гуна матлаб ва наворҳои гумроҳкунанда тугмачаи класс (лайк)-ро пахш кард. Хушбахтона, имрӯз сохторҳои амният, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунон ки аз таҳлилҳои сомонаи он бармеояд, як қатор ҷавонон, аз ҷумла, донишҷӯёнеро, ки ба тамошои наворҳои террористию экстремисӣ машғул буда тугмачаи класс (лайк)-ро барои онҳо пахш мекарданд, боздошт намудаанд ва мебинем, ки қисме аз онҳо ҳатто маҳбасӣ мегарданд. Дар ин радиф натанҳо ҷавонписарон, балки ҷавондухтарон ҳам истисно нестанд. Мо набояд ба эҳсосот дода шавем, балки ҳама чизро бояд нахуст дар тарозуи ақл бисанҷем ва баъдан ба хулоса биёем.

Имрӯзҳо вирди забони аксарияти насли ҷавон ва миёнасол калимаи "современный" чарх мезанад, ки онро бо забони тоҷикӣ ҳозиразамон ё замонавӣ гуфтан мумкин аст. Аммо мутаассифона ками дар кам орзуи онро дорад, ки ҳамқадами илму технологияи замона бошад. Современный буданро дар либоспӯшӣ ё баъзе амалҳои зоҳирпарастии дигар мебинанд, ҳол он ки ҳамқадами замон бо илм ва навгониҳои илмӣ будан моро ба рушди илму технология бурда мерасонад.

Имрӯзҳо аз ҳарчи бештар ҷавонони мо ба такмил додани донишҳои сиёсӣ ниёз доранд. Зиракии сиёсиро маҳз тавассути такмил додани мафкураи сиёсӣ метавон дар худ пурра кард. Ҷавонони мо бояд пеш аз ҳама имрӯз дар назди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлате, ки сохтораш конститутсионӣ аст, масъулияти баландро эҳсос кунанд. Роҳи хизмати софдилона ба давлату миллатро омӯзанд. Ба қадри амнияту оромии ҷомеа ва сулҳу суботи кишвар бояд бирасанд. Ба қавли Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: "Танҳо маърифат пеши роҳи ҷаҳолатро гирифта метавонад".

Бояд ёдовар шуд, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ин масъалаҳо бетараф набуда, ба хотири мусоидат барои таъмини ҳаёти осоиштаи ҷавонон як қатор қонунҳоро ба тасвиб расонидааст. Масалан, дар моддаи чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" дар зерфасли "Самтҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 28.06.2011 таҳти № 716 омадааст:

- тарбияи ҷавонон, аз ҷумла тарбия дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар рушди фарҳанги миллӣ ва забони давлатӣ;

- пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон;

- ба ҳаёти ҷомеа фаъолона ҷалб кардани ҷавононе, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд.

Асоси татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро барномаҳои давлатии ҷавонон ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон тасдиқ карда мешаванд.

Ба хотири тақвият бахшидани корҳои тарбиявӣ миёни ҷавонон набояд аз бобҳои қонуни мазкур сарфи назар кунем. Пеш аз ҳама бояд ин қонунро дар амал татбиқ намоем.

Хулоса, дунёи навин ва пуртазод дар шароити ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ва рӯз аз рӯз мураккаб гардидани вазъи сиёсии сайёра моро водор бар он мекунад, ки ҳарчи бештар барои азбар кардани донишҳои навин ва ҳифзи фарҳангу асолати миллӣ кӯшиш ба харҷ диҳем. Тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносиро дар тиннати ҷавонон инкишоф диҳем. Фаромӯш насозем, ки технологияҳои инноватсионӣ дар тамоми ҷанбаҳои ҳаётии мо бетаъсир нестанд, ки дар ин замина худшиносии миллӣ дар роҳи ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ нақши бузург дорад.

**Рӯйхати адабиётҳои истифодашуда:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26-уми декабри соли 2018.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2019 сол, таҳти № 39 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019».
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019 сол, таҳти № 642 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. А.Н.Азрилияна, Большой экономический словарь, 7-е изд., доп. – М.: Институт новой экономики, 2010. – 1472 с.
5. С.Мавлоназаров, Р.Одинаев, Исматуллои Ш. Иқтисоди рақамӣ Душанбе -2022.
6. Аттали Ж., Карл Маркс, Мировой дух, М., 2008.
7. Бланк И.А., Управление финансовыми рисками. – К.: Ника-Цент, 2005. – 600 с..
8. Головенчик Г.Г., Цифровая экономика [Электронный ресурс]: учеб.-метод. комплекс. – Минск: БГУ, 2020. – 143 с., 1 электрон. опт. Диск (CD-ROM).

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ МУОСИРИ ТАЪЛИМӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ.

**Мирзоева Боғигул Сатторовна - муаллими калони ДБССТ**
**Нуракова Наргис Чоршанбиевна - муаллими ДБССТ**

Тавaҷҷуҳ ба тадрису таълимӣ забонҳои хориҷӣ дар шароити кунунӣ яке аз масоили мубраме маҳсуб мешавад, ки барои такмили саводнокӣ, инкишофи нутқ ва ташаккули маҳорати суханварии қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон, нақши муассир мегузорад. Бад-ин васила барои пешрафт ва беҳдошти ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилоткоркарди усулҳои мухталифи нисбатан фаъол ва мувофиқи стандартҳои умумиҷаҳонӣ ҳар ҷиҳат муфид мебошад.

Имрӯз вазифаи муҳим ва аввалиндариҷа ҷорӣ намудани усулҳои ҷадид ва муосири таълими фанҳои забонҳои хориҷӣ зимни истифодаи васоити техникаи замонавии таълим, аз ҷумла проектор, лавҳаи электронӣ маҳсуб мегардад. Самаранокии истифода ва корбасти аёният ҳангоми ташкили машғулиятҳо яке аз масолили муҳим ба шумор меравад, ки дар замони муосир вобаста ба дастовардҳои техникии таълим рангу намои тоза дарёфтааст.

Истифодаи слайдҳои мавзӯӣ тавассути проектор барои болоравии сатҳи азхудкунии мавзӯъ, таъмини сифати таълим ва самаранокии лаҳзаҳои дарс мусоидат менамояд. Корбурди лавҳаи электронӣ, ки дорои имконоти васеъ барои ташкили босифати машғулият мебошад, барои такмили дониш ва маърифати натанҳо донишандӯзон. Балки инкишофи фарҳанги техникӣ, ҳисси масъулияти касбии омӯзгорон мусоидат менамояд.

Ҳадафи аслӣ аз истифода ва кобурди васоти техникии таълим дар машғулиятҳо ба якчанд пасомад асос меёбад:

- таъмини сифати маълумоти пешниҳодшаванда;
- татбиқ ва коркарди усулҳои ҷадид ва муосири таълим;
- таъмини самаранокӣ(интенсивнокӣ);
- таъмини фоиданокӣ ва ташаккули малакаи азхудкунии доншандӯзон;
- ҷалби диққат ва тамаркузи зеҳн;
- тақвияти шавқу рағбат дар азхудкунии маводи таълим таълими;
- ташаккули фарҳанги техникӣ.

Ҳадаф аз татбиқи васоити техникии таълим ин ба назар гирифтани хусусияти донишандӯзон аз нтгоҳи воситаҳои инъикоси маълумот маҳсуб мегардад, ки он ба се гурӯҳ мушаххас гардидааст.

Гурӯҳи донишишҷӯёни ба истилоҳ визуал, ки барои онҳо қабули иттилоот бештар тариқи ҳисси бинои (босира) даст медиҳад, дигар, аудилҳо, ки барои ин гурӯҳи донишандӯзон имкони бештари фарогирии

маълумот тавассути ҳисси шунавои, яъне сомеа сурат мегирад ва донишандӯзони ба истилоҳ кинестетик, ки барои онҳо манобеи муҳаррик ё ҳаракаткунанда бештар муассир аст. Бо назардошти ин се хусусияти дастгоҳи қабули иттилоот дар донишандӯзон ҳанӯз дар асри хеш Конфутсий беҳтарин ҳикматро доир ба шинохти табиати инсонӣ баён дошта буд ( Скажи я забуду, покажи я запомню, дай делай, делаю). Яъне инсон маълумоти шунидаро осон аз хотир мебарорад, ҳодисаи бо чашми худ дидаро дар зеҳн сабт менамояд ва амали иҷрокардаро такроран иҷро менамояд. Ҳарчанд мувофиқи назарияи Блум зинаи татбиқ ба фанҳои техникӣ мушаххас аст, истифода ва корбурди васоити техникии таълим бевосита шароити мусоидеро дар муваффақона аз худ намудани маводи таълимии фанҳои забони англисӣ ва русӣ фароҳам меоварад ва ин семанбаи қабули иттилоотро дар донишандӯзон иттиҳод мебахшад ва такмил медиҳад.

Гузашта аз ин, татбиқ ва истифодаи васоити техникии таълим талаби замон ва амри воқеист, зеро барои инсони асри XX1, махсусан ҷавонон, ки имрӯзҳо бо анвои мухталифи васоити техникӣ, аз ҷумла, телевизиону интернет, компютерҳои фардӣ, телефонҳои сайёр ва дигар васоити ахбори омма бархурд доранд, имкони қабули маълумот ба тариқи визуалӣ ҳам мувофиқ ва ҳам мусоид аст.

Чунин собит гардид, ки истифодаи намои мухталифи васоити техникӣ дар ҷараёни омӯзиш талаби замон аст. Бояд қайд намуд, ки айни ҳол беҳтарин ва пешсафтарин васоити техникии таълим ин лавҳаи электронӣ маҳсуб меёбад.

Лавҳаи электронӣ дорои имкониятҳо зеринро дорад. Қайд кардан зарур аст, ки лавҳаи электронӣ аз барномаҳои зерин иборат ҳастанд. Барномаи якум Барномаи White Board V2/5. мебошад. Афзалияти барномаи мазкур дар он аст, ки имкониятҳои ду барномаи қаблиро фаро мегирад ва нисбат ба барнмащои мазкур бартарӣ дорад. Муҳимтарин афзалияти барномаи мазкур дуарза будани сатҳи он (майдони корӣ) мебошад. Яъне, дар майдони кории барномаи мазкур дар як вақт иҷрои ду амал имконпазир буда, ин ҷиҳат барои мақсаднок ва босамар истифода бурдани сатҳи лавҳа мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, дар қисми поёнии сатҳи асосии он баъзе имконоти нав фароҳам омадааст, ки бевосита барои иҷрои амалиёти мухталиф шароити мусоидро пеш меорад.

Дар сатҳи асосии майдони корӣ имкон дорад, ки ду нафар дар як вақт амалиёт гузаронанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки истифодаи ин гуна технология корӣ ҳам устод ва ҳам донишандӯзонро осон мегардонад.

Дигар имконияти баргузидаи лавҳаи электронӣ, ки барои таъмини муташшакилӣ ва мақсаднокии дарс мусоидат мекунад, ин функсияи сабти овозӣ аст, ки истифода он барои ҳосил шудани мақсадва натиҷаи ниҳоӣ муассир аст. Ҳангоми ташкили пурсиши донишҷӯён дар дарси пурсишию машавcapатӣ ё лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯъ барои санҷиши босифати

сатҳи дониш ва дараҷаи азхудкунии мавзӯъ истифодаи лавҳаи электронӣ ба фоидаи кор хоҳад буд.

Истифода аз имконотти мазкур, махсусан барои гузаронидани пурсиши тестӣ (тестҳои намуди кушода ё мувофиқоварӣ) мувофиқимақсад буда, барои барои ташкили чунин намуди санҷиши сатҳи азхудкунии донишҷӯён самарабахш аст.

Дастгоҳи аккосии лавҳаи электронӣ барои инъикос ва манзур намудани корҳои донишҷӯён кумак расонида, ҳамзамон барои ҳалли муаммои пешомада ва бартарафсозии саҳву хатоҳои ҳосилшуда хизмат менамояд.Ҳамчунин тариқи лавҳаи электронӣ намоиши роликҳои мавзӯӣ, презентатсияҳо ва наворҳои овозӣ имконпазир аст, ки фунсияҳои мазкур барои таъмини сифати машғулият, самаранокии лаҳзаҳои дарс, ҷалби диққат ва таваҷҷуҳи донишандӯзон мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ. Истифода ва корбурди лавҳаи электронии интерактивӣ дар дарс барои таъмини сифати машғулият, такмили малакаи азхудкунии мавзӯъ бо роҳи ҳосил шудани шавқу рағбати донишҷӯён, инчунин самаранок ва бомақсад истифода бурдани ҳар як лаҳзаи дарс муассир буда. Ҳамзамон барои ташаккули фарҳанги техникии ҳам устодон ва ҳам донишандӯзон мусоидат менамояд.

### АДАБИЁТҲО


1. Электронные интерактивные доски SmartBoard -- новые технологии в образования.http//:www.smartboard.ru
2. Инновационные методы обучения (Активные методы обучения). Владимирский государственный университет.
3. Стандарти давлатии маълумот аз фанни « Технологияи информатсионӣ” барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ - Душанбе 2006.
4. Бобохонов Х.Ю., Мирзоев И.Н. “ Омилҳои рушд дар муасисаҳои миёнаи умумӣ” Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии “ Маърифати омӯзгор” №2, феврвли 2016, саҳ. 25 - 28.
5. Тихонов А.Н. Информационные технологии и телекоммуникации в образовании и науке(IT&T ES’2007): Материалы международной научной конференции, ФГУ ГНИИ ИТТ «Информика» . М,: ЭГРИ, 2007. 222с.
6. Зайцева С. А. Иванов В. В. «Информационные технологии в образовании»
7. http://sgpu2004.narod/ru/infotek2.htm


## САМТҲОИ АСОСИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


**Раҳимова Қурбонбӣ Одинаевна - ассисенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Асоси системаи комплекси агросаноатиро корхонаҳо ва ташкилотҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ ташкил медихад. Системаи амнияти иқтисодӣ сифати бисёрзинагӣ дорад ва ба он ҳам таҳдидҳои берунӣ ва ҳам дохилӣ таъсир мерасонад. Бинобар он худи корхонаҳои кишоварзӣ мустақилона онро ҳамвор карда наметавонад, аз ин рӯ онҳо бояд самтҳои афзалиятноки стратегии таъмини амнияти иқтисодии худро дар сатҳҳои гуногун таҳия ва муайян намоянд. Аз нуқтаи назари муносибати системавӣ амнияти иҷтимоию иқтисодии КАС-и минтақаҳо, аз он ҷумла КАС-и вилояти Хатлон зерсистемаи ягонаи амнияти иқтисодии миллӣ ва комплеси агросаноатии мамлакат мебошад ва он аз таъсри фарогири таҳдидҳои умумии макроиқтисодӣ берун намебошад. Чӣ тавре дар боло ишора кардем интихоби самтҳои афзалиятноки стратегӣ ва ташаккули унсурҳои асосии стратегияи амнияти иқтисодии корхонаҳои КАС дар доираи самтҳои стратегии амнияти иқтисодию озуқаворӣи миллӣ масъалаи муҳим мебошад.

Самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти иқтисодии давлат, тибқи принсип ва меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» (аз 29 декабри соли 2010 № 671) муайян шуда, роҳҳои амли намудани он дар «Барномаи бехатарии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» мушахасс ва аниқ карда шудааст. Ин самтҳо дар асоси муаяйн намудани стратегияи амнияти иқтисодии комплекси агросаноатии вилояти Хатлон, ки барномаи чорабиниҳо оид ба татбиқи самтҳои афзалиятноки стратегӣ ва ташаккули унсурҳои асосии амнияти иқтисодии корхонаҳои КАС дар барои муқовимат ба таҳдидҳои беруна ва дохилӣ нигаронӣ шудаасту мақсади худтаъминкунии озуқаворӣ ва тараққиёти устувори иҷтимоиву иқтисодии минтақаро дорад, қарор гирфтааст.

Дар раванди тадқиқот кӯшиш намудем, ки самтҳои афзалиятноки стратегии рушди комплекси агросаноатии вилоятро муайян намуда, тавсифи умумии марҳилаҳо ва унсурҳои амнияти иқтисодии комплекси агросаноатии онро тасниф намоем. (Ҷадвали 3.1.1) Чуноне, ки маъмул аст дар комплекси агросаноатии вилоят кисми асосии онро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Ҳар як соҳибкори аграрӣ ва ё роҳбари корхонаҳои кишоварзӣ барои ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар бо сарфи ҳадди аққали ҳароҷот кӯшиш мекунад, бинобар он таъмини амнияти иқтисодӣ барои ҳама шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон зарур аст.

**Ҷадвали 1. Самтҳои афзалиятноки стратегии рушди комплекси агро-саноатии вилояти Хатлон**

| Солҳо | Самтҳои афзалиятноки стратегии тараққиёти комплекси агросаноа-тии минтака | Тавсифи умумии марҳила | Унсурҳои амнияти иқтисодии комплек-си агросаноатии ви-лоят |
|---|---|---|---|
| **Солҳои** | Стратегияи муътадил- | Баланд бардоштани | Фаъол гардонидани |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2021- 2025** | гардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар партави татбиқи барномаи афзалиятноки миллӣ | самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, кам кардани воридот. Дар ин давра барномаи солимгардонии молиявии корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ шуда, азнавташкилдиҳии амалӣ карда мешавад. Ба сарфаи энергия, фаъолонатар истифода бурдани навигониҳо диккати калон дода шавад.. | технологияи сарфаи захираҳо ва истифодаи оқилонаи он дар зироаткорӣ. Мӯътадил гардондани ҷамъоварии умумии хӯроки чорво, картошка, сабзавот. Муътадил гардондани саршумори чорво ва парранда бо баланд бардоштани махсулнокии он (то ба 3600 кило). Дар чорводорӣ истифода бурдани технологиям ҳозиразамон, дар саҳро мошинҳои сермаҳсул, баркарор намудани инфраструктураи деҳот. |
| **Солҳои 2026-2030** | Стратегияи рушди устувори инноватсионии фаъол ва амнияти иқтисодӣ. Ташаккули кишоварзии интенсивӣ. Стратегияи рушди устувори манотиқи деҳот, таъмини амнитяти иқтисодии он ва худаъминкунии озуқаворӣ, рушди устувори аз ҷиҳати экологӣ нигаронидашуда | Дар амал татбик намудани лоихаи милли тараққиёти КАС ва барномаи рушди иҷтимоии манотиқи деҳот, анчом додани ислохоти системаи ҳокимияти худидоракунии махаллӣ. Таваҷҷӯҳ ба ҳалли афзалиятҳои миллӣ. | Фаъолияти самаранок дар таъмини рушди индустриалии КАС. Дастгирии корхонаҳои калони кишоварзии интенсивӣ бо дараҷаи баланди экологикунунонии истеҳсолоти кишоварзӣ кам истифода бурдани нуриҳои маъданӣ. |

**Таҳияи муаллиф**

Тамоми тадбирҳои бехатарӣ ба таъмини суботи иқтисодӣ дар фаъолияти корхонаҳои КАС, кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Аммо ноил шудан ба ин устуворӣ бидуни таҳлили тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхона ба мисли амнияти моликияту амвол, амнияти муносибатҳои шартномавӣ, амнияти молиявӣ, бехатарии сӯхтор, амнияти шахсиву кадрӣ, бехатарии техникию технологӣ ва ғайра ғайриимкон аст.

Дар назди корхонаҳо вазифаи таъхирнопазири худбаҳодиҳии дохилӣ ва пешгӯии вазъияти онҳо аз нуқтаи назари иҷрои вазифаҳои истеҳсолии хоси худ қарор дорад:

- андешидани чораҳо барои ҳифзи ин вазифаҳо, яъне таъмини амнияти иқтисодии истеҳсолот аз зуҳуроти гуногуни пайдоиши таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ, ки ба иқтидори корхона таъсир мерасонанд;

- ташкили низоми мониторинги нишондиҳандаҳои амният, асоcноккунӣ ва муқаррар намудани нишондиҳандаҳои ҳадди аққали онҳо (пороговые значение), андешидани чораҳо оид ба муқовимат ба таҳдидҳо.

Ҳар як корхона на танҳо дар давраи бӯҳронӣ, балки ҳангоми фаъолият дар муҳити устувори иқтисодӣ низ бо мушкилоти амнияти иқтисодии худ рӯ ба рӯ мешавад. Системам дуруст сохта ва ҷорӣ кардашудаи таъмини амнияти иқтисодӣ ҳам ба корхона ва ҳам ба ҳар як коркун таъсири мусбат мерасонад.

Амнияти корхона сатҳи ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳими корхона аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ, ин ҳолате мебошад, ки истифодаи самараноки захираҳо ва вазъи устувори молиявиро таъмин менамояд. Чунин амният тавассути истифодаи маҷмӯи тадбирҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, муҳандисию техникӣ ва иҷтимоӣ-психологӣ ба даст оварда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ амнияти иқтисодии соҳибкории аграрӣ муҳимият пайдо намуда, пеш аз ҳама, муайян ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳдидҳо ба фаъолияти корхона, пешгӯӣ ва ташкили системаи чораҳои муҳофизатӣ ва кам кардани хавфҳои соҳибкориро тақозо мекуннад. Ҳамзамон, таҳдидҳо на танҳо чунин далелҳои равшан, масалан, ғоратгарӣ, дуздӣ, ки хусусияти ошкоро ҷиноятӣ доранд, балки инчунин чунин ҳолатҳои пинҳонӣ, ба монанди беинсофии шарикон ҳамкор ва кормандон, даъвоҳои беасос аз мақомоти андоз ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра ҳисобида мешаванд. Барои пурра фаҳмидани моҳияти системаи амнияти иқтисодии корхона ва сохтани тамсилаи самараноки он, зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ ва консепсияи ташаккули системаи амнияти иқтисодиро аниқ намоем. Мафҳуми консепсия амнияти иқтисодии корхона, ба андешаи мо, маҷмӯи назарҳо, талабот ва шартҳои ташкили чораҳои таъмини бехатарии кормандон ва моликияти корхона мебошад. Ба принсипҳои таъмини амнияти иқтисодии корхона дохил мешавал:

- қонуният;
- афзалияти тадбирҳои пешгирикунанда;
- истифодаи маҷмӯии нерӯву воситаҳо;
- ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар дохили корхона ва берун аз он;
- омезиши шаффофияту махфият;
- салоҳият;
- мақсаднокии иқтисодӣ;
- асоси плании фаъолияти корхона ва низонокии фаъолияти онл.

Дар рафти омузиши муаммоҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои КАС мо ҷузъҳои асосии онро муайян ва пешниҳод кардем. (расми 3.1.1.).Мақсади таъмини амнияти иқтисодии корхона таъсир расонидан ба таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеӣ ба фаъолияти он ва пешгирии онҳо мебошад.






Натиҷаи таъмини амнияти иқтисодии корхона дар устувории фаъолияти он, самаранокии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва амнияти шахсии кормандон ифода меёбад.

Захираҳои таъмини мавҷудияти боэътимод ва пешрафти пай дар пайи корхонаро кадрҳои корхона, захираҳои моддӣ ва иттилоотии корхона ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин, фаъолият оид ба таъмини амнияти иқтисодии корхона чаҳор самтро дар бар мегирад:

• ҳифзи сарватҳои моддию молиявӣ;
• ҳифзи кормандон;
• ҳифзи моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла сирри тиҷоратӣ);
•таъмини иттилоотии фаъолияти тиҷоратии корхона дар шароити бозор.

Ба гуфтаи коршиносон, хароҷоти эҷоди системаи амнияти корхона ва фаъолияти оптималии он метавонад 25% - и хароҷот барои тамоми раванди истеҳсолотро дар бар гирад. Танҳо системаи ҳамаҷонибаи муҳофизат метавонад самаранок бошад, ки мувофиқи қонунгузории ҷорӣ ташкил карда шуда, тадбирҳо адешида шаванд.

**Адабиётҳо**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, с. 85-87.
2. Омори солонаи Ҷумхурии Тоҷикистон 2022, с. 287;.Омори вилояти Хатлон дар солхои 1991-2021. - Маҷмӯаи оморӣ. - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022, С.113-116., --438 с.
3. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2017 - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2018, С. 80-88, 96;

4. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021 - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон, с. 128-138, 146-149.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2021 - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон, с. 225-226.

## САМТҲОИ АСОСИИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Дар мақола баъзе масъалаҳои системавӣ амнияти иҷтимоию иқтисодии КАС-и минтақаҳо, аз он ҷумла КАС-и вилояти Хатлон зерсистемаи ягонаи амнияти иқтисодии миллӣ ва комплеси агросаноатии мамлакат ва инчунин таъсри фарогири таҳдидҳои умумии макроиқтисодӣ интихоби самтҳои афзалиятноки стратегӣ ва ташаккули унсурҳои асосии стратегияи амнияти иқтисодии корхонаҳои КАС дар доираи самтҳои стратегии амнияти иқтисодию озуқавории миллӣ масъалаи муҳим буда, дар раванди тадқиқот муаллиф кӯшиш намудааст, ки самтҳои афзалиятноки стратегии рушди комплекси агросаноатии вилоятро муайян намуда, тавсифи умумии марҳилаҳо ва унсурҳои амнияти иқтисодии комплекси агросаноатии онро тасниф намояд.

Инчунин дар мақола дар шароити иқтисоди бозорӣ амнияти иқтисодии соҳибкории аграрӣ муҳимият пайдо намудани, таҳлилҳои ҳамаҷонибаи таҳдидҳо ба фаъолияти корхона, пешгӯӣ ва ташкили системаи чораҳои муҳофизатӣ ва кам кардани хавфҳои соҳибкориро хуб нишон дода , барои пурра фаҳмидани моҳияти системаи амнияти иқтисодии корхона ва сохтани тамсилаи самараноки он, зарур аст, ки заминаи ҳуқуқӣ ва консепсияи ташаккули системаи амнияти иқтисодиро аниқ намоем.

***Калидвожаҳо :*** *стратеги, макроиқтисодӣ, консепсия, мониторинги, принсип, тамсилаи, таъхирнопазир*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье рассмотрены некоторые системные вопросы социально-экономической безопасности КАС регионов, в том числе КАС Хатлонской области, единой подсистемы национальной экономической безопасности и агропромышленного комплекса страны, а также комплексное воздействие общих макроэкономических угроз, выбор приоритетных стратегических направлений и формирование основных элементов стратегии экономической безопасности предприятий КАС. Это важный вопрос в рамках стратегических направлений национальной экономической и продовольственной безопасности, и в процессе исследования автор постарался определить приоритетные стратегические направления развития агропромышленного комплекса региона, а также классифицировать общую характеристику эта-

пов и элементов экономической безопасности агропромышленного комплекса.

Также в статье показана важность экономической безопасности аграрного бизнеса в условиях рыночной экономики, комплексного анализа угроз деятельности компании, прогнозирования и организации системы защитных мер и снижения бизнес-рисков, чтобы в полной мере понять Сущность системы экономической безопасности предприятия и создания ее эффективной модели необходимо уточнить правовую основу и концепцию формирования системы экономической безопасности.

***Ключевые слова:*** *стратегический, макроэкономический, концепция, мониторинг, принцип, модель, неотложный.*

**MAIN DIRECTIONS OF ECONOMIC SECURITY OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX OF KHATLON REGION**

The article examines some systemic issues of socio-economic security of the CAS regions, including the CAS of the Khatlon region, the unified subsystem of national economic security and the country's agro-industrial complex, as well as the complex impact of common macroeconomic threats, the choice of priority strategic directions and the formation of the main elements of the strategy for the economic security of enterprises CAS. This is an important issue within the strategic directions of the national economic and food security, and in the process of research, the author tried to determine the priority strategic directions for the development of the region's agro-industrial complex, as well as classify the general characteristics of the stages and elements of economic security of the agro-industrial complex.

The article also shows the importance of the economic security of agricultural business in a market economy, a comprehensive analysis of threats to the company's activities, forecasting and organizing a system of protective measures and reducing business risks, in order to fully understand the essence of the economic security system of an enterprise and the creation of its effective model, it is necessary to clarify the legal the basis and concept of forming an economic security system.

**Key words:** strategic, macroeconomic, concept, monitoring, principle, model, urgent.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимова Қурбонбӣ Одинаевна – ассисенти кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ДДК) 735140 Суроға: ш.Кӯлоб маҳалаи Ш.Шоҳин, 24 /29. Тел: 988-92-54-38

Сведение об авторе: Раҳимова Қурбонбӣ Одинаевна - ассисент кафедры Экономической теории финансово-экономического факультета Кулябского государственного университета (КГУ) 735140 Адрес: г. Куляб, микрорайон Ш.Шахина, 24/29. Теле: 988-92-54-38

Information about the author: Rajimova Qurbonbi Odinaevna - assistant of the department of economic theory faculty of finance and economics of Kulob State University (KGU) 735140 address: Kulob, Sh.Shohin street, 24/29. Phone: 988-92-54-38

# ИНФРАСТРУКТУРЫ ТУРИЗМА И СФЕРА ОБСЛУЖИВАНИЯ В ТУРИСТСКОЙ ОТРАСЛИ.

**Сохибов Аъзам Нуруллоевич - ассистент МУТПТ**

В статье рассматриваются подходы к формированию туристской инфраструктуры и туристского комплекса, основные факторы, влияющие на туристическую деятельность в регионах и их связь с преимуществами инфраструктуры туристского комплекса. Туристскую инфраструктуру предлагается рассматривать как совокупность взаимосвязанных структур, включающих материальные и нематериальные элементы, поддерживающие туристскую деятельность. Уровень развития туристической инфраструктуры влияет на конкурентоспособность туристов. В статье описан состав туристской инфраструктуры, включающий общую и специальную инфраструктуру. Высказано предположение, что нематериальное культурное наследие конкретной инфраструктуры туризма является необходимой частью реализации такого туризма, например этнической, исторической, религиозной и т. д.

**Ключевые слова:** туристский комплекс; инфраструктура туристского комплекса; факторы активности туризма; региональная инфраструктура; туристский продукт; спрос; туристские услуги.

Наряду с указанными структурами в туризме активно участвуют организации других сфер. Имеются в виду гостиничный бизнес, транспортные компании, банки, страховые общества, досуговые организации и другие. Предприятия размещения являются базой любого туристского продукта. Размещение всегда входит в пакет услуг, каким бы ни было путешествие.

В мировой практике не существует общепринятого определения «средства размещения туристов», однако эксперты ВТО предлагают считать таковыми «любой объект, который регулярно (или иногда) представляет туристам размещение для ночевки».

Согласно ВТО все средства размещения делятся на 2 основные группы:

- ✓ коллективные.
- ✓ индивидуальные.

По мнению экспертов ВТО, коллективные средства размещения туристов могут быть определены как «объект, который предоставляет для путешественника размещение на ночь в комнате или в каком-либо ином помещении. Однако число имеющихся мест, которое в нем имеется, превышает определенный минимум для группы лиц, большей, чем отдельная семейная единица, а все места в данном учреждении должны подчиняться единому руководству коммерческого типа, даже если оно не ставит целью извлечение прибыли». К коллективным средствам размещения относятся гостиницы и аналогичные заведения, специализированные и прочие заведения. Сюда эксперты относят остальные виды средств размещения туристов особого характера, которые не соответствуют

определению «заведение» и составляет отдельные группы в классификации. Обозначение средств размещения в каждой группе в разных странах может, конечно, различаться, а некоторые виды размещения, которые существуют в одной стране, могут вообще отсутствовать в других государствах. [1. 56с]

Согласно типовой классификации составленной по рекомендации ВТО средства размещения туристов подразделяют на 4 группы:

1. Гостиницы и аналогичные предприятия:
- ✓ гостиницы;
- ✓ мотели;
- ✓ пансионаты;
- ✓ пляжные гостиницы;
- ✓ клубы с номерами;
- ✓ гостевые дома;
- ✓ прочие.

2. Коммерческие и социальные средства размещения:
- ✓ туристические базы;
- ✓ дешевые гостиницы;
- ✓ туристические кемпинги;
- ✓ туристическая деревня (группа домов);
- ✓ бунгало;
- ✓ предприятия социального туризма;
- ✓ другие средства размещения.

3. Специализированные средства размещения:
- ✓ лечебные гостиницы;
- ✓ лагеря труда и отдыха;
- ✓ транспортные средства размещения
- ✓ родтель;
- ✓ ботель, флотель;
- ✓ бастай;
- ✓ приюты, хижины;
- ✓ альпотели.

4. Частные средства размещения:
- ✓ частное жилище (гостиницы);
- ✓ арендованные у частных агентов помещения;
- ✓ размещение у родственников и знакомых;
- ✓ прочие.

Несмотря на такой тип размещения, одним из них является туристический отель. Это особый тип ресторана, который предназначен для предоставления туристам ряда туристических услуг. Конечно, турист может воспользоваться обычной гостиницей, но она не предлагает ряда специальных услуг, которые доступны в туристической гостинице. Обычно средства размещения типа «Отель» имеют ограниченный набор услуг. Учреждения социального туристического размещения, коммерческого и частного размещения в ряде случаев ограничены для определенной группы населения. [2. 39с]

Во всех туристических гостиницах предусмотрены 4 основные группы услуг: размещение, питание, досуг и бытовое обслуживание. Для замкнутого технологического цикла обслуживания туристов в гостинице предусмотрены следующие основные службы:

-приема и размещения,

-эксплуатации номерного фонда,

-служба дополнительных и сопутствующих услуг,

-коммерческая, техническая и управленческая.

Это минимальный набор служб для предоставления основных услуг.

Служба приема и размещения обеспечивает прием, регистрацию, размещение туристов по номерам, расчеты, бронирование мест и организацию отправки туристов в следующий пункт путешествия или домой. Как правило, службу возглавляет менеджер по размещению. В его подчинение входят бюро регистрации, портье, администраторы, бюро обслуживания, швейцары, гардеробщики, кладовщики камеры хранения, служба бронирования. [3.45 с]

Служба эксплуатации номерного фонда обеспечивает техническое обслуживание и ремонт жилых и вспомогательных помещений, подготовку к их заселению, уборку и вывод из эксплуатации номеров для косметического или планового ремонта. Менеджер данной службы руководит службой по ремонту и обслуживанию номерного фонда, горничными, уборщицами и т.д. бронирования включает в себя комплекс ЭВМ, объединенных в сеть и связанных модемной связью с различными городами мира. Основными задачами комплекса являются:

- ✓ бронирование номеров по заказу в данной гостинице;
- ✓ бронирование номеров по заказу в других гостиницах;
- ✓ бронирование билетов на различные виды транспорта;
- ✓ другие задачи.

В ряде случаев такая система решает и локальные задачи в основной гостинице. Например, автоматизированный расчет с клиентами; планирование номерного фонда; расчет заработной платы персонала; учет материальных ценностей, бухгалтерский учет и отчетность и др.

Крупные гостиничные комплексы, включенные в международные сети, имеют единую систему бронирования типа Galileo, Amadius, Worldspan и др. Эти системы бронирования обеспечивают две основные функции: резервирование номеров в гостиницах, бронирование билетов на поезда и др.

В некоторых случаях туристические бюро имеют дополнительные и сопутствующие услуг. В ряде случаев имеют собственное экскурсионное бюро. В которых собственное хозяйство, специальное бюро по обеспечению деловых, конгрессных и бизнес туров. Которые включают в себя штат секретарей референтов, гидов переводчиков, а так же оборудование конференц-залов, кабинеты, оргтехнику и др. В составе этой службы могут находиться: парикмахерские, косметические салоны; прачечные; ателье, швейные и сапожные мастерские; мастерские бытовых услуг; служба присмотра за детьми; служба медицинских услуг; химчистка; служба проката и другие службы.

Для того чтобы, сориентироваться во всем многообразии гостиниц приняты классификации. Их назначение – это определение соответствия конкретной гостиницы и номеров критериям или стандартам обслуживания. Принятая в каждой стране классификация содержит категорию разрядности, которая является качественным параметром стандарта. Разрядность гостиниц влияет на ее престиж, формирование клиентуры, стоимость гостиничных услуг и др. [4. 67с]

Классификация гостиниц регламентируется на международном и национальном уровне, а так же в рамках гостиничных сетей, ассоциацией, союзов. В настоящее время существует более 30 различных классификаций, из них наиболее распространенными считаются: система звезд; система букв; система «Корон» или ключей; система баллов; система разрядов и другие.

Одной из основных услуг в технологии туристского обслуживания является питание. В настоящий момент туристская индустрия питания включает в себя следующие виды предприятий:

1) рестораны;
2) кафе;
3) бары;
4) столовые;
5) фабрики – кухни;
6) фабрики – заготовочные;
7) буфеты;
8) шашлычные;
9) продовольственные магазины и киоски кулинарии.

Данные предприятия находятся как в собственности туристических фирм, так и на правах аренды. Большинство из них являются «встроенными» в туристско-гостиничный блок и составляет их часть; реже данные предприятия работают в автономном режиме.

По форме обслуживания предприятия подразделяются на обслуживание с помощью официантов и самообслуживание.

По режиму питания туристов, данные предприятия предоставляют услуги в виде:

- ✓ полного пансиона;
- ✓ полупансиона;
- ✓ специального питания;
- ✓ питания для детей и т.д.

В ряде гостинец в номерах предусматриваются кухни, мини-бары, а услуги питания могут быть реализованы как в номерах, так и на предприятии питания.

По ассортименту питания туристов данная услуга подразделяется на:

- ✓ комплексное питание;
- ✓ питание по выбору;
- ✓ питание по предварительному заказу, в том числе по обслуживанию торжественных актов, приемов, юбилеев, банкетов и др.

Кроме того, предприятия питания реализуют как национальные, так и европейских и других кухни. Предприятия классифицируются так же по числу посадочных мест, режиму работы. [5. 83с]

В зависимости от степени технической оснащенности, качества и объема предоставляемых услуг, месторасположения, цен, архитектурно- художественного оформления помещений, ассортимента, степени автоматизации и других показателей предприятия туристской индустрии питания подразделяются на категории: люкс, высшая, первая и вторая.

Технологическая система обеспечения питания туристов зависит от:

- ✓ вида тура;
- ✓ категории туристов;
- ✓ соотношения мест размещения и посадочных мест питания и многих других факторов.

Как правило, завтрак для туристов предоставляется по схеме шведского стола с самообслуживанием и выбором блюд по своему усмотрению из предоставленного ассортимента. В гостиницах более высокой категории завтрак бывает заказанным в кафе, буфете, ресторане или с подачей в номер.

В номерах, оснащенных кухнями и мини-барами, завтрак готовится самостоятельно.

По схеме полупансиона туристу предоставляется завтрак или совмещенный обед – ужин, или завтрак и ужин в установленное время.

По схеме полного пансиона обеспечивается 3–4 разовое питание.

Питание туристов производится в полном соответствии с условиями, оговоренными в путевке, ваучере, договоре – в ресторанах, кафе, столовых, буфетах, барах и др. приспособленных для этой цели предприятиях.

Площадь залов для организации питания должна соответствовать нормам вместимости – не менее 1,4 кв. метров на человека.

Все предприятия питания состоят из следующих групп помещений:

- ✓ производственные;
- ✓ торговые;
- ✓ складские;
- ✓ административно-бытовые;
- ✓ технические.

Помещения, где происходит приготовление пищи, называются производственными. Здесь происходит последовательная обработка продуктов в несколько этапов: прием продуктов по переработке; первичная переработка; приготовление блюд и полуфабрикатов; оформление блюд; передача на реализацию.

К торговым помещениям относятся: раздаточная; обеденный зал; гардероб; умывальные.

К технологическим помещениям относятся: щитовые; водоразборный и тепловой узел; телефонный коммутатор и др.

К административно-бытовым помещениям относятся: помещения для администрации; помещения для персонала, раздевалки, комнаты отдыха, медпункт, душевые и др.

Все торгово-технологическое оборудование должно отвечать общим, санитарно-гигиеническим, противопожарным, техническим и эргономическим требованиям и нормам.

В международной практике существует 4 системы самообслуживания туристов:

- ✓ система кафетерия (когда турист проходит с подносом вдоль фронта нагреваемых и охлаждаемых прилавков, отбирая необходимые ему блюда);
- ✓ система свободного потока (отбор блюд по принципу шведского стола, без образования очереди);
- ✓ механизированная раздача блюд с медленно вращающихся (карусельных) многоярусных прилавков;
- ✓ автоматизированная раздача блюд и напитков с использованием быстродействующих торговых автоматов. [6. 91с]

Важным видом услуг в туризме являются транспортные услуги. Они вносят основной вклад в структуру цен туров. В зависимости от продолжительности и дальности поездки эта доля составляет от 20 до 60%. Туристские организации используют различные виды транспорта. В общей структуре транспортных услуг основная доля принадлежит воздушному транспорту. Большое количество туристов, особенно путешествующих на дальние расстояния, пользуются авиационными услугами. При этом воздушный транспорт – это перевозки частных лиц. Автомобили по праву можно назвать универсальными транспортными средствами, поскольку они используются повсеместно.

## Заключение

Благодаря инфраструктуре туристам предоставляются проживание, питание, развлечения, информационные и транспортные услуги. Инфраструктура способствует нормальному функционированию механизмов международного экономического и научно-технического сотрудничества между странами. Принимая во внимание рассмотренные положения, можно сделать вывод, что инфраструктура рынка туристских услуг выполняет поддерживающую, интеграционную и регулирующую функции. Вспомогательная функция туристской инфраструктуры определяется обеспечением необходимых условий для организации обслуживания туристов; интеграция – организация и поддержание связей между промышленными предприятиями, формирование территориальных туристских комплексов; регулятор - путем создания новых рабочих мест, влияния на потребительский спрос, развития отраслей производства потребительских товаров, способствуя увеличению налоговых поступлений в бюджеты разных уровней.

## Список Литературы

1. Жуков А.А. Технология и организация операторских и агентских услуг: учебное пособие для студентов вузов / А.А. Жуков, С.О. Дерябина. - М.:

Академия, 2013. - 208 с.
2. Косолапов А.Б. Технология и организация туроператорской и турагентской деятельности: учебное пособие для образоват. учреждений сред. проф. образования / А. Б. Косолапов. - 2-е изд.,стер. - М.: КНОРУС, 2014. - 288 с.
3. Ильина Е.Н. Туроперейтинг: организация деятельности: учебник / Е.Н. Ильина.- М.: Финансы и статистика, 2014. - 240 с.
4. Ильина Е.Н. Туроперейтинг: стратегия обслуживания: учебник для студентов вузов тур. проф. - М.: Финансы и статистика, 2015. - 160 с.
5. Саак А.Э., Пшеничных Ю.А. Менеджмент в социально-культурном сервисе и туризме: Учебное Пособие. - СПб.: Питер, 2015. - 512 с.
6. Скобкин С.С., Практика сервиса в индустрии гостеприимства и туризма: учебное пособие для студентов вузов/ С.С. Скобкин.- М.: Магистр: ИНФРА-М, 2014. - 496 с.

# МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ТАТБИҚИ ТИК ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТҲОИ ДАВЛАТӢ

**Ҳусайнов Қ.А. - ассистенти ДБССТ**
**Муродов И.Р. – ассистенти ДБССТ**

Ҷори шудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИК), бахусус интернет дар ҷаҳон ва бештар дар иртибот тағйироти ҷиддие ба бор овард. ТИК як қатор технологияҳои босуръат рушёбандаро дар бар мегирад, ки технологияи комуникатсионӣ, аз қабили телефон, телевизон ва радио, конфронси компютерӣ ва видеоконфронс, инчунин технологияи рақамиро дар бар мегирад, ки компютерҳо, шабакаҳои иттилоотӣ, аз қабили интернет, шабкаҳои ҷаҳонии интернет ва барномаҳои нармафзор мебошанд.

Идораҳои давлатӣ ва дигар мақомотҳо ТИК-ро бояд ҳамчун яке аз омилҳои асосӣ стратегияи рушд дар тамоми самтҳои фаъолият қабул намуда, натанҳо таъминоти техникиро ба уҳда гирифта, балки назорати иҷроиши пешбурди фаъолияти технологияи иттилоотию комуникатсиониро зери назорати ҷиддӣ гирифта пайваста аз иҷроиши он натиҷагирӣ карда шавад.

Имрӯз барои ташаккули низоми мукаммали хукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси технологияҳои иттилоотии муосир боэътимод ва бехатар, марҳила ба марҳила гузаштан ба шаклҳои электронии мубодилаи маълумотҳо, рушди соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ, тибқи лоиҳаҳо оид ба таъсиси марказҳо, оид ба пешкаш намудани хизматрасониҳои давлатӣ аз рӯи усулӣ “Равзанаи ягона” дар тамоми минтақаҳои кишвар бо роҳҳои баланд бардоштани ихтисосҳои кормандон, истифодаи имзои рақамии электронӣ, васеъ намудани хизматраосниҳои асосии иҷтимоӣ барои аҳоли хеле муҳим мебошад.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани савияи дониши техникӣ, маҳорати баланди касбӣ ва таъминоти техникӣ дар корхонаю муссисаҳо якчанд қонунҳо, барномаҳо ва низомномаҳо аз қабилӣ Фармони Президенти мамлакат "Дар бораи Стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию комуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004,№468 тасдиқ шудааст, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармонӣ Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, №451 тасдиқ шудааст ва Стратегияи ислоҳоти системаи идоаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони

Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 ва дигар барномаҳо аз тарафи давлат қабул шуда, бошанд ҳам аммо, аксарияти мутаххасисони соҳа оиди истифодабарии технологияҳои муосир танқисӣ мекашанд. Вобаста бар ин ҳар як масъулини дахлдори соҳаро мебояд, ки бо мақсади иҷроиши барномаҳои дар болозикргардида, гузаштан аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ ва баланд бардоштани тафаккури сунъию зеҳнии мутаххасисон чораҳои зарури андешида ҳамаҷониба шароити мусоид фароҳам оваранд.

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва тезутундшавии муносибатҳои геосиёсӣ кишварҳои рӯ ба инкишофро лозим меояд, ки аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ гузашта маҳсулоти иттилоотииро зиёд намоянд.

Маҳсулоти иттилоотӣ – маљмӯи додаҳое, ки аз тарафи истеҳсолкунанда ба шакли муайян даровварда шуда, барои паҳнкунӣ дар шакли моддӣ ё ѓайримоддӣ пешбинӣ шудааст. Бояд қайд кард, ки маҳсулоти иттилоотӣ низ мисли ҳама гуна маҳсулоти моддӣ ё ѓайримоддӣ бо ёрии хизматрасониҳои иттилоотӣ паҳн карда мешавад.Хизматрасонӣ – ин натиљаи фаъолияти ѓайриистеҳсолии корхона ё шахс буда, барои қонеъ гардонидани талаботи одам ё ташкилот равона гардидааст. Хизматрасонии иттилоотӣ – дарёфтан ва ба ихтиёри истифодабаранда вогузоштани маҳсулоти иттилоотӣ мебошад. [3. с.242]

Дигар масъалаи рӯзмарра, ки ба мавзӯи ҳифзи иттилоот ё амнияти иттилоотӣ дохил мешавад, ҳамеша яке аз масъалаҳои рӯзмарра буд ва боқӣ мемонад. Рушди раванди иттилоотонии љомеа ва татбиқи пурраву комили компютер дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон масъалаи амнияти иттилоотиро боз ҳам ба дараљаҳои болотар бардоштааст. Акнун ҳалли ин масъаларо дар баҳисобгирии маљмӯи омилҳои нави гардиши иттилоот, эљод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, ки онҳо дар якљоягӣ муҳити иттилоотӣ ном гирифтаанд, љустан лозим аст. Маљмӯи омилҳоеро, ки барои фаъолияти муътадили муҳити иттилоотӣ хавфноканд, таҳдиди иттилоотӣ мегӯянд. Натиљаҳои мушаххаси таъсири ин таҳдидҳо – гумшавии иттилоот, таѓйирёбии миқдор ва мазмуни иттилоот, дастрасии иттилоот ба шахсони номақбул ва ѓайра шуда метавонанд.

Ҳангоми интихоби усулҳои ҳифзи иттилоот барои шабакаи мушаххаси компютерӣ, зарур аст, ки ҳамаи шаклҳои имконпазири дастрасии ғаразноки иттилоот мавриди таҳлили ҳаматарафа қарор дода шавад. Аз рӯйи натиљаҳои таҳлил тадбирҳои мушаххаси ҳифзи иттилоот ба нақша гирифта мешавад, ки онро сиёсати бехатарӣмегӯянд.Сиёсати бехатарӣ маљмӯи тадбирҳои техникӣ, барномавӣ ва ташкилӣ буда, барои ҳифзу амнияти иттилоот дар шабакаҳои компютерӣ равона карда шудааст.

Амнияти иттилоотӣ –ин фаъолият оиди пешгирии нест шудан ва паҳншавии иттилооти ҳифзшаванда мебошад. Амнияти иттилоотӣ ба чораҳои ҳифзи иттилоот аз дастрасии беиҷозат, нобуд кардан, тағйир додан, ифшо кардан ва дастрас шудан дахл дорад.

Ҳалли мушкилоти муосири иттилоотонии идоракунӣ ва азхудкунии технологияҳои муосири электронӣ ва комуникатсионӣ мутобиқи талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо дарки амиқи масъалаҳои назариявӣ, усулҳои методологӣ ва технологияҳои ҳукумати электрониро талаб мекунад, балки ҳалли онро низ талаб менамояд. Ҳукумати электронӣ як ҷузъи ҷомеаи иттилоотӣ мебошад, ки ҳоло дар арафаи ташаккулёбӣ умумиҷаҳонӣ қарор дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайравии хешро ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ нишн дод ва аз 30 декабри соли 201, №643 Консепсияи ташаккули ҳукумати электрониро қабул намуд, ки айни замон амали гардида истодааст.

Мақсадҳои асосии татбиқи ҳукумати электронӣ инҳо мебошанд.

1. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисобӣ татбиқи васеи технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ;
2. Баландбардории сифат ва дастрасиии хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо;
3. Содагардонии тартиб ва ихтисор намудани муҳалати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, инчунин камсозии хароҷоти маъмурӣ, ки бо чунин хизматрасониҳо алоқаманд мебошанд;
4. Баланд бардоштани сатҳи дастрасии иттилоот оид ба фаъолияти мақомти иҷроияи ҳокимиятӣ давлатӣ;
5. Ташкили низоми ягонаи мубодилаи иттилоот бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва алоқаи доимӣ бо низом ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии тамоми истифодабарандагон;
6. Ҳавасмандсозии иқтисодии истифодаи интернет ва технологяҳои иттилоотии муосир.

Натиҷаи амали намудани Консепсия, беҳтар гардидани сифат ва кӯтоҳкунии муҳлатҳои пешниҳоди хизматҳои мақомоти иҷоияи ҳокимияти давлатӣ ба шаҳрвандон ва муассисаҳо ба ҳисоб рафта, боиси таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ шуда ва дар оянда бошад, бо дарназардошти такмилёбии системаи маъмурӣ- ба таъсиси дастгоҳи давлатии самаранок ва аз нигоҳи таркиб муносиб оварда мерасонад.

Бо мақсади якхела намудан ва ҳамроҳ кардани захираҳои системаҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ, лоиҳаҳои байниидоравӣ ва системаҳои иттилоотии якхелаи идоравӣ, аз ҷумла бо истифодаи алоқаҳои нурию нахӣ ва ҳам алоқаи электронии дигар, амалӣ карда мешавад. Ба ин системаҳо дохил мешаванд: Ҳуҷҷатгузории электронии муассисавӣ ва байни муассисавӣ, бойгоникунии ҳуҷҷатҳо, системаи иттилоотии фаъолияти маъмурию идоравӣ, захираи маълумотҳои иттилоотию ҳуқуқӣ ва ғайраҳо. [2]

Дар интиҳо бояд зикр намоем, ки вақти он расидааст, ки мақомоти давлатӣ дар раванди идоракунии худ пурра аз ТИК истифода намояд.

## АДАБИЁТ


1. Давлатов Р. Ҷ., Мирзоев М. А., Қурбонов С. М. Информатика ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти таълимӣ.// Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами математика ва таълими он” бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020 – 2040) ва 70 – солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Э. Сатторов. Бохтар. 2020. – С.136)
2. Довгалевский П.Я., Гриднев В.И., Киселев А.Р. Инновационная медицинская технология амбулаторного лечения артериальной гипертонии на основе компьютерной Internet-системы и мобильной телефонной связи // Современные медицинские технологии. 2008. №1. С. 91-93.
3. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, Душанбе, – С. 279.
4. Косепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Сарчашмаи интернетӣ: Journal of information and Tekhnology;


# АҲАМИЯТ ВА ЗАРУРИЯТИ МАРКЕТИНГИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Ҳусаинова М.К. – муаллими калони ДИС ДДТТ**

Зарурияти таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ дар давраи иқтисодиёти бозорӣ, байналмиллалигардонӣ ва умумиҷаҳонигардонии он ба миён омад. Дараҷаи ба амалбарории иқтидори иқтисодӣ-тиҷоратии мамлакат дар инкишофи тиҷорати байналхалқӣ, сармоягузорӣ ва истеҳсолоти технологии олидараҷа ва илмталаб, сохтор ва сифати маҳсулотҳои миллӣ, рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ, мавқеъи мамлакатро дар низоми робитаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ муайян менамояд. Тамоюли васеъшаваии иқтисодиёти ҷаҳонӣ рақобати умумиҷаҳониро ба вуҷуд меорад, ки ба он фақат бо кӯшишҳои якҷоя ва фаъолияти инноватсионӣ тоб овардан мумкин аст.

Ҳамроҳшавӣ ба хоҷагии ҷаҳонь на фақат ба тағиротҳои кулли дар истеҳсолот, тиҷорат ва истеъмолот оварда мерасонад, балки тасаввуроти одамонро оиди ҷаҳони муосир дигаргун месозад.

Дар шароити иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо пастшавии фаъолии иқтисодӣ-тиҷоратии субъектҳои хоҷагидорӣ, пастшавии хароҷотҳои сармоягузорӣ, кӯҳнашавии технологияҳои истифодашаванда зарурияти инкишофи фаъолияти инноватсионӣ ба вуҷуд меояд.

Навовариҳо дар соҳаи технология, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, кор фармудани таҷҳизот, истифодаи мавод ва намудҳои гуногуни хизматрасонӣ бозорро бо молҳои нави рақобатпазир таъмин менамояд, барои фаъолият ва рушди самарабахши ширкатҳо ва корхонаҳо шароит фароҳам меорад. Инноватсия ташкили махсуси кор, сармоягузории асосӣ ва идоракунии захираҳои истеҳсолӣ ва молиявиро талаб мекунад.[4,225]

Дар айни замон, интихоби навовариҳое, ки барои ширкат ва идоракунии равандҳои навсозии технология, маҳсулоти истеҳсолшуда ё хидматҳо дар корхонаҳо самаранок мебошанд, ба методикаи баҳодиҳии тиҷоратии лоиҳаҳо асос ёфтааст. Арзёбии тиҷоратии лоиҳаҳо нишон медиҳад, ки як лоиҳаи мушаххас то чӣ андоза самаранок аст, натиҷаҳои татбиқи он то чӣ андоза ба натиҷаҳои ниҳоии ширкат дар маҷмӯъ таъсири мусбат мерасонанд, ширкат фаъолияти худро дар шароити бозор то чӣ андоза самаранок пеш мебарад. Аз ин рӯ, ин мавзӯъ махсусан дар шароити муосири иқтисодӣ муҳим аст. Бисёр нашрияҳои муосир дар соҳаи инноватсия ва маркетинги инноватсионӣ тавсифӣ, сифатӣ мебошанд. Сохтори сусти объектҳои баҳодиҳии миқдорӣ дар иқтисоди инноватсия ва набудани усулҳои таҳлили онҳо асоснок кардани қарорҳои идоракуниро душвор месозад, ки дар бисёр ҳолатҳо на ба меъёрҳои объективии арзёбӣ, балки ба намоишҳои интуитивӣ асос меёбанд.

Дар ҷаҳони муосири иқтисодӣ инноватсияҳо яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии ташкилотҳо мебошанд.

Маркетинги инноватсионӣ як системаи мақсадноки идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва муносибатҳое мебошад, ки дар раванди ҳаракати навоварӣ дар ташкилот ба вуҷуд омада, бо мақсади ба даст овардани самаранокии ҳадди аксар дар соҳаи инноватсия ҳамчун омили муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Ҳадафи маркетинги инноватсионӣ муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти илмӣ, техникӣ ва истеҳсолии ташкилот дар самтҳои таҳия ва татбиқи маҳсулот ва технологияҳои нав, навсозӣ ва такмили маҳсулот, рушди минбаъдаи истеҳсолот ва маркетинг мебошад.

Маркетинги инноватсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна равандҳои идоракунӣ ва дар айни замон, як фанни мустақил мебошад, ки ин яке аз навъҳои маркетинги функсионалӣ мебошад, ки объекти

бевоситаи он равандҳои инноватсионӣ мебошад, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ гузаронида мешаванд.[5,175]

Дар ташкилот намудҳои зерини навовариҳоро фарқ кардан мумкин аст:

• навовариҳои маҳсулот ё тағироте, ки бо эҷод ва татбиқи унсурҳо ё моделҳои нави маҳсулоти истеҳсолшуда ба вуҷуд омадаанд;

• навовариҳои технологӣ ё навсозии истеҳсолот;

• навовариҳои ташкилӣ ё тағироте, ки дар натиҷаи таҷдиди сохтори ширкат ба амал омадаанд.

Ташкилот инчунин метавонад навовариҳои идоракунӣ ё рушди шаклҳо ва усулҳои навро дар идоракунӣ татбиқ кунад. Корхонаи инноватсионӣ корхонае мебошад, ки навовариҳои маҳсулот ё равандро ҷорӣ мекунад, новобаста аз он ки ташаббускори навоварӣ кормандони ин ташкилот ё агентҳои беруна (соҳибони беруна, бонкҳо, намояндагони мақомоти давлатӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои тадқиқотӣ ва провайдерҳои технологӣ, дигар корхонаҳо мебошанд ).

Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи технологӣ асосан дар корхонаҳои саноатӣ, инчунин дар корхонаҳои хурд амалӣ карда мешавад. Таҳиягарони асосии навовариҳо ташкилотҳои соҳаи илмӣ ва техникии давлат - ташкилотҳои илмӣ ва лоиҳакашии саноатӣ, ташкилотҳои илмӣ ва донишгоҳҳо, инчунин худи корхонаҳои саноатӣ мебошанд. Мавзӯи маъмултарини таҳқиқот дар омӯзиши инноватсия корхонаҳои саноатӣ мебошанд, зеро маҳз саноат истеъмолкунандаи асосии навигариҳои технологии ба вуҷуд омада мебошад.

Иштирокчии дуюми фаъоли раванди инноватсионии муосир дар давлат корхонаҳои хурди инноватсионӣ мебошанд. Фаъолияти инноватсионӣ ин истифодаи амалии нерӯи инноватсионӣ, илмӣ ва зеҳнӣ дар истеҳсоли оммавӣ бо мақсади ба даст овардани маҳсулоти нав мебошад, ки ба истеъмолкунандагон ба молҳо ва хизматрасониҳои рақобатпазир ҷавобгӯ мебошанд. Хусусияти муҳими ин фаъолият, фаъолияти инноватсионӣ мебошад - дастгирии мақсадноки ҳассосияти баланди кормандони корхона ба навовариҳо тавассути сохторҳои мақсаднок ва усулҳои идоракунӣ мебошад. Худи фаъолияти инноватсионӣ бо суръат бахшидани суръати эҷоди навоварӣ, паҳншавии онҳо тавсиф карда мешавад, ки ба амиқтар ва васеъ шудани тағироти сохторӣ дар иқтисодиёт, афзоиши ҳаҷми бозор ва қонеъ гардонидани талаботи мавҷуда ва пайдошуда мусоидат мекунад.

Дар айни замон, самаранокии фаъолияти инноватсионии корхона, пеш аз ҳама, бо мавҷудияти системаи хуби сармоягузорӣ, қарздиҳӣ, андозбандӣ, фаъолият дар робита бо соҳаи инноватсионии таҳқиқоти илмӣ муайян карда мешавад.

Фаъолияти инноватсионӣ шарти зарурии рушди равандҳои инноватсионӣ мебошад ва идоракунии ин соҳа яке аз вазифаҳои маркетинги инноватсионӣ мебошад.[6,78]

Инноватсия нишондиҳандаи хеле муҳим дар роҳи муваффақият аст, алахусус дар замони мо, ки рақобат дар атрофи он ҳукмрон аст. Ва менеҷер вазифадор аст, ки фаъолияти инноватсиониро рушд диҳад.

Барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ, ташкилот бояд мунтазам маҳсулотро такмил диҳад, бозорро нав созад, аз ҷумла ташаккули стратегияи инноватсионии рақобатпазир дар асоси ташаккули каналҳои тақсимот ва ҷойгиркунии маҳсулоти нав.

Корхонаҳо инноватсияро бо роҳҳои гуногун пешкаш мекунанд, бо таваҷҷӯҳи зиёд ҳоло ба таҳқиқоти расмӣ ва рушд барои навовариҳои вайронкор равона карда шудааст. Аммо инноватсияро бо роҳи тағир додани амалияҳои мубодила ва омезиши таҷрибаҳои касбӣ ва аз бисёр ҷиҳатҳои дигар бо роҳи камтар расмӣ таҳия кардан мумкин аст. Истифодабарандагон, мизоҷоне, ки маҳсулот мехаранд ё аз хидматҳо истифода мебаранд, омили муҳими дарёфт ва навоварӣ мебошанд.

Маркетинги стратегии инноватсионӣ бо мавқеъгирии маҳсулот, тақсимоти бозор муайян карда мешавад. Нуқтаи калидӣ дар ҷустуҷӯи навоварӣ дар стратегияҳои маркетинг ин таҳқиқ ва пешгӯии талабот ба маҳсулот ё хидмати нави ҷорӣ мебошад, ки ин ба шарофати омӯзиши ҳамаҷонибаи дарки истеъмолкунанда дар бораи навовариҳои потенсиалӣ имконпазир аст.[4,110]

Дар ҷараёни татбиқи инноватсияҳо, таҳқиқоти стратегии лоиҳа зарур аст, ки дар давоми он муайян кардани кадом маҳсулот, сатҳи сифат ва кадом истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад. Аз ин рӯ, маркетинги стратегии инноватсионӣ бояд дар иртиботи зич байни кормандони маркетинг ва хидматрасонии иҷтимоии корхона мустақиман бо истеъмолкунанда амалӣ карда шавад (ба ин саволномаҳо, пурсишҳои телефонӣ, намунаҳои намояндагӣ ва ғайра дохил шуда метавонанд). Ширкат наметавонад тавассути коҳиш додани хароҷот рушд кунад, навоварӣ унсури асосии таъмини афзоиши устувори фоида ва беҳтар намудани сатҳ мебошад. Умуман, ташкилотҳои тиҷоратӣ миқдори зиёди гардиши худро барои масъалаҳои инноватсионӣ, ба монанди тағирот ба маҳсулот, равандҳо ва хидматҳои муқарраркардаи худ сарф мекунанд. Ҳаҷми сармоягузорӣ метавонад аз фоизи камтарини гардиши ташкилот то зиёда аз бист фоизи гардиш бошад. Арзиши миёнаи навоварӣ барои ҳамаи намудҳои ташкилотҳо чор фоизро ташкил медиҳад.

Маркетинги инноватсионӣ дар шароити муосири иқтисодӣ яке аз ячейкаҳои асосии пешрафт ба ҳисоб меравад. Азбаски давлати мо рушд карда истодааст, ҳоло самти навовариҳои маркетингӣ тағиротҳои зиёдеро аз сар мегузаронад, барои рушди бомуваффақият ва мунтазам ташкилотҳо бояд саъй намоянд, ки бо замон ҳамқадам бошанд ва ҷанбаҳои ба монанди мавзӯи пешниҳодшударо фаромӯш накунанд. Дар натиҷаи навоварӣ, ғояҳои нав, маҳсулоти нав ва такмилёфта, равандҳои нав ё такмилёфтаи технологӣ ба вуҷуд меоянд, шаклҳои нави ташкил ва идоракунии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва сохторҳои он пайдо мешаванд. Инноватсия фи-

шанги тавоноест барои рафъи таназзул, танзими сохторӣ ва сер кардани бозор бо маҳсулоти гуногуни рақобатпазир. Маркитологи муосир бояд навъи инноватсионӣ бошад, яъне он дорои иқтидори муайяни инноватсионӣ бошад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ оид ба эҷод ва истеҳсоли навовариҳо, ширкат фаъолияти инноватсионӣ анҷом медиҳад.

**Адабиёт:**


1.Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри 2023. www.president.tj

2.Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қ.1. қ.2. қ.3. Душанбе, «Қонуният», 2009.

3.Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 3 декабри соли 2004, №62. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.Инновационный менеджмент. Учебник / Под ред. С. Д. Ильенковой, – М.: Юнити, 2011. – 308 с.

5. Инновационный менеджмент: Справоч. пособие / П. И. Завлин, А. К. Казанцев, Л. Э. Миндель и др. — М.: Центр исслед. и статистики науки, 2009. – 305 с.

6. Кирина Л.В., Кузнецова С.А. «Стратегия инновационной деятельности предприятия» Сб.научных трудов. «Формирование механизма управления предприятием в условиях становления рынка». Под ред. д.э.н. Титова В.В. и Марковой В.Д., Новосибирск, 2009. – 112 с.


## МАСОИЛИ ТАШАККУЛИ РУШДИ ИНОВАТСИОНИИ МЕНЕҶМЕНТ ДАР НИЗОМИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ИРТИБОТИИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Расулов Сафомиддин Ғозиевич – устоди калони ДБССТ**

***Иттилооти*** электронӣ - ин намунаи маъмул ва равияи нави илмӣ-тадқиқотие мебошад, ки дар ҳамбастагӣ бо як қатор илмҳои табиӣ ва техникӣ дар натиҷаи омилҳои таъсиррасон ба вуҷуд омада, барои ташаккули бунёди илмӣ иноватсионии менеҷмент замина мегузорад. Дар тадқиқотҳои олимони соҳаи иттилоотӣ- иҷтимоӣ шарҳи пураи худро ёфта аст[31]. Дар корҳои илмии ин олимони иқтисодчӣ, ҷанбаҳои гуногуни ин назария ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Маҳаки асосӣ дар ин самт объект ва субъекти тадқиқот ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки мавзуи мазкур яке аз мавзуҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Чунки дунёи имрузаро низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ иҳота намуда

[1] Колин, К. К. Социальная информатика: Учебное пособие для вузов / К. К. Колин. - М.: Акад. проект, 2003. - 432 с.

аст. Тибқи ақидаи профессор  Колин, К. К. "Ҷамъият бояд бо талаботҳои асри- XXI таёр бошад, яке аз ингуна талаботҳо  ин тағиротҳои информатсионӣ  баҳисоб меравад." Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими тағирёбии ташаккули  илмӣ иноватсионии менеҷмент ба  сатҳи зиндагонии мардум, ки дар асри - XXI маъмул аст, ин низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ  ба ҳисоб меравад, ки дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятии одамон иштирок мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон  зарур аст, ки аз истифодабарии технологияи дар боло қайдшуда дар канор намонад ва дар тағирёбии технологияҳои  иттилоотию коммуникатсионӣ  ва компютерӣ  саҳми худро гузорад. Барои ба ин мақсад ноил шудан ҳиссаи хароҷотҳои давлатӣ дар корҳои илми тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ зиёд карда шавад .Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳиссаи хароҷотҳои давлатӣ дар ин самт дар  таносуб нисбати ММД бояд то андозаи 3-4 фоизро ташкил диҳад. Масалан ҳиссаи ингуна хароҷотҳо дар Ҷумҳурии мардумии Чин қариб  4- фоизро ташкил медиҳад, ки ин ба 369- милиард доллар баробар аст.  Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи ингуна хароҷотҳо ба 0,9 % рост меояд.

Объекти тадқиқот  дар соҳаи иттилоотии умумӣ ҳамаи далелҳои воқеии иттилоотии ҷаҳон дар атрофи низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ  ҷомеа мебошад. Ба ибораи дигар, ин бахши илм ба  ҷамъоварии  тамоми намудҳо ва шаклҳои  асосии нишондиҳандаҳо  барои ташаккули рушди иноватсионии менеҷмент дар фалсафаи иттилоот ва пояҳои назариявии  фанни технологияи иттилоотӣ, ки ҳоло дар Тоҷикистон  ба сифати фанни асосӣ шуморида мешавад, аҳамияти бештари методологӣ ва фалсафиро соҳиб гардидааст.  Ҳамчунин методологияи илмии рушди иноватсионии менеҷмент, бояд инъикос  карда шавад, ки дар айни замон он дар марҳилаи ташаккулёбист. Хусусияти муҳими ин методология  истифодаи маҷмӯи намудҳои  гуногуни равишҳои илмӣ ба  мушкилоти таҳлил ва таркибии  проблемаҳо  ва равандҳо дар назар дошта шуда аст.  Натиҷаи асосии рушди низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ ин муносибатҳои  ҳамдигарӣ ва иҷтимоӣ  мебошанд. Шарҳи мафҳуми  рушди иноватсионии менеҷмент дар он аст ,ки ҳангоми омӯхтани  як раванд, пеш аз ҳама ҷанбаҳои иттилоотии иноватсионии он муайян карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ  нишон медиҳад, ки  бисёр вақт  аз захираҳои ибтидоӣ ва маъмулӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди  иноватсионии менеҷмент, мушкилоти дастрасии иттилоот ба вуҷуд меояд. Иттилооти умумӣ, имконияти худро барои ташаккул ва истифодаи самарабахши захираҳои иттилоотӣ  муайян мекунад.  Ин бояд ҳамаи масъалаҳои марбут  ба  ташаккули инфрасохтори ва  муҳити иттилоотиро фаро гирад. Дар таъсиси фаъолиятӣ  марказҳои компютерӣ, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани  захираҳои  иттилоотӣ, инчунин воситаҳои рушди баланди таъмини фаъолсозӣ ва истифодаи самаранокии  низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ ба ҳалли масъалаҳои дастрасии иттилоот равона кардан лозим

аст. Ин ба масъалаҳои рушди иттилоотии иноватсионии менеҷмент ва мушкилоти тағирёбии бо суръати сохтори низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бемайлон шомил мешаванд. Бо рақам нишон додани маълумоти нав дар ин ҷо баррасӣ ва мушкилоти раванди демократикунонии ҷомеа, ки дар он нақши махсус мебозад, бахши дастрасии низоми техникию технологи ва иттилоотонию иртиботии электронӣ мебошад. Дар марҳалаҳои кунунӣ ташаккули ҷомеа асосҳои илмии рушди иттилоотии иноватсионии менеҷмент , оғози дарки аҳамияти стратегии рушди фарҳанг, забон, шахс ва ҷомеа мебошад. Забон на танҳо воситаи коммуникатсия, балки як усули шинохтани "фазои фикрӣ " барои моделсозӣ кардани дунёи атроф дар зеҳни инсон мебошад. Дар айни замон, иттилоот ва технологияҳои нави иттилоотӣ танҳо асбобҳои таҷҳизоти фаъолият мекунанд, ба мардум хизмат мерасонанд, то онҳо тавонанд иттилооти бештарро бо муваффақият бардоранд ва онро барои мақсадҳои пешрафти иҷтимоӣ истифода баранд. Яке аз аввалин нишондиҳандаҳо, ин моҳияти бунёдии равобити башардӯстонаи раванди иттилоотии ҷомеа мебошад, ки бояд ба саҳлангорӣ роҳ надиҳанд, балки ҳамчун шахсият ва ҷомеа на танҳо имкониятҳои нав, балки таҳдидҳои навро аз сар гузаронад. Дар навбати худ, онҳо ба хусусият ва суръати рушди ин раванд таъсир мегузоранд. Ҳамин тариқ, мушкилоти асосии иттилооти ҷамъиятӣ ҳамчун илм, муаммои ҳамбастагии ҷомеа дар раванди иттилоотии Тиҷоратӣ- электронӣ ҷаҳон аст.

Рушди низомҳои иттилоотии компютерӣ ва технологияи телекоммуникатсионӣ замина гузоштанд, ки намуди нави фаъолияти иқтисодӣ – соҳибкории электронӣ рӯйи кор биёяд. Соҳибкории электронӣ гуфта фаъолияти кории дилхоҳро меноманд, ки бо истифодабарии имкониятҳои шабакаҳои иттилоотии саросарӣ, баҳри барқароркунии иртиботи дохилӣ ва берунӣ бо мақсади бадастовардани фоида ба роҳ монда мешавад

Тиҷоратӣ- электронӣ фаъолияти истеҳсолӣ ва фурӯши молу хизмат-расониҳои электроние мебошад, ки дар бозори рақобатпазирӣ мақсади бадаст овардани фоидаро дорад.

Мафҳуми тиҷорати электронӣ дар якҷоягӣ ин зеҳнӣ, моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, захираҳои иттилоотӣ бо мақсади истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва ширкату ташкилотҳо мебошад.

Дар навбати худ тиҷорати электронӣ ҷузъи таркибии асосии соҳибкории электронӣ мебошад. Таҳти мафҳуми тиҷорати электронӣ шаклҳои дилхоҳи харидуфурӯшро меноманд, ки муомилаи тарафҳо тариқи электронӣ ба амал омадааст ва дар натиҷаи он ҳуқуқи истифодабарии мол ё хизматрасониҳо аз як шахс ба шахси дигар мегузарад. Консепсияи тиҷорати электронӣ дар ИМА дар солҳои 80-уми асри - **хх** оғоз гардид. Натиҷаи рушди иттилооти иқтисоди ҷаҳонӣ, ки асоси ташкили шабакаҳои иттилоотии маҳаллӣ ва корпоративӣ дар якҷояги бо истифодаи

технологияи иттилоотӣ (IT) дар ширкатҳо буд. Дар айни замон, тиҷорати электронӣ гуфта, яъне амалиётҳои тиҷоратӣ байни шарикон (хариду / фурӯши мол ё хизматрасонӣ, амалиёт дар бозори саҳомӣ бо коғазҳои қиматнок, хулоса иҷрои шартномаҳо ва ғайра), ки тавассути мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар фазои иттилоотии мавзӯи рӯзмара- қисми воқеӣ, ки ба шахс таваҷҷӯҳи махсус зоҳир месозад ва аз тасвири умумии воқеаи гирду атроф фарқ мекунад. Дар нақши нармафзор метавонад ҳамчун ширкат, корпоратсия, давлат ва ғайра амал кунад. Бахши иттилооти иқтисодиёт барои тағир додани шаклҳои анъанавии хоҷагидорӣ ба системаи иқтисодии навъи истеҳсолоти асос мебошад.

Хусусиятҳои хоси ҷомеаи иттилоотӣ инҳо мебошанд:

- афзалиятҳои захираҳои иттилоотӣ дар муқоиса бо дигар захираҳо;
- истеҳсоли автоматӣ, нигоҳдорӣ, коркард, истифодаи дониш ва иттилоот, дар асоси технологияҳои иттилооти, коммуникатсионӣ ва технологияи тиҷорати электронӣ;
- характери глобалии истифодаи технологияҳои шабакавӣ;
- дастрасии ройгони ҳар як шахс ба захираҳои иттилоотӣ.

Муштарии электронӣ ва намуди фаъолияти хоҷагидории ширкатҳо тавассути шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла интернет, бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад.

E-Commerce як ҷузъи тиҷорати электронӣ мебошад, ин яке аз роҳҳои амалӣ намудани он мебошад.

E-commerce ин шакли фаъолияти тиҷорати электронӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад.

Консепсияи тиҷорати электронӣ аз тиҷорати Интернети васеътар аст, зеро ҳамаи намудҳои фаъолиятҳои тиҷоратие, ки электронӣ анҷом медиҳанд, дохил мешаванд.

Тиҷорати интернети ин тиҷорати электронист, ки бо истифодаи танҳо шабакаи компютерии Интернет маҳдуд аст.

Дар тиҷорати интернетӣ: амалигардонии хизматрасониҳои бонкӣ тавассути низоми «Client-Bank», фаъолияти тиҷоратӣ бо VAN, тиҷорати мобилӣ, системаи идоракунии захираҳои корхона.

Муштарии электронӣ аз хариди электронии оддии электронӣ ё фурӯхтани молҳо иборат аст; истифодаи технологияҳои коммуникатсионии шабакавӣ барои анҷом додани фаъолият бо мақсади фоида, истеҳсол дар дохили корхона ва берун аз он бояд зарур бошад.

Рушди тиҷорати электронӣ ва гузариш ба фазои иттилоотии равандҳои асосии соҳибкорӣ ва каналҳои коммуникатсия ва ин ё дертар ба фаъолияти ҳамаи корхонаҳо таъсир мерасонад.

Тиҷорати электронӣ аз чаҳор марҳила иборат аст: маркетинг, истеҳсолот, фурӯш ва пардохт. Агар ду ё зиёда марҳилаҳои тиҷоратӣ бо истифодаи системаҳои электронӣ амалӣ карда шаванд, пас тиҷорати электронӣ ҳисобида мешавад.

Дар маъхази маҳдуди, тиҷорати электронӣ табдил ёфтани равандҳои тиҷоратӣ бо технологияҳои интернетӣ, имкон медиҳад, ки ҳосилнокии баландтарро таъмин намояд.

Раванди тиҷоратӣ маҷмӯи амалиётҳо ва тартиботи ҳамоҳангест, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои мушаххаси тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) фаъолияти ширкат дар доираи ташкилӣ сохтори, дар ҳоле, ки вазифаҳои гурӯҳбандии сохторӣ ва робитаҳои байни онҳо сараввал муайян карда шудаанд. Тиҷоратӣ электронӣ саноати хеле ҷолиб аст.

Ҳоло технологияи тиҷорати электронӣ яке аз воситаҳои муҳими рақобатпазирии муосир мебошад.Таъсири тиҷорати электронӣ ҳамаи шаклҳои фаъолияти корхонаҳои калон ва хурдро тағйир медиҳад - аз таҳияи маҳсулоти ба фурӯш даровардани молҳо дар бозор. Сарчашмаи асосии қудрати бозор ин интеллект аст, ки дар сохторҳои ташкилии тадқиқотҳо ва корпоратсияҳои бозор, ки Технологияи нав ворид мекунанд ва фаъолияти онҳоро таҳти назорат қарор медиҳанд.

Умуман идоракунии тиҷорати электронӣ се қисмро фаро мегирад:

**- идоракунии электронии ҳуҷҷатҳо;**

**- низоми пардохти электронӣ;**

**- тиҷорати электронӣ.**

Технологияи электронӣ ба чунин технологияҳои муҳим асос меёбад:

- технологияҳои шабакавӣ;
- корпоративӣ;
- технологияҳои Интернетӣ;
- Технологияи истеҳсолӣ;
- системаи дастгирии қарорҳо;
- технологияи зеҳни сунъӣ.

**Адабиёт**

1. Колин, К. К. Социальная информатика: Учебное пособие для вузов / К. К. Колин. - М.: Акад. проект, 2003. - 432 с.

2. Урсул, А. Д. Путь в ноосферу. Концепция выживания и устойчивого развития цивилизации / А. Д. Урсул. - М.: Луч, 1993. - 275 с.

## Идоракунии молияи давлатӣ ва асосҳои консептуалии он

**Раҳмонов Ф.М. – ассистенти ДБССТ**

Низоми идоракунии молияи давлатӣ дар иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат нақши ниҳоят муҳимро бозида, сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон ва рушди иқтисодиёти миллиро муайян месозад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки идоракунии фаврӣ, кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддати молияи давлатиро амалӣ месозанд, ҳадафи таъмин намудани тавозуни буҷет, дар қисми таносуби ҳаҷми хароҷотҳои пешбинигардида бо

ҳаҷми умумии даромадҳо ва воридот аз сарчашмаҳои маблағгузории касри он қарор дорад. Дар баробари ин, зарурати баландбардории самаранокии идоракунии молияи давлатӣ бо ислоҳоти сохтории иқтисодиёти мамлакат, ки ислоҳоти механизмҳои амалинамоии бахши ҷамъиятиро тибқи принсипҳои ҷомеаи пасоиндустриалӣ, ки шарти калидии таъмини амнияти иқтисоди миллӣ, рушди устувор ва баландбардории сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ба ҳисоб меравад, алоқамандӣ дорад.

Равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодие, ки дар давраи баъдибуҳронӣ баргузор мегарданд, шартҳои нави ташкил ва амалинамоии низоми идоракунии молияро тақозо менамоянд. Дар ин ҷода муҳиммияти хосро ҷустуҷӯи самтҳои нави мукаммалгардонии низоми идоракунии молияи давлатӣ дар умум, ва вазифаҳои ҷудогонаи он дар алоҳидагӣ касб менамоянд.

Айни замон таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба мураккабгардонӣ ва вусъатёбии чунин вазифаи идоракунии давлатӣ ба мисли назорати молиявию буҷетӣ шаҳодат медиҳад, ки онро метавон ҳамчун кафолати устувории низоми буҷетии дилхоҳ мамлакат, махсусан, дар марҳилаи паси сар намоии оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии молиявӣ аз ҷониби мамлакатҳо эътироф намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода истисно намебошад: барои гузариши босуръат ба марҳилаи инноватсионии рушд, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат интихоб карда шудааст, зарур аст, то кулли низоми идоракунии давлатӣ мавриди ислоҳот қарор гирад, аз ҷумла диққати махсус бояд ба назорати молиявию буҷетӣ дода шавад.

Пеш аз он ки вожаи «молияи давлатӣ» ва «идоракунии молияи давлатӣ»ро таҳлил намоем, ба мо зарур аст, ки мазмуни вожаи «молия»-ро шарҳ диҳем. Ҳамин тавр, молия воситаи қонеъгардонии талаботҳоро оид ба захираҳое ифода менамоянд, ки фаъолияти онро таъмин месозанд. Доир ба ин масъала дар таҳқиқотҳои худ Е.Н. Стенкина ва С.А. Ревва қайд менамоянд, ки: «таҳти мафҳуми молия, пеш аз ҳама, муносибатҳои пулӣ фаҳмида мешавад, ки байни субъектҳо дар раванди фаъолияти иқтисодӣ пайдо мешавад». Боиси қайд аст, ки на ҳама муносибатҳои пулӣ ба муносибати молиявӣ шомил аст. Бинобар он, асоси молияро ин иштироки давлат ва идораи давлат ташкил медиҳад, бо мафҳуми дигар изҳор намоем, молия, ин муносибатҳои пулие мебошад, ки бевосита дар он давлат иштирок намуда, қонуну қоидаҳои амалии онро муайян менамояд»[1]. Ба ғайр аз ин, ҳангоми баррасии масоили моҳияти молия баъзе муаллифон давлатро ба ҳайси иштирокчии асосии муносибатҳои молиявӣ ҷудо месозанд. Аз ҷумла, В.Е. Черкасов қайд месозад, ки «Тамоми воситаҳои пулӣ, ки бо ҳокимияти давлатӣ ё маҳаллӣ алоқамандӣ надоранд, аз ҷониби соҳибмулкони онҳо танзим карда мешаванд. Ин муносибатҳои пулӣ ба категорияи молия тааллуқ надоранд»[3]. Дар ин ҷо муаллиф қайд месозад, ки молия – ин муносибатҳои пулие мебошанд, ки раванди ташаккулёбӣ, тақсимнамоӣ ва истифодаи фондҳои гуногуни захираҳои молиявии давлатӣ ва маҳаллиро барои иҷрои вазифаҳои онҳо фаро мегиранд.

[1] Стенкина Е.Н. Управление государственными финансами в экономически развитых странах: сравнительный анализ и оценка управления государственными финансами / Е. С. Стенькина, С.А. Ревва // Вестник Дальневосточного государственного технического рыбохозяйственного университета. – Владивосток, 2010. – С. 187-190.

Ин мавқеи илмию-методологӣ ба системаи идоракунӣ дар маҷмуъ ва ба вазифаҳои он: яъне таҳлил, банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, назорат ва баҳисобгирӣ дахл доранд. Аммо, омӯзиши нуқтаҳои гуногуни марбут ба идоракунии молияи давлатӣ нишон дод, ки ин мавқеи хеле муҳим ва заминавии методологӣ оид ба таркиби унсурҳои раванди идоракунӣ, дар таҳқиқотҳои олимон оид ба масъалаҳои идоракунӣ таҳияи амиқи назариявӣ дар сатҳи макро, мезо ва микро нагирифтааст.

Аз ҷумла, М.Н. Прокофев ва А.Р. Клочек қайд месозанд, ки «айни замон метавон як қатор муаммоҳоеро ҷудо намуд, ки ба баландбардории самаранокии идоракунии молияи давлатӣ монеа эҷод менамоянд, ки дар натиҷа, сукути рушди иқтисодии мамлакат ба амал меояд. Ҳамин тавр, дар соҳаи идоракунии комили молияи давлатӣ ҳадафи ҳалнагардида коҳишёбии тафовут миёни нишондиҳандаҳои ба нақшагирифташуда ва аслии буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба ҳисоб меравад»[1].

Инчунин, Романовский М.В. ва Врублевская О.В. идоракунии молиявиро ҳамчун раванде муайян мекунанд, ки моҳиятан ягонагии низомҳои идорашаванда (объект) ва назорат (субъект)-ро ифода мекунад. Инчунин ҳамчун як низоми идоракунӣ онҳо низоми молиявии кишварро, ки аз маҷмуи ҳама муассисаҳои молиявӣ иборат аст ва маҷмуи муносибатҳои пулиро, ки ҳамчун як низоми молия пешниҳод мешаванд, фарқ карда, ҳамчун як низоми идорашаванда муайян мекунанд.

Мусаллам аст, ки бо вуҷуди тафсирҳои мухталифи истилоҳи "идоракунии молияи давлатӣ", маънои он вобаста ба тағйирёбии дидгоҳҳои иқтисоддонон ва молиячиён тағйир намеёбад.

Бояд зикр кард, ки тақрибан солҳои 60-уми асри XX мафҳуми нави «идоракунии молиявӣ» пайдо шуд, ки зарурати объективӣ барои аз нав дида баромадани нақши бахши давлатӣ ва хусусӣ буд ва ин мафҳум маҳсули назарияи неоклассикӣ ва идомаи консепсияи молияи классикӣ мебошад. Ин консепсияҳо нақши пешбарандаи давлатро дар идоракунии молиявӣ муайян карданд.

Дар баробари ин, бояд таъкид намуд, ки баъзе ҷанбаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ аз ҷониби олимон – иқтисодчиёни ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла Султонов З. С., Назаров Т.Н, Солеҳзода А.А, Мамадризоева Н.М, Шарбатов Б.Дж[2].

Ба ақидаи Султонов З.С., идоракунии молияи давлатӣ аз идоракунии оқилонаи қарзи давлатӣ низ вобастагии зич дорад. Чунончӣ ӯ қайд месозад: "раванди татбиқи стратегияи идоракунии қарз муқаррарсозии ҳадафҳои мушаххасро оид ба идоракунии қарз бо назардошти арзиши хизматрасонӣ ва хавф,

---

[1] Прокофев М.Н., Клочек А.Р. Направления повышения эффективности управления государственными финансами РФ // Журнал Дискуссия. 2016. №7 (70). С.3236.

[2] Шарбатов, Б.Дж. Региональные финансы и их роль в выравнивании уровней социально-экономического развития регионов Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета. Серия: социально-экономических и общественных наук.Д., 2014.-№2/8 (149).-С.151-155.

оқибатҳои имконпазири номусоид дар оянда, ки метавонанд ба таври манфӣ ба молияи давлатӣ таъсир расонанд, пешбинӣ менамояд”[1].

Дар баробари ин Давлатов Х.М., қайд менамояд, ки «…молияи давлатӣ ё худ молияи мутамарказ аз низоми буҷетӣ, қарзи давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ иборат буда, ҳар яке аз онҳо вазифаҳои муайянеро иҷро менамоянд. Ҳамзамон ӯ иброз менамояд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ва суръат гирифтани буҳрони ҷаҳонӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии мамлакат ин самаранокии идоракунии молияи давлатӣ мебошад, ки дар ин замина, пеш гирифтани сиёсати дарҳои боз ҷиҳати густариши ҳамкориҳои иқтисодию молиявии дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва истифодаи технологияи пешқадам дар пешбурди муносибатҳои молиявӣ ҳамчун механизми ҷаҳонишавӣ мубрамияти хос пайдо мекунад»[2].

Ҳамазамон Хайрзода Ш.Қ қайд менамояд, ки “... идоракунии молияи давлатӣ яке аз қисматҳои асосии бароҳмонии сиёсати давлат дар амалӣ намудани стратегияҳои рушд, ҷамъоварӣ ва тақсимоти захираҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи давлат бевосита танзим карда мешавад[3]”.

Барои таъсис додани низоми самараноки идоракунии молияи давлатӣ дар сатҳи давлат, зарур аст, то механизмҳо ва унсурҳои асосии идоракунии он муайян карда шаванд. Ҷараёни барпокунӣ, тақсимкунӣ, азнавтақсимкунӣ ва истифодабарии захираҳои молиявӣ миёни зинаҳои низоми молиявӣ ва дар дохили худи онҳо ҳамеша барои ноил гардидан ба мақсадҳои муайян равона карда шудааст, ки ба таври фавқулода сурат нагирифта, ташкили «идоракунӣ»-и онро тақозо менамоянд.

Дар охир бояд қайд намуд,ки  иқтисоди бозорӣ, бе низоми молиявии хуб ташаккулнаёфта ва бозори молиявии бомуваффақона танзимшаванда тараққӣ намеёбад.

**Адабиёт**


1.Стенкина Е.Н. Управление государственными финансами в экономически развитых странах: сравнительный анализ и оценка управления государственными финансами / Е. С. Стенькина, С.А. Ревва // Вестник Дальневосточного государственного технического рыбохозяйственного университета. – Владивосток, 2010. – С. 187-190.

2.Прокофев М.Н., Клочек А.Р. Направления повышения эффективности управления государственными финансами РФ // Журнал Дискуссия. 2016. №7 (70). С.3236.

3.Шарбатов, Б.Дж.   Региональные финансы и их роль в выравнивании уровней социально-экономического развития регионов Таджикистана // Вест-


[1] Султанов, З.С. Менлашева Н.М. Стратегия управления государственным долгом // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе., 2014. – №2/3(135). - С.54-59.
[2] Давлатов Х.М. Рушди низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бухрони иқтисодиёти ҷаҳонӣ//Паёми молия ва иқтисод. -  Душанбе., 2019 -  № 1 (17). С. 28-35.
[3] Хайрзода Ш.Қ. Баъзе масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ ва нақши он дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат. / Ш.Қ.Хайрзода // Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисод. №2 (36), 2023. С.6.

ник Таджикского национального университета. Серия: социально-экономических и общественных наук.Д., 2014.-№2/8 (149).-С.151-155.

[4]Султанов, З.С. 4.енлашева Н.М. Стратегия управления государственным долгом // Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе., 2014. – №2/3(135). - С.54-59.

5. Давлатов Х.М. Рушди низоми молиявии Љумњурии Тољикистон дар шароити љањонишавї ва буњрони иқтисодиёти љањонї//Паёми молия ва иқтисод. - Душанбе., 2019 - № 1 (17). С. 28-35.

# МУАММОҲОИ АСОСИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ТАҲИЯ ВА ҚАБУЛИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНӢ

**Шарифов У.Қ. – ассистенти ДБССТ**
**Ҳусейнов У.Қ. - ассистенти ДБССТ**

Технологияи қабули қарорҳо бояд ҳамчун таркиб ва пайдарҳамии расмиётҳое, ки ба ҳалли мушкилоти созмон оварда мерасонанд, дар якҷоягӣ бо усулҳои таҳия ва оптимизатсияи алтернативаҳо фаҳмида шаванд. Дар раванди ҳалли масъалаҳои мураккаб бо мақсади таҳкими қобилияти менеҷерон дар қабули қарорҳои асоснок ва объективӣ, усулҳои гуногуни илмии таҳия ва оптимизатсияи онҳо метавонанд истифода шаванд, ки артенативӣ онҳо одатан ба ду синфи асосӣ тақсим карда мешавад:

- усулҳои моделсозӣ;
- усулҳои арзёбии экспертӣ.

1. **Усулҳои моделсозӣ ва оптимизатсияи қарорҳо**

Усулҳои моделсозӣ (инчунин усулҳои тадқиқоти амалиётӣ номида мешаванд) ба истифодаи моделҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои маъмултарини идоракунӣ асос ёфтаанд.

Таҳия ва оптимизатсияи ҳалли як масъалаи мушаххас бо истифода аз усулҳои моделсозӣ як раванди хеле мураккабест, ки метавонад бо пайдарпайии марҳилаҳои асосии зерин ифода карда шавад:

- мураттабсозии масъала;
- муайян кардани меъёри самаранокии амалиёти таҳлилшаванда;
- андозагирии миқдории омилҳое, ки ба амалиёти таҳқиқшаванда таъсир мерасонанд;
- сохтани модели математикии объекти мавриди истифода (амалиёт);
- ҳалли миқдории модел ва дарёфти ҳалли оптималӣ;
- санҷиши мутобиқати модел ва роҳи ҳалли вазъияти таҳлилшуда;
- танзим ва навсозии модел.

Шумораи моделҳои мушаххаси ҳама намудҳо тақрибан ба миқдори мушкилоте, ки барои онҳо таҳия шудаанд, зиёд аст. Баррасии муфассали онҳо аз доираи ин курс берун аст ва мавзӯи як фанни махсуси таълимӣ мебошад, бинобар ин мо танҳо намудҳои маъмултарини моделҳоро номбар мекунем.

Моделҳои назарияи бозӣ. Аксари муомилоти тиҷорӣ метавон ҳамчун амале ҳисобида шавад, ки дар шароити мухолифат анҷом дода мешавад. Мубориза бояд, масалан, омилҳоеро дар бар гирад, ба монанди садама, сӯхтор, дуздӣ, корпартоӣ, вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайра. Бо вуҷуди ин, маъмултарин ҳолати муқовимат рақобат аст. Аз ин рӯ, яке аз шартҳои муҳиме, ки муваффақияти созмон ба он вобаста аст, рақобатпазирӣ мебошад. Аён аст, ки қобилияти пешгӯии амали рақибон барои ҳар як ташкилоти тиҷоратӣ бартарии назаррас аст. Ҳангоми қабули қарор, шумо бояд алтернативаеро интихоб кунед, ки ба шумо имкон медиҳад, ки дараҷаи мухолифатро коҳиш диҳед, ки дар навбати худ дараҷаи хавфро коҳиш медиҳад. Ин имконият ба менеҷер тавассути назарияи бозӣ дода мешавад, ки моделҳои математикии онҳо ӯро барои таҳлили алтернативаҳои эҳтимолии амалҳои худ бо назардошти амалҳои эҳтимолии ҷавобии рақибон ташвиқ мекунанд. Моделҳои назарияи бозӣ, ки дар ибтидо барои мақсадҳои ҳарбӣ-стратегӣ таҳия шуда буданд, инчунин дар тиҷорат барои пешгӯии вокуниши рақибон ба қарорҳои қабулшуда, масалан, ба тағирёбии нархҳо, баровардани молҳо ва хидматҳои нав, ворид шудан ба сегментҳои нави бозор ва ғайра истифода мешаванд

Ҳамин тариқ, ҳангоми тасмимгирӣ дар бораи тағир додани сатҳи нархи молҳо, роҳбарияти ширкат бояд вокуниш ва амалҳои эҳтимолии ҷавобии рақибони асосии худро пешгӯӣ кунад. Ва агар бо истифода аз модели назарияи бозӣ муайян карда шавад, ки масалан, рақибон дар сурати боло рафтани нарх ин корро намекунанд, ташкилот барои ба ҳолати ногувор афтодан бояд ин алтернативаро тарк карда, роҳи ҳалли дигарро ҷустуҷӯ кунад. ба проблема.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки ин моделҳо хеле кам истифода мешаванд, зеро нисбат ба вазъиятҳои воқеии иқтисодй, ки хеле тағйирёбандаанд, хеле содда карда мешаванд, ки пешгуиҳои дар натиҷа ба даст омада чандон эътимоднок нестанд.

Моделҳои назарияи навбат. Моделҳои назарияи навбат (ё хидмати оптималӣ) барои дарёфти шумораи оптималии каналҳои хидматрасонӣ барои сатҳи муайяни талабот ба онҳо истифода мешаванд. Ҳолатҳое, ки дар он чунин моделҳо метавонанд муфид бошанд, аз ҷумла муайян кардани шумораи хатҳои телефонӣ барои посух додан ба зангҳои муштариён, троллейбусҳо дар масир барои пешгирӣ кардани навбатҳои тӯлонӣ дар истгоҳҳо ё кассабон дар бонк, то муштариён интизор нашаванд.  Дар ҳоле ки онҳоро нигоҳубин кардан мумкин аст ва ғайра. Мушкилоти ин дар он аст, ки каналҳои хидматрасонии иловагӣ (хатти бештари телефон, троллейбус ё кормандони бонк) захираҳои иловагиро талаб мекунанд ва сарбории онҳо нобаробар аст (дар баъзе вақтҳо иқтидори аз ҳад зиёд ва дар баъзе вақтҳо навбат истодан). Аз ин рӯ, бояд роҳи ҳалли худро пайдо кард, ки хароҷоти иловагии васеъ кардани каналҳои хидматрасонӣ ва талафотро аз набудани онҳо баробар кунад. Моделҳои назарияи навбат маҳз воситаи дарёфти чунин ҳалли оптималӣ мебошанд.

Моделҳои идоракунии инвентаризатсия. Ҳар як ташкилот бояд сатҳи муайяни инвентаризатсияи захираҳои худро нигоҳ дорад, то бекористӣ ё қатъи равандҳои технологӣ ва фурӯши мол ё хидматро пешгирӣ кунад. Ширкати

истеҳсолӣ ба захираҳои муайяни масолеҳ, ҷузъҳо, маҳсулоти тайёр, бонк ба пули нақд, беморхона ба доруҳо, асбобҳо ва ғайра ниёз дорад. Нигоҳ доштани сатҳи баланди инвентаризатсия эътимоднокии ташкилотро зиёд мекунад ва талафоти марбут ба нарасидани онҳоро бартараф мекунад. Аз тарафи дигар, ташкили инвентаризатсия хароҷоти иловагиро барои нигоҳдорӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, суғурта ва ғайра талаб мекунад. Илова бар ин, захираҳои зиёдатӣ сармояи муомилотро ба ҳам мепайвандад ва сармоягузории фоиданоки сармояро пешгирӣ мекунад, масалан, ба коғазҳои қиматнок ё пасандозҳои бонкӣ.

Моделҳои идоракунии инвентаризатсия ба шумо имкон медиҳанд, ки ҳалли оптималиро пайдо кунед, яъне. сатҳи захираи инвентаризатсия, ки хароҷоти эҷод ва нигоҳдории онро дар сатҳи муайяни муттасилии равандҳои истеҳсолӣ ба ҳадди ақал мерасонад.

Моделҳои барномасозии хатӣ. Ин моделҳо барои дарёфти роҳи ҳалли оптималӣ дар вазъияти тақсимоти захираҳои камёб дар ҳузури ниёзҳои рақобаткунанда истифода мешаванд. Масалан, бо истифода аз модели барномасозии хатӣ, менеҷери истеҳсол метавонад барномаи оптималии истеҳсолиро муайян кунад, яъне. Барои ба даст овардани фоидаи калон бо ҳаҷми маълуми масолеҳ ва қисмҳо, мӯҳлати кори таҷҳизот ва даромаднокии ҳар як намуди маҳсулот чӣ қадар маҳсулот истеҳсол кардан лозим аст, ҳисоб кунед.

Аксари моделҳои оптимизатсия, ки барои истифодаи амалӣ таҳия шудаанд, ба масъалаҳои барномасозии хатӣ рост меоянд. Аммо бо назардошти хусусияти амалиёти таҳлилшаванда ва шаклҳои мавҷудаи вобастагии омилҳо, дигар намудҳои моделҳоро истифода бурдан мумкин аст. Барои шаклҳои ғайрихаттии вобастагии натиҷаи амалиёт аз омилҳои асосӣ - моделҳои барномасозии ғайрихаттӣ; дар ҳолати зарурӣ омили вақтро ба таҳлил дохил кунед - моделҳои барномасозии динамикӣ; бо таъсири эҳтимолии омилҳо ба натиҷаи амалиёт - моделҳои омори математикӣ (таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ).

***2. Усулҳои коршиносӣ дар раванди қабули қарор***

Дар ҳолатҳои душвори интихоб, қарор қабулкунанда метавонад на ҳама маълумот ё таҷрибаи заруриро дошта бошад, ки хавфи қабули қарори хаторо зиёд мекунад. Ба ғайр аз ин, бисёр проблемаҳое, ки бояд ҳал шаванд, пурра ё қисман ба таҳлили миқдорӣ мувофиқ нестанд ва аз ин ру, истифодаи усулҳои моделсозиро иҷозат намедиҳанд. Дар чунин мавридҳо технологияҳои коршиносӣ таъсири назаррас мерасонанд.

Истифодаи технологияҳои коршиносӣ дар раванди қабули қарор асосан дар ҳолатҳои зерин тавсия дода мешавад.

***Муайян кардани ҳадафҳо.*** Ҳангоми таҳияи қарорҳои муҳимтарин ва стратегӣ, дақиқ муайян кардан ва таҳия кардани ҳадафҳое, ки қарор қабулкунанда барои ноил шудан ба онҳо мекӯшад, хеле муҳим аст. Барои ҳолатҳои мураккаб усули «дарахти мақсадҳо» таҳия ва татбиқ карда шудааст, ки имкон медиҳад сохтори иерархивии системаи ҳадафҳо муайян карда шавад.

***Пешгӯии коршиносон.*** Ҳангоми қабули қарорҳо аксар вақт зарурати муайян ва арзёбии тамоюли рушди интизории вазъият, инчунин натиҷаҳои татбиқи алтернативаҳои мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

***Таҳияи сенарияҳои рушди вазъият.*** Ҳангоми таҳияи қарор бояд омилҳои асосие, ки ба вазъият таъсир мерасонанд ва динамикаи тағирёбии эҳтимолии онҳоро муайян кардан лозим аст.

***Эҷоди алтернативаҳо.*** Агар мушкилоти нав, ки қаблан эътирофнашуда ба миён ояд, барои ҳалли он вариантҳои тайёр вуҷуд надоранд. Онҳоро ҳанӯз пайдо кардан ва таҳия кардан лозим аст.

***Муайян кардани рейтингҳо.*** Дар як қатор ҳолатҳо қабули қарор ба афзалияти муқоисавии объектњои бо истифода аз методологияи махсус баҳо додашуда (рейтингҳои бонкҳо, сиёсатмадорон, варзишгарон ва ғайра) асос меёбад.

***Ташаккули системаҳои арзёбӣ.*** Барои арзёбии муқоисавии вариантҳои ҳалли алтернативӣ, инчунин барои арзёбии дараҷаи ноил шудан ба ҳадаф, системаи баҳодиҳӣ зарур аст, ки инҳоро дар бар мегирад:

- меъёрҳое, ки объекти арзёбӣ;
- ҷадвали ченкунии ҳар як меъёр;
- қоидаҳои интихоби алтернативаҳои бештар мувофиқ.

***Қабули қарорҳои дастаҷамъона.*** Мубоҳисаи ошкорои роҳҳои алтернативии ҳалли масъалаҳо бо назардошти натиҷаҳои экспертиза, координасияи нуқтаҳои назари гуногун, ҷустуҷуи созиш ва ғайра.

Моҳияти усулҳои қабули қарорҳои коршиносӣ аз он иборат аст, ки аз мутахассисон ба саволҳои ба онҳо додашуда ҷавобҳо гиранд. Маълумоте, ки аз коршиносон гирифта мешавад, бо мақсади кам кардани хатогиҳо ва таъсири омили субъективӣ бо истифода аз расмиёти махсуси мантиқӣ ва математикӣ коркард ва ба шакли барои интихоби роҳи ҳалли мувофиқ табдил дода мешавад.

Дар интиҳо гуфтан зарур аст, ки қабули қарорҳои идоракунӣ механизми аниқ ва шаффофонаро талаб намуда, талаб менамояд, то ин ки дар он методҳои нави инноватсионӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ татбиқ гардида, ҷиҳати рушди ин соҳа дар самти такмили татбиқи ТИК дар идоракунӣ аз тарафи сохторҳои давлатӣ талошҳои бештар анҷом дода шавад.

## АДАБИЁТ

1. Анненков М.Е. Управленческие науки в современной России, 2014,том. 2,. стр. 324-328.
2. Архипова Л.И., Медведева Л.Ф. Научные труды Республиканского института высшей школы. Философско-гуманитарные науки. 21-2,
3. стр. 3-11.
4. Ассоциация специалистов по управлению бизнес-процессами. URL: https://abpmp.org.ru/?ysclid=lb8200tmay236450129.
5. Ассоциация специалистов по управлению изменениями. URL: https://www.acmpglobal.org/page/about_acmp.

6. Астафьева О.Е., Гончарова И.Л., Моисеенко Н.А. Управление, 2020,т. 8, стр. 24-32.
7. Беляев М.К., Прасолова Е.В. Современные научные исследования и инновации. 2014. Вып. 11, часть 2. URL: https://web.snauka.ru/issues/2014/11/40315.
8. Блинов А.О., Угрюмова Н.В. Экономика: вчера, сегодня, завтра, 2015, №1. 1–2, стр. 58–68.
9. Харьковский Р.Г., Воробьева Н.В., Конопелько Е.Р. Вестник Луганского государственного университета имени Владимира Даля, 2021, №1(43), стр. 139-146.
10. Шевченко В.В. Научные труды Донецкого национального технического университета. Серия: экономическая, 2012, №2. 2(42), стр. 151-157.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ ҲАМКОРИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР КОМПЛЕКСИ ИНФРАСОХТОР

**Нуров Н.Қ. - устоди калони кафедраи ДБССТ**

Инфрасохтор, самаранокӣ ва миқёси тақсимоти он омили асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳам кишварҳо ва минтақаҳои гуногун ва дар маҷмӯъ иқтисоди ҷаҳонӣ мебошанд.

Бисёр кишварҳо, бахусус кишварҳои дар ҳоли рушд ва кишварҳои дар ҳоли гузариш, набудани иншооти инфрасохторӣ ва сатҳи пасти рушди онҳо дучоранд. Ҳалли ин проблема маблағҳои калонро талаб мекунад.

Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон норасоии захираҳои молиявӣ, махсусан буҷетӣ, ки ангезаи ҷустуҷӯи воситаҳои нави маблағгузорӣ шудааст, хос аст. Яке аз онҳо шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун роҳи мантиқии истифодаи иқтидори давлатӣ ва имкониятҳои бахши хусусӣ мебошад. Дар шароити касри буҷет ва кам шудани даромадҳои давлатӣ, воситаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ҳамчун институти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шакли маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба рушди инфрасохтор нигаронида шудаанд, аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар мавриди шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки ин муттаҳидсозии дарозмуддати захираҳои шарикони давлатӣ ва хусусиро дар асоси созишномаи хаттӣ, муқаррар кардани тақсими хатарҳо, масъулиятҳо ва натиҷаҳо байни онҳо бо мақсади ҳалли мушкилоти муҳими давлатӣ ва ё татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ба манфиати ҷамъиятӣ, ки бе иштироки шарикони хусусӣ ба таври муассир ҳаллу фасл ва ё амалӣ карда намешавад.

Аз аввали солҳои 90-ум дар иқтисоди ҷаҳонӣ шумораи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ки тибқи модели ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ амалӣ мешаванд, босуръат меафзояд. Ин ба бунёди иншооти

нав ва модернизатсияи иншооти мавҷудаи инфрасохторӣ, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонии инфрасохторӣ, аз ҷумла дар соҳаи иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки потенсиали ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба қадри кофӣ истифода намешавад ва нақши он дар иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад ҳам аз ҷиҳати молиявӣ ва ҳам аз ҷиҳати баланд бардоштани самаранокӣ ва инноватсия ба таври назаррас афзоиш ёбад.

Муҳимияти омӯзиши масъалаҳои рушди инфрасохтор ва истифодаи моделҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ барои иқтисоди давлат бо аҳамияти объективии нақши инфрасохтор дар иқтисодиёт, инчунин бо вазъи комплекси инфрасохторӣ алоқаманд аст, Ин масъалахо дар шароити тезу тунд шудани вазъи геополитикии чахон ва аз чониби бисёре аз давлатҳои мутараққи дар сохаи иқтисоди тадбирҳои сиёсӣ истифода бурдани онхо ахамияти махсус пайдо мекунанд. Сарфи назар аз мушкилоти беруна, таъмини болоравии сатҳи рушди инфрасохтор, аз ҷумла нақлиёту логистика, обтаъминкунӣ, иҷтимоӣ ва ғайра барои мусоидат ба рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва пур кардани бозори дохилӣ аз молу маҳсулот ва хизматрасониҳо муҳим ба назар мерасад.

Дар чанд соли охир маъмултарин мавзӯъҳо: ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, тақсимоти хавфҳо ва идоракунии лоиҳаҳо, моделҳои истифодашудаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, масъалаҳои маблағгузории лоиҳа, омилҳои самаранокии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, масъалаҳои консессия (нархгузорӣ, давомнокӣ, гуфтушунидҳо),. танзими созишномаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ва ҳамкории тарафҳои ин созишномаҳо, идоракунии шартнома, арзиши иқтисодии лоиҳаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ масъалаҳои устуворӣ ва инноватсия мавзӯҳои омӯзиши илмии ҳукумат ва бахши хусусӣ мебошанд.

Дар асоси асоснокқунии консептуалии заминаҳои бунёд ва рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ маҷмӯи омилҳои стратегӣ, иқтисодӣ, технологӣ, сиёсӣ ва илмӣ муайян карда шудаанд, ки ба хусусиятҳо ва микёси истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсир мерасонанд. Аз ҷумла омилҳои иқтисодӣ: бӯҳронҳои ҷаҳонии иқтисодӣ, динамикаи сармоягузории мустақими хориҷӣ, касри буҷет, вобастагии даромадҳои аз шароити бозори ҷаҳонӣ, сатҳи рушди инфрасохтор ва ғайра.

Омӯзиши сабабҳои пайдоиши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар нимаи дуюми асри XX нишон медихад, ки он ба бисёр омилҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ вобаста буд.

Вазъияти хозираи сиёсӣ талаб кард, ки муносибатҳо ба идоракунии давлатӣ барои халли проблемаҳои ба миёномадаи

иқтисодӣ тағйир дода шаванд. Интихоби модели ШДБХ барои дастгирии рушди инфрасохтор бештар ба амалияи ҷамъшуда ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлилшудаи истифодаи доктринаҳои гуногуни иқтисодӣ, ки аҳамият ва робитаи байни давлат ва бахши хусусиро дар иқтисодиёт асоснок мекунанд, вобаста буд. Модели ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ, ки пеш аз ҳама дар Британияи Кабир қабул шудааст, ба таври динамикӣ инкишоф ёфта, ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар ҳоли рушд паҳн шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, махсусан дар соҳаи рушди комплекси инфрасохторӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ин ҳамкорӣ вобаста ба дараҷаи тараққиёти давлат, аз ҷумла ба ҳолати қувваҳои истеҳсолкунандаи он, сохти ҷамъиятӣ ва муносибати элита ба усулҳои идоракунии иқтисодиёт, самаранокии муассисаҳо, вазъи молияви ва ғайра шаклҳои гуногун гирифтааст.

Масъалаҳои муносибатҳои байни давлат ва бахши хусусӣ мавриди андешаи бисёр олимон қарор гирифта, дар ин ё он марҳилаи таърихӣ кадом моделу шаклҳои ҳамкориро давлат таъсири мусбат доштанд интихоб кардаанд.

Дар Фаронса дар давраи асрҳои миёна ва ҳукмронии меркантилизм нақши бартаридоштаи давлат дар рушди иқтисодӣ, аз ҷумла рушди инфрасохтор таъкид мешуд. Давлат бизнеси хусусиро ба худ ҷалб намуда, корро маблағгузорӣ мекард, бо назардошти он, ки ҳамчун меркантилисти фаронсавӣ А.Монкретьен қайд карда буд, рушди инфрасохтор шарти ҳатмӣ барои рушди бомуваффақияти тиҷоратию иқтисодии кишвар мебошад[1]. Ғояи ҳамкории давлат бо соҳибкории хусусӣ дар рушди саноат тавассути танзими оптималӣ ва ҳифз аз рақобати хориҷӣ, махсусан дар марҳилаи аввал, дар корҳои олими олмонӣ Ф.Листа[2] низ инъикос ёфтааст.

Яке аз идеологҳои шарикии давлат ва соҳибкорӣ дар Русия донишманди либерал Б.Н.Чичерин буд, ки таъкид дошт, ки татбиқи лоиҳаҳо бо роҳи консессионӣ ба ширкатҳои хусусӣ додани иншооти инфрасохторӣ метавонад самаранокии онҳоро хеле баланд бардорад[3].

Қувваҳои асосии пешбарандаи рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, стратегӣ ва технологӣ мебошанд, ки онҳоро бештар равандҳои дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал омада муайян мекунанд. Дараҷа ва самаранокии рушди ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ аз омилҳои институтсионалӣ, сифати идоракунии давлатӣ, сатҳи таҳияи

---

[1] Montchretien A. (1889). Traicté de l'œconomie politique: dedié en 1615 au Roy et à la Reyne Mere du Roy. Paris. p. 308
[2]Лист Ф. Национальная система политической экономики. Москва, 2005. с. 147
[3] Чичерин Б.Н. Собственность и государство. Москва, 1882-1883. Часть 2., с. 231

низомнома ва мувофиқати принсипҳои арзишманди иштирокчиёни созишномаҳои ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ таъсир мерасонад. Дар ниҳояти кор, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ба сатҳи рушди инфрасохтор таъсир мерасонад, ки баъдан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сатҳи зиндагӣ ва рақобатпазирии байналмилалии давлат низ таъсир мерасонад.


**Адабиёти истифодашуда**

1. А.А. Алпатов Государственно-частное партнерство. Механизмы реализации / А.А. Алпатов. - М.: Альпина Паблишер, 2018. - 291 с.
2. Алексей Вялкин und Наталья Гостева Государственно-частное партнерство в социальной сфере: моногр. / Алексей Вялкин und Наталья Гостева. - М.: LAP Lambert Academic Publishing, 2015. - 120 с.
3. В. Кабашкин Государственно-частное партнерство в регионах Российской Федерации / В. Кабашкин. - М.: Дело, 2015. - 251 с.
4. В.А. Кабашкин Государственно-частное партнерство в регионах Российской Федерации / В.А. Кабашкин. - М.: Издательский дом "Дело" РАНХиГС, 2018. - 120 с.
5. Montchretien A. (1889). Traicté de l'œconomie politique: dedié en 1615 au Roy et à la Reyne Mere du Roy. Paris. p. 308
6. Лист Ф. Национальная система политической экономики. Москва, 2005. с. 147
7. Чичерин Б.Н. Собственность и государство. Москва, 1882-1883. Часть 2., с. 231



**УДК: 338.486**


## САЙЁҲӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОӢ


**Шарипова Ф. – ассистаенти ДБССТ**



Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди сайёҳӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти иқтисодии дорои аҳамияти иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Рушди сайёҳӣ аз нигоҳи таҷрибаи миллӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин санадҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, соҳаи калидии иқтисодиёт, хусусияти таконбахшии сайёҳӣ, сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ, ҷанбаи иҷтимоии сайёҳӣ.


Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои сердаромадтарин ва рушдёбандаи иқтисодиёт буда, бахши муҳими фаъолияти иқтисодии бисёр мамлакатҳоро ташкил медиҳад. Пӯёи рушди сайёҳӣ ҳатто дар давраҳои бухронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ тамоюли мусбати худро нигоҳ дошта, саҳми он дар иқтисодиёти муосир пайваста меафзояд. Вобаста ба ин, вазъи соҳаи сайёҳиро метавон ҳамчун яке аз

аломатҳои муҳими тавсифдиҳандаи сифати зиндагии аҳолӣ арзёбӣ кард. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар сайёҳӣ ҳар қадар барои аҳолӣ дастрас бошад, давлат аз фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳамон қадар даромади бештар ба даст меорад ва сатҳи некӯаҳволии аҳолии мамлакат баландтар мегардад. Бинобар ин, имрӯз сайёҳӣ дар баъзе мамлакатҳо манбаи асосии даромади миллӣ ва аз ҷиҳати суръати рушди устувори худ ҳамчун бахши ояндадори иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳисобида мешавад. Бо назардошти хусусияти маҷмуӣ ва таъсиррасонӣ ба рушди якчанд соҳаҳои дигари бо ҳам алоқаманд, сайёҳӣ яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Таҷрибаи миллии рушди сайёҳӣ нишон медиҳад, ки он тадриҷан ба як соҳаи муҳим ва афзалиятноки иқтисодиёт мубаддал мегардад. Дар солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир намуда, барои рушди он тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ кардааст, ки дар натиҷаи онҳо сайёҳӣ дар солҳои наздик метавонад худро ҳамчун соҳаи калидии иқтисодиёти мамлакат муаррифӣ кунад. Тадбирҳои муҳим барои рушди сайёҳӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон намудани соли 2018 ҳамчун "Соли сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" [4] ва солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" [5] мебошанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар баробари ҳадафҳои асосии иқтисодии худ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ низ мусоидат мекунад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018 таъкид намудаанд, «Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои зикршуда дар самти мазкур ва ҳамзамон бо ин, ҷиҳати муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту наботот ва мероси таърихиву фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва кӯҳнавардӣ тадбирҳои иловагӣ андешад» [5].

Рушди сайёҳӣ ҳамчунин ба рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёти миллӣ - сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои худро дар бозори сайёҳӣ пешкаш мекунанд, таъсири мусбат мерасонад. Хусусияти таконбахшии сайёҳӣ имкон медиҳад, ки дар баробари рушди он соҳаҳои дигари барои иқтисодиёти миллӣ муҳим низ рушд карда, дар умум ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мусоидат кунанд.

Дар ҷомеаи имрӯза сайёҳӣ ҳамчун зуҳуроти оммавӣ, ҳамчун яке аз падидаҳои барҷастатарин қабул карда шудааст, ки воқеан ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодию ҷамъиятӣ ворид шуда, муҳит ва манзараҳои атрофро тағйир медиҳад. Дар ҷомеаи муосир сайёҳиро наметавон танҳо аз ҷиҳати муносибат доштан бо иқтисодиёт, ҳамчун истилоҳи иқтисодӣ ё дигар баррасӣ кард. Имрӯз, тавре муҳаққиқи рус И.Н. Кабушкин қайд мекунад, «сайёҳӣ ба яке аз омилҳои муҳимтарини иқтисодиёт табдил ёфтааст, аз ин рӯ мо онро на танҳо ҳамчун сафар ё истироҳат баррасӣ мекунем. Ин мафҳум хеле васеътар буда, маҷмуи муносибатҳо ва ягонагии робитаву падидаҳоеро ифода мекунад, ки шахсро ҳангоми сафар ҳамроҳӣ мекунанд» [2, с. 10]. Бинобар ин, сайёҳӣ ҳамчун

мафҳуми иқтисодӣ на танҳо омилҳои бо сафар ва истироҳат алоқамандро фаро мегирад, балки номи яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллиро ифода мекунад, ки ширкатҳои сайёҳӣ, пеш аз ҳама созмондиҳандагон ва миёнаравҳои фаъолияти сайёҳӣ, инчунин корхонаҳои бо фаъолияти сайёҳӣ алоқаманд – инфрасохтори сайёҳиро дар бар мегирад.

Ҷанбаи иҷтимоии сайёҳӣ дар ҷомеа асосан тавассути афзоиши шуғли аҳолӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он, солимгардонӣ, баланд бардоштани қобилияти корӣ ва дигар нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи дараҷа ва сифати зиндагии аҳолӣ ифода меёбад. Сайёҳӣ соҳаи нисбатан меҳнатталаб аст, рушди он метавонад «боиси афзоиши шуғл гардад ва ба ин васила сатҳи бекориро дар мамлакат ба таври назаррас коҳиш диҳад. Азбаски кор дар соҳаи сайёҳӣ бештар бо хизматрасонӣ ба сайёҳон алоқаманд аст, метавон занҳоро, ки ҳиссаи онҳо дар сохтори аҳолии бешуғл нисбатан зиёдтар аст, ба кор ҷалб кард» [3, с. 187].

Сайёҳӣ ҳамчунин метавонад дар паст кардани шиддатҳои ҷомеа саҳм гузорад, рушди он «дар ҳалли масъалаҳои ташкили вақти холии аҳолӣ ёрӣ мерасонад, ба бартараф кардани ихтилофҳо, пешгирӣ кардани низоъҳо дар ҷомеа, баланд шудани сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳанги аҳолӣ мусоидат мекунад» [7, с. 8].

Ҳамин тариқ, сайёҳӣ ҳамчун падидаи мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ, ки намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад, дарояндаи наздик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоиро таъмин кунад. Вобаста ба ин, дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои сердаромадтарини иқтисодиёт муқаррар гардида, бояд дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат нақши муҳим гузорад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, танзими муносибатҳо ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар анҷоми давраи амалисозии стратегияи мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакати дорои соҳаи сайёҳии устувор ва дар сатҳи ҷаҳонӣ эътирофшуда табдил хоҳад гашт. Саҳми сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) назаррас арзёбӣ шуда, он ҳамчун меҳвари таъсиси ҷойҳои корӣ нақши муҳим хоҳад дошт.

Вале имрӯз, сарфи назар аз талошҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ, ҳануз натиҷаҳои назаррас дар ин самт мушоҳида намешаванд. Саҳми сайёҳӣ дар рушди иқтисодии мамлакат назаррас нест, «аниқтараш, муайян нашудааст, зеро чунин маълумот аз боиси набудани методологияи мукаммали ҳисобкунии нишондиҳандаи мазкур дар омори расмӣ оварда намешавад» [1, с. 78]. Бо сабаби набудани маълумоти омории дахлдор арзёбии дуруст ва аниқи саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои саҳми сайёҳӣ дар ММД, ҳиссаи сайёҳӣ дар ташаккули маблағҳои буҷети давлатӣ, вазни қиёсии даромадҳо аз сайёҳӣ дар содирот ва дигар нишондиҳандаҳое, ки ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи

рушди сайёҳӣ дар Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар карда шудаанд [6], имконнопазир аст.

Бояд қайд кард, ки набудани маълумоти саҳеҳ дар назари аввал барои рушди соҳаи сайёҳӣ на он қадар муҳим ба назар расад ҳам, он яке аз сабабҳои асосии норасоии коркардҳои методологӣ ва тавсияҳои амалӣ барои амалисозии ҳадафҳои Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. Дар маҷмуаҳои оморие, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ба нашр мерасанд, иттилооти зарурӣ оид ба вазъи сайёҳӣ дар мамлакат оварда намешавад. Бинобар ин, барои муҳаққиқон ва шахсони масъули мақомоти давлатӣ маълумоти таҳлилӣ барои пешбурди таҳқиқот дар ин соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт намерасад. Маълумоти дастрас имкон намедиҳад, ки ҷанбаҳои асосии вазъи сайёҳӣ дар мамлакат арзёбӣ ва пешомадҳои рушди он муайян карда шаванд.

Иттилооти оморӣ дар бораи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси методикаҳое ҷамъоварӣ, коркард ва нашр карда мешавад, ки аз методикаҳои тавсиянамудаи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳии миллали муттаҳид (United Nations World Tourism Organization - UNWTO) фарқ мекунанд. Маълумоти расмии дар бораи сайёҳӣ пешниҳодшаванда аксаран қиёснашаванда мебошанд, бинобар ин, бо истифодаи онҳо дар омодасозии хулосаҳои таҳлилӣ ва арзёбии саҳми сайёҳӣ дар иқтисодиёт натиҷаҳои воқеъбинона ба даст омада наметавонанд.

Маҷмуаҳои омории то чанд соли наздик дар мамлакат нашршаванда маълумотро дар бораи сайёҳӣ умуман дар бар намегирифтанд. Акнун дар маҷмуаи асосии ҳарсолаи оморӣ (омори солона) бахши сайёҳӣ ворид карда шудааст, вале дар он ҳамагӣ якчанд нишондиҳандаҳое ҳисоб ва пешкаш карда мешаванд, ки барои таҳқиқоти илмию таҳлилӣ ва таҳияи хулосаҳои арзёбикунӣ аҳамияти калон надоранд, аз ҷумла:

- ҷамъи шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд;
- теъдоди шаҳрвандони хориҷие, ки мутобиқи маълумоти мақомоти сарҳади давлатӣ ба ҷумҳурӣ ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд;
- шумораи ширкатҳои сайёҳӣ;
- теъдоди сайёҳони дохилие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба хориҷа сафар намудаанд;
- теъдоди сайёҳони хориҷие, ки тавассути ширкатҳои сайёҳӣ ба ҷумҳурӣ ворид шудаанд;
- даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ (бе андоз аз арзиши иловашуда).

Нишондиҳандаҳои барои тавсифи пурратари вазъ ва рушди соҳаи сайёҳӣ зарурӣ, чун ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ММД, маҳсулоти умумӣ дар соҳаи сайёҳӣ, арзиши иловашуда аз ҳисоби сайёҳӣ, шумораи иншооти сайёҳӣ ва инфрасохтори он, шумора ва музди кори кормандони дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда, гардиши савдои чакана дар соҳаи сайёҳӣ, индекси нархҳои истеъмолӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ҳаҷми воридот ва содироти хизматрасониҳои

сайёҳӣӣ, даромад (фоида)-и ширкатҳои сайёҳӣ ва дигарҳо дар маҷмуаҳои омории расмӣ нишон дода намешаванд.

Ба таҳқиқи сайёҳӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ ташкилотҳои гуногуни ҷаҳонӣ, чун Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (СУС) машғул мебошанд, ки доимо ба тафсири мафҳумҳои ба сайёҳӣ дахлдор таваҷҷуҳ доранд, хусусан ба хотири ҳамоҳангсозии принсипҳои омори байналмилалӣ. Истилоҳоти дахлдор дар зери таъсири соҳаҳои гуногуни дониш ва фаъолияти амалӣ ташаккул меёбанд. Бояд гуфт, ки манфиатҳои муайяни гурӯҳӣ ва иқтисодии мамлакатҳои алоҳида ба тафсири мафҳумҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун асос қабул карда мешаванд, таъсири назаррас мерасонанд.

Сайёҳӣ аз нигоҳи иқтисодӣ дар шакли хизматрасониҳои муайян зоҳир гашта, таъсири арзиши истеъмолии дар манфиат ё самари нафъовар таҷассумгардидаро барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти дахлдори инсон ифода мекунад. Самари хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳам бевосита ба худи инсон ва ҳам ба шароите нигаронида шудааст, ки инсонро фарогир мебошад.

Дар тафовут аз дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, дар сайёҳӣ вақти пешниҳод кардани хизматрасониҳо бо вақти истеъмоли онҳо рост меояд. Ба шумори хизматрасониҳои сайёҳӣ мансуб мебошанд, аз ҷумла - фурӯши роҳхатҳои сайёҳӣ, дигар кардани макони будубош, ҷойгиркунонӣ ва хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, таъмини хӯрок, ташкили чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, тамошои маконҳои диданӣ ва ғайра.

Хизматрасониҳои сайёҳӣ ҳамчун моли ба истеъмолкунанда пешкашшаванда дорои арзиши истеъмолӣ ва арзиш буда, бузургии арзиши хизматрасонӣ бояд ба маблағи хароҷоти меҳнати ҷамъиятии барои истеҳсоли он зарурбуда мувофиқат кунад. Бинобар ин, меҳнат дар соҳаи сайёҳӣ ҷиҳатҳои хоси худро дорад ва аз фаъолияти кормандони дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт машғулбуда фарқ мекунад. Яке аз ҷиҳатҳои хоси сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми таҳвили хизматрасонии сайёҳӣ нақши шахсият баланд мегардад, бинобар ин, дар идоракунии фаъолияти сайёҳӣ ба идоракунии кормандон ва ташкили мусоиди муносибатҳои байнишахсӣ бояд диққати муҳим дода шавад.

## АДАБИЁТ:

1. Зоҳидҷон А. Фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он [Матн] / А. Зоҳидҷон // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон. - 2022. - № 3 (42). – С. 77-86

2. Кабушкин Н.И. Менеджмент туризма. Учебник [Текст] / Н.И. Кабушкин. - Мн: БГЭУ, 1999. – 644 с.

3. Каримов Б.Ҳ., Раҳимов М.А. Ҷанбаҳои иқтисодии идоракунӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, М.А. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 180-188

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли

2017 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/16771

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2018 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/19088

6. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://ctd.tj/sanadho/qonunho

7. Филатова И.Н. Туризм как элемент рыночной экономики современной России [Текст]: Дис. канд. социол. наук: 22.00.03 / Филатова Ирина Николаевна. - Саратов, 2004. - 146 с.

## НИЗОМИ ТАҲЛИЛИ ФОИДАНОКИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА УСУЛҲОИ ТАНЗИМДАРОРИИ ОН

**Шарипов Бузургмехр Раҳмиддинович - ассистенти ДБССТ**

Дар таҷрибаи ҷаҳонии бонкӣ барои баҳодиҳии сатҳи фоиданокии бонк низоми коэффитсиентҳо истифода мешавад: коэффитсентҳои маржаи фоизӣ, сатҳҳои даромад ва хароҷоти ғайрифоизӣ, таносуби маржаи ғайрифоизӣ ва фоизӣ, даромади устувор ба дороиҳо, ҳиссаи дивидендҳо дар даромад, хароҷот барои дороиҳо, коэффитсентҳои паҳншуда ва маржаи миёнаравӣ, нишондиҳандаҳои даромаднокӣ, дороиҳо ва сармоя, фоида ба як корманд.

Интихоби коэффитсиентҳои асосиро ҳадафҳои бонк барои давраи оянда муайян мекунанд. Ин коэффитсиентҳо, сатҳҳои стандартии онҳо ва усулҳои ҳисобкунӣ дар ҳуҷҷати сиёсати қарзии бонк барои давраи оянда сабт карда мешаванд.

Баҳодиҳии сатҳи фоиданокии бонк дар асоси коэффитсиентҳои молиявӣ ба усулҳои зерин асос меёбад:

- муқоисаи арзиши воқеии таносуби молиявӣ бо меъёрҳои бонкӣ;
- баҳодиҳии мутобиқати коэффитсент ба стандартҳои байналмилалӣ;
- тахлили динамикаи коэффитсиент;
- муқоисаи арзиши коэффитсент бо нишондиҳандаҳои дахлдори бонкҳои як навъ аз рӯи ҳаҷм ва самтҳои фаъолият.

Ҳангоми баҳодиҳии дараҷаи фоиданокии бонк на танҳо нишондиҳандаҳои миқдории сатҳи даромад, хароҷот ва фоида, балки устувории манбаъҳои фоида, инчунин дараҷаи ҳифзи бонк аз хавф ба назар гирифта мешаванд. Охирин бо мавҷудияти захираҳои кофӣ барои пӯшонидани талафот аз амалиёти фаъол, кифоятии сармояи худӣ ва сифати сандуқи дороиҳо муайян карда мешавад.

*Таҳлили омилҳои сатҳи фоиданокии бонк.* Таҳлили омилии сатҳи фоиданокии бонк ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳои тағйирёбии онро муфассал муайян намуда ва дар ин асос қабули қарорҳои идоракуниро

мушаххас намоем. Он барои муайян кардани омили асосии тағйирёбии нишондиҳандаи фоиданокӣ истифода мешавад. Барои ин мақсад истифода бурда мешавад: масалан, усули ивазкуниро барои муайян кардан элементи шумора ё махраҷи коэффитсент мумкин аст, ки асосан бо тамоюли мусбат ё манфии тағйирёбии он алокаманд аст.

Биёед истифодаи усули ивазкуниро тавассути таҳлили тағйирёбии коэффитсиенти маржаи фоиз, ки даромади миёнаи дороиҳои коркунандаро тавсиф мекунад, нишон диҳем.

Усули асосии баҳодиҳии андозаи коэффитсиенти фоизӣ муқоиса кардани арзиши воқеии таносуб бо маржаи кофӣ мебошад. Таносуби кофии маржа сатҳи ҳадди ақали онро барои пӯшонидани хароҷоти устувори бонкии ғайрифоизӣ муайян мекунад.

Вазифаи таҳлили омилҳо ин муайян кардани сабабҳои асосии тағйирёбии сатҳҳои коэффитсиентҳои воқеӣ ва кофии маржаи фоизӣ дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба давраи қаблӣ, инчунин сабабҳои дуршавии маржаи воқеӣ аз сатҳи кофии он мебошад. Сарчашмаи иттилоот барои таҳлили омилҳо маълумот дар бораи ҳисоботи бонкӣ мебошад.

Таҳлили омилҳо инчунин метавонад дар асоси усули таҷзияи (разложения) коэффитсиентҳо ба омилҳо сохта шавад. Намунаи формулаи Дюпин аст, ки дар он таносуби фоида ба сармоя ба 3 омил (маржаи даромад, даромаднокии дороиҳо ва таносуби фишанг) тақсим карда мешавад.

*Усулҳои танзими фоидаи ҷорӣ.* Унсури муҳими низоми идоракунии фоида танзими ҷории он мебошад.

Баҳодиҳии дараҷаи фоиданокии бонк – ин дар маҷмӯъ дараҷаи эътимоднокии бонкро баҳодиҳӣ намуда ва омилҳои асосие, ки аз он вобаста аст, муайян карда шавад. Дар навбати худ, ин омилҳои асосӣ усулҳои афзалиятноки идоракунии фоидаро муайян мекунанд. Онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард: танзими маржаи фоизӣ, идоракунии даромадҳои ғайрифоизӣ, танзими хароҷоти ҷорӣ, мониторинги нишондиҳандаҳои муҳими даромаднокии бонк.

Биёед ин усулҳоро пай дар пай баррасӣ кунем.

Танзими маржаи фоизҳо аз унсурҳои зерин иборат аст:

- муайян намудани коэффитсиенти кофии маржаи фоизӣ барои давраи оянда дар асоси бизнес-нақша, нишон додани сатҳи он дар ҳуҷҷати сиёсати қарзӣ;

- мониторинги мунтазами риояи меъёрҳои маржаи воқеӣ ва кофии фоизҳо;

- назорати паҳншуда (спред) дар асоси коэффитсиентҳои паҳншуда ва маржаи миёнаравӣ;

- назорат аз болои ҳиссаи воситаҳои муомилот;

- ташаккули фоизи шартномавӣ бо назардошти коэффитсенти маржаи фоизии кофӣ:

$$Д = РСР + Мд + И\,(1 + Мд) + П;$$

ки дар ин ҷо:

Д - фоизи шартномавӣ барои тақсимоти захираҳо;

PCP - арзиши воқеии захираҳо;

Мд — коэффитсенти маржаи кофии фоиз;

И - суръати таваррум дар тӯли мӯҳлати қарз интизор шуда.

Арзиши воқеии захираҳои амонатӣ бо назардошти меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, инчунин арзиши ниҳоии захираҳои байнибонкии ҷалбшудаи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст, муайян карда мешавад ва онро метавон ба арзиши амалиёти бонкӣ мансуб кард.

Идоракунии даромадҳои ғайрифоизӣ метавонад инҳоро дар бар гирад:

- пайгирии тамоюлҳои тағйирёбии даромади ғайрифоизӣ барои дороиҳо;

- назорат аз болои таносуби даромадҳои устувор ва ноустувори ғайрифоизӣ;

- таъмини диверсификатсияи манбаъҳои гуногуни даромадҳои комиссионӣ тавассути рушди хизматрасониҳои бонкӣ;

- омӯзиши бозори хизматрасонӣ ба мизоҷон ва таҳияи стратегияи бонкӣ дар ин бозор бо мақсади дуруст тартиб додани комиссияҳо ва эҷоди хизматрасониҳои нав;

- андешидани тадбирҳо оид ба нисбатан зиёд намудани ҳиссаи даромади устувори ғайрифоизӣ нисбат ба даромади фоизӣ бо афзоиши пешбинишудаи сатҳи таваррум;

- муайян намудани бозорҳои «мурда»-и хизматрасонӣ ва дарёфти манбаъҳои нави даромад;

- истифодаи фаъолонаи таблиғи хизматрасониҳои бонкӣ.

Танзими хароҷоти ҷории ғайрифоизии бонк ба минимуми асосноки онҳо нигаронида шудааст. Бо ин мақсадҳо корҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- назорат аз болои сохтори хароҷот;

- пайгирии тамоюлҳои тағйирёбии арзиши онҳо барои дороиҳо;

- муқоисаи тамоюли тағйирёбии хароҷот ва даромади бонкӣ;

- назорат аз болои марказҳои хароҷот.

Нишондиҳандаҳои муҳими даромаднокии бонк инҳоянд:

- пастшавии ҷорӣ дар таносуби фоида;

- тамоюли камшавии маржаи фоиз;

- зиёд шудани «бор»;

- ташаккули фоидаи соф асосан аз ҳисоби манбаъҳои ноустувор;

- маржаи фоизии манфии амалиёти қарздиҳие, ки як самти анъанавии фаъолияти бонк мебошад;

- азхудкунии маржаи фоизҳо аз рӯи «бор» ва андозҳо.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Ашуров Ғ.Д., Азизмуродов Ш.Ҳ. “Баҳисобгирии амалиёт дар бонкҳои тиҷоратӣ”. Душанбе. 2009. 305 с.;

2. Вдовина Е.С., Куликова М.А. «Банковский менеджмент». Тамбов. 2023г. с. 82.;

3. 10. Диагностика финансового состояния коммерческого банка: учебно-методическое пособие / Е.Г. Шершнева. Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. 112 с

## РАЗВИТИЕ РЫНКА КОНСУЛЬТАЦИОННЫХ УСЛУГ АУДИТОРСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Камолова Шахригул Садуллоевна – ассистент ДБССТ**

В условиях становления рыночных механизмов хозяйствования в Таджикистане важным становятся решение проблем обеспечения контроля за достоверностью информации, отражаемой в финансовой отчетности и предотвращение предоставления заведомо ложных сведений. В связи с этим для осуществления аудиторской деятельности следует руководствоваться Законом Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности», международными и национальными стандартами аудита, а также другим локальным актам, регулирующим взаимоотношения между аудиторами и субъектами хозяйствования.

Согласно абзацу 1 ст. 1 Закона Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности» аудит - это проверка, проводимая индивидуальным аудитором или аудиторской организацией на основании договора по заявке заказчика в соответствии со стандартами аудита, в целях выражения независимого мнения о достоверности и соответствии требованиям международных или национальных стандартов финансовой отчетности и прочей информации, связанной с финансовой отчетностью [1].

Следует подчеркнуть, что развитие гражданских и предпринимательских отношений является одним из факторов продвижения экономики. В связи с этим, в Республике Таджикистан была разработана государственная программа по реализации концепции прогнозного развития гражданского и предпринимательского законодательства на 2012-2015гг [2]. Одной из задач данной программы являлось совершенствование нормативно-правовой базы аудиторской деятельность с учетом новых реалий в экономике страны. Особое значение при этом приобретает исследование отдельных аспектов институционального механизма аудиторской инфраструктуры рыночной экономики.

В целях более широкого понимания понятия обязательства по оказанию аудиторских услуг, его смысла и содержания, следует уточнять разницу между аудитом, аудиторской деятельностью и аудиторскими услугами.

В данном определении, прежде всего, отражены все правовые и экономические аспекты аудита, и такая позиция позволяет нам всесторонне и объективно представить сущность и цель аудита. При этом, возникает путаница при рассмотрении понятий «аудит» и «аудиторская деятельность», когда по мнению одних исследователей необходимо их различать, а, по мнению других -

отождествлять.

Например, В.Н. Колесников убежден, что понятия «аудит» и «аудиторская деятельность» следует рассматривать как тождественные и вкладывать в их содержание только проведение аудиторской проверки. Оказание сопутствующих аудиту услуг выводится за пределы понятия аудита. В свою очередь понятия аудита и аудиторской деятельности, а также сопутствующих аудиту услуг должны раскрываться через понятие аудиторских услуг [3, с. 55].

А.А. Терехов указывает, что в Законе об аудиторской деятельности имеется сомнительная тождественность между понятиями аудиторской деятельности и аудита. Между тем, аудиторская деятельность расширяет сферу работы аудиторов, включая в себя не только аудит, но и сопутствующие ему услуги [4, с. 14].

По мнению А.А. Чумакова аудиторская деятельность является более общим понятием по отношению к аудиту. А аудит представляет собой деятельность по независимой проверке бухгалтерского учета и финансовой отчетности организацией и индивидуальных предпринимателей [5, с. 34].

Рассматривая данный вопрос Р.А. Абдуллаева приходит к выводу, что во-первых, аудит - это вид деятельности, заключающийся в сборе и оценке фактов, касающихся функционирования и положения экономического субъекта, и осуществляемый компетентным независимым лицом; во-вторых, он направлен на снижение до приемлемого уровня информационного риска, то есть вероятности того, что в финансовых отчетах содержатся ложные и неточные сведения для их пользователей; в-третьих, он обеспечивает не только проверку достоверности финансовых показателей, но и разработку рекомендации по повышению эффективности хозяйственной деятельности экономического субъекта; в-четвертых, аудит предоставляет обществу информацию о степени возможного доверия к той или иной бухгалтерской отчетности аудируемых организаций. Поэтому аудит нередко определяют как своеобразную экспертизу бизнеса [6, с. 18].

С учетом вышеприведенных суждений ученых, по нашему мнению понятие аудит и аудиторская деятельность неоднозначны, при их синтезе они дополняют друг друга и преследуют одну и ту же цель. Аудит - это профессиональная деятельность аудиторов по разработке необходимой информации и предоставление ее заказчику по инициативе и обращение самих заказчиков.

При этом согласно абзацу 2 ст.1 Закона Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности» аудиторская деятельность - предпринимательская деятельность по проведению аудита и других услуг, связанных с ней, осуществляемая индивидуальным аудитором или аудиторской организацией [1].

Т.А. Попова справедливо отмечает, что смешение двух самостоятельных понятий «аудит» и «аудиторская деятельность» - существенный недостаток закона. По ее мнению, аудиторская деятельность - это деятельность по организации, методологическому обеспечению аудита, а также проведение аудита и оказание сопутствующих аудиту услуг, осуществляемое на профессиональной основе лицами, получившими статус аудитора или аудиторской организа-

ции в порядке, установленном законом. Аудит, в свою очередь, как форма финансового контроля определяется как отношение по осуществлению независимой проверки систем учета и финансовой отчетности, а также иной информации о финансово-хозяйственной деятельности организаций и индивидуальных предпринимателей [7, с. 41-42].

Перейдя к уточнению смысла понятия «аудиторские услуги» следует иметь в виду что, согласно ч.1 ст. 328 Гражданского кодекса Республики Таджикистан в силу обязательства одно лицо (должник) обязано совершить в пользу другого лица (кредитора) определенное действие, как то: передать имущество, выполнить работу, уплатить деньги и т.п., либо воздержаться от определенного действия, а кредитор имеет право требовать от должника исполнения его обязанности. То есть содержание обязательства составляют права и обязанности сторон - кредитора и должника [8].

Данное определение характеризует обязательства, в которых одна из сторон имеет только права, а другая - только обязанности. Однако во многих обязательствах, в том числе в обязательствах по возмездному оказанию аудиторских услуг каждая сторона имеет одновременно и обязанности, и правомочия.

Следует отметить, что договор на оказание аудиторских услуг носит предпринимательский характер, который ее стороны - исполнитель (аудиторская организация, индивидуальный аудитор) получает прибыль за счет профессиональных навыков по предоставлению аудиторского заключения заказчику, а заказчик заинтересован в услугах аудитора в исполнении им своих обязанностей. Так, как правильно отмечает Р.А. Абдуллаева договоры о проведении аудиторской проверке и об оказании иных соответствующих аудиторской деятельности услуг являются предпринимательскими договорами, заключаемыми юридическими лицами между собой, с гражданами, а также между самими гражданами, осуществляющими предпринимательскую деятельность [6, с. 134].

По мнению В.Н. Колесников договор возмездного оказания услуг не является смешанным, так как не содержит элементы договора подряда и других договоров. На основе данного вывода можно утверждать, что договор оказания аудиторских услуг также не может считаться смешанным. Договор оказания аудиторских услуг является разновидностью договора возмездного оказания услуг и строится по его модели, а значит, может именоваться договором возмездного оказания аудиторских услуг [3, с. 66].

На наш взгляд аудиторские услуги имеет такие специфические черты, которые отражают цель и задачи субъекты данных правоотношений, а также через этих особенностях могут ограничивать аудиторские услуги от других видов услуг. Такие особенности могут быть рассмотрены по таким категориям:

1. В зависимости от правового регулирования аудиторских отношений:

- базовыми правовыми актами в сфере проведения аудита являются Закон Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности», международные и национальные стандарты аудита, а также другие локальные акты;

- аудиторские услуги осуществляется на основании предприниматель-

ских договоров;

- при предоставлении аудиторских услуг, аудитор (исполнитель) проводит такие действия как планирование, проверка, исследование и предоставление отчета заказчику.

2. В зависимости от вида, пределов действия и профессионализму субъектов данных правоотношений:

- в качестве исполнителя в аудиторских услугах выступают аудиторская организация, индивидуальный аудитор, а в качестве заказчика - юридическое лицо и индивидуальные предприниматели, т.е. аудируемое лицо;

- аудиторские услуги гражданам обязан оказать лично индивидуальный аудитор/или аудиторская организация, т.е. услугодатель, которому доверил индивидуальный предприниматель и /или юридическое лицо - то есть заказчик;

- в обязательствах по оказанию аудиторских услуг исполнители (услугодатели) должны быть профессионалами, обладать способностями качественного оказания услуг, иметь соответствующие знания и навыки в своей области;

- в качестве конструирующего признака в договоре по оказанию аудиторских услуг выступают профессионализм и квалификация исполнителя;

- гражданско-правовое оформление аудиторских отношений между аудитором и заказчиком осуществляется через заключение договора на оказание аудиторских услуг. То есть аудиторские услуги оказываются в рамках договора возмездного оказания услуг;

- договоры по оказанию аудиторских услуг с одной стороны заключаются с целью передачи актуальной информации заказчику, а с другой стороны должны охватывать такие важные элементы как: достоверность, полнота и своевременность такой необходимой информации;

- правильность и достоверность результата аудиторских услуг - т.е. аудиторские заключения необходимы заказчику;

- при некачественном оказании аудиторских услуг, т.е. при отсутствии достоверности и полноты передаваемой информации, исполнитель несет ответственность перед заказчиком, а в других случаях заказчик также несет ответственность при не предоставлении необходимой информации (документы, носители информации, предметы и т.п.) исполнителю обязательства, при наличии в их действиях вины.

Таким образом, настоящий Закон перечисляет сопутствующие аудиту услуги и возлагает их на аудитора (аудиторская организация, индивидуальный аудитор) в процессе оказания услуги заказчику. Поэтому под термином «сопутствующие аудиту услуги» могут пониматься услуги аудиторского характера и связанные с ними другие услуги.

Характеризуя разграничение между аудиторскими услугами и сопутствующими аудиту услуг, А.А. Чумаков отмечает, что аудиторские услуги представляют собой оказываемые заказчику возмездные услуги аудитора по осуществлению аудита (аудиторской проверки) и составлению аудиторского

заключения. Осуществление иной аудиторской деятельности (сопутствующей аудиту деятельности) не относится к аудиторским услугам и не является обязательством по оказанию аудиторских услуг [5, с. 40].

Точка зрения А.А. Чумакова не совсем верна, так как по нашему мнению сопутствующие аудиту услуги нельзя отделить от аудиторских услуг, потому что заказчик может потребовать от аудитора во время оказания аудиторских услуг осуществление сопутствующих аудиту услуг и само оказание аудиторских услуг без них бессмысленно. Например, оказание юридических услуг по вопросам финансового законодательства и т.п. Здесь надо отметить, что сопутствующие аудиту услуги имеют консультационный характер и во время оказания аудиторских услуг аудитор дает заказчику необходимую консультацию, совет, рекомендацию. Аудиторские услуги и сопутствующие аудиту услуги нельзя разделить и при их синтезе в процессе оказания услуг они вместе дополняют друг друга.

По мнению Л.И. Булгаковой объектом воздействия при оказании аудиторских услуг выступает информация, которая подвергается анализу, обработке, систематизации. При этом характерные для аудиторской проверки отношения не могут быть полностью урегулированы положениями о договоре возмездного оказания услуг, поскольку правовая конструкция этого договора не рассчитана исключительно на них [9, с. 25-26].

По нашему мнению, для большей определенности и доступности понимания данного термина надо использовать вместо «аудитор» термин «аттестованный специалист в области аудита», а термин «аудитор» надо использовать в качестве стороны договора об оказании аудиторских услуг. Это более близко по сравнению с вышеуказанным словосочетанием норм данного Закона и соответствует логике.

Подводя итоги анализа норм гражданского законодательства в сфере оказания аудиторских услуг, указываем на следующие признаки, являющимися особенностями аудиторских услуг:

1. Аудиторская деятельность осуществляется специальными субъектами - аудиторскими организациями и независимыми аудиторами.

2. Данная деятельность осуществляется на возмездной основе и направлена на систематическое получение прибыли, что делает эту деятельность предпринимательской.

3. Для осуществления аудиторской деятельности необходимо наличие лицензии (разрешения).

Кроме этого, предлагается включение в ст. 10 Закон РТ «Об аудиторской деятельности» в части обязанности аудиторов следующей нормы: «Оказать аудиторские услуги на высшем профессиональном уровне». Кроме того, дополнение данной статьи следующим параграфом уточняло бы обязанности аудиторов:

«Требования, предъявляемые аудиторам, т.е. признаки профессионализма:

- навыки;

- эрудированность;
- опыт;
- широкое мировоззрение и разностороннее развитие;
- благоразумность;
- соблюдение высоких эстетических и морально-нравственных качеств».

На наш взгляд только после полного совершенствования законодательства путем отражения требований относительно качества, по мере возможности найдут свое решение проблемы правового обеспечения, доброкачественного оказания аудиторских услуг и должного исполнения обязательств их участниками.

В итоге можно сделать вывод, что аудиторская деятельность в нашей стране находится в настоящее время на этапе становления и дальнейшее ее развитие зависит не только от государства, но и от самих участников процесса аудита. От решения институциональных проблем аудита напрямую зависит «здоровье» экономики в целом.

**Литература**


1. Закон Республики Таджикистан «Об аудиторской деятельности»//Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., № 7, ст.521
2. Государственная Программа по реализации Концепции прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан в сфере гражданского и предпринимательского законодательства на 2012-2015 годы. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 01.03.2012 г. www.mmk.tj
3. Колесников В.Н. Договор возмездного оказания аудиторских услуг: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03/ В.Н. Колесников. - Москва, 2004. - 176 с.
4. Терехов А.А. Аудит: законодательные решения/А.А. Терехов. - М.: Финансы и статистика, 2003. - 607 с.
5. Чумаков А.А. Гражданско-правовое регулирование договора на оказание аудиторских услуг: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03/ А.А. Чумаков. - Москва: 2005. - 172 с.
6. Абдуллаева Р.А. Проблемы правового регулирования аудиторской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03/ Р.А. Абдуллаева. - Душанбе: 2010. - 217 с.
7. Попова Т.А. Правовое регулирование обязательного аудита в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03/ Т.А. Попова. - Москва: 2005. -218 с.
8. Гражданский Кодекс Республики Таджикистан [в редакции Закона РТ от 6 августа 2001 г., № 41, от 3 мая 2002 г., № 5, от 1 марта 2005 г., № 85, от 29 апреля 2006г., № 180, от 12 мая 2007г., № 247, от 11 марта 2010 г., № 601, от 29 декабря 2010г., № 640]. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 624 с.
9. Булгакова, Л.И. Правовые вопросы организации и осуществления аудиторской деятельности в РФ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03/ Л.И. Булгакова. - Москва: 2008. - 29 с.

## МУҲИТИ СОҲИБКОРӢ ВА МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Пирова Ш. – ассистенти ДБССТ**

Дар даҳ соли охир соҳибкории таҷрибавӣ ба соҳаи мустақил ва бағоят афзояндаи иқтисодиёт табдил ёфт. Таҳлили рафти барқароршавӣ ва рушди соҳибкорӣ нишон медиҳад, ки ба самаранокии он дар шароити нигаҳдории ғайримуқарарии (неэлактикии) талабот ва пешниҳодот, мавҷуд набудани муҳити рақобатӣ, нақши пасти институтҳои бозаргонӣ дар ҷавозишгаронӣ танзим ва ҷорӣ намудани сиёсати зиддиинҳисорӣ ноил гардидаанд. Тадқиқоти асосҳои институтсионии муҳити соҳибкорӣ имкон медиҳад, қазияҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар натиҷаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар мамлакат ба вуқӯъ меоянд, ифода карда шаванд.

Масъалаҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳибкорӣ дар чор ҷанба метавонанд ҳаллу фасл карда шаванд:

якум, омӯхтани манфиатҳои соҳибкорони миёна ва хурд;

дуюм, омӯхтани манфиатҳои соҳибкории калон, яъне ширкатҳо ва корхонаҳои калон;

сеюм, тадқиқи манфиатҳои корхонаҳои инҳисорӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои барқароршавӣ ва рушди муҳити соҳибкорӣ;

чорум- тадқиқи манфиатҳои шарики давлатию хусусӣ ва истифодаи самараноки фармоиши давлатӣ ба корхонаҳои хурду миёна.

Ин ҷанбаҳо бо таҳлили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии соҳибкорӣ, инчунин бо афзояндагӣ алоқаманд, бо ҳаракатнокӣ ва ба шароитҳои нави иқтисодӣ мутобиқшавии будани сохторҳои соҳибкориро муайян мекунанд, ба роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккули муҳити соҳибкорӣ ишора менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки муҳити соҳибкорӣ ин як низоми муайяни ягона ва яклухти ба таркиби шароитҳои рушди соҳибкорӣ мутобиқаткунанда мебошад.

Бо мақсади ба амал овардани шароитҳои рушди бофурсати иҷтимоӣ-иқтисодии барои афзоиши даромадҳои воқеӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардум зарур мебошад. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори №666 аз 19 июни соли 2002) Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро тасдиқ намуд. Тибқи ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ васеъшавӣ ва рушди фаъолияти бахши хусусӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳо дар соҳаи мубориза алайҳи камбизоати ҷудо карда шудааст. Ба амал баровардани масъалаи мазкур ташаккули муҳити самараноки соҳибкориро дар назар дорад, ки инҳоро дар бар мегирад:

а) таъмини заминаи меъёрӣ-ҳуқуқиро нисбат ба сохторҳои соҳибкорӣ, истифодаи қулайи захираҳо;

б) пурзӯр намудани рақобат тавассути хусусигардонии корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт;

в) рушди бозорҳои молиявӣ ва ба соҳибкорӣ пешниҳод намудани қарзҳо;

г) рушди механизмҳои танзими самараноки бозори меҳнат;

д) таъмини дастгирии давлатии соҳибкорӣ.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 барои таҳияи барномаи дарозмӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ-Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ташаббус зоҳир намуд ва бо дарназардошти он Сратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида татбиқ шудаанд. Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 ва 2010-2012 татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодии мушаххасро дарбаргирифта, барои дар кишвар ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нигаронида шуда буданд.

Аз рӯзи ба даст овардани мустақилият, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну қарорҳо оид ба рушди соҳибкорӣ қабул карда шуданд. Чунончӣ, моҳи декабри соли 1991 Қонун «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», марти соли 1992 – «Дар бораи инвеститсияҳои хориҷӣ», июни соли 1993 – «Дар бораи корхонаҳо», декабри соли 1996 – «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», майи соли 1997 – «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул карда шуда буданд. Соли 1998 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба пурзӯр намудани дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Барномаи давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуда буданд.

Бо мақсади дастгирии амалии тиҷорати хурд ва миёна 14 августи соли 1997 Агентии оид ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки соли 2001 ба Агентии оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Агентии оид ба сиёсати зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии дастгирии соҳибкориро дар мамлакат ба амал мебаровард. Ҳоло ин вазифаҳои Агентии оид ба сиёсати зиддинҳисорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ ба дӯши Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст.

Дар сохтори соҳибкорӣ фаъолияти мустақилонаи шахси воқеӣ, ки аз тарафи ӯ бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Миқдори зиёди корхонаҳои хурд (35,3%) ба соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, таъминот ва фурӯш (18,0%) ба саноат (12,8%), ба сохтмон ва ташкилотҳои лоиҳакашӣ, (15,5%), ба хоҷагии манзилию коммуналӣ ва дигар намудҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишии аҳолӣ рост меояд.

Сатҳи то ба имрӯз бадастовардашудаи рушди соҳибкории хурд барои ҳарчи зудтар омода сохтани ҷойҳои нави корӣ кифоя нест. Таҳлил нишон медиҳад, ки бисёр ҳолатҳои манфӣ дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ба набудани фондҳои махсуси барои бунёди корхонаҳои шахсӣ, қарздиҳанда ва ба муштариёни худӣ барои ба даст овардани захираҳои қарзӣ кӯмакрасонанда алоқамандaнд.

Ташаккули муҳити соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки рақобати озоди бозорӣ ба миён ояд, шароит барои шуғли аҳолии бекор, аз ҷумла тавассути шуғли худӣ ва суботи воридоти андоз таъмин карда шавад. Ҳоло маҳдуд будани бозори дохилӣ ва нокифоягии сармоягузориҳо нақши чунин шаклҳои соҳибкориро ба монанди соҳибкории инфиродӣ, соҳибкории хурду миёна баланд мегардонад. Таҳлил нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар 1000 нафар аҳолии Тоҷикистон як корхонаи тиҷоратии хурд рост меояд, ҳол он ки ин нишондиҳандаҳо дар Россия ва 6 кишварҳои Иттиҳоди Аврупо на камтар аз 30-то чунин корхонаҳо рост меоянд. Дар сохтори соҳавии тиҷорати хурду миёна ва соҳибкории инфиродӣ фаъолияти тиҷоратӣ бештар ба мушоҳида мерасад (то 60%, ки сармоягузориҳои калонро тақозо наменамояд).

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки, монеъаҳои асосии пешгирандаи рушди соҳибкорӣ иҳоянд:

- мавҷудияти масъалаҳои ташкилии аксуламали соҳибкории хурду миёна бо бозор ва сохторҳои давлатӣ;
- рушди нокофии зерсохтори бозори соҳибкорӣ, номукаммалии низоми андозбандӣ ва нақши ҳавасмандкунандагии он барои васеъ намудани истеҳсолот;
- тараққии наёфтан ва номукаммалии механизмҳои молиявӣ – қарзӣ, заминаи бонкӣ ва суғуртаи таваккалҳои соҳибкории хурд;
- мавҷуд набудани механизмҳои худмаблағтаъминкунӣ (иттифоқҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои якдигарсуғуртакунӣ ва ғайра);
- нарасидани воситаҳои молиявӣ ва кӯтоҳдастии субъектҳои соҳибкории хурд нисбат ба иқтидорҳои истеҳсолӣ ва дороии корхонаҳои сохторашон тағйирёбанда;
- номукаммалии заминаи меъёрӣ ҳуқуқӣ;
- сатҳи пасти касбият ва таҷрибаи ками соҳибкорон дар ташкили фаъолияти самараноки соҳибкорӣ;
- мушкилоти баҳодиҳӣ ба иттилоот ва барқароркунии алоқаҳо бо ҳарифони хориҷӣ.

Тақвиятдиҳии низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ бо омилҳои объективии таъмини суръати рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад ва маънои бунёди низоми оқилонаи андозбандиро дорад. Низоми оқилонаи андозбандӣ ба равандҳои воқеии иҷтимоӣ-иқтисодии дар ҳамин марҳилаи рушди соҳибкорӣ баамалоянда комилан мувофиқ мебошад.

Сиёсати молиявии ҷумҳуриро аҳамиятнокии ҷамъоварии маблағи кофии воридоти андозӣ, ки ҳукумат тавонад барои дар қисмҳои зерсохторҳои иҷтимоӣ, моддӣ ва мурофиавӣ сарф намояд.

Зиёда аз 70% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва имрӯз миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҷумҳурӣ бештар аз 33 ҳазор адад расидааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маҳз номукаммалии низоми андоз халал мерасонад. Расман, дар хоҷагии қишлоқ 7 намуди андозҳо мавҷуд буд: андоз аз фурӯши пахта; андоз аз соҳибкории хурд (ё андози соддакардашуда); андоз аз замин; андоз аз даромад; андоз ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ; пардохти фонди роҳ ва андоз аз арзиши иловашуда.

Низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ барои низоми махсус андозбандии субъектҳои соҳибкории хурде мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамоянд. Андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода карда мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Барои рушди соҳибкорӣ қадамҳо дар либераликунонии низоми нархгузории дохилӣ, ки соли 1996 гузошта шуда буданд, аҳамияти муҳим доранд. Ҳукумат ба ӯҳда гирифтааст то раванди савдоро либералӣ намояд, ки ин имкон медиҳад нархҳои дохилӣ ба нархҳои ҷаҳонии арзиши самараноки захираҳои моддӣ – техникӣ ва маҳсулоти истеҳсолшавандаро баробар карда шаванд.

Тоҷикистон низоми нисбатан озоди тиҷоратиро дорост ва маҳдудиятҳои тиҷоратӣ дар ин ҷо нисбат ба мамолики дигар камтаранд. Корҳои зарурӣ оид ба бунёди раванди озоди тиҷоратӣ ба ҷо оварда шуда истодаанд, Тоҷикистон 159-умин узви хонаводаи Созмони ҷаҳонии тиҷорат шуд, ки вай 29-ми майи соли 2001 дархости узвият ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ карда буд. Соли 2012 (10-ми декабр) созишномаи узвияти Тоҷикистон дар Созмони ҷаҳонии тиҷорат (WTO)ба имзо расид.

Аммо, муваффақиятҳо дар рушди сохтори озод, ки ба баробарнамудани нархҳои дохилӣ бо ҷаҳонӣ асос ёфтаанд, аз тарафи арзиши баланди харидуфурӯши тиҷоратӣ дар мавриди нақли молҳо аз сарҳад, боздошта мешаванд. Дар ҳар тиҷорат монеаҳои сершумори расмӣ ва ғайрирасмии бо тариф алоқаманднабуда мавҷуданд. Узвият дар созмони ҷаҳонии тиҷорат ба иҷрои як низоми возеҳу шаффоф, ки тибқи меъёрҳои байналмиллалӣ асос ёфтааст, равона буда барои сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) додани қарз оҳиста-оҳиста ба вуҷуд омада истодааст. Бо сабаби набудани захираҳои пулӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маҷбуранд ба ширкатҳои фючерӣ муроҷиат намоянд, ки онҳоро бо масолеҳи сӯзишворию молиданӣ, нуриҳо, иҷораи техника ва ғайра таъмин намоянд. Аммо нархҳое, ки ба онҳо ширкатҳои фючерӣ ба фермерон ин захираҳоро мефиристонанд, 2-3 маротиба аз нархҳои бозор баландтаранд. Фермероне ки қарордодҳои фючериро имзо мекунанд намедонанд, ки арзиши ниҳоии ин дороиҳо чи қадар хоҳад буд ва арзиши тахминии ҳосилашон чӣ қадар мебошад.

Бо сабаби фарқияти калони нархҳои қарордодҳои бо ширкатҳои фючерӣ ба имзорасида ва нархҳои ҷаҳонии пахта, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на танҳо фоида ба даст намеоранд, балки дар аксар ҳолатҳо солро бо зарар ба охир мерасонанд.

Дар даҳ соли охир шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 17 ба 138 ва шумораи мизоҷони онҳо аз 524 ҳазор то ба 2 миллиону 900 ҳазор расидааст, ки ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо даҳсолаи пешин мутаносибан 8 ва 5,5 баробар зиёданд. Бақияи қарзҳои додашуда дар ин давра аз 377 миллион сомонӣ ё 32 баробар афзоиш ёфтааст.

**Адабиёт:**

1. Аширов Д. А. Организационное поведение: учеб. - М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. - 360 с.

2. Аширов Д. А. Управление персоналом. - М.: Проспект, 2007. - 432 с.

3. Базаров Т. Ю. Управление персоналом: учебник для студ. сред. проф. учеб. заведений/ Т. Ю. Базаров. - 7-е изд., стер. - М.: Издательский центр «Академия», 2008. - 224 с.

4. Волгин В. В. Управление персоналом малого предприятия. Практическое пособие. - М.: Издательство - книготорговый центр «Маркетинг», 2002. - 300с.

5. Веснин В. Р. Менеджмент. - М.: Проспект, 2007. - 512с.

6. Веснин В. Р. Управление персоналом. Теория и практика. - М.: Проспект, 2008 - 688 с.

## КАФОЛАТИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД БА ҲИМОЯИ СУДӢ

**Раҳимов С.О. - Омӯзгори ДБССТ**

Усулҳо, воситаҳо ва шароитҳое, ки ба равиши иҷозатдодашуда ба манфиати муайян ноил мешаванд, кафолати ҳуқуқ ва озодиҳо номида мешаванд. Чунин фаҳмиши истилоҳи "кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд" аз ҷониби бисёр муаллифон ҳамчун Воеводин Л. Д., Витрук Н. В., Чиркин В. Е. ва дигарон таъкид мешавад [1, с.173].

Рушди ҳаёти ҷамъияти муосир дар тамоми системаи муносибатҳои ҳокимият самаранокии баланди қарорҳои идоракуниро талаб мекунад. Қариб дар ҳама кишварҳо вазифаи аввалиндараҷаи рушди устувор ва динамикӣ кафолати конститутсионизм тавассути таъмини волояти Конститутсия ба назар мерасад. Ин нуктаро олимони соҳа таъкид менамоянд, яъне қариб дар ҳама кишварҳо вазифаи аввалиндараҷаи рушди устувор ва динамикӣ таъмини конститутсионизм тавассути таъмини волояти Конститутсия буд [2, С. 99].

Дар адабиёти илмӣ намудҳои зерини кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳоро ҷудо мекунанд:

1) аз рӯи соҳаҳои муносибатҳо иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ, ташкилӣ;

2) аз рӯи ҳудуди амал дохилидавлатӣ ва беруна;

3) аз рӯи субъектҳое, ки кафолатҳо эҷод мекунанд, давлатӣ ва ғайридавлатӣ [3, С. 238].

Н. В. Витрук кафолатҳои умумиҷамъиятӣ, ки ба онҳо кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологӣ, инчунин махсуси ҳуқуқӣ дохил мешаванд, ҷудо мекунад. Дар ин ҳолат, ӯ кафолатҳои ҳуқуқии татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо ва кафолатҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳоро дар он асос фарқ мекунад, ки мафҳуми татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо мафҳуми ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳоро дар бар намегирад [4, С. 305 – 309.].

Л. Д. Воеводин, ба монанди Н. В.Витрук, кафолатҳоро аз рӯи таъиноти функсионалии онҳо ба кафолати таъмини ҳуқуқ ва кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳо тақсим мекунад ва нишон медиҳад, ки "барқарорсозии ҳуқуқ ва озодиҳои вайроншуда шакли ҳатмии татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии шаҳрвандон нест ва наметавонад бошад. Баръакс, он аз қоидаи умумӣ дурӣ меҷӯяд" [1, С. 25].

Илова бар ин, Л. Д. Воеводин кафолатҳо-воситаҳо ( барои истифодаи ҳуқуқҳои озодиҳо шароити мусоид фароҳам меоранд) ва кафолатҳо-шартҳо ( дар мубориза барои татбиқи дурустии ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ) - ро ҷудо мекунад [1, С. 232 – 236].

Ҳуқуқ ба мурофиаи суди конститутсионӣ ҳуқуқест, ки ба системаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дохил мешавад ва аз ин рӯ, ба муайян кардани ҳудуди рафтори иҷозатдодашудаи шахси озод дар ҷомеа равона карда шудааст. Кафолатҳои умумии ҳуқуқ ба мурофиаи суди конститутсионӣ ҳама воситаҳо, усулҳо ва шартҳое мебошанд, ки воқеияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунанд ва дар ин ҷомеа дар асоси сатҳи рушди он имконпазиранд, яъне:

1) кафолатҳои умумии иқтисодии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд чунин муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки ба эътирофи моликияти хусусӣ ва дигар шаклҳои моликият, баробарии соҳибони гуногун, бозори озод бо механизмҳои маҳдуд кардани фаъолияти монополистӣ асос ёфтаанд; бо дарназардошти бунёди муносибатҳои иқтисодӣ бояд дар доираи фазои ягонаи иқтисодӣ вуҷуд дошта бошанд; дар маҷмӯъ зикршуда ба ҳама имкон медиҳад, ки ба неъматҳои иқтисодии дилхоҳ ноил гарданд, инчунин заминаи иқтисодии кафолатҳои институтсионалӣ (ташкил)-и ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар ҳама соҳаҳо – низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис диҳанд;

2) ҳамчун кафолатҳои умумии сиёсӣ муносибатҳои сиёсӣ, ки ба гуногунандешӣ, озодии сухан, ҷамъомадҳо, рушди институтҳои демократия асос ёфтаанд, имкон медиҳанд, ки бо назардошти ақаллият, даврабандии интихоботи мақомоти ҳокимияти ҷамъиятӣ, шахсони мансабдори олӣ, мавҷудияти низоми тақсимоти ҳокимият, мувозинати мутақобилаи онҳо бо хоҳиши аксарият қарор қабул карда шаванд;

3) кафолатҳои умумии маънавӣ (идеологӣ)-и ҳуқуқ ва озодиҳо ғояҳои конститутсионизм дар ҷомеа мебошанд, ки эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ, пайдоиши табиии ҳуқуқҳо, тобеияти давлат ба ҳуқуқ дар бар мегиранд.

Суд ҳангоми татбиқи ваколатҳои худ бо тартиб, яъне низоми кафолатҳои мурофиавии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ аз қонуншиканӣ ва сӯиистифода, аз ҷумла озодии ихтиёри судя сахт алоқаманд аст.

Баъзе кафолатҳои ҳимояи судӣ айни замон ба тағйироти дар кишварҳо рухдода ҷавобгӯ нестанд. Онҳо на ҳамеша ба муқаррароти демократии Конститутсияи амалкунанда ва стандартҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мувофиқат мекунанд. То ҳол зарурати тағйир ва рушди танзими ҳуқуқии як қатор воситаҳои ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини самараноки ҳимояи судӣ боқӣ мондааст. Мафҳум, меъёрҳо ва шартҳои самаранокии ҳимояи судӣ аз нуқтаи назари умумитаълимӣ мушкилоти самаранокии институти омӯхташударо баррасӣ мекунанд. Таҳлили масъалаҳои марбут ба самаранокии ҳимояи судӣ бидуни истифодаи меъёрҳои дахлдор душвор аст. Таҳияи нишондиҳандаҳои асосӣ танҳо аҳамияти амалӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки дар бораи самаранокии ҳимояи судӣ муфассалтар сухан ронем, ҳадафҳои пешбинишудаи қонунгузор ва воқеан дар ҷараёни амалияи татбиқи ҳуқуқ ба даст овардашударо муқоиса кунем, камбудиҳои асосиро дар механизми татбиқи ҳимояи судӣ ошкор менамоем. Дар асоси консепсияи самаранокӣ, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ бештар паҳн шудааст, ҳамчун таносуби ҳадаф ва натиҷаи бадастомада, дар асоси муайян кардани меъёрҳои самаранокии ҳимояи судӣ инҳо гузошта шудаанд: ҳадафҳои дар қонунгузорӣ муқарраршудаи муроҷиати шаҳрвандон ба суд; набудани монеаҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунӣ дар суд ва хатогиҳои судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҳуқуқӣ; ноил шудан ба натиҷаҳои мусбат аз иҷрои фаъолияти судӣ; набудани "таъсири манфӣ"," хароҷот"; оптималии барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда, яъне. таносуби он бо захираҳои моддӣ, молиявӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, инсонӣ, муваққатӣ барои татбиқи он; воситаҳо ва усулҳои ҳимояи судӣ истифода мешаванд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, меъёрҳои умумии арзёбии самаранокии ҳимояи судӣ инҳоянд: мақсад, воситаҳо ва натиҷа.

Дар системаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосӣ ҷудо кардани зерсистемаи ҳуқуқҳои муҳофизатӣ (мурофиавӣ) нишон додани кафолатҳои таъминкунандаи онҳоро талаб мекунад. Ҳамин тариқ, дар мавриди ҳуқуқи ҳимояи судӣ, ки ба маънои васеъ фаҳмида мешавад, чунин муносибатҳои иқтисодӣ кафолати иқтисодӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд, мақомоти ҳокимияти судӣ аз ҳисоби андозҳои ҷамъоваришуда ва дигар даромади буҷетӣ таъсис ва нигоҳ дошта шаванд. Кафолати сиёсӣ дар системаи тақсимоти ҳокимият ҷудо кардани ҳокимияти мустақил ва мустақили судӣ, иштироки шохаҳои дигари ҳокимият дар ташаккули он, муқаррар кардани ҳадафҳо ва ваколатҳои фаъолият, аз ҷумла таъсир ба шохаҳои дигари

ҳокимият мебошад. Кафолати идеологии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ метавонад эътирофи ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ бо истифода аз мақоми суди махсус таъсисдодаи давлат ҳамчун роҳи ҳалли мутамаддини баҳсҳо дар ҷомеа, ки ба зӯроварӣ ва худсарии ҳам шахсони алоҳида ва ҳам субъектҳои ҳокимият монеъ мешавад, номида шавад. Дар мавриди кафолатҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, дар адабиёти илмӣ кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ, объективӣ ва субъективии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҷудо карда мешаванд.

О. Я. Беляевская кафолатҳои объективии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки аз ҷониби давлат таъсис дода мешаванд ва мавҷудияти ҳокимияти судӣ (кафолатҳои институтсионалӣ ва функсионалӣ, ки дар рӯйхати худ ба кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ аз рӯи таърифи В. Б. Вершинин монанд аст) ва субъективиро, ки озодии субъектро дар доираи рафтори иҷозатдодашуда дар раванди ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар суд таъмин мекунанд (масалан, ҳуқуқ ба кӯмаки ҳуқуқии тахассусӣ, ҳуқуқи шаҳодат надодан ба худ),фарқ мекунад [5, . С. 18].

Ба ақидаи С. В. Астратова «системаи кафолатҳои ҳуқуқи конститутсионии ҳимояи судӣ аз системаи судӣ (мавҷудияти низоми судӣ дар сатҳи институтсионалӣ ва функсионалӣ таъмин карда мешавад), ташкилӣ (масалан, вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва электронӣ, дастрасӣ ба аҳолии биноҳои судҳо, шумораи оптималии судяҳо ба аҳолӣ), судӣ, муҳофизатӣ (қонунӣ будани ҳифзи судӣ: масалан, муқаррар кардани намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо алайҳи адолат, тартиби ҷуброни зарари ҳангоми адолати судӣ расонидашуда мақомоти давлатӣ) иборат аст [6, с. 18–19.].

Ба андешаи В.Б. Вершинин низ розӣ шудан мумкин аст. Ӯ чунин менигорад, ки дар ҳайати кафолатҳои ҳуқуқӣ кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқиро ҷудо кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат ба кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқӣ онҳое дохил карда мешаванд, ки имконияти мавҷудияти ҳуқуқ ба мурофиаи суди конститутсиониро ба маънои объективӣ (кафолатҳо-шартҳо-(гарантии-условия)) ва ба кафолатҳои мурофиавӣ-ҳуқуқӣ – онҳое, ки ба субъекти ҳуқуқ бо амалҳои иродаи худ имкон медиҳанд, ки ба манфиати дилхоҳ ноил шаванд – ҳуқуқҳо ва озодиҳои конститутсионии қонун вайроншударо (кафолатҳо-воситаҳо-(гарантии-средства)) ҳимоя кунанд.

Дар баробари ин, ҳуқуқи мурофиаи суди конститутсионӣ системаи махсуси кафолатҳои худро дорад.

Азбаски кафолатҳои иқтисодӣ, сиесӣ, идеологӣ ва ташкилии ҳуқуқ ба мурофиаи суди конститутсионӣ шароити объективии мавҷудияти онро фароҳам меоранд ва дар ҳуқуқи мусбат зуҳуроти худро доранд, пас маҷмӯи онҳо, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Ба омезиши унсурҳои моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ дар кафолатҳои ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ олим Д. В. Белоусов низ ишора мекунад ва

кафолатҳои моддӣ-ҳуқуқии ба мурофиаи суди конститутсионӣ (кафолатҳои моддии дар ҳуқуқ зоҳиршуда)-ро эътироф менамояд.

**Адабиётҳо истифодашуда**

1. Воеводин Л. Д. Юридический статус личности в России: учеб. пособие. С. 232 – 236.
2. Арутюнян Г. Г., Саргсян Г. Л., Геворгян Р. А. Конституционализм: проблемы диагностики, мониторинга и управления. Ереван, 2017. С. 99.
3. Матузов Н. И. Гражданское общество: сущность и основные принципы // Правоведение. 1995. № 3 (СПС «КонсультантПлюс»); Васильева С. В., В. А. Виноградов, Мазаев В. Д. Конституционное право России: учебник. М. : Эксмо, 2011. С. 238.
4. Витрук Н. В. Общая теория правового положения личности. С. 305 – 309.
5. Беляевская О.Я. Конституционное право человека и гражданина на судебную защиту: понятие, проблемы реализации : автореф. дис. … канд. юрид. наук. СПб., 2007. С. 18.
6. Астратова С.В. Конституционное право на судебную защиту прав и свобод человека и гражданина в Российской Федерации : автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Екатеринбург, 2013. С. 18–19

УДК 808.2-1+81.37

## АББРЕВИАТУРА ТЕРМИНОЛОГИИ ТУРИЗМА В ТАДЖИКСКОМ, РУССКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

**Сохибова Азиза Нуруллоевна - ассистент МУТПТ**

В таджикском языке аббревиатура, как особый способ словообразования, наименее развита по сравнению с английским и русским языками и находится в начальной стадии своего развития. В то же время следует подчеркнуть, что этот способ словообразования в таджикском языке приобретает тенденцию к развитию. Поэтому перед исследователями встает вопрос об основных направлениях его развития в таджикском языке. На наш взгляд, анализ появления способов перевода таджикских аббревиатур на русский язык может помочь решить проблемы тенденций развития аббревиатур в таджикском языке. В целом, в научной литературе сложилось следующее понимание этого вопроса. Как показывают также собранный нами материал и результаты его сравнительного изучения, в целом следует обобщить следующие способы перевода таджикских аббревиатур на русский язык.

О сравнительном образовании таджикско-русских слов посредством аббревиатур диссертационная работа М.М. Мирзоева, которая охватывает данный метод в общей системе (Мирзоева М.М. 2006). В работе проводится синхронный сравнительный анализ образования аббревиатур в таджикском и русском

языках, выявляются общие тенденции образования аббревиатур и определяются их специфические особенности в сравниваемых языках (Мирзоева М.М. 11). ). В диссертационном исследовании по сравнительному образованию слов в некоторых отраслях терминологии, вопрос о сокращенных словах в таджикском и других языках не стал предметом специального изучения русско-таджикской грамматики. Явно недостаточный интерес исследователей таджикского языка к этой проблеме связан с тем, что в целом аббревиатура, как способ образования слов в таджикском языке, непродуктивна. В то же время следует согласиться с таджикскими исследователями в словообразовании в том, что в последние годы наметилась тенденция увеличения количества сокращенных слов в научной литературе по различным направлениям, а также в публицистике, что отражает общую тенденцию развития словообразования новых слов в сторону увеличения сокращенных слов. Количество различных видов сокращенных слов в таких развитых языках как английский, русский исчисляется десятками тысяч.

Учитывая это, в дальнейшем анализе при характеристике аббревиатуры, мы в основном опираемся на ее развитие в образовании таджикских слов, привлекая внимание к работе по исследованию аббревиатур таджикского и русского языков. Проблема истории возникновения и формирования сокращенных слов важна для установления сущности и закономерностей их функционирования в языке. По сути, аббревиатура — это процесс создания вторичного наименования в языке. Необходимость создания сокращенных слов, как способа словообразования, объясняется в тесной связи с языковыми и экстралингвистическими факторами.

В научной литературе сложилось следующее понимание этого вопроса. Как показывает собранный материал и результаты его сравнительного изучения, в целом следует обобщить следующие способы перевода сокращенных таджикских слов на русский язык.

*1) Таджикские термины, не имеющие аббревиатуры, но термины имеющие аббревиатуры в английском языке. В статье предлагаются некоторые сокращения, которые используются в туристической терминологии, но не содержатся в таджикском языке эквивалента: накшаи континентали-континентальный план*-continental plan (CP),накшаи Амрикои-Американский план- American plan (AP), нақшаи тағйирефтаи амрикои - измененный американский план -modified American plan (MAP) и др.

2) Создание новой таджикской аббревиатуры бюрои байналмиллалии сайёҳии иҷтимоӣ (БИТС)- Бюрои байналмиллалии сайёҳии иҷтимоӣ (МБСТ)- Bureau International du Tourisme Social (BITS) и др.

3) Заимствование аббревиатур например: Асотсиатсияи сайёҳии кишварҳои Осиё ва Океани Ором (ПАТА) (АСКООО)- Ассоциация туризма Тихоокеанской Азии (PATA) (ASCOOO)- Pacific Asia Tourism Association (PATA) (ASCOOO), Международная федерация журналистов, пишущих по вопросам туризма (ФИЖЕТ)- International Federation of Travel Journalists and Writers (FIJET) и др.

4) Передача таджикских аббревиатур путем транслитерации, например т.е. WWW (торнигори анкабуди ҷаҳони)- WWW (всемирная сеть)- (WWW) Spider web of the world, ВИП сервис- VIP обслуживание- VIP service и др.

5) Описательный перевод английских аббревиатур с учетом ее микроконтекста, например: E-mail (Почтаи электронӣ) – E-mail электроная почта- E-mail, Eshop (Electronic shop)- Мағозаи электронӣ- Магазин электроники и др.

Многие виды и типы аббревиатуры английского языка не имеют своего соответствия в других языках, в том числе и в русском языке, широко развитое словообразованием.

6)Описательный перевод русских аббревиатур с учетом ее микроконтекста, например: автотуризм (автомобильный туризм)- сайёҳати автомобилӣ- Road trip, Туринфоцентр (туристический информационный центр)- Маркази иттилоотии туристӣ- tourist information center, туркомплекс (туристический комплекс)- комплекси туристй- tourist complex и др.

Многие термины усечены из-за неудобности при использовании, например: туроператор, турагент, экотуризм. Термины имеют полную и краткую форму. В текстах используются абревиатуры краткой формы терминов из-за языковой экономомии.

Для английского и таджикского языков характерна польная форма терминологии, например: countiy house hotel, booking confirmation, late arrival, лавозимоти сайёҳӣ, коркарди хатсайр, истеъмолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ лагерӣ сайёҳӣ, сайҳатӣ варзишӣ, сайёҳатӣ динӣ.

Для русского языка характерна краткая форма. Приведём несколько примеров: термины в виде турлидер-туристический лидер, туроператор-туристический оператор, турпакет- туристский пакет, автотуризм-автомообильный туризм, велотуризм- велосипедический туризм имеют краткую форму, которые свойственны русской терминологии.

Семантические особенности аббревиатуры в лингвистической литературе придерживаются точки зрения полного совпадения содержания с соответствующими полными родственными словами. Однако, как показывает анализ, этот вывод не является абсолютным, так как среди аббревиатур есть определенная часть, для которой применение этого правила вызывает определенные сомнения. Сопоставления показывают, что, как и для многих слов, для аббревиатур, в отличие от самостоятельных слов, характерны различные семантические сдвиги при самостоятельном функционировании. В первую очередь это связано с некоторыми различиями в обозначении общих семантических явлений между аббревиатурами и родственными словами.

К наиболее отличительным явлениям между английским и таджикским языками можно отнести аббревиатуры, как способ словообразования. В английском языке аббревиатуры или сокращенные слова становятся важнейшим средством общения. В таджикском языке сокращенные слова являются наименее представленным способом обучения. В настоящее время наблюдаются некоторые тенденции их возрождения и формирования.

## ИСПОЛЬЗОВАННАЯ ЛИТЕРАТУРА

1. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. - М.: Просвещение, 1979. - 216 с.
2. Биржаков М.Б. Введение в туризм: Учебник. — Издание 8-е, перераб. и доп.-СПб.: Издательский дом «Герда», 2006. - 512 с.
3. Зорин И.В., Каверина Т.П., Квартальнов В.А. и др. Менеджмент туризма. Туризм как вид деятельности: Учебник. - М.: Финансы и статистика, 2006. - 406 с.



**Сведения об авторе:** Сохибова Азиза Нуруллоевна - ассистент кафедры языков Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана **Тел:** [992 501910881]. **Электронная почта:** sohibova96@mail.ru

**Малумот дар бораи муаллиф:** Сохибова Азиза Нуруллоевна - ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Тел: [992 501910881]. Электронная почта: sohibova96@mail.ru

**About the author: Sohibova Aziza Nurulloevna** - Assistant of the Department foreign Languages International university of tourism Entrepreneurship of Tajikistan Tel: [992 501 91 08 81] E-mail: sohibova96@mail.ru


# МУАММОҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚА ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


**Якубова Эҳтибор Негматуллоевна - муаллимаи кафедраи Баҳисобгирии мухосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ekhtiborkhon.yakubova@mail.ru**



**Калидвожаҳо:** Рушди саноат, рушди техникӣ-технологӣ ва илмӣ, саноат, марҳилаҳои рушд, ташаккулёбӣ, татбиқ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои соҳавӣ, барномаҳо, инноватсия, муҷтамаъҳои саноатӣ.



**Аннотатсия:** Дар мақола оид ба рушди муҷтамаъҳои саноатӣ ва соҳаҳои саноати дар иқтисодиёти миллӣ сухан рафта, аз ҷониби муаллифон оид ба марҳилаҳои рушди илми-технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа гардидаанд. Дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми коркарди стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ пайдарпайии мантиқии татбиқшавӣ бояд ба инобат гирифта шавад, чун он заминаи асосии системаи банақшагирии стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти он, ки фаъолияти инноватсиониву илмӣ ва технологӣ тамоми соҳаҳои иқтисодиётро фарогирӣ менамояд, ба ташаккули системаи идоракунии равандҳои илмиву технологӣ диққати махсус додан зарур аст.


Зарурати мукаммалсозии механизмҳои ташаккулёбии сиёсати саноатӣ вобаста аз зуҳуроти макроиқтисодии мавҷудбуда ва ба вуҷудоянда ба миён

омада аст. Дар сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба самтҳои устувор намудан ва рушд додани иқтисодиёт, ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии миллӣ - саноатикунонии босуръат қабул карда шуд. Аз ҷумла дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2019 қайд гардида аст, ки «Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ–индустриалӣ ба индустриалӣ–аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт». [5, с. 14]. Хукумати кишвар аҳамияти хосаи соҳаҳои саноатро ба инобат гирифта, мақсад гузошта аст, ки дар доираи саноатикунонии босуръати кишвар ҳиссаи саноат дар ММД-ро то соли 2030 ба 22 % расонад. Аз ин лиҳоз «…зарурати ташаккул додани консепсияҳои навини рушди стратегӣ ба ҳайси афзалиятнокии сиёсати саноатии миллӣ бештар аён мегардад. Дар ин раванд талаботи сахт на танҳо ба муайян кардани самтҳои дурусти стратегӣ барои иқтисодиёти кушода вҷуд доард, балки барои усулҳои ноил гардидан ба афзалиятҳо низ мавҷуд мебошад.

Чӣ хеле ки дар бахшҳои пешинаи кори таҳқиқотӣ зикр гардида буд, то аввали соли 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2283 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо ба буҷети кишвар даромади назаррас меоваранд. Бояд қайд намоем, ки дар доираи ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар, вазъи кунунӣ ва ҳолати муосири системаи саноатии кишвар ҷавобгӯ нест. Айни замон алалхусус барои рушд ёфтани саноат ва рушди воридотивазкунӣ дар он таъсири омилҳои беруна ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ хело назаррас менамоянд. Масалан, ба рушди воридотивазкунӣ таъсири шиддат гирифтани рақобати кишварҳо (ба роҳҳо ва фишангҳои гуногун амалӣ карда мешаванд), дастрасӣ ба бозорҳои молиявӣ, харидории технологияҳо, аз лиҳози технологӣ ақибмонда будани саноати кишвар ба таври амиқ ба назар мерасад. Ғайр аз ин паёмадҳои мунокишаи Россия бо Украина, таҳримҳои кишварҳои ғарбӣ низ ҳам ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳам ба муносибатҳои иқтисодӣ таъсир дорад, ки албатта бахши саноат низ гирифтори ин муассирот хоҳад гардид. Ин бошад, водор месозад, ки сиёсати саноатии кишвар ва сиёсати соҳавӣ дар бахшҳои иқтисодӣ бо такя ба захираҳои ғании мавҷудаи кишвар, таъмин будан бо захираҳои энергия (аз ҷумла барқи обӣ, ангишт) ва мавҷудияти қувваи корӣ беҳтар гардонида шавад ва имкониятҳои гузаштан ба тартиби нави технологӣ, рақамишавии иқтисодиёт, ҳамкориҳои байнидавлатӣ, афзоиши маҳсулнокӣ фарохтар гарданд.




**Расми 3.3. Модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди воридотивазкунии саноат**

Дар ин замина дастгирии фарохи соҳаҳои алоҳидаи саноат аз ҷониби давлат метавонад таъсири синергетикии худро расонад, чун ин раванд на танҳо боиси рушди як самти мушаххас мегардад, балки метавонад бахшҳои дигарро низ аз қафояш барад (масалан иштиғол, ҷойҳои корӣ, ҳамкориҳои байнибахшӣ аз қабили бахши ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулот ва ғ).[6, с. 146-154].

Аммо бояд дар назар дошт, ки амалишавии стратегияи рушди соҳавӣ танҳо дар пояи сиёсати мақсадноки давлат ва дар доираи барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ имконпазир хоҳад шуд. Ҳамзамон мувофиқ ба мақсад бояд дар барномаҳои татбиқшаванда меъёрҳои интихоби соҳаҳое ба назар гирифта шаванд, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба боварӣ сазовор бошанд ва аз уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашон ба хубӣ баромада тавонанд. Ғайр аз ин бояд дар назар дошт, ки ба танзим даровардан ва назорат кардани равандҳои рушди воридотивазкунандагии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла амалисозии тадбирҳои нақшаҳои ба содирот намудан ва воридотивазкунӣ нигаронидашударо дар доираи механизми маҷмӯавии такмили иқтидори иқтисодии соҳаҳо амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Аз ҷониби мо дар таҳқиқот чунин намуди механизми амалисозии тадбирҳои равнақ додани сиёсати воридотивазкунии соҳаи саноат пешниҳод мегардад, ки ба рушди сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он равнақ ёфтани воридотивазкунандагии бахши саноат мусоидат хоҳад кард (расми 3.3).

Вобаста ба инъикоси муҳтавои модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди вордотивазкунии саноат дар доираи механизмҳои равнақёбии воридотивазкунии системаи саноат бояд қайд намоем, ки, пеш аз ҳама, иқтисодиёти инноватсионӣ ба идора ва танзими давлатӣ, инчунин ба назарияи кластерӣ такя мекунад. Ба ин ваҷҳ пешниҳоди нуқтаҳои муҳимми равнақдиҳии сиёсати саноатӣ ва, дар ин замина, рушд ёфтани системаи саноатӣ, методологияи ташкили унсурҳои ба онҳо мусоидаткунандаро ироа месозем, ки ба мақсади дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда мувофиқ мебошад:[7, с. 462]

**Идора ва танзими давлатӣ.** Дар бобати идора ва танзими давлатӣ олимони гуногун ақидаҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Масалан, Демерчи В.В. нақши танзими давлатиро дар сатҳи минтақаҳо (вилоятҳои федеративӣ) ва ба роҳбарияти минтақаҳо вогузор кардани идоракунии сиёсати саноатӣ мебинад. [4, с. 106-109]. Аммо дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани танзим ва идораи комили равандҳои ба рушди сиёсати саноатӣ ва бахши саноат тааллуқ дошта ба дӯши ниҳодҳои минтақавӣ ғайрисамар хоҳад буд. Чун хатари афзоиш ёфтани сатҳи бюрократия, фасод, зиёдаравӣ, изофанависӣ, рақобати носолим ва ғ. ҷой доранд. Сиёсати саноатии давлатӣ бояд фарогири манфиатҳои рушди умумие бошад, ки он дар барномаҳои минтақавӣ дарҷ гардида, самтҳои асосии макроиқтисодии ҳар як минтақаро муайян созад. Муайян кардани минтақаҳо вобаста ба масъулиятҳои ба ӯҳда гирифтаашон, ва иқтидори

иқтисодии онҳо бо афзалиятнокии то чӣ андоза аз ӯҳда баромаданашон ва табиқ кардани равандҳои дар сиёсати санонатӣ пешгирифта бояд амалӣ шавад.

Дар навбати худ, танзими давлатӣ ва идораи сиёсати саноатӣ аз ҷониби давлат бояд на танҳо иҷтимои умумии амалишавии сиёсати саноатиро таъмин намояд, балки ба доираҳои сифатноку ҳавасмандкунии субъектони истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳо низ диққати махсус диҳад. Барои ин ташкили ассотсиатсияҳои минатқавии таъсиррасонандаро ба роҳ мондан зарур аст.

Олимони ватанӣ Низомова Т.Д., Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. ва дигарон рушд додани системаи саноатӣ дар партави идора ва танзими давлатиро дар бархӯрди дастгирии давлатии равнақдиҳии сиёсати инноватсионӣ мебинанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки давлат субъекти асосии сиёсати воридотивазкунандагии соҳаи саноат буда, ҳамчун объекти асосии сиёсати саноатии давлат - ҳамаи соҳаи саноат дар маҷмӯъ (ҳамчун системаи ягона) бояд бошад.

Дар навбати худ масъалаи мудохилаи давлат ба иқтисодиёт, усулҳо ва тарзҳои идоракунӣ, таъсиррасонии давлат ба соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла бахши саноат, масъалаи мубрам буда, дар доираҳои илмӣ мавриди мубоҳисаҳои сершуморе, карор гирифта аст ва дар доираи мубоҳисаҳо моделҳои серушморе пешниҳод гардидаанд.[2, с. 45-57]. Вале дар амал татбиқ намудани яке аз ин моделҳо номувофиқатиро ба миён оварда, ногузир ба татбиқи яклухти онҳо водор месозад. Воқеъияти иқтисодиёти муосири кишвар инъикос мекунад, ки фаъолияти табдилёбиҳои ниҳодии охирин боиси ташаккули муҳаррики пурқуввати рушддиҳанда дагардад. [3, с. 183]. Аз ин рӯ таҷдиди назар кардани сиёсати саноатие, ки иқтидорманд бошад, ба миён омада аст. Ба ақидаи Бидтаева Э.Е. «Усули муассири амалисозии сиёсати саноатӣ ин пешниҳод кардани захираҳои иловагӣ ба субъектони ҷудогонаи иқтисодӣ дар асоси муайян сохтани «нуқтаҳои рушд» мебошад. Ин истифодаи нисбатан шиддатноки имкониятҳои буҷетиро дар назар дорад. Ба ҳайси «нуқтаи рушд» метавонанд гуруҳҳои саноатӣ-молияве баромад кунанд, ки онҳо постулатҳои модели тиҷоратии рушди иқтисодӣ мебошанд». [1, с. 304].

Идора ва танзими давлатӣ ҳамчунин маблағгузориҳои мустақими бахши саноатиро дар назар дорад, ки тавассути он давлат ба иқтисодиёт таъсир расонида метавонад. Дар ин замина идоракунии молиявӣ давлат ва танзими пуливу қарзӣ, ки аз унсурҳои сиёсати андозбандӣ, истеҳлокӣ, гумрукӣ ва ғ. иборат мебошад, таъсиргузор аст. Ғайр аз ин сиёсати саноатии давлат самараноктар мегардад агар, дараҷаи таъсири давлат ба объектҳои идоракунӣ муайян гардида, ташаккули фазои мусоиди содиротӣ тавассути такмилдиҳии пояи меъёрии ҳуқуқии бахши саноат ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ, ҷалби сармоягузориҳо амалӣ гарданд.

Боиси қайди зарурӣ аст, ки дар таркиби идораи давлатии рушди сиёсати саноатӣ ва ташаккули барномаҳои соҳавию минтақавӣ, ба таври ҳатмӣ бояд бехатарии иқтисодӣ мақоми хос дошта бошад. Чун замони муосир аз лиҳози бархӯрдҳои сиёсии «абарқудратҳо» равандҳои шиддатнокро аз сар гузаронида истода аст. Бинобар ин гирифторӣ ба «гегемония»-и ягон кишвари абарқудрат ва эҷоди монеаҳои сиёсӣ ба манфиатҳои миллӣ, рушди иқтисодӣ «латма» хоҳад зад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушод»-ро пеша карда, барои рушди соҳаҳои саноати кишвар сармоягузориҳои кишварҳои гуногунро ҷалб намуда аст, ки солҳои охир кишвари Чин дар ин мақом пешсаф мебошад. Дар ин раванд бояд ба назар гирифтани принсипи «бехатарии иқтисодӣ» мақоми хоса дошта бошад.

**Рӯйхати адабиётҳо:**


1. Bydtaeva E.E. State regulation of regional industrial development // Regional economy and management: electronic scientific journal. ISSN 1999-2645. - №3 (3). Art. #304. Date issued: 25.09.2005. URL: https://eee-region.ru/article/304/ (date of the application:09.01.2023)
2. Винслав Ю.Б. Государственное управление и национальная промышленная политика: Актуальные задачи совершенствования // Правовая информатика. – М., 2016. - № 1. - С. 45-57;
3. Взаимодействие бизнеса и власти в современной России. Промышленная политика / В.П. Евтушенков и др. // Под ред. А.Н. Шохина. - М.: «РСПП», 2021. - 183 с.;
4. Демерчи В.В. Государственное регулирование развития промышленной политики в рамках региона // Известия Санкт-Петербургского государственного экономического университета. - СПб, 2015. № 6 (96). – С. 106-109.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. – ш. Душанбе, 26.12. 2019.
6. Симачев Ю.В., Кузык М. Г., Погребняк Е.В. Промышленная политика федерального уровня: базовые модели и российская практика // Новая экономическая ассоциация. 2018. № 3 (39). - С. 146-154. URL: https://publications.hse.ru/articles/223997868 (санаи мурочиат ба сомона: 06.01.2023).
7. Теоретические основы формирования промышленной политики // Колл. Монография / Под ред. д-ра экон. наук, проф. А.В. Бабкина. - СПб., 2015. – 462 с.;

# ИДОРАИ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ САРИКАСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ВАЗЪ, МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**Қаландарзода Гулрӯ - н.и.и., дотсенти ДБССТ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва ояндаи ободи давлат ва Ватан мебошад»[50].

Раванди ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи ин ниҳоди ҳаётан муҳим ба инкишофи ҷабҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муассисаҳои таълимӣ, таҳқиқот ва татбиқи низоми идоракунии захираҳои молиявӣ таҳия ва татбиқи низоми нави сармоягузориҳо дар низоми гуногуншаклии моликияти муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ дар шароити тағйирёбии иқтисоди миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳамчунин, дастгирии муассисаҳои таҳсилот, тавассути боло бурдани меъёри маблағгузорӣ ва ба роҳ мондани таъсиси низомҳои нави маблағгузорӣ дар шароити кунуни муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои баланд бардоштани шаффофият, боз ҳам беҳтар гардонидани фазои маблағгузорӣ ва бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ дар ин самт тадбирҳои саривақти амалӣ гардид.

Қайд намудан зарур аст, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми январи соли 2010, № 441 бо таври пурра ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба низоми маблағгузории сарикасӣ гузаронида шуд, ки ин дар низоми маблағгузорӣ тағйироти куллӣ даровард [1, с.48].

Мақсади асосии ба низоми меъёрии маблағгузорӣ гузаронидани мактабҳо таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ мебошад, ки он бо роҳи васеъ намудани мустақилияти мактабҳо дар идораи захираҳои молию пулӣ ва инсонӣ ба даст оварда мешавад.

Яке аз хусусиятҳо асосии маблағгузории сарикасӣ аз он иборат аст, ки давлат намуассиса, балки хонандаро маблағгузорӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки муассиса барои ҷалб намудани шумораи зиёди хонандагон кӯшиш менамояд. Мустақилияти молиявии мактабҳо вобаста ба маблағгузории сарикасӣ бештар гардида, самаранокӣ дар идоракунии молиявии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин карда мешавад. Мактаб мустақилона самтҳои афзалиятноки истифодабарии маблағҳоро муайян мекунанд ва онҳоро самаранок истифода мебаранд.

---

[50] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2023 [манбаи электронӣ]. –URL: http://president.tj/node/4318 (санаи муроҷиат: 8.04.2024)

Дигар хусусияти муҳими низоми маблағгузории сарикасӣ аз он иборат мебошад, ки маблағҳои буҷетӣ вобаста ба шумораи хонандагон бевосита ба мактаб расонида мешаванд ва мактаб маблағи заруриро бе миёнаравии шуъбаи маориф ва мақомоти худидораи шаҳраку ноҳияҳои зертобеъ мегирад.

Низоми маблағгузории сарикасӣ ба натиҷаи фаъолияти муассисаи таълимӣ равона гардидааст ва шароити мувофиқро барои баланд бардоштани сифати таҳсилот муҳайё мекунад. Роҳбарони мактабҳо метавонанд мустақилона роҳҳои дуруст ва самаранок истифода бурдани маблағҳои барои мактаб ҷудошударо интихоб намоянд, ки барои беҳтар намудани пояи моддию техникии мактаб ва ҳавасманд намудани кормандони он равона карда мешавад.

Гузариш ба маблағгузории сарикасӣ дар муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти коэффитсиентҳои махсус тибқи меъёри тасдиқгардида вобаста ба шакл ва намуди мактаб маблағгузорӣ карда мешаванд. Санад ва меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ ҳамасола вобаста ба зинаҳои таҳсилот аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад [1, с.63].

Ба андешаи мо, гузариш ба шакли нави маблағгузорӣ низоми сарикасӣ бояд вазифаҳои зернинро ҳал намояд.

-Ташаккули самаранокии истифодабарии маблағҳои буҷетӣ;

-муҳайё намудани шароит барои қабул намудани қарорҳои идоракунии ба низоми маблағгузорӣ асосёфта;

-таъмин намудани мустақилияти мактаб дар масъалаи банақшагирӣ ва истифодабарии буҷети мактаб;

-ташкил намудани рақобати солим байни мактабҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар ин замина ҷалб намудани шумораи бештари хонандагон;

-таъмин намудани назорат аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва падару модарон оид ба беҳтар истифода бурдани маблағҳои ба ҳар як мактаб пешбинигардида.

Тибқи тасдиқи буҷети соҳаи маориф дар соли 2023 меъёрҳои минималии маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои соли 2023 дар шакли зерин муайян карда шудааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳиссаи маблағгузориҳои соҳаи маориф ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба як хонанда (дар мактабҳои миёнаи умумӣ аз синфи 1 то 11) дар соли 2023 – 1094 сомонӣ, ки он нисбати соли 2019 – 1,18% афзоишро дар бар гирифтааст.

Дар ҳамин давра барои мактабҳои асосии умумӣ аз синфҳои 1 то 9 бошад дар соли 2023 маблағи 1363 сомонӣ, ки нисбати соли 2019 – 1,17 % зиёдшавиро ташкил медиҳад [3, с.223-237].

**Ҷадвали 1.**

**Меъёрҳои минималии маблағгузории сарикасии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои солҳои 2019-2023**

| Типи мактабҳо | Барои як хонанда | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Солҳо | | | | |
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Мактабҳои миёнаи умумӣ (с.1-11) | 932 | 951 | 1094 | 1094 | 1094 |
| Мактабҳои асосии умумӣ (с.1-9) | 1162 | 1185 | 1363 | 1363 | 1363 |
| Мактабҳои ибтидоӣ (с.1-4) | 1454 | 1483 | 1705 | 1705 | 1705 |
| Типи мактабҳо | Меъёр (сомонӣ) барои як мактаб | | | | |
| | С о л ҳ о | | | | |
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Мактабҳои миёнаи умумӣ (с.1-11) | 172989 | 176452 | 202920 | 202920 | 202920 |
| Мактабҳои асосии умумӣ (с.1-9) | 69653 | 71046 | 81703 | 81703 | 81703 |
| Мактабҳои ибтидоӣ (с.1-4) | 25075 | 25577 | 29414 | 29414 | 29414 |

**Манбаъ: Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2023.-С. 224-234 тартиб дода шудааст.**

Меъёр барои як мактаб (мактабҳои миёнаи умумӣ аз 1 то 11) дар соли 2023 маблағи 202920 сомонро ташкил додааст, ки нисбати соли 2019– 1,17% зиёд гардидааст. Дар мактабҳои асосии умумӣ аз синфи 1 то 9 ва мактабҳои ибтидоӣ аз синфи 1 то 4 бошад дар ҳамин давраи ҳисобӣ  1,17% афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тавр, агар дар соли 2019 хароҷоти миёнаи буҷет барои як нафар хонандаи муассисаи таҳсилоти умумии пурра 932 сомониро ташкил диҳад, пас он дар соли 2023 ба андозаи 1094 сомонро дар бар гирифтааст, ки фарқи он нисбати соли базавӣ 162 сомониро ташкил медиҳад.

Қайд намудан бо маврид аст, ки сол аз сол зиёд гардидани шумораи хонандагон, норасоии ҷои нишаст (масалан ҳоло дар МТМУ ш. Душанбе зиёда аз 73ҳазор ҷои нишаст намерасад, дар гурӯҳҳои таълими то 35-40 нафар таҳсил мекунанд), таъмирталаб будани муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, тадқиқот ва дарёфти маблағгузории иловагиро талаб мекунад.

Имрӯз дар соҳаи маориф қисми зиёди лоиҳаҳои сармоягузориҳо, маблағҳои қарзҳои грант аз ҷониби донорҳои хориҷӣ мавриди таҳлилҳо ва истифодабариҳо қарор дода шудааст. Лекин мутаассифона дар соли 2023 - 77,6% ҳамаи хароҷотҳо дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ аз тарафи буҷети давлат роҳандозӣ гардидааст. Аз ин хулоса намудан мумкин аст, ки маблағгузориҳои ғайрибуҷетӣ дар ин соҳа хело суст ба роҳ монда шудааст [3, с.327].

Маблағгузориҳои сарикасӣ дар соҳаи маориф, ки аз тарафи буҷети давлат роҳандозӣ мегардад, дар шароити имрӯза талаботи соҳаро пурра таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯ ва ҷалби маблағгузориро бо усулҳои дигар бояд шурӯъ намуд, аз ҷумла:

- азнавтақсимкунии захираҳои молиявии дохилии соҳа бо мақсади рушд;
- интихоби сарчашмаҳо ва методҳои нави лоиҳаҳои маблағгузоришаванда дар соҳаи маориф;
- ҷалби маблағгузориҳо аз ҷониби истеҳсолкунандагони хизматрасониҳои нав;
- дастгирии давлат дар таъйини алоқаҳои ҳамшарикӣ дар байни муассисаҳо (ташкилотҳо) ва маблағгузорон;
- яке аз сохторҳо ва шакли аниқи аз ҳама босамар ин ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ, омӯзиши таҷрибаи онҳо дар низоми маблағгузорӣ дар соҳаи маориф ва ташкили таҳсили бо сифат буда метавонад [2, с.85].

Ҳамзамон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, то рушди устувори маблағгузории низоми маорифро ба нақша гирад ва иҷрои онро таъмин созад. Бо ин мақсад аз тамоми намуди воситаҳое, ки ба рушди мунтазами сифати маориф ҳамчун омили муҳим мусоидат мекунанд, барои таъмини самаранокии инкишофи ҷомеа истифода бояд кард.

## АДАБИЁТ


1. Шарифов, З.Р. // «Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф замина барои рушди ояндаи миллат» омӯзгор №14 (11978) 2015с.
2. Қаландарзода, Г.С. Ташаккул ва рушди маблағгузорӣ дар соҳаи маориф Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Г. С. Қаландарова // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: “Рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. ДСХ, 2017.-С. 83-86. (бо забони русӣ).
3. Маҷмӯаи омори соҳаи маорифи ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2023 саҳ 433с.


# ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ - КАФОЛАТИ РУШДИ БОСУБОТИ КИШВАР


**Замонова С.А. – ассистенти ДБССТ**


Имрӯзҳо, ҷиҳати мувофиқи мақсад истифода намудани неъматҳои табиӣ, бартараф кардани хатарҳои коҳишёбии сифати захираҳои табиӣ ё нобудшавии онҳо ва ташаккул додани низоми ягонаи муносибат ҷиҳати истифодаи оқилонаи неъматҳои табиӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ консепсия ва равишҳои гуногунро мавриди истифода карор додааст. Таваҷҷӯҳи пайваста ва аз нигоҳи илмӣ банизомдаровардашуда як қатор мушкилоти ҷиддии табиию экологиро муайян кард, ки онҳо метавонанд ҷиҳати қонеъгардонии талаботи имрӯза ва ояндаи мардум монеа гарданд.Бо

дарназардошти мавҷудияти ин ва дигар намуди алоқаман-диҳои мушкилиҳои экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва табиӣ, зарурати қабулу амалигардонӣ ва такмили пайвастаи консепсияеро ба вуҷуд меоварад, ки дар доираи он, ба таври ҳамоҳангӣ имконияти қабули қарорҳои оқилона ва аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ самаранок вуҷуд дошта бошад. Воқеан, кӯшиши фаъолони ҷомеаи ҷаҳонӣ бе натиҷа анҷом наёфта, солҳои 80-ум дар алоқамандӣ бо зиёдшавии таҳдидҳои пайвастаи муҳити атроф, ки бар асари рушди иқтисодиёт, зиёдшавии шумораи аҳолии сайёра ва рушди техника ва технология ба вуҷуд омада буданд, мафҳуми “рушди босубот” ба истифода ҷалб шуд.

Бо маънои дигар бояд гуфт, ки дар идеологияи рушди умумии иқтисодӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ дар мовароИ қарнҳо тағйироти куллӣ ба миён омадааст. Имрӯз масъалаҳои марбут ба маҳдудияти захираҳои табиӣ ба мушкилоти глобалии ҷаҳони муосир табдил ёфтаанд. Мушкилоти истифодаи ғайриоқилонаи манобеи табиӣ дар айни замон сабаби инкишоф додани консепсияи рушди босубот гардид.

Мафҳуми «консепсияи рушди босубот» бори нахуст дар соли 1987 мавриди истифода қарор гирифт ва то имрӯз таваҷҷӯҳи зиёди донишмандонро ба вуҷуд оварда, дар атрофи он баҳсу мунозираҳо идома доранд. Бо назардошти мубоҳисавӣ будани масъала консепсияи рушди босубот ва доираи умумии вазифаҳое, ки «рушди босубот» бояд ҳал намояд (нобаробариҳои иқтисодӣ, буҳрони экологӣ, тағйирёбии модели пойгоҳии ҷомеаи истеъмолӣ ва ғайра), муҳиммияти масъалаи мазкур баръало маълум аст[51].

Консепсияи рушди босубот, ин яке аз стратегияҳои муҳимми замони муосир ба ҳисоб меравад ва ҳалли ҳамагуна мушкилоти ҷомеаи ҷаҳониро, ки бо истифодаи оқилона ва тақсимоти одилонаи захираҳо алоқаманд дониста мешаванд, дастгирӣ менамояд. Нахустин заминаҳои пайдоиши ин консепсия бо бунёди “Комиссияи байналхалқӣ оид ба муҳити атроф ва рушд”[52] дар соли 1983, ки бо иқдоми СММ амалӣ шуд, алоқаманд дониста мешавад. Вазифаи комиссияи зикршуда, ҷиҳати муайянсозии проблемаҳои экологӣ ва коркарди стратегияи дарозмуддати шакли нави рушди инсонӣ, таъминкунандаи беҳбудии иқтисодии насли имрӯзу оянда ва инчунин нигоҳдории захираҳои муҳити атроф, ки инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ пурра аз онҳо вобаста аст, таъйин ва тасдиқ шуд. Назди комиссияи зикршуда вазифа гузошта шуд, ки маърӯзаи сатҳи байналхалқӣ “оид ба проблемаҳои экологӣ ва глобалӣ то соли 2000 ва давраҳои минбаъда” таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Соли 1987 дар Ассамблеяи генералии СММ, Комиссияи байналхалқӣ оид ба муҳити атроф ва рушд, маърӯзаи сатҳи байналхалқӣ, таҳти унвони

[51] Берова Ф.Ж., Думанова А.Х., Яхутлова М.Л. Концепция устойчивого развития и его основные принципы// Экономика и управление. Экономические науки – М., 2012. - № 12(97). - С. 127.
[52] Процесс подготовки Экологической перспективы на период до 2000 г. и далее: резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 38/161 от 19 декабря 1983 г. // V. Резолюции, принятые по докладам Второго комитета. (A/RES/38/161). URL: http://www.un.org/ru/.documents/index.html

«Ояндаи умумии мо»[53], ки натиҷаи таҳқиқот ва омӯзишҳои чорсолаи комиссия ва сарчашмаи нахустини пайдоиши консепсияи рушди босубот ба ҳисоб меравад, пешниҳод намуд.

Консепсияи рушди босубот ба сифати масъалаи калидӣ дар маърӯзаи зикрёфта (Ояндаи умумии мо) таъйин гардида ба майдони муҳокима ва арзишгузорӣ ҷалб карда шуд. Нахустин таърифи ифодаи мафҳуми консепсияи рушди босубот чунин пешниҳод шуд: консепсияи рушди босубот, ин чунин тарзи инкишоф аст, ки талаботи имрӯзаро қонеъ намуда, қонеъгардонии талаботи наслҳоиояндаро ҷиҳати истифодаи захираҳои ҳаётан муҳим зери хатар намегузорад[54].

Дар атрофи тарзи ифодаи пешниҳодшуда андешаҳои илмӣ зиёд ба вуҷуд омаданд.Ҳамин тариқ, Институти байналхалқии рушди босубот дар солҳои 1990 (ИБРУ, Виннипег, Канада, президент Артур Хансон) чунин тарзи ифодаи мафҳуми “рушди босубот”-ро пешниҳод кард: “Рушди босубот, ин иттиҳоди ягонаи муҳити атроф, самаранокии иқтисодӣ ва беҳдошти ҳаёти мардуми сайёра мебошад”. Дар ин радиф қоидаи дигар, ки дар мавриди муҳокимаҳои илмии масъалаи “рушди босубот” пайваста иқтибос оварда мешавад, ин ақидаи П.М. Иванов (солҳои 2005) мебошад, ки чунин оварда шудааст: давлат ва минтақае ба ташаккули рушди босубот ниёз пайдо мекунад, ки агар дар он тағйиротҳои пайваста бар асари коҳишёбии қонуниятҳои экологӣ вуҷуд дошта бошад ва ин дигаргуниҳо бевосита ҷиҳати паст шудани тарзи ҳаётгузаронӣ монеа шаванд, инчунин агар унсурҳои ташаккулдиҳии низоми давлатдорӣ доимо тағйиротҳои манфиро истиқбол гиранд (яъне ҳолати худистеҳсоли нобаробариҳо вуҷуд дошта бошад)[55]. Агар чунин бошад, имрӯз давлат ва минтақае вуҷуд надорад, ки аз асорати нокифоягии захираҳо, тағйиротҳои муҳит ва афзоиши талаботи ҷамъият озод бошад. Воқеан, консепсияи рушди босубот қонуну қоидаҳои самти инкишофёбии ҷамъиятро дар муносибат ба истифодабарии захираҳои табиӣ муайян кард. Консепсияи мазкур, тарзу усулҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табииро дар такя ба омӯзишии умқии мушкилот ва имкониятҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ коркард ва тавсия менамояд, ки аз ҳар ҷиҳат барои беҳдошти ҳаёти имрӯза ваояндаи ҷамъият саҳмгузорӣ мекунад. Вобаста ба ин баъзан муаллифон консепсияи рушди босуботро чун натиҷаи ҳамгироии муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ бо мақсади рушди имрӯзаюояндаи ҳаёти башарият шарҳ додаанд[56]. Дар ин асно, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки консепсияи рушди босубот, ин натиҷаи ҳамгироии мақсадноки иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ буда, дар асоси истифодаи қонуниятҳо ва имкониятҳои

---

[53] Наше общее будущее: доклад Международной комиссии по окружающей среде и развитию (МКОСР). - М., 1989.- С. 58.

[54] Наше общее будущее: доклад Международной комиссии по окружающей среде и развитию (МКОСР). - М., 1989. -С.50.

[55] Иванов П.М. Устойчивое региональное развитие: концепция и модель управления: материалы междунар. науч. конф. - Нальчик, 2005. -С.65.

[56] Берова Ф.Ж., Думанова А.Х., Яхутлова М.Л. Концепция устойчивого развития и его основные принципы//Экономика и управление.Серия: Экономические науки. - М., 12(97). 2012. -С.127.

иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ талаботи имрӯза ва ояндаи инсониятро бо муҳимтарин захираҳо қонеъ сохтанро, ифода мекунад. Дар ҳар сурат, ҳангоми таваҷҷӯҳ ба хусусиятҳои таркибии консепсияи рушди босубот, мушоҳида мешавад, ки дар маркази асосӣ, инсон ва талаботҳои имрӯ-заю ояндаи он мавқеъ ишғол кардаанд[57].

Ҳамин тариқ рушди босубот, ҳамчун низоми махсуси тараққиёти ҷамъиятӣ дар назар дошта мешавад, ки беҳдошти шароити ҳаётгузаро-нии одамонро дар асоси истифодаи мақсадноки имкониятҳои муҳити атроф таъмин намуда, илова бар ин имкониятҳои васеи ташкили низоми муносибатҳои хоҷагидории аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ самаранокро барои оянда ҳифз ва боқӣ мегузорад. Дар оянда имкониятҳои рушди инсониро дар такя ба захираҳои табиӣ аз байн намебарад. Зимнан, вобаста ба талабот ва қонуниятҳои консепсияи рушди босубот, имкониятҳои захиравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили ҳамкориҳои стратегӣ дар соҳаи об мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Консепсияи рушди босубот, ки натиҷаи муттаҳидии самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушд мебошад, дар як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилалии ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур зикр гардидааст, ки мафҳуми рушди босубот аз эътирофи он чиз иборат аст, ки одамон дар маркази диққат мебошанд, онҳое, ки ҳуқуқ ба зиндагии солим ва босамарро дар ҳамоҳангӣ бо табиат доранд. Худи истилоҳи «рушди босубот» рушди рӯзафзуни ин ё он равандеро дар назар дорад, ки барои наслҳои оянда мушкилот ба миён намеорад[58].

Норасоии аз ҳама чашмраси асосии моделҳои «миёнаи» рушд, ин ба эътибор нагирифтани нобаробарии рушди давлатҳо ва муассисаҳои миллию фарҳангӣ, аз он ҷумла равандҳои муҳоҷиратию демографӣ мебошад. Бо вуҷуди ин маҳз тақсимоти муҳоҷиратию демографӣ ва низоъҳои алоқаманд ба онҳо муайянкунандаи равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ба қавли муҳаққиқ Велякин, чунин раванди ҷаҳонии сиёсӣ ба монанди «низоъҳои мамлакатҳои мутараққӣ», аз низои ду шакли такрористеҳсолкунии аҳолӣ иборат аст, дар ин маврид шарт нест, ки он бо мубориза мусаллаҳона алоқаманд бошад[59].

Барои ҷудокунии дурусти ифодаи «рушди босубот дар сатҳи минтақавӣ» боз як садди дигар мавҷуд аст. Зеро варианти пешакии консепсияи мазкур дар оғоз ба таври ҷаҳонӣ шакл мегирад.

Маълум аст, ки биосфера ҳамчун низоми ягона мавриди назар қарор дода мешавад. Ҳаҷми муайяни хоҷагидорӣ ва малакаи истеҳсолии экоси-стема барои вай хос мебошад. Қонуну қоидаҳои миллӣ (зиёда аз ин мин-

---

[57] Мадаминов А. Пути устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана// Международный сельскохозяйственный журнал. -М., 2006. - № 3. -С. 47.

[58] Алиева Р.Р. Сотрудничество Республики Таджикистан с Евросоюзом на пути к устойчивому развитию // Общественные науки. –М., 2011. - № 10. - С.127-139.

[59] Велякин Ф. Демографическая катастрофа в России. URL: www.bg-znanie.ru/article.

тақавӣ)-и рушд ё аз сатҳи дахлдори маҳсулоти умумӣ ба инфиродӣ иборат бояд бошад, ё бо консепсияи ҷаҳонӣ ва байниҳамдигарӣ мутобиқ кунонда шавад. Аммо ҳуҷҷатҳои дар солҳои охир таҳияшуда ва омодакардаи кумитаҳои миллӣ чун қоида ифодакунандаи манфиатҳои дахлдори миллӣ мебошанд, дар натиҷа вазъияти мазкур пурра ранги муайяни сиёсӣ (ҳатто умумисиёсӣ)-ро мегирад. Ин аст, ки мунаққидони сарсахти консепсия торафт зиёд мешаванд, ки ба ақидаи онҳо дар сатҳи мавҷудаи рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва истифодаи захираҳои табиӣ қоидаи рушди босубот «ба ғайр аз шиор чизи дигаре нест, ки тарзи пинҳонии хоҳиши давлатҳои сарватманд ва қишри давлатманди ҷомеаро барои пешгирии кӯшиши давлатҳо ва ашхоси камбизоат барои беҳбудии некуаҳволии худ ифода мекунад»[60]. Ҳамин тариқ мегузарем ба назароти дигари қоидаҳо ва хусусиятҳои мафҳуми «рушди босубот».

Мазмуни аввалин ва бештар иқтибосшавандаи истилоҳи «рушди босубот» аз тарафи комиссияи умумиҷаҳонӣ оид ба рушди муҳити зист (комиссияи Г.Х. Брундтланд) пешниҳод гардидааст. Комиссияи мазкур «рушди босубот»-ро ҳамчун ҷомеаи «таъминкунандаи эҳтиёҷоти насли имрӯза бо аз байн набурдани насли оянда барои таъмини эҳтиёҷоти худ» муайян кардааст, ки то андозае даркшаванда ва қобили қабул мебошад.Институти байналмилалии рушди босубот (ИИСД,Виннипег, Канада, президенташ Артур Хансон), ки дар соли 1990 асос ёфтааст, масъалаи мазкурро чунин шарҳ додааст: «Рушди босубот алоқмандии муҳити ягонаи зист, самаранокии иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолиро мефаҳмонад». Бояд гуфт, ки устуворият ва рушд ба ҳамдигар зиддият надоранд: «устуворӣ  ин ҳифзи вариантҳои дигар (инвариантҳо) мебошад, ҳамоне, ки Гегел ва Афлотун сифати низом (система) номидаанд. Барои он, ки ин вариантҳои гуногун муҳофизат карда шаванд, аввалан қувваҳои вайронкунандаи ин гуногунвариантӣ бояд нигоҳ дошта шаванд, сарҳади фаъолияти бехатарӣ ин қувваҳо, ҳадду ҳудуде, ки баъди онҳо хавфи воқеӣ ба амал меояд, муайян карда шаванд»[61]. Устуворӣ, хусусияти умумии шаклҳои гуногуни низомҳо (системаҳо)-и иқтисодӣ, техникӣ, биологӣ,аз ҷумла, ҳудудӣ ба ҳисоб меравад. Он аз қобилияти иҷрои босамари вазифаҳои дохилӣ ва берунӣ, новобаста аз таъсироти манфии омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ иборат аст. Ба қавли муҳаққиқ А.Л. Гапоненко устувории низомҳои ҳудудӣ, ҳамчун устувории нисбии нишондиҳандаҳои асосии низомҳои ҳудудии иҷтимоию иқтисодӣ, қобилияташон оид ба нигоҳдории онҳо дар ҳудуди муайяншуда дар мавриди таъсироти тағйирдиҳанда аз дохил ва берун муайян карда мешавад[62].

Бояд гуфт, ки мафҳуми нисбатан васеи рушди босубот аз тарафи муҳаққиқ П.М.Иванов (2005) пешниҳод гаштааст.Ба қавли П.М. Иванов,

---

[60]Данилов-Данильян В. Устойчивое развитие -проблема выживания человека // Человек. -М., 2003. - С.57.

[61] Данилов-Данильян В. Устойчивое развитие -проблема выживания человека // Человек. -М.,2003.-С. 57.

[62] Общий и специальный менеджмент/под ред.А.Л.Гапоненко, А.Г.Панкрухина. - М., 2002. - С.87.

минтақа ҳамон вақт дорои хосияти рушди босубот мегардад, ки агар ҳангоми каловиши эътирозоти назарраси дохилӣ ва берунӣ, ки ба пастшавии сифати зиндагӣ таҳдид мекунад, давлати бавуҷудова-рандаи ҷузъҳои минтақа (низоми тағйирёбанда) ҳамеша дар самти таъмини рушди ин сифат тағйир меёбад (яъне эътирозоти бамиёномадаро ҷуброн менамояд)[63].

Барои гузариш ба рушди босубот таҳияи қоидаҳои стратегӣ талаб карда мешавад, ки иборат аст аз: якум - хусусияти тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва ҷумҳуриявӣ ва тағйиротҳои пешбинишаванда дар ҳаёти ҷомеа, хусусиятҳои технологӣ, иқтисод ва сиёсат; дувум - шароити табиию иқлимӣ дар ҳудудҳо; сеюм- стандартҳои ҳаётӣ,иқтидорҳои технологӣ,зеҳнӣ ва ҷамъиятии аҳолӣ,имкониятҳои захиравии минта-қаҳо; чорум - ҳолати муҳити зист. Ин кор дар раванди банақшагирии стратегии рушди босубот ва ташкили иҷрои нақшаи стратегӣ амалӣ кунонда мешавад.Тибқи консепсияи рушди босубот дар базиси нақшаи стратегӣ бояд тақозо (императив)-и гуманитарию экологӣ ҷой гирифта бошад,яъне,қоидаи ҳифз ва барқароркунии муҳити табиӣ барои фаъолияти муътадили одамон мавҷуд бошад[64].

Консепсияи рушди босубот дар пояи ин се қоида асос меёбад:

1)таъмини алоқамандии иқтисод ва экология,яъне дастёбии дара-ҷаи рушде,ки одамон дар фаъолияти истеҳсолӣ ё дигар намуди фаъ-олияти иқтисодӣ вайрон кардани муҳити зистро хотима мебахшанд;

2) таъмини алоқамандии соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт аз рӯйи ченакҳои инсонӣ, ки маънии истифодаи самараноки ҳамон захи-раҳоеро дорад, ки рушди иқтисодиро ба манфиати аҳолӣ, таъмин мекунад;

3) ҳалли вазифаҳои алоқаманд бо рушди на танҳо манфиати одамони имрӯза, балки наслҳои оянда, ки дорои ҳуқуқҳои баробар ба ин захираҳоро доранд.

Равишҳо ба омилҳои мувофиқгардондаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва табиӣ ҳангоми гузариш ба рушди босубот ба адолатӣ иҷтимоӣ, иқтисодӣ устувор ва суботи экологӣ оварда мерасонанд. Адолати иҷтимоӣ, бешак, ба устувории иқтисодӣ ва баробарии иҷтимоӣ бояд асоснок карда шаванд. Барои ин бошад, босуботии экологӣ низ зарур аст, ки он ҳифзи сармояи табииро дар назар дорад. Устувории экологӣ аз ҳифзи гуногунрангии биологӣ, солимии инсон, ҳамчунин аз сифати обу ҳаво, хок дар сатҳи кофӣ барои нигоҳдории ҳаёт ва некуаҳволии одам иборат аст[65].

Дар роҳи расидан ба рушди босубот, ба сифати монеаи асосӣ ноустувории экологӣ танҳо, баромад намекунад. Имрӯз хатарҳои боз ҳам назаррас барои на танҳо мавҷудияти инсон дар оянда, балки барои мавҷудияти

[63] Иванов П.М. Устойчивое региональное развитие: концепция и модель управления/ Материалы междунар. науч. конф. - Нальчик, 2005. -С.93.

[64] Ганиев Т.Б., Ганиев Д.Т. Экологические проблемы устойчивого развития человеческих ресурсов в менеджменте//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/8-2 (100). - С.10-15.

[65] Ганиев Т.Б., Ганиев Д.Т. Экологические проблемы устойчивого развития человеческих ресурсов в менеджменте//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/8-2 (100). - С.10-15.

ҳозираи онҳо низ арзи ҳастӣ доранд. Инҳо камбизоатӣ, нобаробарии тақсимоти даромадҳо, бекорӣ ва ғайра мебошанд.Бояд гуфт, ки ин хатарҳо на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон, балки дар аксари мамлакатҳо мавҷу-данд. Аз ин рӯ, маърӯзае, ки «Дар бораи иқтидорҳои инсонӣ» соли 1994 дар СММ ироа гардида буд, модификатсияи нисбатан умумӣ ва ҷавобгӯи вазъи ҷаҳонии консепсияи рушди босуботро, фаро мегирифт.Он ҳамчун рушди «на-танҳо афзунбахшандаи иқтисодӣ, балки боадолатона тақсим намудани натиҷаҳои иқтисодии зараровар,барқароркунандаи муҳити зист, афзояндаи имкониятҳои одамон, муттаҳидкунандаи онҳо, муайян карда шуд. Ин рушдест, ки ба камбизоатон афзалият медиҳад, яъне васеъ гардидани имкониятҳои онҳо ва таъмини иштироки онҳоро дар қабули қарорҳое, ки ба зиндагиашон дахл дорад, дар назар дорад. Ин рушдест, ки дар маркази он одам меистад, одаме, ки ба ҳифзи табиат, таъмини шуғле, ки баробарии гендериро дар назар дорад,мувофиқ гардонда шудааст».Нишондиҳандаи асосии ташаккули стратегияи гузариш ба рушди босуботи ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама бояд арзёбии таъсири шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчунин таъсири ҳолати муҳити табиат ба солимии иҷтимоию ҷисмонӣ ва дарозумрии инсон бошад. Гузариш ба рушди босубот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ таъминкунандаи фаъолияти мутобиқгардонида ба шумор рафта, ба талабот мувофиқгардонии институтҳои иҷтимоӣ,иқтисодӣ ва экологии давлатӣ, ки дар чунин навовариҳо нақши асосии танзимкунандаи он ба ҳисоб меравaнд, дар назар дорад.Шабоҳат додани рушди минтақавӣ бо рушди хоҷагии минтақа ҳамчун натиҷаи мақсади нодуруст гузоштаи рушди минтақа ба вайроншавии қисматҳои таркибии этнофарҳангӣ, захираҳои табиат, экологӣ ва қисматҳои дигари низоми минтақавӣ мумкин аст, ки оварда расонад[66].

Асоси рушди босуботи минтақавиро қобилияти ташкилотҳои маъмурию ҳудудӣ ва дигар ташкилоту объектҳо барои тартибдиҳии сиёсати демографию иқтисодӣ дар ҳолати барои худ мусоиди самти конъюнктурӣ ташкил медиҳад. Рушди босубот дар ҳолати мавҷудияти вобастагии вазифавӣ ва алоқамандии байни чорабинии машрутавӣ (институтсионалӣ)-и давлат ва ҳадафҳои иқтисодии ҳудудҳо, ки ба таври аниқ ифода ёфтааст ва барои фаҳмиши васеъ дастрасанд, имконпазир аст. Моҳияти мафҳуми «рушди босубот» аз нигоҳдории таносуби мувофиқи байни рушди иқтисодӣ ва инкишофи такрористеҳсолкунии захираҳои табиӣ дар сатҳе, ки равандҳои муътадили такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ва захираҳои табииро таъмин мекунад, иборат аст[67].

Аз тарафи ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида меъёрҳо ва индикаторҳои рушди босубот, ки аксар вақт дорои низоми мураккаби

---

[66] Ганиев Т.Б. Угрозы кризиса мировой экономики и проблемы обеспечения безопасности раз-вития национальной экономики// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2014. - № 2/11 (155). - С.25-29.

[67] Рахимов А.И. О состоянии водных Ресурсов Таджикистана//Проблемы региональной эколо-гии. -М., 2011.- № 5. -С.139-142.

нишондиҳандаҳо мебошанд, пешниҳод карда мешавад. Бояд гуфт, ки таҳияи индикаторҳои рушди босубот раванди мураккаб ва сермасраф буда, миқдори хеле зиёди иттиллоотро металабад, ки бадастовариашон хеле душвор аст (масалан бисёр нишондиҳандаҳои экологӣ).

Самаранокии идораи рушди босуботи минтақа мумкин аст бо арзёбии низоми индикаторҳои миқдорӣ ва сифатӣ муайян карда шавад; ҳар яки онҳо бояд ҷанбаҳои алоҳидаи рушди босуботро инъикос намоянд. Мумкин аст як қатор шартҳоеро, ки бояд ба индикаторҳои рушди босуботи минтақа мувофиқат кунанд, тартиб дод:

- барои истифода дар сатҳи самаранок дар миқёси миллӣ имконият бояд дод;
- ҷанбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ҳам муттаҳид карда шаванд;
- дорои ифодаи миқдорӣ бояд бошанд;
-ба низоми мавҷудаи омори миллӣ бояд такя кард ва барои ҷамъоварии иттилоот ва ҳисобкуниҳо хароҷоти изофагӣ набояд талаб кард;
- барои муқоисакуниҳои байналмилалӣ дорои имконоти муар-рифӣ бояд буд;
- барои арзёбӣ дар бобати динамикаи муваққатӣ имконият бояд дод;
- барои арзёбии пешравӣ дар рушди босубот мувофиқ бошад;
- бо адади бутун ифода шавад ва ғайра.

Дар сатҳи минтақавӣ дар доираи стратегияи рушди босубот таҳияи чорабиниҳо оид ба муътадилгардонии ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ ва пурқувватгардонии рушди умумии хоҷагидории минтақавӣ дар пойгоҳи истифодаи босамари захираҳои мавҷуда оид ба ташкили нуқтаҳои рушди иқтисодӣ, зарур мебошад. Дар сатҳи дохилиминтақавӣ самти муҳимтарин таъмини пойгоҳи молиявию иқтисодии ташкилотҳои маҳаллӣ мебошанд, ки барои ҳалли босамари вазифаҳои иҷтимоӣ басандаанд.

Ҳангоми таҳлили равандҳои дохилиминтақавӣ барои таъмини идораи босамари минтақаҳо, ҳамчунин бо мақсади пешгӯиҳои иҷтимоию иқтисодии рушди минтақаҳо пеш аз ҳама махсусиятҳои минтақавӣ, аз он ҷумла сохтори маъмурӣ- таркибии ноҳия, шаҳрҳои калон, нуқтаҳои дигари аҳолинишин ба ҳисоб гирифта мешаванд. Бо вуҷуди ин равишҳо бо ин маҳдуд намешаванд, зеро минтақа пеш аз ҳама ин умумияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини минтақа таъмини шароити мувофиқи хоҷагидорӣ ва зиндагии аҳолӣ, такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ, инфрасохторӣ, захираҳои табии бо назардошти талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, ба шумор меравад.

Гузариш ба рушди босубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба  рушди устувори тамоми минтақаҳои он алокаманд мебошад.

Ҳамин тавр, устувории рушди иқтисодӣ, ба андешаи мо ҳамон ҳолати иқтисодиест, ки ҳангоми он рушди устувории нишондиҳанда-ҳои ниҳоии истеҳсолӣ,иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар ин маврид ба фаҳмиши устувории рушди иқтисодӣ назари духела бояд дошт: аввал ни-

гоҳдории муътадилии сатҳи муайянкардаи ягон нишон-диҳандаи ниҳоии иқтисодӣ. Дар ин маврид сухан дар бораи устувории муътадил меравад; дувум нигоҳдории устувории нишондиҳандаҳои афзояндаи ниҳоии рушди иқтисодӣ мебошад. Бо мақулаи босуботӣ мақула (категория)-и устуворӣ (муътадилӣ) зич алоқаманд аст, мақулаи устуворӣ бетағйирӣ, доимияти ягон нишондиҳандаи ҷараёни рушдро мефаҳмонад. Бо вуҷуди ин мақулаи босуботии рушди иҷтимоию иқтисодӣ мафҳуми нисбатан пурҳаҷм ва бунёдии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Рушди босуботи иқтисодӣ дар ҳар мамлакат ва минтақаи алоҳида баробари қонунҳои умумии амалкард ва рушд дорои махсусиятҳое мебошад, ки бо шароити истеҳсолот, иқтидорҳои захиравӣ, менталитети аҳолӣ ва ғайра вобаста аст. Мақсади асосии идораи босамари рушди босуботи минтақаҳо, камкунии воситаҳои молиявӣ мебошад, ки барои муътадилгардонии ҳолати иқтисодӣ ва баландбардории сифати зиндагии аҳолӣ заруранд,.

«Рушди босубот» ҳамчун мафҳуми калидӣ дорои ду аломати асосӣ аст: якум- ҳифзи тамоюли пешравандаи тамаддуни инсоният (ҷомеа); дувум-ҳифзи муҳити зисти табиӣ, пеш аз ҳама биосфера. Ҳамин тавр, рушди босубот – ин рушди ҳамоҳангшудаи ҷамъият ва муҳити табиии иҳотакардаи он мебошад. Рушди босубот ҳамчун маркази низоми устувории рушд, зернизоми такрористеҳсолкунии захираҳои сифатӣ, баромад мекунад, ки дар байни онҳо асосиашон иқтидорҳои инсонӣ, ба ҳисоб меравад. Ин ташаккули сохтори босамари фазоии иқтисодии мамлакатро бо риояи баробарии манфиатҳои ҳамаи субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мекунад. Ҳамаи ин зарурати таҳия ва иҷро гардидани барномаҳои гузариш ба рушди босуботро барои ҳар минтақа дар назар дорад. Ҳамчунин муттаҳидгардонии минбаъдаи барномаҳои мазкурро ҳангоми таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди босубот пешбинӣ мекунад.

Омили муҳимтарини рушди иқтидорҳои инсонӣ ва таъмини рушди босуботи ҷомеа, сиёсати босамари иҷтимоии давлат мебошад, ки ба ташкили шароити зарурии таъминкунандаи расидан ба зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон нигаронда шудааст[68].Устувории иҷти-моии ҷамъият бо гузарондани сиёсати босамари иҷтимоӣ таъмин карда мешавад, ки меёърҳояш инҳоянд:

- иҷрои афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун шарти муҳимтарини рушди босуботи ҷомеа;

- кафолат ба озодии инсон ва ба истифодабарии озоди қобилияти меҳнатӣ ва зеҳнӣ, бо мақсади он ки шаҳрвандони қобили меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои худ ва оилаи хеш некуаҳволии моддиро таъмин созанд;

- пешбурди (дифференсиатсия) сиёсати дурусти иҷтимоӣ дар мавриди қишрҳои гуногуни аҳолӣ, ҳимояи суроғадори иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолӣ;

[68] Ганиев Т.Б. Теоретические основы управления эффективности развития человека в современном менеджменте организации//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2016. - № 3 (54). - С.36-43.

- ҷавобгарии якхела ва баробари ҳамаи субъектҳо (давлат, соҳибкорон, иттифоқҳои касаба, аҳолӣ) барои натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ;

- ҳуқуқ ва кафолатҳое, ки ба мустаҳкамкунии оила- бинои асосии ҷомеа нигаронда шудааст; рушди рӯҳию равонӣ, маданӣ, ахлоқии шаҳрвандон, пеш аз ҳама ҷавонон, муносибати эҳтиёткорона ба мероси таърихии гузаштагон ва ба идомати наслҳо, ҳифзи хусусиятҳои хоси анъанаҳои миллӣ.

Тибқи қавоиди Комиссияи Брундтланд, ки аксар вақт ба сифати қоидаи асосӣ дар адабиёти соҳавӣ ва ҳуҷҷатҳо мавриди истифода қарор мегирад, рушди босубот ин рушдест, ки дар он «таъмини талаботи замони имрӯза қобилияти наслҳои ояндаро барои таъмини талаботҳои худӣ аз байн намебарад».

Дар ин ҳолат Бонки Умумиҷаҳонӣ шарҳи нисбатан иқтисодии худро пешниҳод кардааст: рушди босубот ин раванди идораи муттаҳиди (портфел)-и активҳоест, ки ба ҳифз ва васеънамоии имкониятҳои мавҷудаи одамон равона шудааст.

Яке аз муҳаққиқони намоёни мушкилоти рушди ноосфера (ноосфера-ин соҳаи алоқамандии байниҳамдигарии табиат ва ҷомеа) А.Д. Урсул қайд кардааст, ки мафҳуми «рушди босубот»-ро зарур аст бо ёрии ду аломати калидӣ муайян кард: антропомарказӣ ва биосферамарказӣ. Аломати антропомарказӣ гуфта дар маънии васеъ зиндамонии инсоният (мамлакат) ва қобилият (имконият)-и он ба рушди доимии минбаъдаи анҷомнаёбанда (босубот), мунтазами дурударoз бо мақсади он ки насли оянда назар ба имрӯза оид ба таъмини талаботи худ дар шароитҳои табиӣ ва экологӣ имконияти камтар надошта бошанд, фаҳмида мешавад.

Аломати биосферагароӣ (дар умум экологӣ) мафҳумест, ки ҳифзи биосфера ҳамчун асоси табиии тамоми зиндагонӣ дар Замин, суббот ва эволютсияи табиии онро бо мақсади он, ки рушди минбаъдаи инсоният дар шакли экофобӣ нагузарад, мефаҳмонад[69].

Рушди босубот суботи иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиеро дар бар мегирад, ки бо роҳи идораи сарфакоронаи сармояи ҷисмонӣ, табиӣ ва инсонӣ (яъне, якҷоягии активҳо) ба даст меояд. Таъмини рушди босубот на танҳо сармоягузории муқаррарӣ ба экология, ё ягон намуд технологияро металабад, балки пеш аз ҳама навовариҳои иҷтимоӣ, ивази афзалиятҳо ва ҳадафҳои рушди тамаддунро талаб мекунад.

***Давраҳои асосии ташаккулёбии иқтисодии рушди босубот:***

Бояд гуфт, ки консепсияи рушди босубот таҳти роҳбарии Л. Р. Браун аз тарафи муҳаққиқони Институти мушоҳидаҳои умумиҷаҳонӣ (ш. Вашингтон) таҳия карда шудааст. Институти мазкур, ки соли 1975 таъсис ёфтааст, баъди нашри маҷмуаи ҳамасолаи «Вазъи олам» дар соли 1980 шуҳрат пайдо кард. Равиши пешниҳодгардида асоси маърӯзаи Комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд «Ояндаи умумии мо» (соли

[69] Урсул А.Д., Романович А.Л., Концепция устойчивого развития и проблема безопасности -М, 2001.

1987)-ро ташкил дод. Аз рӯйи ҷамъбасти кори комиссия дар саннаи 11 декабри соли 1987 Ассамблеяи Генералии ТДМ резолютсияи «Дурнамои экологӣ барои то соли 2000-ум ва барои минбаъда»-ро қабул кард, ки тибқи он рушди босубот бояд қоидаи роҳбарикунандаи фаъолияти ТДМ, ҳукуматҳо ва муассисаҳои хусусӣ, ташкилот ва корхонаҳо гардад.

Консепсияи рушди босубот аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати стратегияи марказии рушди инсоният эътироф гардидааст, ки ба паси сар намудани бӯҳрони умумиҷаҳонии экологӣ равона шудааст.

Рушди босуботи иқтисодӣ ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

- рушде, ки барои насли оянда хароҷоти иловагиро таҳмил намекунад;

- рушде, ки таъсири беруниро дар байни наслҳо ба дараҷаи камтарин мерасонад;

- рушде, ки такрористеҳсолкунии доимии муқаррарӣ ва ё васеи иқтидорҳои истеҳсолиро барои дурнамо таъмин мекунад;

- рушде, ки дар он инсониятро зарур меояд, ки танҳо аз ҳисоби фоизҳои аз сармояи табиӣ бадастомада, бидуни хароб намудани қобилияти азнавбарқароршавии онҳо, пешрафти иқтисодиро таъмин намояд.

Давраи аввал (солҳои 1950–1960) бо дарки таъсири хатарноки иқтисодиёт ба муҳити зист ва инсон, на танҳо ба таври алоҳида (локалӣ), балки дар миқёси ҷаҳонӣ, аз он ҷумла тавассути ифлоскунии химиявӣ ва радиатсионии муҳити зист алоқаманд аст. Ин давраи афзоиши хатари ядроӣ ва муҳокимаи имконпазири оқибатҳои фалокатбори истифодаи аслиҳаи ядроӣ, ҷамъшавии маълумотҳо оид ба таъсири манфии фаъолияти хоҷагӣ ба муҳити зист, бавуҷудоии фаҳмиши умумиҷаҳонии экологӣ ва ҳаракатҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Алоқамандии байни равандҳои рушди иқтисодӣ ва вайроншавии муҳити зист аллакай аз тарафи давлатҳо хуб дарк карда мешавад. Аммо ҳамаи ин асосан бо суханрониҳо оид ба зарурати баҳисобгирии манфиатҳои ҳифзи табиат дар раванди рушди иқтисодӣ маҳдуд мегардад.

Давраҳои асосии ин марҳала чунинанд:

• соли 1955- конфренсияи аввалини байналмилалӣ оид ба мушкилоти ифлосшавии ҳаво ҳамчун натиҷаи афзоиши марги одамон аз чангу ғубор дар шаҳрҳои калонтарини ҷаҳон;

• соли 1962- китоби нависанда Рейчел Карсон «Баҳори бесадо» («Silent spring») аз чоп баромад, ки бори аввал дар бораи хавфнокии пестисидҳои синтетикие, ки дар хоҷагии кишоварзӣ истифода мешаванд (аз он ҷумла ДДТ), нақл мекунад;

• соли 1962 - дар резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ аз 18 декабри соли 1962 (№1831 (XVII) «Рушди иқтисодӣ ва ҳифзи табиат» эътироф карда шуд, ки рушди иқтисодӣ, аз он ҷумла саноатикунонӣ ва шаҳршавӣ(урбанизатсия) метавонанд ба захираҳои табиӣ, флора ва фауна зиён расонанд (хусусан дар мамлакатҳои тараққикарда), аз ин рӯ, рушди иқтисодиро зарур аст, ки бо андешидани чорабиниҳо оид ба «ҳифз, барқароркунӣ, ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиат ва афзоиши ҳосилнокӣ» ҳамроҳ бошад.

Дар давраи дувум (солҳои 1960–1970) ба хулоса омада шуд, ки истифодаи аз ҳад босуръати (интенсивӣ) захираҳои табиат ва ифлоску-ниҳои бавуҷудовардаи рушди иқтисодӣ дар ниҳоят худи иқтисодро паршикаста мегардонад, пойгоҳи моддию захиравии онро аз байн мебарад ва дараҷаи некуаҳволии инсонҳоро паст менамояд.

Ҳамчунин фаҳмише ба миён омад, ки агар мушкилоти ифлос-шавӣ ва азбайнравии захираҳо хусусияти умумиҷаҳониро соҳиб шуда бошанд, он гоҳ барои ҳалли онҳо муттаҳидгардонии кӯшишҳои ҳамаи ҷомеаи ҷаҳонӣ зарур аст. Ғояи асосӣ дар марҳалаи зикршуда, барои ҳифзи захираҳои табиат ва муҳити мусоиди зисти инсон сарфакорона будани иқтисодиётро ҳисобидан мумкин аст. Ҳангоми назардошти чунин равиш нақши калидиро дар пешгирии тағйироти хавфноки муҳити зист банақшагирии илман асоснок ва танзими марказонидаи экологии рушди иқтисодӣ бозида метавонад[70].

Тасдиқи ба ном «ратсионализми маъмурӣ» дар соҳаи ҳифзи табиат дар ташкили институтҳои байналмилалӣ, миллӣ, минтақавии расмӣ, мақомот ва идораҳои махсусгардонида, рушди қонунгузориҳо, ва бамеъёрдарориҳо ифода ёфт.

Марҳалаҳои асосии дигар иборатанд аз:

• соли 1968- акси машҳури «Шарқ-Замин», ки ҳангоми атрофи Моҳро гаштани киштии кайҳонии «Аполлон-8» бардошта шуда буд ва ба яке аз рамзҳои эҳёи фаҳмиши умумиҷаҳонии экологӣ табдил ёфт, мебошад;

• соли 1972- маърӯзаи аввалини Клуби Рим- китоби «Ҳудудҳои рушд» аз чоп баромад, ки дар он натиҷаҳои моделикунонии экспоненсиалии афзоиши аҳолии ҷаҳон, саноатикунонӣ ва ифлосшавӣ, ҳамчунин афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва азбайнравии захираҳои табиӣ то соли 2100 инъикос ёфтааст;

• соли 1972- Конференсияии ТДМ оид ба мушкилоти муҳити зист дар Стокҳолм доир гардид; он нуқтаи гардишии низоми байналмил-алии ҳифзи муҳити зист мебошад; аз рӯйи ҷамъбасти конфренсия Декларатсияи Стокҳолм бо 26 қоида қабул карда шуд; дар охири соли зикршуда Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) таҳия гардид.

Марҳалаи сеюм (солҳои 1980–1990) бо он хусусияти худ фарқ мекунад, ки дар мамлакатҳои тараққикарда технологияҳои «сабз» хеле инкишоф ёфт. Дар ин давра ғояи модернизатсияи экологӣ фаъолона пеш гузошта мешавад. Заминаи асосии ғояи мазкур, мувофиқгардонии экологии рушди иқтисодиёт ва рушди саноатӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқи мақсад мебошанд (ё ҳатто манфиатоваранд), зеро ба сарфаи захираҳо имкон фароҳам меорад ва барои ширкатҳое, ки технологияи «сабз» ва инноватсияи истеҳсолиро ҷорӣ менамоянд, дар рақобат бартарӣ муҳайё мекунад. Ғояи мазкур дар бизнес – ҷомеа ва ҳам дар сатҳи Ҳукуматҳои давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда зуд ҷойи асосиро ишғол кард, чунки равиши

[70] Ганиев Т.Б., Ганиев Д.Т. Экологические проблемы устойчивого развития человеческих ресурсов в менеджменте//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/8-2 (100). - С.10-15.

мазкур зиддиятро дар байни манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ дар доираи низоми бозорӣ аз байн бурда, ин ҷиҳатро тасдиқ менамояд, ки имкон дорад зиёни экологиро аз рушди иқтисодӣ тавассути рушди технология ва паст кардани зарари қиёсӣ ба воҳиди маҳсулот ҷудо намояд.

Қобили қабул будани модернизатсияи иқтисодӣ ва сиёсиро дар сатҳи ҳукуматҳо дар ин давра бо мустаҳкамкунии сиёсати «дахлно-пазирӣ»-и давлат ба иқтисод дар мамлакатҳое чун ИМА ва Британияи Кабир «иқтисоди Рейган» ва «Тэтчеризм» алоқаманд кардан мумкин аст. Дар ин давра дар байни таҳлилгарон консепсияи рушди босубот ташаккул ёфт. Ин консепсия дар аввал дар натиҷаи мухолифати манфиатҳои давлатҳои тараққикардаи «Шимолӣ», ки мушкилоти экологиро ба рӯзномаи ҷаҳонӣ бароварданӣ шуданд ва мамлакатҳои тараққикардаи «Ҷанубӣ», ки ҳуқуқҳои худро барои рушди иқтисодӣ ҳимоя карданӣ мешуданд ва аз ҳимояи протексионистии талаботи экологии «Шимолиҳо» ҳарос доштанд, ба миён омад. Дар асоси ғояи рушди босубот сегонагии ҳадафҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии рушд қарор гирифтааст.

Давраҳои асосии он:

• соли 1987- Маърӯзаи комиссияи байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд (Комиссияи Брундтланд) ба чоп расид, ки дар он бори аввал шарҳи рушди босубот баён шуд; ғайр аз ин Комиссия қайд намуд, ки тағйирёбии иқлим танҳо мушкилоти экологӣ ба ҳисоб намеравад: ин аломати модели нодурусти энергетикӣ мебошад, энергия бошад, ин асоси тамоми иқтисод ба ҳисоб меравад.

• соли 1992 Конференсия оид ба муҳити зист ва рушд (Саммити Замин) дар Рио-де-Жанейро баргузор гардид, ки дар он ҳамчун ҳуҷ-ҷати асосии ҷамъбастӣ «Рӯзнома барои асри XXI» қабул гардида, ҳамчунин Комиссияи СММ оид ба рушди босубот таъсис дода шуд; конвенсияи байналмилалии дар Рио қабулшуда оид ба тағйирёбии иқлим ва ҳифзи гуногунрангии биологӣ уҳдадориҳои байниҳамди-гарии мамлакатҳои иштирокчӣ оид ба экологияро ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқ менамояд,аммо дар баробари ин онҳо дар навбати аввал хусусияти декларативӣ доранд ва муайянкунии нисбатан аниқи мақ-садҳо ва механизмҳои иҷрои онро талаб мекунанд;

• соли 1997- Протоколи Киото ба имзо расид, ки яке аз механизмҳои аввалини амалӣ мебошад. Он ба зиммаи мамлакатҳо ӯҳдадориҳои ҳуқуқиро оид ба ихтисорнамоии партовҳои газҳои буғхонагӣ дар муқоиса бо сатҳи соли 1990 мегузорад ва ташкили низоми тиҷорати партовҳоро пешбинӣ мекунад.

Ниҳоят давраи чорум (солҳои 2000–2010-ум) ин давраи мустаҳкамкунии консепсияи рушди босубот дар қонунгузориҳои байналмилалӣ ва миллӣ, дар муҳити бизнес, баҳсҳои ҷамъиятӣ ва ВАО мебошад. Ин давра бо таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи иҷтимоӣ фарқ мекунад.

Дар соҳаи экология ба манзари аввал мушкилоти тағйирёбии иқлим, ҳамчунин алоқаи он бо дурнамои рушди иқтисодӣ ва тараққӣ мебароянд. Бӯҳрони умумиҷаҳонии молиявию иқтисодӣ мушкилоти ноустувории ни-

зоми ҷаҳонии иқтисодиро ба таври нав инъикос намуд, нишон дод, ки «бозори озод» ба худтанзимкунӣ на танҳо ба манфиати ҳифзи захираҳои биосфера ва адолати иҷтимоӣ, балки барои таъмини муътадилии дарозмуҳлати иқтисодӣ низ омода нест[71].

Давраҳои асосии он:

• соли 2000- Саммити ҳазорсола (дар Ню-Йорк) гузаронда шуд ва Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРҲ), ки ба нигоҳдории қафомонии давлатҳои тараққикунанда оид ба сифати зиндагӣ равона шудааст, эълон гардид. Ин ҳадаф тавассути барҳамдиҳии камбизоатӣ ва гурус-нагӣ, васеъномоии дастрасӣ ба маълумот ва тандурустӣ, пасткунии нобаробарии моддӣ, васеънамоии ҳуқуқҳои занон, ҳифзи кӯдакон, ихтисори бемориҳо ва марг, ҳамчунин камкунии қарзи берунии мамлакатҳои дорои дараҷаи пасти шароити иқтисодию иҷтимоӣ, бояд амалӣ кунонда шавад;

• соли 2002- Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди босубот дар шаҳри Йоханнесбург («Рио+10») баргузор гардид; ба сифати шакли амалии ҳамкорӣ барои амалисозии ҲРҲ дар саммит дар бораи ташкили ба ном «ҳамкории шакли дувум» қарор қабул гардид; он иштироки нисбатан фаъолонаи сектори хусусӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар қабули қарорҳое, ки ба мушкилоти муҳимтарини рушд дахл доранд, пешбинӣ мекунад;

• соли 2006- Маърӯзаи Николас Стерн бо номи «Иқтисоди тағйирёбии иқлим» ба табъ расид», дар он нишон дода шудааст, ки арзиши оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим (то 5%-и ММД-и ҷаҳонӣ дар давраи наздиктарин ва то 15–20% то охири аср) аз хароҷоти зарурии чорабиниҳои фаврӣ барои пасткунии партовҳои буғхонагӣ хеле зиёд аст (тақрибан 1%-и ММД-и ҷаҳонӣ); маърӯзаи мазкур бо ин далелҳои худ вокуниши зиёдро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард;

• соли 2007-маърӯзаи чоруми гурӯҳи байниҳукуматии таҳлилга-рон оид ба масъалаҳои тағийрёбии иқлим (МГЭИК) ба табъ расида, дар он тасдиқ шудааст, ки тағйирёбии мушоҳидашавандаи иқлим «хеле эҳтимолпазир аст» ва (бо эҳтимолияти 90%) бо фаъолияти инсон алоқаманд аст. Ин дар навбати аввал бо инкишофи партовҳои антропогении газҳои буғхонагӣ аз оғози инқилоби саноатӣ алоқаманд аст;

• соли 2008- бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ шурӯъ шуд. Ҳукумати бисёр мамлакатҳо ба он бо қабули пакети ҳавасмандгар-донию муътадилгардонии иқтисод, ки таркиби ба ин ё он андоза каму бештари иқтисоди «сабз»-ро дар назар дорад, чорандешӣ намуданд: афзоиши шуғли аҳолӣ ва фаъолмандии иқтисодӣ аз ҳисоби сармоягузорӣ ба самаранокии захиравию энергиясарфакунандагӣ, ташкили реҷаи андозие, ки барои рушди секторҳои «сабз» мусоиданд ва монанди инҳо;

---

[71] Ганиев Т.Б. Угрозы кризиса мировой экономики и проблемы обеспечения безопасности развития национальной экономики//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2014. - № 2/11 (155). - С.25-29.

• соли 2009- Барномаи ТДМ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) ҳуҷҷатеро қабул кард, ки дар он бори аввал ғояи трансформатсияи низоми ҷаҳонии иқтисодиёт ба манфиати рушди экологии босубот ба таври бонизом сабт гардидааст; дар ин ҳуҷҷат, ки «Роҳи нави ҷаҳонӣ сабз» ном гирифт, ҳадаф ва вазифаҳои умумии ислоҳоти иқтисодҳои миллӣ, ҳамчунин низомҳои тиҷорати байналмилалӣ ва бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ тибқи назардошти таҳлилгарони Ташаббусоти ЮНЕП оид ба иқтисоди «сабз», ки яке аз нуҳ ташаббуси ТДМ дар ҷавоб ба бӯҳронҳои ҷаҳонӣ мебошад, муайян карда шудааст.

Маҷмаи Умумии СММ 21-уми декабри соли 2016 Қатъномаи A/RES/71/222-ро зери унвони "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028" қабул намуд. Чӣ тавре ки ба Шумо маълум аст, ташаббус оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар рафти Форуми 7-уми ҷаҳонии об дар Ҷумҳурии Корея ироа шуда буд.

Мутобиқи Қатъномаи мазкур (ОРЗ) давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилаии амал "Об барои рушди устувор" эълон мешавад, ки он аз 22-юми марти соли 2018 шурӯъ шуда, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад. (22-юми март Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об мебошад). Дар зимн бояд кайд кард, ки Президенти кишвари мо то ин дам як чанд икдомҳоеро ҷиҳати ҷалб кардани таваҷҷӯҳи оламиён ба масоили об амалӣ намудаанд.

Ҳамин тавр, масоли марбут ба истифодабарии оқилонаи захираҳои обӣ аз масоили мубрам ва печидаи ҷаҳони имрӯз ба шумор меравад. Новобаста аз мушкилоҳои дар ин самт мавҷудбуда ҷомеаи ҷаҳониро мебояд, ки дар кулли сатҳҳои идоракунӣ, бахусус сатҳи минтакавӣ аз усулхои замонавии истифодабари об бо таваҷҷӯҳ ба равишҳои асосии консепсияи рушди устувор баҳраварии самаранокро ба роҳ монанд. Ин масоил, албатта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз аҳамияти хос бархӯрдоранд, зеро кишвари мо дар саргаҳи рӯдҳои бузурге карор дорад, ки минтақаҳои зиёде аз оби он сероб мешаванд. Истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, дастрасии наслҳои оянда бо оби мусаффо ва энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъмин хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Алиева Р.Р. Сотрудничество Республики Таджикистан с Евросоюзом на пути к устойчивому развитию // Общественные науки. –М., 2011. - № 10. - С.127-139.
2. Берова Ф.Ж., Думанова А.Х., Яхутлова М.Л. Концепция устойчивого развития и его основные принципы// Экономика и управление. Экономические науки – М., 2012. - № 12(97). - С. 127.

3. Берова Ф.Ж., Думанова А.Х., Яхутлова М.Л. Концепция устойчивого развития и его основные принципы//Экономика и управление.Серия: Экономические науки. - М., 12(97). 2012. -С.127.
4. Велякин Ф. Демографическая катастрофа в России. URL: www.bg-znanie.ru/article.
5. Ганиев Т.Б. Теоретические основы управления эффективности развития человека в современном менеджменте организации//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2016. - № 3 (54). - С.36-43.
6. Ганиев Т.Б. Угрозы кризиса мировой экономики и проблемы обеспечения безопасности развития национальной экономики// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2014. - № 2/11 (155). - С.25-29.
7. Ганиев Т.Б., Ганиев Д.Т. Экологические проблемы устойчивого развития человеческих ресурсов в менеджменте//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/8-2 (100). - С.10-15.
8. Ганиев Т.Б., Ганиев Д.Т. Экологические проблемы устойчивого развития человеческих ресурсов в менеджменте//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2012. - № 2/8-2 (100). - С.10-15.
9. Данилов-Данильян В. Устойчивое развитие -проблема выживания человека // Человек. -М.,2003.-С. 57.
10. Данилов-Данильян В. Устойчивое развитие -проблема выживания человека // Человек. -М., 2003. - С.57.
11. Иванов П.М. Устойчивое региональное развитие: концепция и модель управления: материалы междунар. науч. конф. - Нальчик, 2005. -С.65.
12. Мадаминов А. Пути устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана// Международный сельскохозяйственный журнал. -М., 2006. - № 3. -С. 47.
13. Наше общее будущее: доклад Международной комиссии по окружающей среде и развитию (МКОСР). - М., 1989.- С. 58.
14. Общий и специальный менеджмент/под ред.А.Л.Гапоненко, А.Г.Панкрухина. - М., 2002. -С.87.
15. Процесс подготовки Экологической перспективы на период до 2000 г. и далее: резолюция Генеральной Ассамблеи ООН 38/161 от 19 декабря 1983 г. // V. Резолюции, принятые по докладам Второго комитета. (A/RES/38/161). URL: http://www.un.org/ru/.documents/index.html
16. Рахимов А.И. О состоянии водных Ресурсов Таджикистана//Проблемы региональной экологии. -М., 2011.- № 5. -С.139-142.
17. Урсул А.Д., Романович А.Л., Концепция устойчивого развития и проблема безопасности -М, 2001.

# НАҚШИ ШАБАКАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ТАШКИЛ ВА САМАРАНОК БАРГУЗОРИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

**Тулаев Ҷ.П. – ассистенти ДБССТ**
**Мирзоев Т.М. – ассистенти ДБССТ**

Рушди асосӣ дар омӯзиши забон бо ёрии компютер ин истифодаи васеътари компютер ҳамчун воситаи муошират мебошад. Ин, дар навбати худ, имкон медиҳад, ки шабакаҳои омӯзиши компютерии донишҷӯён дар дохили синф ё дар синфхонаҳо, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳоро мубодила мекунанд, мубоҳисаҳои электронӣ мегузаронанд, ки навиштани муштарак ва табодули байнифарҳангӣ ташкил мекунанд. Тарафдорони шабакаҳои омӯзиши компютерӣ мегӯянд, ки онҳо як воситаи олиҷаноб барои таҳкими муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар синф буда, дар натиҷа тавонмандии бештари хонандагонро ба вуҷуд меоранд. Шабакаҳои компютерӣ воқеан як воситаи муассир барои тавонмандсозии забоомӯзӣ мебошад:

Шабакаҳои омӯзиши компютерӣ имкон доранд ки донишҷӯён ҳангоми истифодаи дурусти онҳо тавонанд ва барои самаранок истифода бурдани шабакаҳои компютерӣ дар синфҳои компютерӣ забонҳои хориҷиро омӯзанд ва ба дигарон пешниҳодҳои педагогӣ пешниҳод намоянд.

Ҳадафи марказии равишҳои муосири таълими забон аз ҷумла таълими забони муоширатӣ омӯзиши вазифавӣ равишҳои равандӣ ба навиштан ва омӯзиш дар стратегияҳои омӯзиши забон мебошад.

Омӯзиши забонҳои компютерӣ, ки дар рӯзҳои аввали худ барномаҳои таълимии бартарӣ дошт низ ин ҳадафро қабул кардааст. Барномаҳои нави мултимедиявӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд ки интиҳобӣ бештар ва чандирии кор бо маводи таълимӣ дошта бошанд.

Барномаҳо аз қабилӣ коркарди матн ва нашри мизи корӣ барои расонидани дастурҳои умуман кӯшиш намекунанд балки ба ҷои он воситаеро фароҳам меоранд ки донишҷӯён фикру ақидаҳои худро баён кунанд.

Ин шабакаҳо аз муошırати комютерӣ (SMS) истифода мебаранд то ҷуфтҳо ва гӯруҳҳои донишҷӯёнро барои лоиҳаҳои омӯзишии муштарак дар як синфхона ё дар лабораторияҳои гуногун дар саросари ҷаҳон ҷамъ кунанд.

Шабакаи ҷаҳонии интернет - шабакаи компютерӣ мебошад ки бо компютерҳои ҷаҳон пайваст мебошад. Интернет аз шабакаи майдатари компютер сохта шудааст. Шабакаи компютери маълумотҳоро бо истифодаи интернет ва протоколи стандарти ки компютер онро мефаҳмад қабул ва интиқол менамояд. Таърихи пайдоиши интернет дар ИМА соли 1969 аз тарафи департаменти ИМА ки ARPA ном дошт сохта шудааст. Дар соли 1990 WWW (World Wide Web) дар Шветсария аз тарафи марди Бритониё ки Тим Бернерс – Ли ном дошт сохта шуда буд. Тим Бернерс – Ли ба даҳгонаи барномасозҳои ҷаҳон дохил мешавад. Имрӯз одамон метавонанд ба воситаи пул интернетро аз интернет провайдерҳо пайваст кунанд. Якчанд серверҳо ки интернет истифода

бурда мешавад бепул мебошанд. Номи альтернативи нет аз калимаи интер(нет) гирифта шудааст.

Таърихи пайдоиши интернет ва тараққиёти шабакаи Интернет зиёда аз 35 солро ташкил медиҳад. То миёнаи солҳои 70 ум бисёри аз созмонҳои ҳукумати лабориятория҆ҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳҳои кишварҳои мухталиф аллакай ба шабакаи компютерие, ки номи Arpanet ро гирифта буд пайваст шуда буданд, аммо шабакахои махаллии созмонхо дар платформахои гуногун кор мекардвнд ва ба иҷрои вазифаҳои махсус равона карда шуда буданд. Ҳамин тавр шабака барои артиши ИМА тавассути ширкати DEC, барои неруҳҳои ҳавои-тавассути ширкати IBM, шабака барои флоти ҳарби-тавассути ширкати Unisys насб карда мешуд. Тамоми шабакаҳо кор мекарданд, аммо ба забонҳои мухталиф "гуфтугу" мекарданд. Барои он ки шабакаҳои маҳалли бо якдигар якҷоя амал кунанд, лозим шуд, ки қарордодҳои (протоколҳои) байнишабакави, яъне забонҳои таҳия ва ба кор гузошта шаванд, ки компютерҳо дар вақти табаддули иттилоот аз онҳо истифода мекарданд. Соли 1974 Винт Серф (Vint Cerf) ва Боб Кан (Bob Kahn) мақолаеро бо номи "Қарордоди байнишабакавии интиқоли бастаҳои иттилоот (додаҳо)" (A Protokol fo Pocket Network Interworking) нашр карданд, ки дар он роҳҳо барои ҳалли ин масъала тафсил дода мешуданд. Соли 1982 бо таҳия шудани қарордоди TCP/IP ин масъала ҳалли худро пайдо кард. TCP – ин қарордоди идоракунии интиқол (Transmission Control Protocol) буда, IP-қарордоди Internet (Internet Protocol) мебошад. Бо пайдо шудани TCP/IP калимаи Internet, ки мухтасари калимаҳои Interconnected Networks (Шабакаҳои ба ҳам пайваскунанда) маъмул гардид. Вазорати мудофиаи ИМА баъдтар TCP/IP-ро (ба унвони) қарордоди стандартӣ барои шабакаҳои компютерҳои ҳарбӣ эълон кард. Ин қарודод дар системаҳои компютерии зиёд кор карданро шурӯъ кард, аз он ҷумла дар компютерҳои фардӣ ва он ба стандарти навъе барои интиқоли байнишабакавии иттилоот мубаддал шуд. Махз ба туфайлӣ қарордоди TCP/IP имрӯз ингуна инфраструктураи бузург ва мутараққие ҳамчун Internet сохта шудааст. Дар замони ҳозира TCP/IP бастае мебошад, ки зиёда аз садҳо қарордиҳандаҳои мухталиф иборат мебошад.Он шомили қарордодҳои сабти дастёбӣ, интиқоли файлҳо, индексатсия ва ҷустуҷӯи маълумот ва ғайраҳо мебошад.Анкабутхонаи умумиҷаҳонӣ - World Wide Web. Дар тарҷума аз забони англисӣ ибораи "World Wide Web" маънои "Анкабутхонаи умумиҷаҳонӣ"-ро дорад, ки онро ҳамчунин Web низ меноманд. Web-яке замимаҳои шабакаи сартосарӣ буда, шабакаи манбаҳои иттилоотие мебошад, ки дар компютерҳои махсуси пуриктидор ба ном сервисгирандаҳо (муштариҳо) ҷойгир шуданд, ки корбарони онҳо дастёбӣ ба манбаъҳои сервисдиҳандаҳоро ба даст меоварад.

Шабакаи компютерӣ дар баробари ин дар раванди таълим ниҳоят фаъолона истифода гардида, фаъолияти самараноки ин соҳаи муҳими ҷомеаро бе он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ҷадвали зер баъзе ҷабҳаҳои истифодаи онро дар раванди таълим дида мебарем.

**Ҷадвали 1. Ҷабҳаҳои истифодаи шабакаҳои компютерӣ дар раванди таълим**

| | Шарҳ |
|---|---|
| **Мубодилаи иттилоот** | Бо воситаи шабакаи компютерӣ байни донишҷӯён ва омӯзгор, ё ин ки донишҷӯён бо донишҷӯён мубодилаи иттилоот сурат мегирад. |
| **Раванди баргузорӣ ва ташкили дарс** | Истифода бурдани рӯнамо дастрас намудани иттилоот тариқи доскаи электронӣ, истифодаи системаҳои ҷустуҷӯӣ |
| **Системаи ягонаи иттилоотӣ** | Дар раванди қабули тестҳо, силлабусҳо маводҳои дарсӣ, холгузории донишҷӯён ва ғ. |
| **Иҷрои корҳои мустақилона** | Иҷрои корҳои мустақилона, бо истифодаи дастрасии маводҳои тариқи шабака истифодашаванд. |

Чи тавре дар ҷадвал дида мешавад, паҳлуҳои истифода ва нақши шабакаҳои комютерӣ ниҳояд зиёд буда, самаранокии азхудкунии фанҳои таълимӣ бе мавҷудияти он метавонад камтар гардад. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки синфхонаҳои компютерӣ ҳамеша бо шабакаи компютерӣ таъмин гардида, он мақсаднок дар раванди таълим истифода бурда шавад.

## АДАБИЁТ

1. Артамонова, Е.В. Информационные технологии в образовании: учебное пособие / Е.В. Артамонова. – М.: Издательство Юрайт, 2020. – 247 с.
2. Беспалько, В.П. Педагогика и информационные технологии / В.П. Беспалько. – М.: Издательство «Педагогика», 2019. – 208 с.
3. Давлатов, Р. Ҷ. Методикаи ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ бо ёрии барномаҳои компютерӣ / Р. Ҷ. Давлатов, М. Абдусамад // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021. – No 3(40). – P. 137-142. – EDN HHILVL.
4. Давлатов Р. Ҷ., Мирзоев М. А., Қурбонов С. М. Информатика ҳамчун воситаи ташкили фаъолияти таълимӣ.// Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами математика ва таълими он” бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020 – 2040) ва 70 – солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А. Э. Сатторов. Бохтар. 2020. – С.136)
5. Комилов Ф.С., Шарапов Д.С. Информатикаи татбиқӣ (Китобӣ дарсӣ барои мактабҳои олӣ) – Душанбе, Бахт 2009, - 364 с.
6. Шарапов Д,С., Қодиров А.Н., Гадоев А.Ф Технологияи иттилооти шабакавӣ Китобӣ дарсӣ, Душанбе 2014 . Нашриёти СИ Аҳмад Рӯзӣ, - 256 с.
7. Шарапов Д.С, Технологияи интернет дар сайёҳи. Душанбе Бебок 2013, - 256 с.

## РОЛЬ И МЕСТО АУДИО-ВИДЕОМАТЕРИАЛОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

**Разыкова М.Б. – аспирант кафедры теоретического и прикладного языкознания Российско-Таджикский (славянский) университет,**
**734025 Республика Таджикистан, Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30**
**E-mail: malika.razykova@gmail.com. Тел.: (992) 915-15-69-87**

Язык является важнейшим средством общения, без которого невозможно существование и развитие человеческого общества. В современном мире знаний только родного языка недостаточно, поэтому все больше внимания уделяется изучению иностранных языков в школе. Иностранный язык – обязательный предмет учебного плана, он изучается в течение многих лет, требует особой методики и мастерства преподавания от учителя, но овладение им вне среды языка представляет большую трудность. Немало усилий требуется от самого обучаемого, но большая часть отводится роли учителя. Для того чтобы сформировать стойкую положительную мотивацию учащихся в отношении иностранного языка, чтобы добиться наиболее оптимального уровня усвоения учебного материала учителю следует использовать нестандартные формы работы, включать в процесс обучения новые приемы и методы обучения иностранным языкам, обращаться к новым техническим средствам обучения.

Владение иностранным языком повышает уровень гуманитарного образования учащихся, способствует формированию личности и ее социальной адаптации к условиям постоянно меняющегося поликультурного, полиязычного мира. В современном мире знание иностранных языков является необходимостью, большей популярностью пользуется английский язык, так как имеет статус международного языка. Исходя из требований к современному образованию и необходимости выполнения социального заказа воспитания компетентной личности, каждый учитель вынужден решать многие задачи по поиску современных путей обучения, делая его увлекательным и соответствующим стандартам.

Несмотря на определенный прогресс (использование Internet, различных программ и т. д.), одной из трудностей обучения иностранному языку является весьма ограниченная возможность общения с носителями языка и использования навыков разговорной речи вне школы. Поэтому важной задачей учителя является создание реальных и воображаемых ситуаций общения на уроке иностранного языка с использованием различных приемов работы. Не менее важным также считается приобщение школьников к культурным ценностям народа-носителя языка. В этих целях большое значение имеют аутентичные материалы – видеофильмы и различные видеоматериалы. Их использование способствует реализации важнейшего требования коммуникативной методики – представить процесс овладения языком как постижение живой иноязычной культуры; индивидуализации обучения и развития и мотивированности речевой деятельности обучаемых [1, с. 21].

Современному преподавателю предоставляется возможность использования обширной номенклатуры технических средств обучения, среди которых самым доступным и распространенным, а также универсальным является ви-

деотехника, позволяющая использовать одновременно аудирование и видеоподдержку учебного материала. Можно отметить, что введение видео в процесс обучения меняет характер традиционного урока, делает его более живым и интересным. Также применение видео на уроках способствует расширению общего кругозора учащихся, обогащению их языкового запаса и страноведческих знаний.

Следует отметить, что видеофильм – это не только еще один источник информации. Использование видеофильма способствует развитию различных сторон психической деятельности учащихся, и прежде всего, внимания и памяти. Во время просмотра в классе возникает атмосфера совместной познавательной деятельности. В этих условиях даже невнимательный ученик становится внимательным, потому что для понимания содержания фильма учащимся необходимо приложить определенные усилия. Так непроизвольное внимание переходит в произвольное, а интенсивность внимания оказывает влияние на процесс запоминания. Использование различных каналов поступления информации (слуховой и зрительный каналы, моторное восприятие) положительно влияет на прочность запечатления страноведческого и языкового материала.

Таким образом, психологические особенности воздействия учебных видеофильмов на учащихся (способность управлять вниманием каждого учащегося и групповой аудитории, влиять на объем долговременной памяти и увеличение прочности запоминания, оказывать эмоциональное воздействие на учащихся и повышать мотивацию обучения) способствуют интенсификации учебного процесса и создают благоприятные условия для формирования коммуникативной (языковой и социокультурной) компетенции школьников [1, с. 22-23].

Видеофильм имеет довольно сильное эмоциональное воздействие на учащихся, влияет на формирование личностного отношения к увиденному. Еще одним преимуществом видеофильма является непосредственность изображения реальной действительности, особая манера общения ведущего со зрителями (если это телепередача или телешоу), использование крупного плана, ненавязчивое предъявление информации, красочность, наличие музыкального фона. При соприкосновении с происходящим на экране создаются условия наиболее приближенные к естественным (естественная языковая среда – совокупность речевых и неречевых условий, которые отражают быт, историю, культуру и традиции носителей языка в фактах данного языка) [2, с.220-221].

В отличие от аудио или печатного текста, которые могут иметь высокую информативную, образовательную, воспитательную и развивающую ценность, видеотекст имеет то преимущество, что соединяет в себе различные аспекты акта речевого взаимодействия. Помимо содержательной стороны общения, видеотекст содержит визуальную информацию о месте события, внешнем виде и невербальном поведении участников общения в конкретной ситуации, обусловленных зачастую спецификой возраста, пола и психологическими особенностями личности говорящих [3, с. 13].

Использование видео на уроках помогает решению следующих задач:

– повышение мотивации обучения;

– интенсификация обучения;
– активизация обучаемых;
– самостоятельная работа учащихся;
– повышение качества знаний учащихся.

Существует огромное количество видеоматериалов, которые можно использовать на уроках английского языка. Это могут быть рекламные ролики или интервью с известными людьми, мультфильмы или сюжет из мировых блокбастеров, фрагменты новостей и телепередач. В научно-методической литературе строгой классификации видеоматериалов не существует. Исходя из технической стороны, можно провести разграничение между видеозаписью, т.е. материалами, записанными на информационный носитель, и теми, которые непосредственно транслируются в эфир. Благодаря современным технологиям и Интернету, практически любую информацию можно найти в глобальной сети и записать на носитель.

**Литература**


1. Барменкова, О. И. Видеозанятия в системе обучения иностранной речи / О. И. Барменкова // Иностранные языки в школе. – 1999. – №3. – С. 20-25.

2. Практический курс методики преподавания иностранных языков / Андреасян И.М. [и др.]; под общ. ред. И.М. Андресян. – Минск: ТетраСистемс, 2009. – 288с.

3. Ганжара, И.В. Об опыте использования новых образовательных технологий при обучении иностранному языку в видеоклассе / И.В. Ганжара // Иностранные языки в РГГУ. – 2005. - URL: http://www.rsuh.ru/article.html?id=3614#21 (дата обращения: 13.05.2024)


## САРМОЯИ ИНСОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУАЙЯНКУНАНДА ДАР ПЕШБУРДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ


**Ҷобиров Д.М. – ассистенти ДБССТ**


Сармояи инсонӣ яке аз омилҳои муҳими иқтисод ба шумор рафта, пешрафти тамоми соҳаҳо ба ин нишондиҳанда вобастагӣ дорад. Аз ҷониби дигар, сармояи инсонӣ дар тамоми соҳаҳо амал карда, имрӯзҳо фаъолияти муваффақонаи самтҳои мухталифро дар бар мегирад.

Ҳамасола Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҷомеаи Тоҷикистон Паёми хешро, ки фарогири масъалаҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дастовардҳо мебошад, ироа менамоянд. Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат асосан фарогири муваффақиятҳои соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ, илму моариф ва дигар бахшҳои ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон буд. Дар баробари комёбиҳо, инчунин Президенти мамлакат ба баъзе камбудиҳои мавҷуда дар соҳаҳои мухталиф таваҷҷуҳ намуда, оид ба бартараф кардани мушкилиҳову камбудиҳо ва беҳтару хубтар гардонидани

шароити мусоид бахри рушди минбаъдаи онҳо ба сохторҳои давлатию ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Яке аз бахшҳои муҳимми Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тақвият бахшидани сармояи инсонӣ нигаронида шуда буд. Пешвои миллат зимни ироаи Паём қайд намуданд, ки “Рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад. Сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад”.  Сармояи инсонии ба соҳаи соҳибкорӣ арзиши ҳаҷми солонаи меҳнати зиндаи ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, коргарони асосӣ ва истеҳсолии он, хизматчиён, кормандони хурд, маъмурию идоракунӣ дар шароити муқаррарии фаъолияти истеҳсолӣ - ҳангоми пурра пур кардани иқтидори меъерии он мебошад.

Сармояи инсонии ба соҳаи соҳибкорӣ нигаронидашударо дар шакли системае тасаввур кардан мумкин аст, ки аз унсурҳои таркибӣ иборат аст:

**Расми 1.**




ҳамчун як ... ат, беҳтар кардани функсияи - қувваи корӣ, маҷмӯи хароҷот барои рушди иқтидори такрористеҳсоли баррасӣ карда мешавад. Тайи солҳои охир рушди рақамикунони боиси авҷи рушди соҳаи соҳибкори гаштааст, вале тамоми иқтисодиётро танҳо инсоният идора карда метавонаду халос айни ҳол рушди IT ва рақамикунонӣ дар ҳоли пешрафт мебошад. Рушди соҳаи соҳибкорӣ бошад ниёз ба рақамикунони низ дорад ҳамин аст ки тайи 10 соли охир бо пешрафти соҳаи рақамикунонӣ низ соҳаи соҳибкорӣ ба авҷи аъло боло рафтааст. Дар ҷадвали мазкур рушди соҳаи соҳибкориро 10 – соли охир метавон мушоҳида намуд.

**Ҷадвали 1.**

| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (Млн. сомонӣ) | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгуи маҳсалот | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| Маҳсулот и саноати | 79,5 | 92,5 | 113,1 | 116 | 116,3 | 128,6 | 156,3 | 163,6 | 170,5 | 182,3 |
| Истеҳсол и насоҷӣ | 0,07 | 0,09 | 0,08 | 0,09 | 0,12 | 0,8 | 0,9 | 1 | 1,2 | 1,1 |
| Истеҳсол и ҷуроб | 11132000 | 11688000 | 13009000 | 15090000 | 20029000 | 23894400 | 27613059 | 30889477 | 38828927 | 11132000 |

Дар рушди бонизоми иқтисодиёти мамлакат бахши хусусии соҳибкорӣ нақши созгор дорад. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Дар бораи низоми иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» дар кори рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Дар баробари ин шурӯъ аз соли 2007 Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шуда, он ҷиҳати таҳкими раванди беҳдошти фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам сохт.

Маҳз роҳандозии чораҳои мушаххас, аз қабили қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, бунёди заминаи мусоид дар самти дастгирии соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ ҳиссаи ин бахши муҳими иқтисодиётро дар ташаккули Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мунтазам афзуд ва он дар соли 2023 -юм 61,7 дарсадро ташкил дод. Агар дар соли 2013 даромади бахши хусусии соҳибкорӣ аз фурӯши маҳсулот 22 миллиарду 023,9 миллион сомонӣ ё 54,3 фоизро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2023 – 80 миллиарду 674,9 миллион сомониро дар бар мегирад.

Имрӯз бо мақсади рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва баррасии мунтазами масъалаҳои соҳа дар бисёре аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд. Тавре дар боло зикр намудем, ҳоло ҳиссаи бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии кишвар зиёда аз 61,7 фоизро ташкил додааст.

Дигар шудани муносибатҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама, муносибатҳое, ки дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ ба амал омадаанд, барои рушди иқтисодии мамлакат нақши хеле муҳим гузоштаанд. Ҳоло бо боварӣ метавон гуфт, ки соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ зина ба зина рушд меёбад.

Мутобиқи маълумотномаи пешниҳод гардида дар «Равзанаи ягона» то 1 апрели соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ 352 ҳазору 400 адад субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,8 фоиз зиёд мебошад.

Аз ин шумора 318 ҳазору 502 ададашро соҳибкорони инфиродии фаъолияткунанда ташкил медиҳад, ки ин нишондод дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 2,9 фоиз зиёд шудааст.

Аз инҳо 47 ҳазору 39 нафар тибқи патент, 57 ҳазору 989 нафар бо шаҳодатномаи дорои шартҳои махсус, 35 ҳазору 780 нафар бо шаҳодатнома ва 177 ҳазору 694 адад ҳоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

Инчунин, ба ҳолати 1 апрели соли 2024 аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор шахсони ҳуқуқии фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ 33

ҳазору 489 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,0 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра дар кишвар 409 адад филиал намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷии фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 1,7 фоиз зиёд аст.

Дар маълумоти оварда шуда тамоми субъектҳои фаъолияткунанда инсонҳо дониста мешаванд, ки соҳаи соҳибкориро ташкил медиҳанд. Боло рафтани фаъолияти соҳибкорӣ ба ба фароҳам овардани ҷойҳои нави кори мусоидати амиқ менамояд. Мутобиқи сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат айни ҳол соҳибмаълумоткунии аҳоли мебошад, ки ин то дараҷае ба боло рафтани рушди соҳаи соҳибкори инсонӣ ба шумор меравад.

**Адабиёт:**

1. Черемных Ю.Н. Микроэкономика. Продвинутый уровень: Учебник. – М.: НИЦ ИНФРА-М, 2015. – 844 с.
2. Быченко Ю.Г. Инновационный механизм устой- чивого развития человеческого капитала. – М.: LAP Lambert Academic Publishing, 2014. – 532 с.
3. Кузьмичев С.М. Актуальные вопросы понимания человеческого капитала и его роль в современных экономических процессах // Молодой ученый. – 2017. – № 28. – 63-64 с.
4. Нойманн Ф. Методика экономической оценки человеческого капитала // Государственное управ- ление: трансформационные процессы в современ- ном мире. Тезисы докладов международной на- учно-практической конференции. Ч. 2. – Минск: Академия управления при Президенте Республи- ки Беларусь, 2015. – 98 с.
5. Бахшиян Д.В., Зевеке О.Ю. Человеческий капитал – основной ресурс эффективного предприятия, как резонанс на вызовы современного мира // Эко- номика и менеджмент инновационных техноло- гий. – 2017. – №3 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://ekonomika.snauka.ru/2017/03/14317
6. Журавлева Г.П. Экономическая теория. Микро- экономика-1,2. Мезоэкономика: Учебник. – М.: Дашков и К, 2016. – 934 с.
7. Джейли Д.А. Микроэкономика: продвинутый уро- вень: Учебник / Д.А. Джейли, Ф.Д. Рени; Науч. ред. В.П. Бусыгина [и др.]. – М.: ИД ГУ ВШЭ, 2016. – 733 с.
8. Сомонаи расмии Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www. stat.tj.

# ТАЪСИРИ НИЗОМИ ПАРДОХТИИ ҒАЙРИНАҚДӢ БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

**Ваализода Ш.Ш. - унҷонҷӯи институти иқтисодиёт ва демографияи**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои минтақа ба марҳилаи нави рушд, яъне марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ қадам гузошта истодааст. Гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ дар амалишавии ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ нақши муҳим дошта, вазифаву нақшаҳои навро ба миён меоранд. Дар ин марҳила, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба тарзи истеҳсолот, истеъмолот ва додугирифти молу хизматрасониҳои кишварҳои ҷаҳон таъсири назаррас расонида истодааст. Кишварҳое, ки аз имкониятҳои иқтисодиёти рақамӣ ва тиҷорати электронӣ истифода бурда метавонанд, самараи хуби иқтисодӣ ба даст меоранд ва баракс.

Барои истифодаи самараноки имкониятҳои марҳилаи нави рушд, яъне иқтисодиёти рақамиву тиҷорати электронӣ ташкил намудани муҳит ва механизми мусоиди пардохтҳои рақамӣ ё худ ғайринақдӣ дар Тоҷикистон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқоти Созмони Миллали Муттаҳид зерин унвони «COVID-19 ва тиҷорати электронӣ» муайян намудааст, ки новобаста аз беҳтар гардидани вазъи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар даҳсолаи охир, тафовути имкониятҳои рақамӣ дар ҷаҳон дар сатҳи баланд боқи мемонад. Ҳоло ҳам, қариб нисфи аҳолии ҷаҳон ба интернет дастрасӣ надорад ва ҳиссаи ками одамон аз пардохтҳои рақамӣ истифода мебаранд [8].

Ба андешаи мо аз ҳама бештар аҳолии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳамсоли онҳо ба интернет дастрасӣ надошта, пардохтҳои ғайринақдиро кам истифода мебаранд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва густариши муносибатҳои молиявию иқтисодии рақамӣ, ҷорӣ гардидани механизмҳои нави амалигардонии амалиётҳо, авҷ гирифтани рақобат, марҳила ба марҳила татбиқ гардидани фишангҳои иқтисодиёти рақамӣ, паҳншавии бемориҳои сироятии ҷаҳонгир ва инкишофи савдои электронӣ давлатҳои ҷаҳон ба масъалаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва манбаи иловагии рушди иқтисодиёт диққати махсус дода истодаанд.

Дар ин радиф зарур аст, ки самтҳои асосии афзун намудани иқтидори иқтисодиёти миллӣ ба воситаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва иқтисодиёти рақамӣ дар шароити муосири Тоҷикистон пайгирӣ ва таҳқиқ карда шавад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ҷалб намудани пулҳои нақд ба низоми бонкӣ ва истифодаи онҳо барои рушди иқтисоди миллӣ бисёр муҳим мебошад. Барои иҷрои ин кор, яъне ҷалб намудани пулҳои нақд ба низоми бонкӣ ва истифодаи онҳо барои рушди иқтисоди миллӣ низоми пардохтии ғайринақдии мукаммал ва доиморушдёбанда зарур аст.

Ҳақиқатан таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ, афзоиши иқтидори истеҳсолии кишвар дар соҳаи саноат, кишоварзӣ ва энергетика мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ва тавсеаи истифодаи бештари он яке аз сарчашмаҳои назарраси рушди иқтисоди миллӣ шуда метавонад. Ин нуктаро тадқиқоти гузаронидаи Бонки Ҷаҳонӣ исбот намудааст ва дар идомаи кор онро шарҳ хоҳем дод.

Муҳим аст, ки нахуст тадбирҳои амалишудаи кишвар оид ба фароҳам овардани шароит барои рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ аз ҷониби аҳолӣ баҳо дода шавад.

Таҳия ва такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии низоми пардохтӣ, беҳтар намудани фазои инфрасохторӣ, татбиқи технологияҳои муосири молиявии рақамӣ дар низоми бонкӣ, ба фаъолият шурӯъ намудани низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) ва дар ин замина, омода намудани ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои пешниҳод намудани хизматрасониҳои босифат, саривақтӣ ва бехатари пардохтӣ ба шаҳрвандон, вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳо аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки барои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар то андозае мусоидат намуда истодаанд.

Дар натиҷаи амалигардонии тадбирҳои болоқайдшуда пардохти як қатор хизматрасониҳои пулакии давлатӣ, аз ҷумла ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, хизматрасониҳои коммуналӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, тандурустӣ, алоқаи телефони шаҳрӣ, хизматрасониҳои бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва идораҳои нотариалӣ, маблағҳои андоз ва дигар хизматрасониҳои давлатӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ имконпазир гардиданд.

Яъне, гуфта метавонем, ки барои рушди пардохтҳои ғайринақдӣ платформаи муосир ташкил шудааст, ки дар он ташкилотҳои қарзӣ, операторони пардохт ва агентҳои онҳо, ширкатҳои мобилӣ иштирок намуда, барои мизоҷон ҷиҳати анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои бонкӣ, низоми пардохтҳои фаврӣ ба воситаи телефотҳои мобилӣ, идоракунии фосилавии суратҳисоби бонкӣ, аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар гузаронидани маблағ ва пардохту интиқолҳои бурунмарзӣ шароити созгор фароҳам гардидааст.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда айни замон 80 фоизи пулҳои нақди миллӣ берун аз низоми бонкӣ қарор доранд. Ин нишондиҳанда дар Шветсия 3 фоиз, Ҷопон 7 фоиз, Қазоқистон 10,6 фоиз, Россия 21,6 фоиз ва Ӯзбекистон 26,6 фоизро ташкил медиҳад [2].

Нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки новобаста аз амалишавии баъзан тадбирҳо ҳоло ҳам аз ҷониби бахши хусусӣ ва аҳолӣ ба пардохтҳои нақдӣ афзалият дода мешавад. Сабабу омилҳои онро дар давоми кор таҳқиқ менамоем. Ба андешаи мо, роҳандозии тадбирҳои судманд ҷиҳати кам намудани ҳиссаи пулҳои нақд дар муомилоти пулии

Тоҷикистон имрӯзҳо бисёр муҳим аст, зеро зиёд гардидани пардохтҳои ғайринақдӣ ба афзоиши дороиҳои бонкӣ, манбаъҳои андозбандишаванда, кам гардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Дар ин замина, аз ҷониби мо самтҳои зерини афзун намудани иқтидори иқтисодиёти миллӣ ба воситаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ пешниҳод карда мешаванд. (Расми 3.7)




**Расми 3.7. - Самтҳои зерини афзун намудани иқтидори иқтисодиёти миллӣ ба воситаи рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ.**

**1. Кам намудани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ.** Дар низоми иқтисодиёти ҳамаи давлатҳои ҷаҳон фаъолиятҳое мавҷуданд, ки дар доираи қонунгузории ин кишварҳо танзим карда намешаванд, ки онро иқтисодиёти ғайрирасмӣ меноманд. Бо назардошти рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва бештар татбиқ гардидани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, ҳиссаи ин қисмати иқтисодӣ дар мамлакатҳои пешрафта хурд дар кишварҳои камтараққиву рӯ ба инкишоф калонтар аст.

«Иқтисоди ғайрирасмӣ» (informal economy) қисмати ниҳонӣ ё мушоҳиданашавандаи иқтисоди миллист, ки аз фаъолияти иқтисоди таркиб ёфта, мутобиқи талаботи Низоми ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) бояд андозагирӣ шавад, вале бо сабабҳои номаълум андозагирӣ карда намешавад [4. – С. 98].

Одатан, ба таркиби он се категорияи зерини фаъолияти иқтисодӣ шомиланд:

- фаъолияти иқтисодии аз ҷониби мақомоти андоз ва омор ба ҳисоб нагирифтае, ки бо пешниҳоди маълумоти қасдан таҳрифшудаи молиявӣ ва ҳисобдорӣ бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти андозҳо, пардохтҳои таъиноти иҷтимоӣ, пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, инчунин, сарфи назар намудани талаботу қоидаҳои маъмурӣ (масалан, қоидаҳои литсензиякунонӣ ва сертификаткунонӣ) алоқамандӣ доранд;

- фаъолияти иқтисодии аз ҷониби мақомоти омор ва назораткунанда ба ҳисоб нагирифтае, ки бо фарзияи ночиз ё камтаъсир будани андозаи онҳо иртибот дорад. Аз ҷумла, ба шумори ин фаъолият - истеҳсоли молҳо ҷиҳати истеъмоли ниҳоии худӣ, инчунин, даромад аз бартер ва пардохти музди меҳнат дар ифодаи молӣ шомиланд.

- фаъолияти иқтисодии бо ҷинояткорӣ ва қонунвайронкуниҳо алоқаманд, ки аз ҷониби мақомоти омор ва назораткунанда ба ҳисоб гирифта нашудааст [10. – С. 40].

Дар шароити имрӯза дар бахши иқтисоди ғайрирасмии ҷаҳон ҳар рӯз тақрибан 10 триллион доллари ИМА арзиши иловашуда истеҳсол шуда, вале дар ҳисоботҳои муҳосибии корхонаҳо ва мақомотҳои оморӣ ба қайд гирифта намешаванд.

Дар шароити имрӯзаи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ барои чунин иқтисодиётҳои хурду кушоде чун иқтисоди миллии Тоҷикистон зарурати арзёбии фаврии омилҳои дохила ва берунатаъсир ба иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва ҳисобу китоби аниқи дороиҳову захираҳои мавҷуда барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ мубрамияти хос касб мекунад.

Дар шароити рушди технологӣ танҳо бо роҳи ташкили низоми иттилооти дақиқ, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва истифодаи васеи пардохтҳои ғайринақдӣ, ташкили низоми муосири баҳисобгириву ҳисобдорӣ, нишондиҳандаҳои дақиқи оморӣ имкон аст, ки сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ коҳиш ёбад ё танзим карда шавад.

Ҳамзамон, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии тамоми пардохтҳои давлатию ғайридавлатӣ дар навбати аввал ба расмикунонии «иқтисоди ғайрирасмӣ» оварда расонида, ҷомеаро аз омилҳои номатлубе чун «коррупсия» раҳо бахшида, бо назардошти фароҳамоварии шароити баробари рақобат дар бозор барои рушди бахши хусусӣ, афзуншавии пояи андозбандишавандаи иқтисод, афзуншавии қисми даромади Буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ ба баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии мардум мусоидат мекунад.

Олимон, коршиносон, мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои байналмилалӣ солҳои тӯлонӣ масъалаи кам намудани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва роҳҳои пешгирии онро пайгирӣ намуда истодаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои зиёд олимон, коршиносон, мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои байналмилалӣ ба хулосае омаданд, ки дар шароити рушди муносибатҳои иқтисоди бозорӣ пурра аз байн бурдани иқтисодиёти ғайрирасмӣ ғайриимкон буда, бо татбиқи механизмҳои муосири иқтисодию иҷтимоӣ танҳо имконияти паст намудани сатҳи он вуҷуд дорад.

Ассотсиатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ (АССА) соли 2017 оид ба баҳодиҳӣ ва муайян намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ҷаҳон таҳқиқот гузаронида, 2 гурӯҳи омилҳои ба рушди иқтисодиёти ғайрирасмӣ таъсиррасонандаро муайян намуд.

Ба якум гурӯҳ омилҳои иқтисодию тиҷоратӣ, иҷтимоию демографӣ ва иҷтимоию давлатӣ дохил шуда, омили дуюм илмию технологӣ мебошад. Аз

ҳама бештар ба рушди иқтисодиёти ғайрирасмӣ омилҳои иқтисодӣ таъсири зиёд мерасонанд, ки ба онҳо сатҳи сарбории андоз, сатҳи пасти рушди иқтисодӣ дар маҳалҳо, низоми душвори андозбандӣ, суст гардидани рушди иқтисодии ҷаҳон ва осонии кор дар бахши ғайрирасмӣ шомиланд.

Ба гурӯҳи омилҳои тиҷоратӣ – сатҳи фишоровариии мақомоти давлатӣ ба фаъляияти соҳибкорӣ ва рақобати шадид дар тиҷорат дохил мешавад. Ба гурӯҳи омилҳои иҷтимоию демографӣ – сатҳи баланди бекорӣ, камбизоатӣ, коррупсия ва сатҳи пасти дастрасӣ ба таҳсил дохил мешавад [11].

Таҳқиқотҳои гузарониданшудаи коршиносон нишон медиҳанд, ки дар маҷмӯъ сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо дода мешавад, аз ҷумла:

- маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- сатҳи бекорӣ;
- андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ;
- сатҳи коррупсия;
- саҳми андозҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

Коршиносони Ассотсиатсияи байналмилалии муҳосибони касбӣ (АССА) барои кам намудани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ андешидани тадбирҳоро дар самтҳои зерин тавсия додаанд.

-паст намудани сатҳи коррупсия;
-расмикунонии бахшҳои ғайрирасмии иқтисодиёт;
-баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ;
-пурзӯр намудани назорати андозӣ (бахусус дар корхонаҳои бузург);
-истифодаи технологияҳои муосир оид ба назорати сатҳи истеҳсоли мол ва истеъмоли хонаводаҳо;
-зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ;
-паст намудани сатҳи камбизоатӣ;

Тавре маълум аст, ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониҳо ҷараёнҳои молиявии соҳибкоронро шаффоф гардонида, манбаи андозбандиро зиёд менамояд. Аз ин лиҳоз, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти соҳибкорон кӯшиш менамоянд, ки аз қабул намудани кортҳои пардохтӣ ва дигар воситаҳои электронии пардохтӣ худдорӣ намуда, ҳисоббаробаркуниро бо пули нақд анҷом диҳанд.

Коршиносон ба он назаранд, ки дар кишварҳое, ки истифодаи пардохтҳои нақдӣ бештар аст дар он кишварҳо сатҳи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ мушоҳида мешавад.

Дар асоси тадқиқоти гузаронида таҳти унвони «Сояи дарози иқтисодиёти ғайрирасмӣ, мушкилот ва стратегия» гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ муайян намудааст, ки дар кишварҳои гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва кишварҳои рушдкардаистода 70 фоизи машғулбудагон ва аз се як қисми ММД ба бахши иқтисоди ғайрирасмӣ рост меояд, ки ин барои барқарорсозии иқтисодиёт ва рушди фарогири ин кишварҳо монеаи ҷиддӣ мебошад [3].

Мавҷудияти чунин ҳаҷми фаъолияти иқтисодиёти ғайрирасмӣ қобилияти иқтисодии ин кишварҳоро барои ҷамъоварии саривақтии воситаҳои буҷетӣ, ки барои дастгирии иқтисодиёт дар ин давраи ҳасос зурур мебошад, амалигардонии сиёсати самараноки макроиқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонӣ барои давраи дарозмӯҳлат маҳдуд менамояд.

Дар кишварҳое, ки сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз сатҳи миёна зиёд мебошад, ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатии онҳо тақрибан 20 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад, ки ин 5-12 фоиз аз нишондиҳандаи кишварҳои дорои сатҳи пасти иқтисодиёти ғайрирасмӣ кам мебошад.

Аз рӯи тадқиқоти мазкур маҳз рушд накардани низоми молиявӣ, бахусус низоми бонкӣ, низоми пардохтии ғайринақдӣ яке аз омилҳои паҳн гардидани иқтисодиёти ғайрирасмӣ буда, имкониятҳои бонки марказӣ ва Ҳукуматро барои дастгирии иқтисодиёт маҳдуд месозад.

Кишварҳои дорои сатҳи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ асосан ба мушкилоти сатҳи пасти рушди иқтисодӣ, сатҳи пасти даромад ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи баланди қашоқӣ, нобаробарии даромадҳо, ношаффофии бозори молия, бахусус низоми бонкӣ, сатҳи пасти ҷалби сармоя ва мушкилоти бисёр дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор рӯ ба рӯ ҳастанд ва мемонанд [9].

Сатҳи аз ҳама зиёди иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар кишварҳои рушдкардаистода ба назар мерасад, зеро дар ин кишварҳо масъалаи рушди низоми бонкӣ, механизми назорати технологӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва дигар омилҳое, ки ба коҳишёбии иқтисодиёти ғайрирасмӣ мусоидат мекунанд ба таври зарурӣ ҳалли худро наёфтаанд [1].

**Ҷадвали 3.1. - Сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз рӯи кишварҳо (бо фоиз нисбат ба ММД ба ҳолати соли 2021)**

| **Кишварҳои дорои сатҳи баланди иқтисодиёти ғайрирасмӣ, бо фоиз нисбати ММД** | | **Кишварҳои дорои сатҳи пасти иқтисодиёти ғайрирасмӣ, бо фоиз нисбати ММД** | |
|---|---|---|---|
| Гурҷистон | 64,87 | Шветсария | 7,24 |
| Озарбойҷон | 52,19 | ИМА | 8,34 |
| Белорусия | 44,52 | Австрия | 8,93 |
| Тоҷикистон | 42,99 | Ҷопон | 10,41 |
| Арманистон | 42,59 | Нидерландия | 10,77 |
| Қазоқистон | 38,88 | Британияи Кабир | 11,08 |
| Россия | 38,42 | Зерландияи Нав | 11,7 |
| Қирғизистон | 37,92 | Сингапур | 11,9 |
| Покистон | 33,1 | Олмон | 11,97 |
| Ӯзбекистон | 48,7 | Австралия | 12,06 |

**Сарчашма: дар асоси маълумоти таҳлили Фонди байналмилалии асъор тахти унвонӣ “Иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ҷаҳон: Мо чиро омӯхтем дар 20 соли охир” [12].**

Тавре нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.1 маълум менамояд дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодию технологӣ рушдкарда сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ 7-12 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ин кишварҳо Швейтсария, США, Ҷопон, Германия ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Таҳлилҳои мо нишон дод, ки дар кишварҳои номбурда истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ 80-98 фоизро ташкил медиҳад ва ҳамин омил ба қоҳишёбии сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва рушди устувори иқтисодӣ таъсир расонидааст.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи ҳисоботҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ бо усули ғайримустақим (тадқиқотҳои оморӣ, бозҳисобӣ ва пурсиш) муайян карда мешавад. Мутаассифона, маълумотҳои омории мавҷуда имкон намедиҳанд, ки сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ ба таври зарурӣ муайян ва ҳисоб карда шаванд.

**Диаграммаи 3.1. - Ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар сохтори ММД барои солҳои 2008-2021 (бо фоиз), таҳияи муаллиф аз рӯи маълумотҳои расмии оморӣ**




**Сарчашма: маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тибқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар сохтори ММД сол ба сол рӯ ба қоҳишёбӣ дошта, аз 22,4 фоизи соли 2010-ум дар соли 2021 то 14,1 фоиз кам гардидааст [6].

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 3.3 дар соли 2021 нишондиҳандаи аз ҳама баланди фаъолияти ғайрирасмӣ дар соҳаҳои нақлиёт 4,5 фоиз, савдо 3,0 фоиз, сохтмон 2,8 фоиз ва саноату энергетика 1,9 фоиз ба назар мерасад. Фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ дар соҳаи савдо аз 8,7 фоизи соли 2010-ум дар соли 2021 то 3,0 фоиз кам гардида, соҳаи саноат аз 2,0 фоизи соли 2010-ум дар соли 2021 то 4,5 фоиз расидааст.

Мутобиқи маълумотҳои расмии оморӣ дар соли 2021 аз рӯи ҳаҷм фаъолияти иқтисодии ғайрирасмӣ 11,0 млрд сомониро ташкил додааст, ки ин ба 14,2 фоиз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 –ум 9,8 млрд. сомониро ташкил медод [6].

**Ҷадвали 3.3. - Сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ аз рӯи соҳаҳо бо назардошти бозҳисобии хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар солҳои 2010-2021 (бо фоиз нисбат ба ММД)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо |
|---|---|

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Соҳаҳо | | | | | | | | | | | | |
| Саноат, якҷо бо энергетика | 2,2 | 4,0 | 3,6 | 3,5 | 2,7 | 2,4 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 1,7 | 1,9 |
| Кишоварзӣ | 5,2 | 2,9 | 4,0 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Сохтмон | 0,6 | 0,7 | 1,9 | 1,4 | 3,8 | 3,9 | 2,9 | 3,2 | 3,0 | 2,9 | 2,9 | 2,8 |
| Савдо | 8,7 | 8,3 | 9,4 | 7,7 | 5,8 | 5,3 | 3,9 | 3,2 | 3,0 | 2,9 | 3,0 | 3,0 |
| Нақлиёт | 2,0 | 2,8 | 1,4 | 5,4 | 7,5 | 6,2 | 5,6 | 4,9 | 5,0 | 4,4 | 4,6 | 4,5 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | 2,6 | 3,6 | 2,8 | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Тандурустӣ | 0,4 | 0,5 | 0,9 | 0,9 | 0,2 | 0,5 | 0,2 | 0,3 | - | 0,2 | 0,3 | 0,2 |
| Маориф | 0,7 | 1,1 | 0,4 | 1,7 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 0,5 |
| Хизматрасониҳои коммуналӣ ва иҷтимоӣ | - | - | - | 0,8 | 1,3 | 2,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,2 | 1,3 | 1,3 |
| Ҳамагӣ | 22,4 | 23,9 | 24,4 | 21,4 | 21,9 | 21,6 | 16,3 | 15,3 | 14,9 | 14,2 | 14,3 | 14,1 |

**Сарчашма: маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Агар тибқи маълумотҳои расмии оморӣ ҳамасола ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар ММД ба ҳисоби миёна 14 фоизро ташкил диҳад, аз рӯи ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон ба зиёда аз 40 фоизи ММД баробар аст, яъне аз 15 то 40 фоизи манбаъҳои андозбандишаванда аз андозбандӣ дур мондаанд.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд яке аз омилҳои асосии паст будани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар кишварҳои пешрафта, ин сатҳи баланди рушди низоми бонкӣ, бахусус рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла савдо ва хизматрасониҳо, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва сатҳи баланди мафкураи техникию технологии шаҳрвандони онҳо мебошад.

Яке аз роҳҳои имконпазир ва тибқи таҷрибаи байналмилалӣ санҷидашуда дар самти кам намудани ҳиссаи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шаффоф гардонидани амалиётҳои иқтисодӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тавсеа ва рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ, инчунин низоми иқтисоди рақамӣ мебошад.

Рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили инкишофи низоми молиявӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети кишвар нақши муҳим дорад. Истифодаи ҳатмии воситаҳои электронии пардохтӣ ҳангоми хариди молу хизматрасониҳо ба шаффоф гаштани ҷараёнҳои молиявӣ, коҳиш ёфтани ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ, афзоиши воридоти маблағҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, инчунин ба зиёдшавии ҳаҷми амонатҳо мусоидат менамояд.

**2. Кам намудани ҳиссаи пулҳои нақдӣ берун аз бонкҳо дар ҳаҷми умумии пули миллӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ, аз

ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ, пайвасти низоми бонкӣ бо низомҳои байналмилалии хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ низоми пардохтии ғайринақдӣ ва дар ин замина татбиқи иқтисодиёти рақамӣ тавассути амалигардонии консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.

Ҷиҳати дастгирӣ ва ҳавасманд намудани шахсони воқеӣ оид ба вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ мутобиқи моддаҳои 189 (озодкунӣ аз андоз) ва моддаи 191 (тарҳкуниҳои шахсии шахсони воқеӣ)-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 3 ноябри соли 2021, № 549 аз маблағи бонусҳо, «Cash back» (кэшбэк – навъи ҳавасмандгардонӣ, ки ҳангоми пардохт намудани арзиши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) тавассути ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ (аз ҷумла воситаҳои электронии пардохт, кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) фоизи муайян аз маблағи пардохтшуда ё маблағи устувор аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ ва (ё) фурӯшанда ба мизоҷ баргардонда мешавад) ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, андоз аз даромади шахсони воқеӣ ситонида намешавад.

Ба шахсони воқеӣ ҳангоми амалӣ намудани хароҷот дар шакли ғайринақдӣ, аз ҷумла тавассути суратҳисобҳои бонкӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андозаи 10 фоизи маблағи умумии даромади гирифташуда, вале на зиёда аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол тарҳ намудани чунин хароҷот дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда (расид, (чек) ё ҳуҷҷати дигари бонкӣ) бо тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад [5].

Дар ин замина аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ мунтазам чораҳои ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ва анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла пешниҳоди «Cash back», яъне баргардонидаи маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисобҳои кортҳои пардохтӣ ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ татбиқ гардида истодаанд.

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, ҳоло ҳам ҳиссаи пардохтҳои нақдӣ дар ҳаҷми умумии пардохтҳо ва ҳиссаи пулҳои нақдӣ берун аз бонкҳо дар ҳаҷми умумии пули миллӣ зиёд аст.

Тавре дар боло қайд карда шуд, дар бештари давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон 90 фоизи пардохтҳо тариқи ғайринақдӣ бо истифода аз технологияҳои муосири электронӣ ва воситаҳои фосилавии пардохтии ғайринақдӣ амалӣ мешаванд. Аммо дар Тоҷикистон тақрибан 90 фоизи аҳолӣ пардохтҳои худро тариқи нақдӣ анҷом дода, зиёда аз 80 фоизи пулҳо берун аз низоми бонкӣ қарор доранд.

Дар робита ба ин, ҳануз соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ таъкид намуда буданд, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, вазъи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва истифодаи низоми пардохт, аз ҷумла терминалҳо ва муассисаҳои савдою хизматрасонӣ аз тарафи аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дорад ва на ҳамаи бонкҳои кишвар чунин хизматрасониро ба таври кофӣ пешниҳод менамоянд [7].

**Диаграммаи 3.2. - Ҳиссаи пулҳои нақдию ғайринақдӣ дар кишварҳои минтақа ва Тоҷикистон барои соли 2021 бо фоиз.**




**Сарчашма: Маълумотҳои омории давлатҳои номбаршуда**

Бинобар ин, Бонки миллиро вазифадор намуда буданд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин дар ин самт, бахусус ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати мамлакат «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробар-кунии ғайринақдӣ» чораҷӯӣ намояд.

Вале, то кунун кушишҳо дар самти зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ самара надода, вазъ тағйир наёфтааст ва ҳиссаи пулҳои нақд берун аз бонкҳо дар Тоҷикистон нисбат ба давлатҳои минтақа дар сатҳи баланд боқи мемонад.

Тавре аз диаграммаи 3.2 бармеояд дар Тоҷикистон бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда айни замон ба ҳолати соли 2021-ум 82,6 фоизи пулҳои нақди миллӣ берун аз низоми бонкӣ қарор доранд. Ин нишондиҳанда дар Шветсия 3 фоиз, Ҷопон 7 фоиз, Қазоқистон 12,3 фоиз, Россия 18,7 фоиз ва Ӯзбекистон 20,4 фоизро ташкил медиҳад. (Расми 3.10)

**Диаграммаи 3.3. - Ҳиссаи пулҳои нақдию ғайринақдӣ дар ҳаҷми умумии пули миллӣ баъзан кишварҳо бо фоиз барои соли 2022**




**Сарчашма: Маълумотҳои омории давлатҳои номбаршуда**

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои пешрафта дар самти пардохтҳои ғайринақдӣ тайи солҳои охир бо пайваста андешидани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва маҳдуд сохтани истифодаи пули нақд дар муомилот, ҳиссаи пулҳои нақд дар ҳаҷми умумии пули миллӣ раванди коҳишёбӣ дорад.

Аз ҷумлаи тадбирҳои андешидаи ин кишварҳо инҳоанд:

- пайваста такмил ва таҳким намудани заминаи ҳуқуқӣ ва методологие, ки истифодаи шаклҳои электронии воситаҳои пардохтро ба танзим медарорад;

- барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ (барои мисол: дар Русия 600 ҳаз. рубл, Беларуссия 150 ҳаз. рубл, Дания 10000 ҳазор крон, дар Белгия ва Фаронса 3000 евро, дар Итолиё 1000 евро, Испания 2500 евро барои резидентон ва 15 000 евро барои ғайрирезидентон, Чехия 350000 крон, Булғория 10 ҳаз. лев, Юнон 1500 евро);

- ҳатмӣ гардонидани интиқоли музди меҳнат, нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо танҳо ба кортҳои бонкӣ;

- ҷорӣ намудани ҷарима ҳангоми иҷро нагардидани талабот оид ба истифодаи ҳатмии пардохтҳои ғайринақдӣ.

Дар маҷмуъ, зиёд будани ҳиссаи пулҳои нақд дар муомилоти пулии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ зиёд аст ва имкониятҳои андозбандишаванда пурра истифода намегарданд.

Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани вазъи иқтисоди миллӣ, рушди низоми пардохтии ғайринақдӣ ва пешгирии таъсири манфии иқтисоди ғайрирасмӣ, амалӣ намудани тавсияҳо ва пешниҳодҳои мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад:

-таҳия намудани Барномаи миллии барасмиятдарории иқтисоди ғайрирасмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бо ҷалби шарикони рушд;

-коркарди модели нави ҳисоби (ченкуни) сатҳи иқтисоди ғайрирасмӣ ба монанди модели MIMIX;

-ҷорӣ намудани ҳисоби дурусти муҳосибӣ ва молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботҳои молиявӣ дар корхонаҳо навобаста аз шакли моликият;

- татбиқи пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳибобаробаркунии ғайринақдӣ» аз 30 ноябри соли 2018, №565;

- танҳо ба тариқи ғайринақдӣ ба роҳ мондани пардохти андозу боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, хариду фурӯши амвол, пардохти молу хизматрасониҳо дар марказҳои савдою хизматрасонӣ;

- тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ барои шахсони воқеӣ ҳаҷман маҳдуд намудани пардохтҳои нақдӣ дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ.

Тадбирҳои мазкур имкон медиҳанд, ки тамоми манбаъҳои андозбандишаванда ба андозбандӣ фаро гирифа шаванд ва дар ин замина сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ ба маротиб кам гардад, ки ин барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд.

**Адабиёт**


1. Буров В.Ю., Худайназаров А.К., Маматкулов И.А. Теневая экономика в Узбекистане: оценка её размера и структуры на основе выборочного опроса предприятий // Теневая экономика. – 2020. – Том 4. – № 1., https://mineconomy.uz/, https://www.kt.kz/
2. В Таджикистане для безналичных расчетов активно внедряют малозатратные QR-коды/ Елена БАТЕНКОВА, НИАТ «Ховар» 19-07-2022.
3. Длинная тень неформальной экономики: проблемы и стратегии/ www.vsemirnyjbank.org /ru/news/press-release/2021/05/11/widespread-informality-likely-to-slow-recovery-fromcov id-19-in-developing-economies/
4. Зарубинский В.М., Семеренко К.А. Новые подходы к определению уровня теневой экономики // Теневая экономика. – 2021. – Том 5. – № 2. – С. 95-112.
5. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 3 ноябри соли 2021, № 549
6. Маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори иқтисодиёти мушоҳиданашаванда дар нишондиҳандаи кӯтоҳмудати рушди иқтисодӣ.
7. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.president. tj.
8. COVID-19 и электронная торговля / глобальный обзор / united nations -2021 / p 17

9. Тадқиқоти гузаронидаи гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони «Сояи дарози иқтисодиёти ғайрирасмӣ, мушкилот ва стратегия»/ https://www.Vsemirnyjbank.org/ ru/home.

10. Титов В.Н. Неформальная экономика как подсистема рыночного хозяйства. М, 2008. - С. 40.

11. https://www.rbc.ru/ Основные критерии для оценки теневой экономики на современном этапе

12. https://www.imf.org/en/publications/wp/issues/2018/01/25/shadow-economies-around-the-world-what-did-we-learn-over-the-last-20-years-45583- Теневые экономики по всему миру: чему мы научились за последние 20 лет? Автор/редактор: Леандро Медина; Фридрих Шнайдер; Дата публикации:24 января 2018 г.

**Муассисаи давлатии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Нашриёти «Соҳибкор»
тел: (+992 37) 2348800 (03)
факс: (+992 37) 2348802
e-mail: dsx_ips@mail.ru
web: www. IUTET.tj